191290

PDF Compressor Free Version

# СОМОНИЁН дар оинаи таърих

Хуҷанд — 1998

PDF Compressor Free Version

СИЛСИЛАИ МАТНҲО ВА ПАЖУҲИШҲО
БА ИФТИХОРИ 1100-СОЛАГИИ ДАВЛАТИ СОМОНИЕН

МУШОВИРОНИ ИЛМӢ:
Р. МАСОВ — академики АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон.
М. ШУКУРОВ — академики АУ Ҷумҳурии Тоҷикистон.

ҲАЙАТИ ТАҲРИР: С. АБДУЛЛОЕВ (раис), А. МАНИЁЗОВ, А. ҲАКИМ, Н. САЛИМОВ, Н. ЗОҲИДОВ, Н. ҒИЁСОВ, А. ҲАСАНОВ, Н. ҶӮРАЕВ.

PDF Compressor Free Version

ВАЗОРАТИ МАОРИФИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ХУҶАНД БА НОМИ
АКАДЕМИК Б. Ғ. ҒАФУРОВ
МАРКАЗИ ПАЖӮҲИШИ ТАМАДДУНИ ДАВРАИ
СОМОНИЁН

# Сомониён дар оинаи таърих

ҶИЛДИ ДУВВУМ

(МУТУНИ АРАБИАСЛ)

НАШРИЁТИ ДАВЛАТИИ БА НОМИ РАҲИМ ҶАЛИЛ

ХУҶАНД — 1998

PDF Compressor Free Version

Государственная
республ. библ. Тадж. ССР
им. Фирдоуси
1912 90

Фароҳамоварандагони матн, муаллафони сарсухан,
таъликот, ҳавошӣ ва луғатнома
С. АБДУЛЛОЕВ, Н. САЛИМОВ, Н. ЗОҲИДОВ,
Н. ҒИЁСОВ, А. ҲАСАНОВ.

Муҳаррари нашриёт — А. САМЕЕВ.

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Шӯрои олимони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғ. Ғафуров дар партави фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Ш. Раҳмонов оид ба таҷлили ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён, бо мақсади омӯзиш, таҳқиқ ва таблиғи мақоми таърихии Сомониён дар қаламрави тамаддуни ҷаҳонӣ, ба манзури фароҳам овардани пойгоҳи шоиста барои шиносхти ҳувияти миллӣ, ба хотири ошноии бештари оммаи мардум бо дастовардҳои ниёгони шарофатманди хеш дар назди Раёсати Донишгоҳ «Маркази пажӯҳиши тамаддуни давраи Сомониён»-ро таъсис дод, ки он ба ҳайси маркази мустақили тадқиқоти илмӣ ба фаъолият пардохтааст. Маркази пажӯҳиши тамаддуни даврони Сомониён интишори мутуни адабиву таърихии марбут ба аҳди Сомониён ва таълифи силсилаи рисолаҳои илмӣ пиромуни таърихнизоми давлатдорӣ ва наҳзатҳои фарҳангии ин даврони шукӯҳмандро ба нақша гирифтааст. Аз ин силсила рисолаи доктори илми таърих, профессор С. Абдуллоев «Амир Исмоили Сомонӣ» ва ҷилди аввали китоби дуҷилдаи «Сомониён дар оинаи таърих» ба табъ расид. Инак, муҷалладаи дуввуми ин китоб ба хонандагони азиз тақдим мешавад. Умедворем, ки мулоҳиза ва дархостҳои худро ба унвони Донишгоҳ ирсол медоред.

**МАРКАЗИ ПАЖӮҲИШИ ТАМАДДУНИ ДАВРАИ СОМОНИЁН**

PDF Compressor Free Version

# Сарсухан

Ҷилди дуввуми китоби «Сомониён дар оинаи таърих» аз мутуне фароҳам омадааст, ки дар ҳудуди асрҳои IX—XVI таълиф шуда, аслашон ба забони арабист. Дар ҷилди аввал, ки шомили мутуни форсӣ аст, кайфияти ҳарфгардонии матнҳо ва дастурҳои таҳияи таълиқоту ҳавошӣ шарҳ ёфта буд. Дар оғози ҷилди дуввум низ лозим дониста шуд, ки роҷеъ ба мухтасоти тарҷума ва ҳарфгардонии маъхазҳои арабиасл чанд нуқтаи мухтасар афзуда шавад.

Бар аҳли маънӣ пушида нест, ки дар тафаккури илмиву адабии асрҳои миёна осори таърихии форсиву арабӣ, чун куллияи осори дигари хаттӣ, ки ба ин ду забон таълиф шудаанд, мутааллиқ ба фарҳангҳои худвижаи ҷудогона ба шумор намеомаданд. Дар рӯзгори қуруни вусто ба тадриҷ фазои муштараки зеҳнӣ, фарҳангӣ ва маънавии арабиву форсӣ парвариш ёфт ва осори мутааддиде, ки дар ин адвор дар олами ислом зуҳур намуданд, зодаву парвардаи ин фазои муштарак маҳсуб мешаванд. Ин ҷо гап фақат дар сари он нест, ки забони форсии тоҷикӣ бо нирӯ ва қудрат ва сармояи бузурги фарҳангии хеш, бо ҷаҳду талошҳои меҳанпарастона ва пайкорҳои маънавии дудмонҳои бумии Мовароуннаҳру Хуросон, ба хусус амирони фарзонаи сомонӣ дар баробари забони арабӣ нуфузи бузурге пайдо кард ва дар саросари қаламрави тамаддуни исломӣ расмияти сиёсиву фарҳангӣ ба даст овард. Сухан аз фарҳанги густардаи комилиёре меравад, ки дар заминаи бархӯрду омезиши дастовардҳои ақлӣ ва маънавии халқҳои мухталифи Шарқу Ғарб арзи ҳастӣ намуда, ба ду забон дар саҳнаи офоқ мунташир гардид. Замнан, қисмати аъзами осори арабиасл ба қалами донишмандони эронӣ мансуб буд. Аз миёни ҷуғрофидонон ва муар-

PDF Compressor Free Version

рихсие, ки осорашон дар ин ҷилд омадааст, аз Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ, Ибни Фақеҳ, Ибни Хурдобеҳ, Истахрӣ, Ҷайҳонӣ, Ҳамзаи Исфаҳонӣ, Абӯрайҳони Берунӣ метавон ёдовар шуд, ки аз замини фарҳангофарин ва фарҳангпарвари Мовароуннаҳру Хуросон ва Эрон бархостаанд.

Ғараз аз ин муқаддимаи кӯтоҳ ин аст, ки таърихномаҳо ва осори ҷуғрофии форсиву арабии асрҳои миёна идомаву такмили якдигаранд ва ба ду ҷилди алоҳида тахсис ёфтани онҳо беш аз меъёри шартӣ дар танзими мавод чизе нест.

Куллияи мутуни ҷилди мазкур ба забони арабӣ таълиф шудаанд. Порае аз осор ҷуғрофию таърихӣ, минҷумла «Мамолик ва масолик»-и Абӯисҳоқ Иброҳим ибни Муҳаммади Форсии Истахрӣ ва «Таърихи Яминӣ»-и Абӯнасри Утбӣ ҳанӯз дар асрҳои миёна ба форсии тоҷикӣ тарҷума шуда буд, ки ҳам асл ва ҳам тарҷумаи он маҳфуз мондаанд. Аммо, иддае аз кутуби арабӣ, амсоли «Ашкол-ул-олам»-и Ҷайҳонӣ, дар тарҷумаи қадими форсӣ то рӯзгори мо расидаанд. Дар ин маврид, табиист, ки тарҷумаҳои мӯътабари қадима айнан ҳарфгардонӣ шуданд.

Қисмати зиёди осори арабиасли марбут ба Сомониён ба форсии кунунӣ тарҷума шудаанд ва аглаби онҳо дар ихтиёри мо қарор доштанд. Ҳангоми таҳияи ин осор кӯшиши мо бар он буд, ки матни асл бо тарҷумаи кунунии форсии он, ки дар Эрон анҷом ёфтааст, қиёсу муқобала гардад ва мутуни арабӣ ҳатталимкон ба асолати хеш наздик ояд. Чунончи, «ал-Комил фи-т-таърих»-и Ибни Асир ва «Таърх-ур-русул ва-л-мулук»-и Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ ба ҳамин дастур таҳия гардидаанд ва тафовуте, ки дар миёни тарҷумаи форсии Эрон ва таҳрири мо мавҷуд аст, бар ҳамин мабниист. Чанде аз таърихномаҳои арабӣ, аз қабили «Муқаддима» ва «Таърих»-и Ибни Халдун, «Муруҷ уз-заҳаб»-и Масъудӣ ва ғайра, ба иллати дастрас набудани матни асл дар тарҷумаи форсии кунунӣ айнан оварда шуд.

Аммо баъзе аз китобҳои арабӣ, чун «Китоб-ул-ансоб»-и Самъонӣ, «ал-Феҳрист»-и Ибни Надим, «Мӯъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ, «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и Ибни Хурдодбеҳ, «Мухтасари «Китоб-ул-булдон»-и Ибни Фақеҳ, ки

PDF Compressor Free Version

тарҷумаи форсии онҳо дар ихтиёри мо набуд, аз арабӣ ба форсии тоҷикӣ тарҷума гардид. Зимнан, кайфияти таҳия ва тарҷумаҳо дар оғози таълиқоти ҳар асар ба таври мушаххас зикр шудааст. Лозим ба таъкид аст, ки дар ин ҷилд низ он абёти арабӣ, ки бо таърихи Оли Сомон мустақиман иртиботе надоштанд, ҳазф гардиданд.

Ба ҷуз аз манобеъе, ки ба ҷилдҳои аввалу дуввуми ин китоб ворид гардидаанд, чанд асари дигар аз осори нисбатан мутааххир, аз қабили «ал-Мунтазам фи таърих ил-мулук ва-л-умам»-и Ибни Ҷавзӣ, «Мақотил-ут-толибин»-и Абулфараҷи Исфаҳонӣ, «Вафаёт-ул-аъён ва анбоу абнои-з-замон»-и Ибни Халликон, «Лубб-ут-таворих»-и Яҳё ибни Абдуллатифи Қазвинӣ ва ғайра мавҷуданд, ки дар онҳо доир ба таърихи дудмони Сомониён ахбори мутафарриқа мундариҷ аст. Ин асарҳо ба иллати дастрас набуданашон ба муратгибон аз ин китоб берун монданд. Аммо дар ин маврид узри фароҳамоварандагони матн он аст, ки асарҳои мазкур аз манобеъи дасти аввал нестанд ва нуктаву маталиби тозае дар таърихи сулолаи Сомониён намеафзоянд. Ҳамчунин ахбори тазкираҳои форсиву арабӣ, амсоли «Лубоб-ул-албоб»-и Муҳаммад Авфӣ, «Ятимат-ул-даҳр»-и Саъолабӣ ва «Тазкират-уш-шуаро»-и Давлатшоҳи Самарқандӣ бино бар тасаллути комили ҷанбаи адабӣ дар онҳо фурӯгузор карда шуд.

Пиромуни кайфияти баргардони мутун, мушаххасоти танзими таълиқот, дастури таҳияи таълиқоту ҳавошӣ, ки аз феҳристи номҳои ашхос бо шарҳи мухтасар ва феҳристи номҳои ҷуғрофӣ, ки дар охири ҷилди дуввум омада, барои ҳар ду муҷаллад муштарак мебошанд, сухан рафта буд. Фузун бар ин дар охири ҷилди мазкур ғалатномае илҳоқ гардид, ки дар он шакли саҳеҳи саҳву ғалатҳои чопӣ манзур шудаанд.

Мунтаҳо, бо истифода аз фурсат ба Сафорат ва Ройзании фарҳангии Ҷумҳурии Исломии Эрон дар Тоҷикистон, ки дар гирдоварии маъхазҳо ва нашри китоби «Сомониён дар оинаи таърих» ба кормандони «Маркази пажӯҳиши тамаддуни давраи Сомониён» зиёда муҳаббат ва муованат намуданд, сипос ва миннатдории самимии хешро иброз медорем.

PDF Compressor Free Version

ИБНИ ХУРДОДБЕХ

# ал-Масолик ва-л-мамолик

PDF Compressor Free Version


# Дебоча

**Абулкосим Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Хурдодбеҳ** (820—912/913) аз зумраи он адибон ва ҷуғрофидонҳои бузурги эронинажоди арабизабон аст, ки тавассути осори гаронбаҳои хеш ба рушду нумӯи фарҳангу тамаддуни исломии қуруни вусто мусоидат кардаанд. Ниёи Убайдуллоҳ — Хурдодбеҳ ба хонадони маъруфи Бармакиён — вазирони эронии *Хилофат* қаробат дошта ва ба дасти онҳо ислом оварда буд. Падари Убайдуллоҳ — Абдуллоҳ аз соҳибмансабони Табаристон буда, бино ба ахбори сарчашмаҳо, дар чанде аз набардҳо зидди мухолифони Аббосиён ширкат варзидааст.

Ибни Хурдодбеҳ, зоҳиран, дар *Хуросон* таваллуд ёфтааст, вале зиндагӣ ва фаъолияти баъдинаи ӯ дар пойтахти *Хилофат* — шаҳри Бағдод гузаштааст. Дар аҳди Мӯътамид (870—892) Ибни Хурдодбеҳ надим ва муқаррабӣ халифаи мазкур гардида, раисии созмони баридро дар вилояти Ҷибол бар ӯҳда дошт. Ибни Хурдодбеҳ соҳиби осори мутааддид, аз қабили «Китоб ут-табих», «Китоб адаб ас-самоъ», «Китоб ҷамҳарат ансоб ал-фурс ва-н-навофил», «Китоб ул-лаҳв ва-л-малоҳӣ», «Китоб уш-шароб», «Китоб ун-нудамо ва-л-ҷуласо» ва ғайра аст, ки аз вусъати дониш ва табаҳҳури комили ӯ дар риштаҳои мухталифи улуми замонаш шаҳодат медиҳанд. Тибқи ахбори сарчашмаҳо, Ибни Хурдодбеҳ дар илми мусиқӣ дасти қавӣ дошта ва дар назди устоди эронитабори мусиқии *Хилофат* Исҳоқи Мавсилӣ (ваф. с. 844) тарбият ёфтааст. Вале ӯ бештар ҳамчун ҷуғрофидон ва муаллифи китоби «ал-Масолик ва-л-мамолик» шӯҳрат ёфтааст. Ибни Хурдодбеҳ китоби мазкурро байни солҳои 844-848 нигошта, баъдан дар солҳои 885-886 дар он таҷдиди назар кардааст. Ба эътирофи муҳаққиқон, «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и Ибни Хурдодбеҳ нахустин асаре дар ҷуғрофияи иқтисодии исломӣ аст, ки то рӯзгори мо расидааст. Дар «ал-Масолик ва-л-мамолик» доир ба шакли сатҳи

PDF Compressor Free Version

замин, роҳҳои корвонгузари тиҷоратӣ, манзилгоҳҳо, шаҳру ноҳияҳои мамлакатҳои гуногун ва фосилаи байни онҳо, подшоҳони сарзаминҳо ва алқоби онҳо, қавму нажодҳо, ҷазираву обҳо, хироҷи сарзаминҳои мухталиф ва ғайра маълумоти пурарзиш ва мӯътамад зикр шудааст. Ибни Хурдодбеҳ, ки худ эронинасл буд, дар таълифи асараш ба суннатҳои эронӣ дар ҷуғрофиёнигорӣ пайравӣ кардааст. Дар баробари ин, Ибни Хурдодбеҳ, ба эътирофи худи ӯ, дар баёни ҳудуди иқлимҳо ва роҳҳо аз «Ҷуғрофия»-и Батлимус (Птоломей) баҳра гирифтааст. Аз ин рӯ, асари Ибни Хурдодбеҳ далел бар он аст, ки дар ташаккули ҷуғрофиёи исломӣ суннатҳои ҷуғрофиёнигории эронӣ ва юнонӣ таъсир ва нуфуз доштаанд.

Китоби «ал-Масолик ва-л-мамолик» пеш аз зуҳури давлати Оли Сомон таълиф шудааст. Бино бар ин, дар китоб ба истиснои як мавриде, ки аз Нӯҳ ибни Асад ёд шудааст, зикре аз Оли Сомон нест. Вале бо назардошти он, ки аввалан, муаллиф доир ба Мовароуннаҳр ва Хуросон — қаламрави давлати оянда Сомониён маълумоти ҷолиб оварда ва, сониян, китоби ӯ сармашқи асарҳои ҷуғрофидонҳои ҳамзамони Сомониён — Ҷайҳонӣ, Муқаддасӣ ва дигарон будааст, салоҳ дониста шуд, ки аз ин асар порае марбут ба Мовароуннаҳр ба диққати хонандагон манзур карда шавад.

PDF Compressor Free Version

## ХАБАРИ МАШРИҚ

Пас, аз Машриқ оғоз кунем, ки рубъи мамлакат аст, ва аз зикри Хуросон, ки тахти ҳокимияти испаҳбад Болуссбон ва чаҳор марзбон қарор дорад, ки ҳар марзбонро рубъе аз Хуросон аст. Як рубъи Хуросон ба марзбони Марви Шоҳҷон ва аъмоли он, як рубъ ба марзбони Балх ва Тахористон, рубъи дигар ба марзбони Ҳирот, Бушанҷ, Бодғис ва Систон тааллуқ дорад. ...Рубъи дигар дар дасти марзбони Мовароуннаҳр аст (1).

## РОҲИ ШОШ ВА ТУРКИСТОН

Аз Марв то Кушмоҳан (2) панҷ фарсах ва аз он ҷо то Девоб шаш фарсах ва аз Девоб то Мансаф шаш фарсах аст. Аз он ҷо то Аҳсо ҳашт фарсах ва сипас то Беъри Усмон се фарсах ва аз он ҷо то Омул ҳашт фарсах аст. Пас, аз Марв то Омул сию шаш фарсах роҳ аст.

Аммо аз Омул то соҳили рӯди Балх як фарсах ва аз рӯд то Фарабр як фарсах, сипас то Қалъаи ум(м)-и Ҷаъфар шаш фарсах дашт аст ва аз он ҷо то Байканд шаш фарсах, сипас то дарвозаи девори Бухоро ду фарсах аст. Аз он ҷо то Мостин як фарсаху ним ва аз Мостин то Бухоро низ як фарсаху ним аст. Яъне, роҳ аз Омул то Бухоро нуздаҳ фарсах аст (3). Бухоро дорои кӯҳандиз ва шаҳрҳои Карминия, Тавовис, Бамиҷкас (4), Вардона, Байканд — шаҳри тоҷирон ва Фарабр аст.

Аз Бухоро то Шарғ чаҳор фарсах, сипас то Тавовис се фарсах, аз он ҷо то Кӯкшибаған шаш фарсах аст. Дар ҷануби ин маҳал кӯҳҳои Чин қарор дорад. Аз Кӯкшибаған то Карминия — чаҳор фарсах, аз он ҷо то Дабусия — панҷ фарсах, сипас то Арбинҷан (5) — панҷ фарсах, аз он ҷо то

PDF Compressor Free Version

Зармон панҷ фарсах аст. Сипас то Қаори Алқама — панҷ фарсах, аз он ҷо то Самарқанд ду фарсах аст. Ҷамъан, аз Бухоро то Самарқанд сию нӯҳ фарсах аст. Абуттақӣ Аббос ибни Тархон (6) гӯяд:

Самарқанди кандманд,
Ба зинат кӣ афканд?
Аз Шош на бахӣ,
Ҳамеша на чахӣ (7).

Самарқанд дорои кӯҳандиз буда, шаҳрҳои Дабусия, Арбинҷан, Кушония, Иштихан, Кис (8), Насаф ва Хуҷандаро шомил аст.

Аз Самарқанд то Боркас — чаҳор фарсах, аз он ҷо то Хушуфаған (9) чаҳор фарсах дашт аст. Сипас то Бурнамад — панҷ фарсах ва аз он ҷо то Зомин низ чаҳор фарсах дашт аст. Аз Зомин ду роҳе аст, ки роҳе ба Шошу Туркистон ва роҳи дигар ба Фарғона меравад.

Роҳи Шош аз Зомин то Ховас ҳафт фарсах дашт, сипас то соҳили рӯди Шош нӯҳ фарсах аст, ки аз Банокат мегузарад ва аз он ҷо то рӯди Туркистон чаҳор фарсах аст. Сипас то Шош ду фарсах аст, ҷамъан, аз Самарқанд то Шош чиҳилу ду фарсах роҳ аст.

Аз Шош то маъдани нуқра (10) ҳафт фарсах аст, ки он Айлоқ ва Балонканак аст. Сипас то Бобулҳалид ду манзил роҳ аст, то Кубол ду фарсах ва аз он ҷо то Ғарканд шаш фарсах аст. Сипас то Исфиҷоб — чаҳор фарсах дашт аст. Пас, аз Шош то Исфиҷоб ҷамъан сездаҳ фарсах роҳ аст.

Сипас, то Шороб — чаҳор фарсах роҳ, аз он ҷо то Бадухкат (11) — панҷ фарсах, аз Бадухкат то Тамтоҷ — чаҳор фарсах, сипас то Аборҷоҷ чаҳор фарсах, аз он нуқта то манзилгоҳе бар канори рӯдхона — шаш фарсах аст. Дар Аборҷоҷ теппае аст, ки гирдогирди он ҳазор чашма дар самти ховар ҷорӣ аст ва ин ҷойро Баркуоб меноманд. Сипас, то Ҷувикат панҷ фарсах роҳ, аз он ҷо то Тароз се фарсах аст. Пас, аз Исфиҷоб то ин мавзеъ ҷамъан бисту шаш фарсах бошад.

PDF Compressor Free Version


Сипас, то Кувикат хафт фарсах ва аз он ҷо то сарзамини шоҳи Каймоқ ҳаштод рӯз роҳ аст, ки бояд бо худ таом гирифт.

Аз Тароз то Нӯшҷони поён се фарсах, сипас то Касрбос ду фарсах, ки онро Ҷармия номанд ва қабилаҳои Харлух дар он минтақа зимистонро гузаронанд ва он дар наздикии маҳалли зимистонгузаронии қабоили халаҷ қарор дорад. Сипас то Кулшуб чаҳор фарсах ва аз он ҷо то Ҷулшуб чаҳор фарсах аст. Сипас то Кулон, ки деҳкадае ғанӣ аст, чаҳор фарсах ва аз он ҷо то Баркӣ, ки қарияе бузург аст, низ чаҳор фарсах роҳ аст. Сипас то Асбара чаҳор фарсах ва аз он ҷо то Нузкат, ки қарияе бузург аст, ҳашт фарсах. Сипас то қарияи бузурги Харанҷавон чаҳор фарсах, то Ҷул чаҳор фарсах, аз он ҷо то қарияи бузурги Соруғ хафт фарсах, сипас то шаҳри Хоқонтуркишӣ чаҳор фарсах ва аз он ҷо то Навокат чаҳор фарсах ва то Кубол се фарсах, сипас то Нӯшҷони боло, ки марзи Чин аст, барои корвонҳо аз масири чарогоҳ понздаҳ рӯз роҳ аст, аммо барои бариди туркҳо се рӯз роҳ аст.

## РОҲ АЗ ЗОМИН ТО ФАРҒОНА

Аз Зомин то Собот ду фарсах, сипас то Усрушана хафт фарсах, ки ду фарсахи он дар дашт ва панҷ фарсахи он роҳи канори ҷӯи обест, ки аз сӯи шаҳр меояд. Бино бар ин, аз Самарқанд то Усрушана бисту шаш фарсах роҳ аст.

Аз Собот то Ғалук шаш фарсах ва то Хуҷанда чаҳор фарсах, сипас то Сомғор панҷ фарсах ва аз он ҷо то Хоҷистон чаҳор фарсах аст. Сипас, то Тармуқон хафт фарсах, аз он ҷо то шаҳри Боб се фарсах, аз Боб то Фарғона чаҳор фарсах аст. Бино бар ин, аз Самарқанд то Фарғона панҷоҳу се фарсах роҳ аст. Ин шаҳрро Анӯшервон сохт ва аз ҳар хонадон иддаеро ба он ҷо мунтақил кард ва онро «аз ҳар хона» номид. Хуҷанд ҷузви Фарғона аст.

Аммо то шаҳри Қубо даҳ фарсах ва то шаҳри Ӯш даҳ фарсахи дигар. Сипас то Ӯзканд — шаҳри Хуртакин хафт

PDF Compressor Free Version

фарсах ва аз он ҷо то Гардана як рӯз роҳ аст. Аз Гардана то Атбош як рӯз ва то Нӯшҷони Боло шаш рӯзи дигар роҳ аст, ки дар ин масир ҳеҷ ободӣ нест ва Атбош шаҳре аст, бар фарози гарданае, ки байни Туббат ва Фарғона воқеъ аст. Нӯшҷони Боло ва Туббат дар миёнаи машриқ бошад. Аз Нӯшҷони Боло то шаҳри хоқони Тугузгуз се моҳ роҳ аст...

## РОҲ АЗ МАРВИ ШОҲҶОН ТО ТАХОРИСТОН

Аз Марв то Фоз ҳафт фарсах, сипас то Маҳдиобод шаш фарсахи дигар, сипас то Яҳёобод ҳафт фарсах, аз он ҷо то Қаринайн панҷ фарсах, аз Қаринайн то Асадобод ҳафт фарсах роҳ дар канори дарё аст. Пас то Ҳавзон шаш фарсах, аз он ҷо то қасри Аҳнаф ибни Қайс чаҳор фарсахи дигар аз роҳи канори дарё аст. Сипас то Марвруд панҷ фарсах ва аз он ҷо то Араскан панҷ фарсах ва то Асроб ҳафт фарсахи дигар. Сипас то Ганҷобод шаш фарсах ва аз он ҷо то Толиқон шаш фарсах ва то Касҳоб панҷ фарсахи дигар ва аз он нуқта то Арғин панҷ фарсах, сипас то қасри Хут панҷ фарсах ва то Форёб панҷ фарсахи дигар ва аз он ҷо то Қоъ аз навоҳии Ҷузҷон нӯҳ фарсах. Пас аз он то Шубурқон нӯҳ фарсах ва то Сидра аз навоҳии Балх шаш фарсахи дигар, аз он ҷо то Дасткирд панҷ фарсах ва то Ғур чаҳор фарсах, аз Ғур то Балх се фарсах аст. Бино бар ин, аз Марв то Балх саду бисту шаш фарсах роҳ аст... Сипас то Сиёҳҷирд панҷ фарсах, сипас то Ҷайҳун, ки рӯди Балх бошад, ҳафт фарсах аст. Бар самти рости рӯд ноҳияи Хулм ва рӯди Зирғом ва бар самти чапи он Марв ва Хоразм қарор дорад, ки номи он минтақа Фил аст. Бар ду самти рӯд Балх, Омул, Зам, кӯҳистонҳои Толиқон, Форёб, Нахуз ва Ҷузҷон қарор доранд.

Дуртарин деҳкадаҳои Балх ва рӯди Балх аз Тирмиз мегузарад. Ин рӯд ба деворҳои шаҳр бархурд мекунад ва ин шаҳр бар рӯи сангҳо сохта шудааст.

PDF Compressor Free Version

## РОҲИ ЧАҒОНИЁН

Аз Тирмиз то Сарманҷон — шаш фарсах, сипас то Доразанҷӣ — шаш фарсахи дигар, аз он ҷо то Баранҷӣ — ҳафт фарсах. Сипас то Чағониён панҷ фарсах ва то Бундо шаш фарсах, аз он ҷо то Ҳамворон ҳафт фарсах аст, ки миёнашон дарае ба арзи тақрибии ду то се фарсах қарор дорад. Сипас то Абонкисвон ҳашт фарсах ва аз он ҷо то Шумон панҷ фарсах ва то Вошҷирд чаҳор фарсахи дигар, аз он ҷо то Рост чаҳор рӯз роҳ аст. Рост охири Хуросон аз он самт бошад ва миёни ду кӯҳ қарор дорад, ки мадхали ҳуҷуми туркон буд. Аз ин рӯ, Фазл ибни Яҳё ибни Холиди Бармак (12) бар ин мадхал дарe сохт.

## РОҲ АЗ БАЛХ ТО ТАХОРИСТОНИ БОЛО

Аз Балх то Валорӣ (13) панҷ фарсах, сипас то шаҳри Хулм панҷ фарсах ва аз он ҷо то Баҳор шаш фарсах ва то Бекбонул (14) панҷ фарсахи дигар. Пас аз он то Қоразни Омм (15) ҳафт фарсах аст. Дар наздикии он деҳкадаҳои Бистом ибни Савра ибни Омир ибни Мусовир қарор дорад.

Абулаббос Абдуллоҳ ибни Тоҳир (16) барои ду сол — солҳои 211—212 (826—827) маъмури ҷамъоварии хироҷи Хуросон ва дигар навоҳӣ ва манотиқи марбута гашт.

...Хироҷи Хутталон, Балх, Саъдхурра ва кӯҳистонҳояш саду наваду се ҳазору сесад дирҳам, Хулм — дувоздаҳ ҳазору сесад дирҳам, Қабруғаш — чаҳор ҳазор дирҳам, Тирмиз — ду ҳазор дирҳам, Руб ва Саманғон — дувоздаҳ ҳазору шашсад дирҳам, Ревшорон — даҳ ҳазор дирҳам, Бомиён — панҷ ҳазор дирҳам, Бармахон, Ҷумарин, Банҷор — дусаду шаш ҳазору панҷсад дирҳам, Тирмиз — чиҳилу ҳафт ҳазору сад дирҳам аст. Байнақон — се ҳазору панҷсад дирҳам, Каррон — чаҳор ҳазор дирҳам, Шиқинон — чиҳил ҳазор дирҳам, Ваххон — бист ҳазор дирҳам, Мандаҷон — ду ҳазор дирҳам, Ахарун — сию ду ҳазор дирҳам, Каст — даҳ ҳазор дирҳам, Наҳом — бист ҳазор дирҳам, Чағониён — чиҳилу ҳашт ҳазору панҷсад дирҳам, Босоро — ҳафт ҳазору сесад дирҳам, Вошҷирд — ҳазор дирҳам, Ан-

PDF Compressor Free Version

дамин ва Замсон — дувоздаҳ ҳазор дирҳам ва сездаҳ сар чорпо, Кобул — ду милёну панҷсад дирҳам ва аз асирони гуз ҳазор тан, ки арзиши онон шашсад ҳазор дирҳам аст... Насаф — навад ҳазор дирҳам, Кис — саду ёздаҳ ҳазору панҷсад дирҳам, Буттам — панҷ ҳазор дирҳам, Бокбакин — шаш ҳазору дусад дирҳам, рустоқи Ҷовон — ҳафт ҳазор дирҳам, рустоқи Руён — ду ҳазору дусаду бист дирҳам, Афша — чиҳилу ҳашт ҳазор дирҳам, Хоразм ва Курдар — чаҳор саду ҳаштоду нӯҳ ҳазор дирҳами хоразмӣ, Омул — дусаду наваду се ҳазору чорсад дирҳам аст.

Дар он сӯи рӯд Бухоро қарор дорад, ки дорои кӯҳандиз аст, хироҷаш як милёну саду ҳаштоду нӯҳ ҳазору дусад дирҳами ғитрифӣ (17) аст. Суғд ва дигар ноҳияҳое, ки дар назорати Нӯҳ ибни Асад аст, — сесаду бисту шаш ҳазору чорсад дирҳам, ки дусаду ҳаштод ҳазор дирҳами муҳаммадӣ аз Фарғона ва чиҳилу шаш ҳазору чорсад дирҳами хоразмӣ ва мусаййабӣ (18) аз шаҳрҳои Туркистон аст. Аз карбосҳои ғализи кундачӣ низ ҳазору саду ҳаштоду ҳафт пироҳан ва аз варақҳои оҳан ҳазору сесад қитъаи дунима, ки маҷмӯъаш ду милёну саду ҳафтоду ду ҳазору панҷсад дирҳами муҳаммадӣ мегардад, як милёну ҳаштоду нӯҳ ҳазор дирҳами муҳаммадии он аз Суғд. Ва маъдан дар Буттам ҳосил ояд ва маъдани намак дар Кис ва хироҷи Кис, Насаф, Буттам ва дигар ноҳияҳои Суғд як милёну ҳаштоду нӯҳ ҳазор дирҳами муҳаммадӣ мебошад. Хироҷи Усрушана панҷоҳ ҳазор дирҳам, ки чиҳилу ҳашт ҳазор дирҳами он муҳаммадӣ ва ду ҳазор дирҳами дигар мусаййабӣ аст. Шош ва маъдани нуқра — шашсаду ҳафт ҳазору сад дирҳами мусаййабӣ, Хуҷанд — сад ҳазор дирҳами мусаййабӣ аст.

## АЛҚОБИ ПОДШОҲОНИ ХУРОСОН ВА МАШРИҚ

Подшоҳи Нишопур — кунор, подшоҳи Марв — моҳуя, подшоҳи Сарахс — зодуя, подшоҳи Абевард — баҳмана, подшоҳи Насо — аброз, подшоҳи Ғарҷистон — барозбанда, подшоҳи Марварӯд — келон, подшоҳи Зобулистон — фирӯз, подшоҳи Кобул — кобулшоҳ, ...подшоҳи Тирмиз — тирмиз-

PDF Compressor Free Version

шоҳ, подшоҳи Бомиён — шери Бомиён, подшоҳи Суғд — фирӯз, подшоҳи Фарғона — ихшид, подшоҳи Ревшорон — ревшор, подшоҳи Ҷузҷон — гузгонхудо, подшоҳи Хоразм — хусрави Хоразм, подшоҳи Хуттал — хутталоншоҳ ва гуфтаанд, ки шери Хутталон, подшоҳи Бухоро — бухорхудо, подшоҳи Усрушана — афшин, подшоҳи Самарқанд — тархон, подшоҳи Систон, Рухҳаҷ ва сарзамини Довар — рутбил, ...подшоҳи Ҳирот, Бушанҷ ва Бодғис — барозон, подшоҳи Кис — недун, подшоҳи Буттам — зуннаънаъа, подшоҳи Вардона — вардоншоҳ, подшоҳи Ҷурҷон — сул, подшоҳи Мовароуннаҳр — кӯшоншоҳ ва подшоҳи Туркистон — хайлубхоқон, ҷабғуяхоқон, шобахоқон, синҷибухоқон, монушхоқон, фирӯзхоқон. Ва подшоҳони кӯчаки Туркистон иборат аз тархон, низак, хуртекин, гузак, сӯҳроб ва фурак мебошанд (19).

PDF Compressor Free Version

ИБНИ ФАҚЕҲИ ҲАМАДОНӢ

# Мухтасари „Китоб-ул-булдон“

PDF Compressor Free Version



# Дебоча

**Абӯбакр Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ, маъруф ба Ибни Фақеҳи Ҳамадонӣ**, аз адибон ва ҷуғрофидонони маъруфи арабизабони эрониасл аст, ки дар нимаи дуюми асри IX ва ибтидои асри X умр ба сар бурдааст. Ибни Надим ӯро аз аҳли адаб ва муаллифи «Китоб-ул-булдон» ва «Китоб зикр аш-шуаро ал-мӯҳдасин ва-л-булаго минҳум ва-л-муфҳамин» дониста, афзудааст, ки «Китоб-ул-булдон» аз 1000 варақ иборат буда, Ибни Фақеҳ онро аз осори дигарон гирифта ва китоби «Ҷайҳониро «салх кардааст». Ин ишораи Ибни Надим дар масъалаи таърихи нигориши китоби Ибни Фақеҳ ва осори Ҷайҳонӣ гиреҳу мушкилоте ба миён овард. Як идда муҳаққиқон, аз ҷумла Муҳаммади Қазвинӣ дар сиҳҳати навиштаи Ибни Надим шубҳаро раво надидаанд ва таълифи «Китоб-ул-булдон»-и Ибни Фақеҳро пас аз «ал-Масолик ва-л-мамолик» ва «Ашкол-ул-олам»-и Ҷайҳонӣ донистаанд. Муҳаққиқони дигар, минҷумла Де Гуе ва И. Ю. Крачковский, навиштаи Ибни Надимро қобили тардид дониста ва «Китоб-ул-булдон»-и Ибни Фақеҳро, ки дар ҳудуди соли 290/902 — 903 навишта шудааст, муқаддам бар таълифоти Ҷайҳонӣ донистаанд. Қаробат ва ҳаммонандӣ дар осори Ибни Фақеҳ ва Ҷайҳонӣ аз лиҳози мазмун ва мӯҳтаво аён аст ва шояд ҳамин нукта мӯҷиби гумони Ибни Надим шуда бошад, вагарна мусаллам аст, ки осори ҷуғрофии Ҷайҳонӣ тахминан 20—30 сол пас аз «Китоб-ул-булдон» навишта шудааст. «Китоб-ул-булдон» дар асл асари бузургҳаҷме буда ва ба тасреҳи Муқаддасӣ —муаллифи «Аҳсан-ут-такосим» — ӯ ин асарро дар панҷ ҷилд ва ду ҳазор сафҳа дида будааст. Ёқути Ҳамавӣ матолиберо аз асли ин китоб дар «Мӯъҷам-ул-булдон»-и худ нақл кардааст.

Асли комили ин китоб аз байн рафта, мухтасаре аз он, ки дар ҳудуди соли 413/1022 аз ҷониби Абулҳасан Алӣ ибни Ҷаъфари Шаҷрӣ ё Шайзарӣ (ба ҳадси Деҳхудо—Шерозӣ) сурат

PDF Compressor Free Version

PDF Compressor Free Version



Дар соли 284/897 Мўътазид Баллоҳ ба Амр ибни Лайси Саффор нома навишт ва ўро ба ҷанги Рофеъ (ибни Ҳарсама) фармон дод, чун бидонист, ки Рофеъ ба Муҳаммад ибни Зайд гароиш дорад ва қатли Мўътамиду ба маснади хилофат нишастани Мўътазидро напазируфтааст. Амр ба Хуросон рафт ва дар набард бо Рофеъ ҳилае ба кор баста, ўро мунҳазим гардонид. Рофеъ дар наздикии Хоразм ба даст афтод ва кушта шуд ва сарашро ба Мадинатуссалом (Бағдод) фиристоданд (1). Хуросон ба мулки Саффор мулҳақ гардид.

Дар соли 285/898, Мўътазид ба Амр ибни Лайси Саффор маншур фиристод, ки дар он Исмоил ибни Аҳмадро аз ҳокимият маъзул ва амораташро ба ў арзонӣ фармуда буд. Ҳамин гуна маншурро ў ба Исмоил низ фиристод. Ва Саффор бар зидди Исмоил лашкар кашид. Онҳо дар ноҳияе байни Нисо ва Абеворд ба ҳам бархўрданд. Миёнашон куштори бузурге рўй дод. Пас ҳар яке аз онҳо бо лашкари боқимондаи хеш ба кишвари худ баргашт (2).

Чун соли 287/900 фаро расид, Исмоил оҳанги Саффор кард ва ўро, ки бо сад ҳазор лашкар дар шаҳри Балх буд, муҳосара намуд. Пас Саффор ба набарди Исмоил омад ва вақте, ки онҳо бо ҳам рў ба рў шуданд, саворони Саффор пароканда гаштанд. Худи ў бо ҷамоате аз вуҷуҳи лашкараш асир афтод ва ба Самарқанд ва аз он ҷо ба Бағдод фиристода шуд (3).

Хабари ин воқеъот ба Муҳаммад ибни Зайд расид. Дил дар Гургон бубаст ва ба қасди истилои он сомон равон гашт ва дар он ҷой фуруд омад. Исмоил Муҳаммад ибни Ҳорунро ба сўи ў фиристод. Онҳо дар наздикии Гургон ба корзор шуданд. Муҳаммад ибни Зайд мағлуб шуд ва ёронаш осеб диданд. Ва ўро дар кашокаши сипоҳ кушта ёфтанд. Фарзандаш — Зайд асир шуд. Ин ба рўзи одина, панҷуми шавволи соли 287/X. 900 буд.

* * *

...Ва аз шигифтиҳои туркон сангрезае аст, ки ба василаи он борону барф истидъо кунанд, чун онро бихоҳанд. Ин амр

PDF Compressor Free Version


дар назди туркон машҳур аст ва касе аз эшон онро инкор намекунад. Ва он сангреза танҳо дар назди шоҳи тағазғуз ҳаст ва шоҳони дигари атрок онро надоранд. Гӯянд, ки эшон онро дар кишвари тулӯъи офтоб аз оҳувон ба даст овардаанд. Оҳувоне, ки дар он ҷо буданд, ба воситаи он худро аз тобиши офтоб пӯшида медоштанд.

Исмоил ибни Аҳмад ҳикоят кардааст, ки туркҳо вақте бо ӯ ба пайкор омадаанд, аз он сангреза мадад ҷустаанд ва он сармое овардааст, ки он ба лашкариёни ӯ то ба охир асар кардааст. Исмоил ба даргоҳи худо тазаррӯъ ва зорӣ кардааст. Пас худованд таъсири сарморо аз лашкар маҳв карда ва Исмоил бар эшон пирӯз гаштааст (4).

PDF Compressor Free Version

ТАБАРИ

# Таърих-ур-русул ва-л-мулук

PDF Compressor Free Version


# Дебоча

Муаррих, муфассир ва фақеҳи бузурги арабизабони эронӣ Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табарӣ соли 839 дар шаҳри Омули Табаристон ба дунё омадааст. Табарӣ пас аз таҳсили илм ва касби камол ба бисёр кишварҳои исломӣ сафар карда, охиран дар Бағдод муқим гашт ва 16 феврали соли 923 дар ҳамин шаҳр аз дорулфано ба дорулбақо реҳлат кардааст.

Табарӣ дар аксари улуми замони худ мутабаҳҳир ва соҳиби таълифоти мутааддид буд, вале шӯҳрати ҷаҳониаш бештар мадюни ду китоби бузургҳаҷм ва гаронқадри ӯ — «Таърих-ур-русул ва-л-мулук» ва «Ҷомеъ-ул-баён ан таъвил-ил-Қуръон» аст.

«Таърих-ур-русул ва-л-мулук» аз мӯътабартарин ва мӯътамадтарин таърихномаҳои ҷаҳони ислом маҳсуб мешавад. Он дорои ҷанбаи таърихи умумиҷаҳонӣ буда, ба таври солнома таълиф шудааст ва воқеъоту ҳаводисро аз офариниши олам то соли 915 дар бар гирифтааст. «Таърих»-и Табарӣ дар рушду нумӯи таърихнигории исломӣ нақши бориз гузоштааст. Шеваи таърихнигорӣ, ки Табарӣ падид оварда буд, дар қарнҳои сонӣ мавриди истиқбол ва истиноди ағлаби таърихгузорон қарор гирифт. Аз ҷумла, муаррихи барҷастаи қурунии вусто Ибни Асир — муаллифи яке аз комилтарин таърихномаҳои исломӣ бо номи «ал-Комил фи-т-таърих» — дар гузориши воқеъоту ҳодисоти се қарни нахусти ислом асосан ба «Таърих»-и Табарӣ такя кардааст.

Таърихномаи Табарӣ бо ҳидоят ва далолати яке аз амирони фозили сомонӣ — Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ ибни Наср (961-976) аз ҷониби вазири фарзонаи дудмони Сомониён — Абӯалии Балъамӣ (ваф. 974) ба забони тоҷикӣ тарҷума шудааст. Балъамӣ ҳангоми тарҷума аз зикри силсилаи иснодҳои фаровони таърихномаи Табарӣ сарфи назар карда ва аз ривоятҳои гуногуни воқеъоти асли арабии китоб якеро зикр кардааст. Дар баробари

PDF Compressor Free Version



ин. Ӯ ба асли китоб маводи зиёдеро афзудааст, ки он ғолибан ба таърихи мардуми эронинажод иртибот дорад. Зимнан тазаккур бояд дод, ки Балъамӣ тарҷумаи шарҳи воқеотро то поёни салтанати Оли Сосон фаро гирифтааст.

Китоби дуюми Табарӣ — «Ҷомеъ-ул-баён ан-таъвил-ил-Қуръон» яке аз тафсирҳои мӯътабари китоби муқаддаси мусалмонон ба шумор омада, он низ мисли «Таърих»-и ӯ дар аҳди Мансур ибни Нӯхи Сомонӣ ба забони тоҷикӣ баргардон шудааст.

«Таърих-ур-русул ва-л-мулук» дар давоми садсолаи ахир дар мамлакатҳои араб, Эрон ва марказҳои шарқшиносии Аврупо ба каррот нашр ва ба забонҳои мухталиф тарҷума гардидааст.

PDF Compressor Free Version

## СОЛИ ДУСАДУ БИСТУ ПАНҶ (255/839—840)

...Дар ин сол Мӯътасим бар Афшин ғазаб кард ва ӯро ҳабс намуд. Ва Мӯътасим ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир нома навишт, ки дар кори Ҳасан, писари Афшин чора биҷӯяд. Дар он вақт Ҳасан ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар бораи Нӯҳ ибни Асад номаҳо менавишт, ки вай ба амлок ва заминҳои ӯ таҷовуз мекунад. Ва Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба Нӯҳ ибни Асад нома навишт ва ӯро аз фармони амирулмӯъминин доир ба дастгир кардани Ҳасан ибни Афшин хабардор кард ва ба Нӯҳ дастур дод, ки ёрони худро ҷамъ кунад ва омода бошад, чун Ҳасан ибни Афшин ба назди ӯ бо манишури вилоятдории хеш ҳозир шавад, ӯро банд карда, ба назди Абдуллоҳ бифиристад. Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба Ҳасан ибни Афшин низ нома навишта, хабар дод, ки Нӯҳ ибни Асадро маъзул ва ӯро ба ҷои вай амири он диёр таъйин кардааст. Ва фармони азли Нӯҳ ибни Асадро низ барои ӯ фиристод.

Ҳасан ибни Афшин бо миқдори каме ёрони худ ва силоҳе андак ба назди Нӯҳ ибни Асад рафт. Ӯ гумон мекард, ки волии диёр аст. Чун расид, Нӯҳ ибни Асад ӯро бигрифт, банд кард ва ба назди Абдуллоҳ ибни Тоҳир фиристод. Абдуллоҳ ӯро ба назди Мӯътасим равон кард.

## СОЛИ ДУСАДУ ШАСТУ ЯК (261/874—875)

...Дар моҳи рамазони ин сол Наср ибни Аҳмад ибни Асади Сомонӣ ба аморати он сӯи рӯди Балх расид ва маншуре ба ин мазмун бад-ӯ расид.

## СОЛИ ДУСАДУ ҲАФТОДУ НӮҲ (279/892—893)

...Дар ин сол хабари вафоти Наср ибни Аҳмад расид ва

PDF Compressor Free Version

кореро, ки дар он сӯи рӯди Балх ба ӯҳдаи ӯ буд, бародараш Исмоил ибни Аҳмад ба зимма гирифт.

## СОЛИ ДУСАДУ ҲАШТОД (280/893—894)

...Дар ин сол хабар расид, ки Исмоил ибни Аҳмад ба ҷанги диёри турк рафт ва, чунонки гуфтаанд, шаҳри подшоҳашонро фатҳ карда, ӯро ҳамроҳи занаш — хотун ва наздики даҳ ҳазор кас асир гирифт, бисёр кас аз онҳоро кушт, чорпоёни зиёд ба ғанимат гирифт, ки миқдори он бешумор буд. Ҳар савори мусалмон ҳангоми тақсими ғанимат ҳазор дирҳам гирифт (1).

## СОЛИ ДУСАДУ ҲАШТОДУ ПАНҶ (285/898)

...Ҳафт рӯз монда аз моҳи муҳаррами ин сол ба ҷамоате аз ҳоҷиёни Хуросон дар дарбори Мӯътазид маншур дар бораи таъйини Амр ибни Лайси Саффор бар аморати он сӯи рӯди Балх ва азли Исмоил ибни Аҳмад аз он мақом хонда шуд.

## СОЛИ ДУСАДУ ҲАШТОДУ ҲАФТ (287/900)

...Дар рӯзи чаҳоршанбе, панҷ рӯз монда аз ҷумодиюлаввал, ҳамон тавр ки зикр шудааст, номае ба султон расид, ки Исмоил ибни Аҳмад Амри Саффорро асир гирифта, ӯрдугоҳи ӯро ба ғорат додааст (2). Хабари Амр ва Исмоил чунон буд, ки Амр аз султон аморати Мовароуннаҳрро хоста буд. Султон он аморат ба ӯ дод ва вақте, ки ӯ дар Нишопур муқим буд, ба ӯ хилъатҳо ва парчами аморати Мовароуннаҳрро равон кард. Амр ба муҳорабаи Исмоил ибни Аҳмад баромад. Исмоил ибни Аҳмад ба ӯ навишт, ки «ту ҷаҳоне паҳновар дар даст дорӣ, дар дасти ман танҳо Мовароуннаҳр аст ва ман дар як марз ҳастам. Ба он, чӣ дар даст дорӣ, қонеъ бош ва маро бигзор , ки дар ин марз бимонам». Амр инро напазируфт. Вақте ба ӯ аз рӯди Балх ва машаққати убур

PDF Compressor Free Version

аз он сухан карданд, гуфт: «Агар хоҳам, ки бо ҳамёнҳои мол он рӯдро пур кунам ва аз он гузарам, метавонам».

Вақте Исмоил аз исрори Амр воқиф гардид, касонеро, ки бо ӯ буданд, бо бумиён ва деҳқонон ҷамъ овард ва аз рӯд ба самти ғарб гузашт. Амр дар Балх фуруд омад. Исмоил атрофи ӯро бигрифт ва ӯ дар муҳосара бимонд. Пас Амр аз он, чӣ карда буд, пушаймон шуд ва, чунонки зикр кардаанд, хостори ҷудоӣ шуд, аммо Исмоил инро аз ӯ напазируфт.

Дар байни онҳо чандон набарде нарафта буд, ки Амр мағлуб гардид ва фирор кард. Дар роҳи фирор ба бешазоре расид. Ба ӯ гуфтанд, ки роҳ наздиктар аст. Ба ҳамроҳони хеш гуфт: «Бо роҳи ошкор биравед». Худ бо гурӯҳе андак бирафт ва вориди бешазор гардид. Аспаш дар гил фурӯ рафт ва биярфтод. Дар кори худ чорае надошт. Онҳое, ки бо ӯ буданд, бирафтанд ва ба ӯ таваҷҷӯҳ накарданд. Ёрони Исмоил омаданд ва ӯро асир гирифтанд.

Вақте Муътазид аз кори Амр ва Исмоил хабар ёфт, ӯ, чунонки зикр кардаанд, Исмоилро ситоиш ва Амрро накӯҳиш кард.

**Зикри хабари Муҳаммад ибни Зайди Алавӣ.** Панҷ рӯз монда аз шаввол ба султон хабар расид, ки Муҳаммад ибни Зайди Алавӣ кушта шуд.

**Зикри хабари кушта шудани ӯ.** Овардаанд: вақте Муҳаммад ибни Зайд хабар ёфт, ки Исмоил ибни Аҳмад Амр ибни Лайсро ба асирӣ гирифтааст, бо лашкаре анбӯҳ ба сӯи Хуросон равон шуд ва хост, ки онро ба тасарруфи худ дарорад, зеро чунин мепиндошт, ки қаламрави Исмоил ибни Аҳмад аз он чӣ дар айёми аморати Амр ибни Лайси Саффор буд, таҷовуз намекунад ва касе ӯро аз Хуросон бознамедорад, чун Амр асир шуда буд ва султон омиле он ҷо надошт. Вақте ба Гургон расид ва он ҷо мустақар шуд, Исмоил ба ӯ нома навишт ва хоҳиш кард, ки ба Табаристон баргардад ва Гургонро бо ӯ вогузорад. Аммо Ибни Зайд рад кард. Чунонки ба ман гуфтаанд, Исмоил хост якеро ба номи Муҳаммад ибни Ҳорун, ки дар айёми аморати Рофеъ ибни Ҳарсама бар Хуросон ноиби вай буд, аз ҷониби худ ба ҷанги Муҳам-

PDF Compressor Free Version


мад ибни Зайд бифиристад. Ӯ ин масъулиятро пазируфт. Исмоил ҷамъе бисёр аз мардон ва сипоҳиёни худро ба ӯ бипайваст ва ӯро ба ҷанги Ибни Зайд фиристод. Муҳаммад ибни Ҳорун ба сӯи Ибни Зайд ҳаракат кард. Онҳо дар наздикии Гургон ба ҳам бархӯрданд ва ҷанги шадиде ба вуқӯъ омад. Лашкари Муҳаммад ибни Ҳорун ба ҳазимат дучор шуд. Пас аз ин, вақте ки сафҳои алавиён дарҳам рехта буд, Муҳаммад ибни Ҳорун бозгашт ва сипоҳи Муҳаммад ибни Зайд дучори мағлубият гардида, рӯ ба фирор ниҳоданд ва, чунонки гуфтаанд, бисёр кас аз онҳо кушта шуд. Ибни Зайд чанд зарба хӯрд ва писараш — Зайд асир шуд. Муҳаммад ибни Ҳорун ӯрдугоҳи ӯро ба тасарруфи худ овард. Пас аз чанд рӯзи ин воқеа Муҳаммад ибни Зайд дар асари зарбаҳое, ки ба ӯ расида буд, вафот кард ва ба дари Гургон дафн шуд. Писари вай — Зайдро ба назди Исмоил ибни Аҳмад бурданд ва Муҳаммад ибни Ҳорун ба Табаристон рафт.

## СОЛИ ДУСАДУ ҲАШТОДУ ҲАШТ (288/900—901)

Дар оғози ҷумодиюлаввали ин сол Абдуллоҳ ибни Фатҳ, ки ба назди Исмоил ибни Аҳмад фиристода шуда буд, ҳамроҳи Ашнос — ғуломи Исмоил (3), Амр ибни Лайсро ба Бағдод оварданд. Ба ман гуфтанд, ки Исмоил ибни Аҳмад ба Амр ҳаққи интихобро байни асир монданаш дар назди Исмоил ва ё фиристода шуданаш ба дарбори амирулмӯъминин вогузор карда буд. Амр фиристоданашро баргузид ва Исмоил ӯро фиристод.

Чунонки гуфтаанд, ду рӯз рафта аз ҷумодиюлохир номаи соҳиби барид Аҳвоз расид. Дар он омада буд, ки Исмоил ибни Аҳмад ба Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амр нома навишта ва ба ӯ хабар дода буд, ки султон ӯро (яъне Исмоилро) бар Систон гумошта ва дастур дода, ки ба он ҷо равад. Аз ин рӯ ӯ ба сӯи Тоҳир ба Форс рафт, то бо вай набард кунад ва он гоҳ ба Систон равад. Тоҳир низ ба набард баромад ва ба писари амми хеш, ки бо сипоҳи худ дар Арраҷон муқим буд, нома навишта, дастур дод, бо ҳамроҳони худ ба Форс ба назди вай баргардад.

PDF Compressor Free Version

Дар ин сол Муътазид ғуломи худ — Бадрро волии Форс таъйин кард ва амр дод, ки ба он ҷо ҳаракат кунад. Нӯҳ рӯз рафта аз ҷумодиюлохир ӯро хилъат дод ва ҷамоате аз сардоронро ба ӯ пайваст. Бадр бо гурӯҳе азим аз сипоҳиён ва ғуломон ба Форс ҳаракат кард.

Даҳ рӯз рафта аз ҷумодиюлохири ин сол Абдуллоҳ ибни Фатҳ ва Ашнос — ғуломи Исмоил ибни Аҳмад аз ҷониби Муътазид бо хилъатҳо ба сӯи Исмоил ибни Аҳмад ибни Сомон рафтанд ва як шутур, тоҷ ва шамшере аз тилло, ки бо гавҳарҳо пироста буд, ҳамчунин ҳадяҳои дигар ва се ҳазор ҳазор дирҳамро ба ӯ бурданд, ки ба яке аз сипоҳҳои Хуросон тақсим кунад ва онро ба Систон ба ҷанги ёрони Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амр фиристад. Гуфтаанд: моле, ки Муъ-тазид ба Исмоил фиристод, даҳ ҳазор ҳазор дирҳам буд, ки қисмате аз онро аз Бағдод фиристод ва дар бораи қисмати боқимонда ба омилони Ҷабал навишт ва эшонро дастур дод, ки онро ба фиристодагон бипардозанд. Ва дар раҷаби ҳамин сол Бадр — ғуломи Муътазид ба ҷое расид, ки наздики сар-замини Форс буд ва касони Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амр, ки дар Форс буданд, аз он ҷо берун шуданд. Ҳамро-ҳони Бадр вориди Форс шуданд ва омилони вай дар он ҷо хироҷ гирифтанд.

## СОЛИ ДУСАДУ ҲАШТОДУ НӮҲ (289/901—902)

...Дар раҷаби ин сол, чаҳор рӯз монда аз он, хабар омад, ки ҷамоате аз аҳли Рай бо Муҳаммад ибни Ҳорун, ки Исмоил ибни Аҳмад ӯро пас аз куштани Муҳаммад ибни Зайди Алавӣ волии Табаристон таъйин карда буд, мукотаба карда-анд ва аз ӯ хостаанд, ки ба Рай ояд, то ӯро ба шаҳр даро-ранд, зеро Ӯкуртумуши турк — волии эшон, чунонки гуфта-анд, бо онҳо рафтори бад доштааст. Муҳаммад ибни Ҳорун бо Ӯкуртумуш ҷанг кард, ӯро мағлуб гардонид ва бикушт. Ҳамчунин ду писари ӯро бо яке аз сардорони султон, ки Абрун ном дошт ва бародари Кеглуғ буд, ба қатл расонид. Пас аз ин Муҳаммад ибни Ҳорун вориди Рай шуд ва бар он тасаллут ёфт.

PDF Compressor Free Version

...Аз ҷумлаи ҳаводиси сол он буд, ки нӯҳ рӯз монда аз шаъбони ин сол номае аз Исмоил ибни Аҳмад — фармонравои Хуросон ба султон расид дар бораи хабари набарде, ки миёни одамони ӯ ва Ибни Ҷастони Дайламӣ дар Табаристон воқеъ гардида буд ва ёрони вай Ибни Ҷастонро ба ҳазимат дучор карда буданд. Номаи Исмоил дар ин бора дар ду масҷиди ҷомеъи Бағдод хонда шуд.

...Дар ин сол дар Рай миёни Исмоил ибни Аҳмад ва Муҳаммад ибни Ҳорун набарде рӯй дод. Чунонки гуфтаанд, дар он вақт Ибни Ҳорун наздик ба ҳашт ҳазор нафар аскар дошт. Муҳаммад ибни Ҳорун мағлуб гардид ва пешопеши... (4) ёрони хеш рафт. Наздик ба ҳазор кас аз ёронаш аз паси ӯ ба сӯи Дайлам равон шуданд. Муҳаммад ибни Ҳорун ба Дайлам дохил шуд ва дар он ҷо паноҳ бурд. Исмоил ибни Аҳмад ба Рай ворид шуд. Чунонки гуфтаанд, тақрибан ҳазор кас аз лашкариёни Муҳаммад ибни Ҳорун, ки ба ҳазимат дучор шуда буданд, ба дари султон рафтаанд.

## СОЛИ ДУСАДУ НАВАД (290/902—903)

Аз ҷумлаи ҳодисоти сол он буд, ки ду рӯз рафта аз муҳаррами ин сол Муктафӣ расулеро ҳамроҳи Абдуллоҳ ибни Фатҳ бо хилъат, фармони вилоятдории Рай ва ҳадяҳое ба назди Исмоил ибни Аҳмад фиристод.

## СОЛИ ДУСАДУ НАВАДУ ЯК (291/903—904)

...Се рӯз монда аз раҷаб дар ду масҷиди ҷомеъи Мадинатуссалом номаи Исмоил ибни Аҳмад, ки аз Хуросон расида буд, қироат шуд. Дар нома омада буд, ки туркон бо лашкаре азим ва ҷамъе бисёр қасди мусалмонон кардаанд ва дар ӯрдугоҳашон ҳафтсад қуббаи туркӣ буд, ки танҳо хосси сарони турк аст. Исмоил яке аз сардорони худро бо сипоҳе, ки ба ӯ пайваста буд, фиристод ва мардумро ба ёрӣ даъват кард. Мардуми бисёр аз ихтиёриён даъвати ӯро пазируфтанд. Сардори сипоҳ бо ҳамроҳони худ ба сӯи туркон рафт. Мусалмонон ба туркҳо наздик шуданд, вале онҳо аз ин гофил буданд. Субҳгоҳон онҳо ба туркон дарафтоданд. Бисёр

PDF Compressor Free Version


кас аз туркҳо кушта шуд, боқимондагон ба ҳазимат дучор шуданд. Ӯрдугоҳи туркон ба горат рафт. Мусалмонон ба саломат ва бо ғаноим ба мавзеъи худ баргаштанд (5).

## СОЛИ ДУСАДУ НАВАДУ ПАНҶ (295/907—908)

Дар ин сол, дар моҳи сафар, чаҳордаҳ рӯз рафта аз он Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад — омили Хуросон ва Мовароуннаҳр вафот кард ва писараш — Аҳмад ибни Исмоил ҷонишини падар шуд ва корҳои вайро ба ӯҳда гирифт. Чунонки гуфтаанд, чаҳор рӯз рафта аз моҳи рабеъулохир Муктафӣ биншаст ва бо дасти худ парчаме баст ва онро ба Тоҳир ибни Алӣ ибни Вазир супурд ва ӯро хилъат дода, амр кард, ки парчамро ба назди Аҳмад ибни Исмоил барад.

## СОЛИ ДУСАДУ НАВАДУ ҲАШТ (298/910—911)

...Дар ин сол Муқтадир Васифи Комаи Дайламиро бо сипоҳе ва ҷамоате аз сардорон ба ҷанги Субкарӣ — ғуломи Амр ибни Лайс фиристод.

Ва ҳам дар ин сол миёни Субкарӣ ва Васифи Кома набарде рух дод. Васиф дар он Субкариро мағлуб карда, ӯро аз қаламрави Форс берун ронд. Васифи Кома ва ёрони ӯ ба Форс дохил шуданд. Гурӯҳе зиёд аз ёрони Субкарӣ аз Васиф амон хостанд. Сардори сипоҳи Субкарӣ, ки ба номи Қаттол маъруф буд, асир шуд. Субкарӣ бо молҳо ва захираҳое, ки бо худ дошт, ба сӯи Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад фирор кард. Аҳмад ибни Исмоил он чиро, ки Субкарӣ бо худ дошт, бигрифт ва худи ӯро дастгир ва ҳабс кард.

Дар ҳамин сол миёни Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад ва Муҳаммад ибни Алӣ ибни Лайс дар ноҳияи Буст ва Руххаҷ набарде воқеъ гардид, ки дар он Аҳмад ибни Исмоил ӯро асир кард.

## СОЛИ ДУСАДУ НАВАДУ НӮҲ (299/911—912)

...Дар ин сол фиристодаи Аҳмад ибни Исмоил бо номае

PDF Compressor Free Version


ба назди султон омад. Дар он Аҳмад ибни Исмоил хабар дода буд, ки ӯ Систонро фатҳ карда ва ёронаш ба он ворид шудаанд ва касонеро, ки аз ёрони Саффор дар он ҷо будаанд, берун рондаанд. Ва Муаддил ибни Алӣ ибни Лайс бо касоне, ки бо ӯ будаанд, ба назди вай рафта ва амон хостаанд. Дар он вақт Муаддил дар Заранг муқим буд ва ба назди Аҳмад ибни Исмоил рафт, ки муқими Буст ва Руххаҷ буд. Аҳмад ибни Исмоил ӯ, аёлаш ва ҳамроҳонашро ба Ҳирот равон кард. Фосилаи Систон то Буст ва Руххаҷ шаст фарсах аст. Харита дар ин бобат дар рӯзи душанбе, даҳ рӯз рафта аз сафар ба султон расид.

## СОЛИ СЕСАДУ ЯК (301/913—914)

...Дар ин сол Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад — фармонравои Хуросон ва Мовароуннаҳр кушта шуд. Яке аз ғуломони турки вай, ки аз наздиктарин ғуломонаш буд, бо ду ғуломи дигар ба қуббаи ӯ дохил шуд ва сарашро бурид. Сипас онҳо гурехтанд ва дигар пайдо нашуданд.

Дар ин сол миёни Наср ибни Аҳмад ва амми падараш — Исҳоқ ибни Аҳмад ихтилоф афтод. Ғуломони Аҳмад — падари Наср, дабирон ва ҷамоате аз сардоронш вай бо молу аспу силоҳ бо Наср буданд. Ӯ пас аз кушта шудани падараш ба Бухоро рафт. Дар он вақт Исҳоқ ибни Аҳмад дар Самарқанд буд ва бемории никрас дошт. Наср мардуми Самарқандро даъват кард, ки ӯро ба раҳбарии худ баргузинанд. Ҳар яке аз ин ду нафар номаҳое ба султон фиристоданд ва мансаби Исмоил ибни Аҳмадро барои хештан хостанд. Чунонки гуфтаанд, Исҳоқ номаҳои худро ба Умрони Марзубонӣ фиристод, то ӯ ба султон бирасонад ва ӯ расонид. Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил номаҳои худро ба Ҳаммод ибни Аҳмад фиристод, ки ба султон бирасонад ва ӯ низ расонид.

Дар ин сол, чаҳордаҳ рӯз монда аз шаъбон Наср ибни Аҳмад ва ёрони ӯ аз аҳли Бухоро бо Исҳоқ ибни Аҳмад — амми падараш ва ёрони вай аз аҳли Самарқанд набарде дош-

PDF Compressor Free Version

тажд, ки дар он Наср ва ёронаш Исҳоқ ва аҳли Самарқандро бо дигар мардуми навоҳӣ, ки ба ӯ ҳамроҳ шуда буданд, шикаст доданд. Ҳамроҳони Исҳоқ пароканда шуданд ва рӯ ба гурез ниҳоданд. Ин набард байни онҳо ба дари Бухоро рух дода буд. Ва ҳам дар ин сол аҳли Бухоро пас аз он, ки Исҳоқ ибни Аҳмад ва ёронашро шикаст доданд, ба муқобили аҳли Самарқанд рафтанд ва ҷанге байни онҳо воқеъ гардид, ки дар он низ аҳли Бухоро бар аҳли Самарқанд зафар ёфтанд ва ба шикаст дучорашон карданд ва иддае зиёд аз онҳоро куштанд ва зӯран ба Самарқанд дохил шуданд. Онҳо Исҳоқ ибни Аҳмадро асир карда, кореро, ки ба ӯҳдаи ӯ буд, ба писаре аз они Амр ибни Наср ибни Аҳмад супурданд (6).

PDF Compressor Free Version

АБУЛҚОСИМ ИБНИ АҲМАДИ ҶАЙҲОНӢ

# Ашкол-ул-олам

Тарҷумаи Алӣ ибни Абдуссаломи Котиб

PDF Compressor Free Version



# Дебоча

«Ашкол-ул-олам»-и Ҷайҳонӣ аз китобҳои гаронқадри ҷуғрофиёии даврам Сомониён аст. Номи Ҷайҳонӣ, фаъолияти сиёсӣ ва таълифоти ӯ аз ҳазор сол пеш то кунун шӯҳрат дорад. Бо ин ҳама дар «Ашкол-ул-олам»-и Ҷайҳонӣ нуқтаҳои пурғумуз ва гиреҳҳои печида фаровон ба чашм мерасад. Аввалан, «Ашкол-ул-олам», ки танҳо чанд даҳсола пеш аз ин ба аҳли илм маълум ва дастрас гардид, дар ягон сарчашмаи асрҳои миёна ба ҳайси унвони яке аз таълифоти Ҷайҳонӣ зикр нашудааст. Дар баробари ин, дар аксари манобеъи таърихӣ ва ҷуғрофиёӣ, аз ҷумла, дар осори Масъудӣ, Ибни Надим, Муқаддасӣ, Абӯрайҳони Берунӣ, Наршахӣ, Гардезӣ ба қалами Ҷайҳонӣ китобе ҷуғрофиёӣ бо унвони «ал-Масолик ва-л-мамолик» нисбат дода шудааст. Пас аз пайдо шудани «Ашкол-ул-олам» саволе ба миён омад, ки оё ин асар тарҷумаи форсӣ-тоҷикии ҳамон «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и арабнасл аст ё китобе мустақил? То ҳол аҳли таҳқиқ ба ин савол посухи қонеъкунанда пайдо накардаанд. Дуввум, номи муаллифи «Ашкол-ул-олам» дар худи китоб Абулқосим ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ зикр шудааст. Муаллифи «ал-Масолик ва-л-мамолик» бошад, вазири маъруфи амири сомонӣ Наср ибни Аҳмад (914-943) — Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ (ваф. 942) аст. Пас, муаллифи «Ашкол-ул-олам» Абулқосим ибни Аҳмад ҳамон вазири маъруф Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад аст ё нафаре дигар аз ин хонадони мӯътабар? Муҳаққиқи эронӣ Фирӯзи Мансурӣ, ки матни «Ашкол-ул-олам»-ро ба нашр расонидааст, моил ба он аст, ки ин ду нафарро яке бидонад. Муаррихи тоҷик А. Мухторов муаллифи «Ашкол-ул-олам»-ро қатъан ҳамон вазири маъруф — Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ донистааст. Ҳалли ниҳоии ин муаммо марбут ба пажӯҳишҳои муҳаққиқони баъдӣ аст. Алҳол, мусаллам он аст, ки «Ашкол-ул-олам» дар даврам Сомониён аз ҷониби яке аз намояндагони хонадони маъ-

PDF Compressor Free Version



руфи Ҷайҳониён, ки номи нишони панҷ нафари онҳо дар манобеъи таърихӣ зикр шудааст, тасниф гардидааст. Асари мазкурро Алӣ ибни Абдуссаломи Котиб, зоҳиран, дар нимаи аввали асри XIII аз арабӣ ба тоҷикӣ тарҷума кардааст. Забони асар ва дар он истифода шудани як силсила калима ва истилоҳоти хоси Мовароуннаҳр далел бар он аст, ки тарҷума дар ин ҳавза сурат гирифтааст.

«Ашкол-ул-олам» матолиби ҷолибро пиромуни вазъи ҷуғрофиву иқтисодӣ ва маишиву иҷтимоӣ, расму русум ва одату одоби мардуми кишварҳои исломӣ, аз ҷумла Хуросону Мовароуннаҳр, шомил аст.

PDF Compressor Free Version

## ИҚЛИМИ ДАҲУМ

## ЗИКРИ ДАРЁИ ФОРС ВА ТАВОБЕЪ

...Аз мулуки Форс, ки беруни Форс бар мамолики дигар муставлӣ гаштанд, Оли Сомон буданд, аз фарзандони Баҳроми Чӯбин. Баҳром аз Ардашери Хурра буд ва волии Рай гашт. Баъд аз он ба ҷанги туркон рафт, ба Балх ва эшонро ҳазимат кард. Кораш бад-он ҷо расид, ки қасди ҷанги Кисро кард ва ӯ аз пеши ӯ ба ҳазимат бар Рум рафт ва аз он ҷо мадад овард ва кини хеш бозхост ва мамлакат бозгирифт, чунончи дар «Шоҳнома» зикри он кардаанд (1).

Ва Оли Сомон подшоҳони Мовароуннаҳр гаштанд то Исмоил ибни Аҳмад. Чун Мӯътазид шаҳомату дигар мардонагӣ ва кифояти ӯ бидид, ӯро бар Амр ибни Лайс гумошт, то ӯро бикушт ва бигирифт (1а). Ва подшоҳӣ Хуросону Мовароуннаҳру Ҷурҷону Табаристону Раю Абҳару Занҷон ӯро шуд. Баъд аз ӯ Аҳмад ибни Исмоил подшоҳи ин ҳама буд ва Систонро фатҳ кард. Асари адли ӯ дар ҷаҳон тоза гашт. Баъд аз ӯ Наср ибни Аҳмад ва ҳамчунин Нӯҳ ибни Мансур (2).

## ИҚЛИМИ НУЗДАҲУМ

## ЗИКРИ ХУРОСОН ВА ТАВОБЕЪ

Хуросон номи иқлим аст ва ҳудуди он аз ҷониби шарқӣ Систон ва Ҳинд аст ва ғарбӣ биёбони Ғузон ва навоҳии Ҷурҷон. Ва шимолӣ Мовароуннаҳр ва баъзе аз Туркистон ва ҷанубӣ биёбони Форс ва Кирмон ва вилояти Қумис ва тавобеъи он ва шаҳрҳои Хуросон бисёр аст. Валлоҳу аълам (3).

**ПУШАНГ**ро ҳисор аст (4) ва хандақе ва се дарвоза: яке

PDF Compressor Free Version

ба ҷониби Нишопур, яке ба Ҳирот ва яке ба Қуҳистон ва онро деҳҳо ва қасабаҳо чун Кавсавӣ, Харгард, Фаригард ва бузургтари ҳама — Кавсавӣ.

**БОДҒИС** — шаҳрҳои он Кӯҳи Нукра аст ва Кӯҳи Куғнобод, Буст, Ҷоду, Кобрун, Колун, Деҳистон. Мақоми волӣ ба Куғнобод бошад. Маъмуртар ва бузургтари он мавозеъ Деҳистон аст, нимн Пушанҷ бошад. Ва он бар кӯҳе аст ва эшонро сардобҳо бошад дар замин, аммо оби равон андак ва бӯстон ва заръу боғ аст, ҳамчунин Кӯҳи Нукра. Дар Кӯҳи Нукра кони он муаттал аст ва кор намекунанд аз беҳезумӣ. Аммо Кӯҳ дар саҳро аст ва ба Куғнобод ва Буст ва Ҷоду бӯстонҳо ва об бисёр аст. Ва Кобрун ва Колунро бӯстону оби равон нест. Обҳои эшон аз борон аст ва чобҳо низ доранд. Худовандони зироати беоб ва гӯсфандон ва мавошӣ бисёранд ва Кӯҳи Нукра бар роҳи Сарахс аст аз Ҳирот. Бодғис аҳли суннат ва ҷамоатанд.

**ГАНҶРУСТОҚ** — шаҳри он Бун бошад ва Киф ва Боғшур аз он ҷумла аст. Ва нишасти умаро дар Бун бошад. Бун бузургтар аз Пушанҷ аст. Ва дар он ҷо заъфарон мехезад, ки аз ҳама заъфаронҳо некӯтар бошад. Буну Кифро бӯстонҳост ва обҳои равон аст ва заръу боғ бисёр. Аммо Боғшур бар канори биёбон аст ва замини боронхӯрд ва мавзеъи хушҳавое аст.

**МАРВУРРӮД** — бад-он ҷо ҳам шаҳрҳост ва қасабаҳо чун Панҷдеҳ, Кӯшки Аҳаф (5), Зарра (5а). Ва бузургтар Марврӯд аст ва оби Марв аз он ҷо мегузарад ва эшонро ғаллаҳои бисёр, боғу разу бӯстон ва ҳавои хуш. Кӯшки Аҳнаф дар як манзилии он аст ба роҳи Балх.

**ЗАРРА** — бар ҳар ду ҷониби Марвӯррӯд аст ва бар миён пуле ва аз он ҷо об ба Панҷдеҳ меравад. Аз Панҷдеҳ ба вилояти Марв ва шаҳри Марв мерасад. Ва ин Зарраро боғу зироат бисёр.

**ТОЛИҚОН** — шаҳрест монанди Марврӯд дар бузургӣ. Обҳои равон ва ҳавои хуштар аз Марврӯд аст. Ва ин шаҳр бар кӯҳе аст ва онро рустои бисёр.

**ПОРЁБ** — шаҳрест хурдтар аз Толиқон ва оби он аз То-

PDF Compressor Free Version

ликон ва худуди он меояд. Ва аммо боғу бӯстон бештар дорад.

**ҶУЗҶОНОН** — номи ноҳияте аст ва шаҳрҳои он Яҳудия, Шибирғон, Исталх, Кандарум, Анбор, Сон. Ва бузургтари он Анбор аст ва мақоми амир он ҷо бошад. Ва он шаҳрест бар кӯҳ, бузургтар аз Марврӯд. Ва онро обҳо ва бӯстонҳост ва разҳои бисёр. Биноҳои эшон — аз гил.

**СОН** — шаҳрест хурдтар аз он. Ва онро низ обҳо ва бӯстонҳо ва бештари меваҳои эшон — ҷавз. Ва Яҳудия аз он бузургтар ва бо обу боғҳои фаровон.

**КАНДАР** — шаҳр бо мева ва зироат ва обҳои бисёр ва ин мавзеъ ҳама бар кӯҳ аст.

**ШИБИРҒОН**-ро обн равон аст, аммо боғҳо андак ва аз Сон бузургтар аст. Монанди Яҳудия бошад дар бузургӣ. Иртифооти он бештар ғалла ва ҳубуб бошад.

**ИСТАЛХ** (6) — шаҳре хурд аст дар биёбоне ва онро ҳафт пора деҳ аст ва хонаҳои гардон. Худовандони бештари ин вилояти Ҷузҷонон бар ғояти хасбу неъмат ва ободонӣ аст. Ва ҷои нишасти бузургони Оли Фарегун аст. Ва бузургвории он хонадони ҷаҳонбон маро муқаррар ва таърихи он бар рӯи рӯзгор боқӣ (7). Ва аз он ноҳият пӯстҳои пиростанекӯ (хезад) ва ба ҳамаи Хуросон ва дигар навоҳӣ мебаранд.

**ҒАРЧИСТОН** — онро ду шаҳр аст. Якеро Нашин хонанд ва дигареро Шурмин хонанд. Ва дар бузургӣ ҳар ду ба якдигар наздиканд. Ва подшоҳро мақом он ҷо бошад. Ва Шор, ки мамлакати Ғур бад-ӯ мансуб аст, дар кӯҳи Маликон. Ва ин ду шаҳрро обҳову боғҳо ва зироати бисёр аст. Ва аз Нашин биринҷ мехезад ва ба шаҳрҳои он навоҳӣ мебаранд ва аз Шурмин мавизи бисёр. Миёни Нашин ва дараи Марвуррӯд як манзил бошад аз боло. Ва аз Нашин то Шурмин — як манзил.

Аммо **ҒУР** дори куфр аст ва ба ҷиҳати он дар диёри ислом ёд кардем, ки он ҷо мусалмонон бисёранд. Ва кӯҳҳоест ободон ва неъматҳои фаровон ва обҳо ва чашмаҳо. Ва гирдогирди Ғур аз амали Ҳирот аст то Фараҳ ва аз Фараҳ то Заминдовар, то работи Кирмон — аз аъмоли Оли Фарегун.

PDF Compressor Free Version

Ва аз работи Кирмон то Ғарҷистон аз ҳисоби Шор ва аз он ҷо то Ҳирот. Ва ин ҷумла, ки муҳит аст ба Ғур, ҳама билоди ислом аст.

**САРАХС** — шаҳрест миёни Марв ва Нишобур дар замини ҳомун ва бад-он ҷо оби равон нест, магар оби ҷӯи Ҳирот, ки дар соле чанд рӯз он ҷо расад. Ва ҷумла зироати эшон аз оби борон аст ва баркаҳо аз оби чоҳ. Ва он шаҳрест дар бузургӣ як нимаи Марв бошад ва бағоят ободон аст ва неъматҳои фарох. Ҳавои он тандурусттар аст ва бештари навоҳии он — марғзор. Ва онро деҳҳои андак. Ва гирдогирди он аъроб бошанд, худовандони шутур. Ва обҳои эшон аз чоҳ аст ва осиёби эшон бар чаҳорпоён аз шутуру гов. Ва биноҳои эшон — аз гил.

**НИСО** — шаҳрест бо неъмату фарохӣ ва нархҳои арзон ва обҳои фаровон. Ва боғҳои бисёри ба якдигар муттасил. Ва дар бузургӣ ҳамчун Сарахс бошад. Ва обҳо дар кӯйҳо ва саройҳо равон. Ва рустоҳои бисёр дар ғояти хушӣ.

**ФАРОВА** — дар банди ғузон аст ва дар биёбон ва аз деҳҳо бурида. Ва касоне, ки сағр нигаҳ доранд, он ҷо муқим бошанд. Ва эшонро чашмаи об аст ба ҷиҳати хӯрдан, дар миёни шаҳр меравад. Бӯстонҳо ва зироат надоранд, магар бар ин оби чашма таразорҳо мекунанд.

**ҚУҲИСТОН** — аз ҷумлаи Хуросон аст бар сарҳади биёбони Форс ва Кирмон. Ва бад-он ҷо ҳеҷ шаҳр нест, бад-ин ном ва ин номи вилоят аст. Шаҳрҳои он Қоин аст ва Ҷанобаз ва Тун, Хур, Хусаф, Табаси Карит ва Табаси Масимон (8).

**ҚОИН** — дар бузургӣ чун Сарахс бошад, онро ҳисору хандақе ҳаст ва масҷиди одина. Сарои аморат дар ҳисор ва обҳои эшон — аз корез, биноҳо — аз гил. Деҳҳои эшон — пароканда ва бад-он ҷо — саннотони зирак ва устод. Вилоят — бағоят маъмур ва бо дахл. Аз ҷумлаи сардсер аст.

**ТАБАСИ КАРИТ** — шаҳрест хурдтар аз Қоин ва аз ҷумлаи гармсер аст. Бад-он ҷо — дарахтони хурмо фаровон. Ва онро ҳисор ва қуҳандиз ва оби эшон аз корезҳо, ҳавои дуруст. Ва хурмостони он ҷо бештар аз бӯстонҳои Қоин бошад.

PDF Compressor Free Version

**ХУР** — хурдтар аз Табас аст ва наздик аст ба Хусаф. Биноҳои эшон гил аст ва онро ҳисору кӯҳандиз ҳаст ва бӯстонҳои андак дорад. Обҳои эшон аз кореэ аст, аммо андак.

**ХУСАФ** (9) — шаҳре хурд аст ва дар саводи он бӯстонҳои бисёр ва зироат ҳамрост ва иморати фаровон ва обҳои тамом.

**ҶАНОБАЗ** — бузургтар аз Хур аст ва биноӣ эшон аз гил ва онро деҳҳо ва рустоҳо. Оби эшон — аз корез. Онро ҳисор ва кӯҳандизи хароб аст.

Дар Қуҳистон беруни Табасайн гармсер нест ва боқӣ сардсер аст ва шаҳрҳо ва деҳҳои Қуҳистон бар якдигар дур аст ва дар миёнҳои он биёбон аст. Иморот ва ободониҳои он муттасил ба якдигар нест чун дигар вилоёти Хуросон.

**ТУН** (10) — шаҳрест ободон ва бузург, монанди Ҷанобаз, бузургтар. Дар биёбоне, ки миёни вилояти Қуҳистон аст, курдон ва худовандони чаҳорпоён аз гӯсфанд ва шутур ва ғайри эшон сокинанд. Дар ҳудуди Қоин гуле аст, ки ба ҷиҳати хӯрдан ба ҳама атроф мебаранд. Дар ҳамаи Қуҳистон ҳеҷ ҷӯи бузург нест, магар корезҳо ва чоҳҳо. Аз вилояти Қуҳистон карбосҳои некӯ ва палосҳои хуб ва зилуҳо монанди ҷаҳрамӣ мебофанд ва бештар дар Тун бошад ва аз он ҷо ба Нишобур ва дигар вилоёт мебаранд.

Аммо **БАЛХ** ва он чӣ бад-он муттасил аст, чун Тахаристон (11) ва Хатлон ва Панҷҳир ва Бадахшон ва амали Бомиён.

**ШАҲРҲОИ ТАХАРИСТОН** — Хулм бошад ва Самангон, Бағлон, Толиқон, Сарои Осим, Андароб ва Коҳ ва ғайри он.

**ШАҲРҲОИ ХАТЛОН** — Ҳаловар ва Лов гӯянд ва ҳар ду шаҳри Вахш аст, Калбоб, Деҳлик ва Рустои Нек ва амсоли он. Ва мо Хатлонро дар ҷумлаи Мовароуннаҳр овардаем.

**ШАҲРҲОИ БОМИЁН** — Сакованд, Баҳро, Қарнин. Панҷҳир як шаҳр аст бад-ин ном. Бадахшон шаҳре аст ва онро рустоҳост.

**БАЛХ** — шаҳрест бар замини ҳомун ва миёни он ва кӯҳ чаҳор фарсанг аст. Ва онро бора ва рабаз аст ва масҷиди ҷомеъ дар шаҳр аст ва бозор гирдогирди масҷид. Шаҳр як

фарсанг дар як фарсанг бошад (12) ва бинои эшон аз гил. Ва онро дарҳост: якеро Навбаҳор хонанд, якеро Рахна ва якеро Нав ва якеро Дари Ҳиндувон, якеро Дари Яхуд ва якеро Дари Шастман ва якеро Дари Яҳё. Онро ҷўест бузург, бар Дари Навбаҳор меравад ва даҳ осиёвор бошад. Ва рустоҳоро об медиҳад то Сиёҳгирд. Гирдогирди дарҳои шаҳр боғҳост ва разҳост. Ва рабази онро хандақ нест ва бораи он аз гил аст.

**ТАХАРИСТОН** — номи вилоятест ва шаҳри бузургтари он Толиқон аст ва онро зикр кардаем. Ду донги фарсахе бошад дар масали он. Ва ҳамаи шаҳрҳои Тахаристон дар бузургӣ ба ҳам наздик бошад.

**ПАНҶҲИР** — шаҳрест бар кўҳ ва дар он ҷо даҳ ҳазор мард бошад. Мардумон бошурат ва лаҳв дўст доранд ва пайваста ба тамошо машғул бошанд. Эшонро обҳо ва бўстонҳои бисёр, аммо зироат нест.

**АНДАРОБА** ва **ҶОПОЯ** — ду шаҳр аст хурдтар аз Панҷҳир. Ҳар ду маъдани нуқра аст ва мақоми мардумони эшон бештар наздики он маъданҳост.

**БАДАХШОН** — шаҳрест хурд ва онро рустоҳо ва ҷўйҳои об ва разҳо. Он ҷо кони лаъл аст ва беҷода ва лоҷуворд ва мушки тар мебошад ва аз роҳи Туббат он ҷо меоранд.

**БОМИЁН** — шаҳрест бар кўҳ, нимаи Балх бошад ва онро ҳисор нест ва дар миёни он ҷўе меравад, ки ба Ғарҷистон меафтад. Меваҳо аз ҷойҳо бад-он ҷо баранд ва он ҷо мева ва боғ нест. Ва ҷуз Бомиён дар он навоҳӣ ҳеҷ шаҳр бар кўҳ нест.

**ҒАЗНИН** — шаҳрест бузург, онро зиёдати деҳот мева дорад. Дарахтон ва обҳоест ва он фурзаи Ҳиндустон аст. Ва дар ҷумлаи Балх ва Бомиён ва тавобеъи он ҳеҷ шаҳр набошад бо молу неъмат ва тиҷорати бештар аз Ғазнин.

**КОБУЛ** — онро кухандизе аст устувору маҳкам, онро як роҳ аст. Дар кухандиз ҳама мусалмонанд. Ва дар рабаз ҳиндувони кофар бисёр аст. Ва гўянд шоҳи Ҳинд касе бошад, ки Кобул дар ҳукми ў бошад ва агарчи аз он ҷо дур бувад. Аввал подшоҳе хоҳад нишаст, он ҷо равад, ба подшоҳӣ нишинад, баъд аз он ба дигар вилоят равад (13).

PDF Compressor Free Version

Зикри Ғур карда омадааст. Кӯҳҳои он бағоят устувор аст ва ҳамчунон мекашад то Бомиён ва Панҷҳиру Шумон ва Мовароуннаҳру Лусбон ва Хархиз. Ва бештари ин кӯҳҳо кони зар ва нуқра аст.

Аммо савоҳили Ҷайҳун ва Хоразм дар Мовароуннаҳр овардаем. Аммо Омул ва Зам(м) ду шаҳр аст дар бузургӣ ба ҳамдигар наздик.

**ОМУЛУШШАТ** — ҷои ҷамъ шудани роҳи Хуросон аст ва Мовароуннаҳр. Онро обҳои равон ва бӯстонҳо ва зироат ва иморат бисёр. Ва фароҳиву неъматҳои фаровон ва арзон.

**ЗАМ(М)** — камтар аз Омул аст дар иморат ва маъбари Хуросон ва Мовароуннаҳр аст. Ва дар ҳаволии эшон биёбонҳо ва рег ва ҳеҷ чашмаи об нест. Ва он роҳ мекашад то Марв ва миёни вилояти Хоразм ва биёбон ва билоди Гузон. Дар он ҷо ҳеҷ чашма нест, магар чоҳҳо. Дар Балх турунҷ ва нилуфар ва найшакар мебошад ва дар ҳеҷ шаҳри сардсер ҷуз Балх ин матоъҳо нест. Ва бештари шутурони Хуросон ба ноҳияти Балх ва Сарахс бошад ва гӯсфанд аз миёни ғузон ва халаҷҳо ба шаҳрҳои Хуросон оранд. Беҳтарин чаҳорпое, ки ба Хуросон оранд, аз Балх бошад. Ва беҳтарини барда, ки бошад, аз миёни туркон оранд. Ва беҳтар ҷомаҳои ресмонӣ ва абрешимӣ аз Нишобур ва Марв оранд. Беҳтарин ва зирактарин удабо ва фуқаҳо ба Марв бошанд. Беҳтарин ва хуштарин обҳои Хуросон Ҷайҳун аст. Ва тавонгартарин аҳли Нишобуранд. Дар Хуросон ҳеҷ гармсер набошад, магар ҳар ду Табас. Ва сардтарин вилояти Хуросон Бомиён бошад. Аз баҳри он ки Хоразм, ки сардсертар аст, дар вилояти Мовароуннаҳр овардем.

## МАСОФАТҲО

Аз ҳудуди Нишобур то охири ҳадди он наздики Қумис, аз деҳи Курдон то Асадобод ҳафт манзил ва аз он ҷо то Домғон панҷ манзил. Аз Нишобур то Сарахс шаш манзил. Ва аз Сарахс то Марв панҷ манзил. Ва аз Марв то Омулушшат шаш манзил, пас аз аввали Нишобур то Ҷайҳун бисту нӯҳ манзил бошад. Ва аз Нишобур то Исфароин ҳафт ман-

зил. Аз Бузҷон то Пушанҷ чаҳор манзил ва аз Пушанҷ то Ҳирот як манзил ва аз Ҳирот то Исфизор се манзил ва аз Исфизор то Дара ду манзил. Ва аз Дара то Сиҷистон ҳафт манзил. Аз Нишобур то Тӯс се манзил. Аз Нишобур то Фароҳ даҳ манзил. Ва аз Нишобур то Қоин нӯҳ манзил. Ва аз Қоин то Ҳирот нӯҳ манзил.

Аз Марв то Марвуррӯд шаш манзил. Ва аз Марв то Ҳирот дувоздаҳ манзил. Ва аз Марв то Абевард шаш манзил. Ва аз Абевард то Нисо чаҳор манзил. Аз Ҳирот то Сарахс панҷ манзил. Ва аз Балх то Марвуррӯд дувоздаҳ манзил ва аз Балх то канори оби Тирмид ду рӯз. Ва аз Балх то Андароба нӯҳ манзил. Ва аз Балх то Бомиён даҳ манзил. Ва аз Бомиён то Ғазнин ҳашт манзил. Ва аз Балх то Бадахшон сездаҳ манзил. Ва аз Бадахшон то Тирмид бар канори Ҷайҳун сездаҳ манзил. Ва аз Тирмид то Зам(м) панҷ манзил. Ва аз Зам(м) то Омулушшат чаҳор манзил. Ва аз он ҷо то Хоразм дувоздаҳ манзил. Ва аз Хоразм то дарё шаш манзил.

## МАСОФАТҲО МИЁНИ АЪМОЛИ ШАҲРҲО

Аз Нишобур то Бузҷон гуфта шуд. Аз Молманд то Ҳолманд як манзил ва то Самангон як манзил ва то Ҷанобаз ду манзил. Аз Ҷанобаз то Қоин дурӯза. Ва аз Салума то Завзан якрӯза. Ва аз Завзан то Қоин серӯза. Ва аз Нишобур чаҳоррӯза ва то Қаҳр якрӯза ва то Ҷанобаз дурӯза. Аз Нишобур то Хусравгирд чаҳоррӯза. Ва Сабзавор пеши Хусравгирд бошад бар як фарсанг. Ва аз Хусравгирд то Баҳманобод як манзил ва аз он ҷо то Мазинон як фарсанг. Аз Нишобур то Хони Реванд якрӯза ва аз Меҳрҷон якрӯза ва аз он ҷо то Озодвор се манзил ва аз он ҷо то Девора як манзил.

Аз Марв то Кашмаҳин (14) якрӯза ва то Ҳурмузфара як фарсанг ва аз Марв то Санг як манзил ва аз Марв то Дандони Навқон якрӯза. Ва ҳамаи деҳоти Марв бар як манзили Марв бошад.

Аз Ҳирот то Пушанҷ як манзил ва аз Пушанҷ то Фар-

PDF Compressor Free Version



гирд як манзил ва аз он ҷо то Курд як манзил ва аз он ҷо то Завзан як рӯз. Аз Ҳирот то Мокан як манзил ва то Исфарсон як манзил ва то Моробод як манзил ва то Чишт як манзил, аз он ҷо амали Ғур бошад. Аз Ҳирот то Саҳ манзиле ва то Киф манзиле ва то Бағшур манзиле.

Аз Балх то Хулм ва то Андароба дурӯза ва аз он ҷо то Толиқон дурӯза ва аз он ҷо то Бадахшон ҳафтрӯза, аз Хулм то Самангон дурӯза, аз он ҷо то Андароба панҷ рӯз ва аз он ҷо то Чорпоя се манзил ва аз он ҷо то Панҷҳир якрӯза. Аз он ҷо то Парвон ду манзил. Аз Балх то Бағлон шаш манзил. Аз Балх то Аштархон се манзил ва то Форёб се манзил. Ва аз Форёб то Толиқон се манзил ва аз он ҷо то Марвурруд се манзил.

Аз Қоин то Табас шаш манзил. Ва аз Табас то Тун ду манзил. Ва аз он ҷо то Рақка—қасабаест хурд—ду манзил. Ва аз Рақка то Табас ду манзил.

Ин буд масофоти вилоёти Хуросон ва тавобеъи он, ки ёд кардем, кайфият намудаанд.

## ИҚЛИМИ БИСТУМ

## ЗИКРИ МОВАРОУННАҲР ВА ТАВОБЕЪИ ОН

Ҷониби машриқи он кӯҳҳоест аз ҳудуди Бомиён ва Хатлон ва Ҳиндувон. Ва ҷониби мағриб шаҳрҳои ғузон ва харлухон аз ҳадди Тароз бар шакли камоне то Пороб ва навоҳии Бухоро. Ва ҷониби шимол туркони харлухон аз ақсои Фарғона то Тароз. Ва ҷониби ҷануб Ҷайҳуни Хоразм аз Бадахшон то дарёи Хоразм бар хатте рост.

Мовароуннаҳр аз ҷумлаи вилоятҳо хуштару бонеъматтар аст ва мардумони он басаломаттаранд. Ва аз он чӣ эшонро даст диҳад, ҷавонмардтар ва мардумони далер бо олати тамом аз асбу силоҳ. Ва дар фароҳсолӣ ҳеҷ иқлим нест, ки ёд кардаем, ки дар он ҷо борҳо қаҳт набудааст, магар Мовароуннаҳр, барои он ки агар офате ба зироати эшон расад, он ғалла, ки боқӣ монад, аз иртифоъи эшон тамом бошад ба сабаби бисёрӣ.

Ба ҳамаи Мовароуннаҳр мавзеъе холӣ нест, баъзе деҳҳо

PDF Compressor Free Version


ва шаҳрҳо ҳаст ва баъзе зироати беоб ва баъзе марғзорҳо. Ва ҳар таоме, ки аз он чора набошад, дар Мовароуннаҳр бошад. Обҳои эшон хуштар ва сабуктари обҳост. Ва дар ҳамаи кӯҳҳо ва саҳроҳо ва шаҳрҳои эшон об аст. Ва чаҳорпоён аз гӯсфанду гов ва хару астар ва шутур чандон, ки эшонро кифоят бувад, аз замин ҳосил шавад. Ва гӯсфанд низ аз миёни ғузон ва харлухон меоранд. Ва аз пӯшидани ҷомаи пахта бад-он ҷо чандон аст, ки аз эшон зиёдат меояд ва ба олам мебаранд. Қаз ва суф ва имсоли он низ ҳаст. Ва конҳои оҳан чандон аст, ки аз эшон зиёдат меояд ва ба олам мебаранд. Конҳои зару нуқра ва симоб ва мис ҳаст, беҳтарини ин аҷнос, ки дар Мовароуннаҳр бошад. Ва дар ҳамаи шаҳрҳои ислом навшодир ва коғаз беруни Мовароуннаҳр нест.

Меваҳои эшон дар Суғд ва Усрушана ва Фарғона ва Шош чандон аст, ки аз хӯрдани эшон боқӣ мемонад ва чаҳорпоён мехӯранд. Барда аз ҷумла Туркистон бад-он ҷо мебаранд. Ва он чӣ аз эшон зиёдат меояд, ба дигар вилоятҳо мерасад. Мушк аз Туббату Хирхиз, заъфарон аз Чағониён, самур ва санҷоб ва рӯбоҳ ва қундузу хуту ва ходанг ва безани некӯ, ки подшоҳон бад-он мӯҳтоҷанд, аз мавозеъи дигар бад-он ҷо меоранд ва аз он ҷо ба офоқ ва ақтори гетӣ мебаранд.

Аммо саховату ҷавонмардии асҳоби Мовароуннаҳр, дар бештари вилоят ва шаҳрҳои эшон чунон аст, ки гӯӣ ҳамаи мардумон дар як сароянд ва хеши якдигаранд ва ҳеҷ кас ба хонаи якдигар наравад, ки напиндорад, ки хонаи хеш аст. Худованди хонаро кароматe аст, нохушдилӣ набошад, балки он чӣ тоқати ӯ бувад аз расми меҳмонӣ, ба ҷой орад, бе он, ки собиқаи дӯстӣ ва хешӣ дошта бошад. Ва, албатта, ҳеҷ мукофот талаб ва тамаъ надорад ва ҳамеша ҳиммате, ки яке аз эшон бар андозаи он чӣ бар дасти ӯ бошад, аз ихтиёри хеш зиёдат кунад. Чунончи, касе бошад, ки ӯро дастгоҳе набошад ва ҳеҷ кас ба ӯ таваққӯъи зиёдати моле надорад ва ҳиммати ӯ чунон бошад..., ки кӯшк ва меҳмонхона сохта бошад, ҷумлаи ҳиммат ва нахмат бар он масруф монда, ки чун касе ба наздики ӯ расад, тартиби меҳ-

 PDF Compressor Free Version 

монии ӯ бар чӣ минвол созад. Одат ва сирати арбоби Мовароуннаҳр он аст, ки чун бегона расад, дар меҳмонӣ доштани ӯ ба якдигар мусобақат кунанд ва мубоҳот ва муфохарат намоянд. Муаллифи катоб мегӯяд: Ба манзиле расидам ва бар Суғди Самарқанд бар дари сарое дидам, ки меххо кӯфта ва дарро бад-он ҷо устувор карда. Гуфтанд, ки қурби сад сол бошад, ки ин дарро набастаанд, то агар шабу рӯз касе расад, бе манъе фуруд ояд. Ва бисёр буда бошад, ки ногоҳ сад кас ё зиёдат расида бошанд бо чаҳорпоён ва бад-он ҷо фуруд омада, бе он ки худованди сарой такаллуфе кунад, асбоби меҳмонии эшон ва улуфаи чаҳорпоёни эшон сохта будааст, ба ҷиҳати он, ки ҳамеша расми меҳмоне ва оянда будааст. Ва асбоби зиёфат сохта доштааст. Худовандони хона чунон кӯшодару ва хуштабъ аст, ки ҳар кӣ мушоҳада кардӣ, донистӣ, ки ин ҷавонмардиҳо аз роҳи табъи дил мекунад. Ва дар ҳеҷ шаҳре аз шаҳрҳои дигар мисли он надидаем.

Дар дигар вилоятҳо ҳеҷ аҳли неъмат набошад, ки бештар ҳирси ӯ бар зиёдатии молу ишрат ва тамошо ва чизе, ки худойро дар он ризо набувад ва одати накӯҳида ва ғайри он набошад, магар аҳли Мовароуннаҳр, ки ҳамвора ҳирси эшон бар харҷи мол бошад бар зиёфат ва иморат ва работот ва саъй дар хайрот ва вақфи масоҷид ва мадорис. Ва ҳеҷ шаҳре ва манзиле ва биёбоне нест, ки он ҷо манзили гузариён набошад, бо работи сохта ва такаллуфи бисёр.

Муаллифи китоб мегӯяд, ки чунин шунудам, ки ба Мовароуннаҳр зиёда аз даҳ ҳазор работ бошад. Ва бештар чунин аст, ки ҳар кӣ фуруд ояд, он чӣ эҳтиёҷ дорад аз таом ва улуфаи чаҳорпоён, ба ӯ бидиҳанд. Ва бар шаҳри Самарқанд ҳеҷ кӯйе ва маҳалле ва бозоре ва корвонсаройе нест, ки дар тобистон аз яхоби сабил холӣ бошад. Ва ҳам муаллиф гӯяд, ки шахсе маро ҳикоят кард, ки дар Самарқанд ду ҳазор ҷой шумурдам, ки саққоҳо сақоят карда буданд ва баъзе хумҳо ниҳода ва ях андохта.

Аммо қувват ва далерии онҳо, дар ҳамаи ислом ҳеҷ кас баҳрамандтар аз эшон нест дар ҷиҳод ва ғазавот, ба сабаби он, ки ҳамаи ҳудуди эшон далерулҳарбест (15).

PDF Compressor Free Version



Аз Хоразм ва Санҷоб (15а) туркони ғузанд ва аз Санҷоб то ақсои Фарғона харлух. Ва баъзе ҳудуди Мовароуннаҳр бар пушти Хатлон шаҳрҳоянд, пайваста мардумони Мовароуннаҳр бар ин ҷамоат ғолиб буданд. Ва қувват ва далерии туркон зиёдат аз ҷумлаи аҳли диёри ҳарб бошад (16).

Муаллифи китоб гӯяд, ки чунин шунидам, ки Мӯътасим ба Абдуллоҳи Тоҳир (17) мисоле фиристод дар кори ҷамъи ҳашам ва ӯ ба Нӯҳ ибни Асад фиристод ба Мовароуннаҳр. Ва дар танбеҳ буд, ки ба Мовароуннаҳр сесад ҳазор деҳ аст ва ҳеҷ деҳе нест, ки аз он саворӣ ва пиёда берун наёяд, ҳашам ҷамъ бояд кард. Ва ҳам ӯ гӯяд, ки чунин шунидам, ки дар он вақт, ки Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ба Ғуз рафта буд, қурби сесад ҳазор мард (18) чиҳил ҳазор мард аз лашкаргоҳ ҷудо шуданд ва рӯзҳо гум гаштанд, ҳама аъёни Мовароуннаҳр буданд. Шунидам, ки ба Шош ва Фарғона сохтагии лашкар ва тартиби кори ҳарб чизҳост, ки дар ҳеҷ сағре, аз суғури ислом монанди он ҳеҷ кас нашунида бошад. Чунончи, марде бошад, ки ӯро сад чаҳорпой то понсад низ бошад.

Аҳли Мовароуннаҳр пешравони ҳоҷанд. Дар бодия ҳеҷ қавм пештар аз эшон наравад, ба вақти бозгаштан пештар аз эшон кас берун наёяд. Ва бо ин ҳама олат ва уддати мардонагӣ ва далерӣ подшоҳон ва волиёнро аз ҷумлаи мардумони тоъатдор бошанд ва ҳурмати меҳтарони хеш бағоят нигоҳ доранд. Чунончи, хулафои мутақаддим мардумони Мовароуннаҳр ва туркони эшонро ба хидмати хеш хонанд. Ва туркonро лашкаркашӣ доданд ва деҳқонро сипаҳсолорӣ ва сарҳангӣ фармуданд. Ва хидматҳои хос бад-эшон ҳаволат карданд. Ва мӯътамадон ва шаҳнагон ва ҳошияи дорулхилофаи эшон гаштанд ва ҷамоате аз эшон, ки дар хидмати дорулхилофа ба бузургӣ ва подшоҳӣ расиданд ва аз камоли шуҷоат ва далерӣ корҳои бузург ва ҳарҷҳо карданд. Чун Афшин ва Оли Абуссоҷ — аз Усрушана ва Ихшид аз Самарқанд ва Марзбон аз Насаф. Аҷиф ибни Утба аз Суғд маълум аст ва мулуки Оли Сомон аз фарзандони Баҳроми Чӯбин, ки ҳама Хуросон дар фармон доштанд ва бисоти адл

PDF Compressor Free Version


ва инсоф дар он навоҳӣ густаронидаанд ва дигар аз офтоб равшантар аст ва дар кутуб ва таворих мастур аст (19).

Дар ҷумла Мовароуннаҳр ва Хуросон ва ғайри он, мавзеъе чун Бухоро нест. Ва ҳеҷ савод хуштар набошад, барои он ки чун бар қуҳандиз равӣ, бар ҷумлаи навоҳии Бухоро назари ту бар ҳеҷ мавзеъ наяфтад, магар бар сабзӣ ва ҷумла замини он ҳамвор.

Тамошогоҳҳои се мавзеъ маъруф аст, аввал Ғӯтаи Димишқ, дуввум Наҳри Айла (20), сеюм Суғди Самарқанд. Ва чун аз Ғӯтаи Димишқ бигзарӣ миқдори фарсанге, чашми дидор беш набошад. Ва Наҳри Айла ҳамчунин дар камоли хушӣ аст вақти назар кардан. Аммо Суғди Самарқанд чандоне, ки чашм бияфтад аз ҳар тарафе, ки назар кунӣ, сабзӣ ва томошоҷой бошад. Ва масофати Суғд ҳаштрӯза роҳ аст, сабзӣ ва дарахтон ва марғзорҳо ба ҳам пайваста ва бар ҷумла шаҳрҳои Бухоро ва навоҳӣ ва деҳот ва мазраъаҳо деворе даркашидааст, зиёдат аз даҳ фарсанг дар даҳ фарсанг. Ҷумла андаруни ин ҳоит ободон аст ва боғҳо ва деҳот ва бӯстонҳо гирди он дар омада ва ҷӯй дар миёни равон шуда ва ҳавзҳо ва майдонҳо дар миёни он сохта. Ва аз паси он боғҳо ва сабзаҳо ва киштҳо ва зироатҳои дигари беоб, аз паси он чарогоҳҳо. Қуҳандиз дар миёни шаҳр сафед менамояд, чунонки, гӯӣ, дебои сафеде дар миёни дебоҳои сабз кашидаанд.

Дар кӯҳҳои Фарғона ва Регистон ҷавзу себ, пиставу ангур ва гул ва амсоли он аст, ки онро худованд нест ва ҳар кӣ хоҳад аз он бихӯрад ва тасарруф кунад, ҳеҷ манъ набошад. Ва ба Усрушана гуле аст, ки то охири хариф мемонад.

Ва Мовароуннаҳр шаҳрҳост ва баъзе аз он наздики Ҷайҳун, ки наздик аст бар гузаргоҳи Хуросон. Ва баъзе пайваста ба Суғд ва мансуби Самарқанд чун Усрушана ва Шошу Фарғона ва Насафу Кеш, Чағониёну Хатлон ва Тирмизу Қубодиён ва Хоразм. Аммо Бороб ва Исбиҷоб бо Тароз ва Элоқ маҷмӯъ аст, то Шош ва Хуҷанд то Фарғона.

Мо ибтидо аз Бухоро кунем, зеро ки саройи аморат аст. Нахуст Ҷайҳун ва он чӣ бар канори ӯст, ёд кунем.

PDF Compressor Free Version



**ҶАЙҲУН** — асл ҷўест ба Хартоб, аз ҳудуди Бадахшон берун меояд ва ҷўйҳои дигар бад-ў мепайвандад то Ҷайҳун мешавад. Аввал ҷўи Хартоб аст ва дигар Форғар ва дигар Бухоро ва дигар Вахшоб — пеши Қубодиён.

Ва ҷойҳои дигар аз Буттам ва ғайри он бад-ў мепайвандад, то Ҷайҳун мешавад. Аввал ҷўи Хартоб аст ва чунин бузург мешавад. Ва асли Вахшоб аз Туркон берун меояд ва ба замини Вахш мерасад ва бар Пул мегузарад ва он ҷо наздики кўҳ танг мешавад, чун аз Пул мегузарад, ба Ҷайҳун мепайвандад. Ҷайҳун ба ҳудуди Балх ва пеши Тирмид мегузарад то Колиф, пас Зам, пас Омулушшат, пас ба Хоразм мерасад, пас ба Буҳайра (21) меафтад. Ва бар ин об иморат ва зироат нест, магар Зам(м) ва Омулу Хоразм. Ва бештар нафъи он аҳли Хоразмрост. Ва аввал шаҳре, ки бар ин Ҷайҳун аст, Хутталу Хушоб ду шаҳр аст, аммо дар амал якест ва ҳар ду миёни ҷўйи Хартоб ва Вахшобанд. Пас аз шаҳрҳои Хуттал, Ҳил ва Мил, Форғар, Коҳиҷ, Ландиҷорог ва Рустои Нек аст. Ва аз шаҳрҳои Вахш — Ҳалоруд, Диловканд. Ва он ҷӣ ба Вахш ва Ҳуттал мутааллиқ аст, Ваҷонвасф ва Каронвалин аз диёри куфр аст. Навгон маъдани нуқра аст ва дар рўдҳои Хуттал зар аст, ки сел ҷамъ меорад аз билоди Ваҷон. Миёни Ваҷону Туббат наздик аст. Ба замини Хуттал зироат ва иморат ва обҳои бисёр аст ва фароҳӣ ва неъмати бисёр. Ва чорпоён ва мавошӣ фаровон. Ва чун аз Хуттал ва Вахш бигзаштӣ, навоҳии Вошҷирд аст ва Қубодиён ва Тирмиду Чағониён.

**ТИРМИД** — шаҳрест бар канори Ҷайҳун ва онро шаҳристоне ва қуҳандизе. Шаҳрро ҳам бора ва ҳам рабазе. Ва саройи иморат дар қуҳандиз аст ва масҷиди ҷомеъ ва бозор дар шаҳр. Бинои эшон аз гил аст ва бағоят ободон. Кўҳ бар як манзилии он. Ва оби хўрдани эшон аз Ҷайҳун. Ва ба ҷиҳати заминҳо ва боғҳо оби дигар аст, аз Чағониён меояд.

**ҚУБОДИЁН** — шаҳрест ва онро деҳоти бисёр ва иморати тамом. Шумон хурдтар аз Қубодиён аст ва мавзеъе аст маъмур ва бодахл.

PDF Compressor Free Version

**ЧАҒОНИЁН** — шаҳрест бо қуҳандиз ва бузургтар аз Тирмид аст, аммо дар Тирмид молу неъмату иморат ва мардум бештар аз он аст.

**АММОХИСАК (Ахсикаб)** баробари Зам аст. Ва Зам дар замини Хуросон аст, шаҳрест хурд, бо неъмати фарох. Ва дар атрофи он чаҳорпоён аз шутуру гўсфанд. Ва зикри он дар Хуросон карда шуд.

**ФАРАБ** — шаҳрест аз ҷониби Бухоро.

**ХОРАЗМ** — номи иқлиме аст аз Хуросон, ҷудогона аст аз Мовароуннаҳр. Гирдогирди он биёбон аст ва ҷониби шимоли он ғузонанд. Ва ҷониби ҷануб ва машриқ — Хуросон, Мовароуннаҳр дар охири Ҷайҳун аст. Баъд аз вилояти Хоразм бар ин ҷўй ҳеҷ иморат нест ва шаҳри он дар ҷониби шимоли Ҷайҳун аст ва онро Кот хонанд. Ва дар ҷониби ҷануб шаҳрест бузург, онро Ҷурҷония гўянд ва ҷои тиҷорати ғузон аст. Ва аз он ҷо корвонҳои Ҷурҷон ва Хазар ва Хуросон мераванд.

Ва мебоист, ки як нимаи Хоразм дар сурати Хуросон будӣ ва як нима дар Мовароуннаҳр. Аммо ҳар ду дар сурати Мовароуннаҳр овардем, ба ҷиҳати он ки бад-ин иқлим наздиктар аст ва Қасаба аз ин ҷониб аст.

Ва Хоразм ҷуз аз Қасаба ва Ҷурҷония шаҳрҳои дигар аст, чун Дарғон, Ҳазорасф, Хева, Рахшмит, Соварзан, Замахшир, Навхош, Баронкин, Надина, Мародеҳои,

**КОТ** — шаҳрест куҳандизе ва ободоние нест ва масҷиди ҷомеъ бар паси пушти куҳандиз аст ва сарои Хоразмшоҳ наздики масҷиди ҷомеъ.

Аввали ҳадди Хоразм аз Тоҳирист бар ду манзили Очулушшат ва мекашад иморат то дарё. Ҷониби дигар иморат нест то деҳи Ғоробхаша. Пас аз он ҷо то Хоразм ободон аст. Ва пеши Ғоронҷаша (22) ба шаш фарсанг ҷўйгоҳи Хоразм аст ва бар он ҷўй иморат аст то шаҳр. Ва аз Ҳазорасф боз ҷўйҳост, ки аз Ҷайҳун мехезад, чунонки киштӣ биравад. Ҷайҳун дар зимистон меафсурад, чунонки мардум ва чаҳорпоён мегузаранд. Дар миёни дарёи Хоразм кўҳест, ки онро Ҷағроқ мегўянд ва яхоб он ҷо мегиранд, то тобистон ба кор баранд.

PDF Compressor Free Version

Гирдогирди дарёи Хоразм сад фарсанг аст ва оби он шўр ва Ҷайҳуну Сайҳуну Шош он ҷо мерасанд ва ҳеҷ зиёдат намешавад ва об хушк намегардад. Мегўянд, миёни ин дарё ва дарёи Хазар шикофе дар замин аст, ки ҳар ду ба ҳам мепайванданд. Ва миёни ҳар ду бист манзил бошад бар ростӣ.

**ҶУРҶОНИЯ** — шаҳрест бузург, бо неъмат ва фарохӣ, мева бисёр, илло ҷавз. Аз он ҷо ҷомаҳои ресмонӣ ва абрешимӣ мебофанд, ки ба ҷойҳо мебаранд. Бештари мардуми сокини Хоразм ғурабоанд ва ба Хуросон камтар шаҳре бошад, ки бад-он ҷо қавме аз Хоразм дар он ҷо муқим набошад. Ва забони аҳли Хоразм ҷудогона аст. Пўшиши эшон — қабо ва кулоҳ.

Ва дар Хоразм ҳеҷ кони зару сим ва ҷавоҳир нест. Бештари тиҷорати эшон ба Туркистон аст. Ва барда, ки он ҷо оранд, аз Хазару Сақолия бошад. Фанаку самуру рўбоҳ ва амсоли он ҳам аз Хазар ва Бартос ва он атрофанд.

**БУХОРО** — шаҳрест дар замини ҳомун ва биноҳои эшон аз чўб. Гирдогирди он шаҳр кўшкҳо ва бўстонҳо ва маҳалҳо ва деҳоти ба ҳам пайваста, чунонки дарозии он дувоздаҳ фарсанг бошад дар дувоздаҳ фарсанг. Ва деворе ба қасабаи он кашида ва он чӣ ёд кардем, чунончӣ дар он ҳеҷ харобӣ ва биёбоне нест. Ба қасаба ҷудогона девори дигар кашидааст. Миқдори фарсанге дар фарсанге ва дар он ҷо куҳандизе. Ҷои подшоҳони Хуросон аз Оли Сомон дар ин куҳандиз будааст. Ва куҳандизро рабазе маҳкам ва масҷиди ҷомеъ бар дари куҳандиз дар шаҳр бар бозорҳо (?).

Дар ҳама Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳеҷ шаҳр анбўҳтар аз мардум ва иморат чун Бухоро набошад. Оби он аз ҷўи Суғд аст ва дар миёни шаҳр меравад ва он чӣ аз зиёъ ва асбоб ва осиёҳо ва зироатҳо боқӣ мемонад, аз Байканд ба Каволӣ, ки онро Сомаҷос мегўянд, мерасад.

Шаҳрро ҳафт дар аст: якеро Дари Шаҳристон гўянд, дуввумро Дари Нав, сеюмро Дари Ҳафра, дари чаҳорумро Дари Оҳанин, панҷумро Дари Қуҳандиз, шашумро Дари Бани Асад ва ҳафтумро Дари Бани Саъд. Қуҳандизро ду дар аст: якеро Дари Регистон гўянд ва дигареро Дари Мас-

PDF Compressor Free Version


ҷиди ҷомеъ. Ва рабази берунро дарҳост: Дари Майдон, Дари Иброҳим, Дари Рабуд, Дари Марви Қамиша, Дари Калобод, Дари Самарқанд, Дари Навбаҳор, Дари Лафоскун, Дари Ромина, Дари Пули Бозорча, Дари Форҷак, Дари Дарвоҷа, Дари Кӯи Муғон. Ва дар дарвозаи Самарқанд андаруне ва дар қуҳандиз об равон нест аз баландии ҷой. Даруни рабаз ҷӯйҳост, бисёре аз ҷӯйҳои бузург шикофта, ба рустоҳо ва асбоб ва зиёъ меравад. Биноҳои деҳоти Бухоро ҷойҳои баланд аст, устувор карда ба қундузҳо ва бунёдҳои маҳкам. Дар андаруни ҳоит ҳеҷ кӯҳ ва биёбон нест. Ва наздиктар кӯҳо ба Бухоро кӯҳи Варка аст. Сангҳои шаҳр ба ҷиҳати бунёди фарши замин аз ин кӯҳ бошад. Ва гили кӯзаҳо ва сабӯйҳо ва дигар хапурҳо созанд ва оҳак ва гаҷ аз он ҷо оранд. Ҳезум аз боғҳо ва бӯстонҳо баранд ва газуйи аз биёбон оранд. Намаксарҳо беруни ҳоит бошад.

Ва заминҳои Бухоро ба об наздик аст, бад-ин сабаб дарахтони беховари баланд чун чанор ва ҷавз ва амсоли он набошад. Ва меваҳои Бухоро хуштар ва созвортар, дурусттар аз меваҳои Мовароуннаҳр бошад. Заминҳои Бухоро чунон барӯманд бувад, ки агар касе чизе дар замин бикорад ва иморат кунад, дахли ӯ бо харҷ баробар кунад ва маоши ӯ аз он ҳосил ояд. Аммо аз бисёрии мардум аз дигар вилоёти Мовароуннаҳр таом ба шаҳр нақл мекунанд.

Ва ин кӯҳе, ки дунболи ӯ бувад, ки кашидааст, кӯҳест миёни Кеш ва Нахшаб ва Самарқанд мекашад, то кӯҳҳои Буттам ва бар Усрушана мегардад, аз паҳлӯи Фарғона ва меравад то ноҳияти Сулҳӣ ва Тароз, пас мекашад то охири Чин. Конҳо, ки ба Усрушана ва Элоқ ва Сулҳӣ то замини Хирхиз аст ва дар асл ин кӯҳ ва он чӣ аз кӯҳҳо бад-ӯ пайвастааст, навшодир ва зок ва оҳан ва симоб ва сурб ва зар ва ҷазъ ва нафт ва қиру зафт ва фирӯза ва меваҳое, ки мубоҳ аст ва сифати он карда шудааст, дар ин кӯҳҳост. Баъзе бар сари кӯҳ ва бархе дар домани кӯҳ.

Дар ин кӯҳ ба ноҳияти Буттам чашмаҳост ва обҳо, ки дар тобистон, дар вақти гармо меафсурад, то чун сутуне мешавад ва боз пора мешавад ва дар зимистон об гарм ме-

PDF Compressor Free Version


шавад. Зимистон чаҳорпоёнро ба ҷиҳати хушии ҳаво он ҷо мебаранд.

Бухороро шаҳрҳост, баъзе дар андаруни ҳоит, ки гуфтаем ва баъзе берун. Он чӣ дар андарун аст: Тавовис, Намиҷкат, Зандана, Муғакон, Ҳиҷода ва амсоли он. Ва беруни ҳоит — Байканд, Фараб, Кармина, Ҳадиамкат, Харғонкат, Малёмиҷкат.

**ТАВОВИС** — шаҳрест бозоракӣ, дар сол вақте муайян аз ақтор ва офоқи Мовароуннаҳр ҷамъе азим бад-он ҷо оянд ва хариду фурӯхти бисёр кунанд. Ва аз он ҷо ҷомаҳои ресмонӣ ба мавозеъи дигар баранд. Ва он шаҳрест бо бӯстонҳои бисёр ва обҳои равон ва неъмати фаровон ва онро қуҳандизе ва масҷиди ҷомеъ — дар шаҳр.

Аммо шаҳрҳои беруни ҳоит дар иморат ва бузургӣ ба якдигар наздиканд ва ҳар якеро қуҳандизе ва рабазе аст.

**КАРМИНА** — бузургтар аз Тавовис аст ва маъмуртар ва мардум бештар ва ба неъмат фарохтар. Онро иморат ва деҳот ва мазоре бисёр аст.

**БАЙКАНД** — танҳост ва онро деҳҳо нест, аммо работҳост бад-он мутааллиқ. Ва дар ҳама Мовароуннаҳр ҳеҷ мавзеъ нест, ки чандон работ дорад, ки он. Муаллифи китоб гӯяд: чунин шунидам, ки адади работҳои он ҳазор бошад. Ва ин Байкандро бора устувор аст. Ва масҷиди одина бағоят мутакаллиф ва меҳробе ороста, чунонки дар Мовароуннаҳр хубтар аз он нест.

Забони аҳли Бухоро забони суғд аст, магар андаке, ки аз он бигардад ва забони эшон дарӣ аст. Мардумони Бухоро дар адаб ва фазл беҳтар аз ҷойҳои дигаранд ба Мовароуннаҳр. Нақдҳои он дирам аст ва ба зар хариду фурӯхт камтар кунанд ва дирамро эшон ғитрифӣ хонанд ва он симе аст аз оҳан ва рӯй ва мис ва сурб. Ва ин сим ҷуз дар амали Бухоро равон набошад.

Ҷомаҳои эшон бештар қабо ва кулоҳ аст ва аз он ҷо ва навоҳии он ҷомаҳои ресмонӣ аст, ки ба ҳама Ироқу Хуросон ва дигар мамолик мебаранд ва бисотҳо ва мусаллоҳо

PDF Compressor Free Version



ва ҷомаҳои пашм ва ғайри он мебофанд ва ба ҷойҳо нақл мекунанд.

Муаллифи китоб гӯяд: ҳикоят карданд маро мардумони Бухоро, ки аз баракоти қалъаи Бухоро яке он аст, ки ҳаргиз тобути ҳеҷ волӣ аз он ҷо берун набурдаанд ва дигар он ки дар он ҷо ҳеҷ аламе рост накунанд ва набанданд, ки аз он ҷо баробари хасм баранд, илло, ки хасм ба ҳазимат шавад.

**ҲИҶОД** — бар дасти рости раванда аст, аз Бухоро ба Байканд бар се фарсангии шаҳр. Ва миёни он ва роҳ—як фарсанг масофат.

**МУҒАКОН** — аз шаҳр бар панҷфарсангӣ бошад, бар дасти рости роҳи Байканд ва миёни он ва роҳ—се фарсанг.

**ЗАНДАНА** — бар чаҳор фарсангии шаҳр бошад бар ҷониби шимол. Ва шаҳри Бумиҷкат бар дасти чапи раванда бошад, ба Тавовис бар чаҳор фарсангии шаҳр ва миёни он ва роҳ ним фарсангвор.

**КАРМИНА** — то Ҳаднамкат як фарсанг дар ҷониби Суғд ва миёни Ҳаднамкат ва роҳи Самарқанд бондоре (?) аз дасти чапи раванда ба Самарқанд.

**МАЗМОМИҶКАТ (23)** — аз паси рӯди Суғд аст баландтар аз Ҳаднамкат ба миқдори як фарсанг. Харғонкат баробари Кармина аст бар фарсанге аз паси рӯд. Баъзе даъво мекунанд, ки Бухоро ва Кеш ва Нахшаб аз ҷумлаи Суғд аст, валекин мо Бухороро муфрад гардонидем.

Қасабаи Суғд Самарқанд аст. Шаҳре бар ҷониби ҷануби рӯди Суғд бар баландии рӯд ва онро шаҳристонест ва куҳандизе ва рабазе дигар дорад. Аммо куҳандиз ҷои саройи аморат аст. Шаҳристон ҳисорест маҳкам ва онро чаҳор дар. Ҷониби машриқро Дари Чин гӯянд ва ҷониби мағрибро Дари Навбаҳор, ҷониби шимолро Дари Бухоро ва ҷониби ҷанубро Дари Кеш. Шаҳристонро бозорҳост ва масҷиди ҷомеъ дар он ҷост, зери куҳандиз. Ва миёни масҷид ва куҳандиз фарохе роҳ аст ва об ба шаҳристон меравад аз ҷӯи арзиз (24). Ва ин ҷӯйро баланд кардаанд аз санг ва аз рӯйи фурӯшон об меравад то ба дарвозаи Кеш. Ва ҷумла рӯйи

PDF Compressor Free Version


ин ҷӯй арзиз аст. Гирдогирди шаҳристон хандақе аст давр ва ба ҷиҳати имморати шаҳристон аз он ҷо хок бароварда анд. Ва давр фурӯ бурда ва хостаанд, ки об дар он ҷо баранд, ин шакл сохтаанд ва аз арзиз пӯшида. Ин ҷӯй қадим аст дар миёни бозори Самарқанд дар ҷойе, ки онро Сари Тоқ хонанд ва ободонтари шаҳри Самарқанд он ҷо бошад. Ва бар ҳар ду ҷониби ин ҷӯй мустағаллот сохтаанд ва ба ҷиҳати иморат ва масолеҳи дигарон ҷӯй бар он ҷо вақф карда.

Оли Сомонро ҷудо аз қуҳандиз дар шаҳристон сароҳои маҳкам будааст. Ва Шаҳристон аз рабази шаҳр бар як ҷониби ӯст, наздики рӯди Суғд. Ва борои рабаз аз рӯди Суғд мекашад ба ҷойгоҳе, ки онро Афса гӯянд, бар Дари Кӯҳак ва тавф мекунанд, бар Дари Фанак то Дари Девар, дар паси Дари Фараҳсак, пас мекашад бар водӣ. Водӣ рабазро ҳамчун хандақ аст, аз он ҷӣ ба ҷониби шимол аст. Ва ин бораги муҳит аст ба рабаз, ду фарсанг бошад дар ду фарсанг. Ва ҷойи бузургтари он ва анбӯҳтар бозори Сари Тоқ аст. Пас бозорҳо ва маҳаллаҳо ва кӯйҳо бад-ӯ мепайвандад ва дар миёни он бӯстонҳост ва кӯшкҳо. Ва ҳеҷ кӯй набошад, ки дар он ҷо оби равон набошад.

Самарқанд фурзаи Мовароуннаҳр аст ва маҷмаъи бозаргонон. Ва ҳама матоъҳо бад-он ҷо оранд ва аз он ҷо ба шаҳрҳо баранд. Чун бар қуҳандизравӣ ва хоҳӣ то маҳаллаҳо ва иморатҳои шаҳр беҳ бубинӣ, аз бисёрии боғҳо ва дарахтони ба ҳамдаршуда, чашм дар ҷойи дигар ба ҷуз сабза наяфтад.

Ва пеш аз ин саройи амморат дар Самарқанд будааст. Амир Исмоили Сомонӣ ба Бухоро овардааст.

Рабази берунро дарҳост, чун Дари Ғадовад, Дари Росасик, Дари Сари Ҳусайн, Дари Афса, Дари Кӯҳак, Дари Варсин, Дари Ревад (25), Дари Фараҳсак.

Муаллиф мегӯяд: Дидам бар даре бузург лавҳе оҳанин, бар он ҷо китобае навишта ба забони ҳимярӣ (25а). Ва ҷамоате ба мерос он забон гирифта буданд. Гуфтанд навиштааст, ки: Самарқанд аз биноси Туббаъ аст ва навиштаанд, ки аз Санъои Яман то Самарқанд ҳазор фарсанг роҳ аст.

PDF Compressor Free Version

Ва дар рӯзгори фитна мақоми ман ба Самарқанд афтод ва он дарро бисӯхтанд ва китоба ботил шуд. Ва он дарро бори дигар Абулмузаффар Муҳаммад ибни Луқмон ибни Наср ибни Аҳмад тоза кард аз оҳан, аммо он китоба набуд (26).

Хоки Самарқанд хуштарини хокҳост ва тандурусттар. Ва биноҳои эшон аз хишту чӯб. Мардумони он оҳиставу ҳалиму ва боҷамолу зирак ва бомурувввату ҷавонмард. Ва ҷои ҷамъ омадани бардагони Мовароуннаҳр. Беҳтарини бардагон парвардаи Самарқанд бошанд.

Кӯҳҳои бузург бар як манзилӣ бошад, магар Кӯҳак то борааи Самарқанд мекашад. Ва сангҳои шаҳр ва гиле, ки кӯзаҳо ва амсоли он месозанд ва оҳак ва гаҷ ва гавҳари обгина ва ғайри он аз он ҷост. Ва дар он кӯҳ зару нуқра ҳаст, аммо кор намекунанд. Ҷумла маҳаллаҳо ва кӯҳҳои Самарқанд сангандохта аст, магар андаке. Обҳои эшон аз рӯди Суғд аст. Ин рӯд аз кӯҳҳои Буттам меояд, бар пушти вилояти Чағониён ва ҷамъ мешавад монанди дарёи хурд. Ва гирдогирди он деҳҳост ва он ноҳиятро Барғу мехонанд ва миёни кӯҳҳо ҷамъ мешавад то Бинҷкат, пас мерасад ба ҷойгоҳ, ки онро Ғир хонанд ва аз он ҷо ҷӯйҳои Самарқанд бармехезад ва шикофта мешавад ва аз ин ҷӯйҳо баъзе чунон бошад, ки киштӣ битавонад рафт.

Нақдҳои Самарқанд дирамҳои исмоилӣ аст ва динору нақдҳои дигар аст, ки онро муҳаммадӣ гӯянд, аз оҳан ва мис ва нуқра сохтаанд ва дар амали Самарқанд равон бошад.

**ИШТИҶАН (27)** — шаҳрест ҷудогона аз Самарқанд ва онро рустоҳо ва деҳот ва боғҳои бисёр, неъматҳои фаровон ва зироат ва иморат ва ҷӯйҳои об ва онро шаҳристоне ва рабазе.

**КУШОНИЯ** — ободонтари шаҳрҳои Суғд аст. Ва Кушонӣ ва Иштиҷан ҳар ду дар бузургӣ наздик бошанд ба ҳам. Аммо қасабаи Кушонӣ деҳҳои маъмуртар аст ва рустои Иштиҷан бештар аст, зеро ки ҳадди Иштиҷан панҷ марҳала бошад дар як марҳала. Ва ҳадди Кушонӣ як марҳала. Ҳар ду дар ҷониби шимоли Суғд аст.

PDF Compressor Free Version

**ДАБУСИЯ** ва **АРБИНҶАН** — дар ҷониби ҷануби рӯд аст, бар рости роҳи Хуросон. Арбинҷан шаҳрест бузургтар ва маъмуртар аз Дабусия аст ва рустоҳои он бештар.

Қалби шаҳрҳои Суғд Кушонӣ аст, ки тавонгартарин аҳлҳои Суғданд.

**КЕШ** — шаҳрест онро куҳандизе ва шаҳристоне ва рабазе ва шаҳрҳои дигар пайваста. Аммо шаҳри андарун ва куҳандиз хароб аст ва шаҳри берун ободон. Ва сарои аморат дар шаҳри берун аст, ба мавзеъе Намозгоҳ гӯянд. Ва масҷиди ҷомеъ дар шаҳри андаруни хароб ва бозорҳо ва рабази берун. Ва он шаҳрест миқдори сулси фарсанг дар ара монанди он, биноҳои он аз гил ва чӯб. Ва шаҳре фарох ва бонеъмат аст ва гармсер, чунонки дар он ҷо меваҳо зудтар ва пештар аз ҷумлаи Мовароуннаҳр расад. Вабонок бошад ба ҷиҳати он, ки бештари мавозеъи он дар ғавр афтодааст. Ва шаҳри андарунро чаҳор дар аст: Дари Оҳанин, Дари Абдуллоҳ, Дари Қассобон, Дари Шаҳристони андарун. Шаҳри берунро ду дар аст: Дари Берун, Дари Туркнон. Ва ин Туркнонро деҳест, ки он дарро бад-он боз мехонанд.

Шаҳрро ду ҷӯй аст: якеро ҷӯи Гозурон гӯянд, аз кӯҳи Бушом (28) берун меояд, бар ҷониби ҷануби шаҳр меравад. Ва дигарро ҷӯи Асруд, аз рустои Канакрӯ берун меояд ва бар ҷониби шимоли шаҳр мегузарад ва ҳар ду ҷӯй бар дари шаҳр мераванд. Ва рустоҳоро ҷӯйҳост, чун Маҳсохурд ва ҷӯи Хушкрӯд ва ҷӯи Баҳроирӯд бар ҳашт фарсангии шаҳр бар роҳи Балх. Ва боқии обҳо ба рӯди Насаф меравад. Ва дар рабази бештари саройҳо оби равон бошад.

Аъмоли Кешро масофат чаҳоррӯза бошад дар чаҳордаҳ рӯз, онро шаҳрҳо ва деҳоти дигар ҳаст. Аз онҳо намак мехезад, монанди санг дар сахтӣ ва ба ҳама офоқ мебаранд. Меваҳои бисёр дорад. Ва дар кӯҳҳои он хошок бисёр аст ва тарангубин низ бошад.

**НАХШАБ** — шаҳрест ободон ва онро куҳандизе хароб. Рабазро чаҳор дар: якеро Дари Бухоро гӯянд, якеро Дари Самарқанд, якеро Дари Кеш ва якеро Дари Ғавездаш. Ва он бар роҳи Бухоро ва Балх ва бар замини ҳомун ва кӯҳ дар он — бар даври манзиле бар наздикии Кеш. Миёни шаҳр

PDF Compressor Free Version

ва Ҷайҳун биёбон аст ва миёни он кӯҳ нест. Ва онро ҷӯест дар миёни шаҳр меравад ва мавзеъе аст, ки обҳо дар он ҷо ҷамъ меояд ва аз он ҷо он ҷӯй мехезад ва ба зироат ва деҳот меравад. Саройи аморат бар канори ҷӯест, ки онро Сари Пул хонанд. Масҷиди ҷомеъ наздики Дари Ғаведаш аст ва бозорҳо — миёни саройи аморату масҷиди ҷомеъ. Бештари деҳоти он беоб аст, аз оби борон зироат мекунанд. Ва дар ҳама Нахшабу рустоҳо рӯде ва ҷӯйе ба ҷуз ин як ҷӯй нест ва дар баъзе аз авқоти сол ҳам кам мешавад. Ва чоҳҳоест эшонро, ки боғҳо ва фолизҳо аз он ҷо об медиҳанд.

**УСРУШАНА** — номи вилояте аст ва бештари он вилоят кӯҳҳост ва гирдогирди он аз ҷониби машриқ баъзе аз Фарғона аст. Ва аз ҷониби мағриб — ҳудуди Самарқанд. Ва аз ҷониби шимол Шош ва баъзе Фарғона. Ва аз ҷониби ҷануб аз ҳудуди Кеш ва Чағониён ва Шумон. Ва шаҳри бузургтари онро ба забони Усрушана Лутҳакат (29) хонанд. Ва онро шаҳрҳои дигар аст чун Арсоманкат, Куркат, Урфат, Фаъкат, Собот, Зомин, Даркат, Луҳкат, Харқона. Саройи аморат дар Лутҳакат бошад ва он шаҳрест, ки дар он ҷо даҳ ҳазор мард зиёдат бошад. Биноҳои он аз гил ва чӯб. Ва онро шаҳристоне ва бора ва рабазе дигар. Бораи шаҳристонро ду дар аст: якеро Дари Боло гӯянд ва дигареро Дари шаҳристон. Масҷиди ҷомеъ дар шаҳристон аст, куҳандиз ва саройи аморат дар рабаз. Чаҳорсӯи Амир ва масҷид беруни куҳандиз ва бозорҳо дар шаҳри андарунӣ. Ҷӯи бузург дар шаҳри андарунӣ меравад ва бар он ҷо осиёест. Ва ҳисори рабаз ним фарсанг бошад ва онро хандақ аст ва чаҳор дар: Дари Амир, Дари Сарсманд (30), Дари Луҳкат, Дари Кулҳор.

Ин шаҳрро ҷӯйҳост. Он чӣ дар шаҳр меравад, Сорӣ гӯянд, дигарро Беруи, (дигарро) Римоҳан, дигар Саласкаҳӣ, дигар Даръӣ, дигар Масахкӣ (31). Ва ҷумлаи ҷӯйҳо аз як чашма беруи меояд ва миқдори даҳ осиёвор бошад.

Ва наздик бад-ин шаҳр дар бузургӣ — **ЗОМИН**. Ва он бар роҳи Фарғона аст ва Сугд. Ва онро шаҳрест ва ин мавзеъ қадимӣ ва хароб шудааст. Акнун бозорҳо ва масҷиди ҷомеъ ва ҷои нишаст ва сукуни мардумон шудааст. Ва ин

мавзеъи навро бора нест. Манзили гузарандагон аст аз Суғд ба Фарғона. Онро оби равон аст ва бўстонҳо ва разҳои бисёр ва зироат ва иморати тамом.

**ДИЗАК** — шаҳрест дар замини нарм ва бад-он ҷо дарбанд нигоҳ медоранд. Ва дар он ҷо работҳо ва саройҳои бисёр аст гузарандагонро. Бузургтар работе Ҳадсер (32) бошад аз он ҷо бар ду фарсанг. Ва ин работе аст машҳуртар аз работҳои Мовароуннаҳр. Ва онро Афшин сохтааст ва наздиктар работе ба душман он аст. Дар миёни работ чашмаи об аст. Ва Дизакро оби равон аст, бўстонҳо ва иморат ва зироат ва фароҳии неъмат бағоят.

Ва дигар шаҳрҳо дар бузургӣ ва боғу бўстон ба якдигар наздик бошад, беруни Васманда, ки он шаҳрест, аз кўҳ бо оби борон, аммо боғу бўстон надорад. Харқона ва Зомин ва Собот бар роҳи Фарғона аст бо Шош ва онро деҳҳост бо мардум ва бештар бо касонанд.

**БУТТАМ** — ҳисорест нек маҳкам ва дар он ҷо кони зару нуқра ва нурок ва навшодир аст. Ва ин навшодирро маъдан ғорест дар кўҳ. Ва онро монанди хона сохтаанд ва даре ниҳодаанд. Ва ҳаволии он устувор карда ва аз чашмаи он бухоре бармехезад, ки ба рўз монанди дуд аст ва ба шаб монанди оташ. Ва аз он бухор навшодир мешавад, ки ба ҳама офоқ мебаранд. Ва аз ғояти гармӣ ҳеҷ кас дар он хона натавонад рафтан, ки бим бошад, ки бисўзад, магар хешро дар намаде тар бипечад ва ногоҳ хешро дар он ҷо меафканад. Ва он чӣ метавонанд, мерабоянд ва берун мешаванд.

Ҷои Буттам кўҳҳост аввал мехонанд ва миёна ва андарун. Оби Суғду Самарқанд ва Бухоро аз Буттами миёна беруи меояд, аз ҷойгоҳе, ки онро Дай мегўянд ва сӣ фарсанг зиёдат меравад то Бурғар ва меомезад ба ҷўи Самарқанд ва Чағониён.

Аммо **ШОШ** ва **ЭЛОҚ** — миқдори масофати вилояти он як рўз роҳ бошад дар се рўз. Дар ҷумлаи Мовароуннаҳр бар ин миқдор масоҳат ҳеҷ вилоят нест маъмуртар ва ободонтар ва деҳот бештар аз он.

**ШОШ** — дар замини нарм аст ва дар ҷумла иморат, ки

PDF Compressor Free Version

пайваста ба якдигар аст, ҳеҷ кӯҳ ва замини баланд нест. Бузургтар сағре дар рӯи туркон он аст. Биноҳои эшон ва саройҳо аз гил аст, кушода ва фарох. Ва дар ҷумлаи саройҳои эшон об равон бошад ва сабзӣ. Ва ҷумла Шош аз хуштарин билоди Мовароуннаҳр аст ва қасабаи онро Найкас (33) гӯянд. Ва онро шаҳрҳои дигар аст: Алсакат, Дифъонак, (34), Ҳасокак, Карок, Каласхад, Урфанак, Ғарак, Эрук, Саломкас, Ҳарсак, Санфаъровод, Диломкат, Ҳадаскат, Лаъбак, Паркӯс, Ҳоирмакат, Ҷанқавмакат, Фарак, Акрок ва Аблиҷ.

Шаҳрҳои ЭЛОҚ—қасабаи онро Лумкат (35) хонанд. Ва шаҳрҳои дигар: Сакок, Болҳасос, Лумкат, Аломоқ, Артанҷ, Малухалҷ, Байт, Ҳамрал, Сакат, Кӯҳисим, Ҳакат, Ҳош, Ҳарҷомкат.

Аммо Найкас, ки қасабаи Шош бошад, куҳандиз аст ва шаҳристоне. Шаҳрро рабазе ва деворе дигар аст ва беруни ин рабази дигар Боғҳо ва бӯстонҳо дар омада. Қуҳандизро ду дар аст: яке бар рабаз ва дигарро ба шаҳристон. Ва шаҳри андарунро се дар аст: Дари Абулаббос, Дари Кеш, Дари Нав. Ва рабази аввалро̄ дарҳост: Дари Работи Муҳаммадӣ, Дари Нави Андарунӣ, Дари Амир, Дари Фархон, Дари Сукра, Дари Карёнаҳ, Дари Кӯйи Саҳл, Дари Рошид, Дари Кӯйи Хоқон, Дари Кӯшки Деҳқон.

Рабази берунро дарҳост: Дари Мадеҳкат, Дари Ҳомкат, Дари Сакарков, Дари Нав, Дари Токарди Бахлоф, Дари Сакрак, Дари Лаърмод. Ва саройи аморат дар қуҳандиз аст ва масҷиди ҷомеъ дар ҳоити куҳандиз. Дар шаҳристони андарунӣ баъзе бозорҳо. Ва баъзе бозорҳои дигар ва мулки бештар дар рабази дувум. Дарозии шаҳр аз бораи Сим то тамомати фарохии он микдори як фарсанг бошад. Дар шаҳристони андарунӣ ва ҳар ду рабаз обҳост ва бӯстонҳо ва биноҳои бисёр ва обҳои равон.

Аз кӯҳи Ласомалаъ низ ҳоите кардаанд то рӯди Шош, то туркон дар он ҷо натавонанд омад ва ин бино Абдуллоҳ ибни Ҳамид сохтааст (36). Чун аз ин бигзарӣ, деворест як фарсанг ва бар вай хандақе аст аз кӯҳ то рӯди Шош.

Ва Шошро ҷӯи дигар аст маъруф ба Сайрак. Баъзе аз он аз Сакоду меояд ва баъзе аз Ҷадди Алӣ.

Ва ҷои беруни омадани ҳар ду об аз замини Турки Чигил аст. Ва Элокро ҷӯест маъруф ба Ҷӯи Элоқ, ҳам аз ҳадди Турк меояд ва ҳар чӣ аз эшон зиёдат меояд, дар ҷӯи Шош меафтад. Қасабаи Элокро, ки Лумкат мегӯянд, куҳандизест, ва шаҳре ва рабазе. Ва он кимаи Найкас бошад. Саройи аморат дар қуҳандиз аст ва масҷиди ҷомеъ наздики қуҳандиз. Бозорҳо дар шаҳр ва дар рабаз ва обҳои равон. Шош ва Элоқ ҳама ба якдигар пайвастааст ва миёни эшон ҳеҷ ҷудой нест. Бӯстонҳо ва боғҳо ва иморатҳо ба якдигар даршуда. Ва ба Элоқ кони зару нукра аст ва пушти ин кӯҳ ба ҳудуди Фарғона мерасад. Ва боқӣ шаҳрҳои Шош дар бузургӣ ва миқдор ба ҳам наздик бошад. Дар ҷумла Мовароуннаҳр ҳеҷ ҷой саройи раз нест магар ба Самарқанд.

**ИСПИҶОБ** — онро қуҳандизест ва шаҳристоне ва рабази дигар. Аммо қуҳандиз хароб аст ва шаҳристону рабази дигар ободон. Ҳар дуро бора аст ва андоза миқдори фарсанге. Дар рабази он обу бӯстон аст ва биноҳои он аз гил, миёни он ва миёни кӯҳ се фарсанг масофат бошад. Шаҳристонро чаҳор дар аст: Дари Навиҷкат, Дари Фархон, Дари Сари Карона, Дари Бухоро. Бозорҳои эшон дар шаҳристон ва рабаз. Саройи аморату масҷиди ҷомеъ дар андаруни шаҳристон. Ва он шаҳрест дар ғояти неъмат ва фарохӣ ва дар ҷумлаи Хуросон ва Мовароуннаҳр ҳеҷ шаҳр намедонам бе хироҷ, магар Испиҷоб. Шаҳрҳои навоҳӣ ин аст: Мадуҳкат, Саноскат, Тароз, Малаҳ, Сулҳӣ, Кур, Совғар, Саброн, Ҳеҳ. Аммо Сомкат қасабаи Хуҷандро гӯянд, Поркур —қасабаи Пороб. Ва Васиҷ ва Сумоҳ аз шаҳрҳои Пороб аст.

**САБРОН** — шаҳрест, ки чун ғузон ба сулҳ бошанд, бад-он ҷо ҷамъ шаванд ва хариду фурӯхт ва бозоргонӣ кунанд ва он мавзеъе ободон аст ва бонеъмат.

**ПОРОБ** — номи вилоятест ва миқдори он дар тӯлу арз якест ва якрӯза роҳ бошад. Ва ҷои устувор ва мардумоне

PDF Compressor Free Version


далер. Ва он дар замини шӯра аст ва онро бешаҳо ва мазраъҳо ва иморат ва зироат бисёр. Ва он дар ҷониби ғарби ҷӯи Шош аст.

**САТКИД** — бар ҷӯи Шош аст ва ҷои ҷамъ омадани туркон аст аз навоҳии парокапда. Аз Ғузон ва Харлухон омадаанд ва он ҷо муқим шудаанд ва бештар хиргоҳнишин бошанд.

**ТАРОЗ**— ҷои бозоргонист миёни мусалмонон ва туркон. Ва дар гирдогирди он ҳисорест мансуб бад-он. Ва ҷуи аз он ҷо бигзарӣ, билоди ислом нест. Хиргоҳҳо ва чорохӯри харлухон бошад. Пас он чӣ зикр карда шуд, ҳадди Шош ва навоҳии он буд.

Аммо **ХУҶАНД** — наздик аст ба Фарғона ва аз амали Фарғона нест ва аъмоли он ҷудогона аст, аммо дар ҷумлаи Фарғона овардем. Ва он шаҳрест бар ҷӯи Шош, дар ҷониби ғарбии он. Ва дарозии шаҳр бештар аз арзи он бошад. Ва дарозӣ мекашад як фарсанг. Ҷумла саройҳо ва боғҳо ва бӯстонҳо. Дар амали он ҳеҷ шаҳри дигар нест, магар **КАНД**.

Ва ин Хуҷандро шаҳристон ва куҳандиз аст ва масҷиди ҷомеъ дар шаҳр ва саройи аморат дар майдон. Ва он шаҳрест дар ғояти хушӣ ва покӣ ва бад-он ҷо меваҳои фаровон, чунончи аз эшон зиёдат меоянд ва ба навоҳии дигар мебаранд. Мардумони эшон баҷамол ва хубӣ ва муъошир ва бо муруввати тамом. Аммо навоҳии он фарох нест ва зироат зиёдат надорад ва ғаллаи эшон андак аст ва ба харҷи эшон вафо намекунад ва аз навоҳии дигар аз Усрушана ва Фарғона бад-он ҷо меоваранд. Ва (ба) ҷӯи Шош киштиҳо бад-он ҷо меоянд.

**ҶӮИ ШОШ** — ҷӯи бузург аст, асли он аз билоди Турк беруи меояд дар ҳадди Ӯзканд. Пас ҷамъ мешавад бо ӯ ҷӯйи Хиёб ва ҷӯи Ӯш ва Қубо ва ҷӯи Ҷадди Алӣ ва ғайри он, бузург мешавад бар Ҳаскат, пас бар Хуҷанд, пас бар Набокат, пас бар Шиканд, пас Пороб ва Саброн.

Чун аз он ҷо мегузарад, бар биёбоне мегузарад то Деҳнав. Чун ин ҷӯй ба вақти обхез зиёдат шавад, чаҳор донги Ҷайҳун бошад. Ва бар ин ҷӯй неъматҳо аз ҷониби боло

бад'ин Деҳнав меоранд ба вақте ки сулҳ бошад. Дар ин Деҳнав мусалмононанд ва дорулмулки ғузон аст. Ва подшоҳи ғузон дар зимистон бадон ҷо муқим бошад. Ба наздики он сидқи ҷавор аст ва дар он ҷо ҳам мусалмононанд, аммо ҳаким (?) ғузонрост. Бузургтари ҷойҳои он Деҳнав аст. Аз он ҷо то Хоразм даҳ манзил бошад ва то Пороб бист манзил.

**ФАРҒОНА** — номи вилоятест нек, паҳн ва бузург ва онро шаҳрҳо ва қасабаҳо ва деҳаҳои бисёр, маъмур ва боneъмат. Ва қасабаи он Ахсикат. Ва он шаҳрест дар канори ҷўйи Шош бар замини рости ҳамвор ва миёни он ва кўҳҳо фарсанге бошад, бар ҷониби дасти рост—рўд. Бозорҳои он дар шаҳр ва рабаз бошад. Миқдори он дар бузургӣ даҳ донги фарсахе бувад. Биноҳои он аз гил бошад.

Бар рабази он низ бораест, ки дар шаҳри андарунро дарҳост: аввал Дари Кин, дувум Дари Марқаша, сеюм Дари Кошон, чаҳорум Дари Масҷиди Ҷомеъ, панҷум Дари Роҳоба, шашум Дари Рабаз. Дигар обҳои равон ва ҳавзҳо фаровон аст ва (ба) ҳар даре аз дарҳои рабаз мерасад. Боғҳо ва бўстонҳо ба ҳам муттасил ва обҳои равон аз ҳамдигар бурида нашавад то миқдори ду фарсанг. Ва ба муқобили он ҷўйи Шош бигзарӣ, чарогоҳҳо ва марғзорҳо ва алафхорҳо ва регҳост як марҳала.

**ҚУБО** — шаҳрест хуштар аз шаҳрҳои Фарғона ва дар бузургӣ наздики Ахсикат бошад ва онро қуҳандизе ва рабазе аст. Бозорҳо ва саройи аморат дар рабаз бошад ва онро бўстонҳои бисёр, обҳои фаровон, чунонки бўстонҳо ва обҳои он зиёдат бошад аз Ахсикат.

**ЎШ** — дар бузургӣ монанди Қубо бошад. Ва шаҳрест ободон ва онро қуҳандизе маъмур. Саройи аморат дар қуҳандиз ва шаҳрро рабазе. Ва рабазро бора ва он бора муттасил бошад ба кўҳе, ки бар он нигоҳбонони туркон. Онро се дар бошад: аввал Дари Кўҳ, дувум Дари Об, сеюм Дари Муғкада. Ва дари қуҳандиз нек устувор.

**ЎЗКАНД** — охири шаҳрҳои Фарғона аст аз он чӣ наздики дорулҳарб аст. Ва миқдори чаҳор донги Ўш бошад. Ва онро қуҳандизест ва шаҳристоне нек маҳкам ва усту-

PDF Compressor Free Version

вор. Ва онро рабазе дигар ва бозорҳои он дар рабаз. Ва онро обҳои равон ва боғҳо ва бўстонҳо. Ва он шаҳр ҷои бозоргони туркон аст. Дар ҷумлаи Фарғона ҳеҷ мавзеъ нест наздики дорулҳарб, ки онро қуҳандиз ва шаҳристони маҳкам ва олат ва уддати бисёр. Ва обҳои равон нест. Ва дар ҷумлаи Мовароуннаҳр деҳот бузургтар аз Фарғона нест. Ва бисёр деҳ бошад ба Фарғона, ки ҳадди он як манзил бошад аз бисёрии мардумони он, иморат ва зироат ва касрати чаҳорпоёни эшон ва фаровонии марғзорҳо ва алафхорон.

Ва аз ҷумлаи шаҳрҳои Фарғона: Нисои Боло, Нисои Зер, Асира, Буқо, Миёнрўдон, Ҷадди Алӣ (37), Урает, Бист (38) ва Асп (39).

**НИСОИ БОЛО** — аввал шаҳри Фарғона аст, чун аз ноҳияти Хуҷанд дарой. Ва аз шаҳрҳои он Роикат ва Басуҷ ва Хавоканд ва Риштон.

**НИСОИ ЗЕР** — аз шаҳрҳои (он): Мазъинон (40), Риддомис, Барнад, Иштиқон, Андикон. Ва ин ҳар ду шаҳр бар замини нарм ва марғзор аст ва дар миёни он ҳеҷ кўҳ нест.

**АСИРА** — номи замин. Нарм аст ва аз ҷумлаи он Тамкохас ва Бойкохас. Насуҳ шаҳрест ҷудогона дар кўҳҳо ва онро шаст пора деҳ аст. Ўш ва Қубо шаҳр аст ва онро деҳоти бисёр. Косон номи шаҳрест ва онро деҳоти бисёр. Ҷадди Алӣ номи шаҳрест ва номи дигар аз Валомкат. Ва дар он амал ҳеҷ шаҳри дигар нест, ҷуз он. Миёнрўдон номи шаҳрест ва онро деҳоти бисёр ва номи дигари он Хатлом. Ғазвон номи шаҳрест ва онро деҳоти бисёр. Панҷам ва Ўст ва Ўсласанд ва Селод шаҳрҳост ва деҳоти бисёр. Ҳафтдеҳ пеш аз ин турконро будааст, аммо онро мусалмонон фатҳ кардаанд ва дар ислом овардаанд ва он наздик аст ба Ўзканд.

Аз Фарғона чизҳо мехезад, ки дар ҳеҷ (ҷои) Мовароуннаҳр ғайри он нест. Конҳои зару нукра аст ба ноҳияти Буқо ва Ахсикат, симоб мехезад дар кўҳҳои Насўҳ ва ба ноҳияти Нисои Боло чашмаҳои зифт мебошад ва дар кўҳ-

PDF Compressor Free Version

хои Асира нафт ва қазъ ва фирӯза ва оҳан рӯй ва зар ва сурб мехезад.

(Дар) Нисо-ул-Уло санги сиёҳ месузанд ҳамчунон ки ангишт сӯзанд ва аз он се хирвор ба як дирам бошад. Чун сӯхта шавад, хокистари он мегиранд ва бад-он ҷомаҳо мешӯянд ва бағоят сафед ва покиза мешавад, надидаам дар ҳеҷ шаҳр аз шаҳрҳои ислом ва мисли он нашнидаам.

## МАСОФАТҲОИ МОВАРОУННАҲР

Аз Ҷайҳун то ақсои Фарғона ва мавозеъе, ки дар ин иқлим овардаем ва бад-он музоф гардонида.

РОҲ АЗ ҶАЙҲУН ТО ФАРҒОНА: то Байканд як манзил ва аз он ҷо то Бухоро як манзил ва аз Бухоро то Тавовис як манзил ва аз он ҷо то Кармина як манзил ва аз он ҷо то Дабусия як манзили сабук ва аз он ҷо то Арбинҷан як манзили сабук ва аз он ҷо то Румон як манзил ва аз он ҷо то Самарқанд як манзил. Ва аз он ҷо то Аборкат як манзил ва аз он ҷо то работи Суғд як манзил. Дар ин манзил чун аз работи Абӯаҳмад бигзарӣ, роҳи Фарғона ва Шош пароканда шавад. Ва аз работи Суғд то Бурнамад ва аз Бурнамад то Зомин як манзил ва аз он ҷо то Собот як манзил ва аз он ҷо то Ӯзканд як манзил ва аз он ҷо то Совкат як манзил ва аз он ҷо то Хуҷанд ва аз он ҷо то Канда як манзил ва аз он ҷо то Насуҳ як манзил ва аз он ҷо то Риштон як манзил ва аз он ҷо то Ӯзканд як манзилӣ бузург роҳи рост аст. Аз Фараб то Ӯзканд, ки охири Мовароуннахр аст, ин аст.

Ва ҳар кӣ хоҳад, ки аз Хуҷанд ба Ахсикат — қасабаи Фарғона равад, аз Канд биравад. То Хавоканд манзиле аст бузург ва аз Хавоканд ба Ёби (41) Ахсикат як манзил. Ва аз он ҷо ду роҳ шавад: як роҳ дар биёбон ва рег ҳафт фарсанг то Ёби Ахсикат, пас ҷӯи Шош ба абра кунад ва ба Ахсикат расад.

Як роҳи дигар аз ҷӯй бигзарад. То Ёб панҷ фарсанг ва аз Ёб то Ахсикат чаҳор фарсанг. Пас ҷумла масофат аз Фараб (соҳили Ҷайҳун) то Ӯзканд бисту се манзил бувад.

PDF Compressor Free Version

**РОҲИ ШОШ ТО АҚСО БИЛОДИ ИСЛОМ:** Чун аз Аборкат берун шавӣ, то Қатрони Дайра як манзил. Ва роҳи Шош ва Фарғона то работи Оли Аҳмад яке аст. Пас бозгардӣ аз дасти чап ба ҷониби Шош аз работи Абӯаҳмад берун шавӣ, ба Қатрони Дайра фуруд ойӣ Ва агар хоҳӣ, Фарғона ва аз он ҷо то Дарак ва аз он ҷо то Чоҳи Ҳусайн, пас чоҳи Ҳамид, пас Дабилрад, пас Устуркат, пас Сакат, пас работи Болқалос, ки онро Нафрӣ гӯянд, пас Аркард, пас Асичоп, пас Ҳакас. Ва аз Мадаҳкат то Тароз дурӯза роҳ. Дар ин ду манзил иморат ва работ нест. Ва агар касе хоҳад роҳи Банокат аз Аборкат ба работи Суғд ва аз он ҷо Зомин ва аз он ҷо Ховас ва аз он ҷо ба Банокат, пас Устуркат. Пас, аз Ҷайҳун бар ин тариқ то Тароз бисту ду манзил бошад.

**РОҲ АЗ БУХОРО ТО БАЛХ:** Аз Бухоро то Фарохур як манзил ва аз он ҷо то Миёнкол як манзил, аз он ҷо то Мошмурғ (42) як манзили бузург ва аз он ҷо то Нахшаб як манзил ва аз Нахшаб то Сунаҷ як манзил ва аз он ҷо то Алродкӣ як манзил ва аз он ҷо то Ҳошимҷирд як манзил ва аз он ҷо то Тирмид як манзил ва аз Тирмид ба Ҷайҳун убур кунанд, то Сиёҳҷирд як манзил ва аз он ҷо то Балх як манзил. Пас, аз Бухоро то Балх сездаҳ манзил бошад.

**РОҲ АЗ САМАРҚАНД ТО БАЛХ:** аз Самарқанд то Кеш дурӯза ва аз Кеш то Кирак се манзил. Он ҷо роҳи Самарқанд ва Бухоро ба Балх ба якдигар пайвандад.

**РОҲИ БУХОРО ТО ХОРАЗМ:** Дар биёбон аз Бухоро то Бархашия ободон аст. Пас бар ҷониби дасти рост бар биёбон равад, манзилҳост, ки бар алаф фуруд меоянд, ҳеҷ работ ва ободонӣ нест, бад-он ҷиҳат манзилҳо навишта наёмад.

Аммо чун хоҳанд аз Ҷайҳун ба Омулушшат гузаранд ва ба Хоразм раванд, аз Бухоро то Фараб ду манзил ва аз Фараб Ҷайҳун абра кунанд ва Омулушшат (т) ва аз он ҷо то Дайра як манзил ва аз он ҷо то Фирдавс як манзил ва аз он ҷо то Шош як манзил ва аз он ҷо то Тоҳирия як манзил ва аз он ҷо то Варғон як манзил ва аз он ҷо то Салваз

PDF Compressor Free Version

(43) як манзил ва аз он ҷо то Ҳазорасф як манзил ва аз он ҷо то шаҳри Хоразм. Пас, аз Бухоро то Хоразм, яъне Кот бар иморат дувоздаҳ манзил бошад.

Роҳ ба Усрушана дохил мешавад, бар роҳи Фарғона. Ҷихат он ки чун ба Фарғона ва Зомин даромадӣ, аз ҳисоби Усрушана бошад.

Акнун масофат миёни вилоёти Мовароуннаҳр ёд кунем.

Ибтидо аз хатрави Чағониён кунем ва он чӣ миёни ҳар ду вилоят аст. Аз маъбари Бадахшон бар ҷӯи Хартоб то Мушк шаш манзил. Ва аз Мушк то Пули Сангин бар ҷӯи Вахшоб ду манзил. Бар ҷӯи Вахшоб, манзил кунӣ ва аз он ҷо то Бивканд ду манзил, то Тиллорӯд як манзил ва то Вахшоб як манзил. Тиллорӯд ва Сукнор бар канори Вахшоб аст ва ҳар ду шаҳрҳои Вахшанд ва аз ҷойҳои гузаштани ҷӯйи Хартоб, ки онро Азҳар гӯянд, як фарсанг, Тамлиёт аз Пул чаҳор фарсанг бошад бар роҳи Мушк ва аз ҷойгоҳи гузаштани Бадахшон то рустои Мушк ва Андиҷорог ҷӯи Форғу абра кунад ва дар Фозкар дароянд ва миёни ҳар ду якрӯза роҳ. Пас ҷӯйи Бармон абра кунанд то Малик.

АЗ ТИРМИД ТО ЧАҒОНИЁН: аз Тирмид то Ҳарамкон як манзил ва аз он ҷо то Возранҷӣ як манзил ва аз он ҷо то Чағониён ду манзил роҳ.

АЗ ЧАҒОНИЁН ТО ВОШҶИР: аз Чағониён то Шумон ду манзил ва аз он ҷо то Андбон якрӯза ва аз он ҷо то Вошҷир якрӯза. Ва аз он ҷо то Элоқ ва аз он ҷо то Дарбанд ва аз он ҷо то Ҷовгон ва аз он ҷо то Қалъа.

Ва аз Чағониён то Рекар шаш фарсанг аст. Ва аз Тирмид то Кубодиён ду манзил ва аз Кубодиён то Чағониён се манзил ва аз Вошҷир то Пули Сангин як манзил.

МАСОФАТИ ХОРАЗМ: шаҳри Хоразм, яъне Кот то Хева як манзил ва аз он ҷо то Ҳазорасф як манзил. Ва аз шаҳри Хоразм то Ҷурҷония се манзил ва аз он ҷо то Ҳашмат як манзил ва аз он ҷо то Лурҳон як манзил. Ва миёни Хоразм ва Кардарони Хос се фарсанг ва аз Кардарони Хос то Хева панҷ фарсанг ва аз Хева то Соварзан

PDF Compressor Free Version

панҷ фарсанг ва аз он ҷо то шаҳр се фарсанг. Ва аз он ҷо то Кардар бигзарӣ, то дари Ҳавос ду манзил. Ва аз он ҷо то Кардар ду манзил. Ва аз он ҷо то деҳи Тарокамӣ дурӯза. Мадмина ва Тарокамини (44) ба якдигар наздиканд, аммо Мадмина ба Ҷайхун наздиктар бошад. Ва аз Мадмина то Ҷайҳун чаҳор фарсанг аст. Миёни Маздохқон ва Ҷайҳун ду фарсанг бошад. Миёни Ҷурҷония ва Ҷайҳун як фарсанг.

МАСОФОТИ ШАҲРҲОИ БУХОРО: аз Бухоро то Байканд як манзил. Аз Бухоро то Ҳиҷода се фарсанг бар дасти рост раванд аз Бухоро то Байканд. Ва миёни он роҳ як фарсанг. Муғакон бар панҷ фарсангии шаҳр аст бар дасти рости роҳи Байканд. Ва миёни он ва роҳ се фарсанг. Зандана бар чаҳор фарсангии шаҳр аст бар ҷониби шимол. Шаҳри Бумиҷкат бар дасти чапи раванда аст ба Тавовис бар чаҳор фарсанг ва миёни он ва роҳ ним фарсанг бошад. Ва миёни Карминия ва Ҳаднамкат як фарсанг бар дасти чапи раванда ба Суғд. Ва миёни Ҳаднамкат дар роҳи Самарқанд бонкдоре (?) бар дасти чапи раванда ба Самарқанд. Ва Мадмомиҷкат паси рӯди Суғд аст, баландтар аз Ҳаднамкат миқдори як фарсанг. Ҷарғомкат баробари Кармина аст бар фарсанге аз паси рӯди Ҷарғомкат наздики Мадбомиҷкат (45) бошад.

МАСОФОТИ ШАҲРҲОИ САМАРҚАНД ТО СУҒД: аз Самарқанд то Аборкат чаҳор фарсанг ва аз Самарқанд то Варғсар чаҳор фарсанг ва аз Самарқанд то Яҳкат чаҳор фарсанг ва аз Самарқанд то Вадор ду фарсанг. Аз Самарқанд то Лабудасхақ ду фарсанг. Аз Самарқанд то Иштиҷан ҳафт фарсанг бар ҷониби шимолии Самарқанд Ва аз Иштиҷан то Кушонӣ ҷониби ғарбии Иштиҷан панҷ фарсанг ва аз Иштиҷан то Дармон се фарсанг ва аз Кушонӣ то Арбинҷан ду фарсанг.

МАСОФОТИ КЕШ ВА НАХШАБ: аз Кеш то Нахшаб се манзил. Ва аз Кеш то Чағониён шаш манзил ва аз Кеш то Явқади Курайс (46) панҷ фарсанг бар роҳи Нахшаб. Ва аз Кеш то Сунаҷ се манзил бикардӣ. Аз Явқади Ку-

PDF Compressor Free Version

райс панҷ фарсанг. Ва роҳи Нахшаб ва Искифағн бар як фарсанг аст аз Сунаҷ. Сунаҷ ба Нахшаб наздиктар аст аз Искифағн. Ва аз Нахшаб то Кина чаҳор фарсанг. Ва роҳи Бухоро ва миёни Насаф ва Барда шаш фарсанг.

МАСОФОТИ ШАҲРҲОИ УСРУШАНА: аз Хазъона (47) то Дарак (47 а) панҷ фарсанг ва аз Хазғона то Зомин ҳафт фарсанг. Ва аз Зомин то Собот се фарсанг. Ва аз Зомин то Куркат бар роҳи Хавовас (48) сездаҳ фарсанг бар дасти рости раванда ба Фарғона. Ва миёни шаҳрҳои Усрушана ва Собот се фарсанг дар он чӣ миёни ҷануб ва машриқ аст. Ва миёни Мадаҳкат ва Фарғона ду фарсанг. Ва он чӣ миёни машриқ ва ҷануби Фарғона ва Усмоикат бар ҳадди Фарғона аст, аз ҷониби шарқии қасабаи Усрушана ҳафт фарсанг. Ва Фағкат бар се фарсангии шаҳр дар роҳи Хуҷанд. Ва аз Фағкат то Ғуруд ду фарсанг. Ва аз Ғуруд то Хуҷанд шаш фарсанг.

МАСОФАТИ ВИЛОЯТИ ШОШ ВА ФАРҒОНА: Банокат бар ҷӯи Шош аст, аз он ҷо то Ҳараскат як фарсанг. Ва аз Ҳараскат то ҳадди Байкат як фарсанг. Ва аз он ҷо то Устурукат се фарсанг ва аз он ҷо то Дифғонкат (49) ду фарсанг. Ва аз он ҷо то Аскат як фарсанг. Ва аз он ҷо то Найкас ду фарсанг. Пас инҳо мавозеъе буд ва роҳи Банокас то Тайкас. Аммо ҷойҳое, ки ҳар ҷо роҳи Дайкас (?). Аз Дайкас то Баваҳкат як фарсанг. Ва аз он ҷо то Моломон ду фарсанг. Ва аз он ҷо то Байкас як фарсанг, то Каҳос як фарсанг. Ва аз он ҷо то Сакокаб як фарсанг ва аз он ҷо то Тункас — қасабаи Элоқ як фарсанг.

Аммо он чӣ миёни ҷӯйи Байрак ва ҷӯйи Элоқ дар он чӣ наздики роҳи Элоқ аст, аз ҷониби машриқ аз Найкат бар ҷӯйи Байрак бар ду фарсанг Файъукат (50) аст, ва бар фарсангии Таъуйкат ва бар ду фарсанг Айрукат ва Карок ва Адодик ва Кабрия ва Азал ва Дардул ва Ҳабун ҳама бар якдигар наздик бар миқдори якрӯза масофат.

Ва он чӣ миёни ҷӯйи Байрак ва ҷӯйи Элоқ аст аз ҷониби ғарбии роҳи Элоқ Истиғаво ва Гулхушак ва Ардалонакат

PDF Compressor Free Version


ва Бискат ва Сомусукат ва Ҳамради Ғабоҳ, ҳама дар миқдори манзиле.

Аммо он чӣ миёни Банокат ва Тункат ва ҷӯи Шош ва Элоқ аст: Ғарчанд ва Маҳкат ва Кӯҳи Сим дар миқдори дурӯза масофат аст аз тӯл, дар арз якрӯза камтар.

Аммо он чӣ миёни Элоқ ва ҷӯйи Шош аст бар ҷониби ғарбии Бункат. Аз Балх ва Намудиъ миқдори панҷ фарсанг бошад. Ва Зонҳакат бар роҳи дигар то Найкат. Ва миёни он ва Шош ду фарсанг бошад. Ва Баҳокат бар ҷӯйи Шош аст ва наздики он ҷамъ меояд ҷӯйи Байрақ. Ва миёни он ва миёни Банокат се фарсанг бошад. Кайрок бар ҷӯйи Байрак наздики Ҳадинкат бар як фарсанг.

Аммо он чӣ миёни ҷӯйи Байрак ва ҳоити Шош аст, Ҷонумкат бар ду фарсангии шаҳр аст ва Вавкӯс бар се фарсанге бар Ҷонумкат бар рости он. Ва аз он ҷо то Ҳарҳосаҳак чаҳор фарсанг бар рости машриқ. Ва Зикат то Испиҷоб чаҳор манзил ва аз Испиҷоб то Осоникат ду манзил. Ва аз Осоникат то қасабаи Фороб ду манзили сабук. Ва аз қасабаи Фороби Совғар як манзил.

Ва аз Совғар то Табарон як манзили сабук. Ва Васанҷ аз ҷониби ғарбии ҷӯй аст бар канори зертарҳ аз қасабаи Пороб. Ва Пороб бар ҷониби шарқии ҷӯй аст. Ва миёни қасабаи Пороб ва ҷӯй ним фарсанг бошад.

Роҳ аз Ҳарамкат то Вайкат нӯҳ фарсанг. Ва он аввали Миёнрӯдон аст. Ва аз Ахсикат то Селоб охири Миёнрӯдон панҷ манзил бувад. Ва аз Ахсикат то Қосон дар ҷониби шимоли он панҷ фарсанг ва аз Қосон то Ванҳам бар рости шимол якрӯза роҳ бошад. Ва аз Ахсикат то Курдон наздики ҳафт фарсанг бошад. Ва Алрост аз Ахсикат бар ҳафт фарсанг аст ва Алрост аз Ахсикат бар ҷӯйи Шош аст. Ва Канд миёни Аввон (?) бар канори ҷӯйи Шош зиёдат аз фарсанг бошад. Ва ҳамчунин миёни Войкат ва рӯд зиёдат бувад аз як фарсанг ва Миёнвуруд панҷ фарсанг.

Аз Кубо то Раъшон миёни ӯ ва миёни ҷӯйи Шош наздики як манзил бошад. Ва аз Кубо то Истифон то рӯд наздики фарсанге. Ва он бар роҳи Ахсикат аст. Ва аз Насуҳ то Мом-

PDF Compressor Free Version

коҳас панҷ фарсанг. Ва аз Бинкат то Хатлом се фарсанг. Ва Солоб ва Силаканд ду мавзеъ аст ва дар он ҷо манзил нест, валекин ду сағр аст наздик ба Тук, бад-ин ҷиҳат ёд карда, валлоҳу аълам бис-савоб.

Тамом шуд тарҷумаи китоби «Ашколи олам» аз таълифи Ҷайҳонӣ валлоҳу фи маддин лаҳу куллу шайъин ва ниҳоятуҳу ва-с-салоту ва-с-салому ало Муҳаммад саййид-ил-мурсалина ва олиҳи ва зурриятиҳи аҷмаъина-т-таййибина-т-тоҳирина (51).

PDF Compressor Free Version

АБЎИСҲОҚ ИБРОҲИМ ИСТАХРИ

# Мамолик ва масолик

Тарҷумаи Муҳаммад ибни Асъад ибни Абдуллоҳи Тустарӣ

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Абўисхоқ Иброҳим ибни Муҳаммад ал-Форсӣ ал-Истахрӣ дар шаҳри Истахр тақрибан дар соли 849 таваллуд ёфтааст. Соли вафоташ маълум нест. Дар бораи рўзгори ў ҳам ахборе саҳеҳ мавҷуд нест. Ў ба шарофати китобе бо номи «ал-Масолик ва-л-мамолик» машҳур гардидааст. Ин китоб аслан ба қалами Абўзайд Аҳмад ибни Сахли Балхӣ (ваф. с. 934) тааллуқ дошта, вале то замони мо нарасидааст. Аз рўи маълумоте, ки Мақдисӣ дар асари худ дар бораи китоби Абўзайди Балхӣ овардааст, китоби мазкур асосан аз шарҳ ба ҷадовили ҷуғрофие иборат буда, ки худи Балхӣ онро мураттаб кардааст. Ба ин маънӣ, асари Балхӣ хеле мухтасар ва холӣ аз тафсилот дар шарҳи навоҳиву шаҳрҳо буда, зоҳиран «Сувар-ул-ақолим» ном доштааст. Мутобиқи таҳқиқи Де Гуе ривояти дуввум ва муфассалтари он тавассути Истахрӣ маҳфуз мондааст. В. В. Бартольд ва И. Ю. Крачковский ҳам «ал-Масолик ва-л-мамолик»-ро нусхаи такмил ва таҳрирхўрдаи «Сувар-ул-ақолим»-и Балхӣ медонанд, ки дар ҳудуди солҳои 930-933 ба забони арабӣ таълиф шудааст. Дар асари Истахрӣ ҳолоти мамолику вилоёти Шарқи исломӣ, ки онҳоро муаллиф ба бист иқлим тақсим кардааст, тасвир ёфтаанд. Дар «ал-Масолик ва-л-мамолик» роҷеъ ба таъриху ҷуғрофиёи вилоятҳо, шаҳрҳо ва аҳолии нимҷазираи Арабистон, Халиҷи Форс, Андалусия, Ситсилия, Миср, Сурия, Алҷазоир, Ироқ, Эрони ҷанубӣ ва марказӣ, Ҳиндустон маълумоти арзишманде зикр шудааст. Истахрӣ, ҳамчунин, дар бораи шаҳрҳо ва маҳаллоти маскуни Арманистон, Озорбойҷон, Гурҷистон ва соҳили баҳри Хазар вилоятҳои Мовароуннаҳру Хуросон ва марказҳои маъмурию сиёсии он, амсоли Суғд, Хоразм, Хатлон, Фарғона, Усрушана ва ғайра, ахбори муҳиммеро ба қайд овардааст. Истахрӣ пиромуни вазъияти иқтисодиву иҷтимоии шаҳрҳои бузурги Мовароуннаҳр — Бухоро, Самарқанд, Хуҷанд, Шош, Тирмиз, Ўш, Ҳулбук, Қабодиён, Ча-

PDF Compressor Free Version


ғониён ва ғайра, ки теъдодашон аз 120 адад таҷовуз мекунад, маълумоти ҷолиб овардааст, ки ба савдову тиҷорат, касбу ҳунар, ҳолати кишоварзӣ, роҳҳои корвонгузар, масофаи байни шаҳру навоҳӣ, ёдгориҳои маданӣ, маҳалҳои кӯҳӣ, дарёҳо, кӯлҳо иртибот дорад. Дар ин асар 22 харитаи ҷуғрофии кишвару вилоятҳо мавҷуд аст, ки онҳоро худи Истахрӣ тартиб додааст. Нусхаҳои зиёди асари Истахрӣ дар китобхонаҳои дунё маҳфуз аст. Нусхаи арабии он нахустин бор аз тарафи Ч. Х. Муллер дар соли 1839 чоп шуд. Соли 1842 Мадини онро ба итолиёӣ ва соли 1845 Мордтмани ба олмонӣ тарҷума карданд. Тарҷумаи форсӣ-тоҷикии он хеле пештар ба вуқӯъ пайвастааст. Аз ҷумла, яке аз нусхаҳои асари Истахрӣ дар соли 696/1296 ба қалами Муҳаммад ибни Асъад ибни Абдуллоҳи Тустарӣ аз арабӣ ба форсии тоҷикӣ тарҷума шудааст, ки он ба эҳтимоми Эраҷи Афшор таҳти унвони «Мамолик ва масолик» соли 1994 дар Теҳрон ба чоп расид.

PDF Compressor Free Version

## ДИЁРИ ПОРС

### Ёд кардани табақот ва мансаби мардум ба Форс

Ва аз мулуки Порс касоне, ки дар он ҷо ҳоким буданд ва аз Порс набуданд, аввал Оли Сомонанд — аз фарзандони Баҳром (1) ва Баҳром аз Ардашери Хура (2) буд ва дар Рай мутаваттин ва муқим будӣ. Баъд аз он бор карданд ба мухосамат ва муқоталати атрок ва қасди Балх кард ва гурӯҳи атрокро мутафарриқ гардонид ва дар авомиру навоҳӣ ва ҳаллу ақд азим шуд ва шавкату қуввати ӯ голиб гашт, то он гоҳ, ки Кисро (3) дар нафс ва мулк бо вай хиёнат кард ва ба муҳорабати ӯ дар нафсу мол қасд кард. Ва Кисро муҳтоҷ ва муфтақар шуд, ки ба малики Рум эътизод ва муъованат талабад ва мамлакату салтанати худро тарк гӯяд, то он гоҳ ки дар ҷавор ва истиъонати ӯ мутамаккин шуд. То вақте, ки малики Рум бо вай аҳд бишикаст ва зикру ҳикоёти ӯ дар кутубҳо мутаввал ва мушарраҳ гуфта меояд.

Ва Оли Сомон аз фарзандони ӯ буданд ва эшон мулуки Мовароуннаҳр будандӣ. Ва наҳри Балх, ки ба Ҷайҳун маъруф аст ва он ҷӣ дар навоҳӣ ва атрофи он, таҳти тасарруфи эшон буд ва аморат ва салтанат эшонро ба мерос меафтод. То он гоҳ, ки ба Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад нақл афтод, қавоид ва аркони адл мумаҳҳад ва мушайяд гардонид, то мулки ӯро тамкине ва қароре ҳарчӣ тамомтар ва мустаҳкамтар пазируфт. То ҳарчӣ бар Мӯътазид Биллоҳ-амирулмӯъминин бо вуфури қуввват ва шавкат ва ҳишам ва хидам фатҳ ва қабзи он душвор будӣ, бар вай осон шуд ва ҳарчӣ мутафарриқ буд, ҷамъ кард. То тамомати Хуросон ва Мовароуннаҳр ва Ҷурҷон ва Табаристон ва Қумис ва Рай ва Қазвин ва Абҳар ва Занҷонро дар таҳти ҳукм овард.

Ва аз акосира (4) як шахси танҳоро чандин мамолик мусах-

PDF Compressor Free Version

хар ва тахти хукм набудааст ва бо ин чандин мамолик, ки ӯро буд, бо атрок мухосамат ва ҷанг пайваст ва эшонро хору маққур гардонид, то қуввату ҳайбат ва дабдабаву ҳашамату азамати ӯ ба ҳудуди Син расида буд. Ва мулуки атрок аз ӯ бо хавфу тарс будандӣ, то чунон шуд, ки он ҷӣ бар тарафи ислом буд аз шаҳрҳои туркон, мисли дорулислом шуда буд. Баъд аз вафоти ӯ Аҳмад ибни Исмоил, ки писари ӯ буд, дар мамлакат муқим шуд ва қавоиди аркони давлат дар айёми давлати ӯ мушайяд ва мумаҳҳад гашт ва фатҳи Сиҷистон агарчи бо тамомоти ҳукком душх(в)ор ва муъзил буд, бар вай осон ва муяссар шуд. Ва боқӣ, ки аз сиҷзиён монда буданд, эшонро мақҳур ва маъзул гардонид ва аз адлу ҳусни назар бар раъоё ва камоли шафқат чандон, ки мақдарати ӯ буд, саъйи балиғ намуд, чунонки осори ҳукм ва адлу сиёсати ӯ дар офоқ мунташир ва зоҳир гашт. Ва баъд аз он Наср ибни Аҳмад, ки бандаи амирулмӯъмин буд, малик шуд ва қуввату шавкат ва маъдалат ва нусрати ӯ ба мақоме расид, ки ҳеҷ лашкару ҳишам ва умарову салотини лашкари ӯро муъориз ва муқобил намешуд. Ва ҳар ки бо вай дар муҳорабат мувоҷаҳа намудӣ, албатта ӯро хоииб ва мақҳур кардӣ ва то айёми ҳаёти ӯ буд, дар давлат ҳаргиз ҳеҷ кас бар вай музаффар ва қодир нашуд...

## МОВАРОУННАҲР

...Ва аз шахсе шунида шуд, ки дар Самарқанд ба шаҳру бозор ва деворҳои он ба ғайр аз сақояҳои баланд ва хунбаҳои об (5), ки аз ҳар тараф мавзуъ аст, ду ҳазор сақоя ҳаст, ки мардум аз он об мехӯранд.

Аммо дар қуввату шавкат, дар ғазавоту муҳоработ монанди эшон кас нишон надодааст, ҷиҳат он ки дар тамомати ҳаволӣ ва навоҳии Мовароуннаҳр куффор иқомат доранд ва пайваста ин қавм бо эшон муҳорабат ва муқоталат мекунанд. Ва ҳама рӯз ба созу олати ҳарб ва силоҳшӯрӣ ва монанди ин машғул мебошанд. Ва он ҷӣ дар миёнаи ин иқлим то Испиҷоб аст — тамомат аз ҳисоби ин диёр аст ва дар

PDF Compressor Free Version

ин масофат атрок иқомат доранд. Ва аз Испиҷоб то охири Фарғона туркони харлухия муқиманд. Ва пас боз мегардад дар ҳудуди Мовароуннаҳр аз Суғд ва шаҳри Ҳинд аз пушти Хуттал то ба ҳадди турк дар пушти Фарғона. Бар ин тамомат, ки зикр карда шуд, голиб ва қолиранд, бо он ки дар муҳосамату муҳорабат ва зӯру қувват ҳеҷ қавме монанди туркон нест.

Ва тамомати шаҳрҳои Мовароуннаҳр монанди сағре аст, ки пайваста бар рӯйи туркон дар муҳорабат муқовамат менамоянд ва эшонро хосир ва маққур мегардонанд ва намегузоранд, ки эшонро дар дорулислом мадхале бошад.

Ва касе, ки дар ғазои Шовғар (6) борҳо бо Наср ибни Аҳмад ҳозир шуда буд, маро ҳикоят кард ва гуфт, ки дар он ғазо пеш аз он ки бозгаштани эшон муҳайё шудӣ, муддате мадид аз лашкари ӯ сесад ҳазору чаҳор сад мард мунфасил ва дур шуда будаанд ва аз бисёриву ҷумҳур, ки он лашкар буд, ҳеҷ якро маълум нашуда буд, ки касе аз эшон ғоиб шудааст.

Ва чунон шунида шуд, ки вақте Мӯътасим Биллоҳ амирулмӯъминин ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир нома навишт ва аз лашкару хидаму хишам ба тариқи таҳдид ва инзор ара дошт. Иттифоқ он нома ба Нӯҳ ибни Асад расид. Чун бихонд ва бар мазмуну макнуни он вуқуф ёфт, ҷавоб навишт, ки дар диёри Мовароуннаҳр сесад ҳазор деҳ аст, ки чун вақте коре хатир ва амале ҷалил муъориз шавад, аз ҳар як аз он деҳҳо чандон, ки даркор бояд, савор ва пиёда берун кунанд, ки дар бозору маҷомеъу маҳофили он деҳҳо пайдо набошад, ки касе аз эшон берун шуда аст аз касрат ва ҷумҳури эшон.

Ва чунон шунидам, ки ба Шош ва Фарғона аз созу олати ҳарб ҳар якро чандон бошад, ки дар ҳеҷ сағре аз суғур, ки ёд карда шуд, чандон намебошад. Чунонки як мардро аз раъоё берун аз силоҳ ва олати ҳарб, аз сад асб то понсад асб мебошад. Ва султон дар хостаи эшон ҳеҷ тамаъ ва тасарруф намекунад.

Ва бо он ки роҳи эшон аз дигар мавозеъ ба Каъба дуртар аст, дар бодия бештар аз эшон ҳеҷ кас дарнамеравад ва

PDF Compressor Free Version

аввал касе ки дар ҳаҷ мусобақат кунад, он гурӯҳ мебошанд ва дар омадан ҳеҷ кас бештар аз эшон аз бодия берун намеоянд.

Ва бо ин ҳама қудрату қуввват ва шавкату манъат, ки эшонрост, тоати бузургони худ айни фарз мешумаранд ва тавқиру табҷилу ҳурмат ба ҷой меоваранд ва бо якдигар ба лутф ва мувосо суҳан гӯянд. Дар байъ ва широ ҳеҷ мунoқашат ва муҳоко накунанд.

Ва хулафоро чун коре саъб муъбриз шудӣ ва лашкаре азим муқобил афтодӣ, ба мадад ва маунат лашкар аз Мовароуннаҳр талабидӣ.

Ва далериву фармонбардорӣ ва иззату ҳурмат ва тавқиру табҷил ва либосу ҷомаҳои фохир (эшонро) бештар аз аҷноси дигари мардум аст.

...Ва ҳоким ва голиб дар ин иқлим ва тамомати Хуросон Оли Сомон буданд ва эшон аз фарзандони Баҳроми Чӯбин аст. Ва ҳикояти ӯ дар қуввату шавкат дар замонаи худ бенaзир буд ва дар кутуби ахбор эшонро шӯҳрате ҳарчӣ тамомтар аст.

Ва мисли он асбоб дар мамлакати ислом ҳеҷ маликеро ҷонибе мунеътар ва уддату созу олати ҳарб ва шавкату азамату камоли асбоб чун малики ин иқлимро нест. Ҷиҳат он ки дар тамомати ислом ҳеҷ лашкаре нест, ки аз як мавзеъ бошанд ва дар миёна қаробату мувосалат бошад, чунонки агар эшонро заҳмате расад, рӯй бозгардидан набошад ва ҷону танро базли якдигар кунанд.

Валекин ҳар якро аз тарафе ва гӯшае меоваранд ва чун аз он кор форир шуданд, ҳар кас ба мавзеъи худ нақл мекунанд. Ва агар дар муҳорабат эшонро осебе расад, ҳар кас роҳи худ гиранд ва сар берун баранд ва ҳеҷ чиз эшонро монеъ нашавад. Ва ин гурӯҳ ҳаргиз дар ҳодисот аз якдигар мутафарриқ нашаванд ва якдигарро муҳофазат мекунанд ва тамомати эшон бандагони дирҳамхаридаанд ва он чӣ аз насли эшон таволуд карда бошад. Ва ғайр аз дирҳамхаридагон касоне бошанд, ки хона ва ватани эшон пайдо ва аслӣ мебошанд ва чун касе аз ин гурӯҳ вафот меёбад, аз фарзан-

PDF Compressor Free Version

дони ӯ ҷамоате ба ҷои ӯ мерасанд ва ҳаргиз аз адади он лашкар камтар намешавад. Ва дар воқеъа ва ҳодиса, ки бо якдигар мусоҳиб ва мурофиқ шаванд, албатта ба ҳеҷ гуна аз якдигар мустабид ва мутафарриқ нашаванд, то он гоҳ ки дигарбора ба мавзеъи худ бозмерасанд. Ҳаргиз гурехтан ва пушт кардан эшонро одат ва самт намебошад ва ҳамчунон, ки русуми дуздони лашкару шаҳнагони шаҳрҳо бошад, он гурӯҳ дар мамолик мунтақил нашаванд.

Ва дар баъзе аз айёми мозия бандае аз они Исмоил ибни Аҳмад (7), раҳимаҳуллоҳ, дар вақти фитнаи Абдуллоҳ ибни Мӯътаз (8) дар он замон, ки аз Аҳмад ибни Исмоил, раҳимаҳуллоҳ, гурехта буд, аз Хуросон берун омад ва озими тарафи Порс шуд. Ва бо ӯ лашкаре бисёр ва созу олати ҳарб ва шавкате ҳарчи тамомтар (буд), чунонки халифа аз лашкари бисёри ӯ ғамнок ва мутаассиф шуд ва асари қудуми ӯ дар он мамлакат таъсире азим кард аз бисёрии лашкар ва ҳишаму хидам ва асб, ки ӯро буд. Ва ӯ бандае буд аз бандагони ҳуккоми ин иқлим, ки ба хуруҷ ва духули ӯ бад-ин диёр ҳеҷ касро хабар набуд ва пайдо нашуда буд ва дар лашкари эшон ҳеҷ асар накарда буд.

Ва дар тамомати шаҳрҳои ислом аз мулуки Аҷам дар салтанату азамат мисли Оли Сомон набудааст ва эшонро мулку ҳукм ба мерос мунтақил мешавад ва раёсат дар хонадони эшон мухаллад ва муаббад монда. Ва дар сабаби рафтани эшон аз Порс ва он чӣ ба рӯзгори эшон ҳодис шуд, чун эшон аз Порс буданд дар ҷадвали сурати Порс ёд карда омад ва аз иъодати зикри эшон дар ин мавзеъ эъроз карда шуд.

Ва иқлими Мовароуннаҳр дар сабзӣ ва назоҳат ба ғояте аст, ки дар шаҳрҳои ислом мисли он кас нишон надодааст.

Ва ҳеҷ иқлиме ва шаҳре дида ва шунида нашуд, ки дар сабзӣ ва назоҳат монанди Бухоро бошад, ҷиҳат он ки агар касе болои қуҳандизи он бингарад, бар ҳар тараф, ки назар андозад, сабзиву оби равон ӯро муъояна ва мушоҳада афтад.

Ва дар он замин осмон монанди мукаббаи сабз мебошад, ки ба бисоте (мемонад) ва кӯшкҳо аз миёнаи он сабзиву

PDF Compressor Free Version


назоҳат монанди сипарҳо пайдо мебошад. Ва заминҳои мазреъаву зиёъи эшон, тамомат, росту ҳомун аст ва ҳеҷ илтивоъу эъвиҷоҷ дар он нест.

Ва дар тамомати Мовароуннаҳру Хуросон шаҳре хуштару маъмуртар ва аҳлу сукконии он тавонгартар аз Бухоро нест, ба қадри арсаву иморати он.

Ва аз ақолиму мавозеъ дар се букъа ҳаст, ки дар офоқ назоҳати эшонро шӯҳрате ҳаст ва дар кутуб мастур ва дар забонҳо мазкур ва аъҷубаи ҷаҳонанд: яке Суғди Самарқанд аст ва дигар наҳри Убулла, се дигар Ғутаи Димишқ (9). Агарчи Собур ва Ҷур, ки аз аъмолу тавобеъи Порсанд, дар хисбу роҳат ва даъату назоҳат аз наҳри Убулла ва Ғутаи Димишқ камтар нестанд, илло он ки шӯҳрат дар офоқ ин буқоърост. Ва Ғутаи Димишқ дар назоҳат чунон аст, ки агар шахсе назар кунад ба қадри як фарсанг ё камтар, албатта, ӯро кӯҳ муоризи мешавад, ки дар он кӯҳ ҳеҷ дарахту гиёҳ набошад. Ва мавозеъи холӣ аз дарахту гиёҳ низ ба ғайр аз кӯҳ мушоҳада меафтад.

Ва беҳтарин шаҳрҳо дар назоҳат он аст, ки аз ҳар тараф, ки касе назар андозад, ҳеҷ кӯҳу мавзеъи холӣ аз дарахту сабзӣ ӯро муойин нашавад ва он ҷо, ки мадди назар шавад, ҷуз сабз бошад.

Ва аммо, дар рӯди Убулла ва навоҳиву атрофи он ҳеҷ мавзеъе нест, илло ки чун касе назар андозад, албатта, ӯро заминҳои холӣ аз дарахту гиёҳ муоризи ӯ шавад ва дар он ҷо худ ҳеҷ ҷои баланд нест, ки қадри як фарсангро мешояд дид.

Аммо дар Суғди Самарқанд ва нафси шаҳр чун ба куҳандизи он касе бингарад, тамомат ҳама сабзу хурраму назаҳ бошад.

Ва дар он мавзеъву иқлим ҳеҷ мавзеъе нест, ки кӯҳе холӣ аз дарахт ва сабзӣ наздики он бошад ва низ ҳеҷ замини гардолуд дар он нест, илло тамомат сабзу хушу назаҳанд. Ва зироати эшон дар миёнаи сабзӣ гиёҳ мебошад ва он дар иморат ба ғояти камолу қивом аст ва азим тозаву тар мебошад.

PDF Compressor Free Version

Ва дар ҳаволии шаҳри Бухорову деҳҳо ва мазраъҳои он суре баланду манеъ сохта ҳаст ва масофати он сур дувоздаҳ фарсанг мебошад дар дувоздаҳ фарсанг, тамомат маъмур.

Ва Суғди Самарқанд хуштару назаҳтари он буқоъ аст ва он хуштар аз Ғутаи Димишқ ва рӯди Убулла. Ҷиҳат он ки аз ҳадди Бухоро бар водии Суғд аз дасти чап чандон, ки меравад ва аз дасти рост — тамомат сабзу хушу хуррамапд ва бӯстонҳо бар якдигар муттасил то ба ҳадди Буттам, ки дар ин миёна ҳеҷ иморат мунқатеъ намешавад ва миқдори он масофат ҳаштрӯза роҳ аст.

Ва дар тамомати ин рӯдҳо пайваста об равона мебошад. Ва дар миёнаи майдонҳову марғзорҳои сабз дарахтони фаровон ва зироату ҳавзҳои хуш сохтаанд ва он иморату ҳузрат муттасил мешавад ба ҳар ду канорҳои ин рӯдхона.

Ва аз паси ин иморату ҳузрат мазраъҳои бахс аст ва аз паси мазраъҳои баҳс чарогоҳи гӯсфандон ва кӯшкҳо сохта.

Ва қуҳандизи шаҳрҳои он иқлим ва рабази он дар миёнаи сабзӣ аст, чунонки ҷомаи дебои сабз. Ва обҳои онро сабзӣ пӯшонидааст ва ба кӯшкҳо музайян карда.

Ва дар офоқи олам ҳеҷ шаҳре хуштар аз ин шаҳр нест ва ҳавзҳо ва обҳои равон, дар тамомати маҳалҳои он ҷо равона меравад.

Ва дар тамомати Фарғонаву Шошу Ушрусана ва ҷумлаи Мовароуннаҳр дарахтон ба якдигар даромада ва меваҳои бисёр. Ва марғзорҳо ба якдигар пайваста ва мулосиқ аст, чунонки дар тамомати офоқ мисли он нест.

Ва кӯҳи Фарғона дар миёнаи он ва туркон мумтад мешавад ва дар он кӯҳ меваҳои алвон аз ангуру гирдукову себ ва ғайра бо гулу банафсаҷ ва аснофу анвоъи раёҳин бисёр мебошад, ки ҳеҷ молике муайян эшонро нест ва ҳар кас, ки мехоҳад аз он мехӯраду мебарад ва ҳеҷ кас ӯро монеъ намешавад.

Ва ба шаҳри Ушрусана навъе аз гул аст, ки то охири поиз боқӣ мемонад.

Ва Мовароуннаҳрро наҳр чанд аз тавобеъ ва лавоҳиқ аст. Ва он ҷӣ аз ин диёр мулосиқ ва мусобиқи Ҷайҳун аст мисли шаҳри Бухоро, ки дар маъбари Хуросон аст ва тамо-

PDF Compressor Free Version
мат, ки ба Самарқанд мансуб мебошад ва бад-он муттасил аст, мисли Шошу Ушрусанаву Фарғонаву Кешу Насафу Сағониён ва аъмолу ҳаволии он ва дигар Хуттал ва он чи ба канораи рӯд мекашад аз Тирмиз ва дигар — Қуводиён ва Ахсисак ва Хоразм.

Ва аммо Порёб ва Испиҷоб то Тароз ва Элоқ то Шош — тамомат аз ҳисобу садади Мовароуннаҳр мегиранд, ҷиҳат он, ки эшон дар миёнаи рӯди Вахшобу Ҷарёб мавзӯъанд.

Ва Хоразм низ аз ҳисобу садади Мовароуннаҳр аст, ҷиҳат он, ки шаҳри онро Вароуннаҳр меҳонанд ва аз эшон ба шаҳрҳои Мовароуннаҳр наздиктаранд аз шаҳрҳои Хуросон.

Аммо Бухорову Кешу Насаф — тамомат аз ҳисобу садади Суғд буданд, валекин аз эшон ҷудо карда шуд, то дар тафсил сабуктар ва осонтар шавад...

Ва дорулимораи Хуросон он ҷойгоҳ аст ва он то шаҳрҳои Мовароуннаҳр ба тавсиф бар як хати мустақим мавзӯъ аст...

Ва Хоразм номи иқлиме ҳаст ва он иқлим аз Бухорову Вароуннаҳр мунфасил ва ҷудо аст ва аз ҳама ҳавоиш он биёбон муҳит мешавад. Ва як ҳадди он аз тарафи шимолу мағриб ба ҳадди Ғузия муттасил мешавад ва ҳадди ҷанубию шарқии он Хуросону Мовароуннаҳр аст. Ва он дар охири Ҷайҳун мабнӣ ва муассас аст...

Ва Хоразм шаҳре хушу назаҳ аст бо атъимаву ашримаву амтиъаи арзон ва меваҳои фаровон. Аммо гирдукон дар он ҷо намебошад. Ва ҷомаҳои пунбаву суф ва қумошоти бисёр аз он ҷо муртафеъ мешавад ва дар офоқ нақл меафтад. Ва хавосеу кадхудоёни эшонро муруввату ясору қудрати иттифоқ азим мебошад ва овозаву шӯҳраи эшон дар асфору ахтор бештар аз аҳли Хуросон аст. Ва дар тамомати Хуросон ҳеҷ шаҳре бузург набошад, илло, ки аз аҳли Хоразм ҷамоате бисёр дар он мутаваттин шуда ва иқомат сохтаанд.

Ва эшонро худ забоне дигар ҳаст, ки аз забонҳои дигар мумайиаз мебошад ва аз шаҳрҳои Хуросон ҳеҷ касро бо забони эшон шубҳате нест.

Ва либоси эшон ҷомаҳои кӯтоҳ ва кулоҳ мебошанд. Ва

PDF Compressor Free Version

дар хилқат аз аҳли Хуросон наҳифтар мебошанд. Ва дар ғазо ва муҳосамат бо Ғузия эшонро шавкате ва қудрате ҳар чӣ тамомтар ҳаст. Ва дар он шаҳрҳо ҳеҷ маъдани зару нуқра ва ғайра аз ҷавоҳир нест. Ва бештари сарвату молу ясори эшон аз тиҷорати туркон ва зеҳу зоди гӯсфандон ва мавошӣ мебошад. Ва бештари бандагони сақолиба ва дарёи Хазар ва Мовароуннаҳр бо бандагони турк ба ҳам дар он ҷо меафтад.

Баъд аз он ба диёри Мовароуннаҳр шурӯъ меафтад ва дар шарҳи иқлими Мовароуннаҳр аввал ба Бухоро ибтидо карда мешавад, ҷиҳат он, ки нахусти шаҳрҳо (и) Мовароуннаҳр Бухоро аст ва умарову руасо ва ҳуккоми Хуросон дар он мутаваттин мебошанд ва бо дигар шаҳрҳо (и) Мовароуннаҳр бар як насқу тартиб мавзӯъ аст.

Ва чун аз шаҳри Бухоро пардохта шавад, ҳар шаҳр, ки ба вай наздик бошад, шарҳ гуфта ояд, иншоаллоҳу таъоло.

Аммо Бухоро шаҳре хушу назаҳ аст дар замине росту ҳомун мавзӯъ ва номи он Нумиҷкас аст ва ағлаби биноч хонаҳои эшон аз чӯб мебошад ва ба якдигар даровардa, бо кӯшкҳову бӯстонҳо ва маҳаллатҳову кӯчаҳо (и) фарох. Ва ӯро деҳҳои ба якдигар муттасил ҳаст, ба қадри дувоздаҳ фарсанг дар дувоздаҳ фарсанг.

Ва дар ҳаволии тамомати кӯшкҳову хонаҳову деҳҳо суре бароварда ҳаст ва дар миёнаву ҳаволӣ ва атрофи он ҳеҷ ҷое холиву хароб нест ва зертарин аз ин сур, ки ёд карда шуд, ба нафси шаҳр ва он чӣ бар он муттасил аст кӯшкҳову мавзеъҳо ва маҳаллаҳову бӯстонҳо, ки аз ададу садади шаҳранд, мебошад. Ва аҳли шаҳр дар зимистону тобистон дар он ҷо мутаваттин мешаванд, ҷиҳати зинат ва тамошоро.

Ва онро суре дигар ҳаст ба қадри як фарсанг дар як фарсанг ва дар андаруни он сур шаҳре ҳаст ва суре азим баланд ва монеъ ҳаволии он бароварда ва берун аз шаҳр қуҳандизе ҳаст ба шаҳр пайваста ва он низ қуҳандизе манеъ ва ҳасин аст. Ва умарову вулоти Хуросон, ки аз Оли Сомонанд, дар қуҳандиз мутаваттин мебошанд.

Ва дар ин шаҳр низ рабазе ҳаст. Ва масҷиди ҷомеъ ба

 PDF Compressor Free Version 

дарвозаи қуҳандизи он шаҳр мебошад ва зиндон дар қуҳандиз ва бозорҳо дар рабаз аст.

Ва дар тамомати Хуросону Мовароуннаҳр ҳеҷ шаҳре бо анбӯҳу халқи бисёр ва хонаҳо(и) ба якдигар муттасил монанди Бухоро нест.

Ва дар рабазу бозори Бухоро рӯди Суғд ба ду сниф шикофта ва он ҷо охири рӯди Суғд аст ва аз он ҷо ба қадри ҳоҷат ба мазореъ ва зиёъ ва осиёб ба харҷ меравад ва он чи фозил мемонад дар обгире меафтад баробари Байканд ба наздики Фарабр, ки ба Соми Х(в)ош маъруф аст.

Ва дар он дарвоза, ҳафт дар аз оҳан сохта ҳаст: яке аз онро Дарвозаи Шаҳр мегӯянд ва яке дигарро Нур, се дигарро Дарвозаи Ҳуфра, чаҳорумро Дарвозаи Қуҳандиз, панҷумро Дарвозаи Бавй Асад ва шашум Дарвозаи Меҳр аст, ҳафтум Дарвозаи Бании Саъд.

Ва дар қуҳандиз ду дарвоза сохтаанд: яке аз онро Дарвозаи Регистон гӯянд ва дигареро Дарвозаи Ҷомеъ. Ва аҳли он ҷоро ба масҷиди ҷомеъ аз ин дарвоза роҳ аст ва дарбҳо(е) чанд дар рабаз ҳаст:

Аз як дарб аз он берун меоянд ва ба Хуросон мераванд ва он ба Дарби Майдон маъруф мешавад. Ва наздики ин дарб аз ҷониби шарқй даре ҳаст ба дарби Иброҳим маъруф ва дар ин дарб дарбе дигар ҳаст ба Рев маъруф. Ва наздики ин дарб дарбе дигар ҳаст ба Марқуша(10) маъруф.

Ва Дарби Килобоз наздикии ин дарб аст ва ҳар ки аз ин диёр хоҳад, ки ба Балх ва Насаф равад, аз Дарби Килобоз ва Мардкуша берун мераванд. Ва наздики Килобоз дарбеҳ аст ба Навбаҳор маъруф. Ва дигаре наздики он аст, ки онро Дарби Самарқанд мегӯянд ва аз он дарб ба Самарқанду Мовароуннаҳр мераванд. Ва Дарби Фағоскун наздики дарби Самарқанд аст.

Ва Дарби Мардкуша наздики Дарби Фағоскун. (Пас аз он Дарби Ромисна). Пас аз он Дарби Ҳалширин ва аз он ба Хоразм мераванд.

Ва Дарвозаи Ғушаҷ наздики он аст. Ва дар рабази миёнаи бозор дарбҳои чанд дигар ҳаст: яке аз онро Дарби

PDF Compressor Free Version

Ҳалид ва дуввумро Боби Қантараи Ҳассон. Ва наздики он ду дар ҳаст — наздики масҷиди Моҷ ва дар миёнаи эшон ҳар ду дарвозае ҳаст ба Рахна маъруф. Ва ҳам дар он наздик мулосиқи Кӯшки Абӯҳишоми Каноӣ дарвозаи дигар ҳаст. Ва Дарвозаи Форҷак наздики он аст. Ва мулосиқи ин наздики Қантарат-ус-сувайқа дарвозаи дигар ҳаст. Ва Дарвозаи Дарвозча ва Дарвозаи Сиккаи Муғон мулосиқ аст. Ва Дарвозаи дарби Самарқанд баъд-он наздик аст. Ва дар куҳандизи ин шаҳр ҳеҷ ҷое оби равон нест, ҷиҳати он ки замини он шаҳр аз замини он ниҳоят қадре баландтар аст ва тамомати оби он диёр аз як рӯди бузург муташаъиб мешавад. Аз ҷумла рӯде ҷорӣ мешавад ба Фашидиза маъруф ва он аз рӯди Бухоро дар мавзеъе, ки ба Варғ маъруф аст, равона мешавад ва меравад ба Дарби Мардкуша, ба Ҷӯйбори Абӯалӣ то он ҷо, ки ба Дарвозаи Шайхи бузург Абулфазл мерасад ва аз он ҷо ба рӯди Навканда меафтад ва ба қадри ду ҳазор бӯстон ва кӯшк ба ғайр аз зироат ва ғайра бо хисбу иморат мебошад. Ва аз аввали ин рӯд то он ҷо ки ба замини фурӯ меравад, ба қадри ним фарсанг бошад.

Ва рӯде, ки ба Ҷӯйбори Бакор маъруф аст, дар миёнаи он шаҳр ба мавзеъе, ки ба масҷиди Аҳид маъруф аст, аз ин рӯд равона мешавад ва меравад, то он ҷо, ки ба Навканда меафтад. Ва баъзе аз мутаваттинони рабази он шаҳрро аз ин рӯд об мебошад. Ва ба қадри ҳазор кӯшк ва бӯстон ба ғайр аз зироат аз ин рӯд бо хисбу иморат мебошанд.

Ва рӯде дигар ҳаст ба Ҷӯйбор-ул-каворийин маъруф. Ва ин рӯд аз шаҳр муташаъиб мешавад аз мавзеъе, ки ба масҷид-ул-ориз маъруф аст. Ва баъзе аз мутаваттинони рабаз об аз ин рӯд мегиранд ва оби ин рӯд бузургтар аз оби рӯди Бакор аст ва заминҳову басотин аз ин рӯд бештар мунтафеъ мебошад.

Ва рӯде дигар ҳаст ба Ҷӯ (и) Ғушаҷ маъруф ва он рӯд низ аз шаҳр — наздики масҷиди ҷомеъи Ориз аз ин рӯд муташаъиб мешавад. Ва он низ баъзе аз арозии рабазро об медиҳад ва аз он ҷо берун меояд ва ба рӯди Навканда меафтад. Ва ин рӯд дар бузургиву тӯл ва арзу умқ ба қадри рӯди Ҷӯйбори Ориз бошад.

PDF Compressor Free Version


Ва рӯде дигар ҳаст ба рӯди Байканд маъруф ва он низ ҳам аз ин рӯд мутафарриқ мешавад аз миёнаи шаҳр аз мавзеъе, ки наздики сари кӯчаи Хутаъ аст. Ва аз ин рӯд низ баъзе аз мутаваттинон ва мазраъаҳои рабазро об мебошад ва меравад ва ба рӯди Навканда меафтад.

Ва рӯди Навканда низ ҳам аз ин рӯди бузург муташтаъиб ва мутафарреъ мешавад аз наздики хонаи Ҳамдуна. Ва тамомати рӯдҳо, ки аз ин рӯди бузург ҷудо мебошанд, ба Навканда меафтад. Ва баъзе аз аҳли рабаз ба ҳоҷот аз ин об истеъмол мекунанд. Ва баъд аз он меравад то он ҷо, ки ба биёбон меафтад. Ва аз ин рӯд ҳеҷ деҳу шаҳр ва зиёъу мазраъаро манфиат намебошад.

Ва рӯди Тоҳуна наздики он аст. Ва ин рӯд низ аз миёнаи шаҳр ҳам аз ин рӯди бузург ҷудо мешавад, аз мавзеъе, ки ба Навбаҳор маъруф аст ва бар канорҳо(и) он рӯдхонаҳо ва осиёбҳо мебошад ва меравад то он ҷо, ки ба Байканд мерасад.

Ва рӯде дигар ҳаст ба рӯди Кишна маъруф, ки аз рӯди бузург равона мешавад дар шаҳр ба мавзеъе, ки ба Навбаҳор маъруф аст ва он мавзеъро бо рабаз ба ҳам аз он рӯд об мебошад ва аз он ҷо ба кӯшкҳову зиёъи бисёр ва бӯстонҳо ва ғайра равона мебошад то он ҷо, ки аз Кишна мегузарад ва ба Моймурғ мерасад.

Ва низ рӯде дигар ҳаст ба рӯди Рабоҳ маъруф, ки аз рӯди бузург мутаваъиб мешавад аз наздики Регистон ва куҳандиз(ро) аз он рӯд об мебошад.

Ва дорулимора ба наздики кӯшки Ҷалоли Диза аст.

Ва рӯде дигар аст, ки аз рӯди бузург равона мешавад дар шаҳр, наздики Қантараи Ҳамдуна ва ба зери замин равона мебошад, то ба ҳавзҳо(е) чанд, ки ба Дарвозаи Бани Асад сохтаанд. Ва он чи аз он фозил ва боқӣ мемонад дар форикайни куҳандиз меафтад.

Ва рӯде дигар ҳаст, ба рӯди Зуғорканда маъруф ва он аз рӯди бузург равона мешавад ва мавзеъе, ки ба Варғ маъруф аст ва аз он ҷо ба Дарвозаи Дарвозҷа равона мешавад ва аҳли Дарвозҷаро то ба Дарвозаи Самарқанд аз

PDF Compressor Free Version

он рӯд об мебошад ва баъд аз он меравад то он ҷо, ки ба Сапедмоса мерасад ва аз он ҷо ба қадри ду фарсанг мегузарад ва кӯшкҳо(и) бисёр ва бӯстонҳо(и) вофир ва заминҳо(и) фаровонро сероб мегардонад...

...Ва аз асл рӯди бузурги Суғд дар ҳадди Бухоро берун аз нафси шаҳр ва девор ба ҳоҳияти Тавовис рӯдҳо(е) чанд мутафарриқ ва равона мешавад то ба дарвозаи шаҳр ва аз он ҷо ба деҳҳо ва мазраъаҳо дар андаруни девор мутафарриқ мешаванд. Ва иморати баъзе аз Бухоро дар ин рӯдҳо мебошад.

Ва рӯде дигар дар он ҷо ҳаст, ки ба Софириком маъруф аст, ки аз рӯди бузург равона мешавад ва деҳҳову мазраъҳо(и) чандро об медиҳад ва меравад, то он ҷо, ки ба Вардона мерасад ва аҳли Вардона аз он об мехӯранд.

Ва рӯде дигар ҳаст ба Хурғонрӯд маъруф (аст) ва он низ аз рӯди бузург равона мешавад ва деҳҳо(и) чандро об медиҳад ва маъмур медорад ва ба Ровас охир мешавад ва аҳли Ровасро аз ин рӯд об мебошад.

Ва рӯде дигар ҳаст ба рӯди Чарғ маъруф ва он низ аз рӯди бузург муташаъиб мешавад ва меравад то он ҷо, ки бар Чарғ охир мешавад ва аҳли Чарғро аз он рӯд об мебошад. Ва он чи боқӣ ва фозил мемонад дигарбора бозмегардад ва ба рӯди бузург меафтад.

Ва рӯде дигар ҳаст ба Навканда маъруф ва он низ аз рӯди бузург равона мешавад ва деҳҳо ва мазраъаҳое чандро об медиҳад, то он ҷо, ки ба Фарғона мерасад ва аҳли Фарғонаро аз ин рӯд об мебошад ва рӯде дигар ҳаст ба рӯди Барахша маъруф ва он низ аз рӯди бузург мегирад ва деҳҳои чандро об медиҳад ва меравад то Барахша ва аҳли Барахша аз ин рӯд об мехӯранд. Ва рӯде дигар ҳаст ба Ромисана маъруф, ки аз рӯди бузург равона мешавад ва деҳҳое чандро об медиҳанд, то он ҷо, ки ба Ромисана мерасад ва аҳли Ромисана аз ин рӯд об мехӯранд...

Ва рӯде дигар ҳаст ба Фаровон-ул-улё маъруф, ки аз рӯди бузург равона мешавад ва деҳҳое чандро об медиҳад,

PDF Compressor Free Version

то он гоҳ, ки ба Убуқор охир мешавад ва аҳлу сукконп Убуқор аз ин рӯд об мехӯранд.

Ва рӯди дигар ҳаст ба Хома маъруф ва он низ аз рӯди бузург равона мешавад ва деҳҳову мазраъаҳое чандро об медиҳаду меравад ва ба Хома охир мешавад ва аҳли Хома аз он рӯд об мегиранд.

Ва рӯди дигар ҳаст ба Таикон маъруф ва он низ аз рӯди бузург муташаъиб мешавад ва деҳҳои бисёрро об медиҳад, то он ҷо ки ба Варқа мерасад ва аҳли Варқа аз ин рӯд об мегиранд.

Ва рӯди дигар ҳаст Навқанда маъруф ва он низ аз рӯди бузург муташаъиб мешавад ва деҳҳои бисёрро об медиҳад ва бо иморат медораду меравад, то он ҷо ки ба Навбоғи амир мерасад ва аҳли он аз ин рӯд ба ҳоҷот об мегиранд.

Ва ҳар об, ки аз рӯди Суғд афзун мебошад, ба рӯде, ки ба ал-Зар маъруф аст, равона мешавад ва ин рӯд дари Рабази Бухороро (пора) бозмешикофад ва аз миёнаи рабаз мегузарад ва рӯдҳои шаҳр тамомат аз рӯди Зар равона мешавад.

Ва бештари ин рӯдҳо, ки ёд карда шуд, он аст, ки аз фарохӣ ва баландӣ киштӣ дар он убур мекунад ва тамомат аз рӯди бузург, ки дохили девори Бухорост аз ҳадди Таъвовис мутафарриқ ва муташаъиб мешавад, то он ҷо, ки ба шаҳр мерасад.

Ва хонаҳои Бухоро ҷумла ба якдигар муттасил бино кардааст. Ва замини хонаҳои эшон аз замини асл қадре баландтар сохтаает ва қуҳандизе чанд шаҳрро ҳаст, ки тамомати он буқъа аз он тоза ва назаҳ аст ва ҳамаи хонаҳои эшон маҷмӯъ бино кардаанд ва дар андаруни девор ҳеҷ кӯҳу биёбон нест.

Ва ба Бухоро аз кӯҳи Варқа наздиктар нест ва аз он кӯҳ сангҳо дар шаҳр ва биноҳо ба кор медоранд ва дар миёнаи хонаҳо мегустаранд ва гил низ аз он ҷо ҳамл мекунанд ва зарфҳо аз он месозанд ва оҳаку гаҷ ва ғайра аз он мегиранд. Ва эшонро берун аз девор ба чанд мавзеъ

PDF Compressor Free Version


намак ҳаст. Ва ҳезуми эшон аз бӯстонҳо мебошад. Ва аз биёбон низ газ ва най дар шаҳр ҳамл мекунанд.

Ва заминҳои Бухоро тамомат ба об наздиканд, ҷиҳат он ки тамомати обҳои Суғд дар он ҷо фуруд меравад ва аз ин сабаб дар он ҷо ҳеҷ дарахти баланд мисли гирдакон ва чинор ва он чи бадон монад, нест, илло тамомати дарахтони он ҷо кӯтоҳ ва нотамом мебошад ва меваҳои Мовароуннаҳр дар лаззат аз меваҳои дигар ақолим некӯтар аст. Ва меваҳои Бухоро аз меваҳои тамомати Мовароуннаҳр хуштар мебошад.

Ва истиқомати аморати Бухоро чунон аст, ки як мардро бо аҳлу аёл ба ҳам ба як ҷариб замин ки зироат кунад, қаноат меафтад ва маоши ӯ аз он муҳайё мебошад. Ва бо он ки он замин дар иморат камоле ҳарчи тамомтар дорад, адади аҳли он чандон аст, ки он чи ҳосил мешавад, аз дахли эшонро басанда намебошад, то аз шаҳрҳои дигар аз ҳар ҷинс аз таом дар он ҳамл мекунанд.

Аз кӯҳе, ки ба Бухоро наздик аст, онро Варқа мехонанд ва он кӯҳ мекашад то ба ноҳияти Самарқанд ба миёни Кешу Самарқанд ва ба кӯҳҳои Буттон, ба Ушрусана дар наҳвои Фарғона муттасил мешавад ва мекашад то он ҷо, ки ба ноҳияи Шилҷӣ ва Тароз берун меравад ва аз касе, ки он роҳ рафта ва дониста буд, шунидам, ки ин кӯҳ то ба ҳадди Сим мекашад.

Ва аз ин биёбон, ки дар миёна ба Ушрусана ҳаст дар наҳвои Фарғонаву Элоқ ва Шилчиву Лабон то ба замини Хирхиз тамомат дар амуди ин кӯҳ аст ва кӯҳе чанд аст ва муттасил аст. Ва навшодир, ки аз аъмоли Буттам мебошад ва зоҷу оҳан ва зебақу рӯй ва сурбу зар ва нафту қир ва зафту фирӯза, ки ба Фарғона мебошад ва кӯҳе, ки дар билоди Фарғона ёд карда омад, ки санги он монанди фаҳм месӯзад ва меваҳои мубоҳ, ки дар ҷадвали Фарғона сифат карда шуд, дар сари ин кӯҳ ё дар зери он то ба кӯҳе, ки мулосиқи он аст, албатта ёфта мешавад.

Ва чашмаҳое чанд дар ин кӯҳ ҳаст, ки чун тобистон гармо сахт шавад, он об фарсуда мешавад ва ҳамчунин

PDF Compressor Free Version

сутуне мебошад ва об аз он чашма мунқатеъ мешавад ва он об ба зимистон гарму ба тобистон азим сарду хуш бошад.

Ва дар он кӯҳ ҳайвоноти бисёр мақар месозанд, ҷиҳат он ки он мавзеъ ба тобистон сарду ба зимистон гарм мебошад.

Ва Бухороро деҳҳои бузург дар андаруни девор ва беруни он ҳаст. Аммо он чи дар андаруни девор аст, аз ҷумла яке Тавовис аст ва ба ғайб аз шаҳри Бухоро ҳеҷ ҷое бузургтар аз минбари Тавовис нест. Ва баъд аз он минбар ба Нумиҷкасу Зандана ва Муғакону Хуҷода.

Ва он чи берун аз девор аст: аввал Байканд ва Фарабр ва Карминия ва Хадиманкан ва Харғонкас ва Мазёмиҷкас.

Аммо Тавовис шаҳре хуш ва назаҳ аст, бо бӯстонҳои бисёр ва обҳои равон ва онро бозоре бузург ва маҷмаъе азим бо халқе анбӯҳ аст ва аз тамомати шаҳрҳои Мовароуннаҳр ҳар сол дар як вақти маълум ҷамъ мебошанд ва ба муомалот машғул мебошанд ва чанд гуна аз ҷомаҳои пахта ба ғояти латофат аз он ҷо муртафеъ мешавад. Ва дар тамомати мавозеъ аз он нақл меафтад. Ва Тавовисро куҳандизе ҳаст ба ғайр аз шаҳр ва масҷиди ҷомеъ дар андаруни шаҳр аст.

Ва аммо шаҳрҳое чанд, ки дар андаруни деворанд, тамомат дар бузургӣ ба иморат наздики якдигаранд ва ҳар якро қалъае ва куҳандизе ҳаст.

Ва аммо Карминия аз Тавовис бузургтар ва маъмуртар аст ва назоҳату аҳли он бештаранд.

Ва Харғонкас ва Мазёмиҷкас мукозии он мавзӯъанд ва эшон ҳарду дар бузургиву тӯлу арз ва иморат наздики якдигаранд.

Ва (дар) Карминия деҳҳо(е) бисёр аст ва дар деҳе мазраъаҳо(е) фаровон ва минбаре сохта, илло Байканд, ки дар он минбар нест. Аммо онро чандон работҳое ҳаст, ки дар ҳеҷ шаҳре аз шаҳрҳо(и) Мовароуннаҳр нест. Ва чунин шунидам, ки дар он шаҳр ҳазор работ ҳаст ва онро суре қавӣ ва масҷиди ҷомеъ ҳаст ва ба харҷи он масҷид муболиға бисёр карда ва меҳроби онро зарандуд гардонида.

...Ва Фарабр (11) шаҳре маъмур ва хуш аз назаҳ наз-

PDF Compressor Free Version


дики Ҷайҳун мавзӯъ аст бо деҳҳо. Ва забони эшон (забони аҳли Бухоро), забони аҳли Суғд аст, илло он, ки аҳли Фарабр чанд ҳарфро аз ҳолати худ мегардонанд. Ва беш-тари эшон «дарӣ» мегӯянд ва аҳли он пайваста дар адаб машғуланд, ҳолат худ чунон ки дар фазл аз аҳли Мова-роуннаҳр зиёдат мебошанд.

...Ва мегӯянд, ки аҳли Бухоро дар асл аз Истахр будa-анд, ки аз он ҷо нақл карданд ва ба атрофи Хуросон му-таваттин ва сокин шуданд.

Ва амирони Бухоро, ки аз аҳли Сомонанд, ба Бухоро му-таваттин мебошанд, ҷиҳат он ки аз шаҳрҳои Мовароун-наҳр ҳеҷ шаҳре ба Хуросон наздиктар аз Бухоро нест. Ва ҳар ки дар Бухоро бошад, Хуросон аз пеши вай ва Мова-роуннаҳр аз паси ӯ мебошад. Ва эшон ҷавонибu умарои худро муроот ва муҳофазат воҷиб медоранд ва имтисоли фармони ӯро мунқод ва мутоъ ва ҳаргиз аз иқтизои раъй ва фармони ӯ таҷовуз намекунанд ва дар ҳусни итоати умаро аз тамомати аҳолии Мовароуннаҳр афзун мебошанд. Ва аввал касе, ки аз фарзандони Сомон мутаваллии Хуро-сон шуд, Исмоил ибни Аҳмад будааст, ки вилояти мамла-кати Хуросон бо ӯ руҷӯъ афтод ва кор бар вай истиқомат ёфт ва авомир ва навоҳии ӯ дар он ҷо нофиз шуд ва дар Бухоро мақом сохт. Ва мулк ва давлат баъд аз вафоти ӯ бар фарзандони вай ба ҳукми ирс мунтақил шуд ва му-халлад ва муаббад монд.

Ва дар аҳди қадим ҳуккоми Мовароуннаҳр ба Самар-қанд ва Шош ва Фарғона муқим буданд ҷиҳати дафъи та-саллут ва манъи тазаллуми туркон. Ва ҳокими Бухоро ба ғайр аз ҳуккоми Мовароуннаҳр буд, то он гоҳ, ки давлати Тоҳирӣ (12) сипарӣ шуд...

...Ва шаҳри бузурги Суғд Самарқанд аст ва он шаҳре хуш ва назаҳ аст бо биноҳои рафеъ ва басотини мураввaҳ бар ҷанубии Водии Суғд мавзӯъ ва онро куҳандиз ва рабаз ва шаҳр аст. Ва зиндон ва дорулимора дар куҳандиз сох-таанд ва ҳар ду бағояти иморат мебошанд...

...Ва дорулимораи Оли Сомон ба ғайр аз дорулимораи

 PDF Compressor Free Version 

куҳандиз аст, ба мавзеъе, ки онро Сафрон мехонанд, мавзуъ аст.,

„Ва дар қадимаҳд дорулимора дар Мовароуннаҳр буда аст то ба рӯзгори давлати Исмоил ибни Аҳмад. Баъд аз он фармуд, то дорулимораро ба Бухоро нақл карданд...

...Ва ман ба дарвозаи Кеш қадре оҳани паҳн дидам ба меххои чанд дӯхта ба қадри сипаре ва бад он чизе навишта. Аз он навишта истифсор карда шуд, чунон гуфтанд, ки ба забони ҳимярӣ (13) навиштааст ва ҳеҷ як онро наметавонист хондан. Илло аз падарони худ шунида буданд, ки мактуб он аст, ки ин иморат аз иморот ва биноҳои мулуки Яман аст, ки эшонро табобиъа (14) мехонанд. Ва дигар навишта буд, ки аз Санъои Яман ба Самарқанд ҳазор фарсанг аст. Ва дар айёме, ки дар Самарқанд муқим будам, фитнае воқеъ шуда ва он дар бисӯхт ва навишта нопадид гашт. Ва Абулмузаффар Муҳаммад ибни Луқмон ибни Аҳмад ибни Наср ибни Аҳмад ибни Асад он дарро дигарбора, чунон ки аввал буд, бе он навишта бисохт.,

„Ва аммо Хуҷанда мулосиқ ва наздики Фарғона ва дар ҷадвали сурати Фарғона сабт карда шуд, илло онро дар давовину аъмол аз якдигар мунфақ (к) ва ҷудо кардаанд. Ва он дар ғарбии рӯди Шош мавзуъ аст ва тӯли он бештар аз арз аст ва ба миқдори як фарсанг боғоту басотин ҳаволии он ҳаст. Ва дар миёнаи басотину боғот хонаҳо бино кардааст.

Ва ҳеҷ шаҳре аз аъмоли он диёр нест, магар Канд. Ва он шаҳре хушуназаҳ аст. Ва меваҳои он шаҳр аз меваҳои шаҳрҳои дигар некӯтар мебошад. Ва дар он шаҳр боғоту басотин бисёр аст ва хонаҳои он аглаб ба якдигар даромада ва наздик ба якдигар бино кардаанд. Ва онро шаҳру куҳандиз ҳаст ва масҷиди ҷомеъи он дар шаҳр аст. Ва дорулимора дар майдони рабаз ва зиндон дар куҳандиз. Ва сукконӣ он ҷоро ҷамолу зеб ва ҳусни бештар аз аҳолии шаҳрҳои дигар мебошад. Ва пайваста муруввату караму сахо дар эшон мушоҳада меафтад. Аммо нафси шаҳр арсае

PDF Compressor Free Version

танг аст ва аз тамомати навоҳӣ ва ҳаволӣ атъимаву ақмиша дар он ҷо ҳамл мекунанд. Ва аз ҷиҳати он ки он арса танг аст, ҷабри ҳоли эшонро аз Фарғонаву Ашрусна дар рӯди Шош киштиҳо атъима ва ғайра меоваранд.

Ва ин рӯде аст, ки аз рӯдҳои бузург фозил мемонад ва асли рӯди бузург ва амуди ин рӯдҳо аз шаҳри туркон дар ҳадди Ӯзканд берун меояд. Ва баъд аз он меравад ва марврӯди Хуршоб ва рӯди Ураст ва рӯди Ҷадғал ғайри он дар он меафтад ва ҷамъ мешавад ва он рӯде азим мебошад. Ва меравад то ба Ахсикас, баъд аз он меравад ба Ҳуҷанда ва аз он ҷо ба Банокас меравад. Баъд аз он ба Бисканд мегузарад ва аз он ҷо меравад ба Пороб. Ва чун аз ҳадди Саброн мегузарад, дар биёбоне равона мешавад, ки он биёбон дар ҳар ду ҷониби атроки Ғузия мумтад шавад. Ва ҳамчунин меравад то ба як фарсангии қарияи Ҳадиса ва аз он ҷо ба дарёи Хоразм меафтад ва ду манзил аз қарияи Ҳадиса дуртар аст.

PDF Compressor Free Version

АБУЛҲАСАН АЛӢ ИВНИ ҲУСАЙНИ МАСЪУДӢ

# Муруҷ-уз-заҳаб ва маодин-ул-ҷавоҳир

PDF Compressor Free Version


# Дебоча

Абулҳасан Алӣ ибни Ҳусайни Масъудӣ — муаррих, сайёҳ ва ҷуғрофидони бузурги араб дар охири асри IX, тақрибан дар соли 893 дар Бағдод таваллуд шудааст. Насаби ӯ ба Абдуллоҳ ибни Масъуд — яке аз саҳобагони пайғамбари ислом (с) мерасад. Масъудӣ дар ҷавонӣ ба саёҳати сарзаминҳои исломӣ баромада аз Ироқ, Эрон, Мовароуннаҳр, Миср, Сурия, Фаластин, Арманистон, Озарбойҷон, Ҳиндустон, Сейлон, Мадагаскар ва ҳатто Чину Малайзия дидан кард.

Масъудӣ соли 947 баъди саёҳатҳои хеш дар Миср зиндагӣ ихтиёр кард ва соли 956 дар шаҳри Фустоти ин кишвар аз олам чашм пӯшид.

Масъудӣ дар «Муруҷ-уз-заҳаб» ва «ат-Танбеҳ ва-л-ишроф»-и хеш унвони 36 асарашро зикр кардааст. Илова бар ин, дар сарчашмаҳо ба шаш китоби дигари ӯ ишорат рафта, вале тамоми ин мероси бузург, ба истиснои ду асари мазкур, аз дастбурди ҳаводис то ба рӯзгори мо нарасидааст. Бузургтарин асари таърихии Масъудӣ «Ахбор-уз-замон» дар сӣ ҷилд таълиф гардида, бино ба ишорати худи Масъудӣ роҷеъ ба мӯҳтавои ин асар ва пораҳои боқимондаи он пайдост, ки дар «Ахбор-уз-замон» на танҳо таърихи сиёсии ақвому халқҳои гуногун, балки куллияи донишҳои башарӣ ба таври муфассал баён шуда будааст.

Асари дигари Масъудӣ «ал-Китоб ал-авсат» низ ба илми таърих онд буда, ахбор ва ҳаводис ба тартиби солҳо баён шудаанд.

Шӯҳрати Масъудӣ ба ҳайси яке аз бузургтарин чеҳраҳои таърихнигории исломӣ ба ду китоби гаронқадри ӯ — «Муруҷ-уз-заҳаб» ва «ат-Танбеҳ ва-л-ишроф» марбут аст.

«Муруҷ-уз-заҳаб ва маодин-ул-ҷавоҳир» яке аз дастовардҳои муҳими таърихнигории арабӣ-мусалмонии қуруни вусто маҳсуб мешавад. Асари мазкурро Масъудӣ дар соли 943 таълиф намуда, соли 947 муҷаддадан онро таҳрир кардааст.

PDF Compressor Free Version

Муаллиф дар «Муруҷ-уз-заҳаб» саёҳати худро ба кишварҳои исломӣ ва андӯхтаҳояшро доир ба таърихи қавму халқҳои мухталиф ба риштаи таҳрир кашидааст. Китоб дар ду бахш ва 132 боб тадвин шудааст. Бахши аввал аз офариниши ҷаҳон, тавсифи замин, зикри сарзаминҳо, дарёҳо, рӯдҳо ва кӯҳҳо оғоз гардида, таърихи анбиё ва ахбори миллатҳоро, аз қабили яҳудиён, масеҳиён, ҳиндувон, эрониён, юнониён, румиён ва арабҳо фаро гирифтааст. Бахши дуввуми китоб аз валодати пайғамбари ислом (с) ифтитоҳ ёфта, аз зикри вокеъоту ҳодисоти марбут ба давраҳои хулафои рошидин, умавӣ ва аббосӣ то соли 947 фароҳам омадааст.

«Муруҷ-уз-заҳаб» аз манобеъи мӯътабар дар таҳқиқ ва маърифати таърихи халқҳои эронӣ ба шумор меояд. Масъудӣ роҷеъ ба таърихи асотирии қавмҳои эронӣ, таърихи Эрон дар давраи Сосониён ва қарнҳои нахусти ислом, мӯътақадот, гоҳшуморӣ, оташкадаҳои эронӣ ва ғайра иттилоъоти бағоят дақиқ ва арзишмандеро ба ёдгор гузоштааст.

PDF Compressor Free Version


...Дар соли дусаду ҳаштодум (893—894) Исмоил ибни Аҳмад, ки пас аз вафоти бародараш Наср ибни Аҳмад аморати Хуросон ёфта буд, сӯйи диёри турк шитофт ва шаҳреро, ки дар он ноҳия унвони дорулмулкро дошт, бигрифт ва хотун — ҳамсари шоҳро асир кард ва понздаҳ ҳазор кас аз турконро асир гирифт ва даҳ ҳазор кас бикушт. Гӯянд: ин шоҳ Танкаш ном дошт ва ин унвони ҳамаи касоне аст, ки подшоҳии он диёрро дошта бошанд (1).

• • •

...Дар соли дусаду ҳаштоду ҳафтум (900) миёни Исмоил ибни Аҳмад ва Амр ибни Лайс — фармонравои Балх ҷанг шуд ва Амр асир шуд, ки чигунагии асорати ӯро дар китоби «ал-Авсат» (2) овардаем.

• • •

...Дар ҳамин сол, ки соли дусаду ҳаштоду ҳафтум (900) буд, Доъии Алавӣ (3) бо сипоҳи фаровон аз Дайлам ва ғайра аз Табаристон ба Гургон рафт ва аз тарафи Исмоил ибни Аҳмад сипоҳи сиёҳпӯшон ба солории Муҳаммад ибни Ҳорун бо ӯ рӯ ба рӯ шуд ва ҷанге шуд, ки дар он рӯзгор назири он дида нашуда буд. Ду тараф пойдорӣ карданд ва натиҷаи ҷанг ба нафъи сапедҷомагон ва зарари сиёҳпӯшон буд. Он гоҳ Муҳаммад ибни Ҳорун, ки пойдории суфуфи дайламонро бидид, ҳила кард ва бигрехт. Дайламон бо шитоб пеш давиданд ва сафҳояшон дарҳам шуд. Сиёҳпӯшон бозомаданд ва шамшер дар онҳо ниҳоданд. Бисёр кас аз онҳо кушта шуд ва Доъӣ чанд захм бардошт, зеро вақте ёрони вай ба садади гирифтани ғанимат сафҳои хешро шикастанд ва ба ӯ напардохтанд, ӯ бо касоне, ки ба ёриаш истода буданд, истиқомат карданд ва мавриди хуҷум қарор гирифтанд. Ҳамин ки ҷанг ба сар расид, захми бисёр дошт, писараш — Зайд ибни Муҳаммад ибни Зайд ва касони дигар асир шуда буданд. Муҳаммад ибни Доъӣ чанд рӯзе беш намонд ва аз захмҳое, ки хӯрда буд, бимурд ва ба

PDF Compressor Free Version

дарвозаи Гургон ба хок шуд ва қабри ӯ то кунун он ҷо мӯҳтарам аст.

* * *

...Дар ҷумодиюлаввали соли дусаду ҳаштоду ҳаштум (IV—V, 901) Амр ибни Лайсро ба Мадинатуссалом овард. Абдуллоҳ ибни Фатҳ — фиристодаи султон ӯро биёвард. Амрро дар кӯчаҳо гардониданд, бар шутури дукӯҳонае савор буд ва пироҳани ҳарир ба тан дошт ва Бадри вазир ва Қосим ибни Убайдуллоҳ бо сипоҳ аз пайи ӯ буданд. Пас аз он вайро ба қасри Сурайё (4) бурданд, ки Мӯътазид ӯро бидид. Сипас ӯро ба Сиёҳчол (5) бурданд. Дар ҳамин вақт сипоҳиёни шокария (6) аз тарафи Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Лайс ба шӯриш водор шуданд, ки вай аз рафторе, ки бо ҷаддаш — Амр карда буданд, хашмгин буд. Шокария дар вилояти Аҳвоз бад-ӯ пайвастанд ва аз қаламрави Форс берун шуданд ва кор ошуфта шуд.

Мӯътазид, Абдуллоҳ ибни Фатҳ ва Ашносро бо ҳадяҳо пеши Исмоил ибни Аҳмад фиристод, ки аз он ҷумла сад ҷомаи ҳарири зарбофи мурассаъ буд бо як камарбанди тиллои мурассаъ ба ҷавоҳир ва ҷавоҳироти дигар ва сесад ҳазор динори нақд, ки миёни ёрони худ тақсим кунад ва инҳоро ба Систон ба ҷанги Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Лайс бифиристанд. Мӯътазид ба Абдуллоҳ ибни Фатҳ дастур дод, ки зимни убур аз билоди Ҷабал даҳ милён дирам аз хироҷи он ҷо ҳамроҳ бардорад ва ба сесад ҳазор динор биафзояд. Дар ҳамин сол Бадр — ғуломи Мӯътазид низ бо сипоҳи худ ба Форс рафт ва дар Шероз ҷо гирифт ва шокарияро аз он вилоят берун ронд.

* * *

...Дар айёми Мӯътазид ба соли дусаду ҳаштоду ҳафт (900) Наср ибни Аҳмад — фармонравои Мовароуннаҳр ва Балх бимурд (7) ва бародараш Исмоил ибни Аҳмад ба ҷояш нишаст.

PDF Compressor Free Version

ҲАМЗАИ ИСФАҲОНӢ

# Синии мулук-ил-арз ва-л-анбиё

PDF Compressor Free Version


# Дебоча

Муаллифи таърихномаи мўътабари «Синий мулук-ил-арз ва-л-анбиё» — муаррих ва адиби шаҳири арабизабон Абўабдуллоҳ Ҳамза ибни Ҳасан, ки ба Ҳамзаи Исфаҳонй маъруф аст, дар ҳудуди солҳои 270/883-884 дар Исфаҳон чашм ба олами ҳастй кушод ва бештари умри худро дар ҳамин шаҳр гузаронида, саранҷом дар ҳудуди солҳои 350-360/961-971 дар ҳамин ҷо аз дори фано даргузашт.

Ба қалами Ҳамзаи Исфаҳонй беш аз 12 ҷилд китоб тааллуқ дорад, ки дар риштаҳои таърих, наҳв, луғат ва адаб таълиф шудаанд. Аз ин теъдод панҷ китоб аз дастбурди ҳаводиси рўзгор эмин монда ва то замони мо расидааст. Яке аз онҳо китоби «Синий мулук-ил-арз ва-л-анбиё» аст. Дар даҳ фасли он таърихи силсилаҳои эронй, румй, юнонй, мисрй, лахмй, яманй, ҳимярй, киндй ва исломй то вақоеъи соли 350/961, ки санаи итмоми китоб аст, баён ёфтааст. Аксари фаслҳои китоб мухтасар аст, вале бахшҳое, ки ба таърихи қавмҳои эронй ва вақоеъи чаҳор қарни нахусти ислом оиданд, бо шарҳу тафсили бештар омадаанд. Дар гузориши таърихи сулолаҳои эронй Ҳамзаи Исфаҳонй аз бархе манобеъи кўҳан, аз ҷумла тарҷумаи арабии «Худойнома»-и паҳлавй, ки ба қалами Абдуллоҳ ибни Муқаффаъ тааллуқ дошт, истифода кардааст. Аз ин ҷост, ки асари Ҳамзаи Исфаҳонй ба ҳайси маъхази мўътабар ва мўътамади таърих мавриди иқтибос ва истиноди муаррихони сонй қарор гирифта ва баъзе муаллифон, мисли соҳиби «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас», матолиби зиёдеро аз он дар тарҷумаи форсй дар китоби худ ғунҷониш додаанд.

Осори дигари Ҳамзаи Исфаҳонй — «ат-Танбиҳ ало ҳудус-ит-тасҳиф», «ад-Дурра ал-фохира фи-л-амсол ас-соира», «ал-Мувозана байн ал-арабийа ва-л-форсийа», «Шарҳ ахбор Абинувос» ва ғайра гувоҳи онанд, ки ў дар сарфу наҳв, луғат ва адаби арабй табаҳҳури комил доштааст. Дар тамоми асарҳои Ҳамза

PDF Compressor Free Version


бо он, ки ба забони арабӣ навишта шудаанд, дилбохтагии муаллиф ба таъриху фарҳанги Эронзамин ва эҳсосоти меҳанпарастии ӯ ҷилвагар аст. Ҳамин ифтихори Ҳамза аз нажод ва фарҳанги эронии худ аст, ки дар таълифоти ӯ матолиби марбут ба таърих, забон ва адаби қавмҳои эронӣ аз мақоми арҷмандe бархурдор гардида, бар соири матолиб руҷҳон пайдо кардааст.

Таълифоти Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар доираҳои шарқшиносии Аврупо ҳанӯз дар нимаи аввали асри XIX иштиҳор ёфта буданд. Аз ҷумла, «Синий мулук-ил-арз ва-л-анбиё»-и ӯ соли 1844 дар Лейпциг аз ҷониби М. Е. Готвальд бо шарҳе ба забони лотинӣ ба табъ расида буд. Бори дуюм китоби мазкур дар Берлин дар соли 1922 бо тасҳеҳи Саййид Ҷаводи Эронӣ рӯи чопро дид. Ҳамин чоп мабнои тарҷумаи форсии китоб гардид, ки тавассути Ҷаъфари Шиъор таҳти унвони «Таърихи паёмбарон ва шоҳон» дар Теҳрон ба нашр расидааст.

PDF Compressor Free Version

## ФАСЛИ НӮҲУМ

## ДАР ЗИКРИ УМАРОИ ХУРОСОН

Дар фасли ҳаштум дар бораи ҳаводиси Бағдод дар даврони хилофати Банӣ Аббос гуфтугӯ кардем, аммо чун касоне, ки ҳукуматро аз Банӣ Умайя ба Банӣ Аббос интиқол доданд ва лашкари Банӣ Умайя ва аъробро нобуд сохтанд, мардуми Хуросон буданд, ин фаслро ба умарои Хуросон ихтисос додам ва дар фасли баъд ба шарҳи таърихи умарои Табаристон мепардозам.

Аммо сабаби он ки аз миёни сарзаминҳо таърихи ин ду сарзаминро дар ин китоб овардам, ин аст, ки мардони Хуросон ва Табаристон алайҳи Банӣ Умайя ба саркардагии ду диловари рӯзгор: Абӯмуслим (1) — соҳиби ҳукумат ва Абулҳусайн ибни Бӯя (2) ба по хестанд.

Иқдоми умарои Хуросон аз ин ҳайс шоёни таваҷҷӯҳ аст, ки эшон аз назари Банӣ Умайя гунаҳкор буданд. Сипоҳи Банӣ Умайя, яъне бақоёи лашкари хонадони Абӯсуфён ва авлоди Марвонро (3) барои интиқом нобуд сохтанд. Хулафои Банӣ Умайя ба андешаи вайрон кардани хонаи Каъба манҷаниқҳо бад-он ҷо оварданд ва аркони онро суст ва деворҳоро бараҳна карданд, бо фарзандони расули худо ба ҷанг бархостанд ва ононро ба ҳоли ташнагӣ куштанд ва расули худоро дашном доданд. Ва пеш аз ин низ писари аммуи вайро (4) бар манобири ислом саб(б) карда буданд. Он гоҳ сарҳои куштагонро пеши чашми тамошогарон ба Язид (5) ҳадя фиристоданд, чунон ки дар бораи кофирон кунанд. Ва Язид ба арабони Шом (6) чунон вонамуд, ки эшон бар имоми адл хурӯҷ кардаанд ва шаққи асои муслимин карда ва аз ҷамоати мусалмонон берун рафтаанд. Ва чунон хостаанд, ки имоматро аз имом, ки воли наҳди

PDF Compressor Free Version


имом аст, мунтазеъ ва ҳаққи мавруситро, ки халифаи пешин (Муовия) вайро шоистаи он донистааст, ғасб кунанд (7). Бад-ин сон аътом (?) (8) араб бар асари талқиноти эшон ба лаън ва ифтирои Оли Алӣ (а) пардохтанд ва гуфтанд: Вой бар шумо, ки аз суннат ва ҷамоат дурӣ ҷустед ва бар халифаи худо нофармон шудед! Он гоҳ қариб сад сол мардумро аз эшон бар ҳазар медоштанд ва тухми душмании ононро дар дилҳо мекоштанд ва аз муоширати ва омезиш бо эшон бозмедоштанд, то он ки худованд Абӯмуслим — бартарафкунандаи торикӣ ва соҳиби давлатро барангехт ва шаҳрҳоро аз олудагии онон пок сохт ва мардумонро аз ҷавру ситами онон раҳонид.

Аммо аҳамияти иқдоми умарои Табаристон бад-он аст, ки эшон қарматиёнро аз билоди ислом бирондаид ва дорулмулкро аз ситамкорон ва фитнагарон пок карданд ва язидиёнро (9), ки душманони давлат буданд ва ҳилофатро аз миён бурда ва русуми аҳли русумро (10) барқарор карда буданд, худояшон ба дӯзах бисӯзонад, барандохтанд. Инак, ба зикри таърихи умарои Хуросон мепардозем ва биллоҳит-тавфиқу.

Мақарри умарои Хуросон аз оғози ҳукумати араб дар он ҷо то кунун се шаҳр будааст: Марв, Нишобур ва Бухоро. Шаҳри Марв то ҳангоме, ки Абдуллоҳ ибни Тоҳир аморати Хуросон ёфт ва ба Нишобур нишаст ва сипас ба Марв омад,дорулимора буд. Он гоҳ Нишобур дорулимора гашт то ҳангоме, ки Исмоил ибни Аҳмад ибни Асади Сомонӣ билоди Тоҳирро ба даст гирифт ва дар Бухоро нишаст.

## Абӯмуслими Хуросонӣ

Абӯмуслим, ки интиқолдиҳандаи ҳукумат ба Банӣ Аббос буд, дар нимаи моҳи рамазони соли 129 (V.747) дар Хуросон зуҳур кард ва дар рӯзи душанбеи нимаи рабеъулаввали соли 130 (XI. 747) ба дорулимораи Марв омад. Он гоҳ Абӯҷаъфар (11) — бародари халифа барои байъат гирифтан аз ӯ ва пайравонаш назди ӯ расида ва сипас бозгашт. Дар

PDF Compressor Free Version

ғуррап моҳи рамазони соли 136 (II. 754) Абӯмуслим ба Ироқ раҳсипор шуд ,то дар шаҳри Анбор назди Саффоҳ (12) равад ва дар ҳамин сол озими ҳаҷ шуд. Ва Абӯҷаъфар низ ҳаҷ кард ва дар соли мазкур Саффоҳ даргузашт. Абӯҷаъфар пас аз ҳаҷ ба Ироқ омад ва Абӯмуслимро ба муқобала бо аммаш Абдуллоҳ ибни Алӣ равона кард ва ин ба соли 137 (754) буд, аммо рӯзи сешанбе, шашуми ҷумодиюлухрои соли 137 (XI. 754) Абдуллоҳ шикаст хӯрд.

Он гоҳ Абӯмуслим дар моҳи раҷаб ба Хуросон бозгашт ва рӯзи панҷшанбе, шаби сездаҳуми шаъбон ба Ҳулвон фуруд омад. Дар ин ҳангом фиристодагони Абӯҷаъфари Мансур назди ӯ омаданд ва вай ба сӯи Мансур ҳаракат кард ва дар шомгоҳи сешанбе, панҷ рӯз монда аз шаъбон ба Мадоин расид ва рӯзи чаҳоршанбе, чаҳор рӯз монда аз шаъбон (II. 755) ба дасти Мансур кушта шуд.

### Абӯдовуд Холид ибни Иброҳим

Мансур пас аз куштани Абӯмуслим ба Абӯдовуд Холид ибни Иброҳими Зӯҳлӣ, ки дар Таҳористон буд, нома навишт ва аморати Хуросон бад-ӯ дод. Холид раҳсипори Марв шуд ва рӯзи душанбе, ҳафтуми моҳи шавволи соли 137 (III.755) бад-он ҷо расид ва то ҳангоми марг, ки дар рӯзи ҷумъа, ҳафтуми моҳи рабеъулаввали соли 140 (VII.757) иттифоқ афтод, аморати он ҷоро ба даст дошт.

### Абӯисом ибни Салим

Пас аз Холид соҳиби шуртаи Хуросон Абӯисом Абдурраҳмон ибни Салим аморати Хуросон ёфт ва як солу шаш моҳ ҳукумати он ҷоро ба даст дошт ва худо ба ҳақоиқи умур донотар аст.

### Абдулҷаббор ибни Абдурраҳмон

Сипас Абдулҷаббор ибни Абдурраҳмони Аздӣ амири Ху-

PDF Compressor Free Version

росон шуд ва рӯзи шанбе чаҳордаҳуми моҳи рабеъулохири соли 142 (VIII.759) ба Марв омад. Ва Ҳозим ибни Ҳузайма дар ин ҳангом ба Забадонқон (13) буд. Абдулҷаббор нофармонӣ кард ва гуноҳони бузургеро муртакиб шуд. Маҳдӣ, ки валиаҳд буд, ба Нишобур омад ва Ҳозимро ба сӯи Абдулҷаббор фиристод, ки ӯро гирифт ва назди Маҳдӣ овард. Маҳдӣ вай — Ҳозимро аморати Марв дод ва худ ба Рай бозгашт ва то соли 144 (761—762) дар он ҷо иқомат кард. Сипас ба Бағдод ва бори дигар ба соли 146 (763—764) ба Рай бозгашт ва то соли 151 (768) дар он ҷо бимонд. Он гоҳ ба Бағдод омад ва писараш Ҳодиро ба соли 167 (783—784) ба Гургон фиристод. Ва худой донотар аст.

### Ҳозим ибни Ҳузайма

Ҳозим рӯзи панҷшанбе, ёздаҳуми рабеъулаввали соли 143 (VII.760) ба Марв рафт.

### Абӯавн

Пас аз Ҳозим аморати Хуросон ба Абӯавн Абдулмалик ибни Язид расид. Вай ба соли 146 (763—764) ба Марв омад ва муддати шаш сол дар он ҷо бимонд. Ва худой донотар аст.

### Абӯмолик

Дигар аз умарои Хуросон Абӯмолик Усайд ибни Абдуллоҳи Хузоъӣ буд, ки аз ҷониби Мансур аморат ёфта буд ва аз Маҳдӣ низ комилан фармон мебурд. Дар рамазони соли 149 (X.766) ба Марв омад ва то моҳи зулҳиҷҷаи соли 150 (XII.767), ки соли маргаш буд, бад-он ҷо вилоят дошт.

### Ҳозим ибни Ҳузайма

Сипас бори дигар Ҳозим аморат ёфт ва ба соли 151 (768)

PDF Compressor Free Version


ба Лағория раҳсипор шуд ва худо ба ҳақоиқи умур доноттар аст.

### Ҳумайд ибни Қаҳтаба

Пас аз вай Ҳумайд ибни Қаҳтаба вилоят ёфт ва рӯзи шанбе, шаби дуввуми шаъбони соли 151 (VIII.768) ба Марв омад ва то ҳангоми марг, яъне аввали шаъбони соли 159 (V.776) аморати Хуросон дошт.

### Абдуллоҳ ибни Ҳумайд

Сипас ба Абдуллоҳ ибни Ҳумайд фармон навиштанд ва ӯ муддати шаш моҳ дар Хуросон аморат ёфт.

### Абӯавн

Пас аз Абдуллоҳ бори дигар Абӯавн амири Хуросон шуд. Он гоҳ писараш Абдуллоҳ ибни Абӯавн рӯзи душанбе, нимаи моҳи сафари соли 160 (XII.776) назди ӯ омад.

### Муъоз ибни Муслим

Сипас Муъоз ибни Муслим вилоят ёфт ва лашкар ба ҷанги Муқаннаъ (14) фиристод ва Салм ибни Солимро рӯзи панҷшанбе, ҳафт рӯз монда аз рабеъулохири соли 161 (I.778) аз ҷониби худ ба Марв гусел дошт ва баъд аз он Муъоз дар моҳи ҷумодиюлаввал (II.778) бад-он ҷо расид.

### Зуҳайр ибни Мусайяб

Пас аз Муъоз, Зуҳайр ибни Мусайяби Заббӣ (15) амири Хуросон шуд ва ба рӯзи сешанбеи саввуми ҷумодиюлухрои соли 163 (II.780) ба Марв омад.

### Фазл ибни Сулаймон

Сипас Фазл ибни Сулаймон Абулаббоси Тӯсӣ ба аморат

PDF Compressor Free Version



расид. Нахуст Саъид ибни Бишр ба ҷонишинии ӯ рӯзи душанбе, панҷ рӯз монда аз муҳаррами соли 166 (IX.782) ба Марв омад ва сипас худи Фазл рӯзи душанбе панҷуми рабеъулаввал (X.782) бад-он ҷо расид (16). Марги Маҳдӣ ва Ҳодӣ ба ҳангоми аморати вай иттифоқ афтод.

### Ҷаъфар ибни Муҳаммад

Баъд аз Фазл, Ҷаъфар ибни Муҳаммади Ашъаси Хузоъӣ, аз тарафи Ҳорунаррашид вилоят ёфт. Нахуст писараш Аббос ибни Ҷаъфар ба ҷонишинии падар рӯзи ҷумъа дувоздаҳ рӯз монда аз зулҳиҷҷаи соли 170 (VI.787) ду рӯз баъд аз Наврӯз (16-а) ба Марв омад. Ва сипас Ҷаъфар рӯзи панҷшанбе, шаби дуюми муҳаррами соли 171 (VI.787) бад-он ҷо расид. Вай ба ҷанги Тахористон рафт ва ба Кобулистон лашкар фиристод. Он гоҳ ба Марв бозгашт ва пас аз понздаҳ рӯз, ки дар он ҷо монд, рӯзи душанбе, чаҳоруми моҳи рамазони соли 173 (I.790) ба Ироқ муроҷаат кард.

### Ҳасан ибни Қаҳтаба

Пас аз Ҷаъфар, Ҳасан ибни Қаҳтаба вилоят ёфт. Ҷонишинии вай ба Марв равон шуд ва чун ба вилояти Абаршаҳр расид, маъзул шуд ва бозгашт. Аббос ибни Ҷаъфар низ муроҷиат кард ва дар шавволи соли 173 (II—III.790) ба Бағдод омад. Ва худой донотар аст.

### Ғитриф ибни Ато

Сипас Ғитриф ибни Ато ба Хуросон ва Гургон ва Систон вилоят ёфт. Нахуст ҷонишинии вай Довуд ибни Язид ва пас аз он худи Ғитриф рӯзи сешанбе, даҳуми моҳи рамазони соли 175 (I.792) ба Марв омад.

### Ҳамза ибни Молик

Пас аз Ғитриф, Ҳамза ибни Молики Хузоъӣ амири Ху-

PDF Compressor Free Version

росон шуд. Писараш ба ҷонишинии вай рӯзи шанбе панҷуми муҳаррами соли 177 (IV.793) ва худи Ҳамза рӯзи чаҳоршанбе, даҳ рӯз монда аз сафар (V.793) ба Марв омад.

### Фазл ибни Яҳё

Сипас Фазл ибни Яҳё ибни Холидро бар Хуросон ва Систон ва Гургон ва вилоёти Ҷабал аморат доданд. Ҷонишини вай Яҳё ибни Муъоз рӯзи шанбе сездаҳуми моҳи рамазони соли 177 (XII.793) ва пас аз ӯ худи Фазл ибни Яҳё рӯзи якшанбе, ҳафтуми сафари соли 178 (V.794) ба Марв расид. Фазл як моҳ дар Марв монд, он гоҳ аз роҳи Балх ба Самарқанд рафт ва сипас ба Марв бозгашт ва чанд рӯз он ҷо диранг кард ва рӯзи ҷумъа, ҳафтуми моҳи рабеъулаввали соли 179 (VI.795) аз он ҷо берун омад. Баъд аз ӯ Амр ибни Ҳамлро аморати Хуросон доданд ва ӯ муддати нӯҳ моҳ ҳукумат кард. Ва худо ба пинҳониҳо огоҳтар аст.

### Мансур ибни Язид

Амири Хуросон пас аз Фазл, Мансур ибни Язид ибни Мансури Холидӣ Маҳдӣ буд, ки рӯзи сешанбе, чаҳордаҳ рӯз монда аз зулҳиҷҷаи соли 179 (II.796) ба Марв омад.

### Ҷаъфар ибни Яҳё

Сипас Ҷаъфар ибни Яҳё ибни Холид вилоят ёфт ва ӯ ҷонишини худ Алӣ ибни Ҳасан ибни Қаҳтабаро ба Хуросон фиристод. Он гоҳ Ҳорунаррашид ба тавлияти Ҷаъфар оғоз кард, аммо ӯро аз аморат маъзул дошт.

### Алӣ ибни Исо

Пас аз Ҷаъфар, Алӣ ибни Исо ибни Моҳон ба аморат расид. Нахуст писараш Яҳё ибни Алӣ ба ҷонишинии вай ба Марв рафт ва сипас худи ӯ рӯзи панҷшанбе, шаби дуввуми

PDF Compressor Free Version

ҷумодиюлухрои соли 180 (VIII.796) бад-он ҷо расид ва ду сол дар он ҷо бимонд. Он гоҳ ба Ироқ рахсипор шуд, то Ҳорунарраишдро дар Рай мулоқот кунад. Ва ин ба рӯзи панҷшанбе, сездаҳуми ҷумодиюлулои соли 184 (VI.800) буд, сипас ба соли 189 (804—805) ба Марв бозгашт. Ва худо донотар аст.

### Ҳарсама ибни Аъйан

Сипас Ҳарсама ибни Аъйанро вилоят доданд ва дасти ӯро бад-он чи Алӣ ибни Исо дар тасарруф дошт, бозгузоштанд. Ҳарсама рӯзи душанбе, нӯҳ рӯз монда аз моҳи рабеъ-улохири соли 192 (II.808) ба Марв расид ва муддати 45 рӯз бад-он ҷо бимонд. Сипас бо лашкаре ба сӯи Балх рафт ва рӯзи панҷшанбе, панҷуми ҷумодиюлухро (IV.808) бад-он ҷо расид ва чаҳор рӯз дар лашкаргоҳи худ бимонд ва рӯзи душанбе аз он ҷо берун омад ва Алӣ ибни Исоро ба сӯи Ҳорунарраишд фиристод ва рӯзи панҷшанбе, панҷ рӯз монда аз ҷумодиюлуло (III.808). Ва ӯ рӯзи душанбе, ҳашт рӯз монда аз ҷумодиюлулои соли 192 (III.808) равона шуд (17).

### Маъмун

Ҳорунарраишд ба соли 189 (804—805) Маъмунро ба аморати Хуросон ва Систон ва Гургон ва Табаристон ва Рӯён ва Данбованд (18) ва Рай баргузид. Ва ӯ муддати панҷ сол аморат дошт. Ва низ Ҳорун кори бародараш Қосим ибни Рашид мулаққаб ба «Мӯътаман»-ро ба вай мавкул кард, бад-ин сон, ки агар Ҳорун бихоҳад, пас аз Маъмун вайро ба аморат бигуморад ё аз ӯ бозгирад. Ва дар ҳамин соли мазкур Абдуллоҳ ибни Молик ибни Ҳишом аз тарафи Ҳорун ба ҳукумати навоҳии воқеъ дар миёнаи Хуросон ва Гургон то Моҳин мансуб шуда буд. Маъмун ба соли 193 даҳ рӯз монда аз ҷумодиюлуло (III.809) ба Марв омад ва дар он ҷо бимонд, то он гоҳ, ки аз аморат ба хилофат расид.

PDF Compressor Free Version

Ҳорунаррашид дар Тӯс ба масофати 13 рӯз аз он шаҳр даргузашт (сеюми ҷумодиюлухро) ва муддати иқомати Маъмун дар Марв 9 сол буд. Сипас аз он ҷо дар моҳи рабеъ-улохири соли 202 (X—XI.817) ба қасди Ироқ равон шуд ва ду сол дар роҳ монд.

Маъмун дар рӯзгори хилофати падараш Ҳорун ва бародараш Амир «имом» хонда мешуд, зеро вай валиаҳд буд, то ин ки амири сипоҳи вай Тоҳир ибни Ҳусайн бо амири сипоҳи бародараш Алӣ ибни Исо ибни Моҳон ҷанг кард ва ӯро кушт. Ва аз ин ба баъд Маъмунро «амирулмӯъминин» хонданд. Ва Ҳарсама ибни Аъйан низ, ки пеш аз ин аз ҳукумати Мовароуннаҳр маъзул шуда ва ба ҷои ӯ Яҳё ибни Муъоз аморат ёфта буд, бо сипоҳиёни худ наздики Ироқ шикаст хӯрд соли 195 (810—811).

## ФАЗЛ ИБНИ САҲЛ

Дар раҷаби соли 196 (III—IV.811) Маъмун амората ҳамаи навоҳии шарқро, ки тӯлан шомили миёнаи Ҷабали Ҳамадон то ҳудуди Туббат ва арзан миёнаи дарёи Табаристон (баҳри Хазар) то дарёи Ҳиндро шомил буд, ба Фазл ибни Саҳл дод ва Фазл, Яҳё ибни Муъозро ба ҳукумати Мовароуннаҳр гумошт. Ва худо донотар аст.

## РИҶО ИБНИ ЗАҲҲОК

Чун Маъмун аз Хуросон ба Гургон равона шуд ва ба соли 203 (818—819) бадон ҷо расид, Риҷо ибни Заҳҳокро ба ҳукумати вилояти Хуросон, ҷуз Мовароуннаҳр баргумошт ва сипас Ғассон ибни Аббодро бар Хуросон, Систон, Кирмон, Гургон, Табаристон, Рӯёнф (Рӯён), Данбованд ва Қумис ба аморат баргузид. Ва ӯ муддати ду соли комил дар ин навоҳӣ ҳукумат кард. Ва худо донотар аст.

## ТОҲИР ИБНИ ҲУСАЙН

Чун Маъмун ба соли 204 (819—820) ба Бағдод расид, ба

PDF Compressor Free Version


ислоҳи умур ҳиммат гумошт. Дар соли 205 (820—821), ки маблағи бештаре аз сол гузашта буд, Маъмун ба кори Хуросон пардохт ва Тоҳир ибни Ҳусайнро, ки шуртагии Бағдодро бар ӯҳда дошт, ба ҳамаи навоҳии воқеъ дар миёнаи Бағдод то дуртарин ноҳияи шарқ, ки иборат аз Хуросон, Систон, Кирмон, Қумис, Табаристон, Рӯён, Данбованд ва Рай буд, аморат дод. Ва ҳукумати ҳамаи ин сарзаминҳоро дар рамазони муборак аз соли 205 (II—III.821) ба номи ӯ бастанд. Вай нахуст Талҳа ибни Тоҳирро ба сӯи Марв равона кард ва худ дар моҳи зулҳиҷҷаи соли мазкур (V—VI.821) пас аз рӯзи қурбон бад-он ҷо раҳсипор шуд ва дар соли 206 (821) ба Марв расид, як солу чанд моҳ дар он ҷо бимонд ва саранҷом дар рӯзи шанбе, се рӯз монда аз ҷумодиюлухро аз соли 207 (XI.822) даргузашт.

## ТАЛҲА ИБНИ ТОҲИР

Чун хабари марги Тоҳир ба Маъмун расид, ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир, ки дар Ракқа буд, нома навишт ва ӯро илова бар ҳукумати навоҳии Ҷазира, Шом, Миср ва Африқия, ки бар ӯҳда дошт, ба аморати навоҳии падараш — Тоҳир гумошт ва бародараш Талҳа ибни Тоҳирро низ халифаи вай дар навоҳии шарқ кард, аммо Талҳа ба номи худ бо Маъмун мукотаба мекард ва номи Абдуллоҳро намебурд. Талҳа муддати панҷ сол дар он ҷо бимонд, ва, саранҷом, рӯзи якшанбе, се рӯз монда аз рабеъулаввали соли 213 (VI.828) даргузашт.

Абдуллоҳ яке аз касонеро, ки аз вай хурсандӣ дошт, ба ҷонишинии Талҳа баргумошт, ва Муҳаммад ибни Ҳамиди Тоҳириро ба қаймумати умур баргузид ва аморатро ба бародараш Алӣ ибни Тоҳир дод.

## АБДУЛЛОҲ ИБНИ ТОҲИР

Ҳангоме ки хабари марги Талҳа ба бародараш Абдуллоҳ ибни Тоҳир, ки дар Бағдод буд, расид, ҳоҷиби худ Тоҳир

PDF Compressor Free Version

ибни Иброҳимро ба сӯи бародараш Алӣ ибни Тоҳир фиристод ва аморати навоҳиеро, ки Талҳа ба даст дошт, ба вай супурд. Он гоҳ Маъмун аморати саразаминҳои Рай, Табаристон, Рӯён ва Данбовандро ба Абдуллоҳ дод ва ин ба соли 212 (827—828) буд. Дар ҳамин сол Абдуллоҳ бо Убайд ибни ас-Сарийи дар Миср ҷангид, аммо саранҷом Убайд аз ӯ амон хост ва кишвари Мисрро таслим кард ва бад-ин сон Миср ба тасарруфи Абдуллоҳ омад ва вай Убайдро назди Маъмун фиристод.

Шарҳи воқеъа он, ки Маъмун ба соли 208 (823—824) Абдуллоҳро ба Ҷазира ва Шом барои ҷанг бо Наср ибни Шайби Укайлӣ, ки мардумони Ҷазира ва Шомро фирефта буд, гусел дошт. Абдуллоҳ бо вай ва ҳамдастонаш ба ҷанг бархост то саранҷом ононро шикаст дод ва сардамдорони фитнаангезро ба назди Маъмун фиристод.

Абдуллоҳ ибни Тоҳир, Исо ибни Зайди Ҷалудиро ба ҳукумати Миср гумошт ва дар поёни соли 212 (II.828) ба Бағдод омад. Сипас Маъмун вайро аз навоҳии Мағриб маъзул кард ва бародараш Абӯисҳоқ Муҳаммад ибни Рашидро ба ҳукумати он ҷо баргузид ва рӯзи шанбе, ҳафтуми моҳи рамазони соли 213 (XI—XII,828) аморати навоҳии мазбур ба номи вай бастанд.

Он гоҳ Маъмун шаби душанбе, даҳуми ҷумодиюлулои соли 214 (VII.829) ба Миср равона шуд ва дар моҳи муҳаррами соли 217 (II—III,832) ба ҳамроҳии бародараш Муҳаммад ибни Рашид ба он ҷо расид. Маъмун Абдуллоҳ ибни Тоҳирро ба ҷанги Бобак ва умарои Озарбойҷон ва вилояти Ҷабал баргумошта буд. Абдуллоҳ рӯзи душанбе чаҳор рӯз монда аз ҷумодиюлухрои соли 214 (VIII.829) ҳаракат кард ва ба Динавар расид ва бародарш Муҳаммад ибни Тоҳирро ба ҷонишинии худ ба навоҳии Хуросон ва мунзаммоти он аз соири вилоёт фиристод. Он гоҳ Маъмун ба Абдуллоҳ навишт, то ба Хуросон равад ва ба муқобала бо хаворич, ки дар он ҷо парокандa шуда ва ноҳияи Нишобур ва ҷуз онро ба даст овардаанд, пардозад. Ва низ дар номаи худ ӯро аз аморати

PDF Compressor Free Version


Озарбойҷон ва вилояти Ҷабал ва ҷанг бо Бобак маъзул дошта ва ба ҷои ӯ Алӣ ибни Ҳишомро таъйин карда буд.

Абдуллоҳ ба сӯи Хуросон ҳаракат кард ва дар ноҳияи Абаршаҳр аз навоҳии Хуросон фуруд омад ва дар Нишобур биншаст. Ва пас аз он дар моҳи раҷаб аз соли 215 (VIII—IX. 830) ба Марв омад ва дар он ҷо барои ҷанг бо хавориҷ бимонд. Дар ин ҳангом Абдуллоҳ шуртагии Бағдодро ба Исҳоқ ибни Иброҳим ибни Мусъаб мавкул кард ва худ амороти навоҳии Машриқро дар боқии рӯзгори Маъмун ва низ рӯзгори Мӯътасим ва оғози хилофати Восиқ ба ӯҳда дошт. Ва саранҷом рӯзи чаҳоршанбе, даҳуми рабеъулохири соли 230 (XII.844) аз дунё рафт.

## ТОҲИР ИБНИ АБДУЛЛОҲ

Чун Абдуллоҳ, ки амороти Машриқро дошт, даргузашт, писараш Тоҳир ибни Абдуллоҳ ба навоҳие, ки дар тахти ҳукумати падар буд, аморат ёфт. Тоҳир дар Табаристон буд, аз он ҷо ба Абаршаҳр омад. Ва ҷонишини вай дар мақоми шуртагии Бағдод Исҳоқ ибни Иброҳим буд. Ва низ амороти Форс ва Савод ва кори ҷанг ва хироҷи он ду сарзаминро ба даст дошт ва Муҳаммад ибни Иброҳим омили вай дар Форс буд.

Исҳоқ ибни Иброҳим то соли 236 (850—851) шуртагии Бағдодро ба ҷонишинӣ аз Тоҳир ба ӯҳда дошт ва пас аз вай Тоҳир, Абдуллоҳ ибни Исҳоқро ба ҷонишинӣ баргузид ва маовини (19) Бағдод, Сомарра, Восит ва Савод бо вай буд. Он гоҳ ҷонишини Тоҳир ибни Абдуллоҳ дар шуртагии Бағдод бародараш Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир шуд ва маовини Бағдод, Сомарра, Восит, Савод ва навоҳии Даҷла бо вай буд.

## МУҲАММАД ИБНИ ТОҲИР

Тоҳир ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир рӯзи душанбе, ҳафт рӯз монда аз раҷаби соли 248 (IX.862) дар рӯзгори хилофати Мунтасир даргузашт ва ба ҷои ӯ Муҳаммад ибни Тоҳир бар он, чӣ падар вилоят дошт, аморат ёфт, ҷуз шуртагии

PDF Compressor Free Version

Бағдод, ки Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир шахсан бад-он кор мепардохт ва то ҳангоми маргаш, ки ба рӯзгори Муътазз иттифоқ афтод, ин шуғл ва низ ҳукумати аъмоли Ироқро бар ӯҳда дошт ва пас аз ӯ Муътазз амали шуртагиро бо аморати навоҳии Хуросон ба Муҳаммад ибни Тоҳир дод ва ду писари Абдуллоҳ ибни Тоҳир, яъне Убайдуллоҳ ва Сулаймон аз ҷониби вай аморати навоҳии Хуросон доштанд.

Чанде гузашт ва кори Муҳаммад ибни Тоҳир рӯ ба парешонӣ ниҳод ва Систон ва Табаристон ва Рай аз тасарруфи ӯ берун шуд. Дар Систон марде ба номи Дирҳам ибни Ҳасан — раиси мутаввиъа хурӯҷ кард. Яъқуб ибни Лайси Саффор раёсати лашкари ӯро бар ӯҳда дошт. Чун Дирҳам аз идораи сипоҳи худ нотавон буд, ёронаш Яъқубро, ки дар тадбири умур ва сиёсати лашкар бартарӣ дошт, ба раёсат бардоштанд ва аз Дирҳам рӯй бартофтанд ва вай ногузир ҳукуматро ба Яъқуб супурд ва аз сипоҳ ҷудо шуд.

Аммо Систон муддате пеш аз ин дар рӯзгори аморати Тоҳир ибни Абдуллоҳ аз дасти Тоҳириён берун шуда буд, бад-ин сон, ки Солеҳ ибни Насри Канонӣ, ки Яъқуб ибни Лайс ибни Ҳотам низ ҳамроҳи ӯ буд, бар вай ғолиб омада буд. Ин воқеа аз рӯзи шанбе, ҳафт рӯз монда аз зулҳиҷҷаи соли 239 (V.854) оғоз шуд.

Аммо Табаристон, Ҳасан ибни Зайди Алавӣ дар моҳи рамазони соли 250 (X—XI.864) дар он ҷо хуруҷ кард ва Сулаймон ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳирро аз он вилоят берун ронд. Дар Рай низ Муҳаммад Ҷаъфари Ҳусайнӣ дар зулҳиҷҷаи соли 250 (I.865) хурӯҷ кард ва омили Муҳаммад ибни Тоҳир, ки Муҳаммад ибни Алӣ ибни Тоҳир буд, аз он ҷо бигрехт ва ба дунболи ин воқеа дар Қазвин Кавкабии Ҳусайнӣ дар моҳи рабеъулаввали соли 251 (IV.865) хурӯҷ кард ва омили он ҷо Убайд ибни Абдуллоҳ ибни Абдулваҳҳоби Тоҳирӣ роҳи гурез пеш гирифт. Он гоҳ ба соли 254 (868) аморати Райро аз Муҳаммад ибни Тоҳир гирифтанд ва ба Мӯсо ибни Буғо доданд. Муҳаммад ибни Тоҳир ҳукумати навоҳии Хуросон ва шуртагии Бағдодро ёздаҳ солу ду моҳу даҳ рӯз бар ӯҳда дошт, то он ки Яъқуб ибни Лайс ба Ни-

шобур омад ва ӯро гирифт. Ин воқеа ба рӯзи якшанбе, чаҳордаҳуми шавволи соли 259 (VIII.873) буд.

## ЯЪҚУБ ИБНИ ЛАЙС

Чун Яъқуб ба навоҳии Хуросон даст ёфт, Мӯътамид, Убайдуллоҳ ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳирро дар шуртагии Бағдод барқарор дошт, то ҳангоме ки Яъқуб ибни Лайс аз лашкари Мӯътамид шикаст хӯрд ба рӯзи якшанбе, нуҳуми моҳи раҷаби соли 262 (IV.876) баробари моҳи исфандурмузд, рӯзи дин (20). Ва Муҳаммад ибни Тоҳир аз асорати Яъқуб бираст. Он гоҳ ба Бағдод омад ва амали шуртагиро бори дигар ба даст гирифт ва Убайдуллоҳро маъзул кард. Ин буд вазъи шуртагии Бағдод. Аммо вазъи Хуросон — шаҳрҳои он парешон шуд ва умарои мухталиф дар шаҳрҳои он ҳукумат мекарданд.

Аммо ҳукумати Мовароуннаҳрро аз оғоз Наср ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон ба даст дошт ва аз тарафи Тоҳир ба ҳукумати он ҷо гумошта шуда буд ва 19 сол дар он ҷо бимонд, то ба соли 279 (892—893) даргузашт ва аморат ба бародараш Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад расид. Шаҳри Балх низ аз оғоз дар амороти Абӯдовуд Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Ноҳҷур буд ва вай илова бар Балх ҳукумати навоҳии Тахористон, Хатлон, Ҷузҷон (21) ва Тирмидро низ ба даст дошт.

Волии Нишобур Ҳусайн ибни Тоҳир ибни Абдуллоҳ буд, ки аз тарафи бародараш Муҳаммад ибни Тоҳир бад-он гумошта шуда буд. Ҳусайн бе мол ва мардон рӯй ба Нишобур ниҳод ва ба Исфаҳон, ки ҳокими он Дулаф ибни Абдулазиз буд, даромад ва дар кори худ дармонд, ки оё бо вуҷуди парешонии ҳол ҳаракат кунад ё бозгардад. Дар ин ҳангом Кушод ибни Шоҳмардон ба ёрии ӯ бархост ва Дулафро водор кард, ки ба Ҳусайн ибни Тоҳир кӯмак кунад, то он ки Ҳусайн ба ҳамроҳии Кушод берун шуд ва рӯзи душанбе ҳафт рӯз монда аз моҳи сафари соли 263 (XI.876) моҳи меҳр, рӯзи дин (22) ба Нишобур расид. Кушод аз он ҷо ба Мовароуннаҳр

PDF Compressor Free Version

равон шуд ва назди Наср ибни Аҳмад ибни Асад омад, то аз вай ёрӣ хоҳад, аммо ӯ на ба мол ёрӣ дод, на ба мардон. Пас назди Ҳусайн бозгашт ва Ҳусайн дар Нишобур намонд ва он ҷоро тарк гуфт ва Кушодро бар умарои Хуросон ҷонишин кард.

## АМР ИБНИ ЛАЙС

Яъқуб ибни Лайс ба соли 265 (878—879) дар Ҷундишопур аз шаҳрҳои Хузистон (23) даргузашт ва бародараш Амр итоати султонро пазируфт ва султон самти шуртагии Бағдод ва амморати навоҳии Хуросон ва музофоти онро, ки ба навоҳии Тоҳирия маъруф буд, ба вай дод. Амр шуртагиро аз Муҳаммад ибни Тоҳир бигирифт ва Убайдуллоҳ ибни Тоҳирро дар он шуғл ба ҷонишинии худ баргузид ва ин дар моҳи сафари соли 266 (IX—X.879) буд. Дар ҳамин сол Амр ба Хуросон омад, аммо Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ ба муқобалаи ӯ шитофт ва дар Нишобур бад-ӯ расид ба рӯзи панҷшанбе, шаш рӯз монда аз зулқаъдаи соли 266 (VII.880). Ва Амр шикаст хӯрд ва ба Систон гурехт ва муддати ду сол андешаи аморати Хуросонро дошт ва он ҷо ба номи вай буд ва саранҷом бар вай қарор гирифт.

## РОФЕЪ ИБНИ ҲАРСАМА

Сипас Рофеъ ибни Ҳарсама ба соли 278 (891—892) аморати Хуросон ёфт ва умури ин сарзамин ба дасти ӯ андаке салоҳ пазируфт, аммо аморат ба номи Амри Лайс буд, ки дар моҳи шаввол аз соли 279 (XII.892) Рофеъ ба ҷои Амр ба аморати он ҷо расид.

## АМР ИБНИ ЛАЙС, БОРИ ДИГАР

Сипас Амри Лайсро ба ҷои Рофеъ аморати Хуросон доданд ва дар моҳи сафари соли 280 (IV—V.893) бад-он ҷо омад ва то соли 287 (900), яъне то ҳангоме, ки ба дасти Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад дар Балх асир афтод, дар Хуросон бимонд-

## ИСМОИЛ ИБНИ АҲМАД ИБНИ АСАД

Исмоил ибни Аҳмад ба аъмоли Хуросон ва навоҳие, ки Тоҳириён ба даст доштанд, яъне навоҳии муттасил ба Хуросон, аморат ёфт ва то ҳангоми марг, ки дар моҳи сафари соли 295 (XI—XII.907) рӯй дод, дар он ҷо бимонд. Дар ҳамин сол Муктафӣ даргузашт. Ва худо донотар аст.

## АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ

Пас аз Исмоил писараш Аҳмад ибни Исмоил аморат ёфт ва то моҳи шавволи соли 301 (IV—V.913), ки дар ин таърих кушта шуд, дар он ҷо бимонд.

## НАСР ИБНИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ

Наср ибни Аҳмад ба ҳамаи навоҳие, ки падар ва ҷаддаш ба даст доштанд, аморат ёфт ва зиёда бар 30 сол ҳукумат кард ва саранҷом ба соли 331 (942—943) даргузашт.

## НӮҲ ИБНИ НАСР

Сипас Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад муддати 12 сол ва анде вилояти Хуросон дошт, то он ки дар моҳи рабеъулохири соли 343 (VIII—IX.954) аз дунё рафт.

## АБДУЛМАЛИК ИБНИ НӮҲ

Пас аз Нӯҳ, Абдулмалик ибни Нӯҳ ибни Наср аморати Хуросон ёфт.Валодаташ ба соли 324 (935—936) буд. Толеъи валодати вай Ҳут ва Зӯҳра дар он буд ва Муштарӣ дар Қавс ва Зуҳал — ба тақдир, на ба таҳқиқ, — дар Ҳамал буд.

* * *

Асад ибни Сомон аз яке аз қурои Балх мавсум ба Сомон буд. Ӯ чаҳор писар дошт ба номҳои Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс. Чун Маъмун аз Хуросон ва Ироқ раҳсипор шуд, Нӯҳ ибни Асад низ ҳамроҳи вай буд ва солҳо мулозими дарбораш бимонд.

PDF Compressor Free Version


Маъмун ӯро аз тарафи Тоҳириён вилояти Мовароуннаҳр дод ва чун вай даргузашт, бародараш Аҳмад ибни Асад ба ҷонишинии ӯ баргузида шуд. Ӯ низ чун даргузашт, писараш Наср ибни Аҳмад вилоят ёфт ва чун Наср низ аз ҷаҳон рафт, бародараш Исмоил ибни Аҳмад ба ҷои ӯ таъйин шуд.

Бино бар он, чӣ гуфта шуд, ҳукумати умарои пеш аз Исмоил ва худи Исмоил, ки аз тарафи Тоҳир солиёни дароз бар Мовароуннаҳр ҳукумат доштанд, аз авосити рӯзгори Маъмун то соли 287 (900) ва муддат 70 сол буд ва аз он замон то кунун 64 сол аст ва худо донотар аст.

## ФАСЛИ ДАҲУМ

## ДАР ЗИКРИ УМАРОИ ТАБАРИСТОН

Табаристон дорои навоҳии бисёр буд, ки яке аз онҳо сарзамини Дайлам аст. Эрониён мардуми Дайламро акроди Табаристон меномиданд, чунон ки арабон мардуми Ироқро акроди Суристон мехонданд. Аз ин рӯ дар китобҳои «Футӯҳ» (24) ва рисолаҳое, ки дар бораи ахбори давлати Аббосӣ тасниф шуда, аз мардуми Табаристон ба номи акрод ёд гардидааст. Аз ҷумлаи онҳо хабаре аст ба ривояти Алӣ ибни Ҳишом аз Қосим ибни Сулаймони Нишобурӣ, ки гуфт: Муъоз ибни Муслим ба ман ривоят кард, ки Мансур аз ҷониби бародараш Абулаббоси Саффоҳ назди Абӯмуслим, ки соҳиби давлат дар Марв буд, рафт, то аз ӯ ва пайравонаш байъат гирад. Он гоҳ, ки аз Нишобур бозмегашт, ба ноҳияе воқеъ дар миёнаи Аҷрин ва Симнон расид ва ба кӯҳҳое дар миёни Қумис ва Табаристон назар андохт ва гуфт: Эй, Муъоз, ин кӯҳҳо чӣ ном дорад? Гуфтам: Худо амирро азиз дорад, кӯҳҳои Табаристон аст. Рӯй дар ҳам кашид ва сар ба зер андохт. Гуфтам: Эй амир, туро чӣ шудааст? Гуфт: Он чӣ маро дил машғул медорад, ин аст, ки умарои давлати Бании Аббос ҳамчунон ҳукумат мекунанд ва касе бар онон фармонравоӣ намекунад, то он гоҳ, ки давлате арабӣ дар пушти ин кӯҳҳо падид меояд, ки ёрон ва сардамдорони он аҷамҳои ин билод

PDF Compressor Free Version

ҳастанд, сипас давлати арабӣ ба давлати эронӣ табдил меёбад ва ҳукумат ба дасти гурӯҳе аз эрониён меафтад ва дар хонадоне аз эшон барқарор мешавад ва дар ин ҳангом Бани Аббос тахти идораи онҳо қарор мегиранд.

Чанд сол баъд ба соли 144 (761—762) Абулхасиби Қоид аз тарафи Мансур Табаристонро фатҳ кард, зеро Мансур аз пешбиние, ки аз қавли Муъоз ибни Муслим дар боло зикр кардем, бимнок буд. Аз ин рӯ ба кори Табаристон ҳиммат гумошт, то саранҷом ҳукумати онҷоро аз дасти испаҳбад Хуршед ибни Доди Бузургмеҳр (25) ибни Фаррухони Додбеҳ ибни Килида бигрифт ва Килида аз мардуми сарзамини Гелон буд.

## ҲАСАН ИБНИ ЗАЙД

Табаристон муддати 160 солу 2 моҳу 12 рӯз ба дасти умарони Бани Аббос буд, то он ки Ҳасан ибни Зайд бо ёрони худ, ки аз дайламиён буданд, ба хиттаи Омул аз сарзамини Табаристон расид ва ин амр ба соли 250, рӯзи душанбе ҳафт рӯз монда аз шаввол (XI.864) буд. Вай муддати 19 солу 8 моҳу 6 рӯз дар Табаристон фармон ронд ва рӯзи душанбе, се рӯз монда аз раҷаби соли 270 (I.884) ба моҳи шаҳревар, рӯзи бод (26) аз ҷаҳон рафт. Ва худо донотар аст.

## МУҲАММАД ИБНИ ЗАЙД

Пас аз Ҳасан бародараш Муҳаммад ибни Зайд муддати 18 сол бад-он ҷо ҳукумат кард, аммо Рофеъ ибни Ҳарсама, ки ба соли 277 рӯзи якшанбе, даҳ рӯз монда аз моҳи рабеъулаввал (VII.890) ба Омул омада буд, муддати се сол арсаро бар ӯ танг сохт, чунонки Яъқуб ибни Лайс он гоҳ, ки ба соли 260, ҳашт рӯз монда аз раҷаб (V.874) мутобиқи моҳи урдубиҳишт, рӯзи ҳурмузд (27) ба Сория, воқеъ дар Табаристон, омад, бародари ӯ Ҳасан ибни Зайдро дар тангно андохт.

PDF Compressor Free Version

## МУҲАММАД ИБНИ ҲОРУН

Сипас Муҳаммад ибни Ҳорун аз ҷониби Исмоил ибни Аҳмад ибни Асади Сомонӣ ба Гургон расид. Аммо Муҳаммад ибни Зайд бо лашкаре ба муқобалаи ӯ шитофт ва ӯро бикушт ва писараш Зайд ибни Муҳаммадро асир гирифт ва ин воқеа ба соли 287, рӯзи ҷумъа, панҷуми шаввол (X.900) мутобиқ бо моҳи шаҳревар, рӯзи осмон (28) буд.

## ИСМОИЛ ИБНИ АҲМАД

Он гоҳ Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ дар соли 288 (900—901) ба дунболи Муҳаммад ибни Ҳорун ба Табаристон омад ва саранҷом ин сарзамин муддати 13 сол ва анде дар дасти умарои Хуросон бимонд.

## НОСИР

Сипас Носир ба сарзамини Дайлам ва Гелон омад ва аз он ҷо ба Табаристон раҳсипор шуд. Саълуки Сомонӣ, ки омили амири Хуросон ва писари амми ӯ буд, дар Чолус ба ҷанги ӯ шитофт, аммо шикаст хӯрд ва шумораи куштагони хуросониён ба ҳафт ҳазор тан расид. Носир дар ҷумодиюлохири соли 301 (I.914) ба Омул даромад ва ду сол бар Табаристон фармон ронд ва пас аз вай муддати 12 сол Табаристон дар тасарруфи Алавиён буд ва сипас худи Дайламиён ҳукуматро ба даст гирифтанд.

## АСФОР ИБНИ ШЕРӮЯ

Асфор ибни Шерӯя ҳамон касе аст, ки ҳукуматро аз Алавиён ба Дайламиён интиқол дод. Шарҳи воқеа он, ки Доъӣ Ҳасан ибни Қосим он гоҳ, ки рӯ ба Табаристон намуд, Асфор ба ҷангаш бархост ва ӯро ба дасти Мардовиҷ ибни Зиёри Ҷилӣ (Гелонӣ), ки дар он рӯз аз сарони лашкари ӯ буд, би-

PDF Compressor Free Version

кушт. Ва қатли Доъй ба соли 316, рӯзи сешанбе, шаш рӯз монда аз рамазон (XI.928) иттифоқ афтод.

Асфор дар ҳамон рӯз бо дирафшҳои сиёҳ ба шаҳри Омул даромад ва ба номи Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил — амири Хуросон хутба хонд ва гурӯҳе аз Алавиёнро бикушт.

Чун ҳукумати Табаристон аз Алавиён ба Дайламиён интиқол ёфт, дар қабилае ба номи Вордоди Авандов (Вардоди Вандов) барқарор монд ва Асфор ибни Шерӯя фармонравоии онро ба даст дошт, аммо пас аз муддате ҳукумат ба мардуми Гел (29) мунтақил шуд.

## МАРДОВИЧИ ЧИЛӢ

Интиқоли ҳукумати Табаристон аз Дайламиён ба Гелиён ба дасти Мардович анҷом гирифт. Вай ба соли 319 рӯзи панҷшанбе, шонздаҳуми зулқаъда (XII.931) мутобиқи моҳи озар, рӯзи аштод (30) ба аморат расид ва раиси Дайлам ва Чил шуд ва муддати як солу се моҳу бисту анд рӯз фармон ронд.

## АЛӢ ИБНИ БӮЯ

Дар ин ҳангом қабилае аз Дайламиён ба номи Шерзили Авандон дар Исфаҳон ҳукумате ташкил доданд ва Алӣ ибни Бӯя, ки раёсати онҳоро дошт, ба соли 321 рӯзи якшанбе, ёздаҳуми зулқаъда (XI.933) мутобиқи моҳи обон, рӯзи хурдод (31) ба ҳукумат расид ва сипас ба Форс рӯй овард ва онҷоро низ мутасарриф шуд. Як солу анде баъд Мардович дар Исфаҳон кушта шуд ба рӯзи сешанбе, саввуми моҳи рабеъулаввали соли 323 (II.935) дар моҳи бахман, рӯзи обон (32) ба таърихи форсӣ.

## ҲАСАН ИБНИ БӮЯ

Чанд рӯз баъд Ҳасан ибни Бӯя Исфаҳонро ба тасарруф овард ва ин воқеа ба рӯзи душанбеи аввали моҳи рабеъулохири соли 323 (III.935), моҳи исфандурмуз, рӯзи мурдод

PDF Compressor Free Version

(33) иттифоқ афтод ва пас аз он Гелониён муддати шаш солу як моҳу чанд рӯз ба Рай ва музофоти он ҳукумат карданд, то он ки лашкари Хуросон ба соли 329, рӯзи панҷшанбе, даҳ рӯз монда аз рабеъулохир, мутобиқ ба моҳи дай, рӯзи бод (34) ба дарвозаи Рай расиданд.

Муддати ҳукумати ду қабилаи Дайлам, ки зикр шуд (Вордоди Авандон) ва (Шерзили Авандон) 9 солу 5 моҳу 5 рӯз буд ва аз он замон то поёни ҷумодиюлохири соли 350 (VIII. 961) маҷмӯъан 24 солу 2 моҳу 10 рӯз аст, ки дар ин таърих китобро ба ёрии худо ба поён бурдам.

PDF Compressor Free Version

ИБНИ ҲАВҚАЛ

# Сурат-ул-арз

PDF Compressor Free Version


# Дебоча

**Абулқосим Муҳаммади Бағдодӣ** маъруф ба Ибни Ҳавқал сайёҳи машҳур ва ҷуғрофидони мумтози араб аст, ки дар нимаи дуюми асри X рӯзгор ба сар бурдааст. Роҷеъ ба соли таваллуд ва вафоти ӯ маълумоти аниқ дар даст нест. Ибни Ҳавқал дар соли 944 ба азми мутолаа ва ошноӣ бо кишварҳо ва миллатҳои мухталиф ва низ ба манзури тиҷорат аз Бағдод берун рафт ва муддати 28 соли сафар аз кишварҳои Африқои Шимолӣ ва Марказӣ, Гана, Испониё, Итолиё, Эрону Хуросону Мовароуннаҳр, Ҳиндустон, Арманистон, Аррон, Озарбойҷон ва ғайра дидан кард. Маҷмӯи иттилооти ӯ дар бораи ин кишварҳо дар китоби «Ал-масолик ва-л-мамолик» гирд омадаанд. Ин асари бузургҳаҷм, ки муаллиф ба тариқи замима беш аз 20 харитаи ҷуғрофии навоҳиву кишварҳоро ба он мулҳақ кардааст, бо номи «Китоб сурат-ул-арз» низ маъруф аст. Эҳтимол меравад, ки муаллиф онро дар соли 977 ба итмом расонидааст. В. В. Бартольд таълифи онро ба соли 976 марбут медонад. Матни арабии «Сурат-ул-арз» чанд бор чоп шудааст ва аз ҷумлаи онҳо чопи Лейдени Ҳолландия аст, ки бар асоси нусхаи қадимтарини Истамбул (479/1086-1087) сурат гирифта, соли 1938 ба табъ расидааст. Тарҷумаи форсии «Сурат-ул-арз», ки соли 1366 аз тарафи дуктур Ҷаъфари Шиъор бо тавзеҳоти муфассал дар Теҳрон интишор ёфт, бар мабнои ҳамин чоп аст. Лозим ба тазаккур аст, ки тарҷумаи Ҷаъфари Шиъор тарҷумаи комили «Сурат-ул-арз» нест ва он танҳо шомили қисматҳои марбут ба Эрон аст, ки дар маҷмӯъ 13 фасли «Сурат-ул-арз»-ро фаро мегиранд. Аз ин ҷост, ки Ҷаъфари Шиъор тарҷумаи худро ба унвони «Сафарномаи Ибни Ҳавқал. Эрон дар «Сурат-ул-арз» мавсум кардааст.

Асари Ибни Ҳавқал аз сарчашмаҳои мӯътабари таъриху ҷуғрофиёи Эронзамин, ба вижа, дар асрҳои аввали ислом маҳсуб мешавад. Гузашта аз ин дар китоби мазкур роҷеъ ба гузаштаи шаҳру мамолик ва мардуми эронӣ маталиб ва нуктаҳои ҷолиберо метавон дарёфт, ки ба масоили таърихи иҷтимоии рӯзгорони қадим рӯшноӣ меандозанд.

... Гургон ва Табаристон аз солҳо боз тобеъи Хуросон ва Рай аст ва гоҳ тахти тасаллути ҳукмронони Хуросон қарор мегирад ва хутба ба номи Оли Сомон мехонанд. Ва гоҳ умарон Рукнуддавла (1) бар онҳо тасаллут меёбанд ва мардумро ба Оли Бӯя чун Ҳасан ибни Фирӯзон ва ҷуз ӯ фаро мехонанд...

...Дар вилоёти Хуросон уммол ва ҳукконе ҳастанд ва низ ҳар як соҳиби барид (2) ва бундор (3) доранд. Ва ҳамаи ин вилоёт бо навоҳии Мовароуннаҳр аз они соҳиби Хуросон аст, ки аз ҷониби Сомониён таъйин мешаванд. Ва ҳамаи онҳо, ки сӣ ва анд амал (ноҳия)-анд, дар ҳукми як амал мебошанд. Хорборе, ки ҳукмронони он ҷо ба даст меоваранд, вазъи он ҷоро нишон медиҳад ва ҳамчунин мартабаи мардуми он ноҳияро, бо он ки ҷибоёти он андак аст,ошкор мекунад. Дар ҳар амале қозие ва бариде ва бундоре ва соҳиби маунатест. Ва ба илова дар бархе аз аъмол қозиёне ҳоким бар қозии ноҳия ва низ соҳибхабарон ва баридон ва мунҳиёне (хабаргузорон), ки ахборро ба соҳиби ноҳия мерасонанд ва низ маъмурини ҷибояти амвол барои бундори бузурги он вилоят ва ёрону амирон, ҷуз амири кулли Хуросон, вуҷуд дорад...

Ҳамаи ин навоҳӣ мутааллиқ ба соҳиби Хуросон аст ва умарон онҳо дар зери фармони ӯянд.

Шаҳрҳои Нишобур ва Марв ва Балху Ҳирот бузургтарин навоҳии Хуросон ҳастанд ва сипоҳи бисёр ва шаҳнаҳои мутааддид ва хироҷи бештар доранд. Дар Хуросон ва Мовароуннаҳр вилоёте кӯчактар ва камаҳамияттар аз инҳо низ ҳаст. Аз ҷумлаи онҳо Кӯҳистон, Тӯс, Нисо, Абевард, Сарахс, Исфизор, Бусанҷ (Пушанг), Бодғис, Канҷрустоқ, Марварӯд, Ҷузҷон, Ғарҷушшор (Ғарҷистон), Бомиён, Тахаристон (Тахористон), Зам ва Омул аст. Сарзамини Хоразм дар Мовароу-

PDF Compressor Free Version

уннаҳр аст, зеро шаҳрҳои он пушти рӯдхона қарор дорад ва ҳамин вилоят ба Бухоро наздиктар аст, то Хуросон...

...Сутур ва барда ва анвои таому пӯшок ва соири ниёзмандиҳои мардуми Хуросон ба андозаи кофӣ ҳаст ва ба соири ақтор низ ҳамл мекунанд. Гаронбаҳотарин сутур аз Балх ва гаронбаҳотарин барда аз балоди Турк аст, ки дар саросари дунё беназир аст ва бардае дар баҳо ва зебоӣ бад-он нарасад. Баҳои канизи туркӣ ба се ҳазор динор мерасад ва дар саросари дунё барда ва канизе румӣ ё муваллада надидам, ки бад-ин баҳо бошад. Ва низ ҳаргиз шунида нашудааст, магар ин ки бардае олати симоъ дошта ва дар соз задан устод бошад ва аз ин қабил дар хонаҳои Сомониён ва бузургону сарони мардуми Хуросон бисёр аст...

...Мовароуннаҳр дар саросари дунё ба фароҳии неъмату сафо ва хуррамиву пурбаракат будан маъруф аст. Мардумони он ба некӣ роғиб ва дорои ҳадафе муқаддасанд. Ба зердастон ва бандагон бахшиш мекунанд ва дорои шавкату маноат ва қуввату далерӣ ва бузургвориву дониши салоҳанд ва афроди бисёр ва созу барг доранд. Аммо фароҳии неъмати он чунон аст, ки дар ҳамаи ақолиме, ки дар ин китоб зикр шудааст, қаҳт рӯй медиҳад, вале Мовароуннаҳр ҳаргиз қаҳт намебинад ва агар гоҳе сармо ё гармо ё офате ба кишти он ҷо бирасад, аз навоҳии дигар ниёзмандиҳои мардуми он таъмин мешавад...

...Аммо бахшише мардуми Мовароуннаҳр чунон аст, ки гӯӣ ҳама афроди як хонаанд ва касе, ки ба хонаи дигаре ворид шавад, гӯӣ ба хонаи худ дармеояд. Бисёр меҳмоннавозанд ва аз меҳмоне, ки шабона бад-онон ворид шавад, нохурсанд нестанд, балки аз вай пазироӣ мекунанд, бе он ки вайро бишиносанд ё таваққӯъи подош дошта бошанд. Дар Мовароуннаҳр ҳар молик ва тавонгаре кӯшиш мекунад, ки қасри бузурге бисозад ва меҳмонсарое бузург низ тартиб диҳад. Он гоҳ тамоми рӯзро дар андешаи таъмини ниёзмандиҳои меҳмон ба сар мебарад ва бо шавқи фаровон аз меҳмон пазироӣ мекунад. Ва ҳангоме, ки меҳмоне ба ноҳияе ворид шавад, мардуми он ҷо дар пазироии ӯ бар якдигар пешӣ меҷӯянд ва

PDF Compressor Free Version

дар ин бора ба низоъ бармехезанд ва гоҳе дар меҳмоннавозӣ рақобат бад-он ҷо мекашад, ки амвол ва амлоки онон аз миён меравад, ба хилофи соири мардум, ки дар гирд овардани мол рақобат меварзанд ва ба мулк ва фаровонии мол мубоҳот мекунанд.

Дар Суғд осори хонае дидам, ки маъруф буд ба ин, ки иқоматгоҳ ва меҳмонсаро шуда буд ва дари он зиёда бар сад сол кушода монда ва аз вуруди ҳеҷ меҳмоне мамониат нашудааст. Ва басо авқоти шабона ба ногаҳон беомодагии қаблӣ беш аз сад ё дувист тан бо сутурон ва ҳашами худ бад-он ҷо меомаданд ва тамоми ниёзмандиҳояшон аз алафи сутурон ва хӯрок ва ҷуз он фароҳам мешуд, бе он ки ба чизе аз бору бунаи худ ниёзманд бошанд ё соҳиби хона дар ранҷ афтад, агарчи рӯзҳо дар он ҷо иқомат кунанд. Барои ҳар коре шахсеро гумоalong ва мойуҳточи ӯро (4) бедиранг таҳия мекунанд, чунонки ҳангоми вуруди меҳмонон ҳеҷ гуна такаллуфе нест. Ва соҳиби хона аз пазироии меҳмонон ва мусовот дар бораи онон бисёр шодмон аст, ҳол он ки ғолиби тавонгарони билоди ислом сарвати худро дар роҳи таъмини саргармиҳо ва айшу ишрати худ ва дар мавориде, ки худописандона нест ва низ рақобатҳои таҷаммулӣ ва мазмум харҷ мекунанд. Аммо ғолиби тавонгаронаи Мовароуннаҳр ҷуз иддаи каме аз бекорагон ва аҳли батолат, сарвати худро дар сохтани работҳо ва роҳҳо ва ҷиҳод дар роҳи Худо ва мавориди хайр ва сохтани пулҳо харҷ мекунанд ва ҳеҷ шаҳр ё роҳе, ки обишхӯр дорад ё деҳе, ки ҷои сукунат аст, холӣ аз работҳои мутааддид нест, балки беш аз ҳудуди эҳтиёҷи мусофирон аст. Ва шунидаам, ки дар Мовароуннаҳр афзун бар даҳ ҳазор работ аст ва дар бисёре аз онҳо улуфаи чорпои мусофир ва таоми худи ӯ омода аст.

Аммо нерӯмандӣ ва далерии онон чунон аст, ки дар билоди ислом мардуме ҷанговартар аз онон нест, чӣ саросари ҳудуди Мовароуннаҳр ба ҷанггоҳҳо наздик аст, аз ҷумлаи онҳо Хоразм то ноҳияи Испиҷоб аст, ки бо туркони ғуз (5) ҳаммарз мебошад. Аммо Испиҷоб то ақсои Фарғона марзи

PDF Compressor Free Version



харлухия (6) аст. Он гоҳ «Шақиня» (7) ва сарзамини Ҳинд аз пушти Хуттал то ҳадди турк — воқеъ дар пушти Фарғона — Мовароуннаҳрро иҳота кардааст ва мусалмонон бар ҳамаи эшон ва низ тамоми мардуме, ки дар ин навоҳӣ ҳастанд, чираанд. Ва ин матлаб мавриди иттифоқи ҳама аст, ки барои мусалмонон ҷангоҳе душвортар ва муҳимтар аз ҷангҳоҳи турк нест ва мардуми Мовароуннаҳр дар баробари эшонанд ва билоди исломро аз хатари таҷовузи онон ҳифз мекунанд.

Саросари Мовароуннаҳр марзҳои туркон аст, ки омодаи ҷанганд ва мардуми он ҷойро субҳу шом таҳдид мекунанд.

Аз яке аз касоне, ки дар ҷанги Шовгар (8) бо Наср ибни Аҳмад, раҳимаҳуллоҳ, буд, шунида шуд, ки лашкариёни Наср сесад ҳазор тан буданд ва чаҳор ҳазор тан мард аз лашкар дур монда ва рӯзҳое гум шуда буданд ва дар миёни он лашкар аз мардуми ғайри Мовароуннаҳр гурӯҳи бисёре набуд. Дар ахбор омадааст, ки Мӯътасим аз Абдуллоҳ ибни Тоҳир хост, ва ба гуфтани бархе ба вай нома навишт, ки лашкаре аз Хуросон ва Мовароуннаҳр гирд оварад. Вай номаро ба Нӯҳ ибни Асад ибни Сомон фиристод ва ба вай навишт, ки дар Хуросон ва Мовароуннаҳр сесад ҳазор қаря аст ва рафтани савор ё пиёдае аз ҳар як қаря бар мардуми он фарқе намекунад ва ин достон дар замони мо маҳалли таammул аст.

Гӯянд: дар Чоч (Шош) ва Фарғона созу барг чунон аст, ки дар ҳеҷ як аз марзҳо дар замони мо монанд надорад, то он ҷо ки як тан раият дар ҳудуди сад то понсад то ду ҳазор раъс чорпо дорад ва аз умарои султон ҳам нест. Мардуми Мовароуннаҳр бо он, ки аз Арабистон дуранд, пештар аз ҳама ва бо молу анбӯҳу шутурони худ ба ҳаҷ мераванд ва шумораи онон нисбат ба ҳоҷиёни навоҳии дигар бештар аст. Ҳамчунин мардуме мутеъ нисбат ба бузургон ва хушхидматтар ба умарои худ ва низ нисбат ба якдигаранд. Ва ба ҳамин сабаб буд, ки хулафои Бани Аббос аз мардуми Мовароуннаҳр саросе баргузиданд, чӣ эшон бар соири сипоҳиён бартарӣ доштанд ва амиронашон деҳқонони эшон буданд.

PDF Compressor Free Version

Сипоҳи Мовароуннаҳр дар нерӯ ва суръат ва далерӣ ва ҷанговарӣ бар дигар сипоҳиён бартарӣ доштанд ва деҳқонони Мовароуннаҳр сарон ва атрофиён ва чокарони хос буданд, чӣ онон ба хушхидматӣ ва ҳусну тоат ва хушлибосӣ ва доштани зийи султонӣ шӯҳрат доштанд.

Подшоҳони ин сарзамин ва соири навоҳии Хуросон Оли Сомонанд, ки нисбати эшон ба Баҳроми Чӯбин мерасад. Ин Баҳром дар миёни Аҷам ба нерӯмандӣ ва бузургӣ мавсуф аст. Ва дар саросари Машриқ ҳукумати Оли Сомон устувортар ва уддаташон бештар ва созу баргашон комилтар ва муназзамтар ва атоёяшон бештар ва ҷираи сарбозонашон фаровонтар ва бистгониашон мудовимтар аст, бо он ки ҷибоятҳо ва хироҷҳо ва амволашон дар хизонаҳо камтар аст, чунонки ба ҳангоми мусофирати ман бад-он ҷо ҷибояти Хуросон ва Мовароуннаҳр мутааллиқ ба Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ буд ва дар сол ду бор, яъне дар ҳар шашмоҳа бист миллиюн дирҳам ҳамл мешуд. Ва агар хироҷи ҳар ду шашмоҳа лозим менамуд, ҷамъан ба чиҳил милйун дирҳам мерасид. Хироҷи як ҷарибп (9) кӯчак аз 1/4 дирҳам то 2/3 ва то 3/4 аст ва ман Мансур ибни Нӯҳро дидам, ки дар ҳар сол чаҳор ҷира (10) ба таври мудовим ва ло янқатеъ (11) медод ва ҳар ҷира дар сари навад рӯз (се моҳ) пардохт мешуд ва нахуст ба ғуломон ва хосону сарони лашкар ва сипас ба соири коргузорон мепардохт. Маблағи ҳар ҷира панҷ милйун дирҳам ва чаҳор ҷира муодили маблағи як хироҷ буд ва ин кор дар охири сол ба соири мардумони мамлакат шомил мешуд. Ва атоёе, ки ба мардум медоданд, бо ҷибоёти мазкур баробарӣ мекард ва аз рӯи тайййиби нафс, шодиву масаррати хотир ва ғибтае, ки ба барқарории адолати комил доштанд, анҷом мегирифт.

Дар замони ин подшоҳ ва падараш дар ҳамаи навоҳӣ бо вуҷуди мaболиғе, ки дар мавориди лузум харҷ мешуд, моли фаровон ба дасти оммлон боқӣ мемонд. Ва ин амр мӯҷиби он буд, ки додгустарӣ ва инсоф нисбат ба раият ва муроқабати хосон амалӣ шавад. Ва ба ҳамин сабаб аъмоли Мовароуннаҳр пур аз қозиёну кофиёну (12) бундорону волиён аст,

PDF Compressor Free Version

ки муқаррарии онон тақрибан мусовӣ аст, чунонки муқаррарии қозӣ ба андозаи муқаррарии соҳиби барид ва омили ҷибояти амвол аз бундорон ва волии маъунат аст ва миқдори ин муқаррарӣ ба вазъи ҳар ноҳия ва вилояте бастагӣ дорад. Аммо дар ҳар ҳол муқаррарии худи онон аз якдигар кам нест ва афзун ҳам нест.

Дар Мовароуннаҳр пандҳои қадим ва дастурот ва рӯзномаҳост (13). Ҳар гоҳ омили ноҳияеро муқаррарӣ бошад, бундори он ҷоро низ ҳамон расм аст ва ҳамчунин агар қозиро атое бошад, соҳиби баридро низ назири он хоҳад буд...

...Лашкариёни ислом умуман аз афроди қабоил ва навоҳиву шаҳрҳои мухталиф ташкил мегардад, чунонки агар дар ҷанг шикаст ёбанд ё ҳодисае мӯҷиби парокандагии онон гардад, фақат бо ҳилаву муболиға дар биму умед метавон онониро фароҳам овард, ба хилофи сипоҳи подшоҳони сомонӣ, ки лашкариёни эшон гурӯҳе бандагони зархариди турканд ва гурӯҳе аз озодагону деҳқононанд, ки макону аҳлу ҳамсоягонашон маълум ва шинохта аст. Ва агар иддае кушта шаванд, ба сабаби касрати эшон гурӯҳе дигар ҷойгузини онон мешаванд. Ва ҳар гоҳ ҳодисае мӯҷиби парокандагии онон гардад, саранҷом ҳама як ҷо бозмегарданд. Ва уюбе, ки соири лашкариёни исломӣ доранд, дар инон нест. Ин сипоҳиён наметавонанд монанди саолики лашкар ва шаҳнаи билод (14) ба сипоҳи дигар пайванданд ё ба кишварҳои дигар раванд, зеро Оли Сомон ба сабаби ҳусни сиёсат раёсати воқеӣ ва маънавӣ доранд. Ба ҳангоми ғайбати сипоҳиён аз онон тафаққуд мекунанд ва ба шахси дурафтода чун шахси наздик менигаранд. Агар некӣ кунад, бе подош намемонад ва агар хидмате басазо кунад, мукофоташ ба таъхир намеафтад ва ҳар гоҳ гуноҳе кунад, аз ӯ бозхост мешавад ва ҳар гоҳ хато кунад, кайфар мебинад, агарчи аз хешовандон ва наздикон бошад. Ҳаргиз аз иҷрои аҳком ва ҳудуди худо ғафлат намешавад ва бад-ин сон чун сиёсат оқилона ҷорӣ гардад, умур муназзам мешавад ва мардумон ба ситоиши бузургон мепардозанд ва хидам ва ҳишам устувор мешаванд.

Барои фаровонии сипоҳи Сомониён достони Борас беҳтарин

PDF Compressor Free Version


гувоҳ аст: Борас ғуломи Исмоил ибни Аҳмад буд (15). Дар фитнаи Абдуллоҳ ибни Муътазз (16) аз дасти мавлои худ — Аҳмад ибни Исмоил гурехт, зеро Исмоил ӯро ба коре гумошта буд ва оо вай наимоне дошт, ки ин ҷо маҳалли тафсили он нест. Боре бо гурӯҳе бисёр, ки султонро бимнок месохт, ба Ироқ омад ва халифа дар ин ҳангом Муқтадир буд ва Борас аз ҳайси созу барг ва абзори ҷангӣ ва асбобу мол ва шумораи сипоҳиён чунон буд, ки султон ба пои ӯ намерасид. Бо он ҳама хоҳиш ин сипоҳ аз лашкари Хуросон махсус набуд. Боре халифа ба Борас фармон дод, ки марз бипавад ва ин Борас бардае аз гурӯҳи мамолики Сомониён буд.

Дар миёни подшоҳони Аҷам аз силсилаҳое, ки подшоҳиро аз якдигар ба ирс мебаранд, силсилае монанди Сомониён вуҷуд надорад. Зеро онон каримуласланд, чунонки Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Абӯиброҳими Исмоил (подшоҳи бузург ва неконрат ва соҳиби маноқиб ва маҳосини бисёр ва осори хуб ва аъмоли шигифтангез) ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомонхудот ибни Ҷайсамон ибни Тағос ибни Нӯшзад ибни Баҳроми Чӯбин ибни Баҳроми Ҷушнас (Гушнасб) одилтарини подшоҳони асри худ ва некӯравиштарини онон буд. Ва бо он ки тане нотавон ва бунияе заиф дошт, бисёр мудаббир ва дар муҳиммоти мамлакат соҳиби азимат ва нияти вай нисбат ба худо холис буд. Дар корҳо маолландеш ва аъмолаш некӯ ва ойинаш писандида буд...

...Дорулимораи саросари Хуросон дар Бухорост ва ин вилоят дар муқобили ҳамаи вилоёти Мовароуннаҳр қарор дорад ва навоҳии муттасил бад-он пас аз он воқеъ аст ва онро Бумиҷкас низ мегӯянд. Бухоро дар ҷулга қарор дорад ва биноҳои он аз чӯб мушаббак аст ва пиромуни онро қасрҳо ва боғҳо ва маҳаллаҳо ва кӯчаҳои сангфарш ва қуроп ба ҳам пайваста ба масоҳати дувоздаҳ дар дувоздаҳ фарсах фаро гирифта. Ҳамаи ин қасрҳо ва биноҳо ва қуро ва қасаботро боруе иҳота кардааст ва дар лобалои онҳо ҳаргиз замини бопру вайрон ба чашм намехӯрад. Ва илова бар ин бору, қасрҳо ва хонаҳо ва маҳаллаҳое, ки аз қасаба маҳсуб мешавад, бад-он мепайвандад ва сокинони он мардуми қасаба

PDF Compressor Free Version

ҳастанд, ки дар зимистону тобистон дар он ҷо иқомат доранд. Ҷуз ин бору боруи дигаре низ ба тӯли як фарсах дар як фарсах вуҷуд дорад. Дар дохили ин бору шаҳре ҳаст, ки онро низ боруе устувор фаро гирифта. Дар беруни шаҳр қуҳандизе муттасил бад-он дида мешавад, ки худ шаҳри кӯчаке аст ва қалъае дорад ва хонаҳои ҳукмронони Хуросон, ки аз тарафи Сомониён таъйин мешаванд ва низ зиндон, дар ҳамин қуҳандиз аст...

...Забони мардуми Бухоро забони суғдӣ бо андаке таҳриф аст ва ба забони дарӣ низ сухан мегӯянд. Мардуми он дар адабу дониш у фиқҳу диндорӣ ва амонату ҳусни сират ва хушмуомилагӣ ва камзарар будан ва некӣ расонидан ва бахшишу покии ният ба мардуми соири навоҳии Хуросон бартаранд. Нуқудашон дирҳам ва динор аст ва бо коло низ доду ситад кунанд ва дирҳаме ба номи «ғитрифӣ» (17) доранд, ки аз оҳану рӯю сурб ва ҷуз он аст ва бо ҷавоҳири гуногун таркиб шудааст. Ин дирҳам ҷуз дар Бухоро ва ҷоҳои хоси воқеъ дар пушти рӯд роиҷ нест ва низ дирҳаме аст ва ба номи «муҳаммадия» (18), ки маскук аст ва суратҳое мусаввар ба ҳуруфи нохоно дорад ва нишонаҳояш маъруф ва аз зарби ислом ва амали умарои гузаштаи Сомониён аст. Ва низ «мусайябия» (19) доранд, ки аз захоири бухороиён аст ва ҳамаи инҳоро ба дирҳами исмоилия тарҷеҳ медиҳанд. Ва Абӯиброҳим истеъмоли маскуки нуқраро аз ҳамаи ин дароҳим беҳтар донист ва ҳам ӯ буд, ки дар Мовароуннаҳр зарби онро оғоз кард. Дар доду ситад аз фулус истифода мекунанд.

Либоси мардуми Бухоро аглаб қабо ва кулоҳ ҳамчун малбуси мардуми пушти Ҷайҳун аст. Дар андаруни ва беруни боруи шаҳр бозорҳое ба ҳам пайваста аст, ки дар мавоқеи муайяне доир мешавад ва дар онҳо ба доду ситади чаҳорпо ва либос ва барда ва колоҳои дигар аз қабили рӯй (20) ва мис ва зуруфу лавозим захирае мепардозанд. Ҷомаҳои пунбаи маъруф ба «бухорӣ», ки сангин ва маҳкам бофта шуда ва мавриди таваҷҷӯҳи араб аст ва низ фарш ва ҷомаи пашмӣ барои рахти хоб, ки бағоят зебост ва зилу ва саҷҷодаи

PDF Compressor Free Version

мехроб дар Бухоро ва навоҳии он таҳия мешавад ва ба Ироқ ва соири ҷоҳо содир мегардад.

Мардуми Бухоро аз рӯзгорони қадим достонҳое дар бораи сарзамини худ мегӯянд. Аз ҷумла, мӯътақиданд, ки қалъа ва қуҳандизи онон мутабаррик аст, чунонки ҳаргиз ҷанозаи фармонравое аз он берун нашудааст ва ҳар гоҳ, ки аз он ҷо ба ҷанги душман рафтаанд, ҳазимат наёфтаанд ва ин аз иттифоқоти шигифтангез аст. Гӯянд: асли Бухоро дар рӯзгори қадим маскани муҳоҷирони Истахр (21) ва низ маскани фармонравоёни Сомонӣ дар Хуросон буд, чӣ ин шаҳр наздиктарин шаҳри Мовароуннаҳр ба Хуросон аст ва касе, ки он ҷо бошад, Хуросон дар пеши ӯ ва Мовароуннаҳр дар пушти ӯст.

Мардуми Бухоро ба ҳусни тоат ва фармон бурдан аз ҳокимон маъруфанд ва камтар иттифоқ меафтад, ки бо ҳокиме мухолифат кунанд. Ва ба ҳамин сабаб умаро он ҷоро барои иқомат бар соири ҷоҳои Мовароуннаҳр тарҷеҳ медиҳанд. Нахустин касе аз Сомониён, ки он ҷоро мақарри ҳукумат қарор дод, Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад, худояш бибахшояд, буд. Ӯ вилояти Хуросон дошт ва дар Бухоро муқим буд, он ҷоро меписандид ва зиндагӣ дар он барои вай лаззатбахш ва хуш буд. Фарзандонаш низ дар ҳамон ҷо вилоят доштанд ва сокини он ҷо буданд, ҳол он ки пеш аз ин маркази ҳукумат Самарқанд ё Чочу Фарғона буд ва вулоти Бухоро то инқирози Тоҳириён аз Хуросон фиристода мешуд...

...Ноҳияи Суғд аз тарафи машриқ ба Бухоро мепайвандад ва дар ағози он ноҳия пас аз Карминия, Дабусия ва пас аз он Арбинҷан ва Кушония ва Самарқанд қарор дорад ва ҳамаи инҳо ҷузъи ноҳияи Суғд маҳсуб мешаванд. Аммо бархе аз мардум бар онанд, ки Бухоро ва Кеш ва Насаф ҷузъи Суғд, вале аъмоли девонии онҳо ҷудогона аст.

Қасабаи Суғд Самарқанд аст, ки шаҳрест дар ҷануби водии Суғд ва баландтар аз он аст ва қуҳандиз ва шаҳру рабаз дорад ва дар замони мо зиндоне низ дар он ҷо сохтаанд. Дорулимора дар ҳамин шаҳр буд, ки акнун вайрон аст ва ман бад-он боло рафтам ва манозире олӣ дидам...

PDF Compressor Free Version

...Самарқанд бандари тиҷоратии Мовароуннаҳр аст ва то рӯзгори Исмоил ибни Аҳмад, раҳимаҳуллоҳ, дорулимора буд. Ҳисори рабаз дарҳое чӯбӣ ё оҳанӣ, ки битавон онҳоро баст, надорад. Зеро ин амр мӯҷиби фитнаҳое мешуд ва бад-ин сабаб султон фармон ба қалъи онҳо дод. Аз ҷумлаи дарвозаҳои он: Ғазовуд, Асбишак, Шӯхшинӣ, Афшина, Варсанин, Кӯҳак, Ревдад ва Фаррухшиз аст.

Бархе аз мардум бар онанд, ки шаҳри Самарқандро Туббаъ (22) сохт ва Зулқарнайн биноп онро такмил кард. Аз Абӯбакри Димишқӣ шунидам, ки гуфт: ман бар дарвозаи бузурги он лавҳи оҳанӣ дидам, ки навиштае дошт ва бино ба гуфтаи мардум ба забони ҳимярӣ (23) буд ва эшон хондани онро ба тариқи ирс фаро гирифта буданд ва онро аз осори Туббаъ медонистанд. Қисмате аз навишта ин буд, ки: «Аз Санъо (24) то Самарқанд ҳазор фарсах аст». Ва ин сухан нишон медиҳад, ки бонии Санъо Самарқандро эҳдос карда буд ва бад-он фармонравоӣ дошт. Ва мегӯянд, ки вай як сол дар Санъо ва як сол дар Самарқанд иқомат дошт. То он ки дар Самарқанд фитна афтод ва дарвозае, ки лавҳи мазкурро дошт, сӯхт. Абулмузаффар Муҳаммад ибни Луқмон ибни Наср ибни Аҳмад ибни Асад он дарвозаро ҳамчунон аз оҳан сохт ва он навишта тағйир ёфт...

...Чағониён (25) шаҳре аст аз они Оли Мӯхтоҷ (26) ва амири он ҷо писари Абӯалӣ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Музаффар ибни Мӯхтоҷ — амири сипоҳи Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад (Сомонӣ) аст, ки ӯҳдадори ҷамъи силот ва ҳамчунин риояти ободиҳо ва сутуроне аст, ки мутааллиқ ба эшон аст.

PDF Compressor Free Version

МУҚАДДАСИЙ

# Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-ил-ақолим

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Шамсуддин Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Абӯбакр ад-Банноъ аш-Шомӣ ал-Башшорӣ ал-Мукаддасӣ — яке аз бузургтарин сайёҳон ва ҷуғрофинависони араб дар соли 335/946-947 дар шаҳри Қудс по ба арсаи ҳастӣ гузоштааст. Азбаски зодгоҳи ӯ — шаҳри Қудс — бо номҳои Байтулмуаккдас ва Байтулмакдис шӯҳрат ёфтааст, нисбаашро низ Мукаддасӣ ва гоҳо Макдисӣ хондаанд.

Мукаддасӣ тақрибан ба тамоми кишварҳои исломӣ, ба ҷуз Испониё ва Синд сафар карда, дида ва шунидаҳояшонро дар китоби арзишманди «Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-ил-ақолим» ба қайд овардааст.

Соли вафоти Мукаддасӣ аниқ нест. Ба ҳадсе, ӯ дар соли 375/985-986 ва ба тахмине дигар дар соли 380/990 аз олам гузаштааст.

Таҳрири аввали китоби «Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-ил-ақолим»-ро Мукаддасӣ дар соли 375/985-986 ба анҷом расонида, онро ба амири сомонӣ — Нӯҳ ибни Мансур (976-997) пешкаш кардааст. Се сол пас муаллиф китоби худро барои хонадони Фотимиён — ҳокимони Миср муҷаддадан ба риштаи таҳрир кашидааст.

Бино ба таъкиди муаллиф, мабнои асли китоби ӯ, пеш аз ҳама, мушоҳидаҳои худи ӯ ҳангоми сафарҳояш ба кишварҳои мухталиф, пурсида ва шунидаҳояш аз шахсони мӯътамад аст. Дар баробари ин, Мукаддасӣ аз осори пешовандони худ, мисли Ибни Хурдодбеҳ, Ибни Фақеҳ, Абузайди Балхӣ, Масъудӣ, Ҷайҳонӣ ва дигарон низ иттилоъи комил дошт ва таълифоти онҳоро гоҳе танқеҳ ва гоҳе тасҳеҳ ва ё такмил кардааст.

Маълумоти Мукаддасӣ доир ба ҳар кишвар аз се қисмат фароҳам омадааст. Аввалан, муаллиф дар бораи кишвар ва шаҳру ноҳияҳои он; сониян, дар бораи иклим, заминдорӣ, сарватҳои

PDF Compressor Free Version



табиӣ, хироҷи кишвар, мазҳабҳо, забон ва расму русуми аҳолӣ; солисан, доир ба масофа ва роҳҳои байни ноҳияҳо ахбори мӯътамад дарҷ намудааст.

Забони «Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-ил-ақолим» дар муқоиса бо осори дигари ҷуғрофиёӣ ҷолиб буда, муаллиф ба истифодаи санъати саҷъ, хусусан дар пешгуфтор ва хотимаи бобҳо, таваҷҷӯҳи бештар зоҳир кардааст.

«Аҳсан-ут-тақосим фи маърифат-ил-ақолим» борҳо ба нашр расида ва ба забонҳои ҳолландӣ, немисӣ, итолиёвӣ, форсӣ ва ғайра куллан ва ё қисман тарҷума шудааст.

PDF Compressor Free Version

## ХОВАРОН

Муҳимтарини он сарзаминҳост. Беш аз ҳама ҷо донишманд дорад. Ҷойи накӯкорӣ ва маркази дониш ва пойгоҳи ислом ва дижи устувори он аст. Шоҳи он ҷо саромади шоҳон ва сарбозонаш беҳтарини сарбозонанд. Мардуме нирӯманд, соҳибраъйи номдор, сарватманд, савордор, кишваркушо ва пирӯзманд дорад, чунон ки ба Умар (1) навишта шуда буд: «Эшон мардуме ҳастанд пӯшокашон оҳанин, хӯрокашон гӯшти хушконида, ошомиданашон оби ях аст».

Рустоҳои мӯътабар, деҳҳои гаронмоя бо дарахтони сар дар ҳам кашида ва рудхонаҳои равон ва неъмати фаровон ва ноҳиятҳои густарда дорад.

Дар он ҷо диёнат дурустин, додгарӣ ростин, давлат пирӯзманд ва кишвардорӣ ҳамвор аст.

Дар он ҷо донишмандон ба ҳукумат расанд ва дар ҷуз он ҷо бардагон салтанат мекунанд. Ин сарзамин садди роҳи туркҳо ва сипари ғузҳо ва тарсонандаи румҳо ва фахровари барои мусалмонон аст. Маркази донишмандони ҷонбахши ду ҳарами худо ва молики ҳар ду сӯи руд аст. Ҷазират ул-араб аз Ховарон гушодатар аст, вале ин аз Ҷазира ободтар, устонҳо ва рустоҳо ва сарваташ бештар аст.

Абӯзайд (2) Ховаронро се бахш баршумурда: Хуросон, Сакистон, Мовароуннаҳр. Вале ман онро як бахш дар ду сӯйи руди Ҷайҳун хонда, ҳар якро ба номи поягузораш номидаам ва нақшаи ҳар сӯро ҷудогона кашидаам, зеро ки ҳар сӯ шомили минтақае бузург ва дорои устонҳо ва шаҳрҳо ва рустоҳои бисёр аст.

Агар пурсанд, ки чаро монанди дигар мардум ҳар сӯйро сарзамине ҷудогона нашиносидӣ? Магар набинӣ худи мардум гӯянд: Хуросон ва Маваруннаҳр? Дар посух гуфта

PDF Compressor Free Version

шавад: Вале ҳамин мардум низ аз марзҳои Қумис то Тарозро Хуросон меномаид. Магар на хонадони Сомонӣ шоҳони Хуросонанд ва дар ин сӯйи руд зиндагонӣ кунанд? Ман низ ки Хуросонро номи вижаи ин сӯи руд наниходам, то сӯи дигарро монанди ту ба номе дигар бихонам!

Агар пурсанд, ки пас чаро Сакистонро бар хилофи пешиниён дохили ин сарзамин кардӣ? Дар посух гуфта шавад: Мардум гоҳе ҳам онро аз Хуросон мешумаранд. Магар на медонӣ дар он сомон хутба ба номи хонадони Сомонӣ хонда мешавад? Ҳар гоҳ мо Сакистонро як сарзамин меномидем, мебоистӣ Хоразмро низ ҷудо ёд кунем, ки шаҳрҳои бисёр дорад ва одобу русум ва забоне ҷудогона доранд ва боз ҳам касе чунин коре накардааст.

Агар бигӯяд: Пас чаро ин сарзаминро ба ду бахш тақсим кардӣ? Гуфта шавад: Ҳамчунон ки Яманро дорои ду бахш ва Мағрибро дар ду сӯи дарё муаррифӣ намудем.

Бидон, ки сарзамини Ховаронро ду бародар ба номи Ҳайтал ва Хуросон, ду писари Олим ибни Сом ибни Нӯҳ обод кардаанд. Пас ин сӯи наҳр ба номи Ҳаётила хонда мешавад (3).

## ҲАЙТАЛ

Бидон, ки ин сӯи рӯд зархезтарин заминҳои худо аст, саршор аз некиҳо, ободонӣ, донишпарварӣ, фиқҳ, диндорӣ, нирӯмандӣ, гарданситабрӣ, пайгирӣ, дилпокӣ, ҳамзистӣ мебошад. Мардум сарватманду покдоман, некхоҳ, меҳмоннавоз, донишмандпараст ҳастанд. Хулоса, ислом дар он ҷо шодоб, давлат нирӯманд, додгарӣ устувор, фақеҳон доно, сарватмандон солим, пешаварон моҳир, фақирон коргар ҳастанд. Он ҷо камтар дучори қаҳтӣ мешаванд ва аз душманон дар амонанд. Минбарҳо беш аз андоза, ноҳиятҳояшон густардатар аз марзи тавсифпазирӣ аст, вале ман ба андозаи тавони худ кӯшидаам.

Суғди гаронқадр, Самарқанди бузург, Хуҷанди шигифтангез дар он ҷо аст, ки донишгоҳҳо ва пешвоёни бузургу

PDF Compressor Free Version

қудратманд ва ҷангҷӯёни далер ва корвонсароҳо ва саворон ва меваҳо ва ангур ва бандагон...

...Давлати Сомонӣ: Хутбаи одина дар ин сарзаминҳо ҳамагӣ ба номи Сомониён аст ва ҳама хироҷгузори эшонанд, магар фармонравои Сакистон ва Хоразм ва Ғарҷи Шор ва Ҷузҷон ва Буст ва Ғазнин ва Хуттал, ки танҳо ҳадя мефиристанд. Ин амирон хироҷро худ масраф мекунанд. Ҷойгоҳи фармондеҳи лашкар дар Нишопур аст. Сакистон дар дасти Банӣ Бонаво — хонадони Амри Лайс, Ғарҷ ба дасти Шор, Ҷузҷон ба дасти хонадони Фарегун, Ғазнин ва Буст дар дасти туркҳо аст. Ва Хоразм ба дасти ду амир аст. Ин ҷо сарзамини дод ва боқимондаи ислом аст.

Нахустин Сомонӣ, ки ин сарзаминро ба тасарруф гирифт, Исмоил ибни Аҳмад ба соли 287 (900) буд. Пас ба Бухоро рафт ва Мӯътазид Кирмон ва Ҷурҷонро бад-онҳо афзуд. Ва Муктафӣ дар соли 290 (902—903) Рай ва Ҷибол ва Ҷурҷонро то гарданаи Ҳулвон бад-ӯ дод. Ва пас аз маргаш лақаби «амири мозӣ» бад-ӯ дода шуд ва писараш Аҳмад ба ҷояш нишаст, то дар Фарабр кушта, пас «шаҳид» лақаб гирифт. Ва писараш Насри Аҳмад ба ҷои ӯ нишаст, ки ҳоҷибаш Абӯҷаъфари Зугаво ва фармондеҳи лашкараш Ҳамуя ва вазираш Абулфазл ибни Яъкуби Нишопурӣ, сипас Абулфазли Балъамӣ, сипас Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ буд. Ва чун даргузашт, лақаби «саъид» бад-ӯ дода шуд. Ва писараш Нӯҳро ба ҷояш нишониданд, ки ҳоҷибаш Рашиқи Ҳиндӣ, сипас Алптегин, ва фармондеҳи сипоҳаш Бӯалии Сағонӣ, сипас Ибни Молик, сипас Ибни Қаротегин буд ва вазираш Абӯмансур ибни Азиз (4) ва пас аз вай Ҳокими Ҷалил (5) буд. Ва чун Нӯҳ даргузашт, ӯро ба лақаби «ҳамид» хонданд. Ӯ се писари худро ба се хидматгузор супурда буд (6): Абдулмаликро ба Наҷоҳ, Мансурро ба Фоиқ, Насрро ба Зариф. Пас Абдулмаликро ба ҷои вай нишониданд, ки дар хонадони Сомонӣ монанд надошт. Алптегин ҳоҷиби ӯ буд. Сипас ғуломаш ва фармондеҳи лашкараш Ибни Моликро ва сипас Алптегинро бигумориданд, то он ки Абдулмалик аз рӯи чорпо дарафтод ва даргузашт. Пас лақаби «рашид» бад-ӯ доданд ва писараш Насрро ба ҷояш

PDF Compressor Free Version

барнишониданд (7). Аммо пас аз як рӯз Фоиқ бо макр қиём намуда, ӯро халъ кард ва оқон худ Мансурро ба ҷояш барнишониданд. Ҳоҷибони ин шоҳ Абӯмансури Боқирӣ (8) ва сипас Қилич буд. Фармондеҳи сипоҳаш Ибни Абдурраззоқ (9) ва сипас Абулҳасан ибни Симҷӯр буданд. Вазиронаш амирак Балъамӣ, сипас Утбӣ буданд ва сипас Балъамиро бозгардонид ва пас аз вай дубора Утбиро. Ва чун даргузашт, ӯро «садид» лақаб доданд ва писараш Нӯхро ба ҷояш барнишониданд. Ҳоҷибаш Тош ва пас аз ӯ Инҷ буд. Фармондеҳи сипоҳаш писари Симҷӯр буд ва сипас онро ба дасти Тош супурд ва сипас Абулҳасан ибни Симҷӯрро бозгардонид. Вазирони ӯ — Ибни Ҷайҳонӣ (10), сипас Ибни Утбӣ (11), сипас Музнӣ (12), сипас Истахрӣ (13), сипас Абдуллоҳ ибни Азка (14), сипас Абӯалӣ Муҳаммад ибни Исон Домғонӣ буданд.

Эшон аз деҳе дар навоҳии Самарқанд ба номи Сомон мебуданд (15) ва нажодашон ба Баҳроми Гӯр мерасид (16). Худо эшонро пирӯзӣ бахшид, ки хушрафтортарини шоҳон ва фарҳангпарвартарини эшонанд. Аз амсоли забонзади мардум аст, ки ҳар гоҳ дарахте бар хонадони Сомониён ёғӣ шавад, хушк хоҳад шуд. Набинӣ, Азудуддавла бо он ҳама ҷабарут ва қудрат ва ҷавонбахтӣ, ки ҳанӯз ба роҳ наяфтода бе ҷанг Яманро бигрифт ва бе ҳеҷ кӯшише, ҷуз навиштани як нома ва фиристоданаш бо як паёмбар, хутба ба номаш хонда шуд, дар Синд ва Уммон низ хутба ба номаш буд ва гирифт он, чӣ гирифт, ҳамин ки ин мард бо хонадони Сомонӣ рӯ дар рӯ истод ва Хуросонро хост, худованд нобудаш кард ва гурӯҳони сипоҳашро бипароканд ва душманонро бар ӯ чира сохт. Пас марг бод бар душманони хонадони Сомонӣ.

Ба соли 190 (17) Муктафӣ Рай ва Ҷиболро ба Исмоили Сомонӣ дод. Ин хонадон манқабати бисёр доранд. Ман аз як зариф пурсидам: Шоҳи Сомонӣ ҳангоме, ки дар Гургон шикаст хӯрд, чӣ кард? Ӯ посух гуфт: Дасташро баланд карда гуфт: Худоё, ту падарони маро пирӯз карда, давлаташонро нигоҳдорӣ кардай, акнун ин дайламиён бар мо тохтаанд ва ин ситамгар бар мо юриш оварда, агар эшон аз мо бадтаранд,

PDF Compressor Free Version

моро бар эшон пирӯз гардон! Чизе нагузашт, ки хабари марги Азудуддавла пахш шуд ва сипас бародараш ва фармондеҳи лашкариёнаш мурданд ва Худованд эшонро бипароканд ва фарзандонашон бикушт, ҷуз Касоне, ки ба оштӣ ва дӯстӣ боз омад.

Дар фарҳанги ин хонадон чунон аст, ки донишмандонро дар баробари шоҳ маҷбур ба заминбӯсӣ намекунанд. Дар шабҳои одина дар моҳи рамазон маҷлиси мунозара месозанд. Шоҳ ин ҷаласаҳоро бо пурсише мекушояд, сипас дигарон ба сухан меоянд. Гароиши эшон ба мазҳабвоַрон Бӯҳанифа аст. Ба омезиш бо раъоё одат надоранд, балки ҳоҷиб ва вазире вижаи ин корҳо аст. Ҳар гоҳ бихоҳанд касе ё садре аз судурро сарфароз доранд, вайро бо худ бар хон баранд, чунон ки бо шайх Абулаббос (18) ба хон нишастанд.

Гоҳе эшон дар масоили муҳим бо худи пайкҳо гуфтугӯ мекунанд, чунон ки бо шайх Абӯсолеҳ (19) гуфтугӯ карда, вайро ба назди фармондеҳи сипоҳ — Абулҳасан (20) фиристоданд. Дарбори эшон ҳеҷ гоҳ аз пирони бузургвор холӣ намешавад. Ҳамвора яке аз бузургтарин ва орастатарин фақеҳонро ба болобар кашида, ниёзҳояшро бароварда ва фатвоҳоро аз раъйи вай содир мекунанд ва бо назари вай корҳоро анҷом медиҳанд, чунон ки бо пири бузургвор имом (Абулҳасан) Муҳаммад ибни Фазл рафтор карданд. (Гӯӣ, фаришта ба ин мард талқин мекунад ё чизе аз илми ғайб медонад). То онҷо, ки мардум дар таъйини ҷонишини чунин фақеҳ низ ҳадсҳо мезананд. Набинӣ, ки чӣ гуна ба ҳоким имом Муҳаммад ибни Юсуф, ки фақеҳтарини мардон аст, чашм дӯхтанд? Ба ҳамчунин Шайх Абӯисҳоқи Шуъайбӣ, он покнажоде, ки дониши ӯ бар касе пӯшида нест. Ман аз бархе пирон шунудам, ки ба Абӯнасри Ҳарабӣ мегуфт: Дар дарбор барои мусалмонон марде судмандтар аз шайх Абӯисҳоқ нест.

Шигифтангезтар он, ки дар ҳангоми нотавонии хатиб, бо он ҳама донишмандоне, ки дар онҷоянд, саркардаи шурта ба ҷои вай хутба мехонад. Шумо чунин рафтореро дар ҳеҷ иёлати дигар наметавонед дид!.

PDF Compressor Free Version


Хироҷ: Бар Фарғона — дувисту ҳаштод ҳазори муҳаммадӣ, бар Шош — яксаду ҳаштод ҳазори мусаййабӣ, бар Хуҷанда — сад ҳазори мусаййабӣ, бар Суғд, Кеш, Насаф ва Ушрусана — як милёну сиву нӯҳ ҳазору сиву як дирами муҳаммадӣ аст. Хироҷи Исбиҷоб чаҳор донқӣ аст бо як микнаса аст (?), ки бо ҳадоёи дигар ҳамасола барои султон фиристода мешавад. Хироҷи Бухоро як милёну яксаду шасту шаш ҳазору ҳаштсаду наваду ҳафт дирами ғитрифӣ (21) аст.

Се бародар ба номҳои Муҳаммад, Мусаййаб, Ғитриф ин дирамҳоро сикка зада буданд (22), ки монанди фулуси сиёҳанд ва ҷуз дар Ҳайтал сарф намешаванд ва аз дирамҳои сафед бартариҳое доранд.

PDF Compressor Free Version

ИБНИ НАДИМ

# Китоб ал-фехрист

PDF Compressor Free Version



# Дебоча

Муаллифи китоби «ал-Феҳрист» Абулфараҷ Муҳаммад ибни Исҳоқ ибни Муҳаммад ибни Исҳоқ ан-Надим буда, бештар бо исми мухтасари Ибни Надим шӯҳрат ёфтааст. Ба ҳадси ғолиб, Ибни Надим аз авлоди шоирон ва мусиқидонҳои маъруфи арабизабони эронӣ — Иброҳими Мавсилӣ (ваф. 188/803) ва писараш Исҳоқи Мавсилӣ (ваф. 235/850) буд. Ин ду ҷадди шӯҳратманди ӯ мулаққаб ба «Надим» буданд. Аз ин ҷост, ки Ибни Надим низ бо ин лақаби аҷдодӣ маъруфият дошт.

Ибни Надим як муддат дар Мавсил ва баъдан дар Бағдод зиндагӣ кардааст. Зоҳиран, ӯ пешаи варроқӣ доштааст, зеро дар насабномаи ӯ ба ҷуз лақаби аҷдодиаш ҳамчунин лақаби «Варроқ»-ро пайваста зикр кардаанд. Дар сарчашмаҳо шиамазҳаб будани Ибни Надим ва ба ҷуз аз «ал-Феҳрист» китоби дигаре бо номи «ат-Ташбиҳот ва-л-авсоф» таълиф кардани ӯ мазкур аст. Санаи даргузашти Ибни Надим, бар хилофи соли таваллуди ӯ, аниқ муайян шудааст: ӯ 20 шаъбони соли 380/12 ноябри соли 990 аз дорулфано ба дорулбақо реҳлат кардааст.

Китоби «ал-Феҳрист»-и Ибни Надим дар таърихи адабиёти арабизабон дар зоти худ беназир аст. Арзиши ахбори ин асар ба ҳадде бузург аст, ки он маъхази асосии маълумот доир ба адабиёту фарҳанги арабӣ-мусулмонии чаҳор қарни нахусти ислом маҳсуб мешавад. Асари мазкур соли 377/987-988 ба риштаи таҳрир кашида шудааст. Он аз 10 мақола (боб), ки ба 33 фан (зербоб) тақсим мешавад, иборат аст. Муаллиф дар китоб доир ба забон ва хатти халқҳои гуногун, Қуръон ва кутуби муқаддаси сеири аҳвом, улум ва фунуни исломӣ, адабиёти араб, фалсафа, фиқҳ, калом, мазҳабҳои мухталиф ва ғайра иттилооти гаронбаҳое сабт карда ва номи муаллифон ва унвони китобҳоеро, ки дар соҳоти мазкур таълиф шуда буданд, ба қайд овардааст.

Китоби «ал-Феҳрист» пас аз вафоти Ибни Надим қариб ду

PDF Compressor Free Version

аср аз мадди назари ричоли илму адаб дур будааст. Вале аз асри XIII сар карда, он ҳамвора мавриди истиноду иқтибоси муаллифони кутуби адабиву таърихӣ қарор гирифтааст.

Қадимтарин нусхаҳои хаттии «ал-Феҳрист» дар китобхонаҳои Дублин, Истамбул, Порис, Лейден, Тонк (Ҳиндустон), Вена, Мадина ва баъзе кишварҳои дигар маҳфузанд.

Матни илмӣ-интиқодии «ал-Феҳрист»-ро бори нахуст мусташирики олмонӣ Густав Флюгель (ваф. 1871) ба нашр ҳозир кард. Пас аз сад соли ин нашр, дар соли 1971 муҳаққиқи эронӣ Ризо Таҷаддуд (1886-1973) бо истифода аз нусхаҳои хаттии ахиран кашфшудаи «ал-Феҳрист» матни китобро мучалладан ба нашр расонид.

Китоби «ал-Феҳрист» ба забонҳои форсӣ (бо ҳиммати Ризо Таҷаддуд нашри аввал — 1965, нашри дуюм — 1968) ва инглисӣ (бо кӯшиши Байярд Доҷ, соли 1970) тарҷума шудааст.

PDF Compressor Free Version

## ҶАЙҲОНӢ

Абӯабдуллоҳ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Наср (Ҷайҳонии котиб) — вазири амири Хуросон. Ва ин китобҳо аз ӯст: «Китоб-ул-мамолик ва-л-масолик», «Китоби ойини мисолот» (1), «Кутуб ул-уҳуд ли-л-хулафо ва-л-умаро» (2), «Китоб уз-зиёдот фи китоб ан-носӣ фи-л-мақолот» (3), «Китоби расоил».

## АБӮЗАЙДИ БАЛХӢ

Номаш — Аҳмад ибни Сахл ва дар улуми қадим ва ҷадид фозил буд. Дар таснифот ва таълифоти худ тариқаи файласуфонро мепаймуд, вале чун ба аҳли адаб шабоҳат ва қаробати бештаре дошт, мо зикри ӯро дар ин ҷо овардем.

Аз Абӯзайд ҳикоят кардаанд, ки мегуфт: Ҳусайн ибни Алии Марврӯзӣ, ки бародари Саълук буд (4), ҳамеша барои ман миқдори муайяне ҷоиза ва сила мефиристод ва ҳамин ки китоби «Фи-л-баҳс ан-кайфият ит-таъвилот» (5)-ро навиштам, ҳаман онҳоро қатъ кард. Ва Абӯалии Ҷайҳонӣ — вазири Наср ибни Аҳмад (5а) ҷоизаҳое ба ман арзонӣ медошт ва ҳамин, ки китоби «ал-Қаробин ва-з-забоиҳ» ро таълиф кардам, маро аз он маҳрум дошт. Ва Ҳусайн аз карматиён (6) ва Ҷайҳонӣ аз санавия (7) буд.

Абӯзайд муттаҳам ба илҳод шуд. Ва аз Балхӣ (8) ҳикоят кунанд, ки гуфтааст: «Ин мард (яъне, Абӯзайд) мазлум аст. Ӯ муваҳҳид буда ва ман беш аз дигарон ӯро мешиносам. Мо бо ҳам бузург шудем ва ӯ дар мантиқ дасте пайдо кард, чун мо мантиқро бо ҳам хондем. Ва Худоро шукр, ки мулҳид нашудем...»

PDF Compressor Free Version

## СУХАН ДАР БОРАИ МАЗОҲИБИ ИСМОИЛИЯ

...Дар ҷои дигар чунин омада: Убайдуллоҳ (9) дар соли ҳаштоду ҳафт (10) Абӯсаъиди Шаъронипро (11) ба Хуросон равона карда ва ӯ бо тазоҳур ба шиъа будан саркардагони сипоҳро ба иштибоҳ андохта ва бисёре аз мардумонро фиреб дод. Ва пас аз он ки аз дунё рафт, Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ (12) ҷонишини ӯ гардид. Ва дар кори худ тавоноӣ пайдо кард. Наср ибни Аҳмад ӯро ба зиндон афканд ва ӯ дар зиндон вафот ёфт. Насафӣ (13) ҷои ӯро гирифт ва Наср ибни Аҳмадро фиреб дода, ӯро аз пайравони худ гардонид ва хунбаҳои Марвазиро ба миқдори яксаду нуздаҳ динор, ки ҳар динор баробар ба ҳазор динор буд, аз Наср ситонид ва чунин вонамуд кард, ки онро барои соҳиби Мағриб (14), ки қоим ба амр аст, мефиристад. Наср бемор ва бистарӣ гардид ва аз пазириши даъвати Насафӣ пушаймон шуд. Ӯ ин пушаймониро изҳор кард ва аз олам даргузашт. Писараш — Нӯҳ ибни Наср фақеҳонро ҷамъ ва Насафиро ҳозир кард. Фақеҳон бо вай мунозира карданд ва вайро беобрӯ ва расво сохтанд. Нӯҳ чиҳил динор аз он пулҳоро пас гирифт ва Насафӣ ва бузургону сардорони сипоҳи Насрро, ки пайрави ӯ шуда буданд, ба қатл расонид ва ба куллӣ нобудашон кард.

## РОЗӢ

Абӯбакр Муҳаммад ибни Закариёи Розӣ (15), аз аҳли Рай, ягонаи даҳр ва фариди асри худ дар маърифати улуми қудамо, ба вижа дар тиб буд ва ҳамеша ба сайёҳати шаҳристонҳо мерафт ва бо Мансур ибни Исмоил (16) дӯстии содиқонае дошт ва барои ӯ «Китоб-ул-мансурӣ»-ро таълиф кард.

Муҳаммад ибни Ҳасани Варроқ (17) ба ман гуфт: «Яке аз аҳли Рай, ки аз пирони бузургвори он ҷо буд, дар ҷавоби суоли ман дар бораи Розӣ чунин посух дод: «Ӯ пирамардест, ки сари бузург ва гирде дорад. Ҳангоме, ки дар маҷлиси дарс менишаст, шогирдонаш зери дасти ӯ менишастанд ва шогирдони шогирдонаш поёнтар аз онҳо ҷой мегирифтанд.

PDF Compressor Free Version

сипас сеюри шогирдон қарор доштанд. Ҳар гоҳ ҳоҷатманде ба он маҷлис меомад, ба аввалин нафаре, ки бархӯрд мекард, суолашро матраҳ менамуд, агар ҷавобе аз ӯ намегирифт, ба дигарон муроҷиат мекард ва агар аз онҳо низ посухе ба даст намеовард, худи Розӣ ба сухан оғоз мекард ва ҷавобаш медод. Нисбат ба одамон саховатманду накӯкор буд, дар ҳаққи фақирон ва беморон меҳрубонӣ ва шафқат зоҳир мекард, аз ҳолашон хабар мегирифт ва ба онҳо кӯмакҳои фаровон мекард». Ва боз гӯяд: «Ҳеҷ вақт аз хондани китоб ва навиштану нусхабардорӣ ҷудоӣ надошт. Ва ҳар бор, ки ба назди вай даромадаам, надидаам, ки ӯ ба навиштан ва ё покнависӣ машғул набошад. Ба иллати он, ки зиёд боқило мехӯрд, дар дидагонаш рутубат пайдо шуд ва ин боиси нобиноияш дар ахири умр гардид. Ӯ мегуфт, ки фалсафаро бар Балхӣ қироат кардааст».

## ХАБАРИ ФАЛСАФАИ БАЛХИИ МАЗКУР

Ин шахс аз аҳли Балх буд ва ҳамвора ба ҷаҳонгардиву саёҳати кишварҳо иштиғол меварзид, фалсафа ва улуми бостониро нек медонист. Ва мегӯянд, ки Розӣ муддаии китобҳои ӯ дар фалсафа гардид. Ва ман чизҳое бисёр дар анвоъи улум ба хатти ӯ дидаам, ки ҳама дар шакли мусаввадот ва дастурҳое буданд, ки ба сурати як китоби том ба дасти мардум нарасидааст. Гӯянд, ки дар Хуросон китобҳои ӯ мавҷуд аст. Ва ин шахс ҳамзамони Розӣ буд.

## МАРДЕ, КИ БА ШАҲИД ИБНИ ҲУСАЙН (18) МАЪРУФ АСТ

Кунияаш Абулҳасан ва пайрави фалсафаи ӯ дар илм буд, вале ин мардро мусаннафотест. Байни ӯ ва байни Розӣ мунозараҳое буда ва ҳар як бар дигаре радде дорад.

## ТАСНИФОТИ РОЗӢ, КИ АЗ ФЕҲРИСТИ ХУДИ Ӯ НАҚЛ МЕШАВАД

...«Китоб-ул-мансурӣ фи-т-тиб» (19), ки барои Мансур

ибни Исмоил ибни Нӯҳ ибни Наср аз мулуки Оли Сомон (20) таълиф кард ва он шомили даҳ мақола аст... (21).

## ШАММАЕ АЗ АХБОРИ МОНАВИЁН ВА ГАРДИШЕ, КИ ДАР ШАҲРҲО ДОШТАНД ВА АХБОРИ РУАСОИ ОНОН

Аввалин касон аз пайравони динҳо, ки ба шаҳрҳои Мовароуннаҳр дохил шуданд, ғайр аз суманиён, монавиён буданд. Сабаб он буд, ки Кисро вақте Мониро бикушт ва ҷасадашро ба дор кашид, ба аҳли мамлакаташ мубоҳаса дар ин динро ҳаром гардонид ва пайравони Мониро дар ҳар ҷое, ки пайдо кард, ба қатл мерасонид. Монавиён аз хавфи ӯ рӯ ба фирор оварданд ва аз рӯди Балх гузашта, ба мамлакати хон даромаданд ва дар он ҷо бимонданд. Ва хон дар забони онҳо лақаби подшоҳони турк аст.

Иқомати монавиён дар Мовароуннаҳр то замоне буд, ки риштаи умури эрониён аз ҳам гусехт ва кори арабҳо қувват ва равнақе пайдо кард. Ва онон ба шаҳрҳои худ бargаштанд, ба вижа дар давраи ошӯби Эрон ва сари кор омадани Умавиён, зеро Холид ибни Абдуллоҳи Қасрӣ ба кори онон эҳтимоме аз худ нишон медод. Мунтаҳо дар ин шаҳрҳо раёсат ҷуз дар Бобул қобили ташкил набуд ва аз он ҷо раис ба ҳар ҷое, ки мехост ва амният дошт, мерафт. Ва охирин дастае, ки аз онҳо кӯч карданд, дар даврони Муқтадир буд, ки барои ҳифзи ҷони худ ба Хуросон кӯч карданд ва боқимондагонашон пардапӯшӣ доштанд ва дар шаҳрҳо парокканда буданд. Дар Самарқанд дар ҳудуди понсад нафар ҷамъ шуда ва шӯҳрате пайдо карданд. Волии Хуросон дар қасди куштани онҳо шуд, вале подшоҳи Чин — ба гумонам, соҳиби тағазғуз буд, — ба назди ӯ кас фиристода хабар дод, ки «дар мамлакати ман мусалмонone ҳастанд, ки теъдодашон аз пайравони дини ман дар мамлакати ту чанд баробар зиёдтаранд». Ва савганд хӯрд, ки агар касе аз онҳо кушта шавад, ӯ ҷамоате аз инҳоро хоҳад кушт ва масоҷидашонро хароб хоҳад кард ва ҳифозати мусулмонҳро дар шаҳрҳои дигар аз байн хоҳад бардошт, то кушта шаванд. Соҳиби Ху-

PDF Compressor Free Version


росон аз қасди худ даст кашид ва аз онҳо ҷизя гирифт. Ва монавиён дар кишварҳои исломӣ ба тадриҷ кам шуданд. Ва дар Мадинатуссалом ҳамин қадар медонам, ки дар айёми Муъиззуддавла тақрибан сесад нафар буданд, вале дар замони мо панҷ нафар ҳам нестанд. Ва ин қавмро «иҷорӣ» меноманд ва дар шаҳрҳои Самарқанд ва Суғд ва хоссатан дар Нункас ҳастанд.

## НОМИ РУАСОИ МОНАВИЁН, КИ ДАР ДАВРАИ АББОСИЁН ВА ПЕШ АЗ ОН БУДАНД

...Ва аз касоне, ки охиран ба ин амр шӯҳрате пайдо карданд: Абӯисои Варроқ, Абулаббоси Ношӣ ва Ҷайҳонӣ Муҳаммад ибни Аҳмад аст.

PDF Compressor Free Version

АБЎРАЙҲОНИ БЕРУНИЙ

# ал-Осор-ул-боқия ан-ил-қурун ил-холия

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

**Абӯрайҳон Муҳаммад ибни Аҳмади Хоразмии Берунӣ** — риёзидон, табиатшинос ва файласуфи бузурги Машриқзамин 4 сентябри соли 973 дар шаҳри Кот**и** Хоразм чашм ба олами ҳастӣ кушод. Ӯ авоили умрро дар Хоразм таҳти ҳимояти Хоразмшоҳиён гузаронида, солҳои 998—1004 дар Гургон дар дарбори Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмгир ба сар бурд. Соли 1005 Берунӣ ба Хоразм баргашт ва ба дарбори Абулаббос Маъмун ибни Маъмун (1009—1017) даъват гардид. Соли 1017 Султон Маҳмуди Ғазнавӣ Берунир**о** бо чанд тан аз донишмандони дигари дарбори Хоразмшоҳиён ба Ғазнин бурд ва ӯ то охири умр (11 декабри соли 1048) дар он ҷо бимонд.

Берунӣ дар аглаби лашкаркашиҳои Султон Маҳмуд ба Ҳиндустон дар мулозимати ӯ буд ва бо истифода аз ин фурсат забони санскритро биомӯхт, доир ба кишвари ҳиндувон, расму русум ва урфу одати онон маводи лозимро барои китоби маъруфи худ —«Таҳқиқ мо ли-л-Ҳинд» фароҳам овард.

Берунӣ аз донишмандони мутабаҳҳир дар анвоъи мухталифи улум буд. Ӯ дар ҳудуди 180 асар дар илмҳои нуҷум, риёзиёт, тиб, заминшиносӣ, массоҳӣ, фалсафа, адаб ва ғайра таълиф карда буд, ки тақрибан чиҳилтои он аз дастбурди ҳаводис эмин монда, кунун дар ганҷинаи кутуби кишварҳои гуногун маҳфуз аст.

Берунӣ баъзе аз осори худро, аз ҷумла китоби «ат-Тафҳим ли авоил саноат-ит-танҷим»-ро ба забони модарии худ таълиф кард ва бад-ин васила ба ташаккули истилоҳоти илмии форсӣ-тоҷикӣ саҳми бориз гузошт.

«ал-Осор-ул-боқия ан-ил-қурун ил-холия» («Осори боқимонда аз қарнҳои гузашта») аз маъруфтарин таълифоти Берунӣ буда, дар ҳудуди соли 1000 ба номи Қобус ибни Вушмгир ба риштаи таҳрир кашида шудааст.

Мавзӯи аслии китоб гоҳшуморӣ ва гоҳшиносии ақвоми бос-

 PDF Compressor Free Version 

тонии Машриқзамин буда. зимни он матолиби ҷолиб пиромуни масоили нуҷумӣ, ҷашнҳо ва идҳои қавмҳои гуногун, маросими фирқаҳои мазҳабӣ, гузорише роҷеъ ба муддаъиёни нубуввaт ва нукоти пурарзиш дар таърихи мулуки Бобул, Миср, Эрон, Рум, Юнон ва ғайра матраҳ шудааст.

Матни арабии китоб бори нахуст аз ҷониби ховаршиноси олмонӣ К. Е. Захау (1845—1930) соли 1878 дар Лейпциг ба нашр расид. Ду сол пас, К. Е. Захау «ал-Осор-ул-боқия»-ро ба забони инглисӣ тарҷума кард ва бо таълиқоту ҳавошии муфассал дар Лондон ба нашр расонид. Китоб ҳамчунин ба забонҳои форсӣ-тоҷикӣ, русӣ, ўзбекӣ ва ғайра тарҷума ва нашр шудааст.

PDF Compressor Free Version



Ва бисёр кам воқеъ мегардад, ки бо тӯли замон ва гузашти айём насабҳо ба пайдарҳамӣ маҳфуз бимонад. Дар ин ҳол ягона роҳ барои маърифати сиҳҳати насабҳо аз ботили он иттифоқи ҳамагон ва иҷмои наслҳо дар зикри насаб аст, чунонки дар насаби сайййиди авлоди Одам — Муҳаммад, алайҳи ва ало олиҳи-с-салому (1), чунин иттифоқ ҳосил шудааст.

...Ва дар мавриди насаби шоҳони Хуросон низ чунин иттифоқ рух дода ва ҳеч кас мункири он нест, ки сарсилсилаи хонадони онҳо Исмоил аст ва ӯ писари Аҳмад ибни Асад ибни Сомонхудо ибни Ҷасимон ибни Тағмот ибни Нӯшird ибни Баҳроми Чӯбин ибни Баҳроми Ҷушнаш — марзбони Озарбойҷон аст (2).

* * *

...Бanӣ Аббос (3), пас аз он ки ёрони худро бо лақабҳои дурӯғин мулаққаб сохтанд ва фарқе миёни дӯсту душмани худ нагузоштанд, давлату салтанати онон зоеъ гашт.

Вале Сомониён, ки соҳибони Хуросон буданд, дар ин лақабҳо рағбат нанамуданд ва танҳо бо куния қаноат карданд. Ва дар замони салтанати худ бо номҳои «Муаййад» (4), «Муваффақ» (5), «Мансур» (6), «Муаззам» (7) ва «Мунтасир» (8) хонда мешуданд. Ва пас аз вафот «Ҳамид» (9), «Шаҳид» (10), «Саъид» (11), «Садид» (12), «Разӣ» (13) ва амсоли он ном гирифтанд. Валекин Сомониён дар пайравӣ ба корҳои хулафо сипоҳиёни худро ба «Носируддавла» (14), «Имодуддавла» (15), «Ҳусомуддавла» (16), «Амидуддавла» (17), «Сайфуддавла» (18), «Синонуддавла» (19), «Муъинуддавла» (20) ва «Насируддавла» (21) мулаққаб сохтанд.

Ва Буғрохон ҳам, ки дар соли сесаду ҳаштоду ду (992—993) хурӯҷ кард, ба худ лақаби «Шиҳобуддавла» (22) гирифт. Вале баъзе аз онҳо аз ин ҳад таҷовуз карда ва худро ба «Амирулолам» ва «Саййидулумаро» мавсум намуданд.

PDF Compressor Free Version

АБУНАСРИ УТБӢ

# Таърихи Яминӣ

ТАРҶУМАИ
АБУШШАРАФ НОСЕҲ ИБНИ ЗАФАРИ ҶУРФОДИҚОНӢ

PDF Compressor Free Version


# Дебоча

Китоби «Таърихи Яминӣ», ки ба забони арабии фасеҳ китобат шудааст, ба қалами муаррихи қарни X ва оғози XI Абӯнаср Муҳаммад ибни Абдулҷаббори Утбӣ тааллуқ дорад. Ҳарчанд ки Утбӣ аз хонадони машҳур аст ва аз он ду вазири Сомониён бархостаанд, дар бораи шарҳи ҳоли ӯ иттилооти мо зиёд нест. Соли таваллуди Утбӣ маълум нест, вале мусаллам аст, ки дар Рай ба дунё омада, дар оғози ҷавонӣ онро тарк кардааст ва ба Хуросон назди тағои хеш — Абӯнасри Утбӣ, ки соҳиби бариди Нишопур будааст, рафта. Бархе аз шореҳони Утбӣ ва муаррихин бар он ақидаанд, ки номи мусаннифи асар аслан Абӯназр буда ва чун ба Нишопур омад ва тағояш ӯро бисёр азиз дошт ва ба ҷои фарзанди хеш хонд, баъди марги тағояш куняи ӯ — Абӯнасрро ба худ гирифт. Утбӣ дар хидмати дарбор буд ва дар дастгоҳи Абӯалии Симҷӯр ва Носируддин Сабуктегин маъмурият дошт. Чанд гоҳе ҷонишини Шамсулмаолии Кобус дар Хуросон низ будааст. Абӯнасри Утбӣ соли 427/1035—1036 вафот кардааст.

Утбӣ дар китоби худ таърихи ҳукмронии Сабуктегин ва Султон Маҳмудро оварда, ки он асосан вақоеи солҳои 365-412 (975-1022)-ро фаро мегирад. Ба «Таърихи Яминӣ» мавсум гардидани китоб марбут ба лақаби Султон Маҳмуд «Яминуддавла» аст.

Китоби «Таърихи Яминӣ» шомили вақоеи таърихӣ аз санавоти охири салтанати Сомониён то замони Султон Маҳмуд аст. Дар ин асар мо тафсилоти ҷузъитарии воқиъоти солҳои 365-412 (975—1022)-ро метавонем пайдо кунем, ки дар мутуни дигари таърихӣ ба чашм намерасанд ё такрор аз Утбӣ мебошанд.

Ҳамчунин мусанниф зикри таърихи силсилаҳои дигари ин аҳдро фурӯгузор накарда ва ҷуз силсилаи Сомониён дар бораи умарои Систон, Оли Зиёр, Симҷӯриён, Хониён, Оли Фариғун, Ғуриён, подшоҳони Ғарҷистон, Дайламиён, Хоразмшоҳиён ва ғ. асноди арзишманде зикр кардааст.

PDF Compressor Free Version

Матни арабии «Таърихи Яминй»-и Утбй борҳо нашр шудааст. Соли 1847 бо кўшиши Шпренгер дар Деҳлй, соли 1859 бо шарҳи филологии Шайх Маниний дар Қоҳира, соли 1883 якҷоя бо матни Ибни Асир (дар ҳошия) дар Қоҳира ба чоп расид.

Вале китобе, ки қисмате аз он дар ҷилди дуюми «Сомониён дар оинаи таърих» сварда мешавад, унвони «Тарҷумаи «Таърихи Яминй»-ро дорад, ки соли 602/1205-1206 аз тарафи Абушшараф Носеҳ ибни Зафар ибни Саъди Ҷурфодиқонй (Ҷарбодиқонй) аз арабй ба форсй тарҷума шудааст.

PDF Compressor Free Version

## ЗИКРИ АМИР НОСИРУДДИНИ САБУКТЕГИН ВА МАБДАИ КОРИ Ӯ

Амир Носируддини Сабуктегин ғуломе буд туркинажод...

...Амир Носируддин дар аҳди салтанати Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ бо Абӯисҳоқи Алптегин, ки соҳиби ҷайши Хуросон буд, ба хидмати тахти ӯ расид мавсум ба ҳиҷобати ӯ ва мадори кор ва ҳаллу ақди атбоъ ва ашё ва ҳишам бад-ӯ муфаввз буд. Ва аркони он давлат ва аъзоди он ҳазрат ба тақаддуми ӯ дар кифоят ва киёсат мӯътариф. Ва аз анвори ғино ва ҳидояти ӯ дар тасорифи умури мулк муқтабис ва муғтариф. Ва чун Абӯисҳоқи Алптегинро ба Ғазна фиристоданд ва вилояти он навоҳӣ бад-ӯ бозбастанд, зимоми тартиб ва тадбири он ашғол ва тақриру тақдири он аъмол ба раъйи разин ва андешаи соиб ва фикри соқиби Носируддини Сабуктегин супурданд. Ва чун Абӯисҳоқ ба Ғазна расид, ба муддате наздик сипарӣ шуд ва даъвати ҳақ иҷобат кард ва дар дудмони ӯ касе набуд, ки шоистагии подшоҳӣ доштӣ. Ва ансору аъвон ва озоду бандаи ӯ мӯҳтоҷ гаштанд ба касе, ки сардории эшонро шоиста ва мутарашшеҳ бошад. Ва ҳар касро, ки ихтиёр карданд, бар маҳаки ихтибор нйре комил надошт, то ҳамгинон муҷтамаъулҳимма ва муттафиқулкалима шуданд, ки аҳлиййату истиҳқоқи сарварӣ ва хасоиси беҳтариву меҳтарӣ ҷуз Носируддини Сабуктегинро нест. Ба иттифоқ ба раёсату сардории ӯ ризо доданд ва бар кафолат ва вилояти ӯ аҳд бастанд ва байъат карданд...

...Амири разӣ Абулқосим Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ— подшоҳи Хуросон бад-ӯ истионат кард ва аз ӯ мадад хост, то лашкареро, ки аз диёри турк ба музоҳамати ӯ омада буданд ва ӯро аз Бухоро, ки дорулмулк ва мустақарри

 PDF Compressor Free Version 

сарири салтанати ӯ буд, барангехта ва дар мамлакати мавруси ӯ тамаъ мустаҳкам карда, ҷавоб боздиҳад ва мулки ӯро дар ҳисоби хеш муқаррар гардонад. Амир Носируддин аз фарти карам ва камоли макорим, ки Борин Таъоло дар зоти ҳумоюни ӯ ниҳода буд, бар худ воҷиб шинохт ин даъватро иҷобат кардан ва чунон подшоҳеро, ки аз хонаи қадими хеш ба ноистиҳқоқ пазъоҷ карда буданд, нусрат додан ва ба мамлакати хеш бозрасонидан ва хасмони ӯро минкор бозкӯфтан ва ҳуқуқи саноеъи аслофи ӯ ба ноят ва ғоят мақзӣ доштан ва ин зикр бар сафаҳоти рӯзгор боқӣ гузоштан..

## ЗИКРИ ОМАДАНИ ЛАШКАРИ ТУРК ДАР ВИЛОЯТИ НӮҲ ИБНИ МАНСУР ВА ӮРО АЗ ДОРУЛМУЛКИ БУХОРО БАРАНГЕХТАН

Дар шуҳури санаи хамса ва ситтина ва салосумиа (365/975—976) амири садид Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ вафот ёфт ва тахти мамлакат ва сарири салтанат холӣ гузошт. Ва аркони он давлат ва акобири он мамлакат бар писари ӯ амири разӣ Нӯҳ ибни Мансур муҷтамиъ шуданд ва бо ӯ байъат карданд ва ӯ дар муқтабали ҷавонӣ ва унфувони шабоб буд мутаҳаллӣ ба фарри илоҳӣ ва варҷу шукӯҳи подшоҳӣ ва хасоиси ҷаҳондорӣ. Ва чун бар тахти мамлакат қарор гирифт, дарҳои хазоин бикушод ва захоири амвол ва нафоиси аълоқ ва аъроз, ки аслофи ӯ ба тадбиру тақдирӣ гузарси бузург фароҳам оварда буданд, бар вуҷуҳи лашкару қувводи хашам ва табақоти хидам харҷ кард ва ҳар якро аз атбоъ ва ашё, чунонки фароҳӯри ҳолу қадри ӯ буд ба ташрифҳои гаронмоя ва силоту мубаррроти подшоҳона бинавохт, то дилҳо бар мутоваъат ва мутобаъати ӯ қарор гирифт ва гарданкашони ҷаҳон сар бар хати фармони ӯ ниҳоданд ва ба ниқиёди авомир ва завоҷири ӯ истисъод ҷустанд. Ва Абулҳусайни Симҷӯрӣ—соҳиби ҷайш ва лашкаркаши Хуросон ба Нишобур буд мутамаккин дар имороти сипоҳ ва вилояти ҳашам. Амир Нӯҳ ибни Мансур

PDF Compressor Free Version

кас бад-ӯ фиристод ва аз ҳоли хеш ва расидани навбати мулку виросати хонаи қадим ва байъати коффаи лашкар бар подшоҳии ӯ огоҳӣ дод ва ӯро ба анвоъи алтофу каромот ва мазиди қирбот бинавохт ва ба иқтооти зиёдат мавъуд гардонид, то ӯ низ андар он мутобаъат мусоҳамат намуд ва ба аморату салтанати ӯ ҳамдостон шуд. Ва вазорат бар Абулҳусайни Утбӣ тақрир афтод ва ӯ ба ҳусни раъйи равийат ва камоли кифоят ва дирояти хеш он мамлакат дар силки низом оварл ва оини адлу инсоф бигустурд ва авлиёи давлатро бар ҳифзи масолеҳи он мулк мустақим ва мустадим бидошт. Ва муонидонро дар рибқаи тоат кашид, то зикри ҳайбат ва шукӯҳи он мамлакат дар ақтори ҷаҳон мунташир шуд ва асҳоби атроф бар минҳоҷи убудият ба илтизоми ҳамл ва итовату иқомати русуми хидмат истодагӣ карданд...

Ва Аҳмади Хоразмӣ аз ҷумлаи хавосси ҳазрати Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ буд ва ҳар сол ҳамле бар дасти ӯ ба Каъбаи муаззам ва Мадинаи мукаррам фиристодӣ, то бар ашрофи Ҳарамайн ва фуқаро ва мустаҳиққон сарф кардӣ ва ба масобби истиҳқоқ ва мазонни истиҷоб расонидӣ, ҳикоят кард, ки «дар навбате, ки аз Хуросон меомадам бар азми ҳаҷ, чун ба ҳазрати Азудуддавла расидам, бар қонуни маъҳуд таҷдиди аҳде кардам ва ба хидмати боргоҳи вай шудам. Тафаффури тамом фармуд ва аз аҳволи мулки Хуросон ва интизоми умури он давлат дар зимни эҳтимом ва канафи кафолату аҳди тадбири вазорати Шайх Абулҳусайни Утбӣ истикшоф кард ва аз маҷории аҳволу манозими ашголи ӯ тафаррӯфӣ фармуд ва гуфт: «Агар аз он ҳазрат хидмате фармудаанд ё илтимосе карда, арз бояд дошт». Тазкирае, ки Шайх Абулҳусайн маро дода буд, муштамил бар мултамасоте муайян, ба вай додам ва дар он ҷумла ҳазор-то ҷомаи шуштарӣ (1) буд, мутарраз ба алқоби амири садид Малик Мансур валиюннимаъам Абулқосим Нӯҳ ибни Мансур валии амирулмӯъминин ва понсад-то ҷомаи мутарраз ба алқоби шайхи ҷалил Абулҳусайн Абдуллоҳ ибни

PDF Compressor Free Version

Аҳмад ал-Утбӣ ва поисад то ҷомаи мӯълам ба номи ҳоҷиб Ҳусомуддавла Абулаббоси Тош.

Чун ин тазкира мутолаа кард, тира шуд ва хашмноку мутағаййир гашт ва инони тамолук ва тамосук аз дасти ӯ бирафт ва рӯй фаро ман кард ва гуфт: «Агар Писари Утбӣ бар мулки Хуросон иқтисор кардӣ ва пой дар домани саломат кашидӣ ва андозаи кор нигоҳ доштӣ, ӯро ва соҳиби ӯро судмандтар омадӣ аз ин таҳаккумҳои нолоиқ, ки бар мо мекунад. Аммо мо боди нахват ба теғи обдор аз димоғи ӯ берун кунем ва ба оташи суми асбони номдор хок аз қаъри Ҷайҳун барангезем ва машоҳиди он атлол ва маоҳиди он аъмол мутасаййиди шерони хидам ва мутаназзаҳи далерони ҳашами хос кунем, то ӯ қадри хеш бишиносад ва дар мухотаботи ҳазрати мо бар чунин толибфазлиҳо иқдом накунад. Ирҷиъ илайҳим фаланаътияннаҳум биҷунудин ло қибала лаҳум биҳо ва ланухриҷаннаҳум минҳо азиллатан ва ҳум соғируна». (2).

Аҳмади Хоразмӣ гуфт: «Маро аз ҳайбати ӯ қувват аз аъзо бирафт бархостам ва пойкашон аз даргоҳ берун омадам ва ба истишъор ва хавфе ҳарчи тамомтар худро ба вусоқаф кандам. Чун мавсими кӯчи хоҷ (ч) бирасид, кас фиристод ва маро бозхонд ва тааллуфу талаттуфи бисёр кард ва икрому тарҳиби тамом намуд. Ва гуфт: «Тазкирае, ки доштӣ, мисол додем то ба итмом расонанд ва нахостем, ки бад-ин қадри Шайх Абдулҳусайнро ғуборе ба хотир расад ва вахшате ба андаруни ӯ роҳ ёбад. Бояд, ки суннюъро ҳозир кунӣ ва бар вафқи мурод ва ҳасби муртод он ҷомаҳоро бифармоӣ чунонки ба вақти бозгашти ту тамом карда ва пардохта ба ту супоранд». Гуфт: «Бирафтам ва он ҷомаҳо бар он мӯҷиб, ки мултамас буд, бифармудам ва чун бозгаштам бо дигар маҳмулоти музофот ба Бухоро расонидам».

...Ва амир ҳоҷибии бузург ба Ҳусомуддавла Абулаббоси Тош доданд ва ӯ дар мулобасати он шуғл осори хуб зоҳир гардонид ва дар тааллуфи аҳво ва истимолати дилҳо ва муроотн табақоти лашкар яди байзо намуд...

PDF Compressor Free Version

...Ва Шайх Абулҳусайни Утбӣ дар тартибу тамшияти кор ва эълои дараҷат ва ирқои мартабати ӯ ҷидди балиғ намуд ва абвоби нсоботу фавоиду авоид бар ӯ гушод, то ӯ ба хазоину захоири бисёр мустазҳар шуд ва асҳоби подшоҳӣ ва лашкаркашии ӯ мутаваффир гашт, чи Абулаббоси Тош аз мамолики Абӯҷаъфари Утбӣ буд—ба хасоиси ақл ороста ва ба вуфури рушду киёсат мутаҳаллӣ ва осори наҷобат ва анвори шаҳомат дар шамоилу маҳоили ӯ лоиҳ ва ба таъдибу таҳзиб ва тарбияти хоҷаи хеш муҳаззабулахлоқ гашта. Ва Абӯҷаъфари Утбӣ ӯро лоиқи амири садид Мансур ибни Нӯҳ дид ба тӯҳфа пеши вай бурд. Ва чун навбати вазорат ба Шайх Абулҳусайни Утбӣ расид, ӯро аз битонаи хеш шинохт... ва ба мансаби бузург расонид.

Пас амир ҳоҷибӣ ба Фоиқ дод ва ӯ ҳамчунин аз мамолики Мансур ибни Нӯҳ буд ва дар он ҳазрат ба мақомоти мазкур ва мавоқифи машҳур ихтисос ёфт. ва ба ҳуқуқи ақид ва васоили ҳамид мутазарреъ ва мутадарреъ шуда. Ва лашкаркашии Хуросон бар Абулҳусайни Симҷӯрӣ муқаррар гашт...

Ва мабдаи ваҳн ва фотиҳаи халал, ки дар он мулк зоҳир шуд, ба сабаби кори Систон буд..

## ШАРҲИ ҲОЛИ СИСТОН

Халаф ибни Аҳмад подшоҳи Систон буд. Дар санаи арбаъа ва хамсина ва салосумиа (354/965) басиҷи ҳаҷ кард ва хилофати хеш дар он аъмол ба Тоҳир ибни Ҳусайн дод, ки хеши ӯ буд. Ва дар ғайбати ӯ Тоҳир лашкари Халафро бифирефт ва қилоъ ва хазоини ӯ ба даст гирифт ва дар подшоҳии Систон тамаъ мустаҳкам кард. Ва чун Халаф бозгашт, мамлакати худ шӯрида ёфт ва роҳи вусул ба мақарри хеш баста дид. Ба Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ илтиҷо кард ва аз ӯ мадад хост, то ба муованат ва тақвияти ӯ мулк аз ташаббуси Тоҳир мустахлас гардонад. Мансур илтимоси ӯ ба иҷобат мақрун дошт. Ва ҷамъеро аз ҳашами

PDF Compressor Free Version


хеш бар савби Систон дар суҳбати ӯ равон кард, то ӯро ба вилояти хеш расонанд ва дафъи муъориз ба мунозеъи ӯ бикунанд. Тоҳир чун аз мадади лашкари Мансур хабар ёфт, вилоят бозгузошт ва ба Исфизор муқим шуд, то Халаф дар дорулмулки хеш мутамаккин гашт ва аъвон ва ансорро, ки аз ҳазрати Мансур омада буданд, аз сари истиғно бозгардонид. Пас ногоҳ бар сари ӯ тохт ва ӯро шикаставу мунҳазим ба ҷониби Бодғис андохт. Халаф дигар бор аз сари изтирор рӯй ба ҳазрати Нӯҳ ибни Мансур ниҳод ва бад-ӯ паноҳид, чӣ Мансур вафот ёфта буд ва Нӯҳ—писари ӯ қоиммақоми ӯ шуда, Нӯҳ мақдами ӯ мукаррам дошт ва дар икрому эъзоз ва эътино ба муҳимоти ӯ муболағати тамом воҷиб дид ва лашкаре ҷаррор ба кифояти муҳимми ӯ номзад кард. Ва чун Халаф бо ин лашкар ба Систон омад, Тоҳир вафот ёфта буд ва Ҳусайн—писари ӯ дар мухолафати Халаф қоиммақоми падар шуда ва муонадат оғоз карда ва ба ҳисне аз ҳусуни Систон эътизод ва истизҳор сохта. Халаф ӯро дар ҳисор гирифт ва ба каррот миёни фариқайни муҳорабат ва мувосабат рафт ва халқе бисёр аз лашкари Ҳусайн дар он масоф (ф) ва маорик ба қатл омаданд. Ва Ҳусайн ибни Тоҳир аз сари изтирор ба ҳазрати Нӯҳ ибни Мансур кас фиристод ва аз самти иёни тафодӣ ҷуст ва ба бандагиву тоат тазоҳур намуд ва илтимос кард, то ӯро ба ҳазрат роҳ диҳанд ва аз таарруззи ҷамоати муҳосирон эмин гардонанд, то ба хидмати боргоҳ мустасъид шавад ва шарафи дастбӯс ҳосил кунад. Нӯҳ узри ӯ мақбул дошт ва ба ирсол ва исоли ӯ ба ҳазрат мисол дод ва Халаф дар мамолики хеш мутамаккин шуд ва нифози ҳукми ӯ дар он навоҳӣ ба қоидаи маъҳуд ва расми маълуф бозрафт. Ва бар ин ҳол солиёни бисёр бигзашт, то туғёни нахвату сарват бар мизоҷи ӯ истило ёфт ва ҳаққи он давлат фаромӯш кард ва дар инфози вазоифи хумул ва итовот ба ҳазрати Бухоро тақоуд ва илтот намуд. Ва ӯро ба амсила ва мухотаботи машҳун ба анвои насоеҳ ва таърифи савобиқи аёдӣ ва авориф танбеҳ намуданд. Ва ӯ дар сакрати туғён ва нашвати исён бар одати хеш мус-

PDF Compressor Free Version

тамир ва дар ифоқату иноси рушд ва ташхизи басират муқассир, то Ҳусайн ибни Тоҳирро бо ҷамъе аз машоҳири аҷнод ва ҷамоҳири анҷоди Хуросон ба мухосамати ӯ фиристоданд ва ӯро дар Қалъаи Арк маҳсур гардониданд. Ва муддате мадид дар он мухосарат бимонд ва вазир Абулҳусайни Утбӣ бар тавотур мададҳо мефиристод ва аркону аъзоди давлатро ба кифояти он муҳим таҳриз мекард ва ба ҳеҷ ваҷҳ сурати мурод аз ҳиҷоби тааззур берун намеомад ва мақсуд ба ҳусул маҳсул намешуд ва солҳо ритоҷи он кор баста бимонд, ки масоиди он қалъа бо фалак ҳамроз буд ва бо малак ҳамовоз...

...То муддати ҳафт сол бар ин ҳол дар муқосоти он шадоид ва муоноти он макоид гузарониданд ва мардон аз кор бозмонданд ва амволу хазоину марокибу ракоибу силоҳҳо сипарӣ шуд ва осори заъф ва амороти аҷзи лашкари Хуросон шоеъ ва мунташир гашт ва равнақи Сомониён з-он пас рӯй дар нуқсон овард ва низоми корҳо гусаста шуд ва шамотати ҳуссод ва таҷосури аъдод ба изҳор расид ва ҳар лаҳза вахне тоза ва ҳар рӯз халале нав ба ҳавошии он мулк роҳ меёфт. Ва ҳар кореро ғояте ҳаст ва ҳар мулкеро ниҳояте ва ҳар ҳолеро заволе ва ҳар давлатеро интиқоле. Йамҳу-л-Лоҳу мо яшоу ва йусбиту ва индаҳу умм-ул-китоби (3). Ва чун Абулҳусайни Симҷӯрӣ фасоди он кор ва касоди он бозор мушоҳадат кард, бо замонаи ғаддор ёр шуд ва иёри муносаҳат бигардонид ва дар ҳифзи масолеҳи мулк ва қиём ба шароити ҳифоз эҳмол ва ихлол пеш гирифт ва дар тарокуми ҳаводис ва тазоҳуми афвоҷи хусум ва талотуми амвоҷи ҳумум тағофул ва тахозул пеша сохт.

То абнои давлат ва аъшони ҳазрат забони вақиат дароз карданд ва дар тазрибу тасриб маҷоли фасеҳ ёфтанд ва гуфтанд: осори аёдиву авориф ва макориму авотифи Оли Сомон бар ҳеҷ кас аз саноеъ ва бандагони давлат зоҳиртар нест, ки бар Писари Симҷӯр. Ва амири саид Мансур ибни Нӯҳ дар тарбияи ва тарҷеҳи ӯ бар дигар хидматгорон мубололағатҳо намуд ва Хуросон, ки хулосаи байзаи давлат ва наҳоваи ҳавзаи мамлакат аст, бад-ӯ арзонӣ дошт, то вақти нуҷуми миҳан ва ҳуҷуми фитан нобиаҳад, (4) ва

PDF Compressor Free Version

рукни ашадди ӯ бошад ва дар қазои ҳаққи он неъмат ҷону сар вақояи мулки ӯ ва ворисону мухаллафони ӯ кунад. Имрӯз, ки куфрони неъмат огоз кард ва дар риояти лавозими ҳуқуқ ва сиёсати равнақи сарир игзо ва игмоз намуд, ба азли ӯ мисол бояд дод ва эътидоду ионпораи ӯ ба дигаре аз бандагони давлат додан, ки ба кифояти умур ва садди сугур ва мувофақати ҷумхур қиём намояд. Ва аз ҳазрати малик мисоле ба сарфи ӯ аз қиёдат ва сардории лашкари Хуросон равон карданд ва мансабу шугли ӯ бар Ҳусомуд-давла Абулаббоси Тош муқаррар доштанд. Ва чун ин мисол ба Абулҳусайни Симҷӯрӣ расид, шайтанати гурур зимоми тамолук аз дасти ӯ бистад, то ҷавобҳои аниф дод ва ба калимаи исён муҷоҳарат кард ва ба мисоли ҳазрат илтифот нанамуд. Пас дар хавотими корҳо назари оқилона воҷиб дид ва андешид, ки исён бар валинеъмати хеш оқибате вахим дорад ва дар айёми шайхухат рақами куфрону самти исён бар хештан кашидан мӯҷиби маломату надомат бошад ва худро дар маърази матоибу масоиб овардан ва бало ба магнотис ба худ кашидан ва захр ба гумон чашидан кори оқилон нест.. Расулро бозхонд ва бар кардаву гуфта пушаймонӣ намуд ва пӯзишҳо кард ва узрҳо хост. Ва гуфт: «Ман ниҳолеам, ки он подшоҳ нишондааст ва онро ба оби карам у абвоби ниъами хеш тарбият дода ва дар канафи икром ва ҳиҷри ниъоми ӯ нашъу нумӯ ёфта ва дар чамани иқболи ӯ шохаҳо кашида ва борвар шуда. Агар аз бахри самараи хидмат бигузорад ва имдоди он неъмат ва эъдоди он миннат барқарор дорад, бар он маҳмуд ва машкур бошад ва агар аз бех барандозад ва ҳимаи оташ созад, дар он маъзур ва магфур бувад». Расулро бар ҷумлаи тоат бозгардонид ва аз арсаи мулки Хуросон бархост ва ба ҷониби Кӯҳистон таҳвил кард, мунтазири он, ки аз ҳазрат бар чӣ мӯҷиб мисол диҳанд. Фармуданд, ки ба ҷониби Систон бояд рафт ва кори он ҷойгоҳ, ки чун уқдаи занаб дарҳам афтодааст (5) ва он муҳим, ки чун ҷазри асам (м) дар шиколи ашкол монда (6), ба киёсат ва шаҳомат ва ҳусни иэтилоъ кифоят кардан ва он лашкарҳоро аз

PDF Compressor Free Version

мазоиқи ғурбат ва мағолиқи курбат халос додан. Абулҳусайни Симҷурӣ ба Систон рафт ва миёни ӯ ва Халаф асбоби маваддат ва муоҳот ва муҳаббат ва муволот аз қадим боз муаккад ва мумаҳҳад буд. Чун он ҷойгоҳ расид дар сир кас ба вай фиристод ва бар сабили мувотаат ишорат кард, ки муддати муқоми аҷониб дар ин вилоят имтидод ёфт ва халалҳои бисёр дар атрофи мамлакат рӯй намуд ва чун он чӣ дар он мунокашат меравад ва сару ҷон барои ҳифзи он дар маъразн хатар ниҳода мешавад, бар бод ояд ва ба хок фурӯ шавад, саъй ҳадар монад ва ранҷ бо бар гардад. Тариқ он аст, ки аз ин мақом бархезӣ ва ба ҷонибе дигар таҳвил кунӣ, то ман ин лашкарҳоро ба баҳонаи найли мақсуд ва ҳусули матлуб аз ин вилоят берун барам ва чун арса холӣ шуд, он чи салоҳи вақт бошад бар вафқи исор ва ихтиёр пеш гирӣ.

Халаф ин насиҳат бишнуд ва мақбул дошт. Чи донист, ки ин сухан аз сари ихлосу халос меравад ва аз Ҳисори Арк бархост ва ба Қалъаи Тоқ рафт. Ва Абулҳусайн ва авлиёи давлат дар андаруни Ҳисор рафтанд ва бишорат бизаданд ва фатҳномаҳо ба ҳазрат ва ҳар тараф равон карданд ва хутбаю сикка ба алқоби маймуни Нӯҳ ибни Мансур музайян гардониданд ва рӯй ба ҷониби Хуросон ниҳоданд. Ва шарҳи он чи баъд аз ин ҳолат миёни Халаф ва Ҳусайн ибни Тоҳир ҳодис шуд дар мавзеи хеш ба ишбоъ расад ва эрод кардаояд, иншоаллоҳу таъоло.

## ЗИКРИ ҲУСОМУДДАВЛА ТОШ ВА ИНТИҚОЛИ ЗАОМАТ БА Ӯ.

Пас Ҳусомуддавла Абулаббоси Тошро ба Нишобур фиристоданд мавсум ба мансаби сипаҳсолорӣ ва сардории лашкар ва зимоми ҳаллу ақд ва басту қабз ва иброму нақз ба дасти ҳазомат ва шаҳомати ӯ доданд. Ва Фоиқи Хосро аз баҳри муованат ва музоҳадат ба вай бозбастанд. Ва Наср ибни Тази Шаробиро ба ҷамъе аз вуҷӯҳи умаро ва маорифи давлат дар мутобаати ройати ӯ равон карданд.

PDF Compressor Free Version

Ва ба хазоину марокибу аслиҳаву созу асбоби сипаҳдорӣ ӯро мустазҳар ва музоҳулилла гардониданд. Чун ба Нишобур расид бисоти адлу инсоф ва рафъат бигустурд ва умури давовину қавонин дар силки низом оварл ва русуми ҷоира барандохт ва атмоъи мустаъқила аз зуафои раият кӯтоҳ гардонид ва дар заомати ҷуюш ва тақдиму таъхир дар маротиб ва мақодир ва иқомати маросими раёсату сиёсат би ақсалимкон расид. Ва дар ин аҳд Шамсулмаолӣ Қобус ибни Вушмгир ва Фахруддавла Абулҳасан Алӣ ибни Бӯя ба Хуросон афтода буданд ва масоф(ф)е, ки миёни эшон ва Муайиидуддавла буд...

## ҲИКОЯТИ ҲОЛИ КОБУС ВА ФАХРУДДАВЛА

...Қобус ба қалъае аз қилоъи хеш рафт ва ба хазоину дафоини он ҷойгоҳ мустазҳар шуд ва ухбати ғурбат бисохт ва ба Нисобур шуд ва Фахруддавла аз роҳи истиво бад-ӯ пайваст ва лашкарҳои мутафаррик аз ҷавониб бо эшон афтоданд ва ба ҳазрати Бухоро нома навиштанд ва аз аҳволи хеш огоҳӣ доданд ва таваккӯъе, ки эшонро ба ҳусни ҷавор ва ариҳийяти он ҳазрат буд—дар игосати малхуф ва кифояти ҳаводиси суруф арз карданд. Ва зулме, ки бар ҳар як рафта буд, аз муғолабати хусум ва муноззат дар мулки маврус ва хонаи қадим, эълом доданд ва он ки роҳи умеди имтиош ва иртиёш ҷуз ба авну нусрат ва маладу иноати он ҳазрат мутасаввир нест ва ташаффии дил ва талофии халал ҷуз ба музоҳарат ва музофарати ин давлат мумкин нагардад. Нӯҳ ибни Мансур ҷавобе шофӣ фармуд машҳун ба анвои эъзозу икром ва илтизоми мавоҷиби ҳуқуқи вифодат ва қиём ба шароити эҳтимому ҳимоят. Ва ба Ҳусомуддавла Тош мисол фармуд, то мақдами эшонро мукаррам дорад ва дар иҷлоли қадру таъзими амру икром маврид ҳар як мубологат воҷиб бинад ва эшонро ба мулки маврус бозрасонад ва ба ҷавоби хусум ва дафъи мунозиони эшон қиём намуд. Ҳусомуддавла Тош мисолро имтисол намуд ва бар он минҳоҷ, ки фармон буд, пеш гирифт

PDF Compressor Free Version

ва эшонро хидмати басазо кард ва лашкарҳои мутафарриқро ҷамъ овард. Ва аз Нишобур бар савби Ҷурҷон рехлат кард, то аввал Ҷурҷон, ки дорулмулки Қобус буд, мустахлас гардонад ва хотир аз муҳиммн ӯ бипардозад, пас рӯй ба кори Фахруддавла орад. Ва Фоиқро фармуд то ба роҳи Қумис ба ҷониби Рай равона шавад ва моддаи ма-дади аъвон ва ансори Муайиидуддавла мунқатеъ гардонад, то ӯ чун пасу пеш лашкар бинад ва аз ҷонибайн дилмашғул шавад, заъфи дил ва ваҳми ҳоли ӯ зиёдат гардад. Чун Фоиқ ду марҳала бар он роҳ бирафт, Тош пушаймон шуд ва тафриқаи лашкари хеш ва нуқсоне, ки дар ҷамъият ва анбӯҳи ҳашами ӯ омад аз ҳазму эҳтиёт ва танаббӯҳу таяққуз дур шинохт. Чунон савоб дид, ки Фоиқро бозхонад. Ва ба Озодвор ба ҳам расиданд ва дар тазоҳур ва тазофур муҷтамаъ ва муттафиқ шуданд. Ва чун ба Гургон расиданд, Муайиидуддавла дар шаҳр рафт ва дар эҳкоми дару девору бору эҳтиёти тамом кард ва қурби ду моҳ дар он муҳосарат мусобарат намуд. Ва лашкари Дайлам дар он ҳолиса пой биафшурданд ва сарбозиҳо карданд ва дастбурдҳо намуданд ва дар он мусодамот рӯй аз садамаи шамшер натофтанд ва чун нафас пеши аҷал бозмедавиданд ва ба нӯки тиру синон мӯй мешикофтанд ва ҳарбҳои эшон дар он муҳоработ чун қазо тегтузор ва чун замона умрхор буд.

Чун муддати муқоми лашкар дар Гургон имтидод ёфт, қаҳт бархост ва моддаи қувват, ки маддади ҳаёт буд, бурида шуд ва кор ба ҷое расид, ки нухолаи ҷав бо гил хамир мекарданд ва бад-он садди рамақе мерафт. Ва Утбӣ овардааст, ки ман номаҳои он лашкар дидаме аз он хамир дар миён дарҷ карда барои эъломи ҳол ва тангии маишати хеш, чун мидод сиёҳ ва табоҳ будӣ. Дар ин ҳолат ба тоқат расиданд ва аз ҳисор берун омаданд ва масоф (ф) биёростанд. Фахруддавла бар майсараи лашкари Хуросон— муқобили Алии Кома биистод, ки соҳиби ҷайши Муайиидуддавла буд ва ба як ҳамла ӯро аз ҷой баргирифт ва ҳазимати ӯ ба Астаробод расид. Ва агар лашкари Хуросон

PDF Compressor Free Version

Фахруддавларо мадад доданд, он масоф (ф) шикаста буд ва он даст бурида. Аммо аз рӯи мунокашат ва ҳасад таҳовун намуданд ва рағ бозгирифтанд. Лоҷарам фавҷе аз лашкари Дайлам бар атбоъ ва азноби лашкари Хуросон, ки ба ғорат машғул буданд, атфае карданд (7) ва ҳамаро тӯъмаи шамшер сохтанд. Ва дар қалб бо Абулаббоси Тош Абӯсаъиди Шабибӣ буд ва тоифае аз лашкари Хоразм, ки тирашон чун аҷал аз мақтал хато намекард. Халқе аз лашкари Дайлам бар дасти эшон ҳалок шуд ва Абулфазли Ҳиравии мунаҷҷим бо Муайиндуддавла мувозаате карда буд, ки дар он мавоқиъа сабр мекунад, то Миррих ба дараҷаи ҳубут расад (8) азм ҷазм кунад ва ҷидде тамом ба ҷой орад. Агар фатҳе ба мурод баромад ва илло худро ва он лашкарро аз он мазиқ ба фазо афканад ва ба қазо ризо диҳад. Ва Муайиндуддавла ин сир пинҳон медошт ва истеъдоди кор мекард, то вақти мавъуд ва замони маҳдуд даррасид. Ва дар рӯзи чаҳоршанбе аз рамазони санаи иҳдо ва сабъина ва салосумиа (371/981-982) бо ҷумҳури лашкар берун омад. Ва лашкари Хуросон пиндоштанд, ки бар қоидаи рӯзҳои дигар чолише мекунанд. Ба ҷумлагӣ аз ҳисор берун омаданд ва ба афвоҳ мегуфтанд, ки Муайиндуддавла дар сир (р) Фоикро бифирефтааст ва ӯро ба тӯҳафи бисёр ва ҳадоёи фаровон аз роҳ бурда, то вақти мавъуд мусоҳалате кунад. Ба вақти миъод лашкари Дайлам ҳамла карданд ва Фоиқ пуштфаро дод. Ва Ҳисомуддавла ва Фахруддавла дар қалб бистоданд ва суботи азим намуданд, то муаззами сипоҳ мутафарриқ шуд ва шаб наздик расид ва душман қавӣ ва чирадаст омад. Фахруддавла гуфт: муқом аз ин беш савоб нест, чи хасм истило ёфт ва қувват гирифт ва бо мо кас намонд. Пушт фаро доданд ва пиле, ки ҳисни қалб буд дар баъзе махоиз (9) фурӯ монд ва ба гил фурӯ шуд ва чандон, ки дар истихлоси вай кӯшиданд, фоида надошт. Пилро ҳамчунон фурӯ гузоштанд ва маи наҷо бираъсиҳӣ фақад рабиҳа (10) бархонданд ва лашкаргоҳ бо хазоини ҷаҳон ва рағоиби бисёр ва нафоиси бешумор ва мамолику мавошии фаровон ва анвои ғаллоту ҳубуб боз-

PDF Compressor Free Version


гузоштанд ва то ба Нишобур расиданд, ҳеҷ ҷой имкони тавaққуф ва муқом наёфтанд. Ва кайфияти ҳол ба ҳазрати Бухоро инҳо карданд ва аз ин воқеаи саъб ва ҳодисаи мункар хабар доданд. Аз Бухоро эшонро дилгармӣ фармуданд ва ба муованат мавъуд гардониданд. Ва соҳиби кофӣ Исмоил ибни Аббод (11) мубашширонро ба ақтору амсори мамолик давонид ва ба атрофу аътофи ҷаҳон фатҳномаҳо равон кард. Ва шуарои аср ва афозили даҳр дар васфи ин ҳол қасоиди ғарро ва маъонии азро ихтироъ ва ифтироъ карданд. Ва шоир Баҷалӣ (12) дар Муайиидуддавла мегӯяд: Шеър:

Мо ҳола ғайрука фи ҳайҷои малҳаматин
Мазкуратин Ола Сомона ва Сомоно
Фактуб лиман би Бухоро амнатан фалақад
Ғодартаху инда навми-н-носи яқзоно (13).

Ва ин Баҷалӣ аз ҷумлаи шуарои Қобус буд ва дар мадҳи ӯ мегӯяд, шеър:

Лиллоҳи шамсони тазкири лихайриҳимо
Ва ли-л-муаннасати-и-нуқсону мултазаму
Азро би тилка санан мин ғайри маърифатин
Фиҳо, ва заййана ҳоза-л-илму ва-л-караму
Ё айюҳо-л-малику-л-маймуну тоируху
Ва хайру ман фи-л-варо йамшӣ биҳи-л-қадаму
Лав кунта мин қаблу таръоно ва такнафано
Ламо таҳаддо илайна-ш-шайбу ва-л-ҳараму (14).

...Ва Абулҳусайн Утбӣ, лашкарҳоро аз тарафи Хуросон ва Мовароуннаҳр бозхонд ва ҳамгинонро ба Марв миъод кард, ки он ҷойгоҳ муҷтамаъ бошанд, то ӯ ба нафси хеш ҳаракат кунад ва ба ислоҳи он ваҳн ва тадоруки он халал ба зоти хеш қиём намояд ва равнақи мулк ва таровати давлат ба қарори асл боз барад. Нӯҳ ибни Мансур ӯро хилъате гаронмоя бахшид ва созу уҳбату олати сипаҳдо-

PDF Compressor Free Version

рӣ ва лашкаркашӣ бо шиъори вазорат ва хоҷагӣ ҷамъ кард ва чунон буд, ки гуфтаанд:: изо интаҳа-л-амру ила-л-камоли, ода ила-з-заволи (15). Чун кори ӯ дар улуввии шаън ва нифози фармон ва камоли иқбол ва хусули омол ба ғоят расид, рӯй дар тароҷӯъ ниҳод ва он хилъат сабаби халъи рибқаи ҳаёти ӯ шуд. Ва сабаби ин ҳол он буд, ки Абулҳусайн Симҷӯрӣ азли хеш аз аморати Хуросон ба сиъояти ӯ нисбат мекард ва ҳамвора бо Фоиқ дар тазриб ва тақбеҳи сурати ӯ фасле мепардохт ва ба зарқ ва тамвеҳ дар ифсоди ҳоли ӯ саъй мекард, то Фоиқ ҷамъеро аз ғуломони садиде бар қасди ӯ таҳриз кард ва эшонро ба ваъдаҳои хуб мавъуд гардонид. Эшон дар он боб бо якдигар мувозаъа карданд ва фурсати ғайбати ансор ва аъвони ӯ нигоҳ доштанд, то ба вақти имкон аз кори ӯ бипардозанд. Абулҳусайни Утбӣ аз ин кор огоҳ шуд ва мусташъар гашт ва сурати ҳол ба Нӯҳ ибни Мансур иҳо кард. Ӯ ҷамъе аз хавосси хидами хеш бар ӯ гумошт, то бар сабили хифорат мулозимати ӯ менамуданд ва ӯро аз мақоиди хусум сиёнат ва ҳиросат мекарданд. То шабе аз шабҳо бар қасди сарои аморат мерафт, фавҷе аз он тоифа бар ақиби ӯ равона шуданд ва ӯро ба захмҳои паёпай ва зарбҳои бемуҳобо пахш карданд ва ҷони ӯро, ки хушошаи макрамат буд, барбод доданд ва фазоили зоти беҳамоли ӯро дар хок рехтанд. Ва ҷамоате, ки ҳорисони ӯ буданд, бигурехтанд ва ӯро бастаи бало ва хастаи ано карданд, чунонки гуфтаанд, шеър:

> **Кулиҳӣ ва ҷурриҳӣ зибоъи ва абширӣ**
> **Би лаҳми имриин лам йашҳад-ил-йавма носируҳ (16).**

Ва ӯро бар шореъ ғарқаи хун бигузоштанд ва кушта ангоштанд. Пас ӯро ба боғе нақл карданд, то бомдод бар он мӯҷиб, ки аз ҳазрат фармон расад, пеш гиранд. Саҳаргоҳ чун насими субҳ бар ӯ базид, бинолид. Боғбон чун нолаи ӯ бишунид, зуд ба даргоҳ давид ва мужда дод, ки хоҷаро рамақе боқист. Ҷамъеро фиристоданд ва ӯро дар аморӣ ба

куҳандиз бурданд ва зумрае аз атиббо бар ӯ гумоштанд, то ӯро муолаҷат кунанд. Ва, ҳайҳот, кор аз дасти табиб рафта буд, ҳам дарзамон рӯҳ таслим кард ва арсаи ҷаҳон аз ҷаҳони маонину маолӣ холӣ гузошт ва вазорат бар ӯ хатм шуд ва дигар мулки Хуросон мисли ӯ вазир надид ва дар маснади вазорат чун ӯ хоҷае нанишаст. Ва дар ҳеҷ таърих мазкур нест, ки касеро аз вузаро он маосири маъсур ва маҳомиди мазкур ва камоли сабоҳат ва самоҳат ва вуфури сиёсату сиёдат ҷамъ будааст ва Абӯҷаъфари Ҳомӣ дар марсияти ӯ мегӯяд:

**Лахфо алайка Або-л-Ҳусайни**
**Айнан раматка бикулли айни**
**Ҷарраъатани гусаса-л-ҷаво**
**Ва араййтани йавма-л-Ҳусайни (17).**

Ва баъзе аз афозил бар девори зиёратгоҳи ӯ навишта буданд:

**Марра ало қабрика ихвонуко**
**Ва куллуҳум қад ҳолаҳу шоънуко**
**Фалам йазидука ало қавлиҳим**
**Азза ало-л-алйои Фукдонуко (18).**

Ва Ҳусомуддавла Тош ва Шамсулмаолӣ Қобус ва Фахруддавла Алӣ дар Нисобур ба интизори вусули ӯ чашм ба роҳ медоштанд ва бар умеди тақвияту инҷод ва маунату имдодаш рӯзгор мегузоштанд.

Абӯнасри Утбӣ, ки соҳиби бариди Нисобур буд, ҳикоят кард, ки рӯзе Ҳусомуддавла маро бихонд ва чун ба ҳазрати ӯ расидам, умарои сегона муҷтамаъ буданд, хилват сохта раъй мезаданд ва тадбире меандешиданд, ки муовадати он ҳарб ва кифояти дафъи он хасм бар чӣ ваҷҳ пеш гиранд. Чун маро диданд, тарҳиби тамом карданд ва дар он мушоварат амин сохтанд ва дархостанд, ки ман ба тозагӣ аҳволи эшон ба хоҷа инҳо кунам, то дар муҳимми эшон

PDF Compressor Free Version


роҳи мутовилат ва мумоталат насипурад ва дар таҷҳизи асокир ва таҳсили фароғи хотири эшон мусоразат намояд. Шамсулмаолӣ аз он миён рӯй фаро ман кард ва гуфт: «Баъд он садр навис, ки «ал-ҳурубу сиҷолун» (19) кори му-ҳорабат ҳамвора миёни мулук мутафовит будааст ва бар иқбол ва идбори давлат эътимод нест, корҳо гоҳ-гоҳ дар уқдаи таъаззур фурӯ баидад ва муродҳо дар ҳиҷоби нокомӣ бимонад ва амонӣ дар пардаи ҳайбат мутаворӣ шавад, боз он уқда ба инҳилол расад ва он мурод ба ҳусул пайвандад ва он омол ба каҷоҳ макрун шавад ва марди ҳушёр ба ҷаҳду кӯшиш мадхали зафару пирӯзӣ биталабад ва ба сабру таҷаллуд ба мақсуд расад ва оҷиз миёни аҷзу зуҷрат фурӯ монад ва муроду муртод дар таҳайюр ва тараддуд зоеъ гардонад.»

....Абӯнасри Утбӣ гуфт: Аз узубати алфоз ва ҳусни сиёқати сухани ӯ бар буъди ғавру ғазорати баҳр ва азми ҳиммату раҷоҳати ақли ӯ истидлол кардам ва камоли даҳо ва закои ӯ бишинохтам. Ва бар ақаби ин ҳол хабари ин разийяти муқлиқ ва овозаи ин мусибати муҳриқ бирасид ва кори эшон дар даст шикаст ва низоми ҳолу омоли эшон фурӯ гусаст ва анвоъи ҳузну иктиоб аз лавоиҷи он мусоб бар дилҳо истило ёфт ва аз ҳазрати Бухоро Ҳусомуддавла Тошро бозхонданд, то талофии он халал ва тадоруки он ҳол бикунад. Ва ӯ аз мувофақат ва мурофақати эшон бозмонд ва рӯй ба ҳазрат ниҳод ва ҷонибро татаббӯъ кард, баъзеро ба даст овард ва мислуҳу гардонид ва баъзе дар ақтори ҷаҳон мутафарриқ шуданд. Ва вазорат бар Абулҳусайни Музнӣ такрир афтод ва нитоқи ӯ аз эътиноқи он мансаб танг омад ва ба мавоҷиби он шуғл истиқлол натавонист намуд. Ва дар асnои ин ҳол Абулҳусайни Симҷӯрӣ аз Систон бозгашта буд ва бе иҷозати ҳазрат ба Хуросон омада ва мутарассиди фитна ва ташвиш нишаста ва тамаъ баста, ки ҳодисаи Ҷурҷон ва ваҳне, ки бар лашкари Хуросон афтодааст, сабаби ривоҷи кор ва нафоқи бозори ӯ бошад.

PDF Compressor Free Version

Абулҳусайни Музнӣ ӯро бар он ҳаракат таъниф ва таъйири бисёр кард ва бар сабили насиҳату иршод фармуд, ки аз арсаи Хуросон бархезад ва ба Қӯҳистон, ки дар эътидоли тust, муқим шавад ва лашкар ба Абӯалӣ—писари хеш диҳад ва ӯро бар савби Систон гусел кунад, то муҳимми он тараф ба охир расонад ва халале, ки ба тозагӣ ҳодис шудааст, тадорук кунад. Ва Бодғис ва Ганҷрустоқ ба зиёдат дар эътимоди ӯ фузуд ва мавъуд гардонид, ки чун сидқи тоатдорӣ ва сафои ақидати ӯ дар хидматкорӣ ва суботи қадам дар маволоти давлат зоҳир шавад, анвои каромот ва мазиди иқтоот ва тақдими маҳал ва тақриби маконат ва тамҳиди асбоби ҳурмат дар борап ӯ мутазоиф гардад.

Ва чун Ҳусомуддавла Тош ба Бухоро рафт ва Абӯалӣ ибни Симҷӯр арсаи Хуросон холӣ ёфт, фурсат нигоҳ дошт ва бо Фоиқ тариқи муросалат ва мукотабат ва муволоту муохот пеш гирифт ва ӯро ба мухолафати Тош даъват кард ва бар мутобаати роъят ва ризо ба тақаддум ва заомати ӯ ва илтизоми ин анафат ва игзо бар ин ғазозат бо кибари син(н) ва қидмати ҳуқуқ бар хонадони Оли Сомон таъйир кард ва ба мувофақат ва мурофақати хеш ва иттиҳоди зотулбайн бифирефт ва ӯро дар ин даъват самҳулиҷёд ёфт ва чунон ки гуфтаанд: лақватун содафат қубайсан (20). Ва миёни эшон уҳуд ва мавосиқи муаккад рафт ва иттиҳоде содиқ зоҳир шуд. Ва Абӯалӣ уммоли Тошро, ки бар сари аъмоли Хуросон буданд, бигирифт ва ҳар якро ба мавоқифоту мусодароти сангӣ тасбиб кард ва амволи муомалот, ки дар тасарруфи эшон буд, бистад. Ва ҳарду рӯй ба Марв ниҳоданд ва ба псён муҷоҳарат карданд ва ба иртифооти Хуросон истибдод намуданд, то Тошро аз сари изтирор лозим шуд дафъи эшон кардан ва азми кифояти мазаррату маъаррати эшон аз вилояту раоёи хеш мусаммам гардониданд. Дари хазоин бигушод ва нафоизи захоир ва рағоиби амволу аслиҳа бар ҷумҳури лашкар тафриқа кард ва аз Бухоро берун омад ва ба Омулшат нузул кард. Ва миёни эшон сафирон омадашу рафтанд ва дар ислоҳи зотулбайн ва таскини ноира ва итфои ҷамароти фитна кӯ-

PDF Compressor Free Version

шиданд ва аз мафосиди мухосамат ва вахомати оқибати муъодоту муновот таҳзир карданд. Ва бад-он расониданд, ки Нисобур Тошро бошад ва Балх—Фоиқро ва Ҳирот — Абӯалиро. Ва бар ин ҷумла мусолаҳат афтод ва ҳар як ба сари вилояти хеш рафт. Ва Абӯбакри Хоразмӣ дар таҳнияти Абӯалӣ ба иёлати Ҳирот гӯяд, шеър:

Туҳанниу би-л-амири Ҳироту из қад
Ало мин ан йуҳанниза ан Ҳароҳо
Ва кайфа туҳанниу-д-дунё ҷамиъан
Биноҳиятин мин-ад-дунё иҳтавоҳо (21).

Ва Ҳисомуддавла ба Марв омад ва ба вақти наҳзат аз Бухоро Музниро аз вазорат маъзул карда буд ва ҷон ӯ ба кадхудои хеш — Абдураҳмони Порсӣ дода, чи Музниро аз батонаи Абӯалӣ ва Фоиқ донista буд ва майли ӯ ба ҷониби эшон шинохта ва мудоҳанаи ӯ дар кори эшон ва игзо бар ҳаракати исёни эшон мушоҳадат карда. Чандон ки ӯ ба Марв расид, кадхудои ӯро ҷавоб боздоданд ва вазорат ба Абдуллоҳ ибни Ғурайр (22) тафвиз карданд. Ва ӯ ба музоддат ва мухолафати Оли Утба машҳур ва мазкур буд, ва ҳамвора бар муносабат ва муқоидат ва мушоҳанат ва мубоғазати эшон исрор намудӣ. Ва чун вазорат бад-ӯ расид, Тошро аз заомати лашкар ва қиёдати ҷуюш маъзул кард ва ба тавлият ва тақрири он мансаб бар Абулҳусайни Симҷӯрӣ мисол дод. Ва чунон фаро намуд, ки ҳудуси вахну фатрат ва зубули тароватн давлат ҳама натиҷаи заъфи раъй ва суу-т-тадбири аслофи вузаро будааст ва тадоруки он халал ҷуз бад-ин тағйир ва табдил мутасаввир нест. Ва аз ҳазрати малик мисоле ба Тош фиристод ва хитобе, ки зуамои лашкар ва сипаҳдорони маликро буд, ботил гардонид ва алқоби ӯ бар он ҷумла, ки дар аҳди амир «ҳоҷибӣ» буд, эрод кард. Ва фармуд, ки аз маърази аморат иҷтиноб кунад ва аз воситаи Хуросон бархезад ва ба Нисо ва Абевард равад ва бо эътидоди хеш гирад ва бар иёлати ин ду фурза иқтисор кунад ва ба молу муомалати он ва

PDF Compressor Free Version

исми ҳиҷбат, ки қадиман ӯро будааст, қаноат намояд. Чун ин мисол ба Тош расид, донист, ки ҳосидон маҷоли тазриб ёфтаанд ва макидати хасмон ба нафоз расидааст ва хостаанд, ки асоси ваҳшате ва фотиҳаи кароҳияте бунёд ниҳанд, ки ба имтидоди айём ба нафрат анҷомад ва миёни ӯ ва валинеъмати ӯ ба қатъият расад ва мӯҷиби тафриқи зот-улбайн гардад ва савобиқи хидмат ва саволифи азиммати ӯ ботил гардад. Вуҷӯҳи лашкар ва аъёни ҳишамро бихонд ва гуфт: «Шумо одати ман дар хулуси убудийят ва сафои тавийят ва якдилӣ ва муносаҳат ва ирфони ҳаққи неъмати ин подшоҳ шинохтаед ва он, ки аз баҳри суботи давлат ва салоҳи мулки ӯ, дар муддати аморат ва заомати шумо ба шароити мусоҳабат қиём намудаам ва қазои ҳаққи ҳама ба қадри имкон карда ва мақдуру майсур дареғ надошта ва ҳиммат бар таҳсили мабоғии ҳама гумошта ва ҳамгиноиро дар канфи ишбол ва ишфоқ ба икром ва эъзоз ҷой дода. Ва дар ин ҳол, ки раъйи подшоҳ дар бораи ман мутағаййир шуд ва шуғли ман ба дигаре тафвиз фармуд, маро ҷуз имтисол ва иртисом рӯй набошад ва ҳар як аз шумо мураххас ва мухаййар аст дар боби хеш. Ҳар кадом, ки сӯҳбати мо ихтиёр мекунад, азизу мукаррам аст ва ба ҳусни раъоят ва кафолат бар қадри фусҳати вақт ва имкони ҳол махсус. Ва ҳар киро ихтиёри муфоракат аст, аз ҷониби мо монеъе ва возеъ нест». Ҷамоат дар ин ҳол муҳлате сохтанд, то бо атбои хеш машварат кунанд ва ҷавоб аз сари басират ва итқону таҳқиқ бозрасонанд. Ва дар дигар маҷлис ҳосили сухани ҳама ин буд, ки шеър:

Вақафа-л-ҳаво бӣ ҳайсу анта фалайса лӣ
Мутааххарун анҳу ва ло мутақаддаму (23).
То ман нашавам ба хок дар паетии паст,
Кӯтаҳ накунам зи домани меҳри ту даст.

Ва ҳама муттафиқулкалима шуданд, ки «моро ҷуз мусоҳабату мулозамати ту ихтиёре нест ва дар муошырату мубошырати айём ва сарду гарми рӯзгор тариқи мувофақати ту фурӯ нахоҳем гузошт...»

PDF Compressor Free Version

Ва ба иттифоқ қисса ба ҳазрат навиштанд ва аз ҳуқуқи мутааккид ва зароеъи мутамаҳҳиди Ҳусомуддавла ёд доданд ва илтимос карданд, ки низоми улфат ва иҷтимоъи калимаи эшон аз таштит ва тафриқ сиёнат фармоянд ва обрӯи эшон дар муҳомот ва муҳофазат бар васоили маръий(й) ва савобиқи марзийи ӯ нигоҳ доранд ва дар мансабу шуғли ӯ роҳи тағйиру табдил бознадиҳанд. Абдуллоҳ ибни Ғурайр ҷуз исрор бар лаҷоҷ ва истимрор бар шароса-ту мунозашат ҷавобе надод. Ва ба лашкарҳо нома фиристод ва эшонро ба тағриру тамвеҳ ва маводи зур бифирефт: Ка саробин биқиъатин йаҳсабуҳу-з-замъону моан, ҳатто изо ҷоаҳу лам йаҷидҳу шайъан (24). Ва эшон зарку дурӯғи ӯ мешинохтанд ва ба мукотаботу мухотаботи ӯ илтифот нанамуданд ва ҷидди эшон дар асабийят ва тоати Тош зиёдат шуд. Шеър:

**Тасалло би ухро ғайраҳо фа иза-л-латӣ**
**Тасалло биҳо туғрӣ би Лайло ва ло тусло (25)...**

## ЗИКРИ БОЗГАШТАНИ ФАХРУДДАВЛА АЛӢ БА ВИЛОЯТИ ХЕШ ВА МУВОФАҚАТИ Ӯ БО ҲУСОМУДДАВЛА ТОШ

Чун Ҳусомуддавла аз дари Ҷурҷон ба Бухоро рафт, Муаййидуддавла вафот ёфт ва пеш аз он муҳорабат, ки шарҳ дода омадааст, хабари вафоти Азудуддавла бад-ӯ расида буд. Ва ӯ аз хавфи шамотати аъдо ва эҳтироз аз дилшикастагии лашкар он хабар пинҳон медошт. Ва авлиёи давлати Дайлам дар ихтиёри касе аз дудмони малик, ки подшоҳиро мутарашшеҳ бошад, машварат карданд. Ихтиёр бар Фахруддавла афтод, чӣ дар Оли Бӯя ба кибари син(н) ва истикмоли олати подшоҳӣ ва истеъдоди самти сарварӣ мумтоз буд ва аз рӯи виросат ва истеҳқоқ мутааййин. Соҳиби кофи Исмоил ибни Аббод мусриъон давонид ва навиштаҳо навишт ва баъд аз таъзияти вафоти бародарон ба мулке холис ва софӣ аз шавоиби беминнати махлуқ ва му-

PDF Compressor Free Version

қосоти ҳуруб таҳният кард ва бародари ӯ— Хусрави Фирӯз ибни Рукнуддавла ба хилофат ва ниёбати ӯ номзад кард, (26) то аз хулувви мансаби мулк ва утлати сарири подшоҳӣ халале ҳадис нагардад. Ва Фахруддавла мубодарат намуд, аз Нисобур дар замоне андак ба Ҷурҷон тохт ва ҷумҳури лашкар рӯй ба истиқболи рикоби ӯ оварданд ва аз сидқи муволот ва мумолот дар рибқаи тоат ва тибоати вай мунтазам гаштанд. Ва ӯ мамлакати хеш ба ҳукми истеҳқоқу висоят ва мамолики бародарон ба ҳаққи виросат бо тасарруф гирифт: ва қазолика йуъти Аллоҳу ал-мулка ман йашоу ва йанзиъуҳу мимман йашои ва ҳува-л-фаъолу лимо йуриду. (27).

...Ва ба Ҳусомуддавла Тош расул фиристод ва нома навишт машҳун ба шукри борин таъоло бар авоиди лутф ва латоифи карам, ки айёми меҳнат ва рӯзгори шиддат ба поён расид ва корҳо бар сунан истиқомат ва вифқи исору ихтиёр мунтазам гашт ва мулки маврус аз кудурату музоҳамати аздод мустасфо шуд. Тош ҷавобе навишт ва ба ҳусули мақосид ва вусул бо мустақарри из(з) ва инқизои рӯзгори меҳнат ва иқболи айёми давлат ва зифофи арӯси мулк ва висоли маҳбуби мурод таҳният дод.

Ва дар тазоифи он мукотабат аз маҷории аҳволи хеш ва қайди ҳуссод ва эҳмоли ҳуқуқ ва исгову иҷобат, ки аз ҳазрати Бухоро ба иамоими хусуми ӯ рафта буд ва сиояти эшон ба мавқеи қабул афтода ва мансаби ӯ харҷ шуда нубазо эрод кард ва басс-уш-шакво намуд (28).

Фахруддавла ба ҷавоби он фасле мушбаъ навишт ва дар хулуси видод ва сафои муваддат ва иттиҳод ба итнобе ҳар чӣ тамомтар сухан ронд ва гуфт: «Он чи эзиди аъза ва ҷалла ба файзи лутфи хеш арзонӣ дошт аз мамолик ва ҳазоин ва дафоин ва ғайри он ҳукми мушоракат дорад ва ҳар он чӣ иқтироҳ афтод аз молу лашкар ва созу уддат дарег нест, роҳи бегонагӣ ва инқибоз масдуд бояд дошт ва бад-он чӣ сонеҳ шавад ва ҳоҷат афтад аз анвои мақдурот илтимос кардан, чи моро макориму аёдӣ ва аворифу масоӣ, ки ба вақти ҳузури мо мабзул доштааст, манеӣ(й) нест.

PDF Compressor Free Version

Ва агар ҳама умр ба шукри он ниъам ва қазои ҳаққи он карам қиём намоем ва мамлуку мавҷуди хеш дар масолеҳи он ҷониб сарф кунем, ҳанӯз хештанро қосиру муқассир шиносем». Ва Абӯсаиди Шабибиро, ки аз Ҳусомуддавла ба рисолат омада буд, ба икрому эҳтироме ҳар чӣ тамомтар гусел кард. Ва қариби ду ҳазор савор аз турку араб бар тариқи мадад бо ҳамле лоиқ дар сӯҳбати ӯ бифиристод. Ва чун ба Нисобур расиданд, Абдуллоҳ ибни Абдурраззоқ, ки аз маорифи лашкари Хуросон буд, бад-ӯ пайваст ва ҳар ду дар мувolот ва мутобаъати Тош иттифоқ карданд. Ва Тош рӯй ба ҷониби Нисобур ниҳод. Ва чун наздик расид, Абулҳусайни Симҷӯрӣ пешӣ гирифта буд ва дар шаҳр рафта ва дар ҳисор нишаста. Чун Тош бирасид, Абӯсаиди Шабибӣ ва ҷамъе, ки аз муқимони Нисобур буданд, бад-ӯ пайвастанд, ва бар ҷониби ғарбии шаҳр фуруд омаданд ва чанд рӯз чолишҳо карданд ва ҷангҳо пайвастанд. Ва бар ақиби он ду ҳазор савори дигар аз лашкари Дайлам мадад бирасид — мардони кор бо созу силоҳи тамом. Ва чун Абулҳусайн аз қудуми эшон хабар ёфт ва қуввату шавкати эшон дониста буд ва дурбату таҷрибат дар духули мазоиқ ва ифтитоҳи мағолиқ ва тадбири корҳо ва тайсири ҳисорҳо шинохта, нимшабе аз шаҳр берун омад ва дар пардаи зилом роҳи ниҳзом гирифт. Ва лашкари Тошро хабар шуд, бар ақиби эшон равона шуданд ва аз аҳмолу асқоли эшон ғаниматe вофир ҳосил карданд. Ва Тош ба шаҳр баромад ва ба ҷониби шарқӣ нузул кард...

Ва Тош аз Нисобур мукотабат ба ҳазрати Бухоро равон кард ва дар истислоҳи ҳол ва таваққӯъи мағфират ва тамҳиди маъзират ва истиқолат аз аворизи заллот ва истеътофу истеъфо аз савобиқи асарот тазарруъе ҳар чӣ тамомтар намуд ва гуфт, байт:

**Наъузу бил-лоҳ, агар худ ҷинояте дорам,**
**Тариқи афв чаро баста шуд дар ин маънӣ?!..**

Ва Абдуллоҳ ибни Ғурайр роҳи тағофул ва тасомум аз он маъозир ва эъроз аз мазмуни он тавомир пеш гирифт

PDF Compressor Free Version

ва дар тасвилу игво ва таҳризу игрои Нӯҳ ва модараш, ки кофилаи мулк буд, муболағатҳо менамуд ва тақрир мекард, ки Тош ба Дайлам илтиҷо кардааст ва ба муоризони ин давлат паноҳида ва бар қасди ин мулк дандон тез карда. Ва агар дар ин боб таҳовуне равад ва он чи сазо ва ҷазои ӯ бошад, тақдим фармуда наёяд, таъзияти ин мулк бибояд дошт ва тамаъ аз ин мамлакат бибояд бурид. То Нӯҳ ва модараш ба захорифи тамвеҳу талбис ва зӯру ғурури ӯ фирефта шуданд ва зимоми он кор ба дасти тасаррӯфи ӯ доданд ва салоҳу фасоди он ҳодиса бад-ӯ бозбастанд...

Ва Тош кори Абулҳусайни Симҷӯрӣ фурӯ гузошт ва дар ҳасми моддаи фитнаи ӯ саъе зиёдат накард муроқабати ҳазрати Бухороро, то магар ба рифқу модоро он оташ фурӯ нишонад ва он ҷониб ба даст орад ва ислоҳи зотулбайн ва изолати ваҳшате, ки ҳодис гаштааст ва ризои Нӯҳ ибни Мансур ба ваҷҳе аз вуҷӯҳ ҳосил кунад ва ҷароҳате, ки ба дилҳо расидааст, никоят напазирад ва ғуборе, ки бар ҳавошии хотирҳост, аз издиёд масун ва маҳрус монад. Ва эшон фурсати таҳовун ва тавонии ӯ нигоҳ медоштанд ва ба истеъдоди кор ва истиҷмои ахшади лашкар машғул буданд. Ва Абулҳусайни Симҷӯр ба Кирмон фиристод ва аз амир Абулфаворис ибни Азудуддавла лашкар хост ва ӯ ду ҳазор савори гузида аз анҷоди араб мадад фиристод. Ва Фоиқ бо ҷамъе анбӯҳ бад-ӯ пайваст ва чандон лашкар ҷамъ шуд, ки кӯҳу ҳомун барнатофт. Шеър:

**Ал-ҷавву азйақу мо лоқоҳу сотиъуҳо**
**Ва муқлат-уш-шамси фиҳи аҳйар-ул-муқали (29).**

Ва ба иттифоқ рӯй ба Нисобур оварданд, то бо тасарруф гиранд. Тош бо лашкари хеш пеши эшон бозрафтанд ва даст ба тег оварданд ва масомеъи ҳаво аз истикоки муқорааъот пурмашғала гардониданд ва бисоте муламмаъ аз хуни далерон бар дебочаи замин кашиданд. Байт:

PDF Compressor Free Version

**Ҷаҳон ба ҳила дам андар кашида чун нукта,**
**Аҷал ба кина даҳон боз карда чун паргор.**
**Шуда зи хуни ялон ҳамчу пои кабки дарӣ,**
**Миёни маъракa симурғи маргро минқор.**

Ва лашкари Тош дар муддати муқоми Нисобур аз тангии улуфа ва нойёфти қуту таазզури асбоби маишат ба тоқат расида буданд ва ба сутуҳ омада ва ба самти аҷзу ҳазимат розӣ шуда, чандон ки худро аз он ғарқоби меҳнат бар соҳили наҷот андозанд ва аз тангнои он ваҳшат ба фусҳати халос расанд. Ва Тош ҷозим шуд, ки як ҳамлаи дигар барад, ки хотиман кор бошад ва ба хайбат ё наҷоҳи охири он муновашот бикунад.

Абулҳусайни ибни Симҷӯр ва писараш Абӯалӣ пой бифишурданд ва ба қадаме росих ва азме собит дар радди он ҳамла бикӯшиданд ва Тош рӯй ба муҳаййамаи хеш овард, бештари ҳишами ӯ мутафарриқ шуданд ва тунук ва заиф бимонданд. Лашкари хасм аз паи ӯ даромаданд ва ҳамла карданд ва ӯ аз сари изтирор рехта ва мунҳазим бирафт. Ва лашкари Дайлам аз мусоҳабати ӯ бозмонданд ва хуросониён пиромуни эшон фурӯ гирифтанд ва халқе бисёр ба қатл оварданд ва дигаронро дар силсилаи исор кашиданд ва ба Бухоро фиристоданд. Ва чун ба ҳазрат расиданд, эшонро ба расвоии тамом ва мазаллате азим ба миёни Бухоро бароварданд ва маҳониси (30) шаҳр бо маъозифу малоҳӣ пеши эшон бозомаданд ва дукҳои занон дар дасти эшон ниҳоданд ва ба истеҳзо ва сухрийят агонӣ ва аҳоҷӣ мегуфтанд. Пас ҳамгиноро дар қалъаи Куҳандиз маҳбус карданд, то бархе ба асвaи ҳол ба фано расиданд ва баъзе мутлақу озод гаштанд.

PDF Compressor Free Version

# ЗИКРИ РАСИДАНИ ҲУСОМУДДАВЛА АБУЛАББОСИ ТОШ БА ҶУРҶОН ВА МУҚОМИ БУЛҲУСАЙНИ СИМҶУР БА НИСОБУР БАР ҚИЁДАТИ ЛАШКАР

Тош ба Ҷурҷон омад ва Фахруддавла сарои аморат ҳамчунон ороста ба фаршҳои фохир ва созу олати вофир ва таҷаммули подшоҳона ва хазонини маъмур ва авонии зару сим ва олати матбаху шаробхона ва дигар асбоб бад-ӯ бозгузошт. Ва ба Рай рафт ва панҷоҳ ҳазор динор ва ду ҳазор бор ҳазор дирам ва понсад тахт ҷомаи мулавван бо чанд сар асбони тозӣ ва устурони зайнӣ бо сарафсору зини зар ва музофоти он аз созу салеҳ ва зиреҳу ҷавшан ва хӯду баргустувон ва сипарҳои зару шамшерҳои ҳиндӣ ва анвоъу аҷноси аслиҳа бо ҳулиййи зару сим ва амсоли он бад-ӯ тӯҳфа кард ва хироҷу муомалоти Гургону Деҳистону Обаскуну Астаробод — ба ҷумлагӣ бо вай гузошт, магар андаке, ки дар ваҷҳи имorати қилоъ ва арзоқи кӯтволон ва мустаҳфазони он масруф шавад. Ва Тош он силоту мубаррот бар табақоти лашкари хеш ҳазина кард ва ҳар якро аз он вилоят иқтоъе ва нонпорае муайян фармуд, то ҳоли эшон ба вуфури таҷаммул ва хисби риҳол ва захоири амвол беҳтар аз он шуд, ки ба Хуросон буд. Ва Фахруддавла аз Табаристон бар таватур андоди ҳамул ва анвоъи кароомот тоза медошт ва аз рағбате содиқ ҳар лаҳза ба тӯҳфае нав дилнамудагӣ менамуд ва ба ҳеҷ чиз аз мақдуру майсур мунофасат намекард. Ва Соҳиби Кофӣ бо азми ҳиммат ва камоли таҳарруки ӯ дар базлу инфоқ ва таштити захоири аълоқи он муболағати Фахруддавла исроф мешинохт ва ӯро ба иқтисод ва муҷонабати ҷониби газоф насиҳат мекард..

Фахруддавла рӯзе дар ҷавоби ӯ гуфт, ки «ҳуқуқи неъмату савобиқи миннати Тош бар ман чандон аст, ки агар ман маврусу муктасаби хеш ба ҷумлагӣ дар як маслаҳат аз масолеҳи ӯ сарф кунам ва то ин пираҳан, ки пӯшидаам, аз ислоҳи ҳол ва фароғи боли ӯ дареғ надорам ба казои як макрамат аз макорими ӯ вафо наламуда бошам ва аз

PDF Compressor Free Version


ӯҳдаи як орифа аз аворифи ӯ тафассӣ накарда». Ва як ҳасана аз ҳасаноти ӯ ҳикоят кард ва гуфт: «Бародаронам навиштаҳо ба Хуросон навиштанд ва илтимос карданд, ки маро бо эшон фиристад ва молҳои бисёр мултазам шуданд, ки ҳар сол бар тариқи ҳамл ба султон фиристанд ва аз баҳри хоссӣ ӯ мисли он базл кунанд макрун ба рағоиби Ироқ аз ҷомаҳои фохир аз асбоби номдор ва дигар маҳмулоту маҷлуботи он диёр ва амсор. Ва дар тақаббули хадамот ва таҳаммули ришвот ба ҷое расониданд, ки манфази узре ва маҷоли радде намонд ва тибоъ аз он атмоъ рухсати инхидоъ наёфт. Ва чун хабари ин рисолат ва ҳақиқати ин мақолат ба ман расид, рӯзи равшан бар чашми ман торӣ шуд ва хобу қарор аз ман бирафт ва умеди ҳаёт мунқатеъ гашт. На тариқи парҳез муяссар буд ва не роҳи гурез мумкин. Ва ҳама шаб дар ҳавоҷиси он меҳнат ва васвиси он ваҳшат мусомири нуҷум ва мусовири вуҷум будам. Диле ғамнок ва чашме намнок ва ҷоне бар шуруфи ҳалок — мутарассиди он, ки ба вақти субҳ маҳшуруфи ... зур вокеъ шавад ва ҳодиса нозил гардад. Вақти исфор ҳоҷиби Тош бирасид ва дастурӣ хост ва дар пеши ман омад ва ба адаб биншаст ва маро ба меҳмонӣ даъват кард. Ва ман мутараддид, ки зиёфате аст ё офатеву махофате ва қурбате аст ё муҷиби нудбае ва курбате аст ё фотиҳаи курбате? Ва шубҳате накардам, ки тири ҳадиъати бародаронам ба ҳадафи мурод расидааст ва дар замини изҳори ман макидате азим ва маҳзуре ҷасим мударриҷ аст. Фармудам, то маркабе оварданд ва бо қалақе тамом ва рамақе беором барнишастам, на баноиро тамолуки имон мумкин ва на дастро қуввати тамосуки тозиёна боқӣ. Ва чун ба маҷлиси ӯ расидам, таваффуре номаҳдуд ва тавқиру эҳтироме беш аз маъҳуд фармуд ва ба лутфи муҷоласату фарти муонасати ӯ андаке истинос ёфтам ва лавоъиҷи хавфу инзиъоҷ ба инхитот расид ва он сунзан (и) ба завол пайваст! Пас навиштаҳои бародарон бихост ва ба ман дод — машҳун ба кайди ҳуссоду қасди аздод ва лабиби ақорибу таъриби ақо-раб (31). Ва гуфт: «Мехостам, ки ин мактубот ниҳон кураб

PDF Compressor Free Version

нам ва хотири ашраф аз мудорасати ин фазоеҳ ва мумо- расати ин қабоеҳ муъоф дорам. Аммо ростӣ дар миён ин ҳодан ва ҳақиқати ҳол эълом додан ва ғаври ҷароҳат ошкоро кардан ва парда аз рӯи кор бараидохтан аз тӯҳмату райбат дуртар дидам ва ба сукуни дил ва фароғи хотири ту наздиктар шинохтам». Ва ба имони муғаллаз савганд ёд кард, ки «торе мӯи ту, балки торе аз ҷомаи ту ба ҳамаи хироҷи Ироқ бинафрӯшам. Ва агар ҳар он чи дар тахти тасаррӯфи ман аст аз нотиқу сомит ва нақиру қатмир дар фароғи камина касе аз мамолики ту барбод диҳам, ҳанӯз дар икроми мақдам ва эъзози мавриди ту ба ушри он чи дар фароғи замир аст, аз сидқи мавадат ва сафои муҳаббат нарасида бошам ва агар мамлуки хеш то ғояти ин ангуштарӣ, ки дар даст дорам ва ин пироҳан, ки пӯшидаам, дар ҳифзи маслаҳат ва дафъи ҳаводис аз соҳати маҷди ту ва интиқом аз мунозиъони мулки мавруси ту харҷ кунам, ҳаққи вифодати ту нагузорида бошам ва ҳаргиз нёри ин хидмат ва шиони ин ҳиммат бинагардонам, то Ҳақ таъоло туро дар замони иқбол ва канафи саодат бо мустақарри иззи хеш расонад ва тавфиқи нусрату пирӯзӣ арзонӣ дорад». Касе, ки дар муруввват ин ҳиммат дорад ва дар футувват бад-ин мартабат бошад, ки бесобиқаи хидмате ва воситаи тамаъе ва рағбате дар рағбае дар бораи ман ин макрамат намуда бошад, чӣ гуна раво дорам, ки дар муқобалаи саноеъ ва аворифи ӯ тақоъуд намоям ва таҳовун ҷоиз шумарам ва роҳи эҳмолу иғфол пеш гирам! Ло валлоҳ ва ба ҳаққи Каъба ва равони Рукнуддавла, ки ба нисёни он масоъӣ ва куфрони он аёдӣ ҳамдостон набошам ва худро ба самти қусуру тақсир мансубу мавсум нагардонам, алалхусус, ки қудрати мукофот ва мукнати муҷозот ёфтаам...

Бо он ки агарчи ба ғояти ҷид(д) ва ниҳояти ҷаҳд бирасам, ҳанӯз фазилати сабқу тақаддум дар тақдими карам ӯрост ва ӯ дар мартабаи инъом аст ва ман дар мақоми шукр Ва пӯшида нест, ки рутбати муфотаҳат пеш аз мақоми муҷозот аст...

PDF Compressor Free Version 

Ҷамоате, ки муҷтамеъи он мақом будаанду мустамеъи он калом, аз фасоҳати он сиёқат ва малоҳати он залоқат таъаҷҷубҳо намуданд ва бар раҷоҳати ақл ва саҷоҳати хулқ ва сидқи вафо ва иттисоъи арсаи карам ва иртифоъи зирваи ҳимам ва маҳосини шиями ӯ офаринҳо карданд. Ва Соҳиби Кофӣ баъд аз он муфовазот бар муроъоти Тош ва ҳифзи масолеҳ ва маноҷеҳи ӯ иқбол кард ва дар таҳсили марозии ӯ (32) саъйҳои балиғ намуд.

Ва Тош муддати се сол ба Ҷурҷон бимонд ва ҳамагӣ хотири ӯ ба хидмати Нӯҳ ибни Мансур мултафит буд ва бар муфорақати ҳазрати ӯ муталаҳҳиф ва мутаассиф ва аз самти уқуқ ва эҳмоли ҳуқуқ мустаъфӣ ва мутафодӣ. Ва ҷумлагӣ ҳиммат бар он гумошта, ки магар он ваҳшат зоил кунад ва аз маъразн он тӯҳмату мазаммат бархезад, ки ба халъи рибқаи тоат ва муҷонабати ҷониби вафо мансуб гардад. Ва Абӯсаъиди Шабибиро ба Фахруддавла фиристод ва бар муъовадати ҳазрати Бухоро муъованат хост. Ва ӯ Асфор ибни Кардуяро номзад кард ва ду ҳазор савор аз анҷоди Дайлам дар сӯҳбати ӯ равона кард. Ва ба Наср ибни Ҳасани Фурӯзон навишт, то дар ҷумлаи он хиштам мунтазам шавад ва ба аморату заъомати эшон қиём намояд ва ба иттифоқ рӯй ба ҳазрати Тош ниҳанд ва ҳукми ӯро мутеъ ва мунқод бошанд ва дар кулли аҳвол мутобаъати раъйу рояти ӯ воҷиб шиносанд. Ва моле бисёр аз баҳри иқомати лашкар равон кард ва изъофи он ҷӣ ба Гургон мабзул дошта буд аз ҳазонику мавошӣ ва созу ухбат — дар ҷумлаи он маҳмулот бифиристод. Ва чун Абӯсаъиди Шабибӣ ба Қумис расид, ки муқомгоҳи Наср буд, бо ӯ ҳамон рафт, ки бо Ибн ал-Ҳазрамӣ дар зиёфати Банӣ Тамим (33). Наср бифармуд, то чапу рости ӯ ба шамшер фаро гирифтанд ва аҷзову аъзои ӯ аз ҳам ҷудо карданд ва лашкари ӯро дар матмураҳо боздошт ва мафотиҳи анфос баргирифт ва оташ дарзад, то ҳамгинон дар мазиқи он тахниқ халок шуданд ва маҳмулоте, ки бо эшон буд, ба куллӣ баргирифт ва боқии луқототи қавм ва бақоёи сайф бигурехтанд ва бо Рай омаданд.

PDF Compressor Free Version

Ва Фахруддавла аз вусули ин хабар ва вуқӯи ин ҳодиса сахт музтариб ва музъиҷ шуд ва бар азми интисор ва талаби сор бар ҷониби Қумис реҳлат кард ва Тошро аз Ҷурҷон бихонд, то ба муъованати якдигар ҷазои аъмол ва сазои афъоли Наср бидиҳанд. Чун ба Қумис расиданд, Наср наҳанги марг дид даҳон боз карда ва уқоби аҷал пару бол гушодаву чангол тез карда, ҷуз зинҳору эътизор ва истиғфор раво надид. Тошро шафеъ сохт ва Фахруддавла чун он пӯзишу тазаррӯъ дид, бар шайхухати ӯ раҳмат кард ва шавофеъи қаробат дар ҳаққи ӯ ба эҷоб расонид ва аз сари интиқом бархост. Ва аз он ҷойгоҳ оҳанги муҳорабати бародарзодаи хеш — Баҳоуддавла ибни Азудуддавла кард, ба сабаби ваҳшате, ки миёни эшон ҳодис шуда буд. Ва бо лашкаре ҷаррор рӯй ба Хузистон ниҳод ва Бадр ибни Ҳасnуя бо ҷумҳуре ом(м) аз ҳашами курд дар хидмати ливо ва рояти ӯ муҷтамаъ буд ва аъмоли Хузистон бо тасарруф гирифт ва Фирӯзон ибни Ҳасанро (34) ба Басра фиристод, то онро низ мустахлас кунад ва дар идоди эътидоди ӯ оварад. Чун Фирӯзон аз наҳри Мӯсо бигзашт, оммаи аҳли Басра ба музоҳарати лашкари Баҳоуддавла, ки дар шаҳр муқим буданд, бархостанд ва бандҳои Аҳвоз бигушуданд, то ҷумлаи саҳро об бигрифт ва роҳҳо матмус шуд ва дар он вухул гирифтор шуданд ва махраҷе наёфтанд. Ва лашкаре бисёр аз Мавсил ба наҷдаи аҳли Басра омада буданд. Ва чун лашкари Фирӯзон касрату шавкати эшон диданд, худро ба ҳиял аз он махозот берун андохтанд ва шикаставу мунҳазим бо пеши Фахруддавла омаданд ва аз шиддати он ҳол ва меҳнати он авҳол ҳикояти шикоят пеш гирифтанд ва бар ақиби он мутолаботи ба арзоқу итлоқот ва вуҷӯҳи атмоъ оғоз ниҳоданд. Фахруддавла аз он бисоти доллат ва басти мақолат мутабаррим шуд ва бо заъфу аҷз ва фатрати эшон ва ори ҳазимат ва хавори табиат таҳаккум намуданд ва кор нокарда муод хостан мустақбаҳ ва мустаҳҷан ёфт ва атрофи он муҳим бар зоҳири худна фароҳам гирифт ва бо Ҳамадон омад ва аз он ҷо рӯй ба Рай ниҳод. Ва ин ҳол дар шуҳури санаи тисъа

PDF Compressor Free Version

ва сабъина ва салосумиа (379/989—990) буд. Дар ин сол дар Ҷурҷон вабои шанеъ зоҳир шуд ва муаззами сипоҳи Тош ва вуҷӯҳи лашкару маорифи хуҷҷобу куттоби ӯ дар он вабо фурӯ шуданд. Ва бар ақиби он Тош ба иллате саъб мубтало гашт ва умри ӯ дар он ғурбат ба охир расид ва дар ҳасрати шабоб ва ғуссаи иғтироб ва муфорақати атроб фурӯ шуд.

Ва дар муддати муқоми ӯ ба Ҷурҷон аз аҳзобу асҳоби ӯ зулми бисёр рафта буд ва аҳли он буқъаро ба мусодароту мутолаботи аниф ранҷонида ва русуми ҷавру иҷҳоф ибдоъ ва ихтироъ карда. Ва чун хабари вафоти ӯ мунташир шуд, авоми шаҳр даст баровардананд ва ҳашами ӯро — вазиъу шариф, хурду бузург — поймоли қатлу накол гардониданд ва вуҷӯҳи умарову лашкари ӯ аз иқомати расми таъзият ва қиём ба муҳимми таҷҳизи ӯ ба мудофаъати эшон напардохтанд ва барфавр худро аз тангнои шаҳр ба фазои саҳро андохтанд. Ва дар ихтиёри касе, ки қоиммақоми ӯ бошад ва истеъдоди аморат дорад, машварат карданд. Иттифоқи калимаи ҳама бар хоҳарзодаи Тош афтод. Ӯро дар мансаби аморат биншониданд ва ӯ хизонаи Тош ва асбоби ӯ бар эшон тафриқа кард ва аз зотулядди хеш бад-он чи мукнат дошт, ҳар якро муроъот намуд, то ҳамгинон розӣ шуданд ва бар мутобаъати ӯ қарор гирифтанд. Ва аз шаҳр нафир бархост ва мустағос ба осмон расид, ки авбоши шаҳр ба авроти хуросониён дасти татовул кашиданд ва дар қатли аҳрор ва ҳатки астор аз ҳадди шаръ таҷовуз намуда аз сари ҳамийят барнишастанд. Ва аз роҳи Бакробод рӯй ба мудофаъати эшон ниҳоданд. Ва арозилу авбоши Гургон ба муҳорабати эшон аз шаҳр берун омаданд ва чун парвона худро дар оташи дамор андохтанд ва он лашкарҳо аз макман берун тохтанд ва коффаи он ҷумҳурро дар садамаи марокиб ва заҳмати мавокиб паст карданд. Ва дар шаҳр афтоданд ва халқе бисёр аз азнобу авбош ба фано овардананд ва шиками гургон аз ҷайфаи куштагон мумталӣ шуд ва бар аҳли он хитта баъд аз воқиаи Язид ибни Муҳаллаб (35) чунон ҳодиса наяфтода буд. Ва чун кор аз

PDF Compressor Free Version

ҳад бигзашт, аиммаву уламо ва зуҳҳоду сулаҳои шаҳр амон хостанд ва Қуръони маҷидро шафеъ сохтанд, то ноираи он фитна фурӯ нишаст ва сипоҳ даст аз қатл бидоштанд. Ва бо мазорибу манозили хеш рафтанд ва дар тадбири аҳволу ҳат(т) ва тарҳоли хеш тадаббур ва андеша карданд. Раъйҳои эшон дар он қазийят мухталиф шуд. Хавоссу хидматкорони қадим майли Хуросон карданд ва лашкари сарою ҳишами вилоятӣ хидмати Фахрудавларо ихтиёр карданд. Ва Соҳиби Кофӣ навишта фиристод ва ҳамгиноиро истимолат кард ва ваъдаҳои хуб дод ба мазиди иқтоъот. Ва иқомот мутақаббал шуд. Ва илтимос кард, ки чандон таваққуф кунанд, ки Абӯалии ориз бад-эшон расад ва асомии эшон дар ҷаридаи ҳишам сабт кунад ва вуҷӯҳи равотиб ва мавоҷиби эшон мутлақ гардонад. Мақбул надоштанд ва ҳубби автон ва иштиёқ бо масокини Хуросон зимоми ихтиёри эшон бистад. Ва ба Нисобур рафтанд ва дар зумраи ҳишами Абӯалӣ ибни Симҷӯр мунтазам шуданд. Ва ӯ дар он вақт амири Хуросон буд — қоиммақоми падар. Ва лашкари вилоятӣ таваққуф карданд, то ориз биёмад ва номи эшон дар дафтари девони арз сабт кард ва вуҷӯҳи мавоҷиби эшон бидод ва эшонро ба эъзозе тамом ба Рай бурд. Ва чун ба хидмати Фахрудавла расиданд, эшонро навохте тамом кард. Ва ду тараф дар икроми эшон муроқабат намуд: яке риояти ҳуқуқи Тош ва дигар истизҳор ба истихдом ва истиксор ба саводи эшон. Ва чун устод Абӯалии ориз ба Ҷурҷон расид ва истилои авбош ва истеълои арозил дид, аз бақоёи қавме, ки бар хуросониён дастдарозӣ карда буданд ва масти ғурур гашта ва сар ба батолату басолат бароварда, ба талофии он машғул шуд. Ва ҳамгиноиро ба даст овард ва қурби се ҳазор мард аз саъолику муфсидони он тоифа ва касе, ки дар ҳама умр оҳане баргирифта буд, то ба муҷаллиҳону мутасаллиҳон ташаббӯҳе карда, ба қатл овард. Баъзеро бар дарахт кашид ва баъзеро нишонаи тир кард ва қавмеро бар тег бигзаронид. Ва ба ҳайбату сиёсати ӯ он кор салоҳ ёфт ва фитнаи азноб ва арбоби айсу фасод ба охир расид.

PDF Compressor Free Version

## ЗИКРИ АБУЛҲУСАЙН ИБНИ СИМҶУР ВА АМОРАТИ Ӯ ДАР ХУРОСОН ТО ВАҚТИ ВАФОТ ВА РАСИДАНИ МАНСАБИ Ӯ БА ПИСАРИ ВАЙ — АБӮАЛӢ ИБНИ АБУЛҲУСАЙН МУҲАММАД ИБНИ ИБРОҲИМ ИБНИ СИМҶУР

Чун Тош аз ҳазимати Абӯалӣ ва Фоиқ ба Ҷурҷон расид, ҳар вақт вазир Абдуллоҳ ибни Ғурайр Булҳусайни Симҷӯрро бар қасди ӯ таҳриз мекард ва ба сабаби тақоъуди ӯ аз хутбати вилояти Гургон ва тағофул аз кори Тош ва иқтисор бар ҳавзаи мамлакати хеш маломат менамуд ва ӯ дар он боб, чунон ки лоиқи шайхухат ва одати ҳилму виқори ӯ буд, сукунро кор мебаст ва ба таъаллул тамассук месохт ва мудофаъат медод ва меандешид, ки агар бунёде ниҳад ва бо лашкари Дайлам хусумате кунад, ба итмом нарасад ва мақсуде ҳосил нашавад ва тавонад бувад, ки чашми захме расад ва ҳодисае афтад, чунонки Тошро ба Гургон афтод, ки васмати он ор ва халали он кор солҳо боқӣ хоҳад буд ва давлате қадим ва мулке мустақим бад-он сабаб ошуфта шуд ва қавоиди он мутадоӣ гашт. Ва дар санаи сабъа ва сабъина ва салосумиа (377/987—988) Абдуллоҳ ибни Ғурайрро аз вазорат маъзул карданд ва ба Хоразм афтод. Ва мансаби ӯ ба Абӯалии Домғонӣ доданд ва ӯ ҷаҳди бисёр кард, то таммияти он шуғл бикунад ва халалҳое, ки ба ҳавошии он мулк роҳ ёфта буд, зоил кунад. Қудрат ва қуввати ӯ аз он мурод қосир шуд, чи бештари вилоёт дар ташаббути мутағаллибон монда буд ва иртифоот қосир гашта ва лашкар бар таҳаккумоти фосид мутаъаввид шуда ва туркон истило ёфта ва нафози ҳукми вузаро нуқсон пазируфта ва вақъ бархоста. Ӯро низ маъзул карданд ва вазорат ба Абӯнаср ибни Зайд доданд ва ӯ марде кофӣ ва коргузор буд ва соҳиби раъй ва ба камоли кифоят мавсум ва ба фаслулхитоб ва тадбири муаззамоти умур мазкур ва машҳур ва бар ақрони рӯзгор ва куффоти аср мубарриз. Ва ба муддате наздик ба азли ӯ мисол доданд ва Абӯалии Домғониро ба сари кор оварданд.

PDF Compressor Free Version

Ва дар ин айём Булҳусайн ибни Симҷӯр аз Нисобур бар сабили тафарруҷ берун шуда буд ва ба баъзе мутаназзаҳоти хеш рафта ва канизаке, ки аз ҷумлаи сарории вай буд, бо хештан бурда ва дар ҳоли мубошарат ӯ ба муфоҷот фурӯ шуд. Ва хабари вафоти ӯ пинҳон медоштанд, то ӯро ба сарой оварданд ва ба шароити азо қиём намуданд. Ва писари ӯ — Абӯалӣ ҷои ӯ бигирифт ва раёсати Оли Симҷӯр ва заъомату амората Хуросон ҳам бар сабили ирс ва ҳам аз тариқи истеҳқоқ ӯро мусаллам гашт ва ҳамгинон тақаддуми ӯро гардан ниҳоданд ва ҳамдостон шуданд ва камари хидмат ва мутоваъат дарбастанд. Ва аз ҳазрати Бухоро вилояти Ҳирот номзади Фоиқ карданд. Чун ин хабар ба Абӯалӣ расид, ба Ҳирот рафт ва ба Фоиқ нома фиристод ва ӯро ба эҳмоли савобиқи ҳуқуқи мусоҳабат ва саволифи маваддат ва мумолаҳат ба абвоби муъотабат дар он мукотабат муохазат кард...

...Ва баъд аз муқовалоти бисёр иттифоқ бар он афтод, ки Ҳирот Фоиқро бошад ва Нисобуру қиёдати ҷуюш — Абӯалиро. Ва ҳар як рӯй ба вилояти хеш ниҳод.

Ва аз ҳазрати Бухоро ташрифе ва хилъате, чунон ки ба расми асҳоби ҷуюш мӯътод буд, равона карданд. Абӯалӣ гумон бурд, ки барои ӯ фиристоданд. Чун чанд марҳала биёварданд ва ба сари дуроҳ расиданд, ба ҷониби Ҳирот бурданд — ба мустақарри Фоиқ. Абӯалиро маълум шуд, ки собиқаи мувототӣ рафтааст ва тахсиси Фоиқ бад-он каромот мутазаммини қасду ҳасди ӯст. Ва мутаяққан шуд, ки агар ин макидат ба нафоз расад ва ин андеша ба итмом пайванд ва аз ӯ дар дифоъ ва имтиноъ ва муҳофизат бар ҷоҳу хонаи хеш фатрате бинанд, рояти ӯ якборагӣ нагусор шавад ва дар истисол ва ихлоли ҳол ва итфои ҷамараи ӯ ва аҳли байти ӯ ба ҳеҷ ваҷҳ муҳобо наравад. Ҷидди балег ба кор овард ва аз авоқибу хавотими кор эҳтироз накард. Шеър:

**Изо ҳамма алқо байна айнайҳи азмаҳу**
**Ва наккаба ан зикри-л-авоқиби ҷонибо (36).**

Ва чун хабар ёфт, ки Фоиқ аз Ҳирот мунфасил шуд,

PDF Compressor Free Version

тохтанӣ кард ва миёни Ҳироту Пушанҷ дар ӯ расид ва дар қатлу танкил никояте азим намуд. Ва Фоиқ ба ҳазимат ба Марврӯд афтод ва тоифае аз лашкари Абӯалӣ бар ақиби ӯ то пули Марврӯд бирафтанд. Ва ӯ мустаъидди кор буд ва ба муқовамати эшон бозистод. Ва баъзеро аз он ҷамъ асир кард ва ба Бухоро бурд. Ва Абӯалӣ ба Марв рафт ва ба ҳазрати Бухоро кас фиристод ва ба ҳуқуқи аслоф ва таваффур ба шароити убудийят ва ташаммур барои лавозими хидмат ва такосур ба ақориб ва маволии хеш тавассул сохт. Ва илтимос кард, ки мансаби падар бар ӯ муқаррар доранд ва шавофеъи қадим ва зароеъи акид, ки Симҷӯриёнро бар давлати Оли Сомон собит аст, мӯҳмал нагузоранд ва ӯро аз ҷумлаи ҳишам ва зумраи хидам берун наяндозанд ва тазриби асҳоби ағроз дар ҳаққи ӯ масмӯъ ва мақбул надоранд ва чизе, ки мӯҷиби нафрат ва ноумедии ӯ бошад, ҷоиз нашуморанд. Нӯҳ ибни Мансур калимаи ӯ ба самъи ризо исғо фармуд ва мултамаси ӯ ба эҷоб мақрун дошт ва аморату қиёдати ҷуюш бар қоидаи аслоф бар вай тақрир кард. Ва ӯро «Имодуддавла» лақаб дод ва ӯ бо ҳусули мурод бо Нисобур омад ва таҳзибу тартиби он аъмол ва тадбиру тақдири он ашғол бар ваҷҳе хуб ва нияте маҳбуб қиём намуд...

...Ва чун кори ӯ дар истеъло ва истило ба ғоят расид, ҷумлагӣ билоди Хуросон бо тасарруф гирифт ва моли муомилот бар атбои хеш муваззаъ гардонид. Ва Нӯҳ ибни Мансур аз ӯ истидъо кард, то баъзе вилоёт бо тадбири девони хос(с) гузорад. Илтифот нанамуд ва ҷавоб дод, ки «ин ҷойгоҳ ҳишаме беандоза муҷтамаъ аст ва вуҷӯҳи девонӣ мустағрақи иқомот ва атмоъ ва бад-эшон фаро намерасад ва арсаи вилоят ба маводҷиби эшон вафо намекунад ва ҳоҷат аст, ки аз ҳазрат ба мазиди ноҳияе инъом фармоянд ва тарафе дигар аз навоҳии мамолик бо эътилоди мо изофат кунанд». Ва дар асное ин ҳол миёни исёну тоат мумозақате мекард ва мухосамате дар пардаи мусодақат менамуд. Ва Абӯалӣ Насафиро ба истихроҷи вуҷӯҳ ва истиҳсоси амвол фаро дошт, то дасти зулму мусодора дароз

PDF Compressor Free Version

кард ва хиттаи Хуросон биасриҳо бигоратид ва раиятро ба мумкин ва номумкин мутолабат кард, то хун дар раги вазеъу шариф бинагзошт. Пас тазкирае ба таъарруфи ӯ ба девон арз карданд ва ӯро бигирифт ба дасти мусаббибони ҷофӣ боздод, то он чӣ дошт,бистаданд ва ӯро дар зери шиканҷа ва захми чӯб ба ирҳоқе ҳар чӣ тавонтар ҳалок карданд. Ва ба Ҳорун ибни Эликхон — малики турк расул фиристод ва бо ӯ асбоби мубосатат мустаҳкам гардонид ва уқуди мувolот ва масофот муаккад кард ва дар сир(р) бо ӯ мувозаъае мениҳод, ки мулки Оли Сомон бар худ қисмат кунанд — Бухоро ва Самарқанд ва ҳар он чӣ варои Ҷайҳун ӯро бошад ва он чӣ дуни Ҷайҳун аст, Абӯалиро муқаррар доранд ва ҳар ду ба муъозадат ва муъосадати якдигар қиём намоянд. Ва ӯ бад-ин даъват мағрур шуд ва тамаъ дар мулк мустаҳкам кард ва бо анбӯҳе бисёр азми Бухоро мусаммам кард ва ҳамчунон буд, ки гуфтаанд. Шеър:

**Саллу суюфа Муҳаммадин би Муҳаммадин,**
**Разаху биҳо ҳомоти Оли Муҳаммадин (37).**

Ва Абӯалӣ ба шиори даъвати Нӯҳ ҳамчунон тазоҳур менамуд ва дар вилоят хутба ва сикка ба номи ӯ мекард ва аз самти ғадру куфрони неъмат таҷофӣ меҷуст ва аз маърази малолат ва мазаммат бармехост. Ва чун фотиҳаи он меҳнат пайдо шуд, ҷамъе аз маъорифи Мовароуннаҳр ба лаззати иститроф ва истиҷдод моил шуданд ва аз татовул ва тамодии давлати Оли Сомон малолат намуданд. Ва ба таъассуб ва ҳавохоҳии Бағрохон бархостанд ва дар тасвиби раъй ва ташҳизи азми ӯ саъй мекарданд, то ӯ ба тадриҷ ҳавошии он мамлакат бозмебурид ва дар тайсири мурод ва таҳсили мақсуд чашм боз мекард ва бар асрори кор вуқуф меёфт, то ба Испиҷоб расид. Ва Нӯҳ ибни Мансур Инонҷ ҳоҷибро бо вуҷӯҳи куввод ва уюни ниҷод ба муқобалаи ӯ фиристод. Ва миёни эшон кушише сахт рафт, чунонки рӯзи равшан аз тарокуми қатом ва талозуми залом (38) торӣ

PDF Compressor Free Version

шуду ситора дар зулмати он рӯз аз киллаи хафо берун омад ва саҳрои маъракаи вуҳушу туюрро — бисоте пурфоида ва симоте пурмоида. Ва Инонҷ ҳоҷиб, ки имоди мулк ва умдаи давлат буд, бо ҷамъе аз акобир ва рууси асокир гирифтор шуд ва тамаъи хон дар мулки Хуросон ва сарири Оли Сомон ба истеҳком пайваст ва ҳирси ӯ бар танаҷҷузи он атмоъ ва таварруди он биқоъ зиёдат шуд.

## ЗИКРИ ФОИҚ ВА ҲОЛАТИ Ӯ БАЪД АЗ ҲАЗИМАТ БА МАРВРУД

Фоиқ чун аз масоффаи Абӯалӣ ҳазимат шуд ва ба Марврӯд афтод, он ҷойгоҳ муқом кард ва ба ислоҳи ҳол ва садди халал ва тартиби созу уҳбат машғул шуд. Ва чун кори ӯ низом гирифт ва ба наво шуд, рӯй ба Бухоро ниҳод, бе он ки аз ҳазрат иҷозат хост ё иститлоъи раъй кард. Ва Нӯҳро аз ин ҷуръат гумони бад афтод. Аз Бухоро берун омад ва Инонҷ ва Бектузунро, ки ҳоҷибони ӯ буданд, бо саре лашкар ба муносабати ӯ фиристод. Ва ӯро бишикастанд. Ва асҳобу аҳзоби ӯро ба анвоъи қатл ва танкил ба ҳалок оварданд. Ва Фоиқ чун ба шатти Ҷайҳун расид, киштӣ наёфт ва ба ҳилате худро аз михлаби аҷал берун андохт ва аз об гузар кард ва ба ҷониби Балх рафт. Ва баъд аз чанд рӯз ба Тирмид шуд ва ба хон нома навишт ва дар игво ва игрои ӯ бар қасди Нӯҳ ва истихлоси мамлакати ӯ фусул пардохт. Ва Нӯҳ ба волии Ҷузҷон — Абулҳориси Фареғунӣ мисол фиристод, то ба дафъи ӯ қиём намояд. Ва Абулҳорис ҳавошии бисёр фароҳам кард ва ба ҷанги ӯ рафт. Ва Фоиқ Арслон номе, ки ба Охурсолор маъруф буд, бо понсад савори гузида аз турку араб пеш бозфиристод ва чун гург дар рама он ҷуюшро ба фано оварданд ва амвол ва асliҳа ва марокиби эшон бистаданд ва бо ғанимате кофир ба Балх омаданд.

Ва дар ин ҳол Тоҳир ибни Фазл ноҳияти Сағониёнро аз Абӯмузаффар Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Мӯҳтоҷ ситуда буд ва ба тағаллуб дар вилояти ӯ нишаста, Абӯмузаффар

PDF Compressor Free Version

чун аз вилоят мунзаъиҷ шуд, ба эҳтимоми Фоиқ илтиҷо кард ва аз ӯ мадад хост. Ва Фоиқ ҳаққи вафодати ӯ ва бузургии хона ва ҷалолати қадр ва ваҷоҳату набоҳати зикр ва он, ки аз умарои Хуросон ба асолату қидмати хонадон ва фазоили зот мутафаррид буд, ба икрому эъҷоб талаққӣ кард. Ва лашкари худро дар хидмати ӯ бифиристод. Ва Тоҳир чун хиффати ҳол ва қиллати аъвони Фоиқ ва хулувви арсаи Балх бишнид, дар истихлоси Балх тамаъ баст ва бо ҳишами хеш ба ҳисори Балх омад. Ва оммаи Балх аз шаҳр берун омаданд ва ҷанг оғоз ниҳоданд. Ва яке аз ҷумлаи аъроб Тоҳирро бишнохт, ӯро ба таъние аз маркуб бияндохт ва фуруд омад ва сараш бардошт. Ва чун лашкари ӯ аз ҳоли ӯ хабар ёфтанд, мунҳазим шуданд ва ҳар яке аз ҷонибе ҷон берун бурд.

Ва чун кори Иноҷ ҳоҷиб бар он ҳолат афтод, ки шарҳ дода шуд ва ӯро асир ба Туркистон бурданд, мулки Бухоро аз низом биафтод ва ваҳне фоҳиш зоҳир шуд ва пушти авлиёи давлат бишкаст ва сарири салтанатро ҳомиву ҳорисе намонд. Аз сари изтирор Фоиқро истимолат карданд ва ӯро бо хидмати тахт ва мулозамати ҳазрат хонданд. Ва чун ба даргоҳ расид, имдоди каромоту алтоф дар бораи ӯ мабзул доштанд ва бо созу уҳбати тамом ба Самарқанд фиристоданд, то ба ҳиросати байзаи давлат ва ҳифзи суғури мулк қиём намояд. Ва чунонки бад-он ҳудуд расид, Бағрохон тохтан овард ва Фоиқ бе тавaққуфе ва таъарруфи аҳволе мунҳазим шуд ва рехта бо Бухоро омад ва асҳобу хавос(и) султон, ки бо ӯ буданд, урзаи шамшер кард ва дар дами аждаҳои бало ниҳод...

...Ва касро шубҳат намонд, ки гурехтани вай аз Самарқанд аз сари мувототе буд ва хубси ботин ва фасоди дахлат (39) ва бағӣ бар валинеъмат ӯро бар он дошт, ки обрӯи малик бирехт ва хонаи қадими давлат бар бод дод. Ва Нӯҳ аз ҳудуси ин мушкил мубҳам ва вуқӯъи ин ҳодисаи муъзил ҳаросон ва музтариб гашт ва шаҳр бозгузошт ва ба ҷонибе мутаворӣ бинишаст.

PDF Compressor Free Version

# ЗИКРИ ОМАДАНИ БАҒРОХОН БА БУХОРО ВА РАФТАНИ МАЛИК НӮҲ

Бағрохон ба Бухоро омад ва Фоиқ ба истиқболи ӯ рафт ва дар ҷумлаи хавосси ӯ мунтазам шуд ва ба таксири савод ва ҳусул дар зумраи аҷноди ӯ табаҷҷӯҳ ва мубоҳот намуд ва ҳамоно солҳо асбоби муносаҳат ва мухоласат миёни эшон мумаҳҳад ва муаккад буд. Ва чун Бағрохон бар сарири мулк қарор гирифт, Фоиқ иҷозат хост, ки ба Балх равад ва муомилоти он ҳудуд ва абвобулмол аз баҳри хизонаи ӯ муҳассал кунад ва хутбаву сикка ба шиори даъвати ӯ дар атрофи он навоҳӣ муқаррар гардонад. Бар ин қарор дастурӣ ёфт ва ба ҷониби Балх шуд. Ва Нӯҳ фурсат нигоҳ дошт ва аз мустатари хеш мутаваккирвор берун омад ва аз Ҷайҳун гузар кард ва ба Омулшат нузул фармуд. Ва ҷамъе аз мамолику хидами ӯ он ҷо афтода буданд ва мутаҳаййиру саргашта монда. Чун аз вусули ӯ хабар ёфтанд, шодмон гаштанд ва ҳаёте тоза ва айше нав ба макони ӯ дар аҷрому аҷсоми эшон зоҳир шуд. Ва аз ҷавониб лашкари мутафарриқ бад-ӯ пайваст, то сипоҳе тамом фароҳам омад. Ва Нӯҳ вазорат бар Абӯалии Балъамӣ муқаррар кард ва забти он қадр, ки аз мамолику мамолик боқӣ буд, ба дасти ӯ боздод ва ӯ дар тақдиму таъхир ва тадбиру тақдири он муҳим(м) мутаҳаййир ва мутабаллид шуд ва аз тариқи илтиёму интизоми он кор қосир монд, чи вилоят ба куллӣ дар ташаббути хусум буд ва лашкари бисёр ҷамъ шуда ва вуҷӯҳи иқомот ва тааҳҳуди эшон тааззуре дошт. Абдуллоҳ ибни Ғурайрро аз Хоразм бозхонданд ва бо сари мансаби вазорат фиристоданд. Ва аз мабдаи ҳуҷуми фитна ва ҳуҷуми меҳнат ба Мовароуннаҳр Нӯҳ ибни Мансур ба Абӯалӣ ибни Симҷӯр навиштаҳое менавишт ва ӯро ба нусрати хеш ва қазои ҳуқуқи неъмат ва қиём ба муҳомоти байзаи давлат даъват мекард. Ва ӯ дар он боб ба қавли макзуб ва мавоъиди урқуб Нӯҳро мағрур медошт ва ба узри эҳтишод ва истеъдод рӯзгор мегузаронид.

Пас, аз Нисобур ба Сарахс рафт ва аз он ҷо дар муд-

PDF Compressor Free Version


дати мадид ба Марв шуд, мунтазири вусули Бағрохон ва мутарассиди меъоде, ки миёни эшон буд бар қисмати мамлакати Нӯҳ. Ва ҷамъе аз асҳоби Абӯалӣ дар таҳсини ин раъй ва тазйини ин андеша ва тасвиби ин ҳаракат мубоқалағат мекарданд ва дар вай медамиданд, ки давлати Оли Сомон ба охир расидааст ва айёми иқболу замони подшоҳии эшон гузашта ва амороти идбор ва аломоти хазлон ҳар лаҳза зоҳир мешавад ва фатке нав ва ваҳне тоза ҳодис мегардад...

Ва чун Нӯҳ ба Омулшат расид, ба Абӯалӣ кас фиристод ва гуфт: «Интизор аз ҳад гузашт ва кор ба ғоят расид ва душман зафар ёфт ва хона аз даст шуд. Вақт аст, ки ба шароити ҳифоз ва лавозими қазои ҳуқуқ қиём намоӣ ва дар музоҳарати давлат ва музофарати даъват ба аслофу гузаштагони хеш иқтидо кунӣ, чи умеди муъованат аз дигар ҷавониб мунқатеъ шуд ва эътимоду эътизод ҷуз ба магар ҷавониб мунқатеъ шуд ва эътимоду эътизод ҷуз ба ма-конату маконати ту ҳосил нест». Ва аз ҷумлаи навиштаҳое, ки дар ин боб аз ҳазрати малик Нӯҳ ба Абӯалӣ навиштаанд, фасле аст аз иншои Абӯалии Домғонӣ: «Ва иннамо тахтоҷу-д-давлату ило имодиҳо изо қасадаҳо ман йузаъзиъу роъсиёти автодиҳо фаллоҳа Аллоҳа фи ҳозиҳи-д-давлати фақад ҷоатка мустағисатан ийёка лоизатан бика» (40). Ва Абӯалӣ ҳамчунон бар одати замим ва ахлоқи лаими хеш мустамир(р) — қасоват пеш гирифта ва салобати пешонӣ пеша сохта ва ҳаёву вафо барандохта ва ба вақоҳату ҷафо тазоҳур намуда ва ба зиёдат илтимосоти номаъҳуд ва иқтироҳоти номаҳмуд дар миён оварда ва дархоста, ки хитоби ӯ аз ҳазрати малик Нӯҳ бар мухотаботи аслофи ӯ зиёдат кунанд ва бар унвони амсила, ки ба вай исдор афтад, миёни куният ном ҷамъ кунанд ва «Валии амирулмӯъминин» (41) бинависанд ва ин расм хос(с) Оли Сомонро буд ва ҳеҷ каси дигарро аз мулуки ҷаҳон нанавиштандӣ. Ва малик Нӯҳ ин муқтараҳотро ба эҷоб мақрун дошт.

Ва дар навбате, ки Аристотолис номе аз ходимони малик Нӯҳ ба рисолат пеш омада буд ва аз ин ҷинс илтимосот шунид ва шатату таҳаккуми ӯ дар он муховарот бидид, гуфт:

PDF Compressor Free Version

«Ин малик имрӯз аз сари изтирор ба масобате аст, ки агар аз вай илтимос кунӣ, ки туро худованд хонад, дареғ надорад. Аммо паси имрӯз фардое ҳаст ва аҳволи рӯзгор ба садади интиқол аст. Ту он гӯй ва он кун, ки ҷаҳониён аз ту писандида доранд ва ба некномӣ бозгӯянд». Ҳозирони он маҷлис аз риққати ин калима ва ваҳшати ин ҳол об дар чашм оваранд ва дилҳо бар оташи ин меҳнат бирён шуд. Ва Абӯалӣ ҳам бар он ғавоят ва амоят — мусир(р) ва мустамир(р). Лоҷарам Худои таъоло муҳиммоти малик Нӯҳ бе миннати халқ кифоят кард ва хасмони ӯро маҳзулу мақҳур гардонид ва ӯро ба тахти мулк ва сарири салтанат боз расонид ва ғадру макри душманони ӯ сабаби ҳирмону хазлони эшон сохт, ва мо золика ала-л-лоҳи биъазизин (42).

## ЗИКРИ РАФТАНИ БАҒРОХОН АЗ БУХОРО ВА МУЪОВАДАТИ МАЛИК НӮҲ

Бағрохон ба ҳавои Бухоро мутааззӣ шуд ва нуҳусати бағйу туғён ва шумие тамаъ дар хонадони қадим ва дудмони карим дар ӯ расид ва ба иллате саъб гирифтор шуд. Ва муолаҷати хеш ҷуз муъовадати ҳавои Туркистон нашинохт. Ӯро дар аморӣ ба савби Туркистон бурданд ва авоми Бухоро дасти интиқом ба азноби лашкари ӯ дароз карданд ва халқе бисёр бикуштанд. Ва роҳи иҷтиёзи ӯ бар манозили Хиштами Ғуз буд. Ғузиён чанд марҳала бар ақиби ӯ мерафтанд ва нуфозоти лашкарро мекуштанд ва раҳлу сақл ба тороҷ мебурданд. Ва Бағрохон дар баъзе аз он мароҳил ҷон таслим кард. Ва чун ин башорат ба малик Нӯҳ расид, рӯй ба мустақарри из(з) ва сарири мамлакати хеш ниҳод ва аҳли Бухороро ба вусули ӯ шодмониҳо фузуд ва ба истиқболи рикоби ӯ хурду бузург аз шаҳр бадар афтоданд ва ба маймини талъати ӯ чунон хуррам шуданд, ки рӯзадор ба талъати ҳилол ё ташна ба шарбати зулол. Ва мамлакати Бухоро ва Самарқанд ва музофоти он бо тадбири девони малик Нӯҳ омад ва амру наҳйи ӯ бар қонуни маъҳуд ва расми маълуф нафоз ёфт ва моддаи фитна мунқатеъ шуд.

PDF Compressor Free Version


Ва чун Абӯалии Симҷӯр бидид, ки кори малик Нӯҳ ба низом расид ва аҳволи мулки ӯ ба илтиём пайваст ва тамаъи ӯ ба замони футур ва айёми футун дар Ком шикаст ва Коме барнаёмад ва нақши мурод бар каъбатайни рӯзгор каж омад ва низ тавaққӯъе, ки аз Бағрохон дошт, ба инҷози мавоъиду вафо ба шароити мувотот, ки миёни эшон мумаҳҳад буд аз мушоракат дар мулки Хуросону Мовароуннаҳр ва мушоратат бар он мушотарат ба вафо нарасид. Ва Бағрохон чун сарири Бухоро бигирифт, хитоби ӯ бар қондӣ асҳоби ҷуйуш кард ва ба савобиқи мувозаъот илтифоте нанамуд. Ангушти таҳаййур ва надомат хоидан гирифт ва шӯълаи раъйи ӯ дар зулмати он ҳодиса фурӯ мурд ва равзаи айши ӯ ба сарсари он воқеъа пажмурда гашт. Ва хавосси давлат ва ҳаворийёни ҳазрати хешро ҳозир кард ва аз чораи он кор ва махраҷи он меҳнат бар сабили истишорат иститлоъ кард. Ҳамгинон, гуфтанд: «Тинати Оли Сомон ба оби караму лутф сириштааст ва афву иғмоз ва иғзои мулуки эшон аз заллоти бандагон ва асароти хидматгорон ба ҳамаи айём мутаъориф будааст. Тариқ он аст, ки ин марҳам аз эшон талабӣ ва ин узр ҳам аз даргоҳи эшон хоҳӣ ки дар ин гарқоб ҷон ҷуз ба киштии нисяти Нӯҳ ба соҳили саломат нарасад ва ин селоби меҳнат ҷуз ба юмни даъвати Нӯҳ ба замин фурӯ нашавад. Бо тегу кафан ба зинҳор бояд рафт ва дари караму раҳмати ӯ кӯфтан ва хоре, ки аз кина дар синаи ӯ шикастааст, ба минқоши тазаррӯъ ва тахашшӯъ берун кашидан ва ғуборе, ки аз ҷафо бар ҳошияи хотири ӯ нишастааст, ба насими талаттуфу тааллуф зоил гардонидан ва агар то ин ғоят тақсире рафтааст, ба хадамоти писандида таdoрук кардан ва расми хидмат бар қонуни убудийят аз сар гирифтан, чи саргаштаро беҳтар аз сари ришта чорае натавонад буввад ва гунаҳкорро малҷае писандидатар аз эътизору истиғфор сурат набандад».

Абӯалӣ ин сухан бар мизони ақл рост ёфт, гирди асбоби хеш баромад ва аз анвоъи мутамаввилот тӯҳфае бисёр ва ҳамле сангӣ фароҳам кард, то бар дасти сафире чарбзабон ба ҳазрати малик Нӯҳ фиристад, ки ба сеҳри баён уклаи

PDF Compressor Free Version

ваҳшат аз замири мунири ӯ бозгушояд ва ба лутфи ҳиял мурғи ризои ӯ аз ҳавои ибо ба зери шаст орад. Боз бар муқтазии «ал-ҳазму су-уз-занни» (43) андешае кард дигаргун ва гуфт: «Ҳайҳот! Дер аст, ки гуфтаанд: «ман язраъи-ш-шавка лам яҳсуд биҳи инабан» (44). Ҷое, ки ман ҳама тухми ҷафо киштаам, хирмани вафо чӣ гуна паймоям? Ва дар мавзеъе, ки ниҳоли хилоф нишондаам, самараи мувофақат бар чи ваҷҳ таваққӯъ кунам? Ва мори озурда дар ҷайб гузоштан ва заҳр бад-ӯ гумон чашидан кори зиракон нест. Ва оқилон гуфтаанд, ки: «Подшоҳон чун наҳанг дандон дар шикам доранд ва чун дарё бошанд, ки агарчи манбаи оби ҳаёт аст ва мутазаммини анвоъи ҷавоҳиру манофеъ, гоҳ мавҷ ба як латма ҷаҳоне хароб кунад ва оламе фурӯ барад...»

Ва Фоиқ чун дид, ки сафинаи Нӯҳ ба саломат бар Ҷуди фароғ қарор гирифт (45), сакинати дил ва тамаъниняти хотири (46) ӯ бирафт ва аз туғёни он тӯфон ҷориаи наҷот талабид. Фитрати раъй ва тамаъи хом ва фарти вақоҳат ӯро бар он дошт, ки пешонӣ ба кор бозниход ва рӯй ба Бухоро оварл, то бар сабили таҳаккуму тағаллуб мулки Нӯҳро ба даст гирад ва садде аз таҳаввур дар пеши ҳамлаи кароҳияти ӯ кашад. Малик саре лашкар аз хавосси хуҷҷоб ва ҳишам пеши ӯ бозфиристод ва миёни фариқайн муқотилате фоҳиш рафт ва аз ҷонибайн қатли бисёр афтод ва туйуру сибоъ ва нусуру зибоъро аз куштагони он маотим ва хастагони он малоҳим иде ба наво ва моидае пурнаво ҳосил шуд. Ва оқибат Фоиқ бо фавҷе андак, ки аз зери шамшери бухориён халос ёфта буданд ва аз чанголи аҷал беруи ҷаста, ҳазимат шуд ва ҷуз ҳазрати Абӯалӣ малҷае нашинохт ва маҳрабе надонист. Ва Марв омад ва Абӯалӣ ба мақдами ӯ шодмон гашт ва иттифоқи мувофақати ӯ уддате тамом ва умдае ба эҳком шинохт ва ба макони ӯ эътимод ва эътизод пайваст ва ҳузури ӯ сабаби истиғно аз истирзои ризои Нӯҳ ибни Мансур донист. Ва моле, ки барои ҳамли Бухоро тартиб дода буд, ба Фоиқ фиристод ва миёни эшон бар иттиҳоди зотулбайн ва мувофақати ҷонибайн ва хулуси видод ва

PDF Compressor Free Version

қиём ба ҷавоби аъдо ва аздод мавосиқи муаккад рафт ва ба иттифоқ ба Нисобур омаданд ва ба тартиби соз ва истикмоли олати муборазат ва истеъдоди рӯзи инод машғул шуданд.

Ва малик Нӯҳ чун вифоқи эшон дар фасоду шиқоқ бишнид ва исрор бар изрор мушоҳадат кард, ҳамагӣ андеша бар он гумошт, ки ин ду тавсани осиро ба дасти кадом роиз дар зери бори тоат орад ва ин ду наҳанги ҷофиро ба қувввати кадом сайёд ба доми интиқом кашад ва ин ду гурги мӯҳтолро ба мадади кадом шер дар чанголи никол гирифтор кунад? Қуръаи ин ихтиёр бар Носируддини Сабуктегин афтод, ки аз бузургони атроф буд ва дар фатҳи абвоби хайр ва қиём ба масолеҳи олам ва эҳтимом ба маноҷеҳи халқ ва тақвияти дин ва нусрати калимаи Ҳақ(қ) маъруф ва мавсуф буд. Абӯнасри Форсиро бад-ӯ фиристод ва қабоеҳи афъолу фазоеҳи аъмоли Абӯаливу Фоиқ инҳо кард ва давои он иллату масоғи он ғиссат (47) аз юмни дифоъ ва ҳусни иштилоъи ӯ талабид ва ӯро ба дафъи ин муҳим(м) ва рафъи ин мулим(м) даъват кард. Ва гуфт: «Роҳи умед аз дигар ҷавонибӣ мамлакат ва дигар саноеъи давлат мунсад(д) аст ва таваққӯъи ин муъованат ва тамаъи ин мамониъат ҷуз ба қуввати азимат ва шиддати шакимати Носируддини Абӯмансур мутасаввар нест ва эҳтимоли ин миннат ва имтинон бад-ин хидмат аз дигарон дар ҳавсалаи ҳиммат намеғунҷад. Ва Носируддин бо диле муртоҳ ва синае боиншироҳ ба исъофу инҷоҳ ва қиём ба мавоҷиби он иқтироҳ мутакаффил шуд ва аз бесомонии кори сулолаи Оли Сомон ғайрат овард ва бар ғадру сифлагии Абӯалӣ ва накаду кудурати ахлоқи Фоиқ инкор кард ва нусрати давлат ва иҷобати даъвати малик Нӯҳро камар баст. Ва бар фавр кӯч кард ва бар ҳирси вусул ба хидмат ва шавқи маёмини талъати ӯ ба Мовароуннаҳр омад. Ва малик Нӯҳ наҳзат кард, ба ниҳояти Кеш ба интизори вусоли ӯ. Ва он ҷойгоҳ ба якдигар расиданд ва ба мулоқоти якдигар муонасат намуданд. Ва пеш аз мулоқот Носируддин аз кулфати нузулу мубошрати замини хидмат,

ба ҳукми заъфи шайхухат ва муроъоти кибари син(н), истеъфо хоста буд ва малик Нӯҳ узри ӯ дар ин боб мақбул дошта. Чун чашми Носируддин бар талъати малик афтод, равъати малик ва шукӯҳи подшоҳӣ зимоми ихтиёр аз дасти ӯ бистад. Фурӯ омад ва рикоби малик Нӯҳ бибӯсид ва Нӯҳ чанд гом ба истиқболи ӯ пеш ронд ва ба икроме тамом ва эъзозе комил ӯро дар бар кашид. Ва аз иҷтимоъи он ду саъд ва мулоқоти он ду подшоҳ рӯҳе ба дилҳо расид ва гули масаррат дар андаруни хоссу ом(м) бишкуфид. Ва маҷмаъае рафт, ки дар таворихи умри олам мисли он мазкур ва мастур нест. Ва малик Нӯҳ даст ба силот ва мубаррот баргушод ва ба абвоби ташрифот ва анвоъи анзолу иқомот ӯро ва атбоъи ӯро муроъоти тамом фармуд ва ҳаққи мақдами ӯ, чунонки лоиқи бузургвориш ӯ буд, ба қазо расонид ва илтимос кард, ки чанд рӯзе ба муҳимми ӯ пардозад ва мазаррату маъаррати он ду кофирнеъмати ғаддор кифоят кунад. Носируддин ба эҳтизозе тамом ва истибшоре балеғ хидмат ва тоъат бар ҳасби қудрату иститоъат мултазам шуд ва чанд рӯз мӯҳлат хост, ки бо Ғазна равад ва ба эҳтишоди лашкар ва истеъдоди уҳбат қиём намояд ва ба истизҳори тамом рӯй ба муҷоҳадати хусум орад. Иҷозат фармуд ва ба хилъатҳои фохир ва ташрифоти маликона ва бахшишҳои беандоза аз аснофи алтоф ва анвоъи каромот ҳаққгузорӣ кард. Ва ҳар як ба мақоми маълуми худ рафт ва дар истислоҳи кор ва ҷамъи сипоҳ ва тартиби силоҳу тадбири созу уҳбати сафар саъйи балеғ намуд.

Ва Абӯалӣ чун бар ин ҳол вуқуф ёфт, саргашта ва мутаҳаййир гашт ва хуршеди раъйи ӯ дар уқдаи он васовис ба дараҷаи кусуф расид ва хафири тадбири ӯ дар тиҳи тафаккур шоҳроҳи савоб гум кард. Ва ин масъаларо миёни асҳобу аҳбоби хеш дар шӯро афканд ва аз анфоси ҳар як иқтибосе мекард ва дар талаби махраҷ аз он ҳодиса ба ҳар мадхал фурӯ мерафт. Зубдаи истисвоб ва хулосаи кариман ҳама он буд, ки бо Фахруддавла роҳи муоҳот ва муволот пеш бояд гирифт. Ва садде аз мувофақати ӯ дар пеши мухолафати айём бояд кашид, то агар арсаи Хуросон аз вуҷуди мо тангояд, ба маҳрабе муббайян ва

PDF Compressor Free Version

малҷае муайяни мустазҳир бошем. Ва саҳифаи донишки (48) эшон бар ин қарору иттифоқ хатм шуд. Абӯалӣ бар он минвол бирафт ва Абӯҷаъфари Зулқарнайнро бад-ин сафорат таъйин фармуд ва бар дасти ӯ ҳамле аз туҳафи Хуросон ва маҷлуботи Туркистон ба Фахруддавла фиристод ва мисли он аз бахри Соҳиби Кофӣ тартиб дод ва дар он хутбат ба васотату далолати ӯ тавассул сохт.

Ва Абӯҷаъфар ҳикоят кард, ки «чун он туҳаф пеши Соҳиб бурдам ва аз забони Абӯалӣ бар сари он уар хостам, дар забони ман омад, ки мо дар ҳамли ин бизоати музҷот ба ҳазрати Кофийулкуффот онро монем, ки хурмо ба Ҳаҷар тӯҳфа барад (49). Ва ӯ ҷавоб дод, ки аз Мадинаи Расул, алайҳиссалоту вассалом, хурмо ба Ҳаҷар баранд бар сабили табаррук, на аз барои ҳоҷат». Пас Соҳиби Кофӣ дар тамҳиди қавоиди мавадцат ва таъкиди маъоқиди муҳаббат миёни ҷонибайн саъйи балиғ намуд, то асбоби мухоласат ва муносаҳат мустаҳкам гашт ва тариқи муко-табот ва муросалот маслук шуд ва он видод ба иттиҳод пайваст. Маъмун ибни Муҳаммад, ки волии Ҷурҷона буд ва Абӯабдуллоҳи Хоразмшоҳ дар вақти инфисоли Нӯҳ аз Бухоро ва айёми меҳнати ӯ бад-ӯ тақаррубҳо карда буданд ва хидматҳои писандида тақдим дошта ва ба амволу хазони мадад дода. Ва малик Нӯҳ ба вақти истиқомати кор хост, ки қазои ҳаққи эшон ба эҷоб расонад ва ба мукофоти эшон қиём намояд. Нисо ба номи Маъмун муқаррар кард ва Абевард дар эътилоди Хоразмшоҳ навишт ва ба ҳар як мисоле фиристод мувашшаҳ ба тавқеъ. Ва ҳар як аз эшон мӯътамаде ба сари иқтоъи хеш фиристод. Абӯалӣ Нисо Маъмунро мусаллам дошт ва Хоразмшоҳро ҷавоб дод, ки «Абевард дар эътилоди бародарам маҳсуб ва мактуб аст ва то ивазе аз девон муқаррар нагардад, Абевард мусаллам нашавад». Ва бифармуд, то касони Хоразмшоҳро ба истихфоф берун кардаид ва Хоразмшоҳ ин кина дар дил гирифт, то фурсат ёфт ва он интиқом бистад. Ва шарҳи ин ҳол дар мавзеи хеш эрод карда ояд, иншоаллоҳу таъоло.

Ва дар аснои ин ҳол роёти Носируддини Сабуктегин бар

PDF Compressor Free Version

ҳасби миъоде, ки рафта буд, бирасид бо ҳишаме бисёр ва лашкаре ҷаррор ва зинате тамом ва олате ба низом. Ва дар муқаддимаи лашкари ӯ қурби дувист марбати фил буд, ки аз диёри Ҳинд ғанимат ёфта буд — ороста ба баргустувонҳои зайод ва аслиҳаи бемисол ва бар ақиби он баҳре мавввоҷ ва афвоҷ дар паи афвоҷ. Ва малик Нӯҳ аз Бухоро берун омад ва ба Ҷузҷон расид ва Абулҳориси Фариғунӣ ва Шор ва дигар умарои амсор бад-ӯ пайвастанд ва Носируддини Сабуктегин ҳамчунин. Лашкаре ҷамъ шуд чун мӯру малах беадад ва чун реги биёбон бепоён. Ва Абӯалӣ ва Фоиқ аз Нишобур кӯч карданд ва ба Ҳирот рафтанд, то он хиттаро аз таъаррузи хасм нигоҳ доранд ва лашкари он навоҳӣ бо хештан гиранд. Ва малик Нӯҳу амир Сабуктегин дар муқобалаи эшон то ноҳияти Баг бирасиданд. Ва Абӯалӣ расуле фиристод ба амир Сабуктегин ва гуфт: «Ҳамвора асбоби мувофақат миёни ту ва падарам мустаҳкам будааст: Маваддат-у-абон қаробат-ул-абнои (50). Ва чун навбати ҳукми Хуросон ба ман расид, ҳам бар минҳоҷи падар рафтам ва дар тавқири ҷониби ту ва иқомати маросими хидмат ҳеҷ дақиқа фурӯ нагузоштам. Ва он савобиқ ва муқаддамот чунон иқтизо кунад, ки дарислоҳи ҳол ва итфои ҷамараи фитна саъй кунӣ ва миёни ману малик восите адл ва сафире мушфиқ бошӣ. Ва агар ба ихтиёр ё ба изтирор аз ман ҳаракате мутаваллид гаштааст, ки лоиқу мувофиқи бандагиву убудийят набувад, уари он бихоҳӣ ва оташи хашм бинишонӣ ва ғубори кароҳият барангезӣ ва обе бар кор занӣ, ки агар мо боди ғуруре дар сар доштем, берун кардем ва сар бо бандагӣ ниҳодем ва баъд аз ин пой аз ҷоддаи убудийят берун наниҳем».

Амир Сабуктегин ин илтимос мабзул дошт ва гирди ризои Разӣ баромад ва дар чанд маҷлис ба ғайбату ҳузур ва мушофаҳату муросалат дар ин боб сухан ронд, то шафоати ӯ ба маҳалли қабул афтод ва малик Нӯҳ аз сари кароҳият бархост. Ва Носируддин ин башорат ба Абӯали навишт ва гуфт: «Мурод ҳосил гашт ва Малик афв фармуд ва аз карда ва гуфтаи ӯ даргузашт. Бар қарор понздаҳ

PDF Compressor Free Version

ҳазор ҳазор дирам ба ҳукми ғаромати гуноҳ ва араши ҷиноят ба се наҷм ба хизона бирасад ва баъд аз ин дақоиқ хидмати тахт ва шароити бандагии ҳазрат бар қарори аслоф маҳфуз ва малҳуз бошад». Ва асҳоби Абӯалӣ бо якдигар дар ин боб машоварат карданд ва илтизоми ин фидя бо ҳусули саломат ва хумуди нойрон фитнат ғаниматe тамом шинохтанд ва бад-он ҳамдостону розӣ шуданд. Аммо ҷамоате аҳдос ва ҷавонон аз сари назқи шабоб ва қиллати таҷориб ва ғафлат аз авоқиби умур сар боз заданд ва аз он қарор таҷофӣ намуданд ва ба лашкаргоҳи Носируддин давониданд. Ва ғуломеро, ки шаҳвай маробити афёл буд, дуррабуданд ва ӯро бо чанд каси дигар, ки дар он ғафлат ёфтанд, ба қатл оварданд. Ва расули Носируддин чун бозмегашт, бар фавҷе, ки талиъаи Абӯалӣ буданд, бигзашт. Забони таҳаккум ва таҳаккум (50 «а») дар-ӯ кашиданд ва гуфтанд: «Худобандгори ту дар муҳол саъй мекунад ва бар ботил сухан мегӯяд ва номумкин аст, ки то ин теғҳо дар дасти мо қоим аст, бад-ин мазаллат тан дардиҳем ва ба симати ин мазаммат розӣ шавем»..

Чун ин хабар ба Носируддин расид, дар хашм шуд ва аз идбори он қавм таъаҷҷуб намуд. Ва ба Абӯалӣ фиристод, ки «ҷангро соз кун ва маҳорабатро омода шав, ки ин ҳукумат ҷуз ба файсали шамшери қотеъ ба қатъ нарасид ва ин хусумат ҷуз ба тавассути муборизони мубарриз мунқатеъ нашавад. Ва агар ба фарзинбандӣ, ки бо Фоиқ кардай, мағрур гаштай, фардо ба фазои саҳро ой, то филбозии мо дар рикъаи мубоpазат бубинӣ ва агар ба касрати савод саводру пиёдаи хеш рух барафрӯхтай, соате бо мо асб дар майдони муҳорабат афкан, то шаҳсаворпи устодони ҳозиқ мушоҳадат кунӣ»..

Пас аз он муқом кӯч кард ва ба арсае аз он ҳудуд, ки иттисоъе дошт, лашкарро арз дод ва сафҳо биёрост ва маймонаву майсара рост кард ва садде аз ҳайкали филони ҷангӣ дар пеш кашид ва хештан бо малик Нӯҳ ва амир Маҳмуд дар қалб бистод. Ва ҷамъе аз мардоне, ки дар муҳорабат марг дар ҷон гиранд ва касоне, ки дар музорабат синон ба дандон хоянд, дар санҷақ бидошт..

PDF Compressor Free Version

Ва Абӯалӣ ҳам бар ин минвол лашкарҳо рост кард ва сафҳо биёрост. Фоиқро ба маймана фиристод ва бародари хешро — Абулқосим ибни Симҷӯр дар майсара бидошт ва хештан дар қалб биистод. Чун ҳар ду саф ба ҳам расиданд, Фоиқ аз маймана майсараи эшон баргирифт ва Абулқосим аз майсара маймана бишкаст. Ва наздик буд, ки кор аз даст биравад ва ваҳне азим барафтад. Аммо Доро ибни Шамсулмаъолӣ аз қалби Абӯалӣ ҳамла кард ва чун ба миёни ҳар ду саф расид, сипар дар пушт кашид ва пеши малик Нӯҳ рафт ва хидмат кард ва рӯй ба муқоталати лашкари Абӯалӣ овард. Ва Абӯалӣ чун ғадри ӯ бидид, аз дигарон ноэмин гашт ва андешид, ки ғадри ӯ бе мувофақати ҷумҳуре набошад. Аз ин сабаб дилшикаста шуд ва Носируддин бо саводи хеш ҳамла кард ва ақтори замин аз ҳаракати лашкари ӯ мутазалзил шуд. Лашкари Абӯалӣ аз хавфи он музоҳамат ва ҳайбати он мақом рӯй ба ҳазимат ниҳоданд ва мутафарриқ шуданд ва ҳеҷ кас мукунати таваққуф наёфт. Ва амир Маҳмуд дар ақиби эшон равона шуд ва дар ҳар ки мерасид, беҷон мегардонид ва асир мекард. Ва он лашкар аз хазоин ва кароими амвол ва созу аслиҳа чандон бирехтанд, ки агар ушри он ваҷоиҳи ирзи хеш сохтандӣ ва бар сабили фидя базл кардандӣ, обрӯй бимондӣ ва дар кисвати ор ва либоси хизйу хасор дар ақтори олам мутафарриқ нашудандӣ. Абӯалӣ ба Нисобур афтод ва он ҷойгоҳ ба ислоҳи ҳолу муъолаҷаи ҷароҳати лашкар ва тартиби уҳбат машғул шуд, то пеш аз он ки лашкаре дар ӯ расад, тадбири маҳрабе ва таъйини матлабе биандешад. Ва малик Нӯҳ ва амирон — Сабуктегину Маҳмуд аз баҳри иҷмоми марокибу рақоиб ва иқтисоми ғаноиму рағоиб ду—се рӯзе ба Ҳирот таваққуф карданд. Малик Нӯҳ амир Сабуктегинро «Носируддин» лақаб дод ва фарзанду ворисн мулки ӯ — амир Маҳмудро ба лақаби «Сайфуддавла» мушарраф гардонид ва қиёдати ҷуюш ва иморати ҷунуд, ки мансаби Абӯалӣ буд, бад-ӯ тафвиз фармуд ва ӯ бо зинате тамом ва лашкаре ороста ва ҳишами вофир ва кавкабае азим рӯй ба Нисобур овард..

PDF Compressor Free Version

Чун Абўалӣ аз омадани ў хабар ёфт, рўй ба Ҷурҷон ниҳод, бар умеди миъоде, ки миёни ў ва Фахруддавла рафта буд дар мушобакат ва мувофақат дар муҳофазат бар масолеҳи якдигар. Ва Абўнасри ҳоҷибро ба сафорат бад-ў фиристод ва сурати воқеъа инҳо кард ва фасле ба Соҳиби Кофӣ навишт дар изҳори истизҳоре, ки ба макони ў дошта буд ва ўро иддаи айём ва умдаи рўзгор сохта ва савобиқи маърифат ва мубосотати ў захирате нафис шумурда. Ва гуфт: «Инна-л-маорифа фи аҳли-н-нуҳо зиммамун (51)». Дўстон дар вақти меҳнат ба кор оянд ва ёронро аз баҳри айёми накбат андўзанд. Ва моро хасме чира ва душмане қавӣ зоҳир шуд ва хонаи маврус ва мансаби қадим аз даст рафт. Чун ту соҳибе куҷо хоҳам ёфт, ки бо ў нафсу-л-масдурӣ дар миён ниҳам ва чун Кофие куҷо талабам, ки ҷорањ меҳнати мо донад кард ва маҳрабе аз ҳазрати Оли Бўя ҳасинтар ва ҳабле аз аҳди эшон матинтар дар рўи замин муяссар нахоҳад шуд ва зикри ҳамийяту ҳимояти эшон дар атрофу акнофи олам чун офтоб равшан аст ва «ҷор-ул-Азди масканухў ан-нуҷуму» (52). Мебояд ки дар ҳазрати Фахруддавла дар боби мо ва эътино ба муҳимми мо анвоъи насоеҳ дареғ надорӣ ва ин ғамхорагӣ ва таассуб ба ҳусни кифояти хеш дар гардани ҳиммати ў бандӣ».

Соҳиби Кофӣ ин фурсатро ғанимате тамом шинохт ва пеши Фахруддавла ба каррот сухан ронд ва гуфт: «Писари Симҷўр мурғе нест, ки ҳар вақт дар дом афтад ва мухтасар меҳмоне нест, ки дар икрому эъзози ў инқибозе равад. Чун у бад-ин давлат илтиҷо кард ва аз дари ин ҳазрат даромад, мулуки олам ва асҳоби атроф чашм бар он доранд, ки қазои ҳаққи ў чӣ гуна ба адо расад ва дар тамҳиди маҳаллу табҷили қадри ў то чӣ ғоят муболағат тақдим афтад ва аз ўҳдаи ному нанги ў бар чӣ ваҷҳ тафассӣ равад». Фахруддавла фармуд, то аз абвобулмоли Ҷурҷон иқомате тартиб карданд ва ҳазор ҳазор дирами шоҳӣ аз иртифоъоти он навоҳӣ ба тафсиле муайян вуҷўҳ доданд, ки дар масолеҳи лашкар харҷ афтад. Ва Абўалӣ ва Фоиқ он зимистон он ҷойгоҳ бибуданд, то рўи баҳор пайдо шуд ва

PDF Compressor Free Version

марғзор биламид ва мавсими ҳаракати лашкар бирасид.

Ва ба вақти ҳузури Носируддини Сабуктегин ва Сайфуддавла Маҳмуд ба Нисобур дар афвоҳ афтод, ки раъйи эшонро дар ҳаққи Абдуллоҳи Ғурайр тағйире хостааст ва ӯро бад-он муттаҳам доштанд, ки дар хидмати малик Нӯҳ дар бораи эшон тазрибе мекунад ва дар эҳтибоси баъзе аз вилоёту иқтоъоти эшон саъй менамояд. Малик Нӯҳ аз барои ибқоъ бар вазири хеш ва истишъору хавфи никояте ки бад-ин райбат бад-ӯ расад, реҳлат кард ва ба ҷониби Тӯс рафт. Чун Сайфуддавла бар ин ҳолат воқиф шуд, бар ақиби ӯ бирафт ва дар истеътофи ҷониби ӯ ва бароати соҳати хеш ва тақрири сидқи ниййат дар мувололоту мутоваъат муболағат намуд. Ва малик Нӯҳ мақдами ӯро мукаррам дошт ва дилнамудагиҳо намуд ва оризаи он вахшат ба завол расид. Ва Абдуллоҳ ибни Ғурайр аз хавфи он нисбат аз миён берун шуд ва ба Марв рафт. Малик Нӯҳ баъд аз ҳусули ризои ҷонибайн ва ҳудуси сафои зотулбайн бар асари вазир равона шуд то ба Марв ва аз он ҷо ба Бухоро рафт ва ба фароғи дил ва пирӯзии бахт бар тахти мамлакати хеш қарор гирифт. Ва амирон — Носируддин ва Сайфуддавла дар Нисобур бисоти адлу раъфату инсофу маъдалат бигустурданд ва русуми муҳдасу бидъатҳои мазмуму қавонини ҷавр ботил гардониданд. Ва коффаи раъоё ва зердастонро дар канафи амну роҳат бидоштанд ва қавоиди зулму эътисоф ва ҷавру иҷҳоф, ки дар айёми футур ва аҳди Оли Симҷӯр ҳодис шуда буд, дар ҷумлагии билоди Хуросон мансух гардониданд ва ба ибтоли он мисол доданд, то амне ом зоҳир шуд ва вилоёт маъмур гашт ва корвонҳои туҷҷору арбоби бизоат рӯй ба кор оварданд ва аз офату мухолафат роҳи амн ёфтанд ва неъмату хисбе тамом бодид омад.

Ва амир Носируддинро азм хост, ки муддате ба Ҳирот равад ва аҳди мутолаъаи асбоб ва зиёъ ва иқтоъи хеш тоза гардонад. Бар он савб равона шуд ва амир Сайфуддавла Маҳмуд ба Нишобур дар мансаби аморат ва заомати лашкар мутамаккин гашт. Ва Абӯаливу Фоиқ ба Фахруд-

PDF Compressor Free Version


давла нома навиштанд ва таваққўъ карданд, ки аз Рай ҳамл фиристад, то дар вуҷўҳи муҳофизони хеш харҷ кунанд ва чунон намуданд, ки муомалоти Ҷурҷон, ки аз баҳри иқомати эшон мусаллам доштаанд, аз қадри кифоят қосир аст. Абўнасри ҳоҷиб ҷавоб навишт, ки: «Мактубе ки содир шуда буд, бар раъйи Фахруддавла арз кардам. Дар ҷавоби он фармуд, ки хазоини мулук бар мисоли дарё ва рўдхонаҳои азим аст, ки ғалабаи мавҷ ва ғазорати оби он чашмаҳо пур кунад ва мардумро шигифт ояд ва онро коре ҷасим ва ясоре азим ангоранд ва аз мақсами он ғофил бошанд ва надонанд, ки бар ҷўйҳои бисёр сарф мешавад ва аҷзои он мустағриқи арбоби ҳоҷот ва асҳоби зарурат аст. Ва моро агар фусҳати вилояте ҳаст, азъофи он муунии сипоҳ ва вуҷўҳи атмоъ ва анвоъи муҳофизот дар муқобалаи он истодааст. Ва агар моро вусъи маунат ва ихроҷоти лашкари Хуросон даст додӣ, он аъмол бо тадбири девони хеш гирифтамоне (53) ва бо дигар мамолики мо музоф гаштӣ. Ҳолиро бад-он чи макнат буд ва даст расид, хидмат кардем ва агар зиёдат таваққўъе ҳаст, ки таъаззуре дорад, узри мо дар он боб зоҳир бошад».

Абўалӣ ва Фоиқ аз ин ҷавоб кўфта гаштанд ва маъорифи атбоъро ҳозир карданд ва дар истикшоф аз салоҳи вақт ва тартиби кори хеш машоварат карданд. Ҳар як ба навъе раъйе зад. Баъзе гуфтанд: «Ҷурҷон бо тасарруф бояд гирифт ва шиори даъвати Нўҳ дар ин вилоят изҳор кардан ва сиккаву манобир ба алқоби ў мутарразу мунаввар гардонидан ва бад-ин хидмат ба ҳазрати ў тақарруб кардан ва дар изҳори тоъату убудийят расул фиристодан ва нома навиштан ва ба нусрату муъованати ў мустазҳар шудан, ки аслофи мулуки Оли Сомон умрҳои дароз дар орзуи ин мамолик будаанд ва бар он базли беандоза карда ва лашкарҳо фиристода ва бар умеди истихлоси он ҷонҳо фидо карда ва сарҳо барбод дода ва бад-ин муроду орзу норасида. Ва моро сафван афван (54) ҳосил шуд ва бе таҳаммули кулфате ва мақосоти шиддате ба даст омад ва мустасфо шуд ва нақд ба нася додан ва ҳозир ба ғоиб фурўх-

PDF Compressor Free Version

тан аз муқтазии ақл дур аст». Фоиқ сар боз зад ва гуфт: «Тариқи мо он аст, ки Сабуктегин аз Нисобур бирафт ва Маҳмудро тоқати муқовамати мо набошад ва ӯ ба Хуросон бегона аст. Ва лашкари бегона чун сел бошад, ки агарчи ҳоил намояд, зуд бигзарад ва анқариб муталошӣ шавад.. Моро ба Нисобур бояд рафтан ва Маҳмудро аз он вилояту навоҳӣ барангехтан ва вилоят бо тасарруф гирифтан ва соҳиту мутмаин гаштан, ки алтофи Бории Таъоло дар пардаи ғайб аст ва рӯзгор ба ҳаводис обистан..

Ва ин соат мавсими тобистон расид ва ҳавои Ҷурҷон вабиййу афин аст ва лашкарҳои мо ба уфунати ин ҳаво мутааззӣ шаванд. Агар хасми моро муъовадате бошаду аҷзе афтад, чун ҳаво шикаста шавад ва фасли хазон бирасад Гургон ба даст аст». Оммаи лашкарро ин раъй мувофиқ афтод ва ҳубби ватан ва майли аҳлу сакан ғолиб омад ва бар ин иттифоқ хатм карданд. Абӯалиро аз сари изтирор лозим шуд мувофақати эшон намудан ва ба муроди эшон ҳамдостон шудан. Дар асنои ин ҳолат хабар расид, ки Соҳиби Кофӣ, ки чароғе буд дар зулмати он ҳодиса ва табибе дар муъолаҷати ин ноиба, ба ҷавори ҳақ рафт ва даъвати маргро иҷобат кард. Ва Абӯалӣ бад-он сабаб дил аз муқоми Ҷурҷон баргирифт, чи истизҳори ӯ ба макони Соҳиби Кофӣ буд ва ҳамвора дар ҳифзи масолеҳу риояти ҷониби ӯ муболағат намудӣ ва Фахруддавларо бар маърифати қадр ва эҳтимом ба низоми умур ва саъй дар таҳсили мурод ва иғтиноми ҷавор ва муъованат бар дарки осор ва ҳусули мақсуди ӯ таҳриз додӣ..

..Ва Абӯалӣ аз Ҷурҷон ба роҳи Ҷувайн бирафт ва Фоиқро дар муқаддима ба роҳи Исфароин бифиристод ва ба ҳудуди Нисобур ба ҳам пайвастанд ва рӯй ба шаҳр ниҳоданд Чун Сайфуддавла аз ин ҳол хабар ёфт, мусриъе ба падар давонид ва аз ҳоли расидани эшон эълом дод ва аз шаҳр берун омад бо фавҷе лашкар, ки бо ӯ монда буданд ва бар зоҳири шаҳр хайма бизад мунтазири мадад. Абӯаливу Фоиқ таъҷил намуданд, то пеш аз он, ки падар расад, дастбурдӣ намоянд, Сайфуддавла бо он қадар лаш-

PDF Compressor Free Version

кар, ки дошт, ба муҳорабату муқовамати эшон бозистод ва халқеро ба шамшер даровард ва ҷамъеро дар пои пилон андохт. Ва наздик буд, ки фатҳе бароянд, аммо Абӯаливу Фоиқ атфае карданд ва тақдири Борни Таъоло мувофиқи муроди эшон омад. Ва Сайфуддавла тавваққуфи зиёдат савоб надид ва ҳазму салоҳ дар он ёфт, ки рӯй ба ҳазрати падар ниҳод.

Ва раҳлу сақале, ки аз Сайфуддавла бозмонд ва чанд марбати фил ва баъзе аз ҳишами Ҳинд дар дасти Абӯалӣ бимонд. Ва Абӯалӣ бад-он мустаазҳар шуд ва шикасте, ки дар асбоб ва таҷаммули ӯ ҳодис шуда буд, мунҷабир гашт. Ва оташи фитнаи ӯ дигар бор муштаъил шуд ва тамаъ дар интиъоши ҳол ва интизоми кор баст. Ва ҷамъе аз куфоти асҳоб ва дуҳоти аҳзоби ӯ иршодӣ карданд, ки бар ақиби амирон бибояд рафт ва пеш аз иҷтимоъи ҳишам ва илтиёми кор вақне, ки расидааст, ба итмом расонидан ва эшонро аз навоҳии Хуросон барангехтан.

Қусури иқбол ва қуъуди ҷад(д) ва хумуди давлат ӯро аз истимоъи ин калима ва интифоъ бадин мавъизат гофил кард, то ба Нисобур биншаст ва худро ба мехи идбор фурӯ баст ва мукотабати Бухоро ва истирзои малики разӣ Нӯҳ ва талаби муҳол фаро пеш гирифт, то селоби меҳнат ба сар даромад ва дар доми бало гирифтор шуд. Ва ба амир Носируддин ҳамчунин нома фиристод ва дари узр кӯфт ва дар изҳори бароати соҳати хеш аз зиллати ин ҳаракат ва ҷарима иқдом бар он муҷосарат итнобӣ тамом кард ва ҳаволати он ҷарира ба Фоиқ ва дигар амирон кард. Ва гуфт: «Агар зимоми ихтиёр ба дасти ман будӣ ва дигарон дар игро ва игвои қавм саъй нанамудандӣ, ҳаргиз муфороқати Ҷурҷон ихтиёр накардаме ва пиромани хиттаи Хуросон нагардидаме ва бар хилофи ризои Носируддин дамназадаме ва як қадам фаротар нашудаме». Ва аз он маъраз тафодӣ намуд. Ва зинҳор хост ва дар илтимоси афву агмоз ва таҷовуз ба ишбоъе ҳарчи тамомтар тазаррӯъ кард ва бад-он маъозири макзуб ва ақовили номаҳбуб осори заъфи дил ва хуури табиати ӯ зоҳир шуд ва тамаъ дар муғола-

PDF Compressor Free Version

бату мутолабати саър аз ӯ ва атбоъи ӯ ба истеҳком пайваст.

Амир Носируддин ба атроф навиштҳо фиристод ва лашкарро бозхонд ва ҷамъеро, ки дастурӣ ёфта буданд ва ба сари иқтоъ рафта, бар сабили истеъҷол бо хештан гирифт. Ва Абӯнаср ибни Абӯзайдро ба истидъои Ҳалаф ибни Аҳмад ба Систон фиристод ва Абулҳориси Фареғуниро аз Ҷузҷон бихонд ва ба малик Нӯҳ кас давонид, то корро мустаъид(д) бошад ва азимати ҳаракат ба имзо расонад. Аз ҷавониб мададҳо бирасид ва лашкарҳо ҷамъ шуд, ки аз заҳмати азаботи роёти эшон дар фазои ҳаво мурғро маҷоли парвоз намонд ва дар мадохилу масориби замин вуҳушу сибоъро вуҷӯҳи мазорибу маҳориб мутаъаззир шуд...

Ва баъд аз воқеъаи Нисобур Фоиқ ба Тӯс рафт ва муфотаҳот ва мубосатот бо амир Носируддин овоз ниҳод ва майле ба хидмат ва музомматн ҷониби ӯ фаро намуд ва сари ришта дар мутоваъату мутобаъати ӯ фаро дод. Ва Носируддин ҷавобе фарохӯри нифоқ ва зӯру ғурури ӯ бинавишт ва ҳам бад-он микёл соъе ҷанд фаро паймуд..

Ва амираки Тӯсӣ ҳамчунон бо Абӯалӣ роҳи муҷонабат пеш гирифт ва миёни нифоқу вифоқ биистод ва пахлӯ аз мурофақати ӯ тиҳӣ мекард ва дар суҳбату мувофақати ӯ мутараддид мешуд. Абӯалӣ Абулқосими Фақеҳро, ки аз хавосси ҳазрати ӯ буд, бад-эшон фиристод ва эшонро аз авоқиби мухолафат ва тафриқи калима таҳзир кард ва гуфт: «Ин соат бо қуввату шавкати хасм ва иэтироби вақту ташвиши ҳол ҷуз музофарату музоҳарату муъозадату муъоқабат чора нест ва ала-л-иллот (55) силсилаи ҷамъият на бояд гусаст, то ба ваҷҳе аз вуҷӯҳ аз ин ҳодиса махраҷе ба даст ояд. Абулқосими Фақеҳ рафт ва ин нафрату вахшат бардошт ва ҷониби эшонро ба даст овард ва бо ҳар яке аҳде ва мисоқе аз сар гирифт ва ба Абӯалӣ навишт, ки ҳарчи зудтар реҳлат бояд кард ва бад-эшон пайваст.

Абӯалӣ бар савби Тӯс реҳлат кард ва Фоиқу Амирак бад-ӯ пайвастанд ва бо сари сафо ва иттиҳоди маъҳуд рафтанд ва наздики Андарах саҳрое фасеҳ ихтиёр карданд ва

PDF Compressor Free Version

он ҷо муқом сохтанд. Ва Абулқосим ибни Симҷӯр аз бародари хеш бозистод ва ба Нисобур рафт, ба сабаби ваҳшате, ки миёни эшон ҳодис шуда буд, аз он ҷиҳат, ки Абӯалӣ вилояти Ҳирот аз ӯ бозситуд ва ба ғуломи хеш — Элманку дод. Абӯалӣ аз ҷафои бародар ва тақоъуди ӯ аз нусрату муъованат дар чунон вақте дилшикаста шуд ва иморат хазлону идбор шинохт.

Ва Носируддин бо касрати он савод ва ғалабаи он аҷнод ҳаракат кард ва ба Тӯс омад ва аътофи замин аз захмати лашкарӣ ӯ мутазалзил шуд.,.

Ва ҷавонони ҷонибайн ва аҳдоси фариқайн он рӯз то шаб дар муноҷазату муборазат буданд ва чолиш мекарданд ва шаб ҳар як бо мақоми худ рафт. Ва Абӯалӣ бо руъуси ҳишами хеш машварат кард ва ораи кор пурсид. Амираки Тӯсӣ ва ҷамъе, ки ба ҳасофат мавсум буданд ва таҷоруби рӯзгор ёфта, гуфтанд: «Савоб он аст, ки паноҳ бо кӯҳ диҳем ва ба ҳисонати ҷавониб ва хисби атрофу навоҳии он мустазҳар шавем ва раҷҷолаи Тӯсро бар эшон оғолем то шабҳо бар ҳавошии лашкар шабехун мекунанд ва мавошӣ ва асбоби эшон мерабоянд ва риҳолу асқол ғорат мекунанд ва муддатҳои дароз бар он бигзаронем то ба сутӯҳ оянд ва хуше бисёр аз эшон мутафарриқ шаванд. Пас, аз сари басирате тамом ва азимате нофиз масоф(ф) бидиҳем ва кор ба итмом расонем». Азноб ва атбоъи қавм аз ин сухан сар бозазаданд ва гуфтанд: «Ин сурат нишони заъфи ҳол ва нуқсони қуввату қудрат бошад ва мо бад-ин аҷз тан дарнадиҳем ва бад-ин мазаллат ҳамдостон нашавем».

Ва чун дасти ҳаво теғи субҳ аз ниёми уфуқ бароҳехт, мардони ҳар ду лашкар ва гурдони ҳар ду кишвар даст ба теғ ба ҳам овардаид. Чун дар мавқифи кораор кор зор шуд ва шӯълаи ҳарб ба эҳтидом расид, аз паси пушти майсараи Абӯалӣ гарде бархост. Амир Сайфуддавла Маҳмуд бо халке бисёр ва уддате бешумор аз он тараф даромад ва Абӯалӣ миёни ҳар ду лашкар хиравy тирарой бимонд. Ва чора он донист, ки ҳар ду ҷавоҳи хеш фароқалб гирифт ва ба иттифоқ бар қалби Носируддин зад, то магар фурҷае ёбад,

PDF Compressor Free Version

ки аз он мазиқ ҷон берун баранд. Носируддин ба ҳазме матин ва қадаме собит он ҳамларо рад кард ва Сайфуддавла дарраснд ва лашкари Абӯалиро дар миён гирифтанд ва ҷӯйҳои хун дар саҳрои он малҳама биронданд. Филони ҷангӣ ба хартум саворонро дармерабуданд ва дар зери пой паст мекарданд, то халқе номаҳдуд ва ҷамъе номаъдуд дар он маърака фано шуд. Ва Абӯалӣ ибни Бағрои ҳоҷиб ва Бектегини Фарғонӣ ва Арслонбек ва Абӯалӣ ибни Нуштекин ва Лашкаристон ибни Абӯҷаъфари Дайламӣ бо тоифае дигар аз маъорифи лашкари Абӯалӣ дар ҳиболаи аср гирифтор шуданд ва боқӣ дар ҳимояти зулмати қатом ва хифорати фурсати инҳизом аз мухтанақи он муқом бадар афтоданд. Ва Сайфуддавла бар ақиби эшон мерафт ва ба ҳуҷҷати қотеъи шамшер сору интисор аз эшон месутуд.

Он рӯз Сайфуддавла Маҳмуд дар изҳори осори мардонагӣ ва тақдими абвоби диловарӣ дастбурдӣ намуд, ки зикри он бар саҳифаи айём ва ҷаридаи аъвом боқӣ монд. Ва агар Рустаму Исфандиёр он ҳолат мушоҳадат кардандӣ, ба одоби сайфу синони ӯ иқтидо сохтандӣ ва бар осори дасту бозуи ӯ офарин кардандӣ ва аз қуввату шуҷоати ӯ достон заданд. Ва Абӯаливу Фоиқ аз он ҳазимат ба қалъаи Калот рафтанд. Ва ин қалъаест, ки бо иноии осмон ҳамиинон аст ва аз ҳаводиси замон дар амон, мурғ бар осмонаи қасраш макнати парвоз наёбад ва ҳам дар остонаи рафъаташ нарасад.

Ва Амираки Тӯсӣ эшонро он ҷо чанд рӯз меҳмонӣ кард, то кайфияти ҳоли лашкар ва ҳаёту вафот ва ҳалоку наҷоти ҳар як бад-эшон расид. Ва Абӯалӣ чанд сар фил, ки ба вақти вақъаи Нисобур гирифта буд, ба Амираки Тӯсӣ супурда буд ва ӯ дошт. Абӯалӣ ибни Бағро ва дигар асирон, ки дар ҳабси Носируддин буданд, ба Амирак нома навиштанд ва намуданд, ки «Носируддин моро дар хидмати хеш ҳозир кард ва навозиш фармуд ва умеди халос дод ва гуфт: Ҳамгинонро мутлақ гардонам бар он қарор, ки чанд сар фил, ки дар дасти туст, бо хидмат фиристӣ. Ва илтимос карданд, ки ин матлубро ба эъҷоб макрун дорад ва бад-ин

PDF Compressor Free Version

василат ба халоси эшон тавассул созад. «Ва Абӯалӣ дар тақдими ин боб ва исъофи ин тилба низ муболағат кард. Ва ӯ ба Фоиқ ба роҳи Абевард реҳлат карданд ва аз тангнои он мазиқ ба фусҳати саҳро таҳвил ҷустанд. Ва Амирак он филонро бо Носируддин фиристод ва бад-он хидмат бад-ӯ тақарруб кард. Ва чунон фаро намуд, ки дар он хидмат мустабид(д) аст ва бад-он қурбат мутафаррид. Пеши Носируддин ба мавқеъи қабул афтод ва макони ӯ бад-он сабаб маъмур гашт».

Ва чун Абӯаливу Фоиқ ба Абевард расиданд, Фоиқ ба роҳи Сарахс кӯч кард бе истишорату истеъломи Абӯалӣ. Пас Абӯалӣ кас фиристод ва гуфт: «Агар ту азсӯҳбати мо малул гаштай, ман ба ҳеҷ ҳол аз ту муфорақат нахоҳам кард ва дар ҳолат сирран ва зарран (56) ва шиддату раҳо тариқи мурофақату мувофақат хоҳам сипард, чи то ин ғоят ҳар ҳаракат, ки рафт, ба иттифоқи ҷонибайн ва тарозии якдигар буд ва агар ту тадбире андешидай ё маслаҳате дидай, ман тобеъ ва мутобеъи азми ту хоҳам буд ва аз анвори рушду ҳидояти ту иқтибос хоҳам кард. Ва инак, бар ақиби ту равона шудам».

Фоиқ таваққуф кард, то Абӯалӣ бад-ӯ расид ва ба Сарахс рафтанд ва аз он ҷойгоҳ рӯй ба Марв оварданд. Чун Носируддин аз эшон хабар ёфт, амир Сайфуддавларо ба Нисобур бигзошт ва ба кифояти кор ва ҳасми моддаи эшон мутакаффил шуд ва бар паи эшон бирафт. Ва эшон ба роҳи биёбони Омулшат даррафтанд бар вусуқи он, ки Носируддин бо касрати ҳишам ва ғалабаи лашкар... ба ҷое, ки обу алаф номумкин аст, ихтиёри он савод сурат набандад. Ва чун ба Омулшат расиданд, тариқи этизор ва тазарруъу ибтиҳол бо ҳазрати малик Нӯҳ аз сар гирифтанд. Ва Абӯалӣ Булҳусайни Касирро бад-ин сафорат номзад кард ва Фоиқ Абдурраҳмони Фақеҳро. Ва ҳар ду бирафтанд ва дар истеътоб ва истирзои малик Нӯҳ ҷидду ҷаҳд ба ҷой оварданд ва гуфтанд: «Ҳеҷ латифае аз хасоиси подшоҳон дар муқобалаи караму раҳмат ва қабули маъзарат наёяд ва маликро дар ин боб ба анвори лутфи

PDF Compressor Free Version

Борин Таъоло иқтидо бояд фармуд, ки бо камоли иззату қудрат ва ҷалоли кибриёву азамат бар ҷароиру ҷароими бандагони осӣ пардаи сатр фурӯ мегузорад ва дар уқубату муохазати эшон эҳмолу имҳол мефармояд, то эшон рушди хеш бубинанд ва бар қабоеҳи аъмолу фазоеҳи афъоли хеш воқиф шаванд. Ва чун аз дари тавбату инобат дароянд ва ба қадами истиғфору эътизор биистанд, тавбати эшон қабул кунад ва гуфтаи эшон ба назари авфу мағфират мулоҳазат фармояд... Ва пӯшида нест, ки Абӯаливу Фоиқ ду бандаи ҳазратанд ва агарчи самти исён доранд ва дар куфрони неъмат қадамҳо гузоридаанд ва хотири мунаввари маликро озурда, ҷон хеш бидиданд ва сазои худ ёфтанд ва қадри неъмати ризои Малик бишнохтанд. Ва бандагони қадим ва хидматгорони маврус бар мисоли кабӯтарони сарой бошанд, ки агарчи дар фазои ҳаво парвоз кунанд ва гирди ҷаҳон бароянд, оқибат ба масканн қадим гароянд ва сар бо нишемани маъҳуд ниҳанд. Ва инак, ба Омул бар амали раҳмату рафъати Малик нишастаанд ва бо теғу кафан ба зинҳор омада ва мегӯянд: Агарчи гуноҳи мо бисёр аст, карами Малик беш аст ва агарчи маҷоли узри мо танг аст, арсаи ҳиммату миннати подшоҳ фарох аст...»

Чун ин рисолат эрод карданд, сафири Фоикро бигирифтанд ва дар матмурае маҳбус карданд. Ва расули Абӯалиро бинавохтанд ва бар ваҷҳи ҷамил гусел карданд ва фармуданд, ки Абӯалӣ ҳолиро ба Ҷурҷона равад ва он ҷо муқим бошад, то андешаи ташрифу тартиби нонпораи ӯ ба имзо расад. Ва навишта ба Маъмун ибни Муҳаммад — волии Ҷурҷона навиштанд, то мақдами ӯро мукаррам дорад ва ба иқомати мавоҷибу ҳавоиҷи ӯ қиём намояд, то он чи муқтазии раъй бошад дар ҳаққи ӯ тақдим афтад.

Фоиқ аз илғои калима ва радди маъзарати ӯ ва хитобе, ки бо сафири ӯ рафт, дар хашм шуд ва дил бар он ниҳод, ки аз Ҷайҳун бигзарад ва ба Эликхон илтиҷо созад ва дар аъдоди хидаму ҳишами ӯ мунхасир шавад. Абӯалиро гуфт: «Мақсуд аз ирсоли ту ба хиттаи Ҷурҷония ва илтифоте, ки ба ҷониби ту кардаанд, тафриқаи зотулбайни мо аст ва

он ки силсилаи иттиҳоду мувофақати мо аз ҳам фурӯ гушоянд. Ва агар ба назари басират мулоҳаза кунӣ ва аз хиёнате, ки мо дар ин Малик кардаем ва ҷинояте, ки бар тамодии айём ангехта, ёд дорӣ, пӯшида намонад, ки тамаъи салоҳ ва таваққӯъи магфирату иғмоз оҳани сард кӯфтан бошад ва худро ба ишваи муҳол дар доми бало андохтан. Савоб он донам, ки сӯҳбати ман фурӯ нагузорӣ ва худро дар маърази хатар наёрӣ ва аз ҷодаи танаббӯҳ ва тайаққуз зостар нашавӣ...»

Тақдири Бории Таъоло чашми басирати Абӯалӣ бозбаст ва гӯши ҳуши ӯ аз истимоъи он мавоъиз ва иттиъоз бад-ин насоеҳ кар сохт, то мусоъадати Фоиқ фурӯ гузошт ва роҳи мубоъадат пеш гирифт ва худро ба дасти хеш дар вартаи ҳалок афканд ва ба пои хеш ба доми меҳнат рафт...

Ва дар он манзил аз якдигар муфорақат карданд. Фоиқ аз Ҷайҳун бигузашт ва бо эҳтимоми Эликхон тамассук сохт. Ва аз Бухоро Бектузунро ҳоҷибро бар паи ӯ бифиристоданд ва ба ҳудуди Насаф ба ҳам расиданд ва бе муҳорабату муновашат аз якдигар паҳлӯ тиҳӣ карданд. Ва Фоиқ пеши Эликхон қабули тамом ёфт ва ба макони маъмур ва маҳалли мармуқ малҳуз шуд ва ӯро ба анвоъи эъзоз ва ақсоми икром бинавохт ва ба назму кору ислоҳи ҳоли ӯ мутазаммин ва мутакаффил шуд. Ва Абӯалӣ ҷоддаи савоб гум кард ва аз мусоъадати тавфиқ маҳрум монд ва қазо дидаи басирати ӯ бардӯхт, то аз сақли авзор ва сӯи аъмоли хеш гофил монд...

Абӯалӣ дар роҳи Ҷурҷония чун ба марҳалаи Ҳазорасф расид — ва он деҳе аст ба наздики Хоразм бар ҷониби газнӣ — Абӯабдуллоҳи Хоразмшоҳ нузуле бад-ӯ фиристод ва ба сабаби тахаллуф аз хидмати истиқбол узр хост ва меъод ниҳод, ки фардо ба хидмат расам ва ба мушофаҳа узри тақсир хоҳам ва ба қазои ҳаққи мақдам қиём намоям. Ва чун шаб даррасид, ду ҳазор савору пиёда бифиристод, то дар макомини оҷом ба вақти иртикоми залом бар ӯ шабехун кунанд ва рӯи заминро аз ӯ холӣ гардонанд...

...Ва яке, ки заъими он қавм буд, ӯро радиф кард ва ба вақти субҳи рӯзи шанбе гурраи моҳи рамазон санаи

ситта ва самонина ва салосумиа (386/IX.996) ӯро пеша Хоразмшоҳ бурд. Бифармуд, то ӯро дар қасре маҳбус карданд ва вуҷӯҳи лашкару маъорифи ӯро бигирифт ва ҳамгинонро дар силсила кашид ва банд барниҳод ва муноди ба шаҳр фиристод, ки ҳар он кас, ки аз асҳоби Абӯалӣ ин ҷойгоҳ таваққуф созад, ба ибоҳати хуни ӯ рухсат додем ва фармудем, то якеро зинда нагузоранд. Аз ин эъзору инзор ҳама чун ҳуруфи таҳаҷҷӣ аз якдигар фурӯ гусастанд... Ҳоҷиби ӯ — Элманку бо ҷамъе аз он миён берун шуд ва ба Ҷурҷония рафт.

Чун Маъмун ибни Муҳаммад — волии Ҷурҷония аз ин ҳол огаҳ шуд, оташи ғайрат дар ниҳоди ӯ забона зад ва қалақу изтироби ҳамийят бар ӯ муставлӣ гашт. Ҷамароти лашкару анҷоди ҳишами хешро ҷамъ кард ва эшонро бо ҳишаме бисёр ва тоифае, ки аз бақоёи хидами Абӯалӣ дар рибқаи тоъату мутобаъати Элманку мунтазам буданд, бар сари Хоразмшоҳ фиристод. То чун тавқ пиромуни шаҳри Кот, ки нишемани Хоразмшоҳ буд, даромаданд ва аз ҳар ҷонибе фавҷе камин бигушуданд ва азнобу раҷҷолаи Хоразмшоҳро ба теғи интиқом гирифтанд. Баъзеро бикуштанд ва дигаронро овора карданд ва Хоразмшоҳро ба даст оварданд ва қайде, ки бар пои Абӯалӣ буд, бар каъби ӯ ниҳоданд ва дар як лаҳза ҳолати ҳар ду шахс мутабаддил шуд ва амир асир гашт ва асир амир шуд ва «золика алаллоҳи йасирун» (57).

Ва Абӯалиро ба икрому эҳтироми тамом ба Ҷурҷония бурданд ва Хоразмшоҳро дар либоси изолу кисвати накол бар маркабе бастанд ва ба Ҷурҷония расониданд. Ва Маъмун ибни Муҳаммад ба истиқболи Абӯалӣ берун омад ва дар иҷлоли қадр ва табҷили маҳаллу таъзими макон ва иқомати расми тавозӯъ ва тафассӣ аз ӯҳдаи ҳаққи вифодат аз пӯст берун омад ва ба анволи вофир ва иқомоти бисёр ва бахшишҳои комил бад-ӯ тақарруб намуд, то ҳоли ӯ ва бақоёи ҳишам ба салоҳ бозомад ва халал ҳама мунҷабир шуд. Ва аз баҳри ӯ даъвате сохт ва мизбоние кард, ки мисли он дар он аҳду дигар уҳуд маъҳуд набуд. Ва шароб ҳозир кард ва Абӯалӣ муддатҳо буд, ки аз муъошарату

PDF Compressor Free Version

мубошарати маъозифу малоҳӣ эъроз карда буд ва ба сабаби ҳаводиси миҳану таворики фитан аз шароб таҷофӣ намуда. Чун ба ҷаноби Маъмун расид, баъд-ӯ дилнамудагӣ кард ва ба дӯсткоӣ дар хидмати ӯ ба зону даромад, бистад ва бозхӯрд. Чу давре чанд бигардид ва сурати шароб асар кард, Хоразмшоҳро бо тахтбанде, ки дошт, ҳозир оварданд. Ва чандон ки бо ӯ сухан гуфтанд ва дар маломат муболагат карданд, ҷавоб надод ва сар аз хиҷолат барнадошт ва охири кор ба як тазриби шамшер сари ӯ дар миёни маҷлис андохтанд...

Ва Хоразм Маъмунро мустасфо шуд ва бо тадбири девони ӯ омад ва бо дигар вилоёти мамолики ӯ музоф ва мунзам (м) гашт. Ва дар ҳаққи Абӯалӣ ва шафоат дар боби ӯ ба ҳазрати Бухоро муфотаҳат огоз ниҳод ва андар хостани қабули тавбат ва инобату эъроз аз савобиқи ваҳшат муболағат кард. Ва малик Нӯҳ ба исъофи матлуб ва инҷоҳи мақсуд ва тақдими мултамаси ӯ мисоле чун саҳифаи муталаммис исдор фармуд (58) ва Абӯалиро пеш хонд. Асрори қазо лавҳи хотири ӯро ба анвоъи хаводеъ амонӣ бинигошт ва саҳифаи димоғи ӯро ба музахрафоти ғурур ва таманнои муҳол пур кард, то чун парвона пазирам оташи дамор шуд ва рӯй ба мазҷаъи ҳалоки хеш овард ва мӯъҷизаи «лабараза-л-лазина кутиба алайҳим-ул-катлу ило мазоҷиъиҳим» (59) дар васфи ҳоли ӯ зоҳир гашт.

Ва чун ба Бухоро расид, вазир Абдуллоҳи Ғурайр ва табақоти маъорифи ҳуҷҷобу куттоб ба расми таҳнияти қудум истиқбол карданд. Ва чун ба фазои Саҳла расид, фуруд омад ва заминро бӯса дод ва дар миёни кавкабаи хавоссу ҳуҷҷоб пеши тахт рафт ва дар мавқифи хиҷолату маъразн куфрони неъмат сар дар пеш андохт. Ва Элманку ва дигар қувводу бародарону вуҷӯҳи асҳоб ӯро фурӯ оварданд ва ба хидмати тахт бурданд.

Малик фармуд, то ҳамгинонро бигирифтанд ва дар қайди асор кашиданд ва дасти салбу ғорат ба хишаму хидами ӯ дароз карданд ва созу силоҳу мавошӣ ҳама бистаданд. Ва саҳифаи умри Абӯалӣ бар он сурат хатм шуд...

PDF Compressor Free Version

Дар ин вақт Носируддин ба Марв муқим буд. Чун хабари воқиъаи Абӯалӣ бад-ӯ расид, ба Балх рафт ва навиштае аз малик Нӯҳ бад-ӯ расид, ки: «Эликхон ба сарҳади вилоят омадааст ва азми муғолабат мусаммам дошта ва уммоли он аъмолро ба мутолабати муомалот муохазот карда. Лоиқи шафқат ва ҳунувву меҳрубонӣ он бошад, ки саниъае, ки тақдим доштаӣ, ба итмом расонӣ ва саъйе, ки дар назми ҳолу мулки мо пайвастаӣ, бад-ин эҳтимом мутарраз гардонӣ ва як боре аз баҳри дафъи хоин хоин тачашшум намоӣ ва ин гиреҳ ҳам ту ба дасти ғано ва шафқати хеш бозгушоӣ».

Носируддин вуҷӯҳи хавоссу куфоту дуҳоти ҳазрати хеш ҳозир овард ва дар айбу ҳунар аз хатову савоби ин воқиъа истифто кард. Дар ин боб ҷавобҳои мутафовит доданд ва андешаҳои мухталиф карданд. Аз ҳама эъроз кард ва аз истишорат ба истихорат гароид ва ирқи ғайраташ нобиз шуд ва қуввати ҳамийяту асабийяти ӯ дар эҳтироз омад ва нахост, ки коре, ки дар тамшияти он қадам гузорида бошад, ба доъияи фатрате дар таваққуф афтад ва бувёде, ки дар тартиби мулке ниҳода бошад, ба оризаи тақсире мунтақиз гардад. Дабирро пеш хонд ва ба атрофу ақтори мамолики Хуросону Ғазнину Зовулистон ба истидъои лашкар амсила равона кард. Ва наҳзат фармуд ва ба деҳе, ки ӯро Ниёзӣ хонанд — миёни Кешу Насаф — фурӯ омад, то лашкари Ҷурҷону Хутталу Сағониён ва дигар атроф бад-ӯ пайваст. Ва Сайфуддавла Маҳмудро аз Нисобур бихонд ва ӯ бо лашкаре ороста ва ҷамъе анбӯҳ бирасид.

Ва чун Эликхон аз эҳтишоду истеъдоди эшон хабар ёфт, кас аз маъорифу машоихи давлат ба Носируддин фиристод. Ва рисолате, ки мутаҳаммили он буданд, адо карданд ва гуфтанд: «Эликхон мегӯяд: миёни мо ухуввати динӣ ҳосил аст аз ҷиҳати он, ки айёму соъоти мо масруф аст ба муҷоҳадати куффори турку ҳинд ва изҳори даъвати хақ(қ) ва нусрати калимаи дин ва қамъи аҳли ширку инод ва қахри ҳизби фиску фасод. Ва Нӯҳ дар воситаи мамлакат мураффаҳ гашта ва иртифоъоти Хуросону Мовароуннаҳр бар маъозифу малоҳӣ ва малоззу шаҳвот сарф меку-

PDF Compressor Free Version


над. На исломро аз ӯ мададе ва на дар ҳифзи сағре аз ӯ муъованате. Лоиқтар он ки ин вилоят аз ӯ холӣ кунем ва абвобулмоли он бар аъвони дин ва ансори ислом ва ғуззоту муробитон, ки дар ҷумлаи ҳишами мо мунтазаманд масруф дорем ва моро бо якдигар ҳашамат барандохтан ва бунёди хусумате ниҳодан ва атбоъи хешро дар маърази хатаре овардан, ки мазаррати он ба мо бозгардад ва ба фоидати он дигаре интифоъ намояд, аз қазияти ҳазм ва минҳоҷи рушд дур аст. Ва ман худ аз муқтазии дин ва тариқи диёнат раво надорам, ки шамшере, ки ҳама умр бад-он муҷоҳадат кардаам ва дар диёри куфр бад-он эҳтисобу иктисоби савоб ҷуста, дар рӯи аҳли ислом кашам ва визру вуболи охират андӯзам, магар аз сари зарурате ва дафъи мазаррате, ки рухсати шариат бад-он мақрун бошад, лаин басатта илайя йадака литақтуланӣ мо ано бибоситин йадо илайка лаақтулака иннӣ ахофу-л-лоҳа рабба-л-оламина» (60).

Носируддин ҷавоб дод, ки: «Малик Нӯҳ подшоҳе бузургвор аст ва аслофи ӯро бар коффаи аҳли ислом ҳуқуқи фаровон собит ва мулуки ҷаҳону умарои атроф ҳама саноеъи давлату рабоиби неъмати хонадони қадиму дудмони карими ӯанд. Ва чун мавлӣ ва хидами ӯ бар ӯ бағӣ карданд ва роҳи инод пеш гирифтанд, бар ман эътимод кард ва ба ман эътизод намуд ва ман ба хидмату ҳифзу ҳиросати давлат ва мамониат аз арсаи мамлакати ӯ забон додаам ва мултазам шуда. Ва агар ҷону молу лашкари ман дар таассуб ва тағаззуб аз баҳри ҳифзи масолеҳ ва забти мамолик ва иъонати авлиё ва иҳонати аъдои ӯ барбод хоҳад омад, ҷониби ӯ фурӯ нагузорам ва бо душманони давлати ӯ дарнасозам ва ҳам аз рӯи шаръ ва ҳам аз тариқи футувват дафъи зарару удвон ва бағйу туғёни ту аз соҳати мулк ва ҳавзаи милки ӯ дар зиммати ҳиммати ман воҷиб аст ва насси Қуръони маҷид ба зикри он ворид: «Фаин бағат эҳдоҳумо ала-л-ухро фақотилу аллати табғӣ ҳатто тафиа ило амри-л-лоҳи» (61).

Эликхон чун ин ҷавоб шунид, мустаъидди кор шуд ва тирҳои ятоқ ба ақтори мамолик ва манозили аҳёи турк ва

PDF Compressor Free Version



қабоили ҳишами хеш фиристод ва лашкаре фароҳам овард, ки кӯҳу ҳомун аз он ба ҷӯш омад ва фазои ҷаҳон аз касрату ҷамъияти эшон танг шуд...

Ва Носируддин ба малик Нӯҳ мусриъон давонид ва гуфт: «Таҷашшум бояд фармуд ва бар сабили таъҷил наҳзат бояд кард, то ба ҷавоби хасм қиём намуда ояд, чи ҳузури роёти Маликро ду фоида бошад: яке он ки авлиёи давлатро ба мушоҳадаи карим қуввати дил ва нишоти ҳаракат ва ҳирси мамониат зиёдат гардад. Ва дуввум он ки хасмро аз равъати Малик ва уббуҳати салтанату ҳайбати чатри маймун шикастагӣ ва заъфи дил ҳосил ояд».

Малик Нӯҳ бо вазир Абдуллоҳи Ғурайр машварат кард ва ӯ ба сабаби нисбате, ки дар муқаддима ёд карда омадааст, мусташъару ҳаросон буд. Маликро гуфт: «Носируддинро лашкаре беандоза ҷамъ аст ва созу таҷаммуле фаровон ва зинате комил ва тазоҳуми ҳаводис ва тарокуми навоиб ҳазрати салтанатро созе лоиқ бинагзошт, ғазозате тамом бошад муҷовирати касе, ки дар ухбат ва уддати подшоҳӣ бештару пештар аз Малик бошад. Тариқ он аст, ки коффаи мамолику умаро ва маъорифи ҳазрату оммаи ҳишам ба хидмати ӯ пайвананд ва фармуда ояд, то ҳамгинон мутовеъ ва мутобеъи раъйи ӯ бошанд ва Малик ба узре таъаллул созад ва аз ҳузур истеъфо хоҳад ва ҳукми ӯ дар мубошарати он кор ва мулобасати он муҳим(м) мутлақ гардонад».

Малик Нӯҳ он ишва бихарид ва ба зарқу шаъвазаи ӯ мағрур шуд ва бар ин муҷиб нома ба Носируддин навишт ва лашкарро ба хидмати ӯ фиристод. Носируддинро вуқуф афтод, ки сабаби ин имтиноъу тақоъул тағрир ва тасвили Ибни Ғурайр аст ва мақсуди ӯ дар ин боб он будааст, то саъйи Носируддин ва истиҷмоъи лашкарҳо ва истикмоли асбоб ва мақосоти сафар ва муъоноти хатар зоеъ монад. Сайфуддавла Маҳмудро бо бист ҳазор савор тартиб дод ва ба Бухоро фиристод, то тавъан авкарҳан (62) малик Нӯҳро ба рӯйи кор оранд ва ӯро ба ихтиёри хеш бознагзоранд. Ва Абӯнаср ибни Абӯзайдро ба вазорат номзад кард ва дар сӯҳбати ин лашкарҳо ба Бухоро фиристод.

PDF Compressor Free Version

Абдуллоҳ ибни Ғурайр чун аз ин ҳол хабар ёфт, ҷаҳон бар ӯ танг шуд ва «алфирору биқироби акясу» (63) бархонд ва ба маҳрабе илтиҷо сохт ва мутаворӣ биншаст. Ва Абӯнаср ибни Абузайд ба ҳазрат расид ва малик Нӯҳ бар ҳукми Носируддин мазиде наҷуст ва вазорат бар вай муқаррар фармуд ва ӯ ба кифояту киёсати хеш ба низоми он кор қиём намуд ва равнақе бо мансаби вазорат овард ва умури мулк бо забт гирифт ва таҳоруку талофии халалҳо, ки ба сӯи тадбири Ибни Ғурайр ҳодис шуда буд, бар накӯтар ваҷхе ба ҷой овард...

Ва Носируддин ба малик Нӯх нома навишт ва дар тақрири хиёнати Ибни Ғурайр ва майли ӯ ба ҷониби Абӯалӣ ва муноҷалат аз ҷиҳати ӯ ва иттиҳоди эшон ва истизҳор ба ҷониби якдигар имое кард ва дархост, ки ӯро ба вай фиристад. Ин илтимосро ба иҷобат мақрун дошт ва пеш аз вусули Сайфуддавла Ибни Ғурайрро ба даст овард ва ӯро ва Элманку — ҳоҷиби Абӯалиро бад-ӯ фиристод. Ва ӯро фармуд, то эшонро ба қалъаи Чардин бурданд ва дар маҳбасе андохтанд, ки агар дар хоб хаёли он ваҳшат бидидӣ, зиндагонӣ бар ӯ мунаггас гаштӣ ва рӯз бар чашми ӯ торик шудӣ ва ҷаҳон бар ӯ танг омадӣ.

Дар ин миён Эликхон бо қабоил ва хуюли Туркистон ба аъолии Мовароуннаҳр расид ва ба Носируддин расул фиристод ва калимаи мусолаҳат ва масъалаи муходанат аз сар гирифт ва ӯ ба ҳукми тафоӯл ва тақоъуди малик Нӯҳ аз кифояти ин муҳим(м) ба сулҳ тан дардод. Ва миёни эшон муоҳадае рафт, ки Қатавон (64) садде ҳоил ва ҳадде монеъ бошад миёни ҳар ду мамлакат ва аз ҷонибайн бар ин қарор мазиде наравад ва мухолафати шарт ва нақзи аҳд накунанд. Ва Самарқанд ба ҳукми шафоати Эликхон ва риояти ҳуқуқи хидматкории қадим бар Фоиқ муқаррар доштанд ва бар ин мӯҷиб васиқае муштамил бар хутут ва шаҳодоти аимма ва машоихи Мовароуннаҳр таҳрир афтод ва рӯй аз якдигар битофтанд ва ҳар як бо вилояти хеш рафт.

Носируддин бо Балх омад ва Сайфуддавла бо Нисобур. Ва малик Нӯҳ аз фитнаи лашкари турк ва дилмашғулӣ

PDF Compressor Free Version

аз ҷониби эшон эмину фориғ гашт. Ва Абӯнаср ибни Абӯзайд ба назми кори вазорат машғул шуд ва ба ҳукми таҷаллуси вилоёт ва тароҷӯъи абвобулмол ва аҷзу инкисори мукомадот даст ба тақрироту мувоқифоту исороти вуҷӯҳ баровард ва ба санъату ҳилат рӯзгор мегузошт ва хуне ба хуне мешуст.

Чун панҷ моҳ аз тақаллуди вазорати ӯ бигузашт, чанд ғулом аз они ӯ даст бад-ӯ бароварданд ва ӯро бикуштанд. Ва малик Нӯҳ аз ин воқеъа ба ғоят кӯфта ва тангдил шуд ва аз қароҳияти Носируддин ва шубҳате, ки дар ин боб ҳодис гардад ва нисбати ризое, ки дар ин ҳодиса бад-ӯ кунанд, мутаҳаррир гашт ва дар он мусибат осори тафаҷҷӯҳ ва таваҷҷӯҳ зоҳир гардонид ва аз сарои эморат берун омад ва бар вай намоз кард ва ҷониёнро ба даст оварда ва ҳамаро ба наколе тамом ҳалок кард...

## ЗИКРИ АБУЛҚОСИМ ИБНИ СИМҶУР ВА ҲОЛАТИ Ӯ БАЪД АЗ МУФОРАҚАТИ БАРОДАРАШ — АБӮАЛӢ

Абулқосим баъд аз вафоти Абӯалӣ бо гӯшае нишаст, то рояти Носируддин ба Хостар расид. Рӯй ба хидмати ӯ ниҳод ва ба мутобаъати рояти ӯ истисъод ҷуст. Ва Носируддин ӯро ба тамкини тамом қабул кард ва бар икроми мақдам ва эъҷоби ҳаққи ипфолати ӯ тавоффур намуд. Ва ба Малик нома навишт ва дар ҳаққи ӯ сухан гуфт ва вилояти Кӯҳистон, ки иқтоъи қадими Симҷӯриён буд, аз баҳри ӯ бихост. Ва Малик ин илтимосро ба исъоф мақрун гардонид ва маншури вилояти Кӯҳистон бад-ӯ фиристод музоф(ф) бо ташрифот ва хилъатҳои гаронмоя. Ва хидмати ӯро ба назари қабул ва мавқеъи эҳмод гардонид.

Ва Абулқосим ба сари вилоят рафт ва ба фароғи хотир ва тамаънинати дил қарор гирифт, то ин вақт, ки Носируддин рӯй ба мудофаат ва мамонияти Элякхон оварда. Мисле ба истидъои ӯ равона кард ва ӯро ба мувофақати ҷамъ ва музоҳарати қавм ва нусрати даъвати малик ва муғолабати душмани давлат хонд. Ва аз сари сӯизан(и) ва муҳофати офати оқибат ва ҳароси вахомати хотимат ва қурби

PDF Compressor Free Version

аҳд ба ҳодисаи бародар узре ниҳод ва ба иллате тамассук ҷуст ва аз иҷобати он даъват тахаллуф намуд. Ва чун донист, ки мухолафати ҳукм ва имтиноъ аз мувофақат оқибате вахим дорад ва хотимате замим ба исён муҷоҳарат кард ва ба ҳукми он, ки арсаи Хуросон холӣ ёфт, ба Нисобур рафт. Ва Абӯнаср ибни Маҳмуди ҳоҷиб бад-ӯ пайваст ва ҳар ду даст ба айсу фасод ва истеҳсоси амвол ва мусодароти уммол ва тахрибӣ билод ва таъзиби ибод баровардаид.

Чун ин хабар ба Носируддин омад, ба Сайфуддавла навишт, то рӯй ба Нисобур ниҳад. Ва бародари хеш — Бағроҷакро ба мадади ӯ фиристод, то кори эшон дарёбад ва пеш аз тафоқуми шарру иштиъоли ноираи эшон ба кифояти он муҳим(м) қиём намоянд. Ва бар изъоҷу ирсоли эшон қаноат накард, то хештан аз Балх наҳзат фармуд, ва бар асари эшон биёмад ва эшон ба як рақзат бар сари хасм давониданд. Ва Абулқосим аз наҳиби он ҳашар ва осеби он лашкар ва хавфи он ду сарвар сипари ҳазимат дар пушт кашид ва роҳи гурез баргирифт ва ба ҳудуди Ҷурҷон омад. Ва Сайфуддавла ва Бағроҷак баъд аз фароғ аз муҳимми Абулқосиму соҳибаш ва тафриғи Хуросон аз фасоди эшон бо ҳазрати Носируддин омаданд ва аҳди хидмати ӯ тоза карданд...

Ва чун Абулқосими Симҷӯрӣ дар замони амони Фахруддавла гурехт ва ба вилояти ӯ илтиҷо сохт ва дандон аз ҳудуди Хуросон барканд, ӯро ба ҳудуди Домғону Қумису Ҷурҷон хонд ва аз муомалати он навоҳӣ мавоҷибу иқомати ӯву лашкараш тартиб дод ва хотимаи кору маоли ҳоли ӯ дар мавзеъи хеш шарҳ дода шавад, иншоаллоҳу таъоло.

Ва баъд аз ҳодисаи Абӯнаср ибни Абӯзайд малик Нӯҳ Мӯниси ходимро ба ҳазрати Носируддин фиристод ва дар тафвизи вазорат ба касе аз куфоти Малик, ки назми умур ба раъйи ӯ манут ва мазбут бошад, машварат кард. Носируддин ин ихтиёр ба раъйи Малик тафвиз кард ва ба хидмати ҳар кас, ки раъйи ӯ ихтиёр кунад аз вузаро, мултазам шуд. Ихтиёр бар Абулмузаффари Базғашӣ афтод ва ӯ ба хилъате лоиқи сиёдат ва мувофиқи кифояти ӯ аз

ҳазрат мушарраф гашт ва дар мулобасати он мансаб осори ҳасофат ва далоили саромат зоҳир гардонид ва оини хуб ниҳод ва то хотимати умри малик Нӯҳ мубошири он шуғл буд.

...Ва малик Нӯҳ дар сездаҳуми раҷаби санаи сабъа ва самонина ва салосумиа (387/23.VII.997) ба оризаи ду—се рӯза ба ҷавори раҳмат рафт ва бо ҳасрати шубоб ба манзили туроб таҳвил кард. Ва куттоби ӯ ӯро «амири разӣ» лақаб доданд ва каримае аз каровими Носируддин, ки шақиқаи рӯҳи ӯ буд, бо чанд кас аз атфоли авлоду аҳфод ва ахоири мамолики ӯ ба дори бақо реҳлат карданд. Ва хотимаи кори ӯ ба иллате саъб мумтаҳан гашт ва ҳали фулфирош шуд ва умед аз тамоил ва интиъош бардошт ва ба обу ҳавои Ғазна муштоқ гашт ва ба рӯҳи он вилоят истирвоҳ ва истишфоқ талабид. Ҳукми қазо ва тақдири худо он имкон надод ва он умнийят ба ҳусул мавсул на шуд ва дар манзиле аз маноэил ҷон ба ризвон супурд ва қолаби ӯ дар аморӣ ба Ғазнин нақл карданд.

...Ва бар ақиби ин ҳодиса хабари вафоти Фахруддавла Алӣ ибни Бӯя бирасид ва ҳар ду дар шаъбони санаи сабъа ва самонина ва салосумиа (387/VIII.997) сипарӣ шуданд.

...Ва маоли ҳоли эшон баъд аз вуқӯъи ин масоиб ва ҳудуси ин разоё он буд, ки Алӣ — писари Маъмун ибни Муҳаммад ҷои падари хеш бигирифт ва лашкар бар ӯ байъат карданд ва ҳукми ӯ дар вилояти Ҷурҷония ва Хоразм нафоз ёфт ва ба қарори маъҳуд бозрафт. Ва виросати малики разӣ — Нӯҳ ибни Мансур ба валиаҳди ӯ — амир Абулҳорис расид ва байъати табақоти лашкар бар аморату салтанати ӯ мунъақид шуд ва ӯ хазоини маврус ва захоири мадфун бар ҷамоъати атбоъ тафриқа кард, то калимаи ҳама дар мутобаъату мутоваъати ӯ ба иттифоқ пайваст. Ва вазир Абулмузаффари Базғашӣ бар қоидаи хеш дар маснади вазорат муқим ва мустақим шуд.

Аммо Носируддин дар ҳаёти хеш писари худро — амир Исмоил — валиаҳд кард ва васояти авлод ва мухаллифон бад ӯ тафвиз фармуд. Ва чун ваъдаи ҳақ(қ) бирасид, коффаи авлиёи ҳишам ба мутобаъати ӯ мубодарат намуданд

PDF Compressor Free Version

ва дар рибқаи тоъату убудийят мунқод гаштанд ва васояти амири мозӣ дар мутобаъати рояти ӯ ба имзо расониданд. Ва ӯ хазоини махтум ва дафоини маълум пеш хост ва ҷамъи он захоир ба тафриқ расонид ва маҷмӯъи он аълоқ дар вуҷӯҳи арзоқи табақоти ҳишам инфоқ кард. Ва аммо Фахрудлавла — ҷамоъати Дайлам баъд аз вафоти ӯ бар писари ӯ — Маҷдуддавла Абӯтолиби Рустам ҷамъ шуданд ва ӯро бар тахти мамлакат ва сарири аморат биншонданд. Ва аз девони хилофат ӯро «Маҷдуддавла ва Қаҳфулмилла» лақаб доданлаш...

...Ва чун тоҷи мамлакат ва сарири салтанат ба рувои аниқ ва ликои баҳийи Абулҳорис Мансур ибни Нӯҳ ороста шуд ва ӯ дар матлаи умр ва муқтабали шабоб ва таровати ҷавонӣ ва субҳи маъонӣ буд ва анвори наҷобат ва табошири исобат бар саҳифаи рӯи ӯ возеҳ ва осори нуҷӯҳ ва иқбол дар тазоифи ҳаракот ва саканоти ӯ лоеҳ. Вазорат бар Абулмузаффари Базғашӣ бар қонуни қадим муқаррар дошт ва зимоми умур ва кафолати ҷумҳур ба Фоиқ тафвиз кард. Ва Абдуллоҳ ибни Ғурайр аз касли Носируддин ба аъолии Мовароуннаҳр афтод. Чун хабари вафоти малик Нӯҳ бад-ӯ расид, Абӯмансури Испиҷобиро дар заъомати ҷуюши Хуросон томеъ кард ва ӯро бар он дошт, ки ба Эликхон дар ин боб истиъонат кунад ва мадад хоҳад, то мулки Хуросон барои ӯ мустахлас гардонад. Ва ҳар ду ба тақрири ин ҳол ва тамҳиди ин қоида пеши Эликхон рафтанд. Ва Эликхон сухани эшон мақбул дошт ва бо эшон мусоҳабату мурофақат кард, то Самарқанд биёмад. Ва дар ин миён рӯзе Абӯмансур бо фавҷе андак аз хавоссу хуҷҷобу асҳоби хеш пеши Эликхон шуд ва эшонро ба иллати меҳмонӣ боздгирифт ва лашкару ҳишам ба тартиби муқом ва тазриби хиём машғул шуданд. Бифармуд, то Испиҷобӣ ва Ибни Ғурайрро бигирифтанд ва ҳар якро тахтбанде маҳкам барниҳоданд. Ва ба Фоиқ пайғом фиристод ва ӯро ба ҳазрати хеш хонд ва чун пеши маҷлиси ӯ расид, қиёми тамом ба ҷой овард ва ба икрому эҳтиром истиқбол

PDF Compressor Free Version

кард ва се ҳазор савор дар мавкиби ӯ равон кард ва ӯро бар муқаддима бар савби Бухоро фиристод.

Чун Абулҳорис аз ин ҳол огоҳ шуд, мутахаййир гашт ва райъи ӯ аз тадбиру тартиби масълаҳати вақт қосир омад ва савоб он шинохт, ки ҷумхури асҳоби хешро ҳозир гардонид ва аз Ҷайҳун бигузашт. Чун Фоиқ ба Бухоро расид, пеши тахт рафт ва замин бибӯсид ва ба ҷои хуҷҷоб бистод ва ҷазъан бисёр намуд ва бар муфорақати амир Абулҳорис аз сарири салтанат ва ҷои аслоф ва манзили аҷдод зориҳо кард ва машоихи Бухороро бар ақиби ӯ фиристод ва тазаррӯъҳо намуд ва ӯро бо мустақарри мулки хеш хонд ва ба тоъату табоъати ӯ тазоҳур намуд. Ва чун Абулҳорис ин аҳвол шунид, восиқ шуд ва бар он эътимод кард ва мисоли муштамил бар шукри масоӣ ва эҳмоли мавқеи хидмат ва иртизои ҷумлаи тоъат ба Фоиқ исдор кард...

Ва Абулҳорис бадон ҳолат иртиёҳ намуд ва Бектузун, ки амири ҳоҷиби бузург буд, ба сипоҳсолории лашкар ба Нисобур фиристод ва ӯро «Синонуддавла» лақаб дод ва хештан рӯй ба Бухоро овард. Ва Фоиқ ба истиқболи ӯ рафт ва ба шароити хидмату убудийят қиём намуд ва дар мавкиби ӯ бо ҳазрати аморат омад ва оташи фитна фурӯ нишаст...

Ва миёни Фоиқу Бектузун мушоҳанате қадим қоим буд ва мутонзате қавӣ мустамир(р). Амир Абулҳорис дар изолату изоҳати он саъй намуд ва зотулбайни эшон маъмур гардонид, то калимаи ҳар ду дар хидмати ҳазрат муттафиқ бошад ва қадами эшон дар муволоти давлат росиву росих. Ва Фоиқ аз сари гузашта даргузашт ва ба ухуду мавосиқ истизҳор дод ва испаҳсолорӣ бар Бектузун муқаррар шуд. Муомилоти Хуросон аз баҳри девони салтанат ҳосил мекард ва ба ҷибояти амвол истиқлол менамуд ва ҳукми Хуросон бемуъоризе ва мунозеъе бо хештан гирифт, то деви фитна дар мустақарри димоғи ӯ ошён сохт ва ба қасди валинеъмати хеш берун омад ва мулки қадим ва дудмони карими Оли Сомон барбод дод ва баднomie андӯхт, ки то абад ори он ва хизйи он ҳаракат боқӣ хоҳад буд...

PDF Compressor Free Version

# ЗИКРИ ОН ЧИ МИЁНИ АБУЛҚОСИМ ИБНИ СИМҶУР ВА БЕКТУЗУН ҲОДИС ШУД

Абулқосими Симҷӯрӣ ба Ҷурҷон баъд аз вафоти Фахруддавла дар ҳазрати писараш Маҷдуддавла Абӯтолиб муқим буд ва ба тоъату фабоъати ӯ қиём менамуд. Ва афроди хидам ва аъдоди ҳишами Оли Симҷӯр аз Хуросон рӯй ба вайниходанд ва сипоҳи тамом пеши ӯ фароҳам омад ва кори ӯ ба ҷамъияти лашкар ва таваффури олату уддат ба низом расид. Ва Фоиқ аз сари накаде, ки бо Бектузун дошт дар дил, ҳамвора ба Абулқосим мулаттафаҳо менавишт ва ӯро бар қасди Бектузун меғолид ва бар мутолабати қиёдати ҷуюш, ки мансаби қадими Оли Симҷӯр буд, таҳрис ва иғро мекард, то он дам бихарид ва нақд ба нася бифурӯхт ва ҷунонки гуфтаанд: «Зоқат ани-л-асади ал-виҷору» (65)... Дил бар муфорақати Ҷурҷон ниҳод ва ба музоҳамату мухосамати Бектузун рафт...

Ва Абӯалӣ ибни Абулқосими Фақеҳро ба муқаддимаи лашкар дар пеш афканд. Ӯ чун ба Исфароин расид, фавҷе аз лашкари Бектузун он ҷойгоҳ муқим буданд. Ва эшон масоф(ф) дод ва эшонро бишикаст ва бар ақиби эшон то Нисобур бирафт. Ва чун ба Нисобур расиданд, Бектузун ба Абулқосим пайғом фиристод, ки: «Кори муҳорабат эътимоде надорад ва оқибати он дар пардаи ғайб аст ва такя бар қуввату шавкати хеш кардан ва ба назарати ҳол ва хузрати вақт мағрур гаштан аз қазийяти ақл ва наҳҷи рушд дур аст. Ва дар мазиқи ҳарб касе афтад, ки дар фусҳати раъй ва арсаи салоҳ маҷоли тараддуд ва мукнати тамаккун наёбад. Салоҳ он аст, ки ба Куҳистон, ки иқтоъи мавруси Оли Симҷӯр аст, муқом афтад. Ба малик фиристам ва вилояти Ҳирот ва иёлати он навоҳӣ аз баҳри ту мусаллам ва муқаррар гардонам».

Абулқосим бад-ин сухан илтифот нанамуд ва ба ғалабаи раъоъ ва касрати атбоъ мағрур гашт ва бар ҳавлу қуввати хеш эътимод кард ва аз авоқиби хатару таҳаввур ва хавотими бағйу таҳаммур ғофил монд ва масоф(ф) биёрост ва ҷангро басиҷ кард. Бектузун чун исрори ӯ бар ҷаҳлу ғаво-

PDF Compressor Free Version

ят ва таҳофати ӯ дар маҳовили залолат бидид, сози муҳорабат тартиб кард ва мустаъидди кор шуд ва рӯй ба муносабат овард. Ва бар саҳрои Бушанҷа бар дари Нисобур дарҳам афтоданд ва ба ҷоми интиқоми давр ва дӯсткомии чанд бар якдигар карданд, то теғҳои маслул аз маворидн варид мустасқӣ шуд ва офтоб аз ҳавли он набард сипари гард дар рӯй кашид ва гурз бо худ аз муҳокон путку сиидон ҳикоят кард...

Ва охири кор Бектузун зафар ёфт ва Симҷӯрӣ ҳазимат шуд. Ва Абӯалӣ ибни Абулқосими Фақеҳ, ки умдаи лашкар ва имоди коффа буд, бо ҷамъе дигар аз вуҷӯҳи қавм гирифтор омад ва Симҷӯрӣ ба Куҳистон афтод. Ва ин вақъа дар рабиъулаввали санаи самонин ва самонина ва салосумиа (388/III.998) буд. Ва Бектузун ба ҳар ҷониб мусриъон давонид ва аз фатҳе, ки баромада буд, эълом дод ва авлиёи давлат бад-он масаррат ва ибтиҳоҷ фузуданд, магар Фоиқ, ки бад-он ғамнок шуд ва аз он ғусса ангушти ҳазозату ғайз мехоид. Симҷӯрӣ чун ба Куҳистон биёсуд ва аз он накбат мунтаъиш шуд, ба Бушанҷ рафт ва уммолро ба истеҳсоли амвол фаро дошт ва Бектузун рӯй бар ӯ овард, то он хитта аз ташаббуси ӯ берун кунад.

Чун масофат миёни ҳар ду наздик шуд, ҷамоъате миёни эшон ба васотат ва сафорат бистоданд ва васлате миёни эшон рафт. Ва Абулқосим писари хеш — Абӯсаҳлро ба наво ба Бектузун дод ва моддаи хилоф мунҳасим шуд. Ва Абулқосим бо Куҳистон омад ва Бектузун ба Нисобур рафт ва ин мусолаҳат дар раҷаби санаи самонин ва самонина ва салосумиа (388/998) буд. Ва миёни Фоиқ ва вазир Абулмузаффар вахшате ҳодис шуд ва Абулмузаффар аз хавфи Фоиқ дар сарои аморат гурехт ва ба зиммати амир Абулҳорис мӯътасим шуд. Ва Фоиқ кас фиристод ва аз сари таҳаккуму тағаллуб ӯро мутолабат кард. Амир Абулҳорис ҷавоби сахт дод ва Фоиқ ба карохият аз сарои аморат берун омад ва азми диёри турк пеш гирифт. Машоихи Бухоро ба ислоҳи зотулбайн бархостанд ва амир Абулҳо-

PDF Compressor Free Version

рисро бо сари ризо овардаид ва Фоиқро аз он ваҳшат барангехтанд ва Абулмузаффарро аз баҳри маслаҳати вақт ба Ҷузҷон фиристоданд ва вазорат ба Абулқосими Бармакӣ доданд. Ва фаросати Мизроби Бушанҷӣ дар ин қазият рост бозомад дар ин абёт, ки гуфта буд:

> Ва кунно замонан назумму-з-замони
> Ва нарси-л-вазората би-л-Балъамӣ
> Фаахxарна-л-умру ҳатто нитахат
> Мин-ал-Балъаммийи ила-л Барғашӣ
> Ва савфа таулу ало мо наро—
> ху минху қарибан ила-л-Бармакӣ (66).

Абулқосими Бармакӣ марди фозил буд ва доҳӣ, илло он ки бухл бар ахлоқи ӯ истило дошт. Ва чун ба вазорат расид, бо ғуломони турк ва маъорифи лашкар дар мавоҷибу иқтоъот ва ҷомакиёт (67) тариқи шатату муноқашоту тадаинуқ пеш гирифт. Лоҷарам рӯзе бар дасти ду — се ғулом кушта шуд...

## ЗИКРИ АМИР ИСМОИЛ ВА ФУРӮ ОВАРДАНИ Ӯ АЗ ҚАЛЪАИ ҒАЗНА

Амир Сайфуддавла бародарро ба амон ва истизҳор ба ухуду мавосиқ аз қалъаи Ғазна фуруд овард ва калидҳои хазоин аз ӯ бистад ва захоиру дафоини қалъа бо тасарруф гирифт ва ҳоли лашкар ва вахне, ки ҳодис шуда буд, ба салоҳ боз овард. Ва мӯътамадону уммоли хешро ба Ғазна бар сари муомалот кард ва шаҳнаи қоҳир ба ҳифзу ҳиросати он буқъа боздошт ва бо лашкаре ҷаррор ба Балх омад. Ва сурати ҳол ва фатҳи номдор ва фароғ аз муҳимми бародар ва муъовадат бо Хуросон дар канафи иқбол ба ҳазрати Бухоро инҳо кард ва пайғом дод, ки: «Агар падар, ки ҳомиву ҳориси давлат буд, аз ҷаҳони фонӣ ба ҷаҳони боқӣ таҳвил кард, мо дар хидмати тахт ва иқомати расми убудийят қоиммақоми падарем ва ба қазои савобиқи ҳуқуқи неъмати малики разӣ ва лавоҳиқи амир Абдулҳорис, ки

 PDF Compressor Free Version 

сулолаи малик ва ворнси тоҷу тахти ӯст, истодаем ва камари хидмат баста ва ба иқолати авлиёи давлат ва изолати аъдои ҳазрат мутакаффил шуда». Амир Абулҳорис сайййд Абулҳасани Алавии Ҳамадониро бад-ӯ фиристод ва дар таҳнияти қудум бар дасти ӯ мисоле исдор кард ва Балху Ҳирот ва Тирмиду Буст бар эътидоли ӯ тақрир кард. Ва дар боби Нисобур ва заъомати лашкар аз сари талаттуфу таалллуф сухан ронд ва гуфт: «Бектузун бандаи давлат аст ва мутавассил ба ҳуқуқи қадим ва бе ҳудуси сабабе ва доъияи узре ба ъазли ӯ мисол додан ва ноипорани ӯ харҷ кардан аз маросими сардорӣ ва ҳақгузорӣ дур бошад».

Ва амир Сайфуддавла ин маънӣ бар қасди ҳуссод ва қайди аздод ҳамл кард ва Абулҳасани Ҳамулиро ба рисолат бад-ӯ фиристод ва бар дасти ӯ ҳамле равон кард, ки ақломи куттоб ва афҳоми ҳуссоб аз адду ҳасри он қосир ояд ва тавақкуъ кард, ки зотулбайн аз қондаи маъҳуд мутағайиру мутабаддил нагардад ва амдоди иноят аз расми маълуф нуқсон напазирад ва гуфт: «Ҳуқуқе, ки марову падарамро дар хидмати тахти салтанат собит аст, ба тазрибу тасриби аъдо зоеъ набояд кард, то низоми ҳол гусаста нашавад ва асоси маволоту мутобаъат воҳӣ нагардад ва эътимоде, ки дар солифуддаҳр дар забти умури Хуросон ва кафолати ҷумҳури лашкар ҳосил будааст, ба ихтилол ва инҳилол напайвананд».

Чун Ҳамулӣ ба Бухоро расид, маснади вазорат омил буд. Ӯро ба мубошарати он мансаб даъват карданд. Бад-он масруру мағрур гашт ва аз сафорате, ки бад-он мандуб буд ва васотате, ки ба эътимоди ӯ мануту марбут, эъроз кард...

Ва андар он мансаб саъйи ботил ва залолу ҷаҳди муҳол пеш гирифт ва сурат баст, ки уқдае, ки аз ҳукми даври фалак маҳкам гашта бошад, ба кифояту қиёсати хеш боз тавонад гушуд ва синне, ки ба тамодии айём ба шайхухат расида бошад ба таҳаззуқу танаттус ба тароватн ҷавонӣ боз тавонад бурд ва хирқае, ки ба истеъмоли шуҳур ва аъвом ҳалақ гашта бошад, ба тасаннуъ ва таанниқ ба ҳоли

чиддату тароват боз тавонад шуд. Ҳайҳот, фалан йусликалатторy мо афсада-д дахру (68).

...Чун амир Сайфуддавла шакли ҳолу ракокати ақл ва фатрати раъйу таноқузи аҳво ва сӯи тадбири қавм мушоҳадат кард, ҳақиқат бидонист, ки мулк бар шурафи ҳалок ва тарафи заёъ аст ва ин ҷамоъат, ки кофилони мулку давлат ва мудаббирони ҳазратанд, назари эшон бар салоҳи ҳол ва таҳсили мақосиди хеш аст. Рӯй ба Нисобур ниҳод, то мансаби қадими хеш нигоҳ дорад ва ташаббусе, ки ба ноистеҳқоқ ба шуғли ӯ ҳодис гаштааст, зоил гардонад. Чун Бектузун бар қасду азми ӯ воқиф шуд, аз роҳи гузари сел бархост ва нафсу мол ва уддату атоду лашкари хешро аз маъразн хатар берун бурд ва аз Нисобур реҳлат кард ва ба ҳазрати Бухоро навиштае фиристод ва сурати ҳол инҳо кард.

Амир Абулҳорис аз сари сакрати ҷавонӣ ва ғафлати кӯдакӣ ва он, ки таҷрибаи рӯзгор наёфта буд ва сарду гарми айём начашида, ҳаваше чанд фароҳам кард ва аз Бухоро бар савби Хуросон ба азми мудофаат ва ниййати мамониат наҳзат фармуд ва кӯч бар кӯч ба Сарахс омад. Амир Сайфуддавла донист, ки он ҳаракат сабаби ҷаҳлу ғабовати аҳли тадбир ва нуқсони рушди носеҳ ва мушир аст, чи он ҷамъ лоиқи муқовамат ва куфви мувовати ӯ набуданд ва ҳама ба як латма аз мавҷи баҳри ӯ муталошӣ шуданди ва бо як садама аз талиъати мавкаби ӯ ночиз гаштандӣ. Аммо нахост, ки хориқи он ҳашамат ва ҳотики он парда ӯ бошад ва номуси он малик бар дасти ӯ биравад ва ҳуқуқи аслофи ӯ ба як заллат зоеъ ва муҳмал монад. Аз муъоризаи роёти ӯ бархост ва ба Марв рафт ва Нисобур бозгузошт, то ин мунозаъат ба вақте дигар аз сари ҳуҷҷате қотеъ ва баййинате возеҳ ва узре равшан тақдим кунад, ки таъни хуссод ва маломати аздод бад-он роҳ наёбад ва қосиву донӣ ва хоссу ом ӯро маъзур доранд. Ва аз Марврӯд ба Пули Зоғул рафт ва он ҷойгоҳ фурӯ омад ва ба тадбири кор ва тафаккур дар тариқи савобу салоҳи ҳол машғул шуд.

Ва Бектузун пеши амир Абулҳорис рафт ва Фоиқ дар

PDF Compressor Free Version


хидмати тахт буд. Ва Бектузун дар икроми маврид аз амир Абулҳорис зиёдат аз он чи дид, тавакқуъ медошт ва бо Фоиқ ин шикоят дар миён ниход. Ва Фоиқ дар бораи хеш азъофи он шикоят кард. Ва ҳар ду дар ҳасри масолиб ва тақрири маъойиби ӯ фусул пардохтанд ва аз шаросати хулқу хушунати ҷониб ва қиллати илтифоти ӯ мустазид гаштанд ва ҷамъеро ба халъу азли ӯ даъват карданд, ҳамаро самхулқиёд ва тавъулинон ёфтанд (69) ва бо якдигар мувотот бастанд.

Бектузун даъвате сохт ва иллати муҳимме дар миён овард, ки ба муъовадат ва мушоварати амир Абулҳорис ҳоҷат буд. Ва ӯро бад-ин ҳилат ҳозир карданд ва бигирифтанд ва чашми ҷаҳонбини ӯро доғ карданд ва ба равъати ҷамол ва талъати чун ҳилоли ӯ набахшуданд ва аз истишъори шиори ор ва тазоҳур ба либоси куфрони неъмат бок надоштанд. Ва аҷабтар он ки дар он ҳолат ба се ҳоҷат сабқи маунат бад-эшон тазарруъ кард: яке он буд, ки мастураеро, ки дар ҳуҷраи ӯ буд, аз муохазату мутолабат ва мусодарат сиёнат кунанд ва бо ӯ ба ирҳоку ташдид ва тасаббуб хитобе наравад ва аз фарти қасоват ва луъми табиат мабзул надоштанд ва ба мулоҷҷату музодат бозистоданд ва оташи ҳасрату бори меҳнати ӯ бад-он музойақату муноқашат зиёдат карданд.

Ва бародари ӯ — Абдумалик ибни Нӯҳро бар тахт нишонданд ва ӯ дар синни туфулият ва аҳди ғазорат ва мавсими заъфи раъй ва нуқсони рушд буд. Хоссу ом ва вазиъу шариф аз ин кори нобасомон ва ҳаракати шанеъ забони таъйиру таъниф дароз карданд ва бар ин таҷосур инкори балиғ намуданд.

Ва ногоҳ хабар расид, ки Сайфуддавла ба Пули Зоғул нузул кард. Ин қавм чун рама аз сурати шер ё бунҷишк аз савлати боз рамидан гирифтанд ва то Марв ҳеҷ тавақкуф накарданд. Ва амир Сайфуддавла ба Фоиқу Бектузун кас фиристод ва эшонро бар изоъати ҳаққи валинеъмат ва изолати ҳашамат ва ҳатки ҳурмати ӯ маломати беандоза кард. Ва эшон роҳи табасбусу худиъат пеш гирифтанд ва

PDF Compressor Free Version

аз забони Абдулмалик ибни Нӯҳ пазируфткориҳо карданд ва ба вуфури иноят ва мазиди риоят мавъуд гардониданд ва тасаммӯҳ ба иқтоъот ва татмеъ дар вилоёт урзаи ҷон ва виқояи нафси хеш сохтанд. Ва амир Сайфуддавла аз рӯи ҳамийяти ислом ва ғайрати дин ҷоиз нашумурд бар он фазоеҳ иғзо намудан ва бар он аҷлофу ағмор ибқо кардан. Наҳзат фармуд ва ба Марв омад, то он сухан мушофаҳат равад ва он калимот ба мувоҷаҳат ба поён расад. Ва он қавм аз расидани ӯ мутаҳаййир шуданд ва анвоъи раъбу хавф бар мизоҷи эшон истило ёфт ва аз карда пушаймон шуданд...

Бории Таъоло ба сайфи Сайфуддавла интиқом аз эшон бистад ва сӯи афъол ва қубҳи аъмоли эшон сабаби наколу ваболи ҳама сохт ва ҳамгинонро ба иқодати макр ва изокати ғадри хеш манкубу манхуб гардонид...

Фоиқу Бектузун милвоҳи хешро берун оварданд ва дар муқобалаи Сайфуддавла фуруд омаданд ва аз таҷаллуд пардае дар сари табаллуд мекашиданд ва раховати табъу заъфи дил ба салобати пешонӣ ба сар мебурданд ва чандон ки меандешиданд он бодия на ба андозаи саёҳати эшон буд ва он бор беш аз қадри қуввати эшон менамуд. Аз ин тафаккур ҳайрат муставлӣ шуд ва тарсу ҳарос ғолиб гашт ва ҷаҳон бар ҳама танг омад...

...Ночор расулонро фиристоданд ва зинҳор хостанд ва дар мусолаҳат тазаррӯъе тамом пеш гирифтанд. Сайфуддавла агарчи дағали ботин ва хубси сарирати эшон медонист ва ғаври хадиъату ғадри эшон мешинохт, аз баҳри илзоми ҳуҷҷат ва таъкиди маъзарат ва изоҳати шубҳат ва табарро аз мавқифи тӯҳмат ва тафодӣ аз самти туғён ва таҷофӣ аз маврани бағйу удвон мултамаси эшонро ба исъоф пайваст ва даъвати эшонро иҷобат кард ва бифармуд, то боргоҳ бияндохтанд ва кӯч кард.

Чун раҳлу сақли ӯ равон шуд, авбошу арзоли он қавм дасти таъаддӣ ва татовул ба азнобиi ҳишами ӯ дароз карданд ва баъзе бунаро биғоратиданд ва наҳзати Сайфуддавла бар фазъ[illegible] қуввату мазиди шавкати хеш ҳамл карданд ва пой бар думи мор ниҳоданд ва пеши аҷал бозрафтанд. Ва

PDF Compressor Free Version

чун Сайфуддавла тахаббути эшон дар маҳлакаи залол ва тавассут дар масбағаи ҷаҳл мушоҳадат кард ва ҳирси ғолиб ва тамаъи козиби эшон дар наҳбу салби атбоъи хеш бидид ва он, ки вуҷӯҳу рууси эшон бар сафоҳати арзол ва сахофати аизол инкор накарданд, донист, ки ирғоси эшон аз сари ризост ва сукуну суқути эшон мӯъҷиби игро: Инна-ссафиҳа изо лам йунҳа маъмурун (70). Бифармуд, то той-фае аз лашкар пиромуни он авбош даромаданд ва ҳамаро ба қатл оварданд.

Ва лашкар биёрост ва кӯҳе аз оҳан дар саҳрои он ҳайҷо равон кард ва саф кашида рӯй ба хасм овард...

Ва хештан ва ҳар ду бародар — Насру Исмоил ва амми хеш — Бағроҷақ дар қалб бистоданд...

Ва ҷамоъати хусум аз иқдому иқболи роёти ӯ аҳволи қиёмат муоина бидиданд ва аҳволи ҳама аз таҳассуру надомат мутабаддил гашт ва якдигарро бар афъоли замим ва иқдом бар он кори шанеъ маломат карданд ва дар мазиқи он зарурат маҷоли машварат наёфтанд ва ночор аз шаҳр берун омаданд бо ҷомаҳои мулаввап ва кисватҳои музайян ва либоси муошарат ва шиори мулоабат. Аммо дар касрати адад ба камол буданд, чи аз атрофи Хуросону Мовароуннаҳр ҳашр карда буданд. Баробари Сайфуддавла саф бикашиданд ва дар мувозоти лашкари ӯ бистоданд ва аз ҷонибайн даст ба шамшер ёзиданд ва қатли бисёр карданд...

Ва оқибат хазлони куфрони неъмат ва ихфори зиммат дар эшон расид ва ба як садамаи лашкари Сайфуддавла аз пой даромаданд ва роҳи ҳазимат гирифтанд. Ва агар зулмати шаб пардаи кору сутраи авори эшон наёмадӣ, ҳама дар рибқаи ҳалок ва вартаи дамор ба фано расидандӣ...

Абдулмалик ибни Нӯҳ ва Фоиқ аз он ҳазимат ба Бухоро расиданд ва Бектузун ба Нишобур омад ва Абулқосим ибни Симҷӯр ба Кӯҳистон рафт. Ва кавкаби саъди Сайфуддавла бо бурҷи шараф расид ва улувви ҷадду камоли иқболи ӯ аз зарваи афлок баргузашт ва мулки Хуросон ва виросати салтанати Оли Сомон ӯро муҳанно ва муҳайё шуд ва муноизону муоризони ӯ дар атрофу акнофи ҷаҳон мутафарриқ ва мутамаззиқ гаштанд...

PDF Compressor Free Version

Баъд аз он вақиъа рӯй ба Тӯс овард, то Бектузуну Абулқосими Симҷӯрӣ ба ҳам напайванданд ва аз иҷтимоъи эшон фасоде ҳодис нагардад ва фитнае мутаваллид нашавад. Бектузун аз он хавф роҳи Ҷурҷон пеш гирифт ва Султон Арслони Ҷозибро бар ақиби ӯ бифиристод, то чун русуми ҳуҷум дар пан афорит бар асари ӯ мерафт, то ӯро аз ҳудуди Хуросон берун кард ва рӯй ба хидмат ниҳод. Ва Султон Тӯсро дар эътидоли ӯ овард ва ӯро бо ҷамъе аз табақоти лашкар ба Тӯс бигузошт ва ба Ҳирот рафт аз баҳри мутолаъати он аъмол ва таҷдиди аҳд бад-он маросиму итлол. Ва Бектузун чун фурсати ғайбати Султон дарёфт, дигарбор ба Нисобур омад ва изҳори шиори даъвати Абдулмалик оғоз ниҳод ва надонист, ки мулке, ки даъоими мабонии он ба дасти тасорифи айём мунҳадим шуд ва қавоиди он ба ҳукми тамодии рӯзгор воҳӣ гашт, ба саъйи ботил ва ҷаҳди беҳосил мунтаъиш нагардад ва хишт, ки аз қолаб берун афтод, истиқрори ӯ дар макони маъҳуд имкон надорад. Ва маҳсули ин ҳаракат он буд, ки Султонро кулфати муъовадат ва машаққати мурочаъат таҳаммул бояст кард. То ба як ракъат бар сари ӯ давонид ва ӯ ба роҳи Абеsard берун рафт ва лашкари Султон бар асари ӯ мерафт, то ба роҳи биёбон рӯй ба Марв ниҳод ва хост, то дар Марв нишинад ва ба хисонати шаҳр мунҳасир шавад. Аҳли Марв ба таассуб ва ҳаводории султон бархостанд ва ӯро ҷавоб бозлоданд. Ӯ аз сари ғайз шаҳрро ғорат кард ва дар биёбони Омул ба Бухоро рафт.

Ва чун арсаи Хуросон аз Бектузун ва атбоъи ӯ холӣ шуд, Султон Арслони Ҷозибро ба Куҳистон фиристод, то Абулқосими Симҷӯриро аз он ноҳият берун тозад ва тамаъи ӯ, ки дар интиъош ва иртиёш баста буд, дар ком шиканад.

Арслон ба Куҳистон рафт ва бо ӯ масоф(ф) дод ва ӯро шикаста ба навоҳии Табас андохт. Ва султон қиёлати ҷуюш ба бародари хеш — Наср ибни Носируддин тафвиз кард ва ӯро ба Нисобур фиристод ва хештан ба Балх рафт ва онро дорулмулк сохт ва он ҷойгоҳ бар сарири салтанат нишаст.

PDF Compressor Free Version

Ва дар ин сафар рӯзе ба ҳудуди Марвруд бо чанд ғулом ба шикор рафта буд ва амир Исмоил ва Нӯштекини Коч, ки аз умароц Носируддин буд, дар хидмати ӯ буданд. Султонро дар ҳиззати нишоти шикор илтифот афтод, Нӯштекинро дид — даст ба шамшер ёзида, мунтазири имо ва иҷозати амир Исмоил. Ва Султон инкори амир Исмоил бар Нӯштекин дар он ҳол дарёфт ва муоянаи ғамзу рамзи чашми ӯ бидид. Аммо аз он истишорат бисоти тӯҳмат густурда шуд ва махойли райбат зоҳир гашт. Чун фурӯ омад, Нӯштекинро ба қатл оварду ва бародарро пеш хонд ва аз кайфияти он ҳол баҳсу истикшоф кард. Амир Исмоил аз хиёнати он хоин ва хубси сарирати он ғаддор табарро намуд ва миёни эшон муфовазоту муқовалоти бисёр рафт. Ва султон эҳтиёти мулк ва салоҳи вақт дар он дид, ки амир Исмоилро ба чанд ҳофизу ҳорис аз хавосси ҳазрати хеш супурад, чи донист, ки ду теғ дар як ниём нагунҷад ва аз ҷамъияти ду шоҳ бар як рикъа муҷодалат хезад...

## ЗИКРИ БАРГАШТАНИ АБДУЛМАЛИК ИБНИ НӮҲ БО БУХОРО

Чун Абдулмалик ибни Нӯҳ ва Фоиқ аз он ҳазимат ба Бухоро расиданд ва Бектузун низ бад-эшон пайваст ва лашкарҳои мутафарриқ ҷамъ шуд, дигар бор хаёли истиқлол ва умеди интиъош ва тамаъи иртиёш пеш гирифтанд ва андешаи истинофи муноҷазат ва мубразат бар мизоҷи эшон муставлӣ шуд. Ва ногоҳ Фоиқ, ки рӯи разма ва тирози ҳулла ва умдаи ҷумла буд, дар аснои ин ҳол фурӯ шуд. Ва аз он сабаб мароири азимати эшон мунтақаз гашт ва анвоъи заъфу инҳилол дар замоиру сароири эшон мутамаккин шуд. Ва Эликхон ба Бухоро омад ва аз сари муҳодаъату мумокарат бо Абдулмалик тариқи муволоту мумолот пеш гирифт ва гуфт: «Иннаш-шадоиди тазҳаб-ул-аҳқоду» (71). Агарчи дар собиқа назаъоту-ш-шаётин дар ифсоди муоъқиди видод ва ҳадми қавоъиди иттиҳод таъсир кардааст ва вахшате ҳодис гашта, аммо «оқулу лаҳма аҳи ва ло адаъуху ли ақли ғайри» (72) бо қурби дор ва тааккуди асбоби ҷавор, маро

PDF Compressor Free Version



муҳофазат бар масолеҳи ин давлат ва тазаммуру танаммур аз ҷиҳати хулули накбат ба соҳати ин мамлакат воҷиб аст ва чун бегона дар миён омад ва ба хонаи қадиму мансаби мавруси Оли Сомон гардани тамаъ дароз кард, он мудофаъат бар ман лозим аст ва он мамониъат дар зиммати ҳиммати ман воҷиб».

Эшон он шива бихариданд ва ба заҳорифи ақволу махориқи афъоли ӯ мағрур гаштанд. Бектузун ва Яноллтекини Фоиқӣ ва дигар қувводу умаро ба истиқболи ӯ равон шуданд. Ва чун дар маҷлиси ӯ қарор гирифтанд, ҳамгинонро маҳкам бубаст ва амволу мароқибу аслиҳаи ҳама ба тороҷ бидод. Ва Абдулмалик аз ғуссаи ин ҳилату меҳнати ин ғилат бесомон шуд ва ҷуз гурехтану даст дар домани ихтифо овехтан чора надонист. Ва Эликхон рӯзи сешанбе даҳуми зулқаъдаи санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/IX.999) дар Бухоро омад ва ба сарои аморат нузул кард ва ҷосусонро баргумошт, то Абдулмаликро ба даст оварданд ва ӯро бигирифт ва ба Ӯзганд фиристод ва ӯ он ҷойгоҳ сипарӣ шуд ва шӯълаи давлати Оли Сомон якборагӣ фурӯ мурд ва ҳоли эшон ба завол расид.

## ЗИКРИ ХУРӮҶИ МУНТАСИР АБӮИБРОҲИМИ ИСМОИЛ ИБНИ НӮҲ ВА ОН ЧИ МИЁНИ Ӯ ВА ЭЛИКХОН ВА АМИР НАСР ИБНИ НОСИРУДДИН ҲОДИС ШУД

Чун Эликхон Бухоро бигирифт, Абулҳорисп маҷхул ва Абдулмалик ва Абӯиброҳим ва Абӯяъқуб — фарзандони Нӯҳ ибни Мансурро ба даст овард ва аъмоми эшон — Абӯзакарийё ва Абӯсолеҳ ва дигар бақоёи арумаи Оли Сомонро бигрифт ва ҳамаро боздошт. Бародаронро аз якдигар ҷудо кард ва ҳар якро муфрад ба ҷое маҳбус кард то ба ҷамъийят ҳилате насозанд ва махраҷе наҷӯянд. Абӯиброҳими Мунтасир чодари канизаке, ки ба таъаҳҳуди эшон қиём менамуд, дар сар кашид ва дар хафорати он зий(й) аз маҳбаси хеш берун гурехт.

Ва Мунтасир чун аз ҳабс бадар афтод, дар хонаи пиразане аз аҷоизи Бухоро мутаворӣ шуд, то фаврати ҳодиса ва

саврати воқиъаи ӯ суғун ёфт ва толибони ӯ либоси яъс дарпӯшиданд ва тамаъ аз ӯ ғибуриданд. Пас дар зийи танаккур ба Хоразм рафт ва ба интисору талаби сор муташаммир шуд. Ва бақийяи авлиёи давлати Оли Сомон рӯ бад-ӯ ниҳоданд ва ҳишаме тамом фароҳам омад. Ва Арслон Болу ба Бухоро тохтан кард ва Ҷаъфартекинро бо ҳафдаҳ каси дигар аз умаро ва маъорифи ӯ асир кард ва ба Ӯрҷонияи фиристод ва дигарон ҷон беруи бурданд ва пеши Эликхон рафтанд. Ва Арслон Болу то ҳудуди Самарқанд бар асари эшон мерафт ва никоятҳо мерасонид. Ва чун ба қантараи Кӯҳак расид, Текинхон шаҳнаи Самарқанд аз қибали Эликхон—бо лашкари тамом он ҷойгоҳ муқим буд ва ҷамъе, ки аз Бухоро мунҳазим мешуданд, замиман эшон мегаштанд ва ба иттифоқ рӯй ба Арслон Болу ниҳоданд. Ӯ рӯй аз эшон бартофт ва ба муҳорабату музорабат биистод ва эшонро бишкаст ва раҳлу сақли эшон ба ғанимат биёвард. Ва Мунтасир ба Бухоро омад ва аҳли Бухоро ба қудуми ӯ шодмонагӣ намуданд ва якдигарро таҳният мекарданд.

Чун Эликхон аз ин ҳол огоҳ шуд, лашкар ҷамъ кард ва азми муъовадат мусаммам фармуд. Арслон Болу бо ҳазрати Мунтасир омаду маслаҳати вақт ва муроъоти боби ҳазм дар он диданд, ки ба Омулшат омаданд ва муъомилоти он навоҳӣ ҳосил карданд ва ба роҳи биёбон рӯй ба Абевард ниҳоданд ва саводи Абевард ва он навоҳӣ бо тасарруф гирифтанд. Ва аз он ҷойгоҳ ба Нисобур омаданд ва миёни эшон ва Наср ибни Носируддин бар зоҳири Нисобур муҳорабат рафт. Ва амир Наср аз касрати савод ва такосуфи аъдоди эшон эҳтиёт дар он шинохт, ки чун ҷамшеди хуршед дар тутуқи Оли Аббос мӯҳтаҷиб шуд, бар марқаби аҳқаби шаб рӯй ба Марв овард ва Нисобур бозгузошт. Ва ҳаман шаб дар ситраи хавофии зулмат қатъи фаёфии он масофат мекард. Ва чун ғурраи субҳ аз уфуқи машриқ пайдо шуд, ба ҳудуди Бузҷон расида буд ва аз он ҷо ба Ҳирот рафт...

Чун ин хабар ба султон расид, дарҳол кӯч кард ва бар сабили истеъҷол ба Нисобур омад. Ва Мунтасир чун аз иқболи роёти ӯ хабар ёфт, аз пеш бархост ва ба Исфароин рафт. Ва хост, ки ба ҷибояти хироҷу истеҳсоси муъомилоти

PDF Compressor Free Version

он навоҳӣ интифоъе намояд, Муяссар нашуд ва имкони таваққуф наёфт. Қасди вилояти Шамсулмаъолӣ Қобус ибни Вушмгир кард ва ба истизҳор ҷониби ӯ эътизод сохт. Шамсулмаъолӣ дар маърифати қадри ӯ ва тақдими хадамоти писандида ба ҳама ғояте бирасид ва дар ҷумлаи тухафу мабор(р), ки бад-ӯ фиристод, даҳ сар асби тозӣ буд бо зину сарафсори зар ва сӣ сар бо зини симкӯфт ва сӣ сар бо ҷулҳои абрешим ва бист сар устур бо зини зару сим ва сӣ сар устур бор муваққар ба фаршҳои фохир ва амтиъаи нодир ва маҳмулоти Табаристон ва олоту асбоби подшоҳона ва ҳазор-ҳазор дирами шоҳӣ ва сӣ ҳазор динор зари сурх ва панҷоҳ тахт ҷомаи мулавван аз ҷомаҳои тустарӣ ва сақлотуни азудӣ (73) ва ҳуллаҳои фахрӣ ва хазҳои тоқӣ (74) ва катонҳои мисрӣ. Ва лашкари ӯро бистгонӣ тартиб дод, ки дар вуҷӯҳи муҳиммот ва аворизи ҳоҷот сарф кунанд. Ва ӯро гуфт: «Маслаҳати вақт дар он аст, ки ба Рай равӣ, то ман писарони хеш — Доро ва Манучеҳр — дар хидмати роёти ту бифиристам, чӣ тахти Рай отил аст ва кори он навоҳӣ мутазалзил. Ва он хитта ба малике ғолиб ва подшоҳе қоҳир муҳтоҷ. Ва подшоҳе, ки мутақаллиди ҳукми он тараф буд, аз миёна бархост ва лашкар ба ихтилофи ҳаво ва ташвиши вақт ва тафриқи калима моил, бад-он тараф рикоб ранҷа бояд кард ва он вилоятро бо тасарруф гирифтан ва дар мансаби аморат мутамаккин гаштан ва ба сукунат аз он ҷойгоҳ азми Хуросон ва тариқи муъовадат бад-он ҷо ва талаби хонаи маврус тартиб додан».

Ин ишорат қабул кард ва баъд аз истихорат наҳзат фармуд ва бар зоҳири Рай фурӯ омад. Сипоҳе, ки дар шаҳр муқим буданд, берун омаданд ва дар муқобили ӯ хаймаҳо бизаданд. Ва ба Арслон Болу ва Абулқосими Симҷурӣ ва дигар умарои давлат дасисонро фиристоданд ва ба амволи манкуд ва хадамоти мавъуд эшонро бифирефтанд, то ҳама муттафиқ шуданд ва Мунтасирро аз он рой бигардониданд. Ва гуфтанд: «Ҷалолати қадр ва набоҳати зикри ту зиёдат аз он аст, ки хештанро дар маърази ҷамоъате орӣ, ки тоъати туро камар бастаанд ва ба хидмати ливои ту истисъод ҷуста

PDF Compressor Free Version



ва ба ҳуқуқи қаробат мутавассил ва ба авохиру савобиқи азиммат мутазарреъ ва мутавассил. Ва дар боби эшон суханни соҳибғаразе масмўъ дорӣ, ки мехоҳад то моро ба дасти аъвону ансори ту гирад ва дар танаввуре, ки ба дасти атбоъ ва ашёи ту тофта шавад, фатир бандад. Агар коре ба мурод барояд, фоидат бад-ў бозгардад ва агар, ва-л-иёзу биллоҳ (75), чашми захме расад ё аҷзе афтад, ин ор бар ҷабини давлат боқӣ бимонад».

Мунтасир ин захориф мақбул дошт ва аз дари Рай кўч кард ва ба роҳи Домғон берун рафт. Ва Дорову Манучеҳр аз мусоҳабати ў бозистоданд ва бо Ҷурҷон рафтанд. Ва он тадбир ботил шуд ва он тақдир мунтақаз гашт ва изо арода-ал-Лоҳу биқавмин суан фало марадда лаҳу ва моламҳум мин дунихи мин волин (76).

Ва чун Мунтасир ба Нисобур омад, амир Наср он ҷо буд. Андешид, ки агар таваққуфе кунад ва ба мамониъат бозистад, набояд ки чашми захме—бар он мўҷиб, ки дар садамаи аввал ва навбати мозӣ буд — бирасад. Аз пеш бархост ва ба ҷониби Бузҷон рафт. Ва дар шавволи санаи иҳдо ва тисъина ва салосумиа (391/VIII.1001) Мунтасир дигар бор ба Нисобур қарор гирифт ва уммолро бар сари аъмол фиристод ва мутолабати амвол ва истихроҷи муъомилот оғоз ниҳод. Ва соҳиби ҷайш Наср ибни Носируддин аз султон мадад хост. Амир ҳоҷиб Алтунтошро, ки волии Ҳирот буд, бо лашкаре тамом ба муъованати ў фиристод. Ва чун ў ба қуввати он мадад мустазҳар шуд, рўй ба Нисобур овард. Ва Мунтасир Арслон Болу ва Абулқосими Симҷўриро ба муносабати ў фиристод ва миёни эшон кўшишу кўшиши бисёр рафт. Ва лашкари амир Наср ба шамшери интисор дод аз лашкари Мунтасир бистаданд ва оқибат эшонро бишикастанд...

Ва амир Наср дар Нисобур рафт ва мардуми шаҳр шодӣ намуданд ва озин бастанд ва чун қатраҳои борон нусори зару сим рехтан гирифтанд. Ва Мунтасир ба роҳи Абевард берун рафт. Ва лашкари амир Наср бар ақиби ў равона шуданд, то ўро ба ҳудуди Ҷурҷон андохтанд. Ва амир Шам-

PDF Compressor Free Version

сулмаъолӣ Қобус ду ҳазор мард аз анҷоди акрод ба мудофаъати ӯ пеш бозфиристод, то ӯро ҷавоб боздоданд ва аз ҳудуди мамлакати ӯ бирониданд. Ва дар он меҳнат фурӯ монд ва бидонист, ки ба дари Рай ройи хато кард ва дар мухолафати Қобус ва радди насиҳати ӯ роҳи савоб гум шуд. Ва ба Арслон Болу мутағаййир гашт ба сабаби таҳаккуме, ки мекард ва дар умури мулк ва ҳаводиси муҳиммот истило менамуд ва аз сари шатату ҷадал сухан меронд. Ва он вахшат ба истеҳком пайваст ва он кина дар дили Мунтасир росих шуд ва нисбате дигар дар ҳазимати Нисобур аз пеши амир Наср бад ӯ карданд, ки аз сари мунофасату муҳосадати Абулқосим дар он масоф (ф) ҷидде нанамуд ва роҳи тахозул пеш гирифт. Ва ин нисбат низ мадади он вахшат шуд ва Мунтасир аз сари он ҳиқд Арслон Болуро ба қатл овард. Ва лашкар ҷумла аз он воқиъа ошуфта шуданд ва ҳама забони инқору вақиъат дар Мунтасир кашиданд.

Абулқосими Симҷурӣ ба мараммати он ҳол ва рафӯи он харақ бозистод ва таскини он ноира ва итфои он ҷамаро бикард, то ҳама сокин шуданд ва он шӯришу изтироб инқисон пазируфт. Ва бар азми ҷониби Сарахс иттифоқ карданд, то ба заъими он букъа, ки ба Писари Фақеҳ маъруф буд, мустазҳар шаванд, чи ӯ мутаъассиби Мунтасир буд ва дар ҳаққи ӯ хадамоти писандида карда ва ба молу созу уддат мадад дода. Чун ба Сарахс расид ва ба молу муъомилот ва абвобулмоли Сарахс ва муъованату ирфоди имдоди заъими он ҷо мунтаъишулҳол шуд, амир ҳоҷибулҷайш Наср донист, ки муқоми эшон он ҷойгоҳ бар тамаъе ботил ва андешае фосид муштамил аст. Бо лашкаре бар сари эшон тохт ва Мунтасир бо ҳишами хеш берун омад ва баробар бистод ва ҷанге сахт миёни фариқайн қоим шуд. Ҳукми осмонӣ ва тақдири раббонӣ дар тағйири аҳволу табдили иқбол ғолиб омад ва боди қабули иқболи амир Наср аз маҳабби лутфи илоҳӣ бивазид ва бидабури идбор лашкари Мунтасирро дар хок рехт (77). Ва Абулқосими Симҷӯриро дар банди каманде пеши амир Наср оварданд. Ва Туэтош ҳоҷиб, ки соъид ва ёри мусоъиду рукни авсақи Мунтасир

PDF Compressor Free Version

буд, ҳамчунин гирифтор шуд. Ва муъаззами сипоҳ асири тақдир гашт ва ҳамгиноиро дар либоси ору хасор ба Ғазна бурданд.

Ва Мунтасир ҳоиру оир дар ахтори мамолик ва ақтори масолик овора шуд. Ва амир Наср дар канафи иқболу давлат ва замони таъйиду нусрат рӯй бо мустақарри иззи хеш ниҳод...

Ва Мунтасир аз он ҳазимат ба миёни туркони Ғуз афтод ва эшон лофи хидматгории Оли Сомон заданд ва дар ҳавову валои эшон қадам гузориданд. Ба мақдами ӯ мубоҳот намуданд ва қасди ӯ ба эҳтимоми эшон шарафе тамом шинохтан ва ба мададу муъовинати ӯ камар бастанд ва якдигарро бар ирфони қадри хонаи карим ва карами амими ӯ таҳрису таҳриз карданд. Ва дар хидмати ливои ӯ ба вилояти Эликхон рафтанд. Ва Эликхон чун аз қудуми Мунтасир хабар ёфт, ба интисор бархост ва аз ҳишами турк халқе ба анбӯҳ фароҳам кард ва ба ҳудуди Самарқанд омад. Ва лашкари Ғуз дар боби ӯ андеша карданд... ва бар Эликхон шабехун карданд. Ва чун сафинаи субҳ аз гарқоби зулмат бар соҳили уфуқ расид дар сари эшон афтоданд ва ҷамъе аз маъорифи ӯ асир карданд ва халқеро ба шамшер даровар-данд ва созу бунгоҳи эшон ба тороҷ доданд ва ганимате вофир аз амволу асбоби эшон ҳосил карданд ва бозгардиданд. Ва асироне, ки доштанд, ба дасти Мунтасир надоданд. Ва дар афвоҳ афтод, ки эшон бар муҷодалати Эликхон пушаймон гаштаанд ва дари узр мекӯбанд ва ба эътоқу итлоқи асирон бад-ӯ тақарруб хоҳанд ҷуст.

Мунтасир аз ин андеша мусташъар шуд ва беором гашт. Ва қурби ҳафтсад савор аз хавоссу сиқоти хеш бигузид ва аз миёни ғуз берун омад. Чун ба канори Ҷайҳун расид, ях баста буд. Бифармуд, то коҳ бар рӯи яхбанд пошиданд ва бигузаштанд. Чун лашкари ғузро хабар шуд ва бар пайи ӯ равона шудан рӯз шуда буд ва офтоб тулӯъ карда ва маъбар тофта ва убур мутаъаззир шуда. Мунтасир ба Омулшат фурӯ омад ва ба султон нома навишт. Ва аз ҳуқуқи аслоф ва азиммаи он ашроф ёд дод ва аз шиддати ҳолу тамодии ай-

PDF Compressor Free Version

ёми меҳнат ва тарокуми амвоҷи курбату макосоти шадоиди ғурбат нолиш кард ва ба канафи шафқату раъфат ва сояи ишфоқу ишболи ӯ паноҳид. Ва зимоми мутоваъату инқиёд ба дасти ихтиёру муроди ӯ дод. Ва гуфт:

> **Аз дида, ки нақши ту намудам, ту беҳӣ,**
> **В-аз дил, ки фурӯ гузошт зудам, ту беҳӣ,**
> **В-аз ҷон, ки надошт ҳеҷ судам, ту беҳӣ**
> **Дидам ҳамарову озмудам, ту беҳӣ.**

Агар аз шиуръаи лутфату саҳифаи карамат ба шарбате оби ҳаёт ва фасле аз боби наҷот баҳраманд шавам, ҳалқаи хидмат дар гӯш кунам ва камари мутоваъат бар миён бандам. Ва агар дар сояи давлатам ҷой диҳӣ, чун соя мулозими ҳазратат шавам. Ва агар офтобвор чароғе дар хонаи зулмонии меҳнатам дорӣ, чун офтоб ба машъаладории дарғаҳат бозистам». Ва дар ин абвоб сафоеҳи он саҳоиф бинигошт ва аз хизонаи фикр дурраҳои шоҳвор дар дурҷи он нома дарҷ кард. Ва аз хавфи мазаррати туркони Ғуз аз Омул кӯч кард ва ба дари Марв рафт. Ва ба Абӯҷаъфар—хоҳарзода—кас фиристод ва аз дари рафви ҳол ва садди ҳоҷати хеш маъунате хост ва ба мададе аз созу силоҳ истимоҳате кард.

Ва ӯ яке буд аз ҷумлаи арзолу анзол, ки дар айёми давлати Оли Сомон ба давлат расида буд ва аз дунё ҳаззе ёфта. Луъми табиъату даноати ҳиммат ва хасосати убуввати ӯ аз ҳусни иртиёҳу эҳтизоз ба хидмати чунон подшоҳу подшоҳзодае монеъ шуд, то дасти рад ба рӯи он мултамасот бозниҳод ва бар он иқтисор накард. То берун омад ва дар муқобалаи ӯ ба муқоталат бинистод.

Ғуломони Мунтасир ба як савлат ҳушу буши ӯ чун ҳуруфи таҳаҷҷӣ аз ҳам бипарокананд. Ва Мунтасир ба роҳи Абеворд бирафт ва дар шуҳури санаи арбаъа ва тисъина ва салосумиа (394/1003—1004) ба дари Абеворд фурӯ омад. Ва султон дар қабули пайғому икроми расулу таҳқиқи маъмули ӯ осори ариҳиййат ва анвори карами саҷиййат ва таҳорати маҳтид ва назоҳати унсури карими хеш зоҳир

PDF Compressor Free Version


гардонид ва ҳамле лоиқ бад-ӯ фиристод. Ва ба писари хоҳарзода дар илтизоми хидмат ва таҳаррии марозӣ ва таваххии мабоғии ӯ мисол дод. Ва ӯ аз сари иттирор ва буни дандон хидмати Мунтасирро камар баст, ло маъҷуран ва ло машкуран (78) ба таҳсили муроди ӯ қиём намуд ва шодихае аз луъм бар рӯи рӯзгори ӯ зоҳир шуд, ки солҳо ору авори он боқӣ бошад.

Ва Абӯнасри ҳоҷиб — аз умарои султон — он ҷойгоҳ муқим буд. Чун Мунтасир бад-он ҳудуд расид, ба ҳавои давлати ӯ бархост ва дар нусрати ливои ӯ ҷидди болеғ намуд. Ва аҳли Нисо бар ройи ӯ дар мухолафати давлати султон ва мутобаъати муъоризи мулки ӯ мункир шуданд. Ва аз вахомати оқибат ва тӯҳмати ризо ба ҳаракати Абӯнаср ва самти мушоракат дар он ҷарират мӯҳтариз гаштанд. Ва ба Хоразмшоҳ нома фиристоданд ва мадад хостанд. Ӯ Абулфазли ҳоҷибро, ки аз машоҳири ҷамоҳири ҳазрати ӯ буд, мадад фиристод, то дафъи мазаррату кифояти маъаррати он лашкар бикунад.

Абӯнаср парда аз сари он мумороат баргирифт ва дар хидмати рояти Мунтасир пеши ӯ бозрафт ва ба рустоқи Устуво ба ҳам расиданд. Ва дар нимшабе, ки шаби торӣ ва ҳавои корӣ қуввати босирaро аз мушоҳадати ашхос ва мутолаъаи аҷсом маъзул карда буд ва садде аз зулмат дар пеши мардумаки дида кашида, бо Абулфазл ва лашкари Хоразм масоф(ф) доданд ва то шаҳбози субҳ аз нишемани уфуқ бол бигушод, якдигарро бе муҳобо тӯъмаи шамшеру тиру синон мекарданд.

Чун арӯси рӯз хизоби зулмат фурӯ шуст, Абӯнасри ҳоҷиб ва писари Хусомуддавла бо гурӯҳе аз ансори Мунтасир бар саҳрои маърака кушта гашта буданд ва дигарон овора шуда. Ва Мунтасир ба Исфароин афтод ва мардуми Исфароин аз хавфи фитна ба мамониъат бархостанд. Ва ӯ бо фавҷе мардум, ки бо ӯ монда буданд, чун гови харос гирди хеш бармеомад ва саргардон дар аводили туруқ тараддуд мекард, то ба ҳудуди Сарахс афтод. Ва он ҷойгоҳ чанд рӯз таваққуф кард, то сипоҳе, ки аз вай мутафарриқ шуда бу-

PDF Compressor Free Version

данд, бо вай расиданд. Ва аз Ҷайҳун гузар кард ва ба соҳили Қайтон фуруд омад. Шаҳнаи Бухоро ба мудофаъати ӯ берун омад ва ӯ, ба ҳукми он ки маҳрабе надошт, бо ӯ ба муқоталат бистод ва аз ҷонибайн кушиши бисёр рафт. Ва Мунтасир ба ҷаҳде тамом ҷон аз миён берун бурд ва бо Дарбанди Нур нишаст. Ва шаҳнаи Бухоро ба Дабусияи Суғд рафт ва хишаме, ки он ҷойгоҳ муқим буд, бо хештан гирифт.

Мунтасир аз Дарбанди Нур бар эшон тохтан кард ва силки ҷамъияти эшон аз ҳам фурӯ гусаст ва ҳамаро овора гардонид. Ва Писари Аламдор, ки сипаҳсолори Самарқанд буд (79), бо таъассуби Мунтасир бархост ва бо се ҳазор мард бад-ӯ пайваст. Ва хоҷагони Самарқанд сесад нафар ғуломи турк бо моле вофир бар сабили тақарруб бад-ӯ фиристоданд. Ва аз хишами ғуз ҷамъе бад-ӯ пайваст ва ӯ ба мадади эшон мустазҳар шуд ва шӯълаи кори ӯ дигар бор боло гирифт. Чун Эликхон аз интиъоши қуввату иртаёши шавкати ӯ хабар ёфт, рӯй ба муносибати ӯ овард. Ва ба деҳи Бурнамаз аз ҳудуди Самарқанд масоф(ф) доданд ва Эликхон ҳазимат шуд ва хишами ғуз аз лашкари ӯ ғаноими мавфур ва захоири номаҳсур ҷамъ карданд. Ва ин вақъа дар шаъбони санаи арбаъа в тисъина ва салосумиа (394/V. 1004) буд.

Эликхон бо вилояти хеш рафт ва лашкарҳо ҷамъ кард ва рӯй ба Мунтасир ниҳод. Ва хишами ғуз аз Мунтасир ҷудо шуда буданд ва рӯй ба манозилу масокини хеш овардаву ба қисмати ғаноим машғул гашта. Ба фазое, ки миёни Дизаку Ховас буд, масоф(ф) доданд. Ва дар мувозоти саффайн ва мулоқоти фариқайн Абулҳасани Тоқ бо панҷ ҳазор мард, ки аз атбоъи Мунтасир буданд, бо ӯ ғадр карданд ва дар ҷониби Хон гардиданд. Мунтасир ночор роҳи ҳазимат гирифт ва Хон бо лашкари ӯ ба интиқом бистод ва аз меғи теғ кӯҳу ҳомун аз селоби хун пур кард ва аз он тоифа сибоъро ишбоъе тамом ва нусурро суре бановo ҳосил шуд.

Ва Мунтасир ба шатти Ҷайҳун омаду киштӣ наёфт. Дарахте чанд барҳам баст ва худро аз мазаррати лашкари Хон

PDF Compressor Free Version


бираҳонид ва аз об бигузашт. Ва галаҳо, ки дар он навоҳиву гиёҳзорҳои он мароъӣ ёфт, биронд ва бар хишами хеш қисмат кард ва ба роҳи биёбон ба Пули Зоғул омад.

Султонро аз вусули ӯ хабар доданд. Пеш аз интизоми кор ва иҷтимоъи ҳоли ӯ таъҷил фармуд ва ба Балх омад. Ва Фареғун ибни Муҳаммадро бо чиҳил алам аз афроди умаро ба тарди савод ва ҳасди фасоди ӯ фиристод. Ва Мунтасир аз пеш бархост ва ба ҷониби Куҳистон рафт, чи дар ҳамаи ҷаҳон маҳрабе намеёфт ва ваҷҳи мақсаде намедид ва ҳар куҷо рӯй метофт аждаҳои офат дандон боз карда меёфт ва ба ҳар ҷониб, ки мешитофт шери меҳнат чангол тез карда пазира медид.

Чун ба Куҳистон расид, соҳиби Қайш — Наср ибни Носируддин ва Арслон Ҷозиб — волии Тӯс ва Туғонҷақ — волии Сарахс бар ақиби ӯ равона шуданд. Ва ӯ аз хавфи эшон рӯй ба ҷониби Ҷуманд ниҳод ва аз он ҷо ба Бастом омад. Ва Шамсулмаъолӣ Қобус ду ҳазор мард аз курдони Шоҳҷонӣ ба мудофаъати ӯ фиристод, то ӯро аз он ҳудуд изъоҷ карданд ва ӯ ба ҷониби Биёр афтод ва аз он ҷойгоҳ ба Нисо рафт.

Ва Писари Сурхаки Сомонӣ бад-ӯ нома фиристод ва ӯро ба мавоъиди зӯр ва ақовили ғурур бифирефт ва ба иъонату мусоъадат ва муқовамати Эликхон мавъуд гардонид. Ва ӯ бар умеди он ишва бар савби Бухоро рехлат кард ва чун ба ҷоҳи ҳамод расид, лашкари ӯ аз муқосоти асфор ва муъонoти ахтор мутабаррим гашта буданд ва аз мудофаъати зарбу ҳарб ба сутӯҳ омада. Ӯро фурӯ гузоштанд ва пеши Сулаймону Софӣ рафтанд, ки ҳоҷибони Эликхон буданд ва аз ҳоли заъфи марокибу хиффати мавокиб ва фулули мазорибу инсидоди вуҷӯҳи матолиби ӯ хабар доданд.

Чун Мунтасирро хабар шуд, лашкаре бисёр перомуни хаймаи ӯ даромада буданд. Соате ба муторадату муҷоделати эшон биистод, пас рӯй ба ҳазимат ниҳод ва бародарону хавосси ӯро ба работи Бушро бигирифтанд ва ба Ӯзканд бурданд. Ва Мунтасир ба ҳиллаи Ибни Буҳайчи Аъробӣ (80) афтод. Ва Моҳрӯ номе аз қибали султон бар сари эшон буд.

PDF Compressor Free Version

Эшонро бар зидди ӯ таҳриз дод ва чун шаб дарраснд, аҷлофи он араб бар ӯ хуҷум карданд ва ҷони азизи ӯро бар бод доданд ва хуни шарифи ӯ дар хок рехтаанд...

Ва қолаби ӯ ба деҳи Моймурғ аз ноҳияти Рӯди Боразм дар хок карданд дар моҳи рабиъулаввали санаи хамса ва тисъина ва салосумиа (395/XII.1004). Ва чун хабари ин разийят ба султон расид, омилро бигирифт ва ба зори зор бикушт ва ҳиллаи Ибни Буҳайҷ бигоратид. Ва якборагӣ шӯълаи Оли Сомон фурӯ мурд ва кавкаби давлати эшон сокит шуд ва кона-л-Лоҳу ало кулли шайъин муқтадиран (81).

## ЗИКРИ УМАРОИ СОМОНӢ ВА МАҚОДИРИ АЙЁМИ ЭШОН

Муддати мулку салтанати Оли Сомон ба Хуросону Мовароуннаҳр ва дигар вилоёт, ки дар баъзе авқот дар ҳавзи мулки эшон буд аз Систону Кирмону Ҷурҷону Раю Табаристон то ҳудуди Сипоҳон, саду ду солу шаш моҳу даҳ рӯз буд.

Аввал подшоҳ аз урумаи эшон Исмоил ибни Аҳмад буд, ки Амри Лайсро ба ноҳияти Балх бигрифт ва аз ибтидои рӯзи сешанбе, мунтасафи моҳи рабиъулохири санаи сабъа ва самонина ва миатайн (287/IV.900) бар мулк муставлӣ шуд ва муддати ҳашт сол мулк дошт. Ва шаби сешанбе, чаҳордаҳуми моҳи сафари санаи хамса ва тисъина ва миатайн (295/XI.907) ба Бухоро фурӯ шуд. Ва писари ӯ — Абӯнаср Аҳмад ибни Исмоил ба ҷои ӯ биншаст ва шаш солу се моҳ подшоҳ буд ва шаби панҷшанбе, бисту сеюми ҷумодиюлохир (1.914—тарт.) бар дасти ғуломони хеш кушта шуд. Ва писари ӯ — Абулҳасан Наср ибни Аҳмад ворисн мулк ва қоиммақоми ӯ шуд ва сӣ сол дар улуввн шаъп ва нафози фармон рӯзгор гузошт.

Ва баъд аз ӯ писари ӯ — Нӯҳ ибни Наср мулаққаб ба «ал-ҳамид» бар тахти салтанат ншаст ва дувоздаҳ солу се моҳу ҳафдаҳ рӯз фармон дод. Ва рӯзи сешанбе, нуздаҳуми рабиъулохири санаи салоса ва арбаъина ва салосумиа (343/VIII.954) ба Бухоро мутаваффӣ шуд. Ва мансаби ӯ ба писари ӯ — Абдулмалик ибни Нӯҳ расид ва ҳафт солу шаш

PDF Compressor Free Version

моҳу понздаҳ рӯз ҳукм ронд ва рӯзи панҷшанбе, ёздаҳуми шавволи санаи хамсина ва салосумиа (350/XI.961) аз асб бияфтод ва ҷон таслим кард. Ва писари ӯ — Мансур ибни Абдулмалик мулаққаб ба «ас—садид» ҷои ӯ бигирифт. Ва понздаҳ солу нӯҳ моҳ навбати салтанат зад ва ба Бухоро рӯзи сешанбе, понздаҳуми шавволи санаи хамса ва ситтина ва салосумиа (365/XI.976) фармон ёфт. Ва писари ӯ — Нӯҳ ибни Мансур мулаққаб ба «ар—разӣ» дар маснади мулк нишаст ва бисту як солу нӯҳ моҳ салтанат кард. Ва рӯзи одина, сездаҳуми моҳи раҷаби санаи сабъа ва самонина ва салосумиа (387/VII.997) ба ҷавори ҳақ рафт. Ва писари ӯ — Абулҳорис Мансур ибни Нӯҳ подшоҳ шуд ва як солу ҳафт моҳ подшоҳӣ кард. Ва рӯзи чаҳоршанбе,, ҳаждаҳуми моҳи сафари санаи тисъа ва самонина ва салосумиа (389/II. 999) ба Сарахс бар дасти Бектузун макҳул ва масмул шуд. Ва бар бародари ӯ — Абдулмалик байъат рафт ва ӯ пой бар замин наёвард, то ба Бухоро бар дасти Эликхон гирифтор шуд ва мулки Мовароуннаҳр аз дасти ӯ берун кард. Ва муддати кори ӯ ҳашт моҳу ҳафдаҳ рӯз буд...

PDF Compressor Free Version

САМЪОНИ

# Китоб-ул-ансоб

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Муаррих ва фақеҳи арабизабон Абўсаъид Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансури Тамимии Марвазӣ, маъруф ба Самъонӣ соли 1113 дар Марв таваллуд шудааст. Аҷдоди ӯ аслан араб ва ба Самъон ном шохаи қабилаи Тамим тааллуқ мегирифтанд. Самъониён аз хонадонҳои маърифатпарвари Марв буда, бино ба ишораи адиб ва ҷуғрофинависи араб Ёқути Ҳамавӣ (вaф. 1229), дар ин шаҳр ду китобхона бунёд ниҳодаанд.

Самъонӣ дар Нишопур таҳсили илм ва касби камол карда, баъдан ба кишварҳои гуногуни олами ислом ба сафар баромадааст. Дар аснои сафари тӯлонии хеш ӯ дар баробари мулоқот ва омӯзиш аз олимон ва муҳаддисони Бағдоду Димишқ, Байтулмуқаддасу Ҳалаб, Куфаю Басра, Мовароуннаҳру Хоразм ва ғайра роҷеъ ба шаҳру навоҳии мухталифи олами ислом ахбору ривоёти фаровон ва маълумоти арзишманди таърихиву ҷуғрофӣ ҷамъ овардааст. Дар соли 1156-1157 Самъонӣ ба Марв баргашт ва мансаби раиси шаҳр ва навоҳии онро соҳиб гардид ва дар айни замон ба таълифи осори илмӣ ва таълим дар мадрасаи Марв иштиғол варзид.

Самъонӣ дар заминаи маводе, ки ҳини сафарҳояш андӯхта буд, дар ҳудуди 49 асар доир ба таърих, ҷуғрофиё, рӯзгори машоиху саҳобагон ва ғайра, аз ҷумла «Таърихи Марв», «Тазйили таърихи Бағдод», «Фазоил-ус-саҳоба», «Мӯъҷам-ул-машоих» ва ғайраро ба забони арабӣ таълиф кард, ки аз байни онҳо танҳо «Китоб-ул-ансоб» то замони мо расидааст.

«Китоб-ул-ансоб» дар шакли фарҳанги алифбоии нисбаҳои риҷоли маъруфи олами ислом иншо шудааст. Муаллиф пас аз зикри нисба дар бораи рӯзгору осори ашхосе, ки бо он нисба маъруфият доштанд, маълумоти мӯътамад овардааст. Чун аксари нисбаҳои ашхоси маъруф аз номи маҳалҳо гирифта шудаанд,

PDF Compressor Free Version

Самъонӣ одатан дар бораи он маҳалле низ иттилооти дақиқи ҷуғрофию таърихӣ дарҷ кардааст. Ҳамин арзиши ҷуғрофиаи «Китоб-ул-ансоб» буд, ки онро Ёқути Ҳамавӣ ба ҳайси яке аз маохизи асосӣ дар таълифи «Муъҷам-ул-булдон»-и худ мавриди истифода қарор додааст.

«Китоб-ул-ансоб» аз 8 ҷилд иборат буд ва дар асрҳои миёна аз китобҳои нодир ба шумор мерафт. Муаррих ва муҳаддиси бузурги араб Ибни Асир (ваф. 1234) «Китоб-ул-ансоб»-ро дар шакли мухтасар ва дар се ҷилд бо унвони «Китоб-ул-лубоб» таҳрир кардааст.

Матни асли «Китоб-ул-ансоб» соли 1912 аз ҷониби мусташриқи англис Марголиус (1858-1940) ба тариқи факсимиле ба нашр расонида шуд, ки он то кунун мавриди истифодаи аҳли таҳқиқ мебошад.

PDF Compressor Free Version

**БАЛЪАМӢ:** ба фатҳи «бо»-и манқута, сукуни «лом», фатҳи «айн»-и муҳмала ва дар охир «мим» — ин нисбат аст ба вазир Абулфазл Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Абдурраҳмон ибни Абдуллоҳ ибни Исо ибни Риҷо ибни Маъбад ибни Алвон ибни Зиёд ибни Ғолиб ибни Қайс ибнӣ ал-Мунзир ибни ал-Ҳарас ибни Ҳассон ибни Ҳишом ибни Муғис ибни ал-Ҳарас ибни Зайди Манок ибни Тамим ал-Балъамӣ ат-Тамимӣ. Ибни Мокуло (1) гуфтааст: Риҷо ибни Маъбад бар Балъам, ки шаҳре аз диёри Рум аст, истило ёфт, — ҳангоме ки Маслама ибни Абдулмалик (2) ба он шаҳр ворид шуд, — ва дар он ҷо муқим гашт ва наслаш дар он ҷо зиёд шуд ва фарзандонашро бад-он ҷо нисбат доданд. Ва ба хатти Абӯсаъид Муҳаммад ибни Абдулҳамиди Абдонӣ (3) хондам, ки Абулаббоси Маъдолӣ (4) гуфтааст: Абулфазли Балъамӣ, насабаш ба Алвон мерасад. Ҳам ӯ гуфтааст: Ниёи ӯ дар он ҷо буд ба рӯзгори Холид ибни Муғис ибни ал-Ҳарис ибни Молик ибни Ҳанзала ибни Зайди Манок ва ба замоне, ки фурсони Тамим ал-Маъдудӣ бо сипоҳи Қутайба ибни Муслим ба Марв рафт, он ҷо буд ва дар дуртарин қарияе аз Лосҷирд, дар мавзеъе, ки онро Балъамон гӯянд, фуруд омад ва Балъамӣ бад-он ҷо мансуб гашт. Ва Абулфазл вазири Исмоил ибни Аҳмад — амири Хуросон буд (5) ва аз Муҳаммад ибни Ҷобир дар Марв ва Муҳаммад ибни Ҳотам ибни Музаффар ва Абулмуҷиди Муҳаммад ибни Амр ва Солеҳ ибни Муҳаммади Зарир ва Исмоил ибни Аҳмад ва дигарон ҳадис шунид. Ва вай дар ақлу раъй ва бузургдошти донишу донишварон ягонаи рӯзгор буд ва аз Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Насири фақеҳ мусаннафот шунид. Ахборе аз ӯ ривоят кардаанд ва дар китобҳо овардаанд. Ва ӯ дар шаби даҳуми моҳи сафари соли 329 (XI.940) даргузашт. Ӯ аз аҳли Бухоро аст ва аъқобаш то кунун дар ин шаҳр боқӣ мондаанд.

PDF Compressor Free Version

**БАНҶӢ:** ба фатҳи «бо»-и якнуқтадор, замми «нун» ва дар охири он «ҷим» — ин нисбатест ба қарияе аз қарияҳои Рӯдак дар навоҳии Самарқанд, ки онро Банҷи Рӯдак мегӯянд ва он кутби Рӯдак аст. Ва шоири маъруф Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз ин қария буд ва дар харфи «ро» ёд аз ӯ хоҳам кард, зеро ки ба он (яъне, ба «Рӯдакӣ» — мурат.) маъруф аст, аммо аз Банҷ буд. Абӯсаъди Идриси Ҳофиз (6) гуфтааст: қабри Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар он ҷо машхур аст. Ва он дар пушти боғи Банҷи Рӯдак аст. Он мазор аст ва ман зиёраташ кардаам.

**РУДАКИ:** ба замми «ро» ва сукуни «вов» ва фатҳи «зол»-и нуқтадор ва дар охири он «коф» — ин нисбат ба Рӯдак аст ва он ноҳиятест дар Самарқанд ва дар он қарияҳаст, ки вайро Банҷ гӯянд... Ва ин қария кутби Рӯдак аст ва он дар ду фарсангии Самарқанд аст. Ва бад — ин ҷо Абӯабдуллоҳ Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Ҳаким ибни Абдурраҳмон ибни Одами Рӯдакӣ — шоири самарқандӣ маъруф аст, ки гуфтораш ба форсӣ малеҳ ва девонаш дар шаҳрҳои Аҷам пароканда аст. Шеъри ӯ накӯ ва гуфтораш матин аст. Ва вай аввал касест, ки ба форсӣ шеъри хуб гуфтааст.

Абӯсаъди Идриси Ҳофиз гуфтааст: «Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ дар замони худ дар шеъри форсӣ бар ҳамгинони худ пешӣ дошт». Аз Исмоил ибни Муҳаммад ибни Асламм Қозии Самарқандӣ ҳикояте ривоят шудааст тавассути Абӯабдуллоҳ ибни Абӯҳамзаи Самарқандӣ, ки ахборе мусаннад аз ӯ намедонам ва пас аз он, ки ин ривоят аз ӯ дидам, худдорӣ аз зикри онро накӯ надонистам. Ӯ гӯяд: «Абулфазли Балъамӣ — вазири фармонравои Хуросон Исмоил ибни Аҳмад мегӯяд, ки Рӯдакиро дар Арабу Аҷам назир нест». Ва вай дар Рӯдак дар соли 329/941 даргузашт.

**СОМОНӢ:** бо фатҳи «син»-и бенуқта — ин нисбат аст ба ҷамоате аз подшоҳони Сомон, ки аз миёни эшон амири мозӣ, олим, одил ва восеҳи мардум Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомон ибни Сод ибни Сор — мавлои амирулмӯъминини машҳур аст. Ва касонеро, ки бад-ӯ ва ба

PDF Compressor Free Version

ақрабову авлодаш мансуб ва аз ғуломону хидматгузоронаш ҳастанд, Сомониён хонанд. Ахбори ӯро дар китобҳо навиштаанд ва вай дар адлу саховат ва эҳтироми аҳли илму бузургдошти онҳо машҳур ва маъруф аст. Ва Исмоил дар Бухоро дар моҳи сафари соли дусаду наваду чор (XI.906) даргузашт (7). Ва падараш — амир Аҳмад ибни Асад ибни Сомон ибни Сод ибни Сор ибни Нушард ибни Тамғос ибни Баҳроми Чӯбини Сомонӣ... дар Фарғона ба соли дусаду панҷоҳ (864/865) даргузашт. Ва писари вай — Абӯяъқуб Исҳоқ ибни Аҳмади Сомонӣ... аз падар ва Абдуллоҳ ибни Абдурраҳмон ҳадис шунида ва аз ӯ Солеҳ ибни Абӯдаҳич ва Абдуллоҳ ибни Яҳё ибни Мӯсои Қозӣ ҳадис ривоят кардаанд. Ва ӯ дар қуҳандизи Бухоро маҳбус буд ва ҳафт рӯз монда аз сафари соли сесаду як (IX.913) даргузашт. Бародари дигари вай (яъне амир Исмоил — мурат) — Абулҳасан Наср ибни Аҳмад ибни Асад ибни Нӯҳи Сомонӣ, ки ба қавли ал-Ҳоким Абӯабдуллоҳи Ҳофиз, аз падараш ва Солим ибни Ғолиби Самарқандӣ ва Абӯабдуллоҳ Муҳамад ибни Насри Марвазӣ омӯхт ва аз вай Саҳл ибни Соруя ҳадис ривоят кард ҳафт рӯз монда аз ҷумодиюлухрои соли дусаду ҳафтоду нӯҳ (IX.892)... даргузашт (8).

Ва ман дар ин ҷо вафоти амирони сомониро баён мекунам. Ҳамон тавр ки Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ғунҷори Ҳофиз (9) ва аз ӯ Абулаббоси Мустағфирӣ (10) зикр кардаанд, фатҳи Испиҷоб ба дасти Нӯҳ ибни Асад ибни Сомон ба соли дусаду бисту чор (838—839) буд ва Абӯмуҳаммади Нӯҳ соли дусаду бисту ҳафт (841—842) даргузашт. Ва бародари вай Абулаббос Яҳё ибни Асад рӯзи панҷшанбе, панҷ рӯз монда аз рабеъулохири соли дусаду чилу як (IX.855) даргузашт. Ва Абулфазл Илёс ибни Асад соли дусаду чилу ду (856—857) дар Ҳирот вафот кард. Ва Абӯнаср Аҳмад ибни Асад — падари амир Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад дар Фарғона дар соли дусаду панҷоҳ (864—865) аз олам гузашт. Ва Абулҳасан Наср ибни Аҳмад ибни Асад — бародари Исмоил ибни Аҳмад шаби душанбе пас аз намози мағриб даргузашт ва рӯзи душанбе, ҳафт рӯз монда аз ҷу-

PDF Compressor Free Version

модиюлухрои соли дусаду ҳафтоду нӯҳ (IX.892) дафн гардид. Ва Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад дар моҳи сафари соли дусаду наваду чор (XI.906) даргузашт. Валодати вай ба Фарғона дар шавволи солу дусаду сиву чор (IV—V.849) буд. Ва гуфтаанд: Абӯнаср Аҳмад ибни Исмоил, мулаққаб ба «шаҳид», ба дасти ғуломонаш шаби якшанбе, ҳафт рӯз монда аз ҷумодиюлухрои соли сесаду як (1.914) кушта шуд. Ва Абулҳасан Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад ибни Асад шаби панҷшанбе, се рӯз монда аз раҷаби соли сесаду сиву як (IV.943) даргузашт (II) ва подшоҳии ӯ сӣ солу як моҳу чаҳор рӯз буд. Ва Абӯмуҳаммад Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмад панҷ рӯз монда аз рабеъулохири соли сесаду чилу се (VIII.954) даргузашт. Ва Абулфаворис Абдулмалик ибни Нӯх ибни Наср рӯзи чаҳоршанбе, чаҳор рӯз гузашта аз шавволи соли сесаду панҷоҳ (XII.961) даргузашт. Ва Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ дар шавволи соли сесаду шасту чор (VI-VII.975) даргузашт. Чунин гуфтааст Мустағфирӣ. Ва ман гӯям: Абулқосим Нӯҳ ибни Мансур ибни Нӯҳ дар даҳаи аввали моҳи раҷаб даргузашт ва рӯзи панҷшанбе, ҳашт рӯз гузашта аз раҷаби соли сесаду ҳаштоду ҳафт (VII.997) мадфун гардид ва муддати подшоҳии вай бисту як солу нӯҳ моҳ илло чанд рӯз буд. Ва ба писари ӯ — Абулҳарас Мансур ибни Нӯҳ дар шаҳрҳои Мовароуннаҳр дар моҳи зулқаъда байъат карданд ва рӯзи ҷумъа, дар даҳаи дуюми моҳи зулқаъдаи соли сесаду ҳаштоду ҳафт (XI.997) ба номи вай хутба хонданд.

PDF Compressor Free Version

ЁҚУТИ ҲАМАВӢ

# Муъҷам-ул-булдон

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Адиб ва олими маъруфи араб Шиҳобуддин Абӯабдуллоҳ Ёқут ибни Абдуллоҳи Ҳамавии Румӣ, ки бештар бо номи Ёқути Ҳамавӣ ифтихор ёфтааст, тақрибан дар соли 1179 дар Осиёи Сағир таваллуд шудааст. Ёқут дар овони кӯдакӣ ба асорат афтода ва тоҷире ӯро аз шаҳри Ҳамаи Шом ба ғуломӣ харидааст. Мавлои Ёқут, ки Аскар ибни Абӯнасри Иброҳим ном дошт, ба таълим ва тарбияи ӯ рағбати зиёд зоҳир кард. Дар натиҷа, Ёқут на танҳо хату савод омӯхт, балки пешаи тиҷоратро аз худ кард.

Пас аз вафоти мавлояш дар соли 1210 Ёқут аз ғуломӣ озод шуда, дар Бағдод маскан гирифт ва ба тиҷорати китоб ва таҳқиқу таълифи осори илмӣ пардохт. Ӯ аз соли 1213 ба саёҳати кишварҳои исломӣ баромад ва аз аксари шаҳру навоҳии Ироқ, Шом, Арабистон, Эрон, Хуросон, Хоразм ва ғайра дидан кард. Дар соли 1216 ӯ дар Димишқ бо иддае аз пайравони мутаассиби Алӣ ибни Абӯтолиб мунозара кард ва аз баски ба мазҳаби хавориҷ майл дошт, аз таҳдиди он тоифа гурехта ба Марв омад ва дар он ҷо иқомат ихтиёр кард. Дар Марв ӯ аз китобхонаҳои пурсарвати ин шаҳри бостонӣ истифода карда, барои таълифоти худ маводи фаровон ҷамъ овард. Дар соли 1219 Ёқут ба Хоразм омад, вале бар асари ҳамлаи муғулҳо ба Мавсил ва аз он ҷо ба Ҳалаб фирор кард ва дар ҳамин шаҳр 20 августи соли 1229 аз олам гузашт.

Ёқути Ҳамавӣ аз олимони мутабаҳҳир дар риштаҳои мухталифи улум, аз қабили адаб, луғат, таърих, ҷуғрофиё, ансоб ва ғайра буд. Дар ин риштаҳо ӯ асарҳои зиёде таълиф кардааст, вале бештар ду китоб: «Мӯъҷам-ул-удабо» (номи дигараш: «Иршод-ул-ариб ило маърифат-ил-адиб») ва «Мӯъҷам-ул-булдон» моян шӯҳрати беназираш гардидааст.

 PDF Compressor Free Version 

Китоби аввал дар шакли тазкира тадвин шуда, савонеҳи рӯз-
гор ва намунаҳои осори шоиронy адибони арабизабонро дар бар
гирифтааст. Китоби дуввум — «Мӯъҷам-ул-булдон» асари арзиш-
манди ҷуғрофиёӣ буда, аз муқаддима, панҷ боб ва қисми луғат
иборат аст. Муаллиф дар он доир ба ҷуғрофиёнигорони гузашта
ва осори онон, шаклҳои замин, тақсими маҳалҳо ба иқлимҳои
мухталиф ва бурҷҳои осмонӣ ва масоили марбут ба истилоҳоти
ҷуғрофиёи астрономӣ маталибн ҷолибро ба қайд овардааст. Қис-
мати муҳимми «Мӯъҷам-ул-булдон»-ро тавсифи шаҳру навоҳии
мухталифи олами ислом фароҳам меоварад. Муаллиф доир ба
ҳар як маҳал маълумоти муҳимми ҷуғрофиёӣ, таърихӣ, луғавӣ,
этнографӣ ва филологиро дарҷ намудааст.

Ёқут таълифи китоби мазкурро соли 1224 дар Ҳалаб ба
охир расонида, онро ба вазири Ҳалаб Ҷамолуддини Қифтӣ ҳадя
кардааст. Яке аз ҳамасрони Ёқут — Сафиуддини Абдулмӯъмин
«Мӯъҷам-ул-булдон»-ро мухтасар кардааст, ки он то замони мо
расида ва рӯи чопро дидааст.

«Мӯъҷам-ул-булдон»-и Ёқут бори нахуст бо ҳиммати профес-
сор Вестенфельд дар солҳои 1866-1873 дар Лейпсиг ва баъдан дар
мамлакатҳои араб мукаррар ба нашр расидааст.

PDF Compressor Free Version

**БУХОРО**: бо замма — аз бузургтарин ва боазаматтарин шаҳрҳои Мовароуннаҳр аст, ки бар он аз Омулшат(т) убур кунанд. Ва аз ин самт байни он ва байни Ҷайҳун дурӯза роҳ аст. Он дорулимораи шоҳони сомонӣ буд. Ва Абӯавн дар «Зиҷ»-и худ гӯяд (1): «Арзи он сию шаш дараҷа ва панҷоҳ дақиқа аст ва он дар иқлими чаҳорум мебошад». Аммо дар масъалаи пайдоиши номи Бухоро ва сабаби тасмияи он ба ин ном ҳарчанд ҷустуҷӯ кардам, муваффақ нашудам. Бидуни шак, он аз шаҳрҳои қадима ва хушобу ҳаво аст ва боғҳои зиёду меваҳои фаровон дорад. Замоне, ки ман он ҷо будам, меваҳояш писандам омад, ки ба Марв ҳамл мешуд. Масофати байни Бухоро ва Марв дувоздаҳ марҳала аст. Меваҳоро аз Бухоро ҳамчунин ба Хоразм мебаранд, ки байни ин ду шаҳр беш аз понздаҳ рӯз роҳ аст. Ва байни Бухоро ва Самарқанд ҳафт рӯз роҳ ё худ сиву ҳафт фарсах аст. Ва байни ин ду шаҳр Суғд воқеъ аст. Ва муаллифи «Китоб-ус-сувар» (2) гӯяд: «Аммо хуррамии билоди Мовароуннахр — пас ман дар тамомати кишвари ислом сарзаминеро хубтар ва хуштар аз Бухоро надидаам ва нашунидаам. Ҷиҳат он ки агар болои куҳандизи он бинистӣ, ба ҳар тараф, ки назар андозӣ, ба ҷуз сабзӣ, ки муттасил ба сабзии осмон бошад, чизе дигар набинӣ. Ва гӯӣ осмон монанди зарфе сабз аст, ки ба рӯи гилеми сабз вожгун кардаанд ва қасрҳои он аз миёнаи он сабзӣ монанди гулҳо пайдо мебошанд. Ва заминҳои кишти эшон росту ҳамвор чун оинаанд».

Ва дар тамомати Мовароуннаҳру Хуросон шаҳре маъмуртар ва аҳлу сукконии он анбӯҳтар аз Бухоро нест ба қадри арса ва масоҳати он. Ва ин аз фазилатҳои вижаи ин сарзамин аст, зеро тамошогоҳҳои дунё Суғди Самарқанд ва наҳри Убулла мебошанд...

PDF Compressor Free Version

Ҳам ӯ гӯяд: Аммо Бухоро ва номи он Бумиҷкас аст ва вай шаҳрест дар замини ҳомун ва биноҳояш аз чӯбҳои дар ҳам фурӯрафта сохта шудааст. Ин биноҳо, кӯшкҳо, бӯстонҳо, кӯйҳо, кӯчаҳои сангфарш ва деҳҳои ба якдигар муттасил бо деворе иҳота шудааст ба қадри дувоздаҳ фарсах бар дувоздаҳ фарсах, ки ҳамаи ин кӯшкҳову биноҳову деҳҳову қасабаро фаро мегирад. Ва дар он ҳеҷ ҷои холӣ ва ё харобро намебинӣ. Ва ба ҷуз ин девор ба қасаба ва он ҷӣ бар он муттасил аст аз кӯшкҳо, манзилҳо, маҳаллаҳо ва боғҳо, ки аз қасаба ҳастанд, деворе дигар кашида шудааст ба қадри як фарсах. Ва аҳли қасаба зимистону тобистон дар он ҷо сокинанд. Ва андаруни ин девор шаҳристон ҳаст, ки он низ бо деворе азиму баланд иҳота шудааст. Ва берун аз шаҳристон куҳандизе ҳаст ба он пайваста ва ба қадри як шаҳри хурд. Ва дар куҳандиз қалъае ҳаст, ки маскани шоҳони Хуросон аз Оли Сомон дар он ҷо аст. Ва дар куҳандиз рабазе ҳаст ва масҷиди ҷомеъ бар дари куҳандиз. Ва дар тамомати Хуросону Мовароуннаҳр ҳеҷ шаҳре бо анбӯҳ ва халқи бисёр монанди Бухоро нест. Ва дар рабаз нахри Суғд ҷорӣ мешавад, ки рабазро ба ду ҷудо мекунад ва он охири нахри Суғд аст. Ва аз он ба қадри хоҷат ба осиёбҳову зиёъҳо ва мазореъ об меравад ва он ҷӣ боқӣ мемонад, дар обгире меафтад рӯ ба рӯи Байканд ба наздики Фарабр, ки ба Сомхос(з) маъруф аст. Ва андаруни ин девор шаҳру деҳҳои бисёр аст, аз ҷумла Тавовис ва Бумиҷкас ва Зандана ва ғайри он.

Моро Абӯҳошими Абдулмутталиб ривоят кард аз имомулаадл Абулфатҳ Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Ҷаъфари Ҳакамӣ, ӯ аз имлои Абулюср ва ӯ аз имлои Абӯяъқуб Юсуф ибни Мансури Сайёрии Ҳофиз, ки бо зикри иснодe, ки ба Ҳузайфа ибни Ямон мерасад, гуфтааст: «Расули худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, гуфтааст: шаҳре дар Хуросон паси наҳре, ки онро Ҷайҳун гӯянд, мавҷуд аст бо номи Бухоро, ки раҳмати худо онро фаро гирифта ва фариштагон гирди он печида ва мардумаш голиб ва дар он каси дарозкашида дар бистари хоб мисли

PDF Compressor Free Version


шахсест, ки дар роҳи Худо шамшер аз наём кашидааст. Ва паси он шаҳрест, ки онро Самарқанд гӯянд ва дар он чашмаест аз чашмаҳои ҷаннат ва қабре аз қабрҳои анбиё ва равзаест аз риёзи ҷаннат. Мурдаҳои он шаҳр рӯзи қиёмат ҳамроҳи шаҳидон барангехта шаванд. Ва аз паси он заминест, ки онро Қатавон гӯянд ва аз он ҷой ҳафтод ҳазор шаҳид бархезад ва ҳар як шаҳид ҳафтод ҳазор касро аз аҳли байти хеш ва ақрабои худ шафоат кунад. Ва гуфт, ки Ҳузайфа гуфтааст: Мехоҳам, ки ин замон маро мувофиқ оянд, вале беш аз ин мехоҳам, ки маро шаби лайлатулқадр дар яке аз ду масҷид —Масҷиди набавӣ ё Масҷид-улҳаром насиб кунад».

Муомалоти аҳли Бухоро дар рӯзгори Сомониён бо дирҳамҳо будааст ва байни худ эшон бо динорҳо муомала накунанд. Тилло дар миёнаи эшон монанди молу арз аст. Ва эшонро дирҳамҳо ҳаст, ки онро «ғитрифӣ» мехонанд ва он аз оҳану рӯй ва сурб ва ҷавоҳире дигар мураккаб аст. Ва он ба ҷуз аз Бухоро ва навоҳии он ҷои дигар мустаъмал нест. Ва рӯи он сиккаҳо суратҳо ҳаст ва онро дар айёми ислом зарб кардаанд. Ва эшонро дирҳамҳои дигар низ ҳаст, ки онҳоро «мусайябия» ва «муҳаммадия» гӯянд ва онҳоро низ зарб дар айёми ислом будааст...

Ва аммо ҳадиси фатҳи он чунин аст: Чун Зиёд ибн Абиҳӣ дар соли 53 (672—673) дар айёми ҳукмронии Муовия даргузашт, Убайдуллоҳ ибни Зиёд ба назди Муовия рафт. Муовия ба ӯ гуфт: «Бародари ман киро ҷойнишинии худ гузошт?» Гуфт: «Холид ибни Асидро бар Куфа ва Самура ибни Ҷундабро бар Басра». Муовия ба ӯ гуфт: «Агар падарат туро ҷонишини худ мекард, ман ҳам туро волӣ таъйин мекардам». Ӯ гуфт: «Худо кунад, ки баъди ту касе ин суханро ба забон наорад: агар падар ё амми ту туро волӣ мекард, ман ҳам туро волӣ мегардонидам».

Пас бо ӯ аҳд кард ва ӯро волии Хуросон таъйин намуд. Ва низ гуфтаанд: Касе, ки баъди мавти Зиёд аз писаронаш бар Хуросон волӣ гашт, Абдурраҳмон буд.

Балозурӣ гӯяд: Чун Зиёд даргузашт, Муовия Убайдул-

лоҳ ибни Зиёдро бар Хуросон амир кард. Ва ӯ ҷавоне бисту панҷсола буд. Бо бисту чаҳор ҳазор сипоҳӣ аз наҳр (яъне, Ҷайҳун — тарт.) бигзашт. Ва мулки Бухоро он вақт бар дасти зане буд, ки вайро Хотун мехонданд. Убайдуллоҳ ба Байканд омад. Ва Хотун дар шаҳри Бухоро буд, пас ба туркон расул фиристод, то ба имдоди онҳо биёянд. Туркон ногаҳон даррасиданд. Мусалмонон бо онҳо масоф доданд ва мунҳазим гардониданд. Мусалмонон ба хароб карданy оташ задан оғоз намуданд. Хотун бар онҳо расул фиристод ва талаби сулҳу амон кард. Ва бар ҳазор ҳазор бо якдигар сулҳ карданд. Убайдуллоҳ ба шаҳр дохил шуд ва Зомину Байкандро, ки байнашон ду фарсанг роҳ аст, фатҳ намуд. Ва Зомин ба Байканд нисбат дорад...

Ва гӯянд: Ӯ Сағониёнро фатҳ намуд ва ба Басра бо ду ҳазор асири бухороӣ баргашт, ки ҳамагӣ тирандозони чирадаст буданд ва бар ҳамаи эшон атоҳои бисёр фармуд.

Пас Муовия Саъид ибни Усмон ибни Аффонро дар соли 55 (674—675) бар Хуросон амир таъйин кард ва ӯ аз наҳр убур кард. Ва гӯянд: ӯ аввалин касест, ки бо лашкариёнаш наҳрро гузашт. Вақте Хотун аз убури вай хабар ёфт, бо ӯ аз дари мусолаҳа даромад ва мардуми Суғд, Турк ва мардуми Кашшу Насаф додани 120 ҳазор дирҳам ҷизяро ба Саъид қабул карданд. Пас онҳо дар Бухоро вохӯрданд, вале Хотун аз адои ҷизя пушаймон шуд ва аҳдро шикаст. Ва намояндаи яке аз он ҷамоатҳо низ бо касоне, ки ҳамроҳаш буд, бозгашт. Дигарон низ аҳд бишкастанд. Чун Хотун инро бидид, он раҳиро ба Саъид бипардохт ва сулҳ барқарор шуд. Ва Саъид ба Бухоро ворид шуд, пас Самарқандро тасхир кард, ки аз он зимни зикри Самарқанд сухан хоҳем гуфт.

Пас хабаре аз ҳоли Бухоро то соли 87 (705—706), то замони вилояти Қутайба ибни Муслим бар Хуросон ба ман дастрас нашудааст. Ва Қутайба дар ин сол рӯдро убур карда ба Бухоро расид ва онро ҳисор кард. Суғду Фарғонаву Шошу Бухоро муттаҳид шуданд. Ӯ тӯли чаҳор моҳ эшонро муҳосира кард. Пас онҳоро мунҳазим гардонид, мардуми

PDF Compressor Free Version

зиёдро кушт ва панҷоҳ ҳазор касро асир кард. Ва онро фатҳ кард. Сипас Қутайба ба Самарқанд рӯй овард. Ва он ғазви аввали ӯ буд. Ва Бухоро бар мусалмонон софӣ шуд.

Ва Бухоро мардуми зиёдеро аз аиммаи мусалмонон дар фунуни мухталиф мансуб медоранд, аз ҷумла имоми аҳли ҳадис — Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Исмоил ибни Иброҳим ибни Муғира ибни Бардазбеҳ. Ва Бардазбеҳ зардуштӣ буд, ки бар дасти Ямони Бухорӣ — волии Бухоро ислом овард. Ва ин Ямон ҳамон Абӯҷад Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ал-Муснадӣ ал-Ҷуъфӣ аст. Бино бар имом ал-Бухориро ал-Ҷуъфӣ низ гуфтаанд, ба сабаби пайвастагии эшон бо Абӯҷад. Ва Абӯабдуллоҳ муаллифи «Ал-Ҷомеъ-ус-саҳеҳ» ва «ат-Таърих» аст. Бар талаби илм ӯ ба назди руводи ҳадис ба шаҳрҳои гуногун сафар кард ва дар Хуросону Ироқу Шому Ҳиҷозу Миср ҳадис навишт. Мавлудаш соли 194 (809—810) аст. Ва дар шаби иди рамазон дар соли 256 (870) вафот кардааст. Бар ӯ ранҷу таассуб карданд то ба ҳадде, ки аз Бухоро ба Хартанг ихроҷ шуд ва дар он даргузашт.

Ва аз ҷумлаи онҳо Абӯзакариё Абдурраҳим ибни Аҳмад ибни Наср ибни Исҳоқ ибни Амр ибни Музоҳим ибни Ғиёс ат-Тамимӣ ал-Бухорӣ ал-Ҳофиз мебошад, ки дар Мовароуннаҳру Ироқу Шому Мисру Африқо ва Андалус ҳадис шунид. Пас дар Миср сокин шуд ва аз Абдулғанӣ ибни Саъид ал-Ҳофиз ва Тамом ибни Муҳаммад ар-Розӣ ва аз дигарон, ки зикри эшон ба тӯл мекашад, ҳадис ривоят кард. Ва аз ӯ фақеҳ Абулфатҳ Наср ибни Иброҳим ал-Муқаддасӣ ҳикоят карда, ки ӯ гуфтааст: Ман дар Бухоро чаҳордаҳ ҳазор ҷузъ китоб дорам. Мехоҳам, ки ба он ҷо равам ва он китобҳоро биёварам.

Ва Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Хаттоб гӯяд: «Абӯзакариё ал-Бухорӣ дар Бухоро аз Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Сулаймон ал-Ғунҷор ал-Бухорӣ ва Абулфазл Аҳмад ибни Алӣ ибни Амр ас-Сулаймонӣ ал-Байкандӣ ҳадис шунид». Ва номи ҷамоате аз уламоро аз чанд кишвар зикр кард ва гуфт: «Аз Абдулғанӣ ибни Саъид дар Миср ҳадис шунид ва ба Андалус ва билоди Мағриб дохил шуд ва дар

PDF Compressor Free Version

он ҷойҳо аз шайхони эшон ҳадис навишт ва ин амалро то замони фавташ идома дод. Ва ӯ аз муҳаддисони мӯътамад буд. Ман китоберо дар бораи ӯ дорам, ки «Муштабаҳ-ун-нисба»-и Абдулғанӣ аст».

Ва Абулфазл ибни Тоҳир ал-Муқаддасӣ дар китоби хеш — «Такмилат-ул-комил фӣ маърифат-из-зуафо» гӯяд: «Абдурраҳим Абӯзакариё ал-Бухорӣ гуфт: Аз Абдулғанӣ ибни Саъид ва китоби ӯ «Муштабаҳ-ун-нисба» вақти қироати он сухан гуфтанд ва ман мешунидам».

Ибни Тоҳир гӯяд: Ва ин қавл мавриди баҳс аст, зеро ман аз Имом Абулқосим Саъид ибни Алӣ аз-Занҷонӣ ал-Ҳофиз шунидам, ки мегуфт: Аз ин китоби Абдулғанӣ касе ба ҷуз писари духтари ӯ — Абулҳасан ибни Бақо ал-Хашшоб ривоят накардааст.

Ал-Ҳофиз Абулқосим ад-Димишқӣ гӯяд: «Ва дар қавли аз-Занҷонӣ ҷои баҳс аст ва мо далеле дорем, ки онро ботил мекунад. Ва он далел ин аст, ки китоби Абдулғаниро Абулҳасан Ришо ибни Назиф ал-Муқрӣ низ ривоят кардааст. Ва ӯ аз мӯътамадон буд». Ва Абӯзакариёи Абдурраҳим аз риҷолест, ки ба гуфтори ӯ эътимод мекунанд ва ман нашунидаам, ки касе ба ӯ эрод гирифта бошад. Ва Абӯмуҳаммад ал-Акфонӣ овардааст, ки Абӯзакариёи Бухорӣ дар Ҳавро соли 461 (1068—1069) вафот кардааст. Ва дигаре гуфт, ки чун аз мавлуди ӯ пурсиданд, гуфтанд, ки он дар моҳи рабеъулаввали соли 382 (V.992) буд. Ва аз ҷумлаи онҳое, ки ба Бухоро нисбат доранд, Абӯалӣ Ҳусайн ибни Абдуллоҳ ибни Сино ал-Ҳаким ал-Бухорӣ аст, ки умураш машҳур, қадру манзалаташ мақдур аст ва таснифоти зиёд дорад. Рӯзгор бар ӯ танг омад ва рӯй бар Ҷибол ниҳод. Ва соҳиби мансаби вазорат дар рӯзгори Шамсуддавла Абӯтоҳир ибни Фахруддавла ибни Рукнуддавла ибни Бӯя — амири Ҳамадон гашт. Ва корҳое бар ӯ рафт ва сахтиву машаққатҳо пеш омад, то рӯзи шанбе, шашуми шаъбони соли 428 (IV. 1037) дар 58-солагӣ аз олам даргузашт...

МОВАРОУННАҲР: мурод аз наҳр рӯди Ҷайҳун дар Хуросон аст. Мавозеъеро, ки бар ҷониби шарқии ин рӯд

PDF Compressor Free Version

аст, билоди Ҳаётила мегуфтанд ва дар замони ислом онро Мовароуннаҳр хонданд.

Он ҷӣ бар ҷониби ғарбии рӯд аст, Хуросон ва вилояти Хоразм аст, вале Хоразм аз Хуросон нест ва он ба сари худ иқлимест алоҳида.

Мовароуннаҳр аз ҷумлаи хуррамтарин, боneъматтарин, пурбаракаттарин иқлимҳо аст. Мардуми он ба хайру саха ва бахшиш ба мӯҳтоҷон рағбате тамом доранд. Ва дар он ҷӣ эшонро даст диҳад, ҷавонмарду сахӣ ва дорои шавкату манъоат, қудрату далерӣ, уддату олат ва аспу силоҳанд. Аммо фароxии неъмати он аз ҳадди тавсиф бештар аст ва дар тамоми билоди ислом ва ғайри он мислаш набошад. Ва дар дунё ҳеҷ иқлиме ё ноҳияе набошад, ки аҳли он борҳо дучори қаҳт нашудаанд, магар Мовароуннаҳр. Ва агар мардуми он гоҳе аз гармову сармо зарар бинанд ва ё офате ба зироати эшон бирасад, ҳамон ғаллае, ки пас аз офат дар заминҳояшон боқӣ монад, аз зиёдӣ эшонро басанда аст ва ниёзе ба нақли он аз шаҳрҳои дигар надоранд.

Ва дар тамоми Мовароуннаҳр мавзеъе холӣ аз иморатҳо, шаҳрҳо, деҳаҳо, обҳо, киштзорҳо ва чарогоҳҳо нест. Ва ҳар чизе ки мардумро аз он чора набошад, эшонро бошад — ба ҳадде бештар аз истеъмолашон. Ва аммо обҳои эшон ширинтар ва сабуктар аз ҳама обҳост. Ва дар ҳамаи кӯҳҳо, ноҳияҳо ва шаҳрҳои Мовароуннаҳр оби ширин ҳаст. Ва он ҷо аз чаҳорпоён, ки мубоҳ аст, чандон бошад, ки эшонро кифоят кунад ва ҳамчунин хару астару шутур.

Ва гӯшти эшон аз гӯсфанд аст, ки аз навоҳии ғарбии Туркмон ва ғайри он чандон оранд, ки аз эшон боқӣ монад. Ва аз пӯшок либосҳои пахтагин бад-он ҷо чандон бошад, ки аз эшон зиёдат меояд ва ба кишварҳои олам мебаранд. Ва онҳоро қаззу суфу пашмина бисёр аст, ҳамчунин абрешими хуҷандӣ, ки абрешиме афзал бар он набошад. Ва дар кишвари эшон конҳои оҳан чандон аст, ки аз эҳтиёҷоташон дар аслиҳаву адавот зиёдат меояд. Ва дар он ҷо конҳои тиллову нуқра ва симоб ҳаст ва дар фаровонии ин мавод кишваре дигар ба Мовароуннаҳр баробар набошад, ба ҷуз Банҷаҳир дар нуқра. Симоб, тилло ва мис, ки аз конҳои

PDF Compressor Free Version

Мовароуннаҳр истеҳсол мешавад, беҳтарин навъҳои ин мавод маҳсуб мешаванд. Чун ба Суғду Уструсана ва Фарғонаву Шош ворид шудӣ, хоҳӣ дид, ки меваҳои эшон он қадар фаровон аст, ки аз ҳама офоқ зиёдат меояд. Ғуломонро эшон аз Туркистон, ки бар кишвари онҳо муҳит аст, меоранд ва он чи аз эҳтиёҷоташон беш аст, ба дигар кишварҳо мебаранд. Ва дар тамоми Машриқ ин ғуломон беҳтарин маҳсуб мешаванд. Ва мушкро аз Туббату Хирхиз ва заъфаронро аз Ҷағониён бад-он ҷо меоранд ва ба соири мамолики исломӣ мебаранд. Ҳамчунин пашми самуру санҷобу рӯбоҳ ва нодиртарин шамшеру сроиштоту сарулибосро, ки подшоҳон бад-он мӯҳтоҷанд, аз мавозеъи дигар бад-он ҷо меоранд ва ба офоқу ақтор мебаранд.

Аммо саховати мардуми Мовароуннаҳр дар қисмати аксари он чунон аст, ки пиндорӣ, ҳамаи эшон дар як хона ва хеши якдигаранд. Ва ҳар касе, ки ба хонаи дигаре меравад, он хонаро хонаи хеш мепиндорад. Ва соҳиби хонаро ба меҳмони нохонда кароҳат набошад, балки ба қадри тавони худ расми меҳмондорӣ ба ҷой оварад бидуни он ки бо меҳмон собиқан шиносоӣ дошта бошад. Ва инро на барои мукофот, балки аз рӯи эътиқод ба саховату ҷавонмардӣ мекунад. Ва ҳиммати ҳар яке аз эшон ба андозаи таввони ӯст.

Ва Истахрӣ гӯяд: дар Суғд манзиле дидам, ки дари онро бар меххо устувор кардаанд. Ва ба ман гуфтанд, ки беш аз сад сол ин ҷониб ин дарро набастаанд, то агар касе расад, бе ягон мамониат фуруд ояд. Ва бисёр шудааст, ки ногаҳ сад кас ва дусад кас ва бештар аз ин ҳам бо чаҳорпоёнашон бад-он ҷо фуруд омада ва улуфаи чаҳорпоён ва таом ва дигар асбоби меҳмондориашонро муҳайё дарёфтаанд бидуни он ки соҳиби он манзил дар тӯли вуқуфи онҳо дар меҳмондорӣ душворие кашида бошад. Ва аҳли Мовароуннаҳрро ҳамвора одат бар он бошад, ки молашонро ба биноӣ работҳо, сохтани роҳҳо, вақф дар роҳи ҷиҳод ва хайрот сарф кунанд, ба ҷуз иддае ночиз аз эшон. Ва ҳеҷ шаҳре ва манзиле, ки обишхӯр дорад ва биёбоне, ки роҳи гузар дорад ва

PDF Compressor Free Version

деҳе, ки ҷои сукунат аст, холӣ аз работҳое барои нузули мусофирон нест, балки беш аз ҳадди эҳтиёҷи мусофирон аст.

Ва (Истахрӣ) гӯяд: чунин шунидам, ки дар Мовароуннаҳр зиёда аз даҳ ҳазор работ бошад ва дар аксари онҳо ба мусофироне, ки фуруд меоянд, то дами рафтанашон улуфаи чаҳорпоёнашон ва таъоми худашонро бидиҳанд.

Агар сухан дар бораи қувват ва далерии онҳо равад, пас дар билоди ислом ноҳияте нест, ки дар ҷиҳод аз эшон бештар баҳраманд бошанд. Ва сабаби ин амр он аст, ки ҳамаи худудӣ эшон дорулҳарб аст, зеро аз худуди Хоразм то Исфиҷоб туркони ғузанд ва аз Исфиҷоб то ақсои Фарғона туркони харлуханд. Ва худуди Мовароуннаҳрро аз Суғдия ва сарзамини Ҳинд ва аз пушти Хуттал то ҳадди Туркистон бар пушти Фарғона навоҳие иҳота кардааст, ки мардумони Мовароуннаҳр ҳамвора бар онҳо ғолиб буданд. Ва ҳама муттафиқ бар онанд, ки барои аҳли ислом дорулҳарбе душвортар аз дорулҳарби туркон нест ва мардуми Мовароуннаҳр билоди исломро аз онҳо муҳофазат мекунанд. Ва саросари Мовароуннаҳр марзҳои туркон аст, ки аз он ҳамвора нафири ҷанг ба гӯш мерасад.

Яке аз касоне, ки бо Наср ибни Аҳмад дар ҷанги Ушрусана буд (4), ба ман гуфт, ки лашкариёни Наср тақрибан сесад ҳазор кас буданд, аз лашкаргоҳ ҷудо шуданд (5) ва чанд рӯз гум шуданд то даме, ки нафири ҷанг ба онҳо бирасид ва бозгашташон ба лашкаргоҳ имконпазир гардид. Ва дар байни он лашкар аз мардуми ғайри Мовароуннаҳр иддае бисёр набуд ва ҳама аъёни Мовароуннаҳр буданд. Ва шунидам, ки Мӯътасим ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир дар хусуси гирд овардани лашкар номаи таҳдидомез навишт ва ӯ он номаро ба Нӯҳ ибни Асад фиристод. Дар нома омада буд, ки дар Мовароуннаҳр сесад ҳазор деҳ ҳаст ва деҳе нест, ки аз он фалон адад саворӣ ё пиёдае берун наоянд, ки рафтани онҳо бар аҳли он деҳ эҳсос нагардад.

Ва шунидам, ки дар Шошу Фарғона омодагии лашкар ва созу барги ҷанг чунон аст, ки дар ҳеҷ марзе аз марзҳо мисли он набошад, чунончи, мардоне ҳастанд аз раоё, ки

PDF Compressor Free Version

аз сад то дусад чаҳорпой доранд (6) ва аз зумраи умарои султон ҳам нестанд. Ва бо ин ҳама қудрату уддат эшон мардуми бағоят итоаткор ба бузургонашон ва ниҳоят хидматгузор ба меҳтаронашон мебошанд. Ва ба ҳамин сабаб буд, ки хулафои Бағдод мардуми Мовароуннаҳрро ба хидмати худ даъват карданд. Ва туркони эшон дар неру ва ҷуръат, далерӣ ва ҳусни тоат бар соири сипоҳиён бартарӣ доштанд. Ва аз мардуми Мовароуннаҳр ҷамоате ба пойтахти хилофат омаданд ва сарони лашкар, атрофиён в мўътамадони хулафо гаштанд, мисли аҳли Фарғона ва туркҳои эшон, ки шаҳнагони дорулхилофат ҳастанд. Сипас корашон неру гирифт ва наслашон бисёр шуд ва тоаташон тағйир пазируфт ва ҳатто бо хулафо мунозаат карданд, мисли Афшин ва Оли Абуссоҷ аз Усрушана ва Ихшид аз Самарқанд. Ва ҳам ў (Истахрӣ — тарт.) гўяд: «Дар хуррамиву нузҳат дар саросари Мовароуннаҳр мавзеъе хуштар аз Бухоро набошад». Ва мо ба васфи он ва Суғд ва Самарқанд ва соири навоҳии Мовароуннаҳр дар мавқеъи худ аз ин китоб хоҳем пардохт. Ва навоҳии Мовароуннаҳр дар ин ҳад аз хушиву хуррамӣ ва бештар аз он бимонд то даме, ки он дар ҳудуди соли 600 (1203—1204) ба дасти Хоразмшоҳ Муҳаммад ибни Такаш ибни Албарслон ибни Отсиз биафтод ва ў аз он ҷо (қаро-) хитоиҳоро биронд ва подшоҳони Мовароуннаҳрро, ки ба «хония» маъруф буданд, бикушт. Ва дар ҳар нохия малике буд, ки ҷонибби худро ҳифз мекард. Ва вақте Хоразмшоҳ тамоми он навоҳиро истило кард ва малике ба ҷуз ў дар ин сарзамин намонд, вай аз идораву забти ин кишвари паҳновар оҷиз монд ва лашкариёнаш бар он мусаллат гаштанд ва амволи онро ба тороҷ бурданд. Мардум ҷилои ватан карданд ва он диёр, ки бо сифоти худ биҳиштро мемонд, бо вуҷуди он ҳама кохҳову бўстонҳову обҳои равон холӣ ва бекас бимонд. Пас аз ин дар соли 617 (1220—1221) татарҳо... ба Мовароуннаҳр ҳуҷум карданд ва он чӣ боқӣ монда буд, хароб карданд.

**САМАРҚАНД:** бо фатҳи аввал ва сонии он — ва ба арабӣ онро Сумрон гўянд — кишварест маъруф ва машҳур.

PDF Compressor Free Version


Гӯянд, ки он аз сохтмонҳои Зулқарнайн дар Мовароуннаҳр аст. Ва он қасабаи Суғд буда, бар ҷониби ҷанубии водии Суғд бар баландии он воқеъ аст. Абӯами гуфтааст: Самарқанд дар иқлими чаҳорум аст, тӯли он ҳаштоду нӯҳ дараҷа ва нисф ва арзи он сиву шаш дараҷа ва нисф мебошад. Ва Азҳарӣ гӯяд: Шамир Абӯкабира (7) онро бино кардааст ва аз ин рӯ Шамиркант ном кардаанд, пас муарраб шудааст ва Самарқанд гуфтаанд. Ба ҳар ҳол, аъроб дар калом ва ашъори худ онро чунин талаффуз кардаанд. Ва дар Батиҳа, ки воқеъ дар замини Каскар аст, деҳест, ки онро низ Самарқанд гӯянд.

Ал-Муфаҷҷаъ дар китоби «ал-Мунқиз мин-ал-имон фӣ ахбори мулук-ил-Яман» аз Самарқанд ёд карда ва гуфтааст: Вақте малик Ношири Юнъим (8) вафот кард, зимоми салтанат ба Шамир ибни Африқис ибни Абраҳа расид. Ӯ лашкар ҷамъ кард ва бо понсад ҳазор мард вориди Ироқ шуд. Ва Яштосф (9) ба ӯ итоат овард, зеро донист, ки аз касрати сипоҳ ва шиддати қувваш тоқати муқовамат бар ӯ надорад. Шамир аз Ироқ бидуни он, ки касе садди роҳи ӯ шавад, ба сӯи Чин рафт. Чун дар роҳ ба Суғд расид, аҳли он кишвар ҷамъ шуданд ва дар шаҳри Самарқанд мутаҳассин шуданд. Ӯ шаҳрро бо ҳама касоне, ки дар он буданд, аз ҳар сӯй иҳота намуд ва эшонро ба таслим шудан маҷбур кард. Шамир онҳоро амон надод, иддае зиёд аз эшонро ба қатл овард ва амр кард, то шаҳрро хароб кунанд. Шаҳрро вайрон карданд, пас Шамирканд, яъне «харобкардаи Шамир» ном карданд. Аъроб онро муарраб карданд ва «Самарқанд» гуфтанд (10). Пас Шамир ба сӯи Чин рафт. Дар роҳ ӯ ва сипоҳиёнаш аз ташнагӣ халок шуданд ва касе аз эшон барнагашт. Ва Самарқанд дар ҳоли харобӣ бимонд то замони подшоҳи Туббаъ-ал-Акран ибни Абӯмолик ибни Ношири Юнъим. Ӯро ба ҷуз талаби қасоси ҷаддаш — Шамир, ки дар сарзамини Чин халоқ гашта буд, қасди дигаре набуд. Пас омодагӣ гирифт ва созу барг сохт ва бо лашкараш сӯи Ироқ раҳсипор шуд. Баҳман ибни Исфандиёр ба пешвози ӯ баромад ва итоати худ изҳор кард ва хироҷ бар ӯ гузорид.

Подшоҳи Туббаъ ба Самарқанд расид ва онро хароб дарёфт. Ба иморати шаҳр фармон дод ва онро дар ҳамон ҷо бунёд карданд ба тавре, ки аз пештара хубтару зеботар гашта буд. Пас роҳӣ шуд ва ба кишваре паҳновар расид ва Туббатро... бино ниҳод. Сипас қасди Чин кард ва аҳли онро кушт ва асир кард ва сӯзонд ва ба Яман баргашт. Ва қиссаи ин дароз аст.

Ва низ гӯянд, ки Самарқандро Искандар бино кардааст. Ва масоҳати доираи девори он дувоздаҳ фарсах аст ва дар он бӯстонҳову мазраъҳову осиёҳост. Ва он дувоздаҳ дарвоза дорад ва аз як дарвоза то дарвозае дигар як фарсах роҳ аст. Ва дар баландтарин девори он тоқҳо ва бурҷҳои диднбоний мавҷуд аст. Дувоздаҳ дарвозаи шаҳр — ҳамагӣ аз оҳананд ва миёни ҳар як ду дарвоза манзилест барои оянтагон. Чун аз мазраъҳо бигзарӣ, ба рабаз бирасӣ, ки дар он биноҳову бозорҳост. Ва дар рабази он мазраъҳост, ки масоҳати он дувоздаҳ ҳазор ҷариб аст. Ва дар ин шаҳр, яъне шаҳри андаруний, чаҳор дарвоза аст, ки соҳати онҳо ду ҳазору понсад ҷариб мебошад. Ва он дар масҷиди ҷомеъ ва куҳандиз ва саройи султон воқеъ аст. Ва дар ин шаҳри андаруний ҷӯйе аст, ҷорӣ бар арзиз. Ва бар ин ҷӯй садде баланд аз санг сохтаанд, ки об аз он ҷорӣ мешавад ва аз Дарвозаи Кис(с) ба шаҳр ворид мегардад. Ва ҷӯмла рӯи ин ҷӯй аз арзиз аст. Ва дар хандақи шаҳристон садде сохтаанд ва бар он об ҷорӣ кардаанд. Ва он ҷӯест, ки дар миёни бозор ба мавзеъе маъруф ба «Дарвозаи Тоқ» равона мешавад. Ва он ободонтарин мавзеъи Самарқанд аст. Ва бар канораҳои ин ҷӯй мустағаллотест ва он барои онҳое, ки дар он ҷо шабро мегузаронанд ва ҳамчунин барои маҷусоне, ки ҳифозати ин ҷӯй зимистону тобистон бар дӯши онҳост, вақф шудааст. Ва оби шаҳр аз ин ҷӯй аст ва бар он бӯстонҳост. Ва роҳе ва кӯе нест, ки дар он оби равон набошад, магар андак. Ба нудрат метавон ҳавлиеро дарёфт, ки боғе надошта бошад. Чун ба куҳандизи шаҳр барой, биноҳои онро дидан натавонӣ, зеро онҳо дар паси боғҳову дарахтон пинҳон шудаанд. Ва аммо бозор андар шаҳристони калон аст ва дар

PDF Compressor Free Version

он водиҳо ва рӯдҳо ва чашмаҳо ва кӯҳҳост. Ва бар куҳандиз дарвозаест оҳанин ва андаруни он дарвозаи оҳанини дигар аст. Вақте Саъид ибни Усмон дар соли 55 (674—675) аз ҷониби Муовия волии Хуросон гашт, аз наҳр (яъне Ҷайҳун — тарт.) бигзашт ва бар Самарқанд расид ва онро муҳосира кард. Ва қасам хӯрд, ки то ба шаҳр дохил нагардад ва куҳандизро сангборон накунад ё аз фарзандони акобири эшон гаравгон нагирад, онро тарк накунад. Воридн шаҳр гашт, куҳандизро сангборон кард ва дар он мустаҳкам шуд. Ва аҳли шаҳр инро фоли бад шумориданд ва гуфтанд:

Собит шуд дар он малики араб,
Ва гаравгонони эшон бигрифту бирафт.

Ва чун соли 87 (705—706) даррасид, Қутайба ибни Муслим аз наҳр бигзашт ва Бухорову Шошро фатҳ кард ва бар Самарқанд нузул намуд. Ва ин ғазви аввали ӯ буд. Пас дар тӯли ҳафт сол бар Мовароуннаҳр чанд бори дигар ғазв кард ва мардум бо ӯ сулҳ карданд бар он, ки ҳар чи дар оташкадаву бутхонаҳост, аз ӯст. Ва бар ӯ бутҳоро бароварданд. Ӯ зевар ва орошоти онҳоро ба ғорат бурд ва бар оташ задани бутҳо амр фармуд. Ва мӯъбадони он гуфтанд: «Дар он ҷо бутҳо ҳастанд ва ҳар кӣ оташ бар он занад, ҳалок гардад!» Қутайба гуфт: «Ман бо дасти худ оташ ба он мезанам». Ва оташ бар он зад ва он оташ гирифт ва комилан сӯхт. Ва аз бақоёи меххои заррини он панҷоҳ ҳазор мисқол зар пайдо карданд. Ва Самарқанд дорои чанд шаҳр аст, ки дар мавзеъи худ зикр шудаанд ва минҷумла Кирмония, Дабусия, Ушрусана, Шош, Нахшаб ва Банокас.

Ва гӯянд: Ва дар тамомати замин шаҳре хуррамтар ва хуштар ва хубтар аз Самарқанд нест. Ва Ҳузайн ибни Мунзири Рақошӣ (11) дар ташбеҳи он гӯяд: «Гӯӣ, ки он бо сарсабзиаш осмон аст ва қасрҳояш бо дурахши худ ситорагонанд ва наҳрҳояш бо ҳамбастагии худ Роҳи Каҳкашонанд ва девораш бо фарогирии худ офтоб аст».

Асмаъӣ гӯяд: «Дар дарвозаи Самарқанд бо забони ҳимя-

PDF Compressor Free Version

рӣ навишта шудааст: Байни ин шаҳр ва Санъо ҳазор фарсах аст ва байни Бағдоду Ифриқия ҳазор фарсах ва байни Сиҷистону Баҳр дусад фарсах. Ва аз Самарқанд то Зомин ҳафдаҳ фарсах аст».

Ва Шайх Абӯсаъд Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансури Самъонӣ гӯяд: Моро хабар дод Абулфазл Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Музаффари Кисӣ (12) дар Самарқанд... аз Анас ибни Молик (13), разиаллоҳу анҳу, ки ӯ шаҳреро паси рӯди Ҷайҳун зикр карда, ки «Самарқанд» мехонанд ва гуфтааст: «Онро Самарқанд нагӯед, балки «ал-Мадина ал-Маҳфуза» хонед». Пас мардум гуфтанд: Эй Абӯҳамза, чӣ онро ҳифз кунад?» Гуфт: «Ҳабиби ман — Расули худо, саллаллоҳу алайҳи ва саллам, маро хабар дод, ки дар Хуросон — паси рӯд шаҳрест, ки онро «ал-Маҳфуза» хонанд. Онро дарвозаҳост ва бар ҳар як дарвозаи он панҷ ҳазор фариштагон нишастаанд, ки онро ҳифозат мекунанд, ҳамду сано мегӯянд ва калимаи шаҳодат бар забон меоранд. Ва бар болои шаҳр панҷ ҳазор фариштагони дигар болҳои хеш кушодаанд, то аҳли онро эмин доранд. Ва аз болои эшон фариштае дигар аст, ки ҳазор сару ҳазор даҳону ҳазор забон дорад ва пайваста нидо мекунад: Эй доим, эй доим, эй доим, эй Аллоҳ, эй Самад, ин шаҳрро ҳифз намо! Ва паси шаҳр равзаест аз равзоти ҷаннат. Ва берун аз шаҳр обест азбу ширин ва касе аз он биннӯшад, гӯӣ аз оби ҷаннат менӯшад ва касе дар он ғусл кунад, аз тамоми гуноҳҳояш пок гардад, мисли он ки аз модар зоида шавад. Ва хориҷи шаҳр то се фарсахи он фариштагон дар тавоф ҳастанд, рустоҳояшро посбонӣ мекунанд ва аз худой зикри эшонро мепурсанд. Ва паси он фариштагон водиест, ки дар он морҳо мавҷуданд. Ва море ба сифати одамиён барояд ва нидо кунад: «Эй бахшояндаи дунё ва меҳрубони охират! Раҳм кун бар ин шаҳри Маҳфуза!»

Ва ҳар кас шабе дар он ибодат кунад, худой ибодати он шахсро чун ибодати ҳафтод сол қабул фармояд. Ва ҳар касе дар он рӯзе рӯза дорад, гӯӣ, ки рӯзаи тамоми даҳр доштааст. Ва ҳар касе дар он ба бечорае таъом диҳад, ба манзили

PDF Compressor Free Version

ӯ фақр ҳеҷ гоҳ дохил намешавад Ва ҳар касе дар ин шаҳр бимурд, гӯй, ки дар осмони ҳафтум мурд ва рӯзи қиёмат ҳамроҳи фариштагон дар ҷаннат ҳозир хоҳад буд».

Ва Ҳузайфа ибн ал-Ямон (14) дар ривояте илова мекунад: Ва аз паси он деҳест, ки онро Қатавон гӯянд ва аз он деҳ рӯзи растохез ҳафтод ҳазор шаҳид бархезад ва ҳар яке аз эшон ҳафтод кас аз аҳли байти хешро шафоат кунанд. Ва Ҳузайфа гӯяд: «Хеле мехоҳам, ки ин замон маро ҳам мувофиқ ояд, вале бештар аз ин мехоҳам, ки шаби лайлатулқадр маро дар он ҷо насиб бошад». Ва ин ҳадис дар «Китоб-ул-афонин»-и Самъонӣ омадааст...

СОМОН: охираш «нун» аст. Ал-Ҳозимӣ гуфтааст: Сомон аз маҳаллоти Исфаҳон аст. Ва Абулаббос Аҳмад ибни Алии Сомонии Саҳҳоф, ки аз Абушшайх ал-Ҳофиз ва дигарон ривояти ҳадис кардааст, бад-он маҳал мансуб аст... Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмад ал-Банноъ ал-Башшорӣ гуфтааст: Сомон қаряест дар навоҳии Самарқанд, ки мулуки Бани Сомон дар Мовароуннаҳр бад-он мансубанд. Эшон худро аз авлоди Баҳроми Гӯр мепиндоранд ва дар таъйини он насаби худро ба таври зер меоранд: Сомонхудо ибни Ҷубо ибни Тумғоз ибни Нӯшард ибни Баҳроми Гӯр.

Дар забти насаби эшон ихтилоф кардаанд ва вожаи «Ҷубо»-ро дар чанд шакл овардаанд. Самъонӣ онро дар шакли Ҷубо, яъне бо заммп аввал ва «бо»-и муваҳҳада забт кардаст. Мустағфирӣ лафзи мазкурро бо фатҳи аввал забт карда (яъне: Ҷабо) ва гуфтааст, ки он бо «то» ва бо «хо» ва бо «хо» низ ривоят мешавад. Ҳамин тавр гуфтаанд. Ва Фарғонӣ дар «Таърих»-и худ овардааст: Абулаббос Муҳаммад ибни Ҳасан ибни Аббоси Бухорой ба ман гуфт, ки асли эшон аз Сомон аст ва он деҳе аз деҳаҳои Балх аст. Эшон аз авлоди Баҳром ҳастанд. Ва метавон ин ду қавлро ба ҳам пайваст, зеро «Сомонхудо» маънои «соҳиби Сомон»-ро дорад. Ва маънои «худо» дар форсӣ «шоҳ» аст. Ва муроди онҳо аз «худо» ҳамин маънои «соҳиб» буд. Сипас ин исм бар онҳо ғолиб омад, чунон ки малики Арманро «Шоҳи Арман» ва соҳиби Хоразмро «Хоразмшоҳ» гӯянд. Ва онҳо раисони қарияҳоро «деҳхудо» меноманд, чун «деҳ» маънои

PDF Compressor Free Version

«қаря» ва «худо» маънои «соҳиб» ва «молик»-ро дорад, яъне «деҳхудо» «соҳиби деҳа» ё «раиси деҳа» аст.

ХУРОСОН сарзамине васеъ аст. Аввали ҳудуди он аз самти Ироқ Озодвор аст — қасабаи Ҷувайн ва Байҳақ ва охири ҳудуди он аз тарафи Ҳинд — Тахористон, Ғазна, Сиҷистон ва Кирмон мебошанд. Онҳо аз амали Хуросон нестанд ва атрофи ҳудуди он маҳсуб мешаванд. Ва дар Хуросон чанд шаҳрҳои бузург ҳаст, аз ҷумла Нисобур, Ҳирот ва Марв, ки қасабаи он аст. Ва ҳамчунин Балх ва Толиқон ва Насо ва Абевард ва Сарахс ва чанд шаҳрҳои дигар, ки пеш аз рӯди Ҷайҳун воқеанд, аз аъмоли Хуросон мебошанд.

Бархе аз мардум аъмоли Хоразмро ба Хуросон дохил кардаанд ва Мовароуннаҳрро низ қисмате аз он донистаанд, вале ин тавр нест.

Аксари ин шаҳрҳо бо зӯрӣ ва ё ақди муоҳадаи сулҳ фатҳ шудаанд (15) ва ҳарчи аз ин маълум аст, дар мавқеъи худ фикр хоҳам кард. Ва ин футуҳот дар соли 31 (651—652) дар рӯзгори Усмон, разияллоҳу анҳу, дар аморати Абдуллоҳ ибни Омир ибни Курайз (16) сурат гирифт.

Дар ваҷҳи тасмияи ин сарзамин ба Хуросон ихтилоф кардаанд. Ва Дағфали Нисоба гӯяд: Чун дар Бобул забонҳо ва луғатҳо дар ҳам сихт, Хуросон ва Ҳайтал — ду писари Олим ибни Сом ибни Нӯҳ алайҳимо-с-салом, берун шуданд ва ҳар як аз эшон ба сарзамине, ки бад-ӯ мансуб аст, нузул кард. Ҳайтал дар сарзамине нузул кард, ки маъруф ба «Ҳаётила» буд ва он паси рӯди Ҷайҳун аст. Хуросон ба сарзамине нузул кард, ки мавқеъи онро пеш аз наҳр зикр кардем, пас он сарзамин ба сабаби нузули ӯ чунин номида шуд.

Ва гуфтаанд: «Хур» ба форсии дарӣ «офтоб» аст ва «осон» гӯё «асли чиз ва макони ӯ» бошад.

Ва ҳамчунин гӯянд: Маънои Хуросон «осон хӯр» аст, зеро аз вожаҳои «хӯр» ва «осон» ташаккул ёфтааст, валлоҳу аълам. Аммо нисба аз он дар чанд шакл сохта шуда ва дар «Китоб-ул-айн» (17) омада, ки «ал-Хурасӣ» мансуб ба Хуросон аст. Ба ин монанд вожаҳое, мисли «ал-Хуросӣ» ва

PDF Compressor Free Version

«ал-Хуросонӣ» низ мавҷуданд, ки шакли ҷамъи онҳо «Харосин» бо тахфифи «йо»-и нисбат аст...

Балозурӣ гӯяд: Хуросон аз чаҳор рубъ иборат аст. Рубъи аввали он Эроншаҳр аст, ки Нишобур, Куҳистон, Табасон, Ҳирот, Бушанҷ, Бодғис ва Тӯсро, ки онро Таборон низ гӯянд, фаро мегирад. Рубъи дуввуми он шомил бар Марви Шоҳҷон, Сарахс, Насо, Абевард, Марврӯд, Толиқон, Хоразм ва Омул аст ва дуи ахир бар рӯди Ҷайҳун мебошанд. Рубъи саввум, ки дар самти ғарбии рӯд ҷойгир ва байни он рубъ ва рӯд масофаи ҳашт фарсах роҳ аст, шаҳрҳои зеринро шомил аст: Форёб, Ҷузҷон, Тахористони Боло, Хаст, Андароба, Бомиён, Бағлон, Волиҷ — шаҳри Музоҳим ибни Бастом, Рустоқи Бел, Бадахшон ва он даромадгоҳи мардум ба Туббат ва аз Андароба роҳи мардум ба Кобул аст, Тирмиз ва он дар машриқи Балх аст. Чағониён, Тахористони Поён, Хулм ва Симинҷон. Рубъи чаҳоруми он Мовароуннаҳр аст: Бухоро, Шош, Туррорбанд, Суғд ва он Кис(с) аст, Насаф, Рубистон, Ушрусана, Саном — Қалъаи Муқаннаъ, Фарғона ва Самарқанд.

Муаллиф гӯяд: Саҳеҳ дар муайян кардани ҳудуди Хуросон он аст, ки аввал гуфта шуд. Ва он чи Балозурӣ аз шаҳрҳо зикр карда, ҳама тобеъи волии Хуросонанд ва номи «Хуросон» онҳоро сарҷамъ мекунад. Аммо Мовароуннаҳр бошад, пас он кишвари Ҳайтолиҳо ва вилояти мустақил аст, ҳамчунин Сиҷистон, ки он низ мустақил аст ва боғҳои хурмо дорад ва амале байни он ва байни Хуросон нест.

...Ва қавме айбҷӯӣ кардаанд аз аҳли Хуросон ва гуфтаанд, ки гӯё эшон аз бахилон ҳастанд. Ва ин дар ҳаққи онон тӯҳмати маҳз аст. Куҷост дигаронро бузургоне, мисли Бармакиён ва Қаҳтабиён (18) ва Тоҳириён ва Сомониён ва Алӣ ибни Ҳишом ва ғайри онҳо, ки дар тамоми қавмҳову миллатҳо назир надоранд.

...Агар сухан дар бораи илм равад, пас аҳли Хуросон аз яккатозони майдони илм ва парчамдорони он маҳсуб мешаванд. Ва куҷост дигаронро мисли Муҳаммад ибни Исмоили

PDF Compressor Free Version

Бухорӣ ва Муслим ибни Аҳҷоҷи Қушайрӣ ва Абӯисои Тирмизӣ ва Исҳоқ ибни Роҳувайҳ ва Аҳмад ибни Ҳанбал ва Абӯҳомиди Ғазолӣ ва Ҷувайнӣ — имоми ал-Ҳарамайн ва Ҳоким Абӯабдуллоҳи Нишобурӣ ва ғайри эшон аз аҳли ҳадис ва фиқҳ? Ва ё мисли Азҳарӣ ва Ҷавҳарӣ ва Абдуллоҳ ибни Муборак, ки аз беҳтарин зоҳидон ва адибон маҳсуб мешаванд? Ва ё мисли Форобӣ ва Ҳиравӣ ва Абдулқоҳири Ҷурҷонӣ ва Абулқосими Замахшарӣ ва дигарон, ки аз аҳли адаб, назм ва наср ҳастанд ва кеси шевосухан ҳам дар зикри номҳои ҳамаи эшон забонгир ва дар шуморашон оҷиз мемонад?!

ХУҶАНД: ба замми аввал ва фатҳаи сонӣ ва нун, пас доли муҳмала — дар иқлими чаҳорум воқеъ аст. Тӯли он наваду ду дараҷа ва нисф ва арзаш сиву ҳафту аз даҳ шаш дараҷа мебошад. Ва вай сарзаминест машҳур дар Мовароуннаҳр ва воқеъ дар соҳили рӯди Сайҳун. Байни он ва Самарқанд масофаи даҳрӯза роҳ аст ба ҷониби Машриқ. Ва он шаҳрест хуррам ва дар он сарзамин шаҳри хуштар аз вай ва меваҳое лазизтар аз меваҳои вай вуҷуд надорад. Аз васати шаҳр рӯде ҷорӣ аст ва кӯҳ бар он муттасил аст.

Ибни Фақеҳ аз забони яке аз аҳли он овардааст:

Ва лам аро балдатан бинозои шарқин,
Ва ло ғарбин бинизаҳи мин Хуҷанда.
Ҳийа-л-ғарроу туъҷабу ман раоҳо,
Ва ҳийа би-л-форсияти «Дилмазанда» (19)

...Ва Истахрӣ гӯяд: Хуҷанд ҳаммарз бо Фарғона аст. Аз ин рӯ, онро дар ҷумлаи Фарғона овардем, ҳарчанд ки дар аъмол онро аз якдигар ҷудо кардаанд. Ва он дар самти ғарбии наҳри Шош ҷойгир аст. Ва тӯлаш бештар аз арз аст ва ба миқдори як фарсанг боғҳову бӯстонҳо ҳаволии он аст. Ва ҳеҷ шаҳре аз аъмоли он зиёд нест, магар Канд. Ва он шаҳре хуш аз назаҳ аст. Ва онро рустоҳои зиёд ва шаҳру куҳандиз ҳаст. Ва меваҳои он аз меваҳои соири навоҳиҳо афзалтар аст. Ва мардуми он дорои зебу ҳусн ва

PDF Compressor Free Version



муруввати бештаранд. Ва ба сабаби он ки арсаи Хуҷанд барои зироати эшон танг аст, ғаллотро ба миқдоре, ки эҳтиёҷоти яксолаи ононро пӯшонад, аз соири навоҳии Фарғона ва Ушрусана дар рӯди Шош бо киштиҳо меоваранд. Ва ин рӯд бузург мешавад аз рӯдҳое, ки дар ҳудуди кишварҳои турку велом ба ҳам меоянд. Ва асли ин рӯд аз билоди турк дар ҳадди Ӯзканд берун меояд. Пас рӯди Хушоб ва рӯди Ӯш ва рӯдҳои дигар ба он мепайванданд ва он ба рӯди бузург мубаддал мегардад ва ба Ахсикат, пас ба Хуҷанд, пас ба Бинкас, пас ба Бисканд меравад ва пас ба Фороб ҷорӣ мешавад. Чун аз ҳадди Саброн мегузарад, дар биёбоне равона мешавад, ки дар ду ҷониби он туркони ғузия муқиманд. Ва дарозӣ мекашад то Деҳи Нав, ки аз деҳҳои туркони ғузия аст ва он ҷо ба дарёи Хоразм меафтад.

Ҷамоати зиёд аз аҳли илм бад-ин шаҳр мансубанд. Ва аз ҷумлаи эшон Абӯимрон Мӯсо ибни Абдуллоҳи Муаддиби Хуҷандӣ аст, ки адибе фозил ва соҳиби ҳикматҳову масалҳост, ки дар китобҳо ҷамъ омада ва мардум онро ривоят кардаанд.

PDF Compressor Free Version

ИБНИ АСИР

# ал-Комил фи-т-таърих

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Муаррих, адиб ва муҳаддиси барҷастаи араб Иззуддини Абулҳасан Алӣ ибни Абулкарами Муҳаммад ибни Абдулкарим ибни Абдуллоҳи Шайбонӣ, маъруф ба Ибни Асир, 13 майи соли 1160 дар ҷазираи Ибни Умар мутаваллид гашта, ҷавониашро дар Мавсил, сипас дар Шому Бағдод аз пайи омӯзиши Қуръон, фиқҳ, ҳадис, адаб, таърих, ансоб ва улуми дигар гузаронид. Ӯ аз уламои маъруфи замонаш дарс омӯхт ва худ низ ба дараҷаи устодӣ расида, мавриди эҳтирому ситоиши муосирон ва ояндагон, аз қабили Ёқути Ҳамавӣ, Ибни Халликон, Ибни Ҷавзӣ, Ибни Имоди Ҳанбалӣ ва дигарон қарор гирифт. Ибни Асир саранҷом дар Мавсил дар соли 1233 аз дорулфано ба дорулбақо рехлат кард.

Ибни Асир осори гаронбаҳое аз худ ба ёдгор гузошта, ки аксаран дар мавзӯъи таърих таълиф шудааст. Яке аз ин қабил осори ӯ «Усд-ул-ғоба фӣ маърифат-ис-саҳоба» аст, ки зиндагиномаи 7500 тан аз саҳобагони Муҳаммад-пайғамбарро дар бар гирифтааст. Ибни Асир «Китоб-ул-ансоб»-и Самъониро талхис ва бознависӣ кардааст, ки он бо унвони «ал-Лубоб фӣ таҳзиб-ил-ансоб» маъруф аст. Китоби дигари ӯ, ки ба таърихи Атобакони Мавсил бахшида шудааст, «ат-Таърих-ал-боҳир фи-д-давлат-ил-атобакия» ном дорад.

Муҳимтарин асари Ибни Асир, ки муҷиби ифтихори муаллифаш ба ҳайси яке аз бузургтарин таърихнигорони олами ислом гардидааст, «ал-Комил фӣ-т-таърих» аст. Китоби мазкур аз лиҳози ҷомеъият ва гузориши воқеоту ҳодисот тибқи тартиби солҳо беш аз ҳама ба «Таърих»-и Табарӣ қаробат дорад. Фузун бар ин, Ибни Асир дар нигориши таърихи дуньёи қадим ва се қарни нахусти ислом асосан ба таърихномаи Табарӣ таҷ… кардааст. Бо вуҷуди ин, бахши мазкури «ал-Комил»-ро наметавон

PDF Compressor Free Version

бознависии таърихномаи Табарӣ маҳсуб кард, зеро аввалан, асари Ибни Асир аз «Таърих»-и Табарӣ комилтар ва ҷомеътар аст, сониян, муаллифи «ал-Комил» дар нақли ахбор ва маохизи он нисбат ба Табарӣ завқи интиқодии бештар нишон додааст.

Таърихномаи Ибни Асир доир ба Сомониён ахбори муфассале зикр кардааст. Маъхази ин ахбор, ба ҳадси аҳли таҳқиқ, китоби мафқуди «ат-Таърих фӣ-ахбор вулот Хуросон»-и Абӯалии Салломӣ аст, ки дар ҳудуди соли 955 таълиф шудааст. Ибни Асир дар гузориши таърихи Сомониён ва зикри равобити фотимиён ва қарматиён аз «Таърих»-и Абулҳасан Собит ибни Синони Собӣ (ваф. 976), ки нусхае аз он ба қарибӣ пайдо шуд ва қитъае аз он соли 1982 дар маҷмӯъаи «Ахбор-ул-қаромита» дар Димишқ ба чоп расид, суд бурдааст. Таълифи «ал-Комил» соли 1222 ба итмом расида, он вақоеъи таърихиро то соли мазкур дар бар гирифтааст.

Нахустин чопи интиқодии ин асар дар байни солҳои 1851-1871 дар дувоздаҳ ҷилд ва феҳристҳои он дар солҳои 1874-1876 дар ду ҷилд ба кӯшиши мусташриқи шведӣ К. Ю. Торнберг дар Лейден мунташир шудааст. Аз рӯи ин нашр таърихномаи Ибни Асир дар мамлакатҳои араб муҷаддадан рӯи чопро дида ва дар Эрон ба забони форсӣ комилан тарҷума шудааст.

PDF Compressor Free Version



## СОЛИ ДУСАДУ БИСТУ ПАНҶ (839—840)

...Дар он сол Мӯътасим бар Афшин ғазаб кард ва уро боздошт. ...Мӯътасим ба Абдуллоҳ ибни Тоҳир нома навишт,* ки кори Ҳусайн ибни Афшинро бисозад. Дар он ҳангом Ҳусайн ибни Афшин аз Нӯҳ ибни Асад—амири Мовароуннаҳр шикоят мекард, ки ба амлок ва мазореъи вай таҷовуз мекунад. Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба Нӯҳ навишт, ки Мӯътасим дастури ҳабси Ҳусайн ибни Афшинро дода, ба Нӯҳ дастур дод, ки ёрони худро ҷамъ кунад ва омода шавад, чун Ҳусайн назди ӯ равад, ӯро дастгир ва аз аморат азл кунад ва аморати вайро замимаи аморати худ намояд, он гоҳ ӯро банд карда,назди Абдуллоҳ бифиристад. Абдуллоҳ ибни Тоҳир ба Ҳусайн ибни Афшин навишт, ки «ба ҷои Нӯҳ амири он диёр ҳастӣ, бирав, зимоми амoратро бигир!». Фармони азли Нӯҳро ҳам барои ӯ фиристод, ҳамчунин фармони аморати худи Ҳусайн ибни Афшинро. Ибни Афшин бо теъдоди ночиз аз атбоъи худ ва силоҳи кам назди Нӯҳ рафт ва гумон мекард, ки худи ӯ амир ва Нӯҳ маъзул аст. Чун расид, Нӯҳ ӯро гирифт ва банд кард ва назди Абдуллоҳ ибни Тоҳир фиристод. Абдуллоҳ ҳам ӯро назди Мӯътасим равона кард.

## СОЛИ ДУСАДУ ШАСТУ ЯК (874—875) ЗИКРИ АМОРАТИ НАСР ИБНИ АҲМАДИ СОМОНӢ ДАР МОВАРОУННАҲР

Дар ин сол Наср ибни Аҳмад ибни Асад ибни Сомонхудо ибни Ҷусмон ибни Тамғос ибни Нӯшард ибни Баҳроми Ҷӯбин ибни Баҳроми Хушнас ба аморати Мовароуннаҳр расид. Баҳроми Хушнас аз шаҳри Рай буд, ки Хусрави Ҳурмуз ибни Анӯшервон ӯро марзбони Озарбойҷон намуд...

PDF Compressor Free Version

Вақте ки Маъмун волии Хуросон гардид, ба фарзандони Асад ибни Сомон — Нӯҳ, Аҳмад, Яҳё ва Илёс эҳсон кард, онҳоро ба худ наздик гардонид, мартабаашонро боло бурд, онҳоро ба кори аморат ҷалб кард ва ҳаққи гузаштагонашонро риоят кард.

Вақте Маъмун ба Ироқ баргашт, Ғассон ибни Аббод ба ҷои ӯ, фармонравои Хуросон гардид. Ғассон дар соли дусаду чаҳор (819—820) Нӯҳ ибни Асадро ҳокими Самарқанд, Аҳмад ибни Асадро ҳокими Фарғона, Яҳё ибни Асадро ҳокими Шош ва Уштрусана ва Илёс ибни Асадро ҳокими Ҳирот таъйин кард.

Вақте Тоҳир ибни Ҳусайн волии Хуросон гардид, онҳоро дар ҳамон мансабҳояшон боқӣ гузошт. Пас Нӯҳ ибни Асад вафот кард ва Тоҳир ибни Абдуллоҳ вилояти ӯро ба ду бародараш — Яҳё ва Аҳмад вогузор кард. Аҳмад ибни Асад марди боиффат ва хушрафтор буд, ришва намегирифт ва хеҷ як аз ёронаш ҳам ришвахор набуданд. Дар бораи ӯ ё дар бораи фарзандаш — Наср ин шеърро гуфтаанд:

Сава салосина ҳавлан фӣ вилоятихи,
Фа ҷоъа явма сава фӣ қабрихи ҳашамух(1)

Илёс волии Ҳирот буд ва дар он ҷо аз ӯ наслу авлод ва осору ободиҳои бисёр боқӣ монд. Рӯзе Абдуллоҳ ибни Тоҳир ӯро ба назди худ хонд. Ва Абдуллоҳро одат он буд, ки ҳар касеро, ки ба наздаш меховнд, рӯзҳои расиданашро мешумурд. Илёс дер биҷунбид ва дар рафтан дирнг кард. Абдуллоҳ ба ӯ нома навишта, дастур дод, ки ҳар ҷо нома ба ӯ бирасад, ҳамон ҷо бимонад. Ва ӯ ба Бушанҷ расида буд, ки номаи Абдуллоҳро дарёфт. Ҳамон ҷо муддати як сол бимонд ва ин муддат ҷазои дер карданаш буд. Пас Абдуллоҳ ӯро авф кард ва иҷозат дод, ки ба хидмати ӯ бирасад.

Вақте Илёс дар Ҳирот даргузашт, Абдуллоҳ хукумати Ҳиротро ба фарзандаш—Абӯисҳоқ Муҳаммад ибни Илёс вогузошт (2).

Аҳмад ибни Асадро ҳафт писар буд: Наср, Абӯюсуфи

PDF Compressor Free Version


Яъқуб, Абўзакариён Яҳё, Абулашъаси Асад, Исмоил, Исҳоқ ва Абўғоними Ҳамид.

Вақте Аҳмад ибни Асад вафот ёфт фарзандаш — Наср ба ҷои падар ҳокими Самарқанд ва марзҳои тобеъи он гардид. Ў то инқирози давлати Тоҳириён ва пас аз заволи онҳо низ ҳокими он ҷой бимонд, то роҳи маргро пеш гирифт ва бирафт.

Исмоил ибни Аҳмад дар хидмати бародараш—Наср буд. Наср дар соли дусаду шасту якум (874—875) ба ў ҳукумати Бухороро супурд. Маъно гуфтаи Абўҷаъфар (3) дар бораи он, ки Наср ибни Аҳмад дар соли дусаду шасту як (874—875) ба ҳукумати Мовароуннаҳр расид, ин аст, ки ў дар ин сол аз ҷониби халифа ҳоким таъйин гардид. Қабл аз ин бошад, ў аз ҷониби волиёни Хуросон ҳукумати Мовароуннаҳрро дар ўҳда дошта буд. Вагарна он қавм, яъне Бани Сомон қабл аз ин таърих ҳам ҳокими он диёр буданд. Ва сабаби ба аморат расидани Исмоил ин буд: вақте Яъқуб ибни Лайс Хуросонро ба даст даровард, Наср барои гирифтани пеши роҳи ў ба рўди Ҷайҳун лашкар фиристод. Лашкариён фармондеҳи худро куштанд ва ба Бухоро бозгаштанд.

Аҳмад ибни Умар, ки ноиби Наср дар Бухоро буд, аз лашкари баргашта тарсид ва аз онҳо пинҳон шуд. Ва онҳо Абўҳошим Муҳаммад ибни Мубаршир ибни Рофеъ ибни Лайс ибни Наср ибни Сайёрро ба аморат расониданд. Сипас ўро азл карданд ва Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Лайс — падари Абўабдуллоҳ ибни Ҷунайдро амири худ намуданд. Пас аз ў рўй гардониданд ва Ҳасан ибни Муҳаммадро аз авлоди Абда ибни Ҷадид ба аморат расониданд ва боз ўро азл намуданд. Ва Бухоро бидуни амир монд. Раис ва фақеҳи шаҳр—Абўабдуллоҳ ибни Абўҳафс ба Наср нома навишт ва хоҳиш кард, ки шахсеро барои идораи Бухоро бифиристад. Ва Наср бародари худ—Исмоилро фиристод.

Исмоил бо Рофеъ ибни Ҳарсама, ки волии Хуросон шуда буд, мукотаба кард ва байни онҳо аҳднома доир ба ҳамкорӣ ва ёрӣ ба ҳамдигар баста шуд. Исмоил аз Рофеъ аморати Хоразмро дархост кард ва ў инро қабул кард. Исмоил дар мукотаботаш бо ў машварат мекард. Пас аз ин хабарчиён

PDF Compressor Free Version


миёни Наср ва Исмоил низоъ ангехтанд ва дар соли дусаду ҳафтоду ду (885—886) Наср қасди ҷанг бо Исмоил кард. Исмоил Ҳамуя ибни Алиро ба назди Рофеъ ибни Ҳарсама фиристод ва аз ӯ мадад хост. Рофеъ бо лашкари азим ба ёрии ӯ шитофт ва ба Бухоро расид. Ҳамуя гуфт: «Ман худ фикр кардам ва ба хулоса омадам, ки агар Исмоил бар бародараш зафар ёбад, аз куҷо мо эмин бошем, ки Рофеъ Исмоилро нагирад ва банд накунад ва бар Мовароуннаҳр ғолиб нашавад? Ва ҳатто агар ин корро накунад ва ба Исмоил вафо кунад ҳам, Исмоил ҳамеша эътироф хоҳад кард, ки Рофеъ наҷотбахши ӯ аст ва маҷбур мешавад, ки ҳар як амру наҳйи ӯро иҷро бикунад. Ман бо Рофеъ дар хилват сӯҳбат кардам ва ба ӯ гуфтам: «Насиҳат карданро ба ту барои худ воҷиб мешуморам. Ман аз Наср ва Исмоил чизҳое кашф кардаам, ки он бароям пӯшида буд. Аз ин рӯ бовар надорам, ки онҳо ба муқобили ту нахезанд. Раъйи ман ин аст: магзор, ки ҷанг шавад ва ҳар дуро ба оштӣ водор кун». Рофеъ инро пазируфт, ҳар ду бародар бо ҳам сулҳ карданд ва ӯ бозгашт.

Ҳамуя гӯяд: «Пас аз он ман Исмоилро аз кори шуда огоҳ кардам. Ӯ Рофеъро дар барқарории сулҳ маъзур донист ва тадбири маро писандид». Наср ва Исмоил муддате баъд-он ҳол боқӣ монданд. Вале фасодкорон аз наъ байни онҳо хабарчинӣ карданд ва низоъ барангехтанд, то ин ки дар соли дусаду ҳафтоду панҷ (888—889) дар байни онҳо муҳорабае воқеъ гардид ва Исмоил бар бародараш—Наср пирӯз шуд. Вақте ки Насрро ба назди Исмоил оварданд, Исмоил ба эҳтироми ӯ пиёда шуд, дасташро бибӯсид ва ба маҳалли худ —ба Самарқанд баргардонид ва худро ноиби ӯ дар Бухоро донист.

Исмоил марде накӯкор буд. Ӯ аҳли илм ва динро дӯст ва гиромӣ медошт. Ба баракати онҳо мулки ӯ ва фарзандонаш давом ёфт ва ба дарозо кашид.

Абулфазл Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Балъамӣ гӯяд: Ман аз амир Абӯиброҳим Исмоил ибни Аҳмад шунидам, ки мегуфт: «Ман дар Самарқанд будам. Рӯзе барои шунидани шикояти мардум нишастам. Бародарам—Исҳоқ дар паҳлӯ-

PDF Compressor Free Version



ям нишаст. Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Наср — фақеҳи шофеъӣ ворид шуд. Ман барои эҳтироми илм ва дини ӯ аз ҷой бархостам. Вақте ки ӯ рафт, бародарам маро сарзаниш кард ва гуфт: «Ту амири Хуросон ҳастӣ. Марде аз раияти ту ба назди ту ворид мешавад ва ту бармехезӣ?! Бо ин сиёсатро аз даст медиҳӣ». Исмоил афзуд: «Он шаб дар хоб пайғамбарро, ки дуруду саломи худо бар ӯ бод, дидам. Ман ва бародарам — Исҳоқ истода будем. Пайғамбар бозуи маро гирифт ва гуфт: «Эй Исмоил! Аморати худ ва хонадонатро бо эҳтироми Муҳаммад ибни Наср мустаҳкам кун». Пас ӯ ба Исҳоқ рӯй овард ва гуфт: «Мулки ту ва хонаводаат ба бод рафт, зеро ту Муҳаммад ибни Насрро ҳақир донистӣ».

Ин Муҳаммад ибни Наср аз уламои фиқҳ ба мазҳаби шофеъӣ ва аз касоне буд, ки ба илми худ амал мекарданд. Ӯ чандин китоб таълиф ва дар талаби илм ба кишварҳо сафар кардааст.

Дар Миср аз пайравони Шофеъӣ — Юнус ибни Абдулаъло, Рабеъ ибни Сулаймон, Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Ҳакам илм омӯхтааст ва бо Ҳорис Муҳосибӣ мусоҳабат доштааст, аз ӯ аҳкоми шаръии муомалотро омӯхта ва дар он бориз гаштааст.

## СОЛИ ДУСАДУ ШАСТУ ҲАШТ (881—882) ЗИКРИ АХБОРИ РОФЕЪ ИБНИ ҲАРСАМА

Чун Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ... дар ин сол кушта шуд (4) ёрони ӯ ба аморати Рофеъ ибни Ҳарсама муттафиқ шуданд ва ӯро ба худ амир карданд.

Рофеъ яке аз ёрони Муҳаммад ибни Тоҳир ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир буд. Чун Яъқуб ибни Лайс Нишопурро гирифт ва Тоҳириёнро аз он ҷо бар канор кард, Рофеъ ба ӯ пайваст. Вақте Яъқуб ба Систон бозгашт, Рофеъ ҳамроҳи ӯ буд. Рофеъ риши дароз, рӯи зишт ва абрӯвони гирифта дошт. Рӯзе ӯ ба назди Яъқуб даромад ва вақте, ки аз он ҷо берун шуд, Яъқуб гуфт: «Ман ба ин мард майл надорам, ҳар ҷо, ки мехоҳад, биравад». Ин суханҳоро ба Рофеъ расониданд.

PDF Compressor Free Version

Ӯ аз Рофеъ ҷудо шуд ва ба манзили худ — ба Томин, ки аз навоҳии Бодғис аст, баргашт ва дар он ҷо бимонд, то даме ки Хуҷистонӣ ӯро ба назди худ хонд ва... солори сипоҳи худ гардонд.

Вақте ки Хуҷистонӣ кушта шуд, сипоҳиёни ӯ бар Рофеъ, ки дар Ҳирот буд, ҷамъ омаданд ва ӯро амири худ карданд. Рофеъ аз Ҳирот ба Нишопур лашкар кашид. Дар он ҳангом Абӯталҳа ибни Шаркӯб аз Гургон рафта ва шаҳри Нишопурро гирифта буд. Рофеъ ӯро муҳосара кард ва роҳи вуруди озуқаро ба ӯ ва ба Нишопур баст. Қаҳтӣ дар шаҳр шиддат гирифт. Абӯталҳа роҳи гурезро пеш гирифт. Рофеъ ба Нишопур ворид шуд, дар он ҷо иқомат гузид ва ин дар соли дусаду шасту нӯҳ (882—883) буд.

Абӯталҳа сӯи Марв лашкар кашид, Ҳиротро ба Муҳаммад ибни Мӯҳтадӣ вогузор кард ва дар Марв ва Ҳирот ба номи Муҳаммад ибни Тоҳир хутба хонд. Амр ибни Лайс қасди ҷанг бо Абӯталҳа кард ва ӯро мағлуб гардонид. Амр Муҳаммад ибни Саҳл ибни Ҳошимро ҳокими Марв кард ва худ баргашт. Шаркӯб (5) ба Байканд рафт ва аз Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ ёрӣ хост. Исмоил лашкаре ба мадади ӯ фиристод. Ибни Шаркӯб ба Марв баргашт, Муҳаммад ибни Саҳлро аз шаҳр ронд, аҳли шаҳрро ғорат кард ва ба номи Амр ибни Лайс хутба хонд. Ин воқеъот дар моҳи шаъбони соли дусаду ҳафтоду як (1.885) рух дод.

Дар он сол Муваффақ Муҳаммад ибни Тоҳирро, ки дар Бағдод буд, омили Хуросон таъйин кард. Ӯ Рофеъ ибни Ҳарсамаро ноиби худ намуд, вале Мовароуннаҳрро ба Наср ибни Аҳмад вогузор кард.

Дастури Муваффақ дар ин бора ва ҳамчунин дар хусуси азли Амр ибни Лайс ва нафрини ӯ ба Хуросон расид. Пас Рофеъ ба Ҳирот рафт, ки дар он ҷо Муҳаммад ибни Мӯҳтадӣ — ноиби Абӯталҳа ибни Шаркӯб буд.

Юсуф ибни Муаббад Муҳаммад ибни Мӯҳтадиро ба қатл расонид ва дар Ҳирот муқим шуд. Чун Рофеъ ба назди Юсуф омад, Юсуф аз ӯ амон хост, Рофеъ ба ӯ амон дод ва ӯро бахшид. Рофеъ ҳукумати Ҳиротро ба Маҳди ибни Мӯҳсин супорид.

PDF Compressor Free Version


Пас Рофеъ аз Исмоил ибни Аҳмад мадад хост ва ӯ шахсан бо чаҳор ҳазор савор ба ёрии Рофеъ омад.

Рофеъ ҳамчунин Алӣ ибни Ҳусайни Марвrӯдиро ба назд хонд ва ӯ низ бо сипоҳи худ омад. Онҳо якҷоя ба муқобили Ибни Шаркӯб, ки дар Марв буд, лашкар кашиданд ва бар ӯ зафар ёфтанд.

Исмоил ба сӯи Мухоизд (6) баргашт. Ин дар соли дусаду ҳафтоду ду (885—886) буд. Ибни Шаркӯб ба Ҳирот рафт. Маҳдӣ бо ӯ иттифоқ баст ва Рофеъро тарк кард. Боз Рофеъ бо онҳо набард кард ва ҳар дуро шикаст дод. Пас аз ин Ибни Шаркӯб ба Амр ибни Лайс пайваст. Маҳдӣ дар горе пинҳон шуд. Ба Рофеъ хабар доданд, ӯро бигирифт ва гуфт: «Вой бар ту, эй бевафо, табоҳ шавӣ!» Баъд ӯро авф ва озод кард. Рофеъ роҳи Хоразмро пеш гирифт ва он дар соли дусаду ҳафтоду ду буд. Андозро ҷамъ овард ва ба Нишопур баргашт.

## СОЛИ ДУСАДУ ҲАФТОДУ ЯК (884—885) ЗИКРИ АЗЛИ АМР ИБНИ ЛАЙС АЗ АМОРАТИ ХУРОСОН

Дар ин сол Мӯътамид ҳоҷиёни Хуросонро ба назди худ хонд ва эълом кард, ки Амр ибни Лайсро аз аморати Хуросон азл кардааст ва дар ҳузури ҳоҷиён ба ӯ лаънат хонд. Мӯътамид ба онҳо хабар дод, ки ҳукумати Хуросонро ба Муҳаммад ибни Тоҳир вогузор кардааст. Ӯ ҳамчунин дастур дод, ки Амрро аз минбарҳо нафрин кунанд ва мардум ба ӯ лаънат хонданд. Саъид ибни Мухаллад ба муқобили Амр ба Форс лашкар кашид. Муҳаммад ибни Тоҳир Рофеъ ибни Ҳарсамаро дар Хуросон ноиби худ гардонид. Ва Сомониёнро дар Мовароуннаҳр ба ҳоли худ вогузор кард.

## СОЛИ ДУСАДУ ҲАФТОДУ НӮҲ (892—893) ЗИКРИ ВАФОТИ НАСРИ СОМОНӢ

Дар ин сол Наср ибни Аҳмади Сомонӣ вафот кард. Ҳукумати ӯ дар Мовароуннаҳр ба бародараш — Исмоил ибни Аҳмад гузашт. Наср марди худотарс ва хирадманд буд, шеър

PDF Compressor Free Version

хуб мегуфт. Аз ҷумла, дар бораи Рофеъ ибни Ҳарсама чунин гуфта:

Ахука фика ало хубрин ва маърифатин,
Инна-з-залила залилун ҳайсумо коно
Лав ло замонун хаунун фӣ, тасаррруфиҳи
Ва давлатун заламат мо кунта инсоно(7)

## СОЛИ ДУСАДУ ҲАШТОД (893—894)

### БАЁНИ ҲАВОДИС

...Дар ин сол Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ ба мамлакати туркҳо лашкар кашид, пойтахти шоҳи онҳоро фатҳ кард, падар ва зани шоҳ—Хотун ва наздик ба даҳ ҳазор касро ба асирӣ гирифт. Мардуми бисёре кушта шуд. Исмоил чаҳорпоёни зиёде, ки шумораш номаълум буд, ба ғанимат гирифт. Аз ғаниматҳо ба ҳар сипоҳии ӯ ҳазор дирҳам расид.

## СОЛИ ДУСАДУ ҲАШТОДУ ПАНҶ (898)

### БАЁНИ ҲАВОДИС

...Дар ин сол Амр ибни Лайс амората Мовароуннаҳрро ба фармони халифа гирифт ва Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ аз аморати он ҷо маъзул гардид.

## СОЛИ ДУСАДУ ҲАШТОДУ ҲАФТ (900)
## ЗИКРИ АСОРАТИ АМРИ САФФОР ВА ТАСАЛЛУТИ ИСМОИЛ БАР ХУРОСОН

Дар ин сол, дар моҳи рабеъулаввал (III.900) Амр ибни Лайси Саффор асир шуд. Сабаб ин буд, ки Амр сари буридаи Рофеъ ибни Ҳарсамаро ба Муътазид фиристод ва аз ӯ дархост кард, ки аморати Мовароуннаҳрро ба ӯ биспорад. Халифа хилъату парчам фиристод ва Амр дар он замон дар Нишобур буд. Амр барои ҷанг бо Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ — амири Мовароуннаҳр лашкаре ба фармондеҳии Муҳаммад ибни Башир таҷҳиз ва равона намуд. Муҳамма-

PDF Compressor Free Version

ди мазкур ҷониши, ҳоҷиб ва аз хидматгузортарин ёрони Амр, бузургтарин сардорони ӯ маҳсуб мешуд. Ӯро бо лашкар ба Омул фиристод.

Исмоил бо сипоҳи худ аз рӯди Ҷайҳун гузашт ва ҷанг кард ва лашкари Амрро шикаст дод ва худи Муҳаммадро қариб бо шаш ҳазор лашкараш кушт ва худ сӯи Бухоро рафт. Хабари воқеъа ба Амр расид, ки дар шаҳри Нишобур муқим буд. Барои ҷанги Исмоил омода гардид. Ёрон ва сардорони ӯ маслиҳат доданд, ки лашкарҳои худро паёпай бифиристад ва худ шахсан аз ҷанг бо Исмоил худдорӣ кунад. Ӯ напазируфт ва аз Нишобур хориҷ шуд ва роҳи Балхро гирифт. Исмоил ба ӯ пайғом дод, ки мамлакати ту паҳновар аст ва ман фақат бо Мовароуннаҳр қонеъ шудаам, беҳтар ин аст, ки ба ҳарҷӣ дорӣ, иктифо кунӣ ва маро ба ҳоли марздорӣ бигзорӣ. Бигзор, ки ман марздор ва мудофеъи ин диёр бошам. Амр қабул накард ва ба набард пардохт.

Ба Амр гуфта шуд, ки убур аз рӯди Балх бисёр душвор аст. Гуфт: «Агар чунин бошад, ман онро,бо кисаҳои зар ба дасти худ хоҳам баст ва аз он бо сарфи амвол хоҳам гузашт».

Исмоил ҳам лашкар кашид ва аз рӯд ба тарафи ғарб убур кард. Амр ҳам расид ва дар Балх иқомат гузид. Исмоил атрофи сипоҳи ӯро гирифт ва ҳама чизро ба рӯи ӯ баст. Ӯ ба муҳосара афтод ва пушаймон шуд, аз Исмоил дархости аз ҳам дур шудаиро кард. Исмоил напазируфт. Ҷанг оғоз шуд, ҳанӯз андак муддате нагузашт, ки Амр гурехт. Дар роҳ аз назди ҷангал гузашт. Ба ӯ гуфтанд, ки роҳи наздиктарин ба воситаи ҷангал аст. Ба сипоҳ дастур дод, ки роҳи ростро тай кунад ва худ бо чанд нафаре ба роҳи ҷангал ворид шуд. Дар роҳ аспи ӯ дар ботлоқ фурӯ рафт. Иддаи каме, ки бо ӯ ҳамроҳ буданд, дар фикри наҷоти худ шуданд ва ӯро ба ҳоли худ гузошта рафтанд. Сипоҳиёни Исмоил ба ӯ расиданд ва ӯро асир карданд. Исмоил ӯро ба Самарқанд фиристод.

Чун хабари воқеъа ба Муътазид (халифа) расид, Амрро мазаммат ва Исмоилро ситоиш кард. Исмоил ихтиёрро ба Амр вогузошт, ки назди ӯ бимонад ё назди халифа бира-

PDF Compressor Free Version

вад. Амр рафтан назди халифаро ихтиёр кард. Исмоил ӯро ба Бағдод фиристод. Соли дусаду ҳаштоду ҳашт (900—901) ба Бағдод расид. Ӯро бар шутур савор карданд ва ба зиндон супурданд ва ӯ маҳбус бимонд, то соли дусаду ҳаштоду нӯҳ (901—902) кушта шуд.

Пас аз он Муътазид барои Исмоил хилъат фиристод ва қаламрави Амрро ба ӯ вогузор намуд. Ба намояндаи ӯ, ки дар дарбор муқим буда ва ба номи Марзубонӣ маъруф буд, хилъат дод. Исмоил бар Хуросон даст ёфт.

## БАЁНИ ҚАТЛИ МУҲАММАД ИБНИ ЗАЙДИ АЛАВӢ

Дар ин сол Муҳаммад ибни Зайди Алавӣ — амири Дайламон ва Табаристон кушта шуд. Сабаби қатли ӯ ин буд, ки чун хабари асир шудани Амр ибни Лайси Саффор ба ӯ расид, аз Табаристон ба сӯи Хуросон лашкар кашид ва гумон мебурд, ки Исмоили Сомонӣ аз мулки худ — Моваро-уннаҳр таҷовуз нахоҳад кард, ба Хуросон тамаъ надорад ва дифоъ аз он нахоҳад кард. Чун ба Гургон лашкар кашид, Исмоил, ки Хуросонро ба даст гирифта буд, ба ӯ пайғом дод, ки ту қаламрави худро дошта бош ва ба ҷои дигар таҷовуз макун ва ба Хуросон лашкар макаш. Исмоил Ҷурҷонро ба ӯ вогузошт, вале ӯ инро қабул накард. Исмоил ибни Аҳмад барои набард ва дафъи ӯ Муҳаммад ибни Ҳорунро баргузид. Муҳаммади мазбур дар вақти амири Хуросон будани Рофеъ ибни Ҳарсама ҷонишини ӯ буд. Муҳаммад ибни Ҳорун сипоҳи азиме аз савора ва пиёда ҷамъ кард ва ба ҷанги Муҳаммад ибни Зайд равон шуд. Тарафайн дар марзи Гургон бо ҳам вохӯрданд ва ҷанги шадиде карданд. Муҳаммад ибни Ҳорун нахуст мунҳазим шуду баъд бозгашт. Дар он ҳангом сипоҳиёни Муҳаммад ибни Зайд ба таъқиби гурехтагон шитоб карда буданд, чун диданд Муҳаммад ибни Ҳорун бозгаштааст, гурехтанд. Бисёре аз онҳо кушта шуданд. Муҳаммад ибни Зайд маҷрӯҳ ва фарзандаш — Зайд ибни Муҳаммад асир шуд. Ибни Ҳорун лашкаргоҳи Муҳаммад ибни Зайдро ғорат кард. Муҳаммад ибни Зайд бар асари ҷароҳатҳо даргузашт ва дар дарвозаи Гургон ба хок

PDF Compressor Free Version

супурда шуд. Фарзанди ӯ — Зайд ибни Муҳаммад назди Исмоил ибни Аҳмад бурда шуд. Исмоил ӯро гиромӣ дошт ва дар Бухоро манзил дод. Муҳаммад ибни Ҳорун ба Табаристон рафт.

## СОЛИ ДУСАДУ ҲАШТОДУ ҲАШТ (900—901) БАЁНИ ҲАВОДИС

Дар ин сол дар моҳи сафар (I.901) Тоҳир ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Лайс ба Форс лашкар кашид ва волиро, ки аз тарафи халифа таъйин шуда буд, аз он ҷо берун кард. Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ ба Тоҳир навишт, ки халифа Муътазид Систонро ба Исмоил супурда ва ӯ он диёрро қасд кардааст. Тоҳир ногузир аз Форс баргашт.

Дар ин сол Муътазид ғуломи худ—Бадрро волии Форс таъйин кард ва ба ӯ амр кард, ки ба он ҷо биравад, зеро шунида буд, ки Тоҳир бар он билод зафар ёфтааст. Бадр бо сипоҳи азим дар моҳи ҷумодиюлохир (V.901) ба сӯйи Форс рафт. Чун ӯ ба Форс наздик шуд, онҳое, ки аз ҷониби Тоҳир дар он ҷо буданд, бадар рафтанд. Бадр ба Форс дохил шуд ва хироҷи онро ҷамъ намуд. Тоҳир ба Систон баргашт. Чунон ки зикр кардем, Исмоили Сомонӣ ба ӯ навишта буд, ки қасди кушудани Систонро дорад.

## СОЛИ ДУСАДУ ҲАШТОДУ НӮҲ (901—902) БАЁНИ ҒАЛАБАИ МУҲАММАД ИБНИ ҲОРУН БАР ШАҲРИ РАЙ

Дар ин сол аҳолии Рай ба Муҳаммад ибни Ҳорун, ки бо Муҳаммад ибни Зайди Алавӣ ҷанг кард ва бар Табаристон ғалаба карда онро ба номи Исмоил ибни Аҳмад гирифта буд, нома навишта аз ӯ хоҳиш карданд, ки ба Рай биёяд ва онҳо шаҳрро ба ӯ месупоранд. Дар он ҳангом Муҳаммад ибни Ҳорун аз итоати Исмоил баромада буд.

Сабаби дархости аҳолии Рай он буд, ки волии шаҳр бо онҳо бадрафторӣ карда буд. Муҳаммад қасди Рай кард ва волии он, ки Датмиши Туркӣ буд, бо ӯ ҷанг кард. Муҳам-

PDF Compressor Free Version

мад ибни Ҳорун ӯ ва ду фарзандаш, ҳамчунин бародараш — Қеғлуғро, ки аз солорони халифа буд, кушт. Муҳаммад вориди Рай шуд ва онро дар моҳи раҷаб (VI.902) истило кард.

## ЗИКРИ БАЪЗЕ ҲАВОДИС

Дар ин сол миёни Исмоил ибни Аҳмад ва Ибни Ҷастони Дайламӣ дар Табаристон ҷанге рух дод, ки Ибни Ҷастон мунҳазим шуд...

...Дар ин сол дар Рай ҷанге миёни Исмоил ва Муҳаммад ибни Ҳорун рух дод, ки Муҳаммад мунҳазим шуд ва ба Дайламон паноҳ бурд. Исмоил ба шаҳри Рай дохил шуд.

## СОЛИ ДУСАДУ НАВАД (902—903)
## БАЁНИ ГИРИФТОРИИ МУҲАММАД ИБНИ ҲОРУН

Дар ин сол Муҳаммад ибни Иброҳим асир шуд. Сабаб ин буд, ки Муктафӣ барои Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ фармони иёлати Райро фиристод, ки Муҳаммад дар он ҷо буд. Муҳаммад Райро тарк карду роҳи Қазвинро гирифт ва аз он ҷо ба Занҷон рафт ва пас ба Табаристон баргашт. Исмоил ибни Аҳмад Бораси Кабирро амири Гургон намуд ва ба ӯ супорид, ки Муҳаммад ибни Ҳорунро хоҳ бо сулҳ ва хоҳ бо ҷанг ба назди ӯ ҳозир намояд. Борас бо Муҳаммад мукотаба ва аҳд кард, ки кори ӯро назди амир Исмоил ислоҳ кунад. Муҳаммад қавли ӯро пазируфт ва аз Ҷастони Дайламӣ ҷудо шуд ва роҳи Бухороро гирифт. Чун ба Марв расид, ӯро банд карданд ва ин дар моҳи шаъбони соли дусаду навад (VI.903) буд. Пас аз он ӯро сӯи Бухоро фиристоданд. Ӯро савори шутур ба шаҳр дохил карданд ва ба зиндон супурданд. Пас аз ду моҳ дар зиндон даргузашт.

## СОЛИ ДУСАДУ НАВАДУ ЯК (903—904)
## ЗИКРИ БАЪЗЕ ҲАВОДИС

Дар ин сол туркон, ки миқдорашон бешумор буд, ба Мовароуннаҳр хуҷум карданд. Дар сипоҳи онҳо ҳафтсад боргоҳ

PDF Compressor Free Version


буд, ки фақат барои солорон насб мешуд. Исмоил ибни Аҳмад барои дафъи онҳо як сипоҳе азим равона кард. Бисёре аз ихтиёриён ба онҳо пайвастанд. Он сипоҳ туркҳоро қасд ва ғофилгир кард. Мусалмонон шабехун заданд ва халқи бисёреро аз туркон куштанд, ки ададашон бешумор буд, бақия гурехтанд, лашкаргоҳи онҳо ба тороҷ рафт. Мусалмонон ба саломат ва бо ғаниматбозгаштанд...

## СОЛИ ДУСАДУ НАВАДУ СЕ (905—906) БАЁНИ ҲАВОДИС

...Дар ин сол Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ — подшоҳи Мовароуннаҳр чанди мавзеъ аз кишвари Турк, ҳамчунин аз билоди Дайламонҳо фатҳ кард.

## СОЛИ ДУСАДУ НАВАДУ ПАНҶ (907—908) ЗИКРИ ВАФОТИ ИСМОИЛ ИБНИ АҲМАДИ СОМОНӢ ВА АМОРАТИ ФАРЗАНДАШ—АҲМАД

Дар ин сол дар нимаи моҳи сафар (XI.907) Исмоил ибни Аҳмад — амири Хуросон ва Мовароуннаҳр дар Бухоро вафот ёфт. Ӯ пас аз марг бо лақаби «мозӣ» мулаққаб шуд.

Пас аз ӯ фарзандаш — Абӯнаср Аҳмад ба аморат расид. Муктафӣ фармони амораги ӯро фиристод ва парчами амoратро ба дасти худ афрошт.

Исмоил марде хирадманд ва ҳалим, додгар ва некрафтор ва нисбат ба раъият меҳрубон буд. Гӯянд: Аҳмад — фарзандаш муаллим ва муаддибе дошт. Рӯзе Исмоил аз назди муаллим мегузашт, ки ӯ бехабар аз ин фарзандашро дашном медод ва мегуфт: «Худованд ту ва он касе, ки ту фарзандаш ҳастӣ, гиромӣ ва хуш надорад». Исмоил ба ӯ дохил шуд ва гуфт: «Эй мард, оё гумон мебарӣ мо гунаҳкор ҳастем, ки моро носазо мегӯӣ ва мазаммат мекунӣ, оё метавонӣ моро аз дашном муъоф бидорӣ?» Муаллим сахт ҳаросид. Исмоил чун ҳароси ӯро бидид, дастур дод, ки ба ӯ ниъом ва мукофот бидиҳанд.

Гӯянд: рӯзе дар ҳузури ӯ сухан аз ҳасабу насаб рафт, ӯ

PDF Compressor Free Version

ба ҳамнишини худ гуфт: «кун исомиййян ва ло такун изомиййан» (8). Он шахс маънии он гуфтаро надонист ва худи Исмоил барои ӯ шарҳ дод.

Рӯзе (Исмоил) аз Яҳё ибни Закариёи Нишобурӣ пурсид: «Сабаб чист, ки чун давлати Оли Муъоз барҳам хӯрд, бо ин ки ситамгар ва бадрафтор буданд, неъмати онҳо боқӣ монд ва чун давлати Тоҳириён барҳам хӯрд, бо вуҷуди адлу эҳсон ва муруввату хушрафтории эшон неъмати онҳо дар Хуросон зоил ва маъдум гардид?» Яҳё ба ӯ гуфт: «Сабаб ин аст, ки чун кори Оли Муъоз дигаргун шуд, Тоҳириён бар сари кор қарор гирифтанд, ки додгар, боинсоф ва аз рабудани моли мардум худдор ва парҳезгор буданд. Ва майл доштанд, хонаводаҳои бузургро ба кор бигуморанд — Оли Муъозро муқаддам ва гиромӣ доштанд. Чун давлати Тоҳириён аз байн рафт, хонадони Саффор ба сари кор омаданд. Онҳо бо бузургону ашроф ва аъён ситез ва хусумат меварзиданд ва неъмати ононро барҳам доданд». Исмоил чун он суханро шунид, гуфт: «Офарини худой бар ту, эй Яҳё, ту синаи маро шифо додӣ!». Он гоҳ дастур дод, ки ба ӯ сила ва инъом бидиҳанд.

Чун Исмоил пас аз бародари худ ба аморат расид, бо дӯстон ва ёрони худ мисли пештара мукотаба ва хитоб мекард. Ба ӯ гуфтанд: «Чаро чунин кунӣ?» Гуфт: «Бар мо воҷиб аст, ки чун худованд моро сарфароз ва баландмартаба гардонид, набояд аз мартабаи дӯстону ёрони худ бикоҳем, балки ҷоҳу ҷалол ва рафъати онҳоро зиёда кунем, то сипос ва ихлоси онҳо ба мо бифизояд».

Чун фарзандаш — Аҳмад ҷонишини падар шуд ва кораш устувор гардид, хост сӯи шаҳри Рай лашкар бикашад. Иброҳим ибни Зайдуя ба ӯ маслиҳат дод, ки нахуст Самарқандро қасд кунад ва амми худ — Исҳоқ ибни Аҳмадро бигирад, зеро агар аммаш ба муқобили ӯ қиём кунад, он гоҳ ӯро машғул ва мубтало мекунад. Ӯ инро пазируфт. Аммии худро назди худ ба Бухоро хост ва ӯро банд кард, сипас роҳи Хуросонро пеш гирифт ва аз рӯд гузашт. Чун ба Нишопур расид, Бораси Кабир аз Гургон гурехт ва аз тарси ӯ

PDF Compressor Free Version

ба Бағдод паноҳ бурд. Сабаби тарси ӯ ин буд, ки амир Исмоил чун Гургонро аз дасти Муҳаммад ибни Зайд гирифт, фарзанди худ—Аҳмадро амири он диёр намуд. Пас аз он Аҳмадро азл кард ва Борасн Кабирро ба ҷои ӯ гузошт, чунон ки навиштем. Борас аз хироҷи Рай, Табаристон ва Гургон моли бисёре ҷамъ овард, ки зиёда аз ҳаштод шутур бор гардид. Ҳамаи онро назди Исмоил фиристод. Чун хабари марги Исмоил ба ӯ расид, он ҳаштод борро баргардонид ва аз худ кард. Чун Аҳмад ӯро қасд кард, тарсид ва ба Муктафӣ нома навишт ва иҷозати рафтанро ба назди ӯ хост. Муктафӣ ба ӯ иҷозат дод, ӯ ҳам бо чаҳор ҳазор савор сӯи халифа равон шуд. Аҳмад ба дунболи ӯ лашкар фиристод, вале ба ӯ нарасид...

## СОЛИ ДУСАДУ НАВАДУ ҲАШТ (910—911) БАЁНИ ҒАЛАБАИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ БАР СИСТОН

Дар ин сол дар моҳи раҷаб (III.911) Абӯнаср Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ бар Систон ғалаба намуд. Сабаб ин буд, ки чун кори ӯ устувор ва амораги вай барқарору кишвар ором шуд, дар соли дусаду наваду ҳафт (909—910) шаҳри Райро қасд кард, дар ҳоле ки худи ӯ дар шаҳри Бухоро мезист. Пас сӯи Ҳирот лашкар кашид ва дар соли дусаду наваду ҳашт дар моҳи муҳаррам (IX.910) Систонро қасд кард. Аввал гурӯҳе аз солорон ва фармондеҳони сипоҳро фиристод, ки дар байни онҳо Аҳмад ибни Саҳл, Муҳаммад ибни Музаффар ва Симҷӯри Давотӣ буданд. Аҳмади Сомонӣ фармондеҳии сипоҳро ба Ҳусайн ибни Алии Марварӯдӣ супурд ва он сипоҳ роҳи худро гирифт, то ба Систон расид, ки Муаддал ибни Алӣ ибни Лайси Саффор фармонфармои он буд.

Чун хабари лашкаркашии Аҳмади Сомонӣ ба Муаддал расид, ӯ бародари худ—Абӯалӣ Муҳаммад ибни Лайсро ба Буст ва Руххаҷ фиристод, то амволро ҳифз кунад ва хорбор ба он диёр бифиристад. Амир Аҳмад ибни Исмоил ба Буст лашкар кашид ва Абӯалиро асир карду ба Ҳирот бозгашт. Аммо сипоҳе, ки Аҳмади Сомонӣ ба Систон фиристода буд,

PDF Compressor Free Version

Муаддалро муҳосара кард ва бар ӯ сахт гирифт. Чун Муаддал шунид, ки бародараш—Абӯалӣ асир шудааст, ночор тан ба сулҳу таслим дод ва Ҳусайн ибни Алӣ бар Систон ғолиб шуд. Амир Аҳмад Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқро, ки писари амми ӯ буд, амири Систон намуд. Ҳусайн ба Бухоро барғашт ва Муаддалро ҳамроҳи худ бурд. Пас аз он аҳолии Систон дар соли сесад (912—913) тамарруд карданд, ки шарҳи он хоҳад омад. Чун Сомониён бар Систон ғалаба ёфтанд, огоҳ шуданд, ки Субкарӣ аз роҳи саҳро аз Форс ба Систон омадааст, онҳо ба муқобили ӯ лашкар фиристоданд. Чун ба ӯ расиданд, ӯ ва лашкарашро сахт хаста ва нотавон ёфтанд, ӯро асир карданд ва лашкарашро гирифтанд. Амир Аҳмад он фатҳу фирӯзӣ ва гирифтории Субкариро ба Муқтадир навишт. Муқтадир ҳам нома навишт ва аз ӯ ташаккур намуд ва дастур дод, ки Субкариро ҳамроҳи Муҳаммад ибни Лайс ба Бағдод бифиристад. Ӯ он ду нафарро равон кард. Онҳо дар ҳоле, ки савори фил шуда буданд, бо расвоие вориди Бағдод шуданд. Муқтадир намояндагони Аҳмадро бо ҳадя ва хилъатҳо бозгардонид.

## ЗИКРИ БАЪЗЕ ҲАВОДИС

Дар ин сол амир Аҳмад ибни Исмоил амми худ—Исҳоқ ибни Аҳмадро аз маҳбас озод кард ва амороти Самарқанду Фарғонаро ба ӯ бозгардонид.

## СОЛИ СЕСАД (912—913)

## ЗИКРИ ШӮРИШИ АҲОЛИИ СИСТОН ВА БАРГАШТАНИ ОН БА ИТОАТИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ

Дар ин сол амир Абӯнаср Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ ба Систон лашкаре фиристод, то дубора онро фатҳ ва тасарруф кунад, ки аҳолӣ шӯриш карда буданд. Сабаби шӯриш ин буд: Муҳаммад ибни Ҳурмуз, маъруф ба Мавлои Сандалӣ — хориҷимазҳаб дар Бухоро иқомат гузида буд. Ӯ аз мардуми Систон ва марди бузургу мӯҳтарам ва пир буд.

PDF Compressor Free Version


Рӯзе назди Ҳусайн ибни Алӣ Муҳаммади ориз рафт, ки маъоши худро дарёфт кунад. Ҳусайни ориз ба ӯ гуфт: «Салоҳӣ ту, ки солхӯрда ҳастӣ, ин аст, ки ба як маъбад иқомат ва худовандро ибодат кунӣ, то аҷали ту бирасад». Ӯ сахт хашмгин шуд ва ба Систон рафт, ки дар он ҳангом волии он — Мансур ибни Исҳоқ буд. Ӯ гурӯҳе аз хавориҷро ба худ ҳамроҳ карда, барои Саффориён таблиғу даъват ва пинҳонӣ ба Амр ибни Яъқуб ибни Муҳаммад ибни Амр ибни Лайси Саффор байъат кард. Раиси хавориҷ — Муҳаммад ибни Аббос маъруф бо Ибни Ҳаффор марди бисёр қавӣ ва далер буд. Онҳо шӯриданд ва Мансур ибни Исҳоқ — амир Систонро гирифтанд ва ӯро бар зиндони Арк ҳабс карданд. Ба номи Амр ибни Яъқуб хутба хонданд ва Систонро ба ӯ вогузор намуданд. Чун амир Аҳмад ибни Исмоил хабари шӯришро шунид, дар соли сесад (912—913) лашкаре ба фармондеҳии Ҳусайн ибни Алӣ барои дуввумин бор сӯи Заранҷ фиристод ва ӯро муддати нӯҳ моҳ муҳосара кард.

Рӯзе Муҳаммад ибни Ҳурмузи Синдлӣ болои девори шаҳр баромаду гуфт: «Шумо чӣ кор доред ба як солхӯрда, ки шоистаи ҳеҷ чиз нест, ҷуз маъбад, ки дар он ибодат кунад». Бо ин суханон ӯ гуфтаи оризро дар Бухоро хотирнишон мекард. Бар ҳасби иттифоқ Синдлӣ мурду Амр ибни Яъқуби Саффор ва Ибни Ҳаффор — ҳар ду аз Ҳусайн амон хостанд ва Мансур ибни Исҳоқро тарк карданд. Ҳусайн ибни Алӣ Ибни Ҳаффорро ба худ наздик карда ва ӯро гиромӣ медошт. Ибни Ҳаффор бо гурӯҳе барои қатли Ҳусайн ҳамдастӣ кард ва Ҳусайн аз ин хабар ёфт. Ибни Ҳаффор бидуни ҳоҷиб ва дарбон ҳар вақт, ки мехост, бар Ҳусайн ворид мешуд. Рӯзе бар ӯ дохил шуд, дар ҳоле, ки шамшер зери ҷома баста буд. Ҳусайн дастур дод ӯро бигиранд. Гирифтанд ва бо худ сӯи Бухоро бурд. Чун хабари фатҳи Систон ба амир Аҳмад расид, Симҷӯри Даботиро волӣ ва амири он диёр намуд. Ҳусайнро дастур дод, ки бозгардад, ва Ҳусайн бозгашт ва Амр ибни Яъқуб ва Ибни Ҳаффор ва дигарон

 PDF Compressor Free Version 

ҳамроҳи ӯ буданд. Бозгашти ӯ дар моҳи зулҳиҷҷаи соли сесад (VII.913) буд.

Амир Аҳмад Мансур ибни Исҳоқ — писари амми худро амири Нишопур намуд. Ибни Ҳаффор даргузашт.

## СОЛИ СЕСАДУ ЯК (913—914)

## ЗИКРИ ҚАТЛИ АМИР АБӮНАСР АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛИ СОМОНӢ ВА АМОРАТИ ФАРЗАНДАШ—НАСР

Дар ин сол амир Аҳмад ибни Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ — амири Хуросон ва Мовароуннаҳр кушта шуд. Ӯ алоқаи зиёд ба шикор дошт. Рӯзе ба маҳалли Фарабр барои шикор рафт. Чун бозгашт, дастур дод, ки лашкар ба роҳ бароянд ва лашкаргоҳро бисӯзонанд. Ногоҳ аз волии худ дар Табаристон, ки Абулаббоси Саълук буд ва ӯ баъд аз марги Ибни Нӯҳ амири он диёр шуда буд, нома расид. Дар он ӯ навишта буд, ки Ҳасан ибни Алии Алавии Утруш зуҳур карда ва бар Табаристон даст ёфта ва ӯро аз он диёр берун кардааст. Аҳмад аз он хабар сахт дилтанг шуд ва бозгашт ва дар ҳамон лашкаргоҳе, ки оташ зада буд, лашкар зад. Мардум онро ба фоли бад гирифтанд. Ӯ шере ҳамроҳ дошт, ки ҳар шаб он шерро барои посбонӣ наздики хобгоҳи худ мебаст ва ҳеҷ кас ҷасорати наздик шуданро ба ӯ надошт. Он шаб аз овардани шер ғафлат карданд. Як гурӯҳ аз ғуломони ӯ бар хобгоҳаш ворид шуда сарашро буриданд ва гурехтанд. Қатли ӯ шаби панҷшанбе ҳафт рӯз монда аз ҷумодиюлохири соли сесаду як (VII.914) воқеъ шуд. Ҷасади ӯро ба Бухоро бурданд ва дар ҳамон ҷо ба хок супурданд. Ба ӯ лақаби «шаҳид» доданд, ғуломонро таъқиб карданд, баъзе аз онҳоро гирифтанд ва куштанд. Пас аз ӯ фарзандаш — Абулҳасан Наср ибни Аҳмад дар синни ҳаштсолагӣ ба аморат расид.

Муддати аморати ӯ сӣ солу сию се рӯз буд. Дар моҳи раҷаби соли сесаду сиву як (III.943) аз олам гузашт, лақаби «саъид» ба ӯ доданд. Атбоъи падараш пас аз марги Аҳмад

PDF Compressor Free Version

дар Бухоро ба ӯ байъат карданд. Касе, ки мутаваллии гирифтани байъат шуд, Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Лайс — амири Бухоро буд ва чун хост барои ӯ байъат бигирад, ӯро бар дӯш кашид ва байъат гирифт. Вақте ғуломони падараш ӯбо бар дӯш ҳомил карданд, ки мардум ӯро бубинанд, тарсиду гуфт: «Мехоҳед, маро монанди падарам бикушед?» Ба ӯ гуфтанд: «Ҳаргиз! Балки мехоҳем туро ба ҷои падарат биншонем, ки амир бошӣ». Он гоҳ осуда шуд.

Мардум Насрро хурду нотавон донистанд ва гумон бурданд, ки кори ӯ дер напояд, ки амми падараш—Исҳоқ ибни Аҳмад зинда ва ӯ бузурги хонадони Сомонӣ ва амири Самарқанд буд. Аҳолии Мовароуннаҳр ҳам ҷуз аҳолии Бухоро, ҳама ба ӯ ва авлодаш мутамоил буданд. Идораи умур ва риёсати давлати Саъид Наср ибни Аҳмад ба Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ вогузор шуд ва ӯ корҳоро муратгаб ва мамлакатро муназзам кард. Ӯ ва ҳашами Наср ибни Аҳмад дар тадбири умур муттафиқ гаштанд, давлатро мустаҳкам карданд, вале баъзе аз умарои атроф ба мулк тамаъ карданд ва қиём намуданд, ки мо қиёми онҳоро дар оянда шарҳ хоҳем дод. Аз касоне, ки тан ба тоати ӯ надоданд, аҳолии Систон буданд, ҳамчунин амми падараш — Исҳоқ ибни Аҳмад ибни Асад дар Самарқанд ва ду фарзандаш — Мансур ва Илёс ва низ Абулҳасан ибни Юсуф ва Ҳусайн ибни Алии Марврӯдӣ ва Муҳаммад ибни Ҳид ва Аҳмад ибни Саҳл ва Лайло ибни Нӯъмон — сарвари алавиёни Табаристон ,Симҷӯр бо Абулҳасан ибни Носир ва Қаротегин ва Мокони Кокӣ бо ӯ мухолифат карданд. Бародарони ӯ — Яҳё, Мансур, Иброҳим — фарзандони Аҳмад ибни Исмоил ва Ҷаъфар ибни Абӯҷаъфар, Ибни Довуд, Муҳаммад ибни Илёс, Наср ибни Муҳаммад ибни Мут, Мардовиҷ ва Вушмгир — ду фарзанди Зиёр бар ӯ қиём карданд ва Саъид (Наср ибни Аҳмад) бар ҳама пирӯз шуд.

## БАЁНИ АВЗОИ СИСТОН

Чун амир Аҳмад ибни Исмоил кушта шуд, аҳолии Систон нисбат ба фарзандаш — Наср тамарруд карданд ва Сим-

PDF Compressor Free Version

ҷўри Давотӣ аз он диёр рахт баст. Муқтадир Биллоҳ Бадри Кабирро амири он сомон намуд. Ӯ ҳам Фазл ибни Ҳомид ва Абўязид Холид ибни Муҳаммади Марвазиро ба ниёбати худ фиристод. Дар он ҳангом Убайдуллоҳ ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ дар Буст ва Руххаҷ ва Саъди Толиқонӣ аз тарафи саъид Наср дар Ғазна буданд. Фазл ва Холид, (ки ҳар ду ноиби Бадри Кабир буданд), Убайдуллоҳ ва Саъди Толиқониро қасд карданд. Аммо Убайдуллоҳ, ки тоби пойдории набардро наёвард, рафт. Ва аммо Толиқонӣ асир шуд, ўро ба Бағдод фиристоданд. Фазл ва Холид Буст ва Ғазнаро фатҳ карданд.

Пас аз он Фазл бемор шуд ва Холид дар кор мунфарид ва мустабид гардид, тан ба исён дод. Халифа барои саркўбии ў Дарк — бародари Наҷҳи Тулуниро фиристод. Ҷанг рух дод ва Дарк гурехт ва Холид пас аз пирўзӣ роҳи Кармонро гирифт. Бадр ҳам барои ҷанги ў лашкар фиристод. Холид маҷрўҳ шуд ва атбоъи ў гурехтанд. Ӯ ҳам асир афтод ва мурд, сарашро буриданд ва ба Бағдод фиристоданд.

## ЗИКРИ ҚИЁМИ ИСҲОҚ ИБНИ АҲМАД ВА ФАРЗАНДАШ—ИЛЁС

Дар он сол (сanai сесаду як (913—914) Исҳоқ ибни Аҳмад ибни Асад ба иттифоқи фарзандаш — Илёс бар Насри саъид ибни Аҳмад ибни Исмоил қиём ва оғози ситез намуданд.

Ҳангоме ки Аҳмад ибни Исмоил кушта ва аморат ба кўдакаш—Наср ибни Аҳмад супурда шуд, Исҳоқи мазкур дар Самарқанд буд. Чун хабари қатли бародарзода ва аморати тифли ў ба ў расид, тамарруд кард. Фармондеҳии сипоҳро ба фарзанди худ супурд ва кори ҳар ду боло гирифт ва сўи Бухоро лашкар кашиданд. Ҳамуя ибни Алӣ барои муқобалаи ў (аз тарафи Насри Саъид) лашкар кашид ва дар моҳи рамазон (III.914) ҷанг рух дод. Ҷанг бисёр сахт буд, ки Исҳоқ гурехт ва ба Самарқанд паноҳ бурд. Дубора лашкаре гирд овард ва боз сахт набард кард ва мунҳазим шуд. Ҳамуя ўро то Самарқанд дунбол кард ва Самарқандро гирифт

PDF Compressor Free Version

ва Исҳоқ пинҳон шуд ва Ҳамуя ба таъқиби ӯ кӯшид. Барои ӯ ҷосусҳо гумошт ва ӯ сахт ба танг омад. Ногузир амон хост ва таслими Ҳамуя шуд, ки ӯро ба шаҳри Бухоро фиристод, дар он ҷо монд, то мурд. Аммо фарзандаш—Илёс сӯи Фарғона муҳоҷират кард ва дар он ҷо монд, то дубора қиём намуд.

## ЗИКРИ ЗУҲУР ВА ҚИЁМИ ҲАСАН ИБНИ АЛИИ УТРУШ

Дар он сол Ҳасан ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Умар ибни Алӣ ибни Ҳусайн ибни Алӣ ибни Абӯтолиб бар Табаристон ғалаба ёфт ва ба лақаби «Носир» мулаққаб гардид. Иллати зуҳур ин аст, ки қабл аз ин тамарруд ба исёни Муҳаммад ибни Ҳорун нисбат ба амир Аҳмад ибни Исмоилро баён карда будем, ки аз ӯ гурехт. Пас аз он амир Аҳмад ибни Исмоил — Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Нӯҳро ба амората Табаристон мансуб кард ва ӯ нисбат ба мардуми он сомон адолат ва эҳсонро ба кор бурд ва алавиёнро гиромӣ дошт ва бисёр некӣ кард, ба онҳо ва бо солорони Дайламон мукотаба кард ва ҳадоё дод ва онҳоро ба тарафи хеш кашид ва мутамоил намуд. Ҳасан ибни Алии Утруш пас аз қатли Муҳаммад ибни Зайди алавӣ ба Дайламон паноҳ бурд ва муддати сездаҳ сол миёни Дайламон зист ва онҳоро ба ислом даъват кард ва ба гирифтани даҳяк (закот) иктифо намуд ва онҳоро аз Ибни Ҳассон масун ва ҳимоят мекард, ки ӯ подшоҳи онҳо буд. Бисёре аз онҳо ислом оварданд ва гирди ӯ таҷаммӯъ намуданд ва ӯ дар билоди онҳо чанд масҷид сохт. Муслимин ҳам дар қиболи онҳо ҳудуд ва марзҳо доштанд, монанди Қазвин ва Чолус.

Дар шаҳри Чолус як диҷи бисёр маҳкам буд. Ӯ (Ҳасан ибни Алӣ) тамоми қалъаҳо ва сангарҳои сарҳадиро вайрон кард. Ҳасан ибни Алӣ дайламонро ба хуруҷ ва қиём даъват мекард ва онҳо иҷобат намекарданд, фақат Ҳассон ибни Нӯҳ иҷобат кард. Иттифоқан амир Аҳмад — Ибни Нӯҳро аз амората Табаристон азл ва ба ҷои ӯ Салломро насб намуд. Ӯ бадрафторӣ кард ва дайламиён бар ӯ шӯриданд ва бо онҳо ҷанг намуданд ва онҳо гурехтанду

PDF Compressor Free Version

худ истеъфо дод. Ва амир Аҳмад ҳам ӯро бар канор карду Ибни Нӯҳро дубора мансуб намуд, ки билодро ислоҳ кард. Ва баъд дар Табаристон вафот ёфт ва амир Аҳмад Абулаббос ибни Иброҳими Саълукро ба аморат мансуб намуд. Ӯ расм ва ойини Ибни Нӯҳро тағйир дод ва бадрафторӣ кард ва ҳадоён дайламиён, ки маъмулан ба онҳо дода мешуд, бурид. Ҳасан ибни Алӣ фурсате ба даст овард ва дайламиёнро барои қиём даъват кард ва онҳо иҷобат намуданд ва бо ӯ қиём карданд. Саълук онҳоро қасд кард ва дар маҳалле ба номи Наврӯз муқобала рух дод, ки он маҳал масофати як рӯз роҳ аз Чолус ва дар соҳили дарё воқеъ шудааст. Ҷанг карданд ва атбоъи Саълук мунҳазим шуданд ва чаҳор ҳазор мард аз онҳо кушта шуд. Соиринро ҳам Утруш муҳосара кард ва ба онҳо амон дод, ки хонавода ва амволашон масун бошад. Ва онҳо растанд ва ӯ ба Омул рафт. Ҳасан ибни Қосими Доъии Алавӣ, ки бо ҷаноги Утруш буд, ба ӯ пайваст ва ба Чолус расиду мардуми он шаҳрро (ки амон гирифта буданд) қатли ом(м) кард, зеро ӯ ба онҳо амон надода буд. (Утруш амон дода буд).

Утруш бар Табаристон ғалаба ёфт ва Саълук ба шаҳри Рай паноҳ бурд ва он дар санаи сесаду як (913—914) буд. Ва аз Рай ба Бағдод рафт.

## СОЛИ СЕСАДУ ДУ (914—915) БАЁНИ ТАМАРРУД БА МУХОЛАФАТИ МАНСУР ИБНИ ИСҲОҚ

Дар ҳамин сол Мансур ибни Исҳоқ ибни Аҳмад ибни Асади Сомонӣ бо амир Наср ибни Аҳмад мухолафат ва тамаррӯд кард ва Ҳусайн ибни Алии Марвазӣ бо ӯ ҳамоҳанг шуд, ҳамчунин Муҳаммад ибни Ҳид. Иллат ин буд, ки чун Ҳусайн ибни Алӣ Систонро дар нахустин бор гушуд, чунончи шарҳи онро баён кардем, ки дар замони амир Аҳмад ибни Исмоил буд, тамаъ дошт, ки худ волии он диёр бошад, вале иёлати онро ба Мансур ибни Исҳоқ супурданд. Аҳолӣ бо Мансур мухолафат ва ситез карданд ва ӯро боздоштанд. Амир Аҳмад ногузир дубора Ҳусайн ибни Алиро фиристод. Ӯ

PDF Compressor Free Version

ҳам Систонро гирифт ва тамаъ кард, ки худ волии он диёр шавад, вале аморати он сомонро ба Симҷур вогузор карданд, ки мо ҳамаи он ҷараёнро шарҳ додем.

Чун Симҷур амири Систон шуд, Ҳусайн ибни Алӣ ранҷид ва ба Мансури мазкур баъд аз қатли амир Аҳмад муттаҳид шуд, ки бо ҳам қиём кунанд, ки Мансур амири кулли Хуросон ва Ҳусайн ибни Алӣ ҷонишини ӯ дар он сомон бошад. Чун амир Аҳмад кушта шуд, Мансур ибни Исҳоқ дар Нишобур ва Ҳусайни мазкур дар Ҳирот буданд. Ҳусайн ибни Алӣ аз Ҳирот наздн Мансур ба Нишобур рафт ва ӯро ба эълони тамарруд ва исён водор кард ва ба номи Мансур дар Нишобур хутба хонда шуд. Ҳамуя аз Бухоро бо сипоҳи азим Нишобурро қасд кард, ногоҳ Мансур даргузашт. Гуфта шуд: Ҳусайн ба ӯ заҳр дод ва ӯро кушт (ки бе рақиб бимонад). Чун Ҳамуя наздик шуд, Ҳусайн роҳи Ҳиротро гирифту рафт ва дар ҳамон шаҳр иқомат кард. Муҳаммад ибни Ҳид раиси шуртаи Бухоро буд, ки бар раёсати ӯ замоне бас дароз мегузашт, ӯ барои коре сӯи Нишобур равона шуда буд, вориди шаҳр шуд ва бидуни касби иҷозат бозгашт. Аз Бухоро нома ба ӯ навишта шуд, ки чаро бидуни иҷоза бозгаштӣ? Ӯ (бимнок шуд) дар арои роҳ, аз баргаштан ба шаҳри Бухоро мунсариф шуд ва Ҳусайнро дар Ҳирот қасд кард. Ҳусайн ибни Алӣ ҳам аз Ҳирот сӯи Нишобур лашкар кашид ва бародари худ—Мансурро дар шаҳри Ҳирот ба ниёбати худ гумошт. Ҳусайн Нишобурро гушуд. Аҳмад ибни Саҳл аз Бухоро ба ҷанги ӯ фиристода шуд. Аҳмад аввал Ҳиротро муҳосара кард ва гушуд ва Мансур (бародари Ҳусайн) аз ӯ амон гирифт. Аҳмад ҳам аз Ҳирот сӯи Нишобур лашкар кашид ва дар моҳи рабеъулаввали соли сесаду шаш (VIII.918) ба он ҷо расид, бо Ҳусайн набард кард ва пас аз ҷанг ва муҳосараи шаҳр атбоъи Ҳусайн гурехтанд ва худи ӯ асир шуд. Аҳмад ибни Саҳл пас аз фатҳ ва зафар дар Нишобур иқомат гузид. Мо бояд шарҳи ғалабаи Аҳмад бар Нишобур ва гирифтори Ҳусайнро дар ахбори соли сесаду шаш (918—919) баён кунем, вале барои итмоми шарҳи ҷанг дар ин ҷо (ва қабл аз расидани соли мазкур) мубодарат намудем. Аммо Ибни Ҳид (раиси шуртаи Бухо-

PDF Compressor Free Version

ро), ки дар Марв буд, чун шунид, ки Аҳмад ибни Саҳл Нишобурро гушуда ва Ҳусайн ибни Алиро асир намуда, ногузир сӯи ӯ раҳсипор шуд. Аҳмад ҳам ӯро гирифт ва амволи ӯро рабуд ва ӯро бо Ҳусайн сӯи Бухоро равон кард. Ибни Ҳидро ба Хоразм табъид карданд, то дар он ҷо мурд. Ва аммо Ҳусайн дар шаҳри Бухоро ба зиндон супурда шуд, то он ки Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ ӯро озод кард ва наҷот дод ва назди амир Наср ибни Аҳмад бурд, ки машғули хидмат шуд. Рӯзе амир об хост ва Ҳусайну Аҳмад ибни Ҳамуя назди ӯ нишаста буданд. Чун амир кӯзаи обро дид, написандид. Ҳусайн мавқеъ ба даст оварда ва ба Аҳмад ибни Ҳамуя гуфт: «Оё амир бояд дар чунин кӯза об биёшомад? Ҷаро падарат аз Нишобур кӯзаҳои хуб барои ӯ эҳдо накардааст». Аҳмад гуфт: «Падарам барои амир монанди Аҳмад ибни Саҳл ва Лайлон дайламиро ҳадя фиристода, на кӯза!» Ҳусайн сар афканда шуд ва амир Наср он посухро бо хурсандӣ талаққӣ кард.

## СОЛИ СЕСАДУ ҲАФТ (919—920)
## САРГУЗАШТИ АҲМАД ИБНИ САҲЛ

Дар он сол Наср ибни Аҳмад — амири Хуросон ва Мовароуннаҳр бар Аҳмад ибни Саҳл пирӯз шуд ва мо шарҳи ҳоли Аҳмад ибни Саҳлро дар оғози кори ӯ баён мекунем:

Аҳмад ибни Саҳли мазкур яке аз бузургтарин солорони амир Исмоил ибни Аҳмад ва баъд аз ӯ Аҳмад ибни Исмоил ва фарзандаш — Наср ибни Аҳмад буд. Пеш аз ин навишта будем, ки ин солор бар сонри фармондеҳон ва қоидон муқаддам буд ва он тақаддум далели бузург будан ва волоии мартабати ӯ буд. Ӯ Аҳмад ибни Саҳл ибни Ҳошим ибни Валид ибни Ҷабала ибни Комкор ибни Яздгурд ибни Шаҳриёри подшоҳ буд. Комкор дар пиромуни Марв деҳқон буд. Гули маъруфи комкорӣ ба ӯ мунтасаб мебошад, ки сурхфом бошад. Ин навъ гул дар шаҳри Рай қасронӣ ва дар Ироқ ва Шом ҷурӣ номида мешавад. Қасрон ҳам як қаръя дар атрофи Рай ҳаст ва Ҷур яке аз шаҳрҳои Форс аст. Аҳмади мазкурро чанд бародар буд, ки Муҳаммаду Фазл ва Ҳусайн

буданд. Дар ҷангҳои таассуби араб дар Марв кушта шуданд. Аҳмад ҷонишини Амр ибни Лайс дар Марв буд. Амр ӯро гирифт ва дар Систон боздошт. Ӯ дар хоб дид, ки Юсуф пайғамбар бар дари зиндон аст, аз ӯ илтимоси дуо кард, ки ӯро озод кунад. Юсуф дар олами хоб ба ӯ гуфт: «Худованд туро озод хоҳад кард, вале ба ту кор ва амороти мустақим нахоҳад дод, магар аз тарафи касе мансуб шавӣ». Аҳмад дархости истеҳмом кард ва нура ва зарних хост. Чун хостаро ба ӯ доданд, ӯ ба сару риши худ молид ва мӯи сар ва риши вай рехт ва ӯ бо тағйири вазъ ва шакл аз маҷлис гурехт ва касе ӯро нашинохт, муддате пинҳон шуд. Амр ба таъқиби ӯ кӯшид ва натавонист ӯро пайдо кунад. Аз Систон ба сӯи Марв рафт, дар он ҷо ноиби Амрро гирифт ва бар шаҳр ғолиб шуд ва бо Исмоил ибни Аҳмад, ки дар Бухоро буд, мутавассил шуд. Исмоил ӯро гиромӣ дошт ва бар солорон муқаддам дошт, қадру мартабати ӯро баланд намуд. Ӯ хирадманд ва роздор буд. Чун Ҳусайн ибни Алӣ тамаррруд кард, Аҳмадро барои саркӯбии ӯ фиристод. Ӯ ҳам бар ӯ музаффар шуд, чунонки навишта будем. Амир Наср барои ӯ (Аҳмад ибни Саҳл) таахҳудоте карда буд, ки ба ҳеҷ як аз онҳо вафо накард. Аҳмад аз ӯ нигарон ва ба ӯ бадгумон шуд. Рӯзе яке аз ёрони Абӯҷаъфари Саълук назди ӯ рафт ва бо вай гуфтугӯ кард. Ӯ вазъ ва ҳоли худро шарҳ дод ва шикоят намуд ва гуфт: «Онҳо (Сомониён) нисбат ба ман таахҳудоти худро анҷом надода ва ба ваъдаи хеш вафо накарданд»...

Фиристодаи Абӯҷаъфари Саълук гӯяд: «Донистам, ки ӯ қасди хилоф ва ситезро дорад, чанд рӯзе нагузашт, ки ӯ дар Нишобур оғози ситез ва набард карду бар шаҳр ғалаба ёфт ва номи Саъид ибни Аҳмадро (9) аз хутба ҳазф намуд. Расулеро ба сӯи Бағдод фиристод, ки амороти Хуросонро ба номи ӯ дархост кунад. Аҳмад аз Нишобур ба Гургон лашкар кашид. Дар он ҷо Қаротегин буд, бо ӯ ҷанг кард ва фотеҳ шуд ва Қаротегинро аз он сомон берун намуд. ва худ ба Нишобур ва Хуросон бозгашт ва Марвро кушуд ва гирдогирди шаҳр девор ва ҳисор кашид ва дар он ҷо монд.

PDF Compressor Free Version

Насри Саъид лашкаре ба фармондеҳии Ҳамуя ибни Алӣ аз Бухоро ба Марв фиристод. Ҳамуя бо сипоҳи худ ба Марврӯд расид ва дар он ҷо лашкар зад ва мунтазир шуд, ки Аҳмад ба ҷанги ӯ шитоб кунад, мубодарат ба ҷанг накард.

Яке аз ёрони Аҳмад бар ӯ ворид шуд. Дид, ки ӯ дар ҳоли тафаккур ва таҳайюр буда, ки Ҳамуя дар он ҷо лашкар зада буд. Он ёр ба ӯ гуфт: «Шак ва тардид нест, ки амир нигарони ин ҳодисаи бузург шуда ва дил бо ин воқеъа дода. Хостам бидонам ақида ва тадбири амир дар ин кор чист?» Гуфт: «Чунин нест, ки ту гумон мекунӣ, вале ман хобе, ки дар зиндони Систон дида будам, ба ёд овардам, ки Юсуфи Сиддиқ алайҳиссалом ба ман гуфт: «Ту мустақиман аз тарафи нафси худ амир ва волӣ нахоҳӣ шуд». Он ёр гуфт: «Ман ба ӯ гуфтам, вале инро бидон, ки он қавм (Сомониён) ин таслим ва сулҳро мӯғтанам мешуморанд ва ҳар чӣ мехоҳӣ, ба ту хоҳанд дод. Агар салоҳ бидонӣ, восита фиристода шавад, чӣ беҳтар»...

Чун Ҳамуя дид, ки Аҳмад ба ҷанг мубодарат намекунад, ба ҳила пардохту гуфт: «Ман Аҳмадро дар сӯрохи Муш муҳосара кардам ва роҳи фирорро бар ӯ бастам». Аз ин қабил суханҳо мегуфт, ки Аҳмадро биранҷонад ва ба хашм орад. Боз Аҳмад берун нарафт ва ба ҷанг шитоб накард. Ҳамуя ин бор ҳилаи дигаре ба кор бурд. Солорони худро водор кард, ки бо Аҳмад мукотаба кунанд ва дар ниҳонӣ бигӯянд: «Агар ту ба ҷанг мубодарат кунӣ, мо Ҳамуяро хоҳем гирифт ва ба ту таслим хоҳем кард». Ӯ ҳам фиреб хӯрд ва ӯ нисбат ба Ҳамуя сахт хашмнок ва бадхоҳ буд. Аҳмад аз Марв ба қасди ҷанг лашкар кашид ва муқобала дар ки манзили Марврӯд рух дод ва он дар моҳи раҷаби соли сесаду ҳафт (XI.909) буд. Дар он ҷанг атбоъи Аҳмад тоби пойдорӣ наёварда, тан ба гурез доданд, вале ӯ далерона набард кард, то он ки аспаш аз тобу тавон афтод. Ногузир пиёда шуд ва тан ба таслим дод. Ӯро асир карданд ва сӯи Бухоро фиристоданд. Ӯ дар моҳи зулҳиҷҷаи соли сесаду ҳафт (IV.920) дар зиндон ҷон супурд. Амир Аҳмад ибни Исмоил ҳамеша мегуфт: «Аҳмад ибни Саҳл набояд аз дарбор дур шавад,

PDF Compressor Free Version



агар дур шавад, фитна барпо мекунад». Ангори ӯ пешбинии хилофу ситези Аҳмадро карда ё дар симои ӯ тафаррус намуда буд, оре назари подшоҳ бояд чунин бошад.

## СОЛИ СЕСАДУ НӮҲ (921—922)
## БАЁНИ ҚАТЛИ ЛАЙЛО ИБНИ НӮЪМОНИ ДАЙЛАМӢ

Дар он сол Лайло ибни Нӯъмони Дайламӣ кушта шуд. Ин Лайло яке аз солорони фарзанди Утруши Алавӣ буд, ки имороти Гургонро дошт. Ҳасан ибни Қосими Доъӣ ӯро амири Гургон карда буд. ...Лайло сӯи Домғон лашкар кашид ва аҳолии шаҳр бо ӯ набард карданд ва ӯ бисёре аз онҳоро кушт ва ба Гургон бозгашт. Аҳолии Домғон барои ҳифзи худ девор ва ҳисор гирдогирди шаҳр кашиданд ва Қаротекин сӯи Гургон лашкар кашид. Даҳ фарсанг монда ба шаҳри Гургон Лайло ба ҷанги ӯ мубодарат кард ва Қаротекин шикаст хӯрд ва гурехт. Ғуломи ӯ, ки номаш Торас буд, аз Лайло амон хост ва ба ӯ паноҳ бурд, ҳазор савор ҳам ҳамроҳ дошт. Лайло ҳам хоҳари худро ба занӣ ба он ғулом дод ва ӯро гиромӣ дошт ва низ Абулқосим ибни Ҳафс — хоҳарзодаи Аҳмад ибни Саҳл аз ӯ амон хост ва ба ӯ пайваст. Лайло ҳам ӯро гиромӣ дошт. Ба сабаби таслими инҳо он идда сипоҳиён фузун гардид ва Лайло ибни Нӯъмон аз нигаҳдории онон оҷиз ва нотавон гардид ва натавонист моҳориҷи онҳоро бипардозад. Ногузир бо дастур ва мувофақати Ҳасан ибни Қосими Доъӣ ва ташвиқи Абулқосим ибни Ҳафс сӯи Нишобур лашкар кашид. Қаротекин дар он шаҳр мустақар(р) буд, ӯ дар моҳи зулҳиҷҷаи соли сесаду ҳашт (IV.921) ба он шаҳр расид ва ба номи Доъӣ хутба хонд. Насри Саъид барои саркӯбии ӯ Ҳамуяро (бо сипоҳ) фиристод ва ду сипоҳ дар Тӯс ба ҷанг пардохтанд ва то Марв рафтанд, вале худи Ҳамуя ибни Алӣ ва Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Балъамӣ ва Абӯҷаъфари Саълук ва Хоразмшоҳ ва Симҷӯри Давотӣ пойдорӣ ва далерӣ карданд, баъзе аз атбоъи Лайло мунҳазим шуданд ва худи Лайло тан ба фирор дод. Лайло роҳеро гирифт, ки бунбаст буд. Бағро ба ӯ расид ва ӯ чун натавонист ба фирори худ идома диҳад, но-

PDF Compressor Free Version


гузир аз асп пиёда шуд ва дар яке аз хонаҳо пинҳон гардид. Бағро ба Ҳамуя хабар дод ва ӯ касонеро фиристод, ки сарашро буриданд. Сари Лайлоро бар найза баланд карданд ва чун сипоҳиёни ӯ сари буридаи ӯро диданд, амон хостанд ва ба онҳо амон дода шуд...

Қатли Лайло дар моҳи рабеъулаввали соли сесаду нӯҳ (VII.921) воқеъ шуд ва сари ӯро ба Бағдод фиристоданд. Борас — ғуломи Қаротекин дар Гургон монд...

## СОЛИ СЕСАДУ ДАҲ (922—923) ЗИКРИ ҶАНГИ СИМҶӮР БО АБУЛҲУСАЙН—ФАРЗАНДИ АЛАВӢ

Пеш аз ин қатли Лайло ибни Нуъмонро баён кардем. Борас—ғуломи Қаротекин дар ғиёби Лайло амири Гургон шуда буд ва чун Лайло кушта шуд, Қаротекин ба Гургон бозгашт ва Борас ғуломи ӯ амон хост ва пас аз taслим Қаротекин ӯро кушт (ки ба ӯ хиёнат карда ва ба Лайло паноҳ бурда буд). Қаротекин аз Гургон гузашт ва Абулҳусайн ибни Ҳасан ибни Алии Утруш, ки падараш лақаби «Носир» дошт, ба Гургон расид ва дар он ҷо иқомат гузид. Насри Саъид Аҳмади Симҷӯри Давотиро бо чаҳор ҳазор савор ба ҷанги ӯ фиристод ва ӯ дар масофати ду фарсанг аз Гургон лашкар зад ва Абулҳусайнро муддати як моҳ муҳосара намуд. Абулҳусайн бо иддаи ҳашт ҳазор марди ҷангӣ аз дайламиён ва гургониён ба муқобалаи ӯ пардохт. Фармондеҳи лашкари ӯ Сурхоб ибни Ваҳсудон—писари амми Моконӣ Кокӣ буд. Ҷанги бисёр сахте миёни тарафайн рух дод. Симҷӯр камин омода карда буд, ки ба ёрии ӯ шитоб кунад ва он камин дер кард. Ногузир мунҳазим шуд ва атбоъи Абулҳусайн ғалаба карданд ва саргарми тороҷ шуданд. Ногоҳ камини ақибмондаи Симҷӯр аз камингоҳ берун омад ва сахт ҳамла карда ва чаҳор ҳазор дайламӣ ва гургониро кушт. Ва Абулҳусайн гурехт ва савори киштӣ шуд ва ба Астаробод паноҳ бурд. Гурехтагон ҳам аз ҳар тараф гирди ӯ таҷаммӯъ карданд.

PDF Compressor Free Version

Сурхоб (фармондеҳи лашкари алавӣ) Симҷӯрро дунбол карда буд ва чун бозгашт, дид сипоҳиён ҳама кушта ё гурехта буданд. Ӯ ҳам хонавода ва аёли сипоҳиёни бепаноҳро ҳамроҳи худ бурд ва ба Астаробод рафт ва бо Абулҳусайн ибни Носир иқомат гузид. Фарзанди Носир ҳам ба Сорӣ рафт. Дайламиён ҷамъ шуданд ва ӯро пешво ва қоиди худ намуданд. Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ ва Симҷӯр Астарободро қасд карданд ва бо Мокон ибни Коӣ ба ҷанг пардохтанд. Ва чун муддати ҷанг ба тӯл кашид бо ӯ тавофуқ карданд, ки аз Астаробод хориҷ шавад ва ба Сорӣ биравад ва ба тавре ки барои мардум ошкор шуда, ба ӯ мол доданд, ки ба ин наҳв таҷоҳур кунад, ки онҳо шаҳрро гушуданд ва онҳо дохили шаҳр бишаванд ва баъд биравindependent ва ӯ бозгардад. Ӯ ҳам ҳар чӣ хост, кард ва ба Сорӣ рафт. Ва онҳо шаҳрро гушуданд ва баъд тиҳӣ карданд ва ба Гургон ақиб кашиданд. Ва ӯ ба Астаробод бозгашт. Онҳо ҳам қабл аз вуруди Мокон Бағроро дар Астаробод ҷонишини худ карда буданд. Бағро нисбат ба мардуми шаҳр бадрафторӣ ва ситам кард ва баъд ба Гургон рафт. Мокон ҳам Бағроро дунбол кард, вале ӯ ба Нишобур расид ва Мокон дар Гургон иқомат гузид. Мо шарҳи ҳоли Моконро дар соли сесаду бисту нӯҳ (940—941), ки дар он сол кушта шуд, ёд хоҳем кард.

## БАЁНИ ҚИЁМ ВА ХУРУҶИ ИЛЁС ИБНИ ИСҲОҚ ИБНИ АҲМАД ИБНИ АСАДИ СОМОНӢ

Илёс ибни Исҳоқ ибни Аҳмади номбурда бо падари худ қиём кард ва баъд аз шикаст ба Фарғона паноҳ бурд. Ӯ дар Фарғона монд, то он ки дубора аз ҳамон ҷо қиём ва хуруҷ намуд ва аз Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Мут мадад гирифт ва аз туркон ёрӣ хост, то он ки сӣ ҳазор савор ба даст овард. Ӯ Самарқандро қасд ва нисбат ба Наср ибни Аҳмади саъид мухолафат ва ситез кард. Наср ҳам Абӯамр Муҳаммад ибни Асад ва дигаронро бо иддаи ду ҳазору понсад мард ба ҷанги ӯ фиристод. Он идда рӯзе, ки Илёс ворид мешуд, камин шуданд. Чун ӯ ворид ва саргарми фуруд омадан шуд, он камин аз ҳафогоҳи худ буруз ва бар ӯ ҳуҷум кард ва

PDF Compressor Free Version

шамшерро ба кор бурд. Илёс ва атбоъи ӯ мунҳазим шуданд ва то Фарғона инон натофтанд. Ибни Мут, ки (ба ёрии ӯ шитоб карда буд) ҳам ба маҳалли Исбиҷоб расид ва аз он ҷо ба ноҳияи Тароз рафт. Деҳқони Тароз бар ҳасби мукотабаву ваъда ва ришва, ки ба ӯ пешниҳод шуда, Ибни Мутро, ки далер буд, дастгир кард, баъд кушт ва сарашро ба шаҳри Бухоро фиристод. Ибни Мут қабл аз он шутурҳое аз мардум ба зӯрӣ гирифта буд. Соҳибони шутур назди ӯ рафтанд ва шутурҳои худро мутолаба карданд. Ӯ гуфт: «Мо ин шутурҳоро дар Бағдод ба шумо пас хоҳем дод». Яъне ӯ ҳеҷ чизро пас нахоҳад дод, зеро идда ва қувваи ӯ бисёр буд. Қазо ва қадар бар хилофи тасаввур ва орзуи ӯ буд ва он чӣ дар ҳисоб наёмада буд, воқеъ шуд.

Илёс барои саввумин бор қиёмро такрор кард. Абулфазл ибни Абӯюсуф — ҳокими Шош ӯро ёрӣ кард ва Муҳаммад ибни Ясаъро ба мадади ӯ фиристод, боз Илёс мунҳазим шуд ва ба Кошғар паноҳ бурд. Абулфазл ҳам гирифтор ва равонаи Бухоро гардид, ки дар он ҷо мурд. Илёс ҳам домоди Туғотекин — амири Кошғар шуд ва дар ҳамон шаҳр иқомат гузид. Муҳаммад ибни Музаффар ҳам амири Фарғона шуд, ки Илёс боз ба он шаҳр баргашт. Ва Муҳаммад бо ӯ набард кард ва боз ӯро шикаст дод ва ӯ дубора ба Кошғар паноҳ бурд. Муҳаммад ибни Музаффар бо ӯ мукотаба ва мулотафат кард ва барои ӯ (Илёс) амон гирифт ва ӯ сӯи Бухоро рахт баст ва амири саъид—Наср ӯро гиромӣ дошт ва духтари худро ба ӯ дод.

## СОЛИ СЕСАДУ ЧАҲОРДАҲ (926—927) БАЁНИ ТАСАЛЛУТИ СОМОНИЁН БАР ШАҲРИ РАЙ

Чун Муқтадир Юсуф ибни Абуссоҷро ба Восит хонд (19), ба Наср ибни Аҳмад — амири саъиди сомонӣ навишт, ки сӯи шаҳри Рай биравад ва онро тамаллук кунад ва Фотик — ғуломи Ибни Абуссоҷро аз он диёр ихроҷ кунад, ки ҳукумати он сомонро дошт.

Дар оғози соли сесаду чаҳордаҳ (926) Наср ибни Аҳмад

PDF Compressor Free Version

сӯи Рай лашкар кашид. Ва чун расид, Абӯнасри Табарӣ монеъи убури вай гардид ва ӯ ногузир дар он ҷо лашкар зад, вале боби мукотабаро бо Абӯнаср мафтӯҳ кард ва ба ӯ се ҳазор динор дод, ки роҳро бар вай бикушояд ва ӯ пазируфт. Наср аз он тангно гузашт ва наздики Рай расид.

Фотик шаҳрро падруд гуфт ва рафт ва Наср вориди шаҳри Рай гардид ва он дар таърихи ҷумодиюссонии соли ҷорӣ (VIII.926) буд. Пас аз ду моҳ, ки дар он ҷо иқомат карда буд, Симҷӯри Давотиро волии он диёр кард ва бозгашт.

Баъд аз он Муҳаммад ибни Алӣ ибни Саълукро амири он сомон намуд ва худ сӯи Бухоро рафт. Саълук вориди шаҳри Рай шуд ва то аввали моҳи шаъбони соли сесаду шонздаҳ (IX.928) дар он шаҳр ҳукумат кард ва бемор шуд. Бо Ҳасани Доъӣ ва Мокони Кокӣ мукотаба кард, ки биёянд то шаҳрро ба онҳо биспорад. Ҳар ду расиданд ва ӯ шаҳри Райро ба он ду супурд ва сӯи Домғон рафт, ки аз он ҷо ба охират рахт кашид ва ҷон супурд.

## СОЛИ СЕСАДУ ПОНЗДАҲ (927—928)

## БАЁНИ ҒАЛАБАИ АСФОР БАР ГУРГОН

Дар он сол Асфор ибни Шерӯяи Дайламӣ бар Гургон ғалаба намуд. Огози кори ӯ чунин буд, ки ӯ дар зумраи ёрони Мокон ибни Кокии Дайламӣ ба шумор меомад. Ӯ тундхӯ ва бадрафтор буд. Мокон ӯро аз ҳалқаи ёрон андохт.

Ӯ назди Бакр ибни Муҳаммад ибни Ясаъ рафт ва ба ӯ гаравид. Ӯ дар Нишобур буд, ба хидмати вай камар баст ва Бакр ӯро ба Гургон фиристод, ки шаҳрро бикушояд. Мокон ибни Кокӣ дар он замон дар Табаристон ва бародараш — Абулҳасан ибни Кокӣ дар Гургон буданд. Ӯ Абӯалӣ ибни Абулҳасан Утруши Алавиро назди худ дар Гургон боздошт карда буд.

Шабе Абулҳасан ибни Кокӣ бо ёрони худ бода нӯшид ва маст шуд. Ёрони худро дур кард ва худ ба танҳоӣ дар хонаи Алавӣ монд. Бархост, ки Алавиро бикушад, вале Алавӣ бар ӯ ғолиб шуд ва ӯро кушт ва аз маҳбаси худ хориҷ ва дар як паноҳгоҳ пинҳон шуд. Бомдоди рӯзи баъд

PDF Compressor Free Version

ба солорон ва фармондеҳон хабари воқеъаро дод, ки ӯ Абулҳасан ибни Кокиро куштааст. Солорон ба ӯ гаравиданд ва кулоҳи подшоҳиро бар сараш ниҳоданд ва байъат карданд. Алавӣ, ки дирӯз асир буд, имрӯз амир гардид.

Алавӣ солории сипоҳи худро ба Алӣ ибни Хуршед супурд ва сипоҳ аз он интихоб хушнуд гардид. Сипоҳиён бо Асфор ибни Шерӯя мукотаба карданд ва ӯро барои аморат хонданд ва чигунагии ҳолро баён намуданд. Асфор аз Бакр иҷоза гирифт ва сӯи Гургон рафт ва бо Алӣ ибни Хуршед муттаҳид гардид ва ҳар ду ноҳияи Гургонро идора карданд. Мокон ибни Кокӣ аз Табаристон лашкар кашид ва онҳоро қасд кард. Ҷанг рух дод ва онҳо тавонистанд Моконро аз Табаристон берун кунанд. Онҳо дар Гургон монданд ва Табаристонро ҳам тамаллук карданд ва Алавӣ бо онҳо буд. Рӯзе Алавӣ ба чавгон бозӣ пардохт ва аз маркаб афтод ва мурд. Баъд аз ӯ Алӣ ибни Хуршед, ки солори сипоҳ буд, даргузашт.

Мокон ибни Кокӣ ҳам боз ба ҷанги Асфор пардохт. Ин бор Асфор гурехт ва дубора сӯи Бакр ибни Муҳаммад ибни Ясаъ рафт, вале Гургонро дар даст дошт, пас дар Гургон иқомат гузид, то Бакр ибни Муҳаммад даргузашт. Он гоҳ амири саъид Наср ибни Аҳмад ҳукумати Гургонро барои Асфор мустақар ва мусаллам намуд ва он дар соли сесаду понздаҳ (927—928) буд.

## СОЛИ СЕСАДУ ШОНЗДАҲ (928—929)

## БАЁНИ ҚАТЛИ ҲАСАН ИБНИ ҚОСИМИ ДОЪӢ

Дар он сол Ҳасан ибни Қосими Доъии Алавӣ кушта шуд. Пеш аз ин тасаллути Асфор ибни Шерӯяи Дайламиро бар Табаристон баён кардем, ки Мардовиҷ ҳам ҳамроҳи ӯ буд.

Дар он замон, ки ҳар ду бар Табаристон ғалаба карда буданд, Ҳасан ибни Қосим дар шаҳри Рай буд, ки бар он тасаллут ёфта ва атбоъи Наср ибни Аҳмад — амири саъидро аз он диёр ихроҷ карда буд. ва низ бар Қазвин ва Занҷон ва Абҳар ва Қум тасаллут ёфт. Мокон ибни Кокии Дайламӣ

PDF Compressor Free Version

ҳамроҳи ӯ буд. Ӯ сӯи Табаристон лашкар кашид ва дар Сорӣ бо Асфор муқобала ва сахт муқотала намуд. Ҳасан (бо иддаи худ) мунҳазим гардид, ҳамчунин Мокон ибни Кокӣ, ки бо ӯ буд. Ҳасан ҳам ҳангоми гурез кушта шуд...
...Ва чун кушта шуд, Асфор бар диёри Табаристон ва шаҳри Рай ва Гургон ва Қазвину Занҷон ва Абҳар ва Қум ва Карх мусаллат ва тобеъи амири Хуросон гардид.

Амири Хуросон — амири саъид Наср ибни Аҳмад буд. Ӯ (Асфор) дар Сорӣ иқомат гузид ва Ҳорун ибни Баҳромро амири Омул намуд. Ҳорун майл дошт, ки тобеъи Абӯҷаъфари Алавӣ бошад ва ба номи ӯ хутба бихонад.

Асфор ҳам бим дошт, ки аз ҷониби Абӯҷаъфар фитна барпо шавад. Ҳорунро назди худ эҳзор кард ва ба ӯ дастур дод, ки ҳамсаре аз аъёни Омул ихтиёр кунад ва рӯзи ақд Абӯҷаъфар ва алавиёни дигарро барои анҷоми маросим даъват кунад. Ва худи Асфор рӯзи ҷашн ва ҳузури алавиёнро муайян кард. Ӯ ҳам ба дастури вай амал кард.

Асфор бошитоб аз Сорӣ хориҷ ва дар вақти муайян ба Омул расид ва ногаҳон бар кохи Ҳорун ҳуҷум бурд ва Абӯҷаъфар ва соири алавиёнро, ки аз бузургону аъён буданд, гирифт ва банд кард ва сӯи Бухоро равона намуд, то дар фитнаи Абӯзакариё озод шуданд, ки баъд он фитнаро шарҳ хоҳем дод. Чун Асфор кори Табаристонро ба сомон расонид, шаҳри Райро қасд кард. Дар он ҷо Мокон ибни Кокӣ амир буд, ӯ бар шаҳр ғалаба кард ва он ҷӣ тобеъи Табаристон буд, дубора ба Табаристон мулҳақ кард, муддате дар он ҷо иқомат гузид. Асфор хост, ки қалъаи Аламутро бигирад. Он қалъа бар як кӯҳи баланд дар марзи Дайламон қарор дошт. Малики он қалъа Сиёҳчашм ибни Малики Дайламӣ буд. Маънии ин исм асвадулъайн аст. Ӯ дар яке аз ду чашми худ холи сиёҳ дошт. Асфор бо ӯ мукотаба кард ва таҳният гуфт. Ӯ назди Асфор ҳозир шуд ва Асфор ба ӯ гуфт: «Мехоҳам хонаводаи худро дар он ҷо қарор диҳам». Ӯ қабул кард. Ҳукумати Қазвинро ҳам ба Сиёҳчашм дод.

Чун хонаводаи худро дар он қалъа мустақар намуд, шурӯъ кард ба фиристодани ёрони далер ва қобили эътимод,

PDF Compressor Free Version

то он ки иддве сад мард дар он диж мустақар гардиданд. Он гоҳ Сиёҳчашмро аз Қазвин эҳзор карду кушт...

...Қудрат ва азамати сипоҳи Асфор ба ҳадди аъло расид ва худ нерӯманд, дорои мартабати арҷманд гардид ва нисбат ба амири саъид — амири Хуросон тамарруд ва исён намуд. Хост бар сар афсар ниҳад ва тоҷгузорӣ кунад ва дар шаҳри Рай, ки пойтахти ӯ шуда буд, авранги заррин бигузорад ва бар он биншинад ва бо халифа бистезад ва бо амири Хуросон набард кунад, ки Муқтадир барои саркӯбии ӯ Ҳоруни ибни Ғарибро бо сипоҳе азим фиристод. Атбоъи Асфор бо Ҳоруи ҷанг карданд ва ӯ гурехт ва бисёре аз сипоҳиёни ӯ кушта шуданд ва қатлгоҳи онҳо дарвозаи Қазвин буд.

Аҳолии Қазвин ҳам ба ёрии Ҳорун камар бастанд. Асфор кинаи онҳоро дар дил гирифт, пас аз он амири саъид—худованди Хуросон аз Бухоро лашкар кашид ва Асфорро қасд ва ба Нишобур расид. Вазири Асфор, ки Мутриф ибни Муҳаммади Гургонӣ буд, ба Асфор тавсия ва насиҳат кард, ки фармонбардори амири Хуросон шавад ва моли бисёр ҳам бидиҳад, ки агар қабул кард, чӣ беҳтар, вагарна ҷангро оғоз кунад.

Дар сипоҳи Асфор гурӯҳе турк аз сипоҳиёни амири Хуросон мунтазам шуда буданд. Вазир Асфорро аз туркон тарсонид ва Асфор ақидаву раъй ва панди вазирро пазируфт ва ба амири Хуросон муросала кард.

Вале амири Хуросон қабул накарду ба лашкаркашии худ сӯи ӯ идома дод. Атбоъи амир ба ӯ насиҳат карданд, ки молро бипазирад ва хутба ба номи худро бихоҳад ва аз ҷанг биппарҳезад, ки оқибати ҷанг маълум нахоҳад буд.

Амири сомонӣ насиҳати онҳоро пазируфт ва дархости Асфорро иҷобат намуд ва чандин шарт кард, ки амвол чӣ гуна бояд ҳамл шавад ва ҳар ду муттафиқ ва муттаҳид шуданд. Асфор пас аз анҷоми сулҳ кишвари худро мураттаб кард ва молиёти Рай ва перомуни онро қистбандӣ намуд, ки ҳар марде—хоҳ аз аҳли билод ва хоҳ бегона бошад, — бояд як динор бипардозад. Аз ин ҳайс амир моли фаровоне ба даст овард, ки бо он мол амири Хуросонро хушнуд намуд. Бақия

PDF Compressor Free Version

ҳам барои худи ӯ монд ва худ бо лашкар бозгашт. Бар азамат ва ҷоҳу ҷалол ӯ афзуда шуд.

## БАЁНИ ҚАТЛИ АСФОР

Дар сипоҳи Асфор яке аз бузургтарини солорон ва фармондеҳон ба номи Мардовиҷ, ибни Зиёри Дайламӣ вуҷуд дошт. Асфор ӯро назди солори амири Шамирони Торам (II) фиристод, ки ӯро ба фармондорӣ даъват кунад. Ин солор падари касе буд, ки баъд аз он амири Озарбойҷон ва билоди дигар гардид. Чун Мардовиҷ назди солор рафт, ҳар ду аз бадрафторӣ ва хушунати Асфор ва мусибати мардум ва фишору балои ӯ, ки бар онҳо нозил шуда, гуфтугӯ карданд ва ҳар ду муттафиқ ва муттаҳид шуданд, ки бо ӯ ҷанг кунанд ва ӯро барандозанд.

Дар он ҳангом Асфор ба Қазвин расида ва мунтазири авдати Мардовиҷ буд, ки натиҷаи иқдоми худро бигӯяд. Мардовиҷ аз ҳамон маҳал ба солорону фармондеҳони зердасти худ, ки мавриди эътимод ва боварӣ буданд, навишт, ки ӯ бо солор муттаҳид шуда. Ва онҳо мувофақат ва иҷобат намуданд, зеро сипоҳ аз бадрафторӣ ва сахтгирии Асфор ба сутӯҳ омада буд.

Яке аз онҳое, ки мувофақат карда буданд, Мутриф ибни Муҳаммад — вазири Асфор буд. Мардовиҷ ва солор расиданд ва ба иттифоқ Асфорро роҳ гирифтанд. Асфор бар тавтеъа огоҳ шуд ва донист, ки атбоъи ӯ бо Мардовиҷ байъат карданд, эҳсоси заволро кард. Он ҳам баъд аз бадрафтории ӯ нисбат ба аҳолии Қазвин ва нафрини онҳо. Ногоҳ сипоҳ шӯрид ва Асфор ҷон диранг надид, ногузир тан ба гурез дод ва бо чанд тан аз ғуломони худ ба шаҳри Рай паноҳ бурд...

## БАЁНИ КИШВАРДОРИИ МАРДОВИҶ

Чун Асфор гурехт, Мардовиҷ оғози кишвардорӣ намуд. Пас аз он ки бар Асфор пирӯз шуд ва ӯро кушт, дар мулки ӯ мустақар ва собит гардид. Аз шаҳре ба шаҳри дигар рафт

PDF Compressor Free Version

ва бар ҳамаи шаҳрҳо чира шуд. Қазвинро гирифт ва ба мардуми он сарзамин ваъдаи некӣ дод ва мардум ӯро дӯст доштанд. Сӯи Рай рафт ва шаҳрро гирифт ва низ Ҳамадону Канговар ва Динавар ва Яздгирд ва Қум ва Кошон ва Исфаҳону Ҷарбозақон ва шаҳрҳои дигарро тамаллук кард...

## БАЁНИ ТАСАЛЛУТИ МАРДОВИҶ БАР ТАБАРИСТОН

...Чун Мардовиҷ нерӯманд ва мусаллат шуд ва бар молу маноли ӯ афзуда шуд ва сипоҳи ӯ қавӣ ва азим гардид, ба тамаллуки Табаристон ва Гургон тамаъ кард, ки ҳар ду билод дар дасти Мокон ибни Кокӣ буд. Лашкарҳои худро орост ва сӯи Табаристон лашкар кашид. Мокон ҳам дар қиболи ӯ пойдорӣ кард, вале Мардовиҷ голиб ва пирӯз шуд ва Табаристонро кушуд. Булқосим ибни Бонҷинро дар он сарзамин амир намуд, ки ӯ сипаҳсолори сипоҳи Мардовиҷ буд. Далеру некрой ва хирадманд ҳам буд. Мардовиҷ сӯи Гургон лашкар кашид. Дар он сомон аз тарафи Мокон амире ба номи Шерзил ибни Солор ҳукумат мекард, ки Абӯалӣ ибни Туркӣ ӯро ёрӣ менамуд, вале ҳар ду аз ҳуҷуми Мардовиҷ гурехтанд ва Мардовиҷ молики Гургон шуд ва Сурхоб ибни Бовас — тағои фарзанди Булқосим Абулқосим ибни Бонҷинро ҳокими Гургон намуд ва кори ӯро ба ҳамон Булқосим супурд, ки аз тарафи ӯ ҳокими он диёр бошад.

Бино бар ин Табаристон ва Гургонро ба шахси Булқосим вогузор кард ва худи Мардовиҷ ба Исфаҳон бозгашт, он ҳам бо фатҳ ва зафару ғанимат. Мокон ба Дайламон рафт ва аз Абулфазл, ки дар он ҷо қиём карда буд, ёрӣ хост. Абулфазл ӯро гиромӣ дошт ва ба иттифоқи ӯ ба Табаристон лашкар кашид.

Булқосим ба муқобалаи онҳо мубодарат кард ва пас аз ҷанг Мокон гурехт ва Абулфазл ба Дайламон паноҳ бурд. Мокон пас аз гурез ба Нишопур рафт ва тоъати амири саъид — Насрро ба гардан ниҳод ва аз ӯ истимдод намуд.

Амир Наср бештар сипоҳи худро ба ёрии ӯ фиристод ва дар мусоидат ва тақвияти ӯ сахт кӯшид ва муболиға кард.

PDF Compressor Free Version

Мокон ва Абўалй аз тарафи Сомониён ба Табаристон расиданд ва ҷанг карданд ва шикаст хўрданд ва гурехтанд. Мокон ва Абўалй ба шаҳри Нишобур рафтанд. Пас аз он Мокон ба Домғон рафт, ки он шаҳрро тамаллук кунад. Булқосим ўро қасд кард ва монеъ шуд. Мокон ногузир роҳи Хуросонро гирифт.

## СОЛИ СЕСАДУ ҲАФДАҲ (929—930)

## БАЁНИ ҚИЁМИ АБЎЗАКАРИЁ ВА БАРОДАРОНИ Ў ДАР ХУРОСОН

Дар он сол Абўзакариён Яҳё ва Абўсолеҳи Мансур ва Абўисҳоқи Иброҳим — фарзандони Аҳмад ибни Исмоили сомонй бар бародари худ — Аҳмад дар Хуросон қиём ва исён намуданд. Гўянд: он қиём ва хуруҷ дар соли сесаду ҳаждаҳ (930) буда ва бояд ҳамин таърих саҳеҳ бошад.

Сабаби он қиём ин буд, ки бародарашон—Наср онҳоро дар қуҳандиз боздошт карда буд, ки қуҳандиз дар Бухоро буд. Касонеро ҳам барои боздошти онон маъмур карда буд, ки онҳо аз дасти маъмурон раҳой ёфтанд. Иллати раҳоии онон ин буд, ки марде маъруф ба Хаббози Исфаҳонй — номаш Абўбакр — ҳамеша номи амири саъид Наср ибни Аҳмадро, ки мешунид, мегуфт: «Ў ба сабаби ман мубтало ба як рўзи сахт ва ранҷи бисёр ва балои бузург хоҳад шуд». Ҳар кй гуфтани ўро мешунид, механдид. Рўзе амири Саъид—Наср аз Бухоро хориҷ шуд ва роҳи Нишобурро гирифт. Абулаббоси Кўсаро ҷонишини худ намуд. Рўзе, ки бародарони боздоштшуда ба зиндон фиристода мешуданд, Абўбакр ба иттифоқи гурўҳе аз сипоҳиён ба наҷоти онон кўшид ва онҳоро аз маҳбас хориҷ ва озод гардонид. Шарҳи воқеа чунин аст:

Чун амири саъид аз Бухоро дур шуд, Абўбакр ва сипоҳиёни мувофиқи ў дар куҳандиз ҷамъ шуданд. Одат ин буд, ки дари Куҳандиж дар рўзҳои одина боз намешуд, магар ҳангоми аср. Чун рўзи панҷшанбе расид, Абўбакр худ до-

PDF Compressor Free Version

хили қалъа шуд ва дар он ҷо монд, то рӯзи ҷумъа, ки ба сипоҳиёни мувофиқ ваъда дода буд. Чун рӯзи ҷумъа расид, Абӯбакр аз даруни зиндон дарбонро тамеъ кард ва панҷ динор (зар) дод ва худро як марди ботақво ва парҳезгор намуд ва гуфт: «Қасди намоз дорам ва метарсам агар дар ин ҷо бимонам, вақти намоз бигзарад, иҷоза бидеҳ, ки шахсан хориҷ шавам».

Зиндонбон дари зиндонро боз кард, ки фақат Абӯбакри Хаббоз барои намоз хориҷ шавад. Абӯбакри Хаббоз бонг зад ва сипоҳиёни мувофиқи ӯ ҳуҷум бурданд ва дарбонро гирифтанд ва дохили зиндон шуданд ва Яҳё ва Мансур ва Иброҳимро аз зиндон берун оварданд. Онҳо фарзандони Аҳмад ибни Исмоил буданд. Дар он зиндон гурӯҳе дайламӣ ҳам боздошт шуда буданд. Ҳамчунин алавиён ва ҷамъе аз айёрони шаҳр, ки ҳама озод ва муттафиқ шуданд, ба изофаи сипоҳиёне, ки ба дастури Абӯбакри Хаббоз онҳоро озод карданд. Шарвин ибни Ҷелӣ (Гелонӣ) бо сипоҳиёни худ ва чанд тан аз солорон бо иддаи худ ба онҳо пайвастанд ва онҳо дорои қудрат ва шавкату азамат шуданд. Аввал ганҷи амири саъид Насрро ғорат карданд ва баъд кохҳо ва хонаҳои ӯро тороҷ намуданд.

Яҳё ибни Аҳмад Абӯбакри Хаббозро муқарраб ва муқаддам намуд ва солории сипоҳро ба ӯ супурд. Дар он ҳангом амири саъид дар Нишобур буд. Абӯбакр Муҳаммад ибни Музаффар—сипаҳсолори кулли Хуросон дар Гургон буд. Ва чун Яҳё қиём намуд ва хабари қиёми ӯ ба Наср расид, аз Нишобур сӯи Бухоро шитоб кард. Муҳаммад ибни Музаффар ҳам бо Мокон ибни Кокӣ мукотаба кард ва бо ӯ пайванди домодӣ баст ва вилояти Нишобурро ба ӯ супурд ва ба ӯ дастур дод, ки он шаҳрро ҳимоят ва ҳифз кунад. Мокон ҳам сӯи Нишобур рахт кашид ва мустақар гардид.

Яҳё Абӯбакри Хаббозро ба дифоъ аз наҳр водор кард. Амири Саъид расид ва ӯро асир кард ва аз наҳр гузашт. Хаббозро бисёр шиканҷа ва озор дод ва баъд ӯро дар танӯре, ки худи ӯ дар он нон мепухт, андохт ва гудохт. Яҳё ҳам аз он ҷо сӯи Самарқанд рафт, аз он ҷо ҳам гузашт ва ба навоҳии Сағониён (12) рафт, ки дар он ҷо Абӯалӣ ибни Абубакри

PDF Compressor Free Version

Муҳаммад ибни Музаффар буд. Боз аз он ҷо гузашт ва роҳи Тармизро гирифт ва аз он ҷо сӯи Балх убур кард. Дар он ҷо Қаротекин буд, бо ҳам роҳи Марвро гирифтанд. Ва чун Абӯбакри Муҳаммад ибни Музаффар ба Нишобур расид, Яҳё боби мукотибаро бо ӯ мафтӯҳ кард ва Муҳаммад ба майл нисбат ба ӯ тазоҳур намуд, ба ӯ ҳам ваъда дод, ки ба вай хоҳад гаравид.

Муҳаммади мазкур аз Нишобур рафт ва Мокон ибни Кокиро ҷонишини худ намуд. Ва ӯ гуфт: «Ман қасди Марв дорам». Вале дар арзи роҳ мунҳариф шуд ва Бушанҷро қасд кард ва аз он ҷо ба Ҳирот рафт ва бошитоб шаҳрро гирифт. Аз Ҳирот сӯи Сагониён шитоб кард, он ҳам аз тариқи Ғарҷистон, (13). Яҳё огоҳ шуд, барои дафъи ӯ лашкаре фиристод. Муҳаммад он лашкарро мунҳазим кард ва боз аз роҳи Ғарҷистон лашкаркашии худро идома дод, дар он ҷо аз фарзанди худ—Абӯалӣ, ки дар Сагониён буд, мадад хост ва ӯ барои падараш лашкаре фиристод.

Муҳаммад ибни Музаффар сӯи Балх лашкар кашид, ки дар он ҷо Мансури Қаротекин буд. Бо ҳам сахт ҷанг карданд ва Мансур шикаст хӯрда, сӯи Ҷузҷон мунҳазим шуд...

Муҳаммад аз сӯи Сагониён рафт ва ба фарзандаш мулоқот кард. Ба амири Саъид нома навишт ва хабари лашкаркашӣ ва вақеоъи худро шарҳ дод. Ӯ (Насри Саъид) бисёр хурсанд шуд ва вилояти Балх ва Тахористонро ба ӯ (Муҳаммад ибни Музаффар) воҷузор кард ва ӯро назди худ хонд. Ӯ ҳам он вилоятро ба фарзанди худ — Абӯалӣ Аҳмад вогузошт ва ӯро сӯи он диёр равона кард.

Муҳаммад ба амири Саъид мулҳақ шуд ва ҳар ду дар Балх ба якдигар расиданд. Наср дар маҳалле аз тавобеъи Балх буд, ба таъқиби Яҳё мекӯшид ва Яҳё дар Ҳирот буд. Яҳё ҳам роҳи Нишобурро гирифт, ки дар он ҷо Мокон ибни Кокӣ буд. Ӯ шаҳрро муҳосира кард ва натавонист коре пеш бибарад.

Муҳаммад ибни Илёс ҳамроҳи Яҳё буд, ки ба Мокон паноҳ бурд ва таслим шуд. Ду бародари Яҳё — Мансур ва Иброҳим ба тобъати бародари дигари худ, ки амири Саъид — Наср бошад, камар бастанд ва таслим шуданд.

PDF Compressor Free Version

Саъид ба Ҳирот наздик шуд,ки дар он ҷо Яҳё ва Қаротекин иқомат доштанд. Ҳар ду роҳи Балхро гирифтанд ва бад—он шаҳр расиданд.

Қаротекин барои наҷоти худ ҳила ба кор бурд ва Яҳёро аз Балх ба Бухоро равона кард ва худ дар Балх монд. Амири саъид ҳам мутаваҷҷеҳи Бухоро гардид ва чун аз наҳр убур кард, Яҳё аз Бухоро гурехт ва ба Самарқанд паноҳ бурд. Сипас аз Самарқанд ҳам гурехт ва дар он ҷунбиш ва гурез Қаротекин ӯро ёрӣ накард. Яҳё ногузир Нишобурро қасд кард, ки дар он ҷо Муҳаммад ибни Илёс буд. Ӯ нерӯманд ва пойдор шуда буд. Ва Мокон аз Нишобур ба Ҷурҷон рафт ва бо Муҳаммад ибни Илёс мувофақат кард ва хутба ба номи Яҳё хонданд ва эшон дар Нишобур бимонданд (14).

Амири Саъид Наср ҳам Яҳёро дунбол мекард ва ӯро даме осуда намегузошт. Чун хабари лашкаркашии амири Саъидро шуниданд, ки ба Нишобур меояд, лашкари онҳо пароканда шуд ва худ ҳар яке як роҳро гирифтанд. Ибни Илёс Кирмонро қасд кард ва дар он ҷо иқомат гузид. Қаротекин ба иттифоқи Яҳё рахт сӯи Буст ва Руххаҷ кашид. Наср ибни Аҳмад ба Нишобур расид ва он дар соли сесду бист (932) буд.

Наср ба Қаротекин пайғом дод, ки ба иёлати Балх мансуб шудааст ва ба Яҳё ҳам амон дод. Яҳё назди ӯ рафт ва фитна хомӯш шуд ва шӯру шар, ки дар он муддат давом дошт, поён ёфт. Наср ҳам бо бародари худ — Абӯсолеҳи Мансур озодона зист карданд ва ҳар ҷо, ки хостанд, рафтанд, вале бародари дигари онҳо — Иброҳим аз назди амири Саъид Наср гурехт ва ба Бағдод паноҳ бурд. Аз он ҷо ҳам ба Мавсил рафт, ки агар худованд бихост, шарҳи ҳоли ӯро баён хоҳем кард.

Аммо Қаротекин, ки дар Буст рахт аз ин ҷаҳон баст ва наъши ӯро ба Исбиҷоб бурданд ва ба хок супурданд ва работи ӯ дар он ҷо маъруф аст, ки онро работи Қаротекин гӯянд.

PDF Compressor Free Version

## СОЛИ СЕСАДУ ҲАЖДАҲ (930)

## БАЁНИ МУХОЛАФАТИ ҶАЪФАР ИБНИ АБӮҶАЪФАР ВА БОЗГАШТАНИ Ӯ

Ҷаъфар ибни Абӯҷаъфар ибни Абӯдовуд дар Хуттал аз тарафи Сомониён амир буд. Ҳолоте аз ӯ намоён шуд, ки тасаввури тамарруд ва исён аз он мерафт. Ба Абӯалӣ Муҳаммад ибни Музаффар аз ҷониби Сомониён навишта шуд, ки ӯро қасд кунад. Муҳаммад ҳам лашкар кашид ва бо ӯ набард кард ва пирӯз шуд ва ӯро асир намуд ва сӯи Бухоро фиристод.

Ин воқеъа қабл аз қиёму мухолафати Абӯзакариёи Яҳё рух дод. Чун ба шаҳри Бухоро расид, ба зиндон супурда шуд. Чун Абӯзакариё қиём кард, ӯро озод намуду ҳамроҳи худ бурд. Ӯ аз Яҳё иҷозаи бозгашт ба Хутталро хост ва ба ӯ иҷоза дод ва ба Хуттал рафт ва дар он ҷо сипоҳе гирд овард, ки ба Яҳё ваъда дода буд он сипоҳро барои ёрии ӯ ҷамъ хоҳад кард, вале чун расид, гардан ба тоати амири саъид — Наср ниҳод ва кораш сомон гирифт ва он дар соли сесаду ҳаждаҳ (930) буд.

## СОЛИ СЕСАДУ БИСТУ ЯК (933)

## ЗИКРИ АХБОРИ ХУРОСОН

Дар он сол Мардовиҷ аз шаҳри Рай сӯи Гургон лашкар кашид. Дар он ҷо Абӯбакр Муҳаммад ибни Музаффар ҳукумат дошт, вале бемор буд. Мардовиҷ ӯро қасд кард, ӯ ҳам аз он ҷо сӯи Нишобур раҳт баст. Дар он ҳангом амири саъид—Наср ибни Аҳмад дар Нишобур буд. Чун Муҳаммад расид, амири Саъид—Наср сӯи Гургон лашкар кашид. Муҳамад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ (15) ба Мутриф ибни Муҳаммад, ки вазири Мардовиҷ буд, нома навишт ва ӯро татмеъ кард, ки сӯи худ бикашад. Ӯ ҳам ба ӯ мутамойил шуд. Хабар ба Мардовиҷ расид, Мутрифро гирифт ва кушт.

Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ ба Мардовиҷ на-

PDF Compressor Free Version

вишт: «Ман медонам, ки ту куфрони неъмати амири саъид ва некиҳои ӯро хуш надорӣ, вале касе, ки туро ба қасди Гургон водор карда буд, вазири ту—Мутриф аст, то аҳолии Гургон мақоми ӯро назди ту мушоҳада кунанд, чунон ки Аҳмад ибни Рабиъа — муншии Амр ибни Лайс ӯро водор кард, ки Балхро қасд кунад, то аҳли Балх мақоми ӯро назди Амр мушоҳада кунанд. Ва шуд он чӣ ту ҳам бар он огоҳ ҳастӣ. Ман салоҳ намедонам, ки ту бояд подшоҳе, ки сад ҳазор мард аз ғуломони худ ва бандагони падар гирди ӯ мегарданд, набард кунӣ. Беҳтар ин аст, ки ту Гургонро тарк кунӣ ва барои ҳукумати Рай бо пардохти маблағе молиёт мувофақат намоӣ». Мардовиҷ он пандро пазируфт ва боҷу хироҷи шаҳри Райро дод ва бо амири саъид сулҳ кард ва бозгашт.

## БАЁНИ АМОРАТИ МУҲАММАД ИБНИ МУЗАФФАР ДАР ХУРОСОН

Чун амири саъид аз кори Гургон фароғат ёфт, Абӯбакр Муҳаммад ибни Музаффар ибни Мӯҳтоҷро сипаҳсолори кулли сипоҳи Хуросон намуд ва идораи корҳоро, чунон ки буд, ба ӯ супурд ва худ сӯи Бухоро раҳсипор шуд, ки он шаҳр пойтахти мулки ӯ буд.

Сабаби тақаррруби Муҳаммад ибни Музаффар назди амир ин буд, ки рӯзе амири саъид дар хилват бо ӯ гуфтугӯ ва дар баъзе корҳо машварат мекард. Ҳангоми суҳбат як ақраб ба пои ӯ чандин бор неш зад ва ӯ сухани амирро набурид ва бурдборӣ кард, то он ки гуфтугӯ поён ёфт. Ва Муҳаммад ба хонаи худ бозгашт, он гоҳ кафши худро канд ва ақрабро кушт. Хабари ин сабру таҳаммул ба гӯши амир расид. Ба ӯ гуфт: «Тааҷҷуби бештар аз ин буд, ки ту бо фароғати болу хотири маҷмӯъ ба гуфта ва дастури ман дар тадбири мулк гӯш бидодӣ. Чаро барнахостӣ, ки ақрабро бикушӣ? Гуфт: Мани банда ҳаргиз сухани амирро барои неши як ақраб намебурам ва агар назди ту бар неши як ақраб сабр накунам, чӣ гуна бар шамшерҳои тез ҳини дур будан аз ту сабр ку-

PDF Compressor Free Version

нам? Ва чӣ гуна битавонам душманони давлати амирро аз мамлакат дафъ намоям?». Ин бурдбории ӯ бар баландии мақом ва рафъати ӯ афзуд ва амир дусад ҳазор дирҳам ӯро ато кард.

## СОЛИ СЕСАДУ БИСТУ ДУ (933—934)

## БАЁНИ ТАСАЛЛУТИ НАСР ИБНИ АҲМАД БАР КИРМОН

Дар он сол Абӯалӣ Муҳаммад ибни Илёс аз Кирмон ба Форс рафт ва ба Ёқут пайғом дод,ки қасди таслим ва фармонбардории ӯро дорад, вале Ёқут донист, ки ӯ қасди фиреб ва иғлофро намуда ва ӯро напазируфт. Ӯ ҳам пас аз он ки ба Истахр расид, ногузир бозгашт. Амири саъид Наср ибни Аҳмад — амири Хуросон Мокон ибни Кокиро барои ҷанги ӯ фиристод ва ӯ бо сипоҳе азим рафт. Ибни Илёс гурехт ва Мокон Кирмонро ба ниёбати амири Хуросон гирифт. Муҳаммад ибни Илёси мазкур аз атбоъи амир Наср ибни Аҳмад буд, ки бар ӯ хашм гирифт ва ба зиндонаш супурд. Пас Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ барои ӯ шафоат кард ва ӯро озод намуданд ва бо Муҳаммад ибни Музаффар ба Гургон фиристоданд.

Чун Яҳё ибни Аҳмад ба бародаронаш дар Бухоро қиём карданд, чунон ки гузашт, Муҳаммад ибни Илёс назди Яҳё рафт ва бо ӯ буд. Ва аз назди ӯ ба Кирмон рафт ва Кирмонро кушуд ва дар он ҷо буд, то он ки Мокон ӯро аз он диёр ба канор кард. Ӯ (Муҳаммад) ба Динавар рафт ва Мокон дар Кирмон қарор гирифт. Чун Мокон аз он диёр бозгашт, ки баъд аз ин онро баён хоҳем кард, Муҳаммад ибни Илёс ба Кирмон бозгашт.

## СОЛИ СЕСАДУ БИСТУ ЧАҲОР (935—936)
## БАЁНИ ИСТИЛОИ МОКОН БАР ГУРГОН

Дар он сол Мокон ибни Кокӣ Гургонро гирифт, ҳамчунон ки мо пеш аз ин навишта будем. Мокон, ки аз Гургон бозгашт, дар Нишобур иқомат гузид ва Бонҷин дар Гургон монд.

PDF Compressor Free Version

Баъд аз он Бонҷин барои чавгонбозӣ аз шаҳр хориҷ шуд, аз асп афтод ва мурд. Хабари марги ӯ ба Мокон ибни Кокӣ расид ва ӯ дар Нишобур буд. Мокон ба лашкарнависи Хуросон, ки фармондеҳ буд, бадбин ва бимнок буд. Ба ӯ гуфт, ки баъзе аз ёронаш гурехта ва мехоҳад онро дунбол кунад, аз фармондеҳи Хуросон иҷоза хост, ки ба ҷустуҷӯи гурехтагон биравад ва ӯ иҷоза дод. Мокон аз Нишобур ба Исфароин рафт ва гурӯҳе аз лашкари худро сӯи Гургон фиристод. Онҳо ҳам расиданд ва шаҳрро гирифтанд. Мокон нисбат ба Муҳаммад ибни Музаффар тамаррул кард ва мустақил гардид. Мокон аз Исфароин бо шитоб сӯи Нишобур бозгашт ва Муҳаммад ибни Музаффарро гофилгир кард. Атбоъи Муҳаммад, ки иддаи онҳо кам буд, ӯро ёрӣ ва ҳимоят накарданд ва ӯ омодаи ҷанг ва дифоъ набуд. Ногузир сӯи Сарахс гурехт. Мокон ҳам аз Нишобур бозгашт, зеро тарсид, ки лашкариён ӯро муҳосара кунанд. Ин дар таърихи рамазони соли сесаду бисту чаҳор (VII.936) буд.

## СОЛИ СЕСАДУ БИСТУ ҲАФТ (938—939)

## БАЁНИ АМОРАТИ АБУАЛӢ ИБНИ МӮҲТОҶ БАР ХУРОСОН

Дар он сол амири саъид Наср ибни Аҳмади Сомонӣ Абуалӣ ибни Аҳмад ибни Абӯбакр Муҳаммад ибни Музаффар ибни Мӯҳтоҷро амири кулли Хуросон кард ва падарашро аз аморати он диёр барканор намуд. Нахуст ӯро сӯи Бухоро хонд ва баъд ба маркази аморат фиристод. Иллат ин буд, ки падараш — Абӯбакр бемор шуда ва маразаи ӯ ба тӯл кашид. Амири саъид фарзандашро аз Сағониён эҳзор ва ба ҷои падари бемор ӯро амири он диёр намуд ва ба Нишобур фиристод ва падарашро назди худ хонд. Абӯбакр аз Нишобур хориҷ шуд ва се марҳала ба шаҳр монда буд ки фарзандашро дид ва умури аморатро бо он чӣ зарурат дошт, ба ӯ омӯхт. Абӯбакр ҳам роҳи Бухороро гирифт ва фарзандаш — Абӯалӣ вориди Нишобур шуд ва он дар моҳи рамазони соли чорӣ (VI. 939) буд. Мо дар соли сесаду бисту ҳашт

PDF Compressor Free Version

(939—940) бақияи аҳволи ӯро баён хоҳем кард. Абӯалӣ марде хирадманд ва доно ва далер буд, муддати се моҳ дар марказ иқомат кард ва барои гирифтани Гургон ва Табаристон тайёрӣ дид, ки шарҳи он дар вақоеъи соли сесаду бисту ҳашт (939—940) хоҳад омад.

## СОЛИ СЕСАДУ БИСТУ ҲАШТ (939—940)

## БАЁНИ ИСТИЛОИ АБӮАЛӢ БАР ГУРГОН

Дар он сол дар моҳи муҳаррам (Х.939) Абӯалӣ ибни Муҳтоҷ лашкари Хуросонро сӯи Гургон бурд. Дар он ҳангом Мокон ибни Кокӣ ба ҳукумати он сомон мустабид ва аз итоати амир Наср ибни Аҳмад даст кашида буд. Моконро дар Гургон муҳосара кард ва роҳи расонидани заруриётро баст. Абӯалӣ ҳангоми лашкаркашӣ дид, ки обҳои арзи роҳро олуда карда буданд, ногузир аз роҳи рост мунҳариф гардид. Ногоҳ мардуми Гургонро ғофилгир кард ва ба як фарсангӣ лашкар зад ва шаҳрро муҳосара кард ва хорбор ва маводи зиндагиро манъ намуд. Бисёре аз атбоъи Мокон аз ӯ амон хостанд. Ҳар ки дар муҳосара monda буд, дучори сахтӣ ва гуруснагӣ гардид, ба ҳадде, ки ҳар фарде ба як мушт кунчид ё хурмо ё сабзӣ ва монанди он як рӯз иктифо ва тағзия мекард. Мокон аз Вушмгир, ки дар Рай буд, мадад хост. Ӯ ҳам яке аз солорони худро ба номи Шерач ибни Нӯъмон ба ёрии Мокон фиристод. Чун ба Гургон расид ва ҳолро бад-он гуна дид, кӯшид, ки Абӯалӣ бо Мокон оштӣ кунад ва барои начоти Мокон роҳе дар Табаристон боз кунад, ки ӯ шаҳрро вогузор намояд. Абӯалӣ бар Гургон истило ёфт ва Мокон гурехт ва он дар таърихи соли сесаду бисту ҳашт (939—940) буд. Абӯалӣ пас аз ободӣ ва ислоҳи вазъи шаҳр Иброҳим ибни Симҷӯри Давотиро ҳокими Гургон намуд ва худ низ то моҳи муҳаррами соли сесаду бисту нӯҳ (Х.940) дар он ҷо зист ва баъд роҳи шаҳри Райро гирифт, чунон ки хоҳад омад.

PDF Compressor Free Version

## СОЛИ СЕСАДУ БИСТУ НӮҲ (940—941) БАЁНИ ҚАТЛИ МОКОН ИБНИ КОКӢ ВА ИСТИЛОИ

## АБӮАЛӢ ИБНИ МӮҲТОҶ БАР ШАҲРИ РАЙ

Пеш аз ин навиштаам, ки Абӯалӣ ибни Мӯҳтоҷ ба Гургон рафт ва Моконро аз он шаҳр берун кард. Мокон аз он сомон ба Табаристон рафт ва дар он ҷо мустақар гардид, Абӯалӣ ҳам дар Гургон иқомат гузид, ки корҳои он шаҳрро сомон диҳад ва вайрониҳоро обод кунад. Пас аз он Иброҳим ибни Симҷӯри Давотиро ба хукумати он диёр нишонд ва дар моҳи муҳаррами ҳамин сол (X.940) шаҳри Райро қасд кард ва дар моҳи рабеъулаввал (XII.940) ба мақсад расид. Вушмгир ибни Зиёр — бародари Мардовиҷ дар он диёр буд. Имодуддавла ва Рукнуддавла — ду фарзанди Бӯя бо Абӯалӣ мукотаба мекарданд, ва ӯро ба гирифтани шаҳри Рай водор мекарданд ва ваъдаи ёрӣ медоданд. Фарзандони Бӯя мехостанд, ки Абӯалӣ шаҳри Райро аз Вушмгир бигирад ва медонистанд тоби боқӣ мондан дар он шаҳр нахоҳад дошт, пас шаҳри Рай ба онҳо хоҳад пайваст ва онҳо бар он шаҳр голиб хоҳанд шуд, зеро аз Хуросон дур ва кишвари Хуросон фарох буд, онҳо хоҳанд тавонист, ки он шаҳрро аз хуросониён боз гиранд. Вушмгир бар иттифоқ ва иттиҳоди онҳо (ду фарзанди Бӯя ва Абӯалӣ) огоҳ шуд, бо Мокон ибни Кокӣ аз Табаристон сӯи Рай лашкар кашид ва сипоҳи Абӯалӣ ҳам расид ва лашкари Рукнуддавла ба ӯ пайваст ва ҳама дар маҳалли Исҳоқобод ҷамъ шуданд ва баъд ба муқобалаи сипоҳи Вушмгир пардохтанд. Мокон ибни Кокӣ дар қалби сипоҳ қарор гирифт ва худ шахсан ба ҷанг пардохт. Абӯалӣ низ сипоҳи худро орост ва даста—даста омода кард ва нерӯи қалбро фармон дод, ки аввал сахт бикӯшад ва баъд андак-андак ақиб нишинад ва душманро бо фиреб далер кунад, ки ба дунболи он нерӯ пеш равад ва марказн худро аз даст диҳад, сипас ба маймана ва майсара фармон диҳад, ки ҳар гоҳ диданд қалби душман аз ҷои худ ҷунбид ва майдонро тиҳӣ кард, ҳамла кунанд ва ҳалқавор душман-

PDF Compressor Free Version

ро муҳосира намоянд. Ва дар дастуре, ки ба ду ҷаноҳи чап ва рост дода буд, гуфта буд андак-андак мутаарриз шаванд ва душманро машғул намоянд, ки аз ёрии дигарон нисбат ба қалби таконхӯрда ҷилавгирӣ кунанд. Атбоъи Абӯалӣ бар қалби сипоҳи Вушмгир сахт ҳамла карданд ва кушиданду далерӣ намуданд, сипас андак-андак ақиб нишастанд ва Мокон ба ақиб рафтани онон умедвор шуд ва ба зафар тамаъ кард. Ӯ ва сипоҳиёнаш маркази худро тарк карданд ва ба дунболи онҳо шитоб намуданд. Абӯалӣ ба дастаҳои лашкари ҷудогона, ки ба ду ҷаноҳи чапу рост пайваста буданд, фармон дод, ки ба майдони қалби сипоҳи Вушмгир ҳамла кунанд ва аз пушт ба қалби таконхӯрда ва маркази худро аз даст дода ҳуҷум намоянд. Чун ӯ пушти Моконро гирифт, ба қалби сипоҳи худ, ки зоҳиран ақиб нишаста буд, фармон дод, ки бозгардад ва ба ҷанги ҳақиқӣ бикӯшад ва Мокону сипоҳиёни ӯро дар миён бигирад.

Онҳо ҳам чун диданд, ки ёронашон аз пушт ҳамла кардаанд, дил қавӣ карданд ва ҷиддан ҳуҷум ва далерӣ намуданд ва атбоъи Моконро ба шамшер гирифтанд ва сахт куштанд. Чун Мокон вазъро бадин гуна дид, пиёда шуд ва сахт кӯшиду шуҷоате аз худ иброз кард, ки мардум монанди онро ҳаргиз надида буданд. Дар вақти набард як тири ғайримаъмул ба сари ӯ зад ва кулоҳи ӯро бо сари ӯ дӯхт ва аз пушти сар намоён гардид. Мокон афтоду мурд. Вушмгир бо атбоъи худ, ки дар ҷанг солим монда буданд, гурехт ва Абӯалӣ шаҳри Райро фатҳ намуд ва сари Моконро сӯи Бухоро фиристод, дар ҳоле ки ҳамон тир дар он сар ва кулаҳхӯд монда буд. Онро ба Бағдод нафиристоданд, зеро Баҷкам аз атбоъи Мокон буд. Асирон ҳам дар Бухоро монданд, то даме ки Вушмгир ба мутобаати Сомониён тан дод ва ба Хуросон рафт ва озодии ононро хост. Онҳоро раҳо карданд ва шарҳи он дар ҳаводиси солҳои сесаду сиву ду (943—944) хоҳад омад.

PDF Compressor Free Version



**Баёни баъзе ҳаводис**

...Дар он сол Муҳаммад ибни Абдуллоҳи Балъамӣ (16) — вазири амири саъид Наср ибни Аҳмад — амири Хуросон даргузашт Ӯ аз мардони хирадманд буд. Наср ӯро аз вазорат бар канор карда буд ва он дар соли сесаду бисту шаш (937—938) буд. Муҳаммад ибни Муҳаммади Ҷайҳонӣ ба ҷои ӯ вазир шуд. Дар он сол Абӯбакр Муҳаммад ибни Мӯҳтоҷ даргузашт ва дар Сағониён ба хок супурда шуд...

## СОЛИ СЕСАДУ СӢ (941—942)

## БАЁНИ ИСТИЛОИ АБӮАЛӢ ИБНИ МӮҲТОҶ БАР БИЛОДИ ҶАБАЛ ВА ИТОАТИ ВУШМГИР БА СОМОНИЁН

Дар таърихи соли сесаду нуздаҳ (931) баён кардем, ки Абӯалӣ ибни Мӯҳтоҷ — амири лашкари Хуросон аз тарафи Сомониён сӯи шаҳри Рай лашкар кашид ва шаҳрро аз Вушмгир гирифт. Вушмгир ҳам ногузир ба Табаристон паноҳ бурд ва Абӯалӣ пас аз фатҳи шаҳр дар он иқомат гузид ва то поёни зимистон дар он сомон монд. Пас аз он сипоҳе сӯи билоди Ҷабал фиристод ва онро фатҳ кард. Бар Занҷон низ истило ёфт, Абҳару Қазвин ва Қуму Караҷ ва Ҳамадону Наҳованд ва Динавар то марзи Ҳулвонро гирифт ва дар ҳама ҷо ҳоким ва омил насб кард ва боҷу хироҷ гирифт. Ҳасан ибни Фирӯзон дар он замон дар Сорӣ буд, Вушмгир ӯро қасд ва муҳосира намуд.

Ҳасан назди Абӯалӣ рафт ва аз ӯ ёрӣ хост. Вушмгир ҳам дар шаҳри Сорӣ нишаст ва дарро баст. Абӯалӣ ва Ҳасан ҳа ду бо ҳам дар соли сесаду сӣ (941—942) лашкар кашиданд ва ӯро муҳосира карданд ва ҳар рӯз ба ҷанг мепардохтанд ва он дар фасли зимистон буд ва борон ба онҳо сахт озор медод ва сармо дар он сол шадид буд.

Вушмгир дархости сулҳ кард. Абӯалӣ ҳам мувофиқат намуд, аз ӯ гаравгон гирифт ва ӯро мутеъи амир Наср

PDF Compressor Free Version

ибни Аҳмади Сомонӣ намуд ва аз он ҷо дар ҷумодиюлохири соли сесаду сиву як (11.943) ба Гургон рафт. Дар он ҷо хабари марги амир Наср ибни Аҳмад ба ӯ расид Ӯ аз Гургон ба Хуросон рафт.

## БАЁНИ ИСТИЛОИ ҲАСАН ИБНИ ФИРӮЗОН БАР ГУРГОН

Ҳасан ибни Фирӯзон — амми Мокон ибни Кокӣ ва тақрибан дар далерӣ шабеҳи ӯ буд. Чун Мокон кушта шуд, Вушмгир бо ӯ мукотаба кард, ки тахти итоати ӯ воқеъ гардад. Ӯ напазируфт ва дар шаҳри Сорӣ муқим буд. Вушмгир ба ӯ дашном дод ва ӯро дар қатли Мокон муттаҳам кард. Сипас Вушмгир ӯро қасд кард. Ҳасан аз Сорӣ хориҷ шуд ва назди Абӯалӣ рафт, ки амири сипоҳи Хуросон буд. Аз ӯ ёрӣ хост, Абӯалӣ ҳам лашкар кашид ва аз Рай то Сорӣ рафт. Вушмгирро то соли сесаду сиву як (942—943) муҳосира кард ва пас аз он сулҳ карданд ва Абӯалӣ ба Хуросон бозгашт ва фарзанди Вушмгирро, ки Солор ном дошт, ба ҳайси гаравгон ҳамроҳи худ бурд. Ҳасан ибни Фирӯзон низ ҳамроҳи ӯ буд, вале вай аз сулҳ хушнуд набуд.

Чун хабари марги Наср ибни Аҳмади Сомонӣ — амири Хуросон расид, Ҳасан тасмим гирифт, ки Абӯалиро бикушад. Ӯ бо иддаи худ бар Абӯалӣ ва сипоҳи ӯ шӯрид, вале Абӯалӣ аз марг наҷот ёфт. Ҳасан лашкаргоҳи ӯро горат кард ва Солор — фарзанди Вушмгирро гирифт ва ҳамроҳи худ то Гургон бурд. Гургон, Домгон ва Симнонро гирифт. Чун Абӯалӣ ба Нишобур расид, дид, ки Иброҳим ибни Симҷӯри Давотӣ исён карда ва мустақил шудааст. Миёни онҳо намояндагон рафтуомад карданд ва бо ҳам сулҳ намуданд.

## БАЁНИ ИСТИЛОИ ВУШМГИР БАР ШАҲРИ РАЙ

Чунон ки зикр кардем, Абӯалӣ ба Хуросон рафт, Ҳасан бар ӯ шӯрид ва ба Гургон бозгашт. Вушмгир аз Табаристон сӯи Рай лашкар кашид ва онро гирифт, Ҳасан ибни Фирӯзон бо ӯ мукотаба кард, ки бо ҳам бошанд ва фарзандаш —

PDF Compressor Free Version

Солорро, ки назди Абӯалӣ гаравгон буд, озод кард ва назди падараш фиристод. Мақсуди ӯ ин буд, ки агар хуросониён бозгарданд ва бо ӯ ҷанг кунанд, аз Вушмгир ёрӣ бихоҳад ва нерӯе ба даст орад. Вушмгир ҳам посухи нарме ба ӯ дод, вале ошкоро мухолифати худро бо Абӯалӣ баён накард.

## БАЁНИ ИСТИЛОИ РУКНУДДАВЛА БАР ШАҲРИ РАЙ

Чун Рукнуддавла ва бародараш — Имодуддавла — ду фарзанди Бӯя шуниданд, ки Вушмгир шаҳри Райро гирифтааст, ҳар ду ба гирифтани он шаҳр тамаъ карданд, зеро Вушмгир нотавон ва камлашкар ва беҳол шуда буд ва сабаби он ҷанг бо Абӯалӣ буд. Рукнуддавла Ҳасан ибни Бӯя сӯи Рай лашкар кашид ва ҷанг миёни ӯ ва Вушмгир воқеъ ва Вушмгир мунҳазим шуд, бисёре аз сипоҳиён ва мардони ӯ аз Рукнуддавла амон хостанд. Вушмгир ба Табаристон рафт ва Ҳасан ибни Фирӯзон ӯро қасд намуд ва боз ҳам бисёре аз лашкари ӯ аз Ҳасан амон хостанд ва ба ӯ пайвастанд. Вушмгир ногузир тан ба гурез дод ва ба Хуросон паноҳ бурд. Ҳасан ибни Фирӯзон бо Рукнуддавла мукотаба кард ва Рукнуддавла духтарашро ба занӣ гирифт, ки Фаҳруддавларо зоид ва номаш Алӣ буд. Мо бояд ин ҳаводисро баъд аз вафоти амири саъид — Наср ибни Аҳмад менавиштем, вале дар ин ҷо барои ин омада, ки ахбор пушти сари ҳам мусалсал зикр шавад.

## СОЛИ СЕСАДУ СИВУ ЯК (942—943)

## БАЁНИ ВАФОТИ АМИРИ САЪИД — НАСР ИБНИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ

Дар он сол моҳи раҷаб (III.943), амири саъид Наср ибни Аҳмад ибни Исмоили Сомонӣ — амири Хуросон ва Мовароуннаҳр вафот ёфт. Беморији ӯ сил буд, ки сездаҳ моҳ давом кард. Ҳеҷ як аз бузургони хонадони давлати Сомонӣ зинда намонда буд, зеро ба фанои яклигар кӯшиданд ва баъзе ҳам бо марги табиӣ даргузаштанд.

PDF Compressor Free Version

Муддати аморати ӯ сӣ солу сиву се рӯз, умри ӯ сиву ҳашт сол буд. Ӯ бурдбор ва сахӣ ва хирадманд буд. Яке аз мавридҳои бурдбории ӯ ин буд, ки ходиме гавҳари гаронбаҳое дуздид ва ба яке аз бозоргонон фурӯхт. Бозоргон баҳои он гавҳарро, ки сездаҳ ҳазор дирҳам буд, ба ходим пардохт. Он гоҳ он бозаргон гавҳарро назди амир бурд ва гуфт: «Ман як гавҳари нафисе харидам, фақат дархури султон аст». Амир гавҳари худро шинохт. Пурсид: «Аз куҷо инро харидӣ?» Посух дод, ки аз фалон ходим ба фалон маблағ. Амир баҳои онро бо ду ҳазор дирҳам суд пардохт. Он бозаргон аз амир хоҳиш кард, ки хуни он ходимро нарезад. Амир гуфт: «Ногузирам, ки ӯро таъдиб ва танбеҳ кунам, вале хуни ӯро ба ту мебахшам». Сипас ходимро эҳзор ва таъдиб кард ва назди он бозаргон фиристод ва пайғом дод, мо хуни ӯро ба ту бахшидем. Агар молики он гавҳар яке аз мардум буд, ҳатман мегуфт: «Ин моли ман аст ва ба сирқат рафта, акнун бояд ба дастам бозояд. Ту ҳам бирав, моли худро ба ҳар ки додӣ, бисетон».

Ҳикоят кардаанд, ки боре амир сипоҳи худро аз назар мегузаронид, миёни он аскаре буд, ки Наср ибни Аҳмад ном дошт. Амир номашро аз ӯ пурсид ва ӯ хомӯш шуд. Боз пурсид ва ӯ посух надод. Сипоҳи дигар, ки дар сафи ӯ буд гуфт: «Номаш Наср ибни Аҳмад аст. Ва ӯ барои эҳтироми амир сукут ихтиёр намуд». Амири саъид гуфт: «Бино бар ин ҳаққи ӯ ба гардани мо воҷиб шуда, ки бояд бар ризқи ӯ бияфзоем». Он гоҳ ӯро муқарраб намуд ва рӯзии бештараш дод.

Ҳикоят кардаанд, ки чун бародараш — Абӯзакариё бар ӯ шӯрид, ганҷҳо ва амволи ӯ ба тороҷ рафт. Чун амир бозгашт, касонеро, ки ганҷҳоро рабуда буданд, ном бурданд, вале ӯ ба касе озор нарасонид. Ба ӯ хабар доданд, яке аз бозориён як корд аз моли горатшуда ба дусад дирҳам харида, ки бисёр нафис мебошад. Назди ӯ кас фиристод ва дусад дирҳам дод, ки корди худро бигирад, вале марди бозорӣ ҳазор дирҳам хост. Амир гуфт: «Оё аҷиб нест, ки ман моли худро аз ӯ хостам, ӯро ҷазое надодам, баҳои

овро низ пардохтам?» Сипас бар харидн Корд исрор кард, то он мардро розӣ намуд.

Ҳикоят кардаанд, ки бемории ӯ ба тӯл кашид, ӯ ба ибодат ва намоз пардохт ва дар кохи худ масҷиде сохт, ки онро Ибодатгоҳ номид. Рахти пок мепӯшид ва поро бараҳна мекард ва дар он макон намоз мехонд ва мегиристу тазарруъ мекард ва аз иртикоби гуноҳ худдорӣ ва аз ашё ва афъоли ҳаром парҳез менамуд ва бад-ин ҳол буд, то аҷал ӯро рабуд ва дар турбати падараш ба ҳок супурда шуд.

## БАЁНИ АМОРАТИ ФАРЗАНДАШ — АМИР НӮҲ ИБНИ НАСР

Чун Наср ибни Аҳмад даргузашт, аморати Хуросон ва Мовароуннаҳр ба фарзандаш—Нӯҳ расид ва дар моҳи шаъбони соли чорӣ (IV.943) мардум бо ӯ байъат ва савганд ёд карданд ва бо «амири ҳамид» мулаққаб гардид. Ӯ идораи умури кишварро ба Муҳаммад Абулфазл ибни Аҳмади Ҳоким вогузор намуд ва ҳар чӣ буд, бо хиради ӯ сомон ёфт. Чун Нӯҳ ҷонишини падар гардид, Абулфазл ибни Аҳмад ибни Ҳамуя, ки яке аз бузургтарини ёрони падараш буд, гурехт. Сабаб ин буд, ки амири саъид — Наср ҳукумати Бухороро ба фарзандаш — Исмоил вогузор карда ва ӯ пешкор ва ҷонишини Исмоил буд. Нисбат ба Нӯҳ ва ёронаш бадрафторӣ кард ва ӯ кинаи вайро дар дил гирифт. Исмоил дар замони зиндагии падараш даргузашт. Наср, ки Абулфазли мазкурро дӯст медошт ва ӯро муқаддаму муқарраб менамуд, ба ӯ гуфт: «Агар ман мурдам, ту аз ин ҷо бигрез, зеро ман аз Нӯҳ бар ту метарсам». Чун амир Наср даргузашт, Абулфазл аз Бухоро рафт ва аз рӯди Ҷайҳун гузашт ва ба Омул расид ва ба Абӯалӣ ибни Мӯхтоҷ, ки дар Нишобур буд, мукотаба ва ҳоли худро шарҳ намуд, зеро миёни онҳо хешӣ ва домодӣ буд. Абӯалӣ ба ӯ навишт: «Мабодо коре бар хилофи маслаҳат бикунӣ». Пас аз он амир Нӯҳ номаи амон ба хати худ барои ӯ навишт ва Абулфазл назди ӯ рафт ва ӯ некӣ кард ва аморати Самарқандро

PDF Compressor Free Version

ба ӯ супурд. Абулфазл нисбат ба Муҳаммад ибни Аҳмади Ҳоким бадбин ва беэътино буд ва ӯро «хайёт» меномид. Ҳоким ҳам кинаи ӯро дар дил гирифт ва ба ӯ беэътино буд.

## СОЛИ СЕСАДУ СИВУ ДУ (943—944)

## БАЁНИ ҚИЁМ ВА ХУРӮҶИ ИБНИ АШКОМ БО АМИР НӮҲ

Дар он сол Абдуллоҳ ибни Ашком бар амир Нӯҳ тамарруд кард ва дар Хоразм парчами исёнро барафрошт. Нӯҳ ба сабаби тамарруди ӯ аз Бухоро ба Марв рафт ва бароя ҷанг бо вай лашкар фиристод. Фармондеҳи лашкар — Иброҳим ибни Борас буд, ки дар арзи роҳ даргузашт. Ибни Ашком ҳам бо подшоҳи Туркистон мукотаба намуд ва ҳимояти ӯро хост. Подшоҳи турк фарзанде назди амир Нӯҳ дар зиндони Бухоро дошт. Амир Нӯҳ бо подшоҳи Туркистон мукотаба кард, ки ибни Ашкомро дастгир кунад ва дар ивази он фарзандашро бозгардонад.

Подшоҳи турк пазируфт ва чун Ибни Ашком огоҳ шуд, ба тоати амир Нӯҳ гардан ниҳод ва аз Хоразм хориҷ шуд ва назди амир рафт. Амир ҳам ӯро гиромӣ дошту афв ва эҳсон намуд.

## СОЛИ СЕСАДУ СИВУ СЕ (944—945)

## БАЁНИ ЛАШКАРКАШИИ АБӮАЛӢ СӮИ ШАҲРИ РАЙ ВА БАРГАШТАНИ Ӯ ҚАБЛ АЗ ФАТҲУ ТАСАРРУФ

Чун амир Нӯҳ дар мақоми аморати Мовароуннаҳр ва Хуросон мустақар гардид, Абӯалӣ ибни Мӯҳтоҷро фармон дод, ки сӯи Рай лашкар бикашад ва бо сипоҳи Хуросон шаҳри Райро аз Рукнуддавла ибни Бӯя бистонад. Ӯ бо иддаи бисёр раҳсипори он диёр гардид. Дар арзи роҳ Вушмгир, ки озими мулоқоти амир Нӯҳ буд, ӯро дид ва ӯ

PDF Compressor Free Version

ҳам Вушмгирро назди амир Нӯҳ фиристод. Дар он ҳангом амир Нӯҳ дар шаҳри Марв буд. Чун расид, амир ӯро гиромӣ дошт ва дар ҳаққи ӯ бисёр эҳсон ва муболаға дар карамӯ некӣ намуд. Аммо Абӯалӣ, ки роҳи Райро гирифт, чун ба шаҳри Бастом расид, баъзе аз сипоҳиёни ӯ тамаррӯд карданд ва ба иттифоқи Мансур ибни Қаротегин бозгаштанд, ки ӯ яке аз бузургтарин солорон ва ёрони махсуси Нӯҳ буд ва ӯ бо идаи худ Гургонро қасд намуд, ки Ҳасан ибни Фирӯзон дар он сомон буд. Ҳасан ҳам хост бо онҳо муқобала кунад, вале онҳо Нишобурро қасд карданд. Абӯалӣ ҳам бо идаи боқӣ сӯи Рай лашкар кашид. Рукнуддавла аз шаҳр хориҷ шуд ва ба муқобалаву ҷанги ӯ пардохт. Майдони ҷанг ба масофати се фарсанг аз Рай воқеъ буд. Бисёре аз қавми курд бо Абӯалӣ буданд, ки ба ӯ хиёнат карданд ва аз Рукнуддавла амон гирифтанд. Абӯалӣ ногузир тан ба фирор дод ва ба Нишопур рафт ва баъзе аз бору бунаи ӯ ба дасти душман афтод.

## БАЁНИ ИСТИЛОИ ВУШМГИР БАР ГУРГОН

Чун Абӯалӣ бозгашт, дар арзи роҳ бо Вушмгир рӯ ба рӯ шуд, Амир Нӯҳ Вушмгирро бо сипоҳе фиристода буд, ки дар он Молик ибни Шукртегин буд. Абӯалиро ҳам фармони ёрии Вушмгир дода буд, ӯ ҳам идае барои мусоадати ӯ фиристод. Ва чун ба Гургон расиданд, муқобала рух дод ва Ҳасан ибни Фирӯзон мунҳазим шуд, Вушмгир ҳам шаҳри Гургонро гушуд ва он дар таърихи соли сесаду сиву се (944—945) буд.

## БАЁНИ ИСТИЛОИ АБӮАЛӢ БАР ШАҲРИ РАЙ

Дар он сол (944—945) Абӯалӣ ба Марв рафт ва дар он ҷо амир Нӯҳро дид ва ӯ Абӯалиро ба шаҳри Нишобур баргардонид ва дастур дод шаҳри Райро бигирад ва сипоҳе ба ёрии ӯ фиристод, ки идаи он сипоҳ бисёр буд. Ӯ ҳам ба Нишобур бозгашт ва аз он ҷо ба шаҳри Рай лашкар ка-

PDF Compressor Free Version

шид ва он дар мохи ҷумодиюлохир (I. 945) буд. Рукнуддавла ҳам бар фузунии сипоҳи ӯ огоҳ шуд, шаҳри Райро падруд гуфт ва Абӯалӣ бар он шаҳр истило ёфт ва низ билоди Ҷабалро гирифт ва уммолу ҳуккоми худро ба он сомон фиристод ва он дар моҳи рамазони ҳамон сол (IV.945) буд. Пас аз он амир Нӯҳ аз Марв ба Нишобур рафт, ки дар моҳи раҷаб (II.945) ба он ҷо расид. Муддати панҷоҳ рӯз дар он шаҳр монд. Дар он ҳангом душманони Абӯалӣ гурӯҳеро барангехтанд, ки аз бадрафтории Абӯалӣ назди амир шикоят кунанд. Онҳо ҳам аз Абӯалӣ ва уммолу ҳуккоми ӯ шикоят ва истигоса намуданд. Амир ҳам Иброҳим ибни Симҷӯрро ба ҷои ӯ ба ҳукумати Нишобур насб кард ва худ роҳи Бухороро гирифт ва он дар моҳи рамазон (IV.945) буд. Мақсуди душманони Абӯалӣ ин буд, ки ӯ аз ҳукумат ва омарати Нишобур ноумед шавад ва дар шаҳри Рай иқомат кунад. Абӯалӣ аз ин кор ранҷид, зеро тасаввур мекард, ки ба сабаби фатҳи шаҳри Рай амир Нӯҳ нисбат ба ӯ некӣ кунад ва чун азл шуд, сахт нигарон ва ноумед шуд. Бародари худро ба Ҳамадон ва Куҳистон фиристод ва ҳукумати он диёрро ба ӯ дод. Бародарашро, ки Абулаббоси Фазл бошад, илова бар ҳукумати он сомон шарик ва ноиби худ дар фармондеҳии сипоҳ намуд. Абулаббос ҳам ба Наҳованду Динавар рафт ва он ҷоро кушод ва гурӯҳе аз курдон аз ӯ амон хостанд ва солоронро ба ӯ гаравгон доданд.

## СОЛИ СЕСАДУ СИВУ ЧАҲОР (945—946)

## БАЁНИ ТАМАРРРУДИ АБӮАЛӢ БАР НӮҲ

Дар он сол Абӯалӣ ибни Мӯҳтоҷ бар амир Нӯҳ — амири Хуросон ва Мовароуннаҳр тамаррӯд ва исён намуд. Сабаб ин, буд ки чун Абӯалӣ аз Марв ва Нишобур бозгашт ва хост сӯи шаҳри Рай лашкар бикашад, амир Нӯҳ як бозрас барои тафтиши лашкар фиристод. Он бозрас бадрафторӣ кард ва аз мавоҷиби сипоҳиён кост. Онҳо аз рафтору озори ӯ дилтангу мутанаффир шуданд. Изофа бар он, амир Нӯҳ касеро ба онҳо ҳамроҳ кард, ки девони лашкарро бар ӯҳда

PDF Compressor Free Version

гирад ва худ дар ҳаллу идораи умур ва пардохти мавоҷиби сипоҳ назорат кунад, ҳол он ки дар рӯзгори амири саъид Наср ибни Аҳмад ин корҳоро худи Абӯалӣ дар ӯҳда дошт. Бад-ин сабаб ӯ ранҷид ва танаффур кард. Пас аз он ӯро аз амороти Хуросон азл карданд ва Иброҳим ибни Симҷӯрро, чунон ки навиштем, ба ҷои ӯ амир намуданд.

Намоянда ва бозраси амир Нӯҳ боз ҳам нисбат ба сипоҳиён бадрафториву озор ва дар рӯзии онҳо тасарруф кард ва ҳар чӣ хост, кост. Сипоҳиён назди якдигар аз бадрафтории ӯ шикоят карданд, дар он ҳангом дар шаҳри Ҳамадон иқомат доштанд. Ҳама тасмим гирифтанд, ки бо Иброҳим ибни Аҳмад ибни Исмоил ибни Нӯҳи Сомонӣ — амми амир Нӯҳ мукотаба кунанд ва ӯро бихоҳанд ва ба ҷои амир Нӯҳ амири кулли кишвар намоянд. Дар он замон амир Иброҳим паноҳандаи Носируддавла дар Мавсил буд.

Чун сипоҳиён тасмим бар он кор гирифтанд, Абӯалиро бар тасмими худ огоҳ намуданд ва ӯро таҳдид карданд, ки агар мувофақат накунад, бозаш бидоранд. Ӯ ногузир ба онҳо ҳамоҳанг шуд ва онҳо ба Иброҳим навиштанд ва ҳоли худро шарҳ доданд. Ӯ ҳам бо он ду савор сӯи онҳо шитоб кард ва дар моҳи рамазони соли ҷорӣ (IV.945) расид. Абӯалӣ ҳам дар Ҳамадон ӯро мулоқот кард ва ҳама муттафиқан ба шаҳри Рай рафтанд. Дар роҳ Абӯалӣ бар номаи бародараш — Фазл огоҳ шуд, ки ба амир Нӯҳ тамарруди бародарро хабар дода буд. Ӯ ва намояндаи амир Нӯҳро, ки раиси девони лашкар буд, гирифт ва ба зиндон супурд ва худ сӯи Нишобур лашкар кашид ва барои Рай ва Ҷабал ҷонишини худро таъйин намуд.

Амир Нӯҳ огоҳ шуд, лашкари худро таҷҳиз кард ва роҳи Марвро гирифт. Сипоҳиён аз рафтори Муҳаммад ибни Аҳмад ба сутӯҳ омада буданд, ки ӯ мутаваллии корҳо буд, зеро нисбат ба ҳама бадрафторӣ мекард. Ба амир Нӯҳ гуфтанд: «Ӯ корҳоро парешон карда. Ва ӯ боиси тамаррӯд ва исёни Абӯалӣ шуда ва сипоҳро мутанаффир карда, бояд ӯро таслими онҳо кунад, вагарна худ ҳам тамаррӯд карда, назди Абӯалӣ ва Иброҳим — амми амир хоҳанд рафт».

PDF Compressor Free Version



Амир ногузир ўро гирифт ва ба онҳо дод, онҳо ҳам ўро куштанд ва он дар таърихи ҷумодиюлаввали соли сесаду сиву панҷ (XI.946) буд.

Чун Абўалӣ ба Нишобур расид, дар он ҷо Иброҳим ибни Симҷўр, Мансур ибни Қаротекин ва дигар солорон мавҷуд буданд. Абўалӣ Иброҳим ва Мансурро ба мутобаати худ ташвиқ кард ва ҳар ду бо ў ҳамроҳӣ ва мувофақат карданд ва ў дар моҳи муҳаррами соли сесаду сиву панҷ (VIII.946) вориди шаҳр шуд.

Пас аз он бар нияти бади Мансур огоҳ шуд, ўро дастгир кард. Абўалӣ ба иттифоқи Иброҳим дар моҳи рабеъулаввали соли сесаду сиву панҷ (IX.946) сўи Марв лашкар кашиданд, ки Нўҳ дар он ҷо буд. Фазл — бародари Абўалӣ аз маҳбас гурехт ва ба Кўҳистон паноҳ бурд. Ў маъмурини зиндонро фиреб дод ва муваффақ ба фирор шуд. Абўалӣ сайри худро сўи Марв идома дод ва чун наздик шуд, бисёре аз сипоҳиёни амир Нўҳ аз ў ҷудо шуда ва ба Абўалӣ пайвастанд.

Амир Нўҳ роҳи Бухороро гирифт ва Абўалӣ бар шаҳри Марв истило ёфт ва он дар моҳи ҷумодиюлаввали соли сесаду сиву панҷ (XI.946) буд. Чанд рўзе дар он ҷо монд, ки бештари сипоҳиёни амир Нўҳ ба ў мулҳақ шуданд. Ў сўи Бухоро лашкар кашид ва аз рўд ҳам гузашт, Амир Нўҳ Бухороро тарк кард ва ба Самарқанд паноҳ бурд. Абўалӣ вориди шаҳри Бухоро шуд ва он дар моҳи ҷумодиюлаввали соли мазбур (XII.946) буд, дар он ҷо хутба ба номи Иброҳим — амми Нўҳ хонд ва мардум ҳам бо ў байъат карданд. Пас аз он Абўалӣ бар нияти бади Иброҳим огоҳ шуд, ўро муфорақат кард ва роҳи Туркистонро гирифт. Мансур ибни Қаротекин ҳам озод шуд ва назди амир Нўҳ рафт. Иброҳим ҳам пинҳонӣ бо иддае мувофақат кард, ки худро аз иморат хальъ ва онро боз ба бародарзодаи худ — амир Нўҳ вогузор кунад, ба шарти ин ки ў фармондеҳи сипоҳ бошад ва ҳар ду муттафиқан барои саркўбии Абўалӣ лашкар бикашанд. Аҳолии Бухороро ҳам барои тасмим бар

PDF Compressor Free Version


он тадбир даъват кард ва онҳо иҷобат ва мувофиқат карданд ва ҳама барои ҷанги Абӯалӣ аз шаҳр берун рафтанд. Ағлаби сипоҳиёни Абӯалӣ пароканда шуданд ва ӯ бо иддае савор шуду онҳоро бо бадтарин вазъе бозгардонид. Ӯ хост, ки шаҳри Бухороро оташ бизанад, вале бузургону пирони шаҳр шафоат карданд ва ӯ аз ин кор даст кашид ва ба маҳалли худ бозгашт. Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Наср ибни Аҳмад — бародари амир Нӯҳро назди худ хонд ва аморатро барои ӯ мусаллам дошт ва хутба ҳам ба номи ӯ хонд ва ба тамоми навоҳӣ иблоғ кард. Пас аз он бар фасоди гурӯҳе аз сипоҳиён огоҳ шуд, Абӯҷаъфарро дар шаҳр мустақар ва кори ӯро мураттаб намуд ва ҳар чӣ барои пешрафти кор лозим буд, омода кард ва худ аз шаҳр хориҷ ва тазоҳур кард, ки қасди Самарқандро дорад, вале дар ботин қасди Сағониёнро кард ва аз он ҷо хост ба шаҳри Насаф биравад. Чун аз шаҳр хориҷ шуд, иддае аз сипоҳиён ва гурӯҳе аз хешамро ба шаҳри Бухоро баргардонид. Бо Нӯҳ ҳам мукотаба кард, ки ӯ аз шаҳри Бухоро даст кашидааст. Сипас ба Сағониён рафт ва он дар моҳи шаъбони соли чорӣ (III.947) буд. Абӯалӣ аз шаҳри Бухоро рафт, Иброҳим ва Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Наср ҳам ҳарду муттафиқан ба Самарқанд рафтанд ва аз амир Нӯҳ амон хостанд ва изҳори пушаймонӣ аз гузашта намуданд. Амир ҳам онҳоро пазируфт ва ваъдаи некӣ дод ва худ ба шаҳри Бухоро бозгашт ва он дар моҳи рамазони соли мазбур (IV.947) буд. Дар ҳамон ҳангом амир Нӯҳ Туғони ҳоҷибро кушт ва аммии худ — Иброҳим ва ду бародарро мил кашид ва кӯр кард, ки яке Абӯҷаъфари Муҳаммад ва дигаре Аҳмад буданд. Сипоҳиён ҳам гирди ӯ таҷаммӯъ карданд ва ҳар чӣ вайрон ё фосид шуда буд, обод ва ислоҳ кард. Аммо Фазл — бародари Абӯалӣ, ки чун аз маҷлиси бародараш гурехт ва ба Кӯҳистон рафт, дар он ҷо иддае бисёр таҷҳиз кард ва сӯи Нишобур лашкар кашид. Ки Муҳаммад ибни Абдурраззоқ аз тарафи Абӯалӣ дар он шаҳр волӣ шуд ва ӯ ба муқобалаи Фазл пардохт. Ҷанг рух дод ва Фазл шикаст хӯрду бо як савор гурехт ва ба шаҳри

PDF Compressor Free Version

Бухоро назди амир Нӯҳ рафт. Амир ӯро гиромӣ дошт ва дар ҳаққи вай некӣ кард ва ӯ ҳам дар хидмати амир монд.

## БАЁНИ НАСБИ МАНСУР ИБНИ ҚАРОТЕКИН БА АМОРАТИ ХУРОСОН

Чун амир Нӯҳ ба шаҳри Бухоро бозгашт ва кишварро мураттаб ва ободкард, Абӯалӣ дар Сағониён ва Абӯаҳмад Муҳамад ибни Алии Қазвинӣ дар Марв буданд. Амир Нӯҳ чунин салоҳ дид, ки Мансур ибни Қаротекинро фармондеҳи лашкарҳои Хуросон намояд. Ӯро ба ин мансаб таъйин карду ба Марв фиристод, ки Абӯаҳмад дар он ҷо буд. Ва ӯ тамоми манобеъи обро олуда ва пур карда буд. Миёни Марву Омул ҷоҳ ва обе намоид. Абӯаҳмад аввал бо Абӯалӣ ҳамкорӣ ва ёрӣ кард, вале баъд аз ӯ рӯй гардонид. Мансур ҳам бо ду ҳазор савори чобук шитоб ва ӯро ғофилгир кард. Ногоҳ Қазвинӣ дид, ки Мансур ба Кушмоҳан — панҷ фарсанг дуртар аз Марв расидааст. Мансур Марвро гирифт ва Абӯаҳмад ӯро истиқбол кард. Ӯ ҳам Абӯаҳмадро гиромӣ ва мӯҳтарам дошт ва ӯро бо амвол ва хонавода ва ёронаш ба Бухоро равон кард. Чун ба шаҳри Бухоро расид, амир Нӯҳ ҳам ба ӯ некӣ кард, вале ӯро таҳти назорат гирифт. Рӯзе аз ӯ як навишта ба даст омад. Амир Нӯҳ ӯро хост ва гуноҳони ӯро як—як шумурд ва баъд ӯро кушт.

## БАЁНИ СУЛҲИ АБӮАЛӢ БО АМИР НӮҲ

Пас аз он Абӯалӣ дар Сағониён иқомат гузид ва огоҳ шуд, ки амир Нӯҳ қасди лашкаркашӣ сӯи ӯ дорад. Абӯалӣ лашкарҳоро омода ва сӯи Балх равона кард ва худ ҳам дар Балх мустақар гардид. Дар он ҳангом намояндаи амир Нӯҳ расид ва ӯро ба оштӣ даъват кард. Ӯ ҳам иҷобат намуд, вале гурӯҳе аз сипоҳиён, ки аз амир Нӯҳ ҷудо шуда ва ба ӯ пайваста буданд, аз сулҳ хушнуд набуданд ва имтиноъ варзиданд ва гуфтанд: «Мехоҳем моро ба хонаҳои худ бозгардонӣ». Бо вуҷуди ин ӯ сулҳ кард, вале баъд сӯи Бухоро лашкар кашид. Амир Нӯҳ ҳам ба муқобалаи ӯ сипоҳ фи-

PDF Compressor Free Version

ристод ва солори сипоҳро Фазл — бародари Абӯалӣ қарор дод ва дар маҳалли Чирчиқ ҷанг воқеъ шуд ва он дар таърихи ҷумодиюлаввали соли сесаду сиву шаш (XI.947) буд. Ҷанг андаке қабл аз вақти аср рух дод. Исмоил ибни Ҳасани Доъӣ аз амир Нӯҳ амон хост ва ба ӯ пайваст. Бақияи сипоҳи Абӯалӣ пароканда шуданд ва ӯ гурехт ва дубора ба Сағониён рафт. Пас аз он хабар ёфт, ки амир Нӯҳ сипоҳро аз Бухоро, Балх ва ҷойҳои дигар ба таъқиби ӯ фиристодааст. Вале амири Хуттал ба ёрии Абӯалӣ камар баст. Абӯалӣ сӯи Тирмиз лашкар кашид ва аз рӯди Ҷайҳун гузашт ва Балхро қасд кард ва гирифту бар Тахористон ҳам истило ёфт ва хироҷи онро ҷамъ кард. Аз Бухоро ҳам сипоҳи азиме ба Сағониён равон кард ва дар Насаф лашкар зад ва Фазл ибни Муҳаммад — бародари Абӯалӣ бо он сипоҳ буд.

Гурӯҳе аз солорон ба амир Нӯҳ навиштанд, ки Фазл ба бародари худ тамоюл дорад. Амир дастур дод, ки ӯро дастгир ва равонаи Бухоро кунад. Абӯалӣ ҳам огоҳ шуд, ки он сипоҳ ӯро қасд карда, ки дар он замон дар Тахористон буд. Худ ба Сағониён бозгашт ва ҷанг воқеъ шуд ва Абӯалӣ сипоҳи амирро аз ҳар тараф муҳосара кард, ки алаф ноёб шуд. Ногузир аз он маҳал ба як қарияи дигар мустақар шуданд, ки аз Сағониён ду фарсанг дур буд. Боз Абӯалӣ ҷангро оғоз кард ва он дар моҳи рабеъулаввали санаи сесаду сиву ҳафт (IX.948) буд. Ҷанги сахте рух дод, вале Абӯалӣ мағлуб шуд, ногузир ба маҳалли Шумон, ки шонздаҳ фарсанг аз Сағониён дур буд, паноҳ бурд. Сипоҳи амир Нӯҳ ҳам вориди Сағониён шуд ва Абӯалӣ роҳҳоро гирифт ва равобити сипоҳ бо Бухоро бурида шуд ва муддати бист рӯз аз Бухоро бехабар монданд. Ногузир боби сулҳро боз карданд ва Абӯалӣ сулҳро қабул кард ва тарафайн муттафиқ шуданд, ки Абӯалӣ фарзанди худ — Абулмузаффари Абдуллоҳро гаравгон назди амир бифиристад. Сулҳ миёни тарафайн дар моҳи ҷумодиюлохир (XII.948) муньақид ва барқарор гардид. Абӯалӣ фарзанди худро сӯи Бухоро равона кард. Нӯҳ ҳам дастур дод ӯро истиқбол ку-

PDF Compressor Free Version

нанд. Ӯро гиромӣ дошт ва некӣ кард. Ӯ (Абулмузаффар) бо дастор назди амир рафт ва амир кулоҳ бар сараш ниҳоду хилъат дод ва ӯро яке аз надимон ва ҳамнишинон намуд. Ва ихтилоф зоил гардид. Мо мебоист ин ҳаводисро дар санае, ки воқеъ шуд, бинависем, вале дар ин ҷо дунболи якдигар дар таърихи ҳамин сол ворид кардем, то парокандa нашавад. Ин ҳаводисро ҳам муаррихони Хуросон баён кардаанд, вале муаррихини Ироқ ба наҳви дигаре нақл кардаанд ва вақоеъи ҳар шаҳреро ҷудо ёд намудаанд, вале аҳолии ҳар кишвар ва шаҳре худ ба таърихи хеш донотаранд ва Худо донотар аст. Мо низ он чиро ки ироқиён баён намудаанд, мухтасаран ворид мекунем. Онҳо гӯянд: Чун Абӯалӣ шаҳри Райро қасд кард, Рукнуддавла ба бародари худ — Имодуддавла навишт ва мадад хост. Имодуддавла ба ӯ пайғом дод, ки бояд шаҳри Райро тарк кунад ва сӯи ӯ ояд. Рукнуддавла ҳам он корро кард ва Абӯалӣ вориди шаҳри Рай гардид.

Имодуддавла дар пинҳонӣ ба Нӯҳ навишт, ки солиёна сад ҳазор динор изофа бар таahҳуди Абӯалӣ молиёт бипардозад ва молиёти яксоларо пеш бидиҳад. Ва амирро аз азамати Абӯалӣ тарсонид. Нӯҳ ҳам бо ёрони худ машварат кард ва онҳо бар Абӯалӣ рашк мебурданд. Онҳо раъй доданд, ки аз Имодуддавла қабул кунад. Амир Нӯҳ ҳам касе назди Имодуддавла фиристод, ки таahҳудро муқаррар ва молро дарёфт кунад. Имодуддавла ҳам намояндаро гиромӣ дошт ва нисбат ба ӯ некӣ кард ва низ Абӯалиро аз омадани расули Нӯҳ огоҳ кард ва ӯро аз бадхоҳии амир Нӯҳ ва хиёнати ӯ барҳазар ва худро нисбат ба ӯ вафодор ва дӯст намуд. Абӯалӣ ба Иброҳим, ки дар Мавсил буд, пайғом дод ва ӯро хост, ки кишварро ба ӯ биспорад ва амир намояд. Иброҳим ҳам дар Ҳамадон ба мулоқоти Абӯалӣ расид ва ҳар ду бо ҳам Хуросонро қасд карданд. Имодуддавла ҳам ба бародараш — Рукнуддавла навишт, ки барои гирифтани шаҳри Рай шитоб кунад. Ӯ ҳам рафт ва Хуросон ошӯб шуд. Имодуддавла ҳам расулро ба ноумедӣ баргардонид ва молро надоду гуфт: «Метарсам, молро Абӯалӣ дар арзи

PDF Compressor Free Version

роҳ бибарад». Ва боз ҳам амир Нӯҳро аз Абӯалӣ тарсонид ва ба ӯ ваъдаи ёрӣ дод. Ва Абӯалиро ҳам ваъдаи мусоадат ва фиристодани сипоҳ дод ва ба ӯ гуфт барои ҷанг бо амир Нӯҳ мубодарат кунад. Абӯалӣ ҳам лашкар кашид ва дар Нишобур бо амир Нӯҳ муқобала ва ҷанг намуд ва амир мунҳазим шуд ва ба Самарқанд рафт ва Абӯалӣ шаҳри Бухороро гирифт. Пас аз он Абӯалӣ ба Иброҳим бадбин шуд ва аз ӯ бурид. Амир Нӯҳ ҳам лашкарҳои худро омода ва Бухороро қасд ва бо амми худ — Иброҳим ҷанг кард ва дар ҳамон ҷанг гурӯҳе аз солорони Иброҳим ба амир Нӯҳ мулҳақ шуданд ва бақия гурехтанд ва Иброҳим гирифтор шуд, ки амир ӯро кӯр кард. Ҳамчунин чанд тан аз хонаводаро кӯр намуд.

## СОЛИ СЕСАДУ СИВУ ШАШ (947—948)

## БАЁНИ МУХОЛАФАТИ МУҲАММАД ИБНИ АБДУРРАЗЗОҚ ДАР ТӮС

Муҳаммад ибни Абдурраззоқ дар шаҳри Тӯс волӣ буд, ки шаҳр ва атрофи он дар дасти ӯ ва уммолу ҳуккоми ӯ буд. Бо амир Нӯҳ мухолафат ва тамарруд намуд. Дар он ҳангом Мансур ибни Қаротегин фармондеҳи сипоҳи Хуросон дар Марв назди Нӯҳ ибни Наср ибни Сомон буд, ки Вушмгир аз Гургон гурехт ва ба ӯ паноҳ бурд, зеро Ҳасан ибни Фирӯзон бар Гургон ғалаба карда буд. Амир Нӯҳ ба Мансури мазкур дастур дод, ки ба Нишобур биравад ва бо Муҳаммад ибни Абдурраззоқ ҷанг кунад ва нёлати ӯро боз бигирад ва пас аз он бо Вушмгир сӯи Гургон биравад. Мансур бо иттифоқи Вушмгир ба Нишобур рафт, ки Муҳаммад ибни Абдурраззоқ дар он ҷо буд ва то хабар ба ӯ расид, роҳи Гургонро гирифт ва аввал дар маҳалли Устуво лашкар зад, ки Мансур ӯро то он маҳал дунбол кард ва ӯ ногузир Гургонро қасд ва бо Рукнуддавла ибни Бӯя мукотаба намуд ва аз ӯ амон ва паноҳ хост. Ва Рукнуддавла ӯро пазируфт ва ба шаҳри Рай даъват кард. Мансур

PDF Compressor Free Version

ҳам ба Тӯс лашкар кашид. Дар он ҷо Рофеъ ибни Абдурраззоқ буд. Ӯро дар қалъаи Шамилон муҳосира кард ва ӯ ногузир тан ба гурез дод ва ба қалъаи Дарак паноҳ бурд. Мансур ҳам қалъаи Шамилонро гирифт ва ҳар чи мол дар он анбошта буданд, рабуд.

Рофеъ дар қалъаи Дарак таҳассун кард. Хонаводаи ӯ ҳам ҳамроҳ буданд, ҳамчунин модараш. Ва он маҳал то қалъаи Шамилон се фарсанг масофат дошт. Мансур ҳам қалъаи Шамилонро вайрон кард ва сӯи Дарак лашкар кашид ва онро муҳосира кард. Чанд рӯзе набард давом дошт, ки обҳои қалъа фосид ва дигаргун гардид. Аҳмад ибни Абдурраззоқ дархости амон кард. Мансур ба ӯ ва гурӯҳе аз хешон ва бани аъмоми ӯ амон дод. Рофеъ ва бародараш ҳам ҳар чи молу зару гавҳар дошт, дар гилемҳо печиду баст ва аз фарози қалъа ба ҷои паст андохт. Сипас худ ба иддаи хеш фуруд омаданд ва он амволи андохтаро бардоштанд ва ба кӯҳ рафтанд. Мансур қалъаро гушуд ва хонаводаву модари Муҳаммадро ба шаҳри Бухоро равона кард, ки дар он ҷо боздошт шуданд ва ҳар чи мол боқӣ монда буд, бурд. Аммо Муҳаммад ибни Абдурраззоқ, ки аз Гургон ба шаҳри Рай рафт ва Рукнуддавла нисбат ба ӯ некӣ кард ва гиромӣ дошт ва моли бисёр дод ва барои ҷанг бо Марзбон равона кард, ки шарҳи он хоҳад омад.

## СОЛИ СЕСАДУ СИВУ ҲАФТ (948—949)

## БАЁНИ РАФТАНИ СИПОҲИ ХУРОСОН БА ГУРГОН

Дар он сол Мансур ибни Қаротекин ба фармондеҳии лашкарҳои Хуросон Гургонро қасд кард. Вушмгир ҳам ҳамроҳи ӯ буд. Дар Гургон Ҳасан ибни Фирӯзон волӣ буд. Мансур нисбат ба Вушмгир бадбин шуда буд, бад-ин сабаб дар лашкаркашӣ тасомуҳ мекард, чун наздик шуд, аз Ҳасан ибни Фирӯзон фарзандашро гаравгон гирифт ва бо ӯ сулҳ намуд.

Пас аз он мутталеъ шуд, ки амир Нӯҳ духтари Ахтекин Хоҷа Қаротекин — падари Мансурро ба занӣ гирифта.

PDF Compressor Free Version


Ахтекин волии Буст ва Руххаҷ буд дилтангу хашмгин шуд. Пеш аз он амир Нӯҳ духтари Мансурро ба яке аз ғуломони худ ба занӣ дода буд. Мансур гуфт: «Духтари Ахтекинро барои худ мегирад ва духтарамро ба ғуломи худ медиҳад». Ин кор боис шуд, ки сулҳ миёни ӯву Ҳасан баргузор шавад. фарзандашро, ки гаравгон буд пас дод ва худ роҳи Нишобурро гирифт.

Вушмгир ҳам дар Гургон монд ва Ҳасан ибни Фирӯзон дар Завзан иқомат намуд.

## БАЁНИ ЛАШКАРКАШИИ МАРЗБОН СӮИ ШАҲРИ РАЙ

Дар он сол (948—949) Марзбон Муҳаммад ибни Мусофир — амири Озарбойҷон сӯи Рай лашкар кашид. Иллат ин буд ки шунид сипоҳи Хуросон Райро қасд карданд. Донист, ки он қасд мӯҷиби нигаронии Рукнуддавла хоҳад шуд.

Марзбон як намоянда ҳам назди Муиззуддавла фиристода буд. ки Муиззуддавла риши намояндаро тарошид ва ба Марзбон дашном дода буд. Барои Марзбон басе ногувор буд. Ӯ лашкаре гирд овард ва таҷҳиз кард. Дар он ҳангом баъзе аз солорони Рукнуддавла ба ӯ паноҳ бурданд ва ӯро ба гирифтани шаҳри Рай водор карда буданд. Носируддавла ҳам бо ӯ мукотаба кард ва ваъдаи ёрӣ дод ва ӯро ба гирифтани Бағдод ташҷеъ кард, ки аввал Бағдодро бигирад, баъд шаҳри Рай, вале ӯ қабул накард. Падари худ ва бародараш — Ваҳсудонро эҳзор ва бо онҳо машварат кард. Падараш ӯро аз қасди шаҳри Рай манъ кард ва ӯ қабул накард. Чун бо падари хеш видоъ кард, падараш гиристу гуфт: «Эй фарзанди ман, баъд аз ин туро куҷо ҷустуҷӯ кунам?» Гуфт: «Ё дар кохи аморати шаҳри Рай ё дар майдони разм миёни куштагон».

Чун Рукнуддавла бар лашкаркашии ӯ огоҳ шуд, ба ду бародари худ — Имодуддавла ва Муиззуддавла навишт ва

PDF Compressor Free Version

мадад хост. Имодуддавла ду ҳазор савор барои ёрии ӯ фиристод.

Муиззуддавла ҳам лашкаре ба фармондеҳии Сабуктегини (турк) фиристод ва Мутеъ — халифаи аббосӣ фармони мамолики Хуросонро гирифту фиристод.

Чун лашкари Сабуктекин ба маҳалли Диневар расид, дайламиён, ки миёни лашкараш буданд, ба ӯ мухолафат ва ситез карданд ва шабона бар ӯ ҳуҷум бурданд, ки ӯро бикушанд. Ӯ савори асби нӯба (17) шуд ва наҷот ёфт.

Туркон ҳам ба ӯ пайвастанд. Дайламиён диданд, қодир бар онҳо нахоҳанд буд. Ногузир назди ӯ рафтанд ва тазарруъву фурӯтанӣ карданд ва узр хостанд. Ӯ ҳам узри онҳоро пазируфт.

Рукнуддавла ҳам нисбат ба Марзбон ходъаро ба кор бурд ва ӯро иғфол намуд. Ба ӯ нома навишт ва тавозуъ карду ӯро бузург донист ва дархост намуд, ки сарфи назар кунад ва ба шарти ин, ки Занҷону Абҳару Қазвинро ба ӯ вогузор намояд.

Намояндагон ҳам миёни тарафайн рафтуомад карданд, то он ки мадад аз Имодуддавла ва Муиззуддавла расид. Муҳаммад ибни Абдурраззоқ ҳам ҳузур ёфт ва Ҳасан ибни Фирӯзон лашкаре ба фармондеҳии Муҳаммад ибни Мокон ба ёрии ӯ фиристод.

Чун сипоҳи ӯ фузун гардид, иддае аз солорони худро, ки муттаҳам ба хиёнат буданд, дастгир кард ва сӯи Қазвин лашкар кашид.

Марзбон донист, ки аз муқобалаи ӯ оҷиз мебошад, вале аз баргаштан ҳам нанг дошт, ногузир ҷангро оғоз кард. Сипоҳи Марзбон гурехт ва худи ӯ асир шуд ва ба маҳалли Самирум фиристода ва ҳабс гардид. Рукнуддавла бозгашт ва Муҳаммад ибни Абдурраззоқ дар навоҳии Озарбойҷон мустақар гардид (18).

Атбоъи Марзбон ҳам ба падари ӯ — Муҳамад ибни Мусофир гаравиданд, вале ӯ бадрафторӣ кард ва онҳо хостанд ӯро бикушанд. Назди фарзандаш — Ваҳсудон рафт ва фарзандаш ӯро боздошт ва бар ӯ сахт

PDF Compressor Free Version

гирифт, то мурд. Ваҳсудон ҳам дар кори худ дармонд.Ногузир аз Дайсими курд ёрӣ хост ва ӯ Ваҳсудонро бо сипоҳе тақвият намуд ва барои ҷанги Муҳаммад ибни Абдурразоқ рафт. Муқобала ба амал омад ва Дайсим гурехт. Кори Ибни Абдурраззоқ боло гирифт ва нерӯ ёфту дар Озарбойҷон монд ва молиётро истифо намуд ва дар санаи сесаду сиву ҳашт (949—950) ба шаҳри Рай бозгашт. Аз он ҷо бо амир Нӯҳ мукотаба кард ва аз ӯ дархости афв намуд, ҳадя ҳам барои ӯ фиристод. Амир узри ӯро пазируфт. Бо Вушмгир мукотабаву тақозои муторакаи ҷанг кард. Пас аз он ба Тӯс бозгашт ва он дар санаи сесаду сиву нӯҳ (950 — 951) буд, ҳангоме ки Мансур ба шаҳри Рай лашкар кашид.

## СОЛИ СЕСАДУ СИВУ НӮҲ (950—951)

## БАЁНИ ЛАШКАРКАШИИ ХУРОСОНИЁН БА ШАҲРИ РАЙ

Дар он сол Мансур ибни Қаротекин аз Нишобур сӯи шаҳри Рай лашкар кашид. Дар моҳи сафар (VII.950) амир Нӯҳ ба ӯ фармон дод, ки ба шаҳри Рай лашкар бикашад. Дар он ҳангом Рукнуддавла дар Шероз буд, чунонки ишора намудем.

Мансур ҳам ба Рай расид ва Алӣ ибни Кома дар он ҷо ҷонишини Рукнуддавла буд. Алӣ ногузир шаҳрро бадруд гуфт ва ба Исфаҳон рахт кашид. Мансур ҳам дохили шаҳри Рай шуд ва лашкарҳоро дар атроф пароканда кард. Лашкарҳо билоди Ҷабал ва Кирмоншоҳонро гирифтанд ва хукукому аъмоли Рукнуддавларо барканор намуданд. Ҳамадонро низ гирифтанд, ба изофаи шаҳрҳои дигар Рукнуддавла, ки дар Форс буд, шунид. Ба бародари худ — Муиззуддавла амр кард, ки сипоҳе барои дафъи хуросониён равона кунад ва онҳоро аз навоҳии наздики Ироқ биронад. Муиззуддавла Сабуктегини ҳоҷибро бо сипоҳе азим аз турку дайлам ва араб фиристод.

Чун Сабуктегин аз Бағдод хориҷ шуд, бору бунаи сипоҳро гузошту бо саворони чобук ба Кирмоншоҳон шабехун

PDF Compressor Free Version

зад. Хуросониёнро ғофилгир кард, иддаеро кушт ва иддае асир гирифт ва фармондеҳи онҳоро дар ҳаммом асир намуд, ки номаш Бачҷами Хортекинӣ буд. Ӯро бо усаро назди Муиззуддавла фиристод, муддате ба зиндонаш афканд, сипас ӯро озод кард. Чун сипоҳиёни хуросонӣ бар он воқеъа огоҳ шуданд, ҳама дар Ҳамадон таҷаммӯъ намуданд. Сабуктекин онҳоро қасд кард ва онҳо ҷанг накарда аз Ҳамадон рафтанд. Ӯ ҳам дар ҳамон шаҳр монд то Рукнуддавла аз Шероз бозгашт ва он дар моҳи шавволи соли ҷорӣ (III.951) буд.

Мансур ҳам аз шаҳри Рай сӯи Ҳамадон лашкар кашид, ки Рукнуддавла дар он ҷо буд. Мансур, ки ба масофати бист фарсанг расид, аз он ҷо мунсариф шуд ва ба Исфаҳон рафт. Агар ӯ ба Ҳамадон ҳамла мекард, Рукнуддавла ногузир шаҳрро ба ӯ месупурд, зеро сипоҳи ӯ дучори ихтилоф ва сустӣ шуда буд, вале Мансур бо иродаи худованд аз тасмими худ удул кард. Рукнуддавла ҳам аз Ҳамадон ба Исфаҳон лашкар кашид ва Сабуктегинро бо лашкар пеш фиристод, ки туркон чандин бор шӯриданд ва ошӯб карданд.

Рукнуддавла гуфт: «Инҳо душманони мо ҳастанд, ки миёни мо зист мекунанд ва мо бояд аввал бо онҳо нобуд кунем». Бо онҳо ҷанг кард ва туркон гурехтанд.

Муиззуддавла огоҳ шуд, бо Ибни Абушави курд навишт, ки онҳоро дунбол кунад. Курдҳо ҳам туркҳоро сахт таъқиб карданд ва куштанд ва асир гирифтанд ва бақияе, ки солим монданд, ба Мавсил паноҳ бурданд. Рукнуддавла ҳам ба Исфаҳон расид, ки Ибни Қаротегин расида буд. Ва хонаводаи Рукнуддавла аз Исфаҳон бо ҳоли зор гурехта буданд ва бар хар ва ҳатто гов савор шуда буданд ва дучори сахтиҳо гардиданд ва ба маҳалли Хонлинҷон, ки нӯҳ фарсанг аз Исфаҳон дур аст, расиданд. Кироя хар як хару як гов ба сад дирҳам расида буд. Онҳо натавонистанд аз он маҳал дуртар бираванд. Ва агар Мансур онҳоро дунбол мекард, ба осонӣ ҳамаро асир мекард ва ҳар чӣ ҳамроҳ доштанд, ба ғанимат мебурд ва билодро тамаллук мекард, вале ӯ чун вориди шаҳри Исфаҳон шуд, дар он ҷо иқомат гузид ва саломатро тарҷеҳ дод.

PDF Compressor Free Version


Рукнуддавла ҳам расид ва дар Хонлинҷон лашкар зад, чандин бор бо хуросониён ҷанг кард ва тарафайн дучори қаҳту гало ва фиқдони хорбор шуданд, ба ҳадде, ки чаҳорпоёни худро куштанду хўрданд.

Рукнуддавла тасмим гирифт, ки бигрезад, вале роҳи фирор бар ў баста шуда буд. Бо вазири худ — Абулфазл ибни Амид машварат кард, ки дар яке аз шабҳо бигрезад. Ў гуфт: «Ҷуз тавассул ба худованд чора надорӣ. Дар дил ният кун, ки пас аз ин нисбат ба мусалмини хушрафторӣ ва некӣ кунӣ, то худованд туро ёрӣ кунад, зеро чора аз дасти башар хориҷ шуда. Ва агар мо бигрезем, онҳо моро дунбол ва нобуд хоҳанд кард, зеро иддаи онҳо бештар аз мост ва як тан аз мо солим нахоҳад монд».

Рукнуддавла гуфт: «Ман ҳам ҳамин чораро дар назар гирифтам ва бар ақидаи ту сабқат ёфтам». Чун ду сулси шаб гузашт, хабар расид, ки Мансур ва сипоҳи ў хайма ва бунаро гузошта ва роҳи Райро гирифтанд. Сабаби ин набудани хорбору улуфа буд. Дайламиён ҳам ба ҳамин дард мубтало буданд, вале шикебо ва қонеъ буданд, ки агар як шутур мекуштанд ё чаҳорпои дигар, гўшти онро андак-андак тақсим мекарданд ва камтар мехўрданд ва сабру қаноат мекарданд, вале хуросониҳо, баръакс, ҳам ифрот мекарданд ва ҳам қонеъ ва сабур набуданд ва ба хорбори кам иктифо намекарданд.

Бар Мансур шўриданд ва ўногузир дар моҳи муҳаррами соли сесаду чиҳил бозгашт ва онҳоро баргардонид.

Ба Рукнуддавла хабари рафтани хуросониҳо расид ва ў бовар накард, то он ки хабар тавотур ёфт ва муқаррар шуд. Он гоҳ худу сипоҳи хеш савор шуданд ва лашкаргоҳ ва бору бунаи хуросониҳо, ки ба ҷо монда буд, ба ғанимат бурданд.

PDF Compressor Free Version

## СОЛИ СЕСАДУ ЧИХИЛ (951 — 952)

### БАЁНИ ВАФОТИ МАНСУР ИБНИ ҚАРОТЕКИН ВА АБУЛМУЗАФФАР ИБНИ МӮҲТОҶ

Дар он сол Мансур ибни Қаротекин — фармондеҳи лашкарҳои Хуросон дар моҳи рабеъулаввал (VIII.951) даргузашт. Вафоти ӯ пас аз муроҷаат аз Исфаҳон дар шаҳри Рай воқеъ шуд.

Ироқиён (19) чунин овардаанд, ки ӯ пас аз муроҷаат бо ноумедӣ дар бодагусорӣ ифрод кард ва чанд рӯзу шаб идома дод, то дучори сакта шуд ва мурд. Хуросониён мегӯянд: Ӯ бемор шуд ва мурд, худо донотар аст. Чун ӯ мурд, сипоҳиёни хуросонӣ роҳи Нишобурро гирифтанду рафтанд ва наъши Мансурро ҳамроҳи худ burданд ва дар канори падараш ба хок супурданд, ки қабри ӯ дар маҳалли Испиҷоб аст.

«Гӯянд: «Ҳангоме, ки Мансур сӯи шаҳри Рай лашкар кашид, ғуломе аз Нишобур ба маҳалли Испиҷоб фиристод, ки дар он ҷо работе барои қабри падараш бисозад, ки Қаротекин дар он ҷо дафн шуда буд. Чун бо он ғулом видоъ кард, ба ӯ гуфт: «Ман пас аз андак муддате бо тобут ба он ҷо ҳамл хоҳам шуд».

Ин гуфта сидқ пайдо кард ва ӯ ба он ҷо ҳамл ва дар мақбарои падараш ба хок супурда шуд.

Дар он сол (951—952) Абулмузаффар ибни Абӯалӣ ибни Мӯҳтоҷ дар Бухоро вафот ёфт. Ӯ савори чаҳорпое шуд, ки падараш он ҳайвонро ба унвони ҳадя барои фарзанд фиристода буд. Он чаҳорпо рамид ва ӯро ба замин андохт ва худ ҳам бар ӯ афтод. Устухонҳояш шикаст ва дар ҳамон рӯз мурд ва он дар моҳи рабеъулаввал (VIII.951) буд. Марги ӯ барои мардум сӯзнок ва дардовар буд. Амир Нӯх ҳам сахт мутаассир ва маҳзун гардид. Наъши ӯ ба Сағониён — назди падараш ҳамл шуд, ки падараш Абӯалӣ дар он ҷо буд.

PDF Compressor Free Version

## БАЁНИ БОЗГАШТАНИ АБЎАЛЙ БА ХУРОСОН

Дар он сол (951—952) Абўалй ибни Мўхтоҷ ба фармондеҳии лашкарҳои Хуросон мансуб ва ба ў амр шуд, ки ба Нишобур бозгардад. Сабаб ин буд, ки Мансур аз сипоҳи Хуросон ба сутўҳ омада ва идора кардани он барои ў сахт ногувор шуда буд.

Сипоҳиён тамаррӯд карда ва дар пиромуни Нишобур муртакиби мафосид шуданд. Номаҳои Мансур мабно бар истеъфои паёпай барои амир Нўҳ расид ва ў дархост мекард, ки фармондеҳе барои идора кардани онҳо муайян шавад ва ў ба ҳукумати Ҳирот иктифо хоҳад кард.

Нўҳ ҳам Абўалиро бо бозгашт ваъда медод, то он ки Мансур даргузашт. Амир Нўҳ хилъату дирафш барои Абўалй фиристод ва ба ў дастур дод, ки ба Нишобур биравад. Ў ҳам Сағониёнро тарк ва ба Нишобур нақли макон кард ва он дар моҳи рамазон (I.952) буд. Фарзанди худ — Абўмансурро ҷонишини худ намуд ва чун ба Марв расид, муддате дар он ҷо монд, то кори Хоразмро сомон дод, ки парешон ва дучори ошўб шуда буд. Он гоҳ роҳи Нишобурро гирифт ва дар моҳи зулҳиҷҷа (IV.952) ворид шуд.

## СОЛИ СЕСАДУ ЧИҲИЛУ ДУ (953—954)

## БАЁНИ РАФТАНИ АБЎАЛЙ БА ШАҲРИ РАЙ

Кори Вушмгиру Рукнуддавла, ба тавре ки шарҳ додем, бад-он гуна буд. Вушмгир ба амир Нўҳ навишт ва аз ў ёрй хост. Нўҳ ҳам ба Абўалй навишт ва дастур дод, ки лашкарҳои Хуросонро сўи шаҳри Рай савқ диҳад ва бо Рукнуддавла ҷанг кунад. Абўалй бо лашкарҳои бисёр сўи шаҳри Рай рафт. Вушмгир ҳам ҳамроҳи ў буд ва он дар моҳи рабеъулаввали соли ҷорй (VII.953) буд. Рукнуддавла огоҳ шуд ва донист, ки тоқати ҷанги ўро надорад. Чунин салоҳ донист, ки шаҳрро нигаҳдорй кунад ва аз як ҷабҳа бо душман набард намояд. Ҷанг дар Табарак воқеъ шуд ва Абўалй ибни Мўхтоҷ чанд моҳ дар он ҷо монд ва коре пеш

PDF Compressor Free Version

набурд. Ҷаҳорпоёни хуросониён ҳам ҳалок шуд ва зимистон фаро расид ва онҳо ба сутӯҳ омаданду натавонистанд пойдориву бурдборӣ кунанд. Абӯалӣ ногузир тан ба сулҳ дод. Намояндагон миёни тарафайн рафтуомад карданд. Абӯҷаъфари Хозин — муаллифи китоби «Зиҷ-ус-сафоеҳ» ва донишманди риёзидон намояндаи сулҳ буд ва ӯро Муҳаммад ибни Абдурраззоқи собиқуззикр пешниҳод ва муаррифӣ карда буд. Сулҳ воқеъ ва муқаррар шуд, ки Рукнуддавла соле дувист ҳазор динор бипардозад ва Абӯалӣ ба Хуросон бозгашт.

Вушмгир ба амир Нӯҳ навишт, ки Абӯалӣ дар он ҷанг накӯшид ва бо Рукнуддавла ҳамроҳӣ кард. Амир Нӯҳ бо Абӯалӣ хашмгин шуд.

Аммо Рукнуддавла пас аз бозгаштани Абӯалӣ Вушмгирро қасд кард ва ӯ гурехт ва ба Исфароин паноҳ бурд ва Рукнуддавла Табаристонро гирифт.

## БАЁНИ АЗЛИ АБӮАЛӢ АЗ ХУРОСОН

Чун хабари бозгашти Абӯалӣ аз Рай ба амир Нӯҳ расид, ранҷид ва ӯро аз омарати лашкарҳои билоди Хуросон барканор намуд. Ба Вушмгир ҳам навишт, ки ӯ гуноҳкор аст. Ба солорону фармондеҳон ҳам навишт, ки ман ӯро азл кардам. Абӯсаъидро баъд аз азли ӯ ба фармондеҳӣ баргузид ва ӯ Абӯсаъид Бакр ибни Молики Фарғонӣ буд. Абӯалӣ пӯзиш хост ва гурӯҳе аз аъёни Нишобурро восита намуд, ки назди амир узр бихоҳанд ва нагзоранд, ки ӯро барканор кунад, вале амир шафоати онҳоро напазируфт. Нӯҳ ҳам ба Вушмгиру Ҳасан ибни Фирӯзон навишт, ки бо ҳам сулҳ кунанд ва бо душмани давлати ӯ биситезанд. Он ду ҳам сулҳ карданд.

Чун Абӯалӣ донист, ки мардум зидди ӯ муттафиқ шуда ва бо Нӯҳ ҳамроҳӣ мекунанд, ногузир ба Рукнуддавла навишт, ки назди ӯ биравад, зеро дигар дар Хуросон паноҳе ё имкони иқомате намонда ва ба Сағониён ҳам нахоҳад тавонист биравад. Рукнуддавла ба ӯ иҷоза дод ва ӯро пазируфт.

PDF Compressor Free Version


## СОЛИ СЕСАДУ ЧИҲИЛУ СЕ (954—955)

## ШАРҲИ ҲОЛИ АБӮАЛӢ ИБНИ МУҲТОҶ

Қабл аз ин ваҳоеъи Абӯалиро баён карда будем. Ва чун ба Рукнуддавла навишт ва аз ӯ паноҳу ёрӣ хост, ки назди ӯ биравад. Рукнуддавла ба ӯ иҷоза дод ва ӯ ба шаҳри Рай рафт. Рукнуддавла ӯро гиромӣ дошт ва некӣ кард ва барои пазирони ӯ ва ҳамроҳонаш маҳал ва зиёфат муайян намуд. Абӯалӣ аз Рукнуддавла дархост кард, ки аз халифа барои ӯ фармони амората Хуросонро бигирад. Рукнуддавла ҳам ба Муиззуддавла навишт ва Муиззуддавла аз халифа фармони амората Хуросонро гирифт ва барои Абӯалӣ фиристод ва низ лашкаре барои ёрии ӯ фиристод. Абӯалӣ бо иддаи худ ба Хуросон рафт ва бар Нишобур истило ёфту ба номи Мутеъ хутба хонд. Қабл аз он ба номи халифа дар Хуросон хутба хонда намешуд.

Дар он ҳангом амир Нӯҳ даргузашт ва аморат ба фарзандаш — Абдулмалик расид. Ва чун кораш сомон гирифт, Бакр ибни Моликро аз Бухоро ба Хуросон фиристод ва ӯро амири лашкарҳои Хуросон намуд ва дастур дод Абӯалиро аз Хуросон берун кунанд. Бакр ҳам бо лашкарҳои Хуросон рафт. Атбоъи Абӯалӣ аз гирди ӯ пароканда шуданд. Фақат иддае дувист тан ҳамроҳи ӯ монданд ва дайламиён, ки барои ёрии ӯ фиристода шуда буданд. Ногузир тан ба гурез дод ва сӯи Рукнуддавла шитоб кард. Рукнуддавла ӯро дар кохи худ пазируфт. Ибни Молик ҳам бар Хуросон ғалаба ёфт ва дар Нишобур қарор гирифт ва атбоъи Абӯалиро таъқиб кард.

## БАЁНИ ВАФОТИ АМИР НӮҲ ИБНИ НАСР ВА ҶОНИШИНИИ ФАРЗАНДАШ — АБДУЛМАЛИК

Дар он сол амир Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ дар моҳи рабеъулохир (VIII.954) вафот ёфт. Ӯро «подшоҳи ҳамид» лақаб дода буданд. Ӯ некхӯ ва хушрафтор буд. Чун дар

PDF Compressor Free Version

гузашт, фарзандаш — Абдулмалик ҷонишини ӯ шуд ва ӯ Бакр ибни Моликро барои аморати Хуросон баргузид, чунонки гузашт. Нӯҳ қабл аз ин, ки Бакр ба Хуросон бирасад, вафот ёфт. Абдулмалик ибни Нӯҳ кори мамлакатро сомон дод ва Бакрро ба Хуросон фиристод. Кори ӯ бо Абӯалӣ ҳам ҳамон буд, ки мо нигоштем»...

## СОЛИ СЕСАДУ ЧИҲИЛУ ЧАҲОР (955—956)

## БАЁНИ ЛАШКАРКАШИИ ХУРОСОНИЁН БА РАЙ ВА ИСФАҲОН

Дар он сол сипоҳи Хуросон Райро қасд кард. Рукнуддавла ҳам дар шаҳри Рай буд, ки аввали моҳи муҳаррам (IV.955) аз Гургон бад-он шаҳр расида буд. Ӯ ба бародари худ — Муиззуддавла навишт ва аз ӯ мадад хост. Ӯ ҳам Сабуктегини ҳоҷибро ба фармондеҳии як сипоҳ ба ёрии ӯ фиристод. Сипоҳе дигар аз Хуросон ба Исфаҳон фиристода шуд, ки дар он ҷо амир Абӯмансур Бӯя ибни Рукнуддавла буд. Чун хабари ҳуҷуми хуросониёнро шунид, ганҷҳо ва хонаводаву ҳарами падари худро аз Исфаҳон бардошт ва ба Линҷон (20) рафт. Фармондеҳи сипоҳи Хуросон — Муҳаммад ибни Мокон ба таъқиби ӯ аз Исфаҳон хориҷ шуд, ганҷҳоро рабуду бар асари Бӯя рафт. Аз талаттуфи худованд ин буд, ки вазири Рукнуддавла — устод Абулфазл ибни Амид бо ӯ тасодуф ва дар соате, ки ӯ ганҷҳоро мебурд, муқобала ва муқотала кард. Атбоъи Ибни Амид мунҳазим шуданд ва сипоҳиёни Ибни Мокон саргарми ғорат гардиданд. Ибни Амид гӯяд: «Ба фикр мондам ва хостам ба гурехтагон мулҳақ шавам, вале фикр кардаму ба худ гуфтам: Ман бо чӣ рӯе дӯсти худро хоҳам дид ва ҳол ин ки фарзандону хонавода ва амвол ва ҳатто мамлакати ӯро ба душман супурдам ва шахси худро наҷот додам. Маргу кушта шуданро осонтар аз он дидам, истодам дар ҳоле, ки медидам сипоҳи фарзанди Мокон бору бунаи лашкари маро ғорат мекард». Дар он ҳангом чанд тан аз атбоъи Ибни Амид ба ӯ пайвастанд ва гурӯҳе ғайр аз онҳо

PDF Compressor Free Version

ҳам расиданд, ки бар хуросониён ҳамла карданд ва онҳо саргарми тороҷ буданд, ба онҳо наҳиб доданд ва онҳо гурехтанд. Онҳоро куштанд ва асир карданд ва худи Ибни Мокон гирифтор ва назди Ибни Амид бурда шуд. Ибни Амид ба Исфаҳон рафт ва атбоъи Ибни Моконро, ки дар он шаҳр буданд, берун ронд ва фарзандони Рукнуддавларо дар он шаҳр мустақар намуд, ҳамчунин ҳараму хонаводаи ӯ. Амволи Рукнуддавларо ҳам боз гирифт ва ҳифз кард. Рукнуддавла ҳам бо Бакр ибни Молик — солори лашкарҳои Хуросон мукотабаву сулҳ кард, ки шаҳри Рай ва тавобеъ ва тамоми билоди Ҷабал таҳти ихтиёри Рукнуддавла бошад. Ба бародари худ ҳам навишт, ки барои Бакр ибни Молик хилъат ва парчами аморат бифиристад. Ӯ ҳам фиристод..

## СОЛИ СЕСАДУ ЧИҲИЛУ НӮҲ (960—961)

### БАЁНИ ҲАВОДИС

Дар он сол Абдулмалик ибни Нӯҳ — амири Хуросон ва Мовароуннаҳр яке аз бузургон ва фармондеҳони худро гирифт ва боздошт. Ӯ Наҷтекин ном дошт, пас аз он ӯро кушт. Хуросон ба сабаби қатли ӯ парешон шуд..

Дар он сол дусад ҳазор хиргоҳ аз туркон якбора мусалмон шуданд..

### БАЁНИ ВАФОТИ АМИР АБДУЛМАЛИК ИБНИ НӮҲ

Дар он сол (960—961) асби амир Абдулмалик, ки худ савори он буд, лағзид ва афтод ва Абдулмалик — амири Хуросон ба замин афтод ва ба сабаби афтодан ҷон дод. Пас аз марги ӯ Хуросон дучори фитна ва ихтилоф гардид. Бародараш — Мансур ибни Нӯҳ ҷонишини ӯ шуд.

Ӯ рӯзи панҷшанбе ёздаҳуми моҳи шавволи соли чорӣ (XII.960) вафот ёфт.

PDF Compressor Free Version

## СОЛИ СЕСАДУ ПАНҶОҲУ ЯК (962)

## БАЁНИ ҲАВОДИС

Дар моҳи рабеъулаввали соли ҷорӣ (IV.962) амир Мансур ибни Нӯҳ—амири Хуросон ва Мовароуннаҳр яке аз солорони бузурги худро ки номаш Алптекин буд, назди худ хонд ва ӯ аз рафтан назди амир имтинoъ варзид. Амир ҳам барои ҷанги ӯ сипоҳе фиристод, набард рух дод ва он сипоҳ аз Алптекин шикаст хӯрд ва гурехт ва солорони он асир шуданд, ки яке аз онҳо холи Мансур буд.

## СОЛИ СЕСАДУ ПАНҶОҲУ ЧАҲОР (965)

## БАЁНИ ИСЁНИ АҲОЛИИ СИСТОН

Дар он сол аҳолии Систон нисбат ба амири худ — Халаф ибни Аҳмад тамаррӯд карданд. Халаф амири Систон ва марде илмдӯст ва дӯстдори донишмандон буд.

Ӯ дар санаи сесаду панҷоҳу се (964) барои адои фаризаи ҳаҷ аз Систон сафар кард ва шаҳрро ба номи Тоҳир ибни Ҳусайн ҷонишини худ намуд. Тоҳир тамаъ кард, ки худ мустақил ва амир бошад, тан ба исён дод. Ва чун Халаф аз сафари ҳаҷ бозгашт ва тамаррудӣ ӯро дид, ногузир сӯи Бухоро рахт кашид ва аз амир Мансур ибни Нӯҳ ёрӣ хост. Ӯ ҳам ӯро ёрӣ кард ва ба сомони худ бозгардонид.

Чун лашкарҳои Мансур ба иттифоқи Халаф ба Систон расид, Тоҳир шаҳри Халафро бадруд гуфт ва ба Исфирор паноҳ бурд ва Халаф дар шаҳри худ қарор гирифт ва лашкарҳоро мураххас ва пароканда намуд.

Чун Тоҳир бар он вазъ огоҳ шуд, ба Систон бозгашт ва мулки Халафро гирифт ва Халаф боз назди амир Мансур ба Бухоро рафт. Ва амир ҳам ӯро гиромӣ дошт ва неки карду боз сипоҳи азиме бо ӯ фиристод ва ӯ ба Систон рафт ва иттифоқан бо марги Тоҳир тасодуф намуд, ки Ҳу-

PDF Compressor Free Version

сайн — фарзанди ӯ ҷонишинаш шуда буд. Ва Халаф ӯро сахт муҳосара карду бисёре аз тарафайн кушта шуданд, то он ки Халаф ғалаба ёфт.

Чун фарзанди Тоҳир вазъро бад-он гуна дид, ба амир Мансур тавассул ва тазаррӯъ намуд ва аз ӯ паноҳ хост. Амир Мансур узри ӯро пазируфт ва ӯро назди худ ба Бухоро хонд. Ва Халаф ибни Аҳмад ба аморати Систон мустақар(р) гардид. Рӯзгори ӯ дар он аморат давом ёфт ва амволу риҷоли ӯ фузун гаштанд. Ва чун тавоноии худро дид, моли муқаррари хироҷро аз амир Мансур қатъ кард ва аз фиристодани ҷома ва чокару боҷ худдорӣ намуд.

Амир Мансур лашкарҳоро таҷҳиз кард ва ба ҷанги ӯ фиристод ва Ҳусайн ибни Тоҳирро фармондеҳи лашкарҳо намуд ва ӯ сӯи Систон лашкар кашид. Ва Халаф ибни Аҳмадро дар арк муҳосара намуд, ки он қалъаи маҳкам буд ва деворҳои баланду хандақи амиқ дошт. Муҳосара ба тӯл кашид ва то ҳафт сол ӯ дар арк маҳсур монд.

Халаф бо анвоъи олоту аслиҳа дифоъ мекард ва тамоми чораҳо ва ҳилаҳоро ба кор мебурд ба ҳадде, ки морҳоро дар анбон мегузошт ва бо манҷаниқ ба онҳо меандохт, онҳо ногузир аз тарси мор ҷо ба ҷо мешуданд.

Чун муддати муҳосара ба тӯл кашид ва дар он ҳангом амвол ва колоҳо ғорат шуд ва асбобу аслиҳаву олоти ҷанг фарсуда ва нобуд гашт, амир Мансур ба Абулҳасан ибни Симҷӯр, ки аввал амири сипоҳи Хуросон буд ва баъд аз он аморат азл шуд, ки шарҳи он хоҳад омад, навишт, ки дубора ба аморат баргардад ва сӯи Халаф лашкар бикашад ва ӯро муҳосара намояд. Ӯ дар Кӯҳистон буд, аз он ҷо барои ҷанг бо Халаф рафт ва ӯро муҳосара кард. Миёни он ду алоқа ва дӯстӣ буд. Абулҳасан ибни Симҷӯр ба Халаф пайғом дод, ки қалъаро ба Тоҳир вогузор кунад, то ба он баҳона лашкарҳои Хуросон аз муҳосараи ӯ мунсариф шаванд ва роҳи Бухороро гиранд. Ва чун сипоҳи Хуросон аз он диёр бозгардад, ӯ дубора қалъаро бигирад ва бо Тоҳир ибни Ҳусайн ҷанг кунад.

Халаф насиҳати Абулҳасанро пазируфт ва фарзанди Ху-

сайн бомдодон танҳо ба қалъа рафт ва Халаф онро тарк карду ба қалъаиТориқ паноҳ бурд. Ва Абулҳасани Симҷурӣ дохили арк шуд ва хутба ба номи амир Мансур ибни Нӯҳ хонд ва Тоҳир ибни Ҳусайнро ба аморат нишонд.

Мо он чӣ баъд аз ин рух дода ва таҷдид шуда, шарҳ хоҳем дод. Ва ин нахустин халал ва заъфе, ки ба Давлати Сомониён расида буд, ки умарон атроф ба истиқлол тамаъ карданд, зеро атбоъи онҳо тан ба итоат ва пайравӣ намедоданд.

Мо мебоист ҳар ҳодисаро дар соли худ ворид кунем, вале дар ин ҷо ҳамаро ҷамъ кардем, зеро мухтасар буда, то аввал ва охири ҳаводис бурида ва фаромӯш нашавад.

## СОЛИ СЕСАДУ ПАНҶОҲУ ШАШ (966—967)

## БАЁНИ ҶУНБИДАНИ ЛАШКАРҲОИ ХУРОСОН ВА МАРГИ ВУШМГИР

Дар он сол Мансур ибни Нӯҳ лашкарҳои Хуросону Мовароуннаҳрро таҷҳиз ва сӯи мулки Рай равона намуд.

Сабаб ин буд, ки Абӯалӣ ибни Илёс аз Кирмон ба унвони паноҳандагӣ ба шаҳри Бухоро рафт, ки ба хости худованди муттаъол дар оянда ба шарҳи он хоҳем пардохт. Чун бар амир ворид шуд, ӯро гиромӣ дошт ва бузургу мӯҳтарам намуд. Ӯ ҳам амирро ба гирифтани мулк аз Банӣ Бӯя татмеъ карду гуфт: «Умарон ӯ, ки ба қасди Рай мерафтанд, самимӣ набуданд ва аз дайламиён ришва дарёфт мекарданд ва бидуни ҳусули маром бозмегаштанд». Сухани ӯ бо гуфтаҳои Вушмгир, ки муддаъии хиёнати умаро буд, мувофақат кард.

Амир Мансур бо Вушмгир ва Ҳасан ибни Фирӯзон мукотаба ва онҳоро бар қасди худ огоҳ кард, ки сӯи Рай лашкар хоҳад кашид. Ва онҳо ҳам дастур дод, ки ҳар ду омодаи лашкаркашӣ ва таҷҳизи сипоҳиён бошанд ва ба сипоҳи ӯ мулҳақ шаванд. Пас аз он лашкарҳоро таҷҳиз ва ба фар-

PDF Compressor Free Version

мондеҳии амири сипоҳи Хуросон ба он сомон равона кард. Амири сипоҳ ҳам Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷўрӣ Давотӣ буд, ба ў дастур дод, ки мутеъи Вушмгир бошад ва ба амр ва дастури ў амал кунад ва ў фармондеҳи кулли сипоҳ бошад.

Чун хабар ба Рукнуддавла расид, худро дучори як амри пешбинӣ нашуда дид, ки ўро сахт музтариб намуд ва ба қиём ва қууд ва биму нигаронӣ мубтало кард ва донист, кор ба ҳадди ниҳоят расида ва аз чораву тадорук гузашта. Ногузир зану фарзанди худро ба Исфаҳон фиристод ва ба фарзанди худ — Азудуддавла навишт ва мадад хост, ҳамчунин ва Иззуддавлаи Бахтиёр — бародарзодаи худ навишт ва ёрӣ хост.

Аммо Азудуддавла сипоҳе таҷҳиз ва равонаи роҳи Хуросон кард, то Хуросонро, ки аз сипоҳ тиҳӣ гашта буд, бигирад. Хабар ба аҳолии Хуросон расид. Онҳо тарсиданд ва аз идомаи пешрафт худдорӣ намуданд, вале баъд сайри худро то Домғон идома доданд.

Рукнуддавла ҳам бо лашкарҳои худ аз шаҳри Рай хориҷ ва ба муқобалаи хуросониён таҳаввур намуд. Ногоҳ хабари марги Вушмгир расид. Барои Вушмгир ҳалоё аз амири Хуросон расида буд, ки аз ҷумлаи онҳо аспҳои тундрав ва асил буд. Вушмгир савори яке аз онҳо шуд ва ба шикор рафт, ки як хуки ваҳшӣ бар асби ў ҳамла кард. Асб ҳам савори худро бар замин андохт. Хун аз бинию гўши Вушмгир ҷорӣ шуд ва ў мурд ва он дар таърихи моҳи муҳаррами санаи сесаду панҷоҳу ҳафт (XII.967) буд.

Тамоми тасмимот ва тадбироте, ки барои лашкаркашӣ ва кишваркушоӣ ба кор рафта буд, ҳадар гардид ва худованд Рукнуддавларо аз хуросониён осуда фармуд. Чун Вушмгир даргузашт, фарзандаш — Бесутун ҷонишини падар гардид ва бо Рукнуддавла мукотаба ва сулҳ намуд. Рукнуддавла ҳам барои ёрии ў молу лашкар фиристод.

PDF Compressor Free Version

## СОЛИ СЕСАДУ ШАСТУ ЯК (971—972)

## БАЁНИ СУЛҲ МИЁНИ АМИР МАНСУР ИБНИ НӮҲ ВА РУКНУДДАВЛА ВА АЗУДУДДАВЛА

Дар ин сол (971—972) сулҳ миёни амир Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ — фармонравои Хуросон ва Мовароуннаҳр ва Рукнуддавла ва фарзанди ӯ — Азудуддавла саранҷом ёфт ва муқаррар гардид, ки Рукнуддавла ва Азудуддавла ҳар сол яксаду панҷоҳ ҳазор динор ба амир Мансур ибни Нӯҳ тақдим доранд. Ва Нӯҳ бо духтари Азудуддавла издивоҷ кард ва ҳадоёву армуғонҳое барояш бифиристод, ки ҳаммонанди он барои ӯ ҳамл нашуда буд ва номаи сулҳ байни онҳо навишта шуд. Ва аъёни Хуросону Форс ва Ироқ бар он гувоҳӣ навиштанд.

Он кас, ки сулҳро барқарор кард, Муҳаммад ибни Иброҳими Симҷӯр — фармондеҳи лашкару сипоҳи Хуросон аз ҷониби амир Мансур буд.

## СОЛИ СЕСАДУ ШАСТУ ШАШ (976—977)

## БАЁНИ ДАРГУЗАШТИ МАНСУР ИБНИ НӮҲ ВА ПОДШОҲИИ НӮҲ — ПИСАРИ Ӯ

Дар нимаи шавволи ин сол (VI 977) амир Мансур ибни Нӯҳ — подшоҳи Хуросон ва Мовароуннаҳр дар Бухоро даргузашт. Муддати салтанати ӯ понздаҳ сол буд. Пас аз ӯ фарзандаш — Абулқосими Нӯҳ ба ҷои падар зимоми умурро ба даст гирифт. Дар он ҳангом сездаҳ сол аз умри ӯ мегузашт ва ба «Мансур» мулаққаб гардид.

## БАЁНИ ОҒОЗИ ДАВЛАТИ САБУКТЕКИН

Дар ин сол (976—977) Сабуктекин шаҳри Ғазна ва тавобеъи онро тасарруф кард ва ин оғози кори ӯ буд. Сабуктекин аз ғуломони Абӯисҳоқ ибни Албтекин — фармондеҳи сипоҳи Сомониён дар Ғазна буд. Ва Сабуктекин назди ӯ

PDF Compressor Free Version

аз пешқадамон буд ва маҳорати корҳо бар ӯ гардиш дошт. Ва дар айёми амир Мансур ибни Нӯҳ ба ҳамроҳии Абӯисҳоқ ба Бухоро рафт. Ва арбоби умури давлати сомонӣ дар он ҷо Сабуктекинро ба хирадмандӣ ва покӣ ва ройи нек ва иродаи нерӯманд бозшинохтанд. Ва бо Абӯисҳоқ ба Ғазна бозгашт. Пас аз он дере напоид, ки Абӯисҳоқ падруди зиндагӣ гуфт ва пушти сари худ касе аз хонавода ва хешовандонаш ба ҷой нагузошт, ки салоҳиёти тақаддум ва пешвоӣ дошта бошад. Сипоҳиёнаш гирди ҳам омаданд, то имъони назар кунанд, ки чӣ касе зимоми амри онҳо ба даст бигирад ва муттаҳидулқавл бошанд. Дар бодии амр ихтилоф пайдо карданд. Сипас бар гузини сохтани Сабуктекин иттифоқ намуданд. Чун ӯро ба хирадмандӣ ва диндорӣ ва ҷавонмардиву некандешӣ дарёфта буданд, ӯро бар худ муқаддам доштанд. Ва умури хеш ба ӯ супурданд ва савганд ёд карданд ва итоати ӯ намуданд. Ӯ ҳам умури онопро қабза кард ва рафторе нак бо онон дошт ва умури ононро бо ҳусни сиёсат идора кард ва хештанро дар ҳолу мол ҳамчу фарде аз онон қарор дод. Аз амлоки шахсии хеш он қадар захира мекард, ки дар ҳафтае ду рӯз ҳаман ононро бар хони густурдаи хеш фаро мехонд. Сипас ӯ сипоҳиёни хеш гирд овард ва онҳоро басиҷ кард ва ба унвони муҷоҳид рӯй ба Ҳинд ниҳод. Миёни ӯ ва ҳиндуён ҷангҳое рӯй дод, ки тавсифи он навзодонро пир кунад. Ва билоди онҳоро кашф кард ва юришҳо бурд ва горатҳо кард ва тамаъ дар он мулк баст. Ҳиндувон аз ӯ бимнок шуданд. Аз билоди Ҳинд истеҳкому диҷҷо гирифт ва бисёре аз ононро, ки ба шумориш наёянд, бикушт. Дар баъзе аз ғазавоти ӯ ҳиндуён дар гурӯҳе бас анбӯҳ гирд омаданд ва рӯзҳо ба дарозо бар Сабуктекин ва сипоҳаш гузашт ва ҳиндувон дар қитол бо онҳо равиши мумотала дар пеш гирифта буданд. Тӯшаи муслимон тамом шуд ва дар имтиёзе, ки доштанд, забун шуданд. Ва шикоят ба Сабуктекин бурданд. Ва онҳо гуфт: «Ман барои худ чизе аз савиқ ба пуштвона ба ҳамроҳ дорам, ҳамонро сӣяплона миёни худ қисмат мекуаем, то худованд бар мо миннат гузорида гушоише рӯй диҳад». Он гоҳ ба ҳар фарде як қадаҳ пур аз савиқ медод

ва аз худ низ ҳамон андоза баҳра мегирифт. Ва рӯзу шаб ба ҳамон қисмат мегузарониданд ва бо ин вуҷуд бо куффор ҳам меҷангиданд, то ин ки худованд пирӯзӣ насиби онҳо кард ва бар душман зафарёб шуданд ва гурӯҳи зиёде аз онҳо куштанд ва асир гирифтанд.

## СОЛИ СЕСАДУ ҲАФТОДУ ЯК (981—982)

## БАЁНИ АЗЛИ ИБНИ СИМҶӮР АЗ ХУРОСОН

Дар ин сол Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷӯр аз фармондеҳии лашкари Хуросон азл шуд ва ба ҷойи ӯ Ҳусомуддавла Абулаббоси Тош ба кор гуморида шуд.

Сабаби он рӯйдод ин буд, ки чун амир Нӯҳ ибни Мансур дар синни нӯҳсолагӣ ба подшоҳии Хуросону Мовароуннаҳр расид, Абулҳасани Утбиро ба вазорат баргузид. Ва ӯ дар нигоҳдошти давлат ба хубӣ ва дурустӣ иқдом кард ва Муҳаммад ибни Симҷӯр, ки аз дер боз дар Хуросон мутаваттин шуда ва иқомати вай дар он ҷо ба дарозо кашида буд итоат намекард ва он чӣ худ мехост, мекард. Пас Абулҳасани Утбӣ ӯро бар канор кард ва ба ҷояш Ҳусомуддавла Абулаббоси Тошро бигуморид ва ӯро дар ин сол аз Бухоро ба Нишобур гусел дошт ва Тош дар он ҷо истиқрор ёфт ва заммоми корҳо ба даст гирифта, ба идораи умур пардохт ва лашкариёну мардум аз вай итоат карданд.

## БАЁНИ ИСТИЛОИ АЗУДУДДАВЛА БАР ГУРГОН

Дар ҷумодиюлохири ин сол (Х. 981) Азудуддавла бар билоди Гургон ва Табаристон чира гардид ва Қобус ибни Вушмгир — фармонравои он билод мулки худро тарк кард.

Сабаби он пешомад ин буд, ки ҳамин ки Азудуддавла бар қаламрави фармонравоии бародараш — Фахрудавла муставлӣ гардид, Фахрудавла, чунон ки ёд кардем, мунҳазим шуд ва ба Қобус пайваст. Ва ин хабар ба Азудуддавла расид. Ӯ ба Қобус паём фиристод ва пешниҳоди базл аз

PDF Compressor Free Version

билоду мол ва бастани паймон ва ғайру золика (21) ба ӯ кард, ки дар баробари Фахруддавла бародаращро таслими вай кунад. Қобус он пешниҳод напазируфт. Азудуддавла ҳам бародари худ — Муайяидуддавларо муҷаҳҳаз ба сипоҳ ва амволу захоир карда, ба Гургон равона кард.

Қобус аз Муайяидуддавла ва қасди ӯ огоҳ шуд ва бо сипоҳи худ ба пешвози ӯ рафт. Ва дар навоҳии Астаробод тарафайн ба ҳам расиданд ва бархӯрд карданд ва аз бомдод то чошт биҷангиданд. Қобус ва ҳамроҳонаш дар ҷумодиюлаввал (IX 981) мунҳазим гардиданд ва Қобус қасди баъзе аз қилоъи худ кард, ки дар онҳо амвол ва захоири хешро гирд оварда буд ва он чи мехост, аз молу захоири худ бардошт ва рӯй ба Нишобур ниҳод. Ва ҳамин ки бад-он ҷо расид, Фахруддавла ҳам ба ӯ пайваст. Ва ҳавохоҳону ёронашон низ, ки парокандa шуда буданд, ба онон пайвастанд.

Вуруди онҳо ба Нишобур ҳангоме рӯй дод, ки Ҳусомуддавла Абулаббоси Тош фармонравоии Хуросон дошт, ҷараёни вақоеъро ба амир Абулқосим Нӯҳ ибни Мансур гузориш дод. Ва ӯро огоҳ аз вуруди Фахруддавла ва Қобус ба Нишобур кард ва низ навишт, ки онон барои пирӯзӣ бар Муайяидуддавла аз вай ёрӣ хостанд. Аз Нӯҳ ба Ҳусомуддавла навишта шуд ва ӯро амр ба бузургдошти ҷойгоҳ ва гиромӣ доштани онон ва гирд овардани лашкариён ва ҳамроҳӣ ба Фахруддавла ва Қобус ва иодаи мулки онҳо карда буд ва вазир — Абулҳасан низ дар ин бора ба Тош нома навишт.

## БАЁНИ АЗИМАТИ ҲУСОМУДДАВЛА ВА ҚОБУС БА ГУРГОН

Ҳамин ки номаҳо аз амир Нӯҳ ба Ҳусомуддавла расид ва ӯро амр карда буд бо ҳама лашкариёни Хуросон бо Фахруддавла ва Қобус ҳамроҳӣ намояд, Ҳусомуддавла лашкариёнро гирд овард ва басиҷ кард. Ва дар Нишобур он қадар сипоҳе гирд омад, ки фазо бар онҳо танг шуд ва аз он ҷо ба Гургон рӯй ниҳод ва дар он ноҳият фуруд омада, он ҷоро муҳосара намуданд. Муайяидуддавла дар Гургон буд ва

PDF Compressor Free Version

гурӯҳи бисёре аз лашкариёни бародараш — Иззуддавла бо ӯ буданд, валекин онҳо ба лашкариёни Хуросон наздик намешуданд. Ҳусомуддавла ду моҳ Муайяидуддавла ва лашкариёни ӯро дар Гургон дар муҳосара дошт ва онҳоро ба ҷангу ситез ҳамехонд. Мардуми Гургон аз ҷиҳати нарасидани озуқа ва хорбор ба тангно афтоданд, то ҷое ки нухолаи ҷав, ки ки бо гил хамир шуда буд, мехӯрданд. Чун кор бар онҳо сахт шуд, дар моҳи рамазон (11.982) аз Гургон берун омаданд ва бо сидқи азимат дил ба ҷанг ниҳоданд ва новобаста бар он ки натиҷа лаху ва ё алайҳи (22) онҳо бошад, азми ҷазм карданд набард кунанд. Хуросониён, чун онҳоро бидиданд, гумон карданд, ки чун дафаъоти гузашта ҷангу ситез гузарон аст ва пас аз андак замоне ба даруни ҳисори хеш бозхоҳанд гашт. Ва ба муқотала пардохтанд ва набарде сахт даргирифт. Ва хуросониён, хилофи он чиро, ки гумон карда буданд, бо он рӯ ба рӯ шуданд.

Муайяидуддавла пеш аз ин даргирӣ бо яке аз фармондеҳони Хуросон ба номи Фоиқ-ал-Хосса мукотаба ва ӯро татмеъ карда буд. Ва ӯ дар посухи Муайяидуддавла навиди инҳизомро пас аз талоқии фариқайн дода буд. Ахбори ин Фоиқ ва ҷойгоҳи ӯ дар дастгоҳи давлат ва шинохти ӯ пас аз ин зикр хоҳад шуд.

Ҳамин ки Муайяидуддавла бо лашкариёни худ дар он рӯз аз Гургон берун омад, лашкариёнаш бар сипоҳе, ки таҳти фармондеҳии Фоиқ буд, ҳамлавар шуданд. Фоиқ ва лашкари ӯ мунҳазим гардиданд ва мардум ҳам ба дунболашон рӯ ба ҳазимат ниҳоданд. Ҳусомуддавла ва Фахруддавла дар қалби сипоҳ устувор ва собитқадам монда ва набарде сахт карда ва то поёни рӯз ҷангиданд. Ва ҳамин ки мардум лашкареро ба ҳоли ҳазимат нигаристанд, онон низ ба гурехтагон пайвастанд. Ва ҳамроҳони Муайяидуддавла амволи бисёр, ки андозаи он ҷуз худои бузург кас надонад чӣ миқдор буда, ба ғанимат рабуданд ва аз хорбор ва маводи ғизоӣ миқдори бисёр ба даст оварданд.

Ҳусомуддавла ва Фахруддавлаву Қобус ба Нишобур бозгаштанд ва ҷараёни моваҷаъро ба Бухоро навиштанд. Ва аз он ҷо посух расид, ки ба онҳо мадад мерасад ва навиди

PDF Compressor Free Version

гусел доштани лашкариён ва бозгашт ба Гургон ва Рай ба онон дода шуд. Амир Нӯҳ амр бо аъзоми сипоҳиён ба Нишобур кард. Ва аз ҳар ноҳияте афроди сипоҳӣ рӯ ба вай ниҳода ва дар беруни шаҳри Нишобур гирд омаданд. Ин бор беш аз карати аввал сипоҳ ҷамъ шуда буд ва Ҳусомуддавла дар интизору вусули нерӯҳои имдодӣ буд, ки ба иттифоқи онҳо рӯй ба мақсад гузорад. Дар ин асно хабари кушта шудани вазир Абулҳасани Утбӣ (23) ба онҳо расид ва он ҷамъ парокаида ва тадбир табоҳ гардид.

Иллати қатл ин буд, ки Абулҳасан ибни Симҷӯр гурӯҳе аз бардагони муздур ба қатли Утбӣ гуморида буд, пас бар ӯ рехта ӯро куштанд. Ҳамин ки ӯ кушта шуд, Нӯҳ ибни Мансур ба Ҳусомуддавла навишт ва ӯро ба Бухоро хост, то тадбири корҳои давлат карда ва он чӣ дар асари он рӯйдод рӯ ба нобасомонӣ гузошта, сомон бахшад. Ва аз ин рӯ Ҳусомуддавла аз Нишобур ба Бухоро рафт ва бар ҳар кас аз қотилони Абулҳасан даст ёфт, ӯро бикушт. Қатли Утбӣ дар соли сесаду ҳафтоду ду (982—983) рух дод.

## СОЛИ СЕСАДУ ҲАФТОДУ ДУ (982—983)

## БАЁНИ БОЗГАШТИ ИБНИ СИМҶӮР БА ХУРОСОН

Ҳамин ки Абулҳасан ибни Симҷӯр аз фармондеҳии сипоҳи Хуросон маъзул ва Абулаббос ба ҷояш таъин шуд, Ибни Симҷӯр ба Сиҷистон рафта, дар он ҷо иқомат гузид. Ва ҳангоме ки Абулаббос, чунон ки ёд кардем, дар набард дар Гургон мунҳазим гардид ва Ибни Симҷӯр сари фитнаро афрошта дид, аз Сиҷистон рӯ ба Хуросон ниҳод ва дар Кӯҳистон иқомат кард. Ва ҳамин ки Абулаббос ба Бухоро рафт ва Хуросон аз вуҷуди ӯ холӣ монд, Ибни Симҷӯр ба Фоиқ нома навишт ва мувофақати ӯро бар истило бар Хуросон хост ва посухи мувофиқ дарёфт кард. Ва дар Нишобур бо якдигар дидор карданд ва бар он навоҳӣ муставлӣ шуданд.

Хабари он рӯйдод ба Абулаббос расид, бо гурӯҳи зиёде

аз Бухоро ба Марв рафт ва мукотаботе байни онон ба амал омад. Ва саранҷом чунин сулҳ карданд, ки Нишобур ва фармондеҳии сипоҳиён бо Абулаббос ва Балх аз Фоиқ ва Ҳирот аз Абӯалӣ ибни Ҳасан ибни Симҷӯр бошад. Ва ин қарорро устувор доштанд ва ҳар як ба мақари фармонравоии худ рафтанд ва аз ҳамдигар ҷудо шуданд.

## СОЛИ СЕСАДУ ҲАФТОДУ СЕ (983—984)

## БАЁНИ АЗЛИ АБУЛАББОС АЗ ХУРОСОН ВА ҲУКМРОНИИ ИБНИ СИМҶӮР

Ҳамин ки Абулаббос, чунон ки ёд кардем, аз Бухоро ба Нишобур бозгашт, амир Нӯҳ Абдуллоҳ ибни Узайзро (24) ба вазорат баргузид. Вай мухолифи Абулҳасани Утбӣ ва Абулаббос буд. Чун ба вазорат расид, кори хеш ба азли Абулаббос ва бозгардонидани Абулҳасан ибни Симҷӯр ба Хуросон оғоз кард. Саркардагоне, ки дар Хуросон иқомат доштанд, ба ӯ нома навиштанд ва аз ӯ дархост намуданд, ки Абулаббосро дар кори худ устувор дорад. Ва дархости онон посух надод. Абулаббос ба Фахруддавла ибни Бӯя нома навишт ва аз вай истимдод кард. Фахруддавла ӯро бо моли бисёр ва сипоҳ ёрӣ кард ва дар Нишобур иқомат карданд. Ва дар он асно Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Абдурраззоқ ба ёрии онон алайҳи Ибни Симҷӯр ба онон пайваст.

Дар он ҳангом Абулаббос дар Марв буд. Ҳамин ки Абулҳасан ибни Симҷӯр ва Фоиқ вуруди сипоҳиёни Фахруддавларо ба Нишобур шуниданд, ба қасди онҳо бад-он савб азимат намуданд. Сипоҳи Фахруддавла ва Ибни Абдурраззоқ ба ҳам пайвастанд ва мунтазири вуруди Абулаббос шуданд. Ибни Симҷӯр ва ҳамроҳонаш дар берун аз шаҳри Нишобур урду зада иқомат карданд. Аз он сӯй Абулаббос ва ҳамроҳонаш ворид шуданд ва бо лашкариёни Дайлам ҷамъ омада ва дар самти дигари қароргоҳ фуруд омаданд. Рӯзе чанд байни онҳо ҷангу ситез буд ва Ибни Симҷӯр дар он ноҳият мутаҳассин гардид. Фахруддавла лашкари дигаре зиёда бар ду ҳазор савор барои Абулаббос гусел дошт. Ибни Симҷӯр

PDF Compressor Free Version


ҳамин ки нерӯи Абулаббосро бидид, аз пиромуни Нишобур вопас рафт ва шабона аз он ҷо бирафт Лашкариёни Абулаббос ӯ ва ҳамроҳонашро дунбол карда, мол ва давоби бисёр аз онҳо ба ғанимат гирифтанд. Ва Абулаббос бар Нишобур истило ёфт. Абулаббос ба амир Нӯҳ нома навишт ва ҷалби тамоюлу утуфати ӯ хост. Ибни Узайз дар азли ӯ биноро ба лаҷбозӣ гузошт ва дар ин амр модари амир Нӯҳ низ бо Ибни Узайз ҳамраъй буд ва ӯ дар кори давлати фарзандаш — амир Нӯҳ мудохала мекард. Ва аз раъйи ӯ пайравӣ намекарданд...

## БАЁНИ ГУРЕЗИ АБУЛАББОС ВА ГУРЕЗИ Ӯ

Ҳамин ки Ибни Симҷӯр мунҳазим гардид, Абулаббос дар Нишобур иқомат гузид ва бинои истимолат ва истеътофи амир Нӯҳ ва вазири ӯ — Ибни Узайз гузошт ва Ибни Симҷӯр ва атбоъи ӯро тарк кард, иқдоме барои ихроҷи ӯ аз Хуросон накард. Ёрони Ибни Симҷӯр, ки гурехта буданд, дубора гирди ӯ ҷамъ шуданд ва нерӯҳои имдодӣ аз ҳаводоронаш аз Бухоро фаро расиданд ва Ибни Симҷӯр бо Шарафуддавла Абулфаворис ибни Азудуддавла мукотаба кард ва аз ӯ истимдод намуд. Шарафуддавла дар Форс буд, ӯро бо ду ҳазор сипоҳӣ, бар хилофи майли амуи худ — Фахруддавла ёрӣ кард. Ибни Симҷӯр, ҳамин ки ҷамъи сипоҳаш анбӯҳ гардид, қасди Абулаббос кард ва бо ӯ рӯ ба рӯ шуда бархӯрд карданд. Набарде сахт байни фариқайн рӯй дод, ки то охири рӯз ба тӯл анҷомид. Ва Абулаббосу ёронаш аз баробари Ибни Симҷӯр мунҳазим шуда ва гурӯҳи зиёде аз ҳамроҳонаш асир шуданд.

Абулаббос рӯй ба Гургон ниҳод. Фахруддавла дар Гургон буд. Ӯро гиромӣ ва бузургаш дошт ва Гургон ва Дехистон ва Астарободро ба таври якдаст ба ӯ ва ҳамроҳонаш супурд ва худ ба Рай азимат карду аз он ҷо он қадар молу асбобу афзор бароящ фиристод, ки берун аз ҳадди тавсиф аст.

Абулаббос ва ёронаш дар Гургон иқомат гузиданд ва лашкариён гирд оварданд ва рӯй ба Хуросон ниҳода, вале

PDF Compressor Free Version

бад он ҷо нарасида, ба Гургон бозгашт ва се сол дар он ҷо иқомат дошт. Дар он асно вабои шадиде дар он ноҳия рӯй дод ва гурӯҳи бисёре аз ёронаш мурданд ва худи ӯ низ бимурд. Марги ӯ ба соли сесаду ҳафтоду ҳафт (987—988) буд. Ва овардаанд, ки масмум мурд.

Ёрони Абулаббос дар муддате, ки дар Гургон иқомат доштанд, бадрафторӣ бо аҳолии Гургон карданд. Ва ҳамин ки Абулаббос даргузашт, мардум бар ёрони ӯ шӯриданд ва онҳоро мавриди наҳбу ғорат қарор дода. Ва рӯйдоде бузург ҷараён ёфт, ки бузургтар аз ҳазимати гургониён буд (25). Ва аз ҳамроҳони Абулаббос гурӯҳи бисёре кушта ва хонаҳои онҳо ба оташ кашида шуд ва дороияшон ба ғорат рафт. Машоихи онҳо зинҳор хостанд. Гургониён даст аз онҳо боздоштанду пароканда шуданд. Ва аксари оҷон ба Хуросон рафта ва ба Абӯалӣ ибни Абулҳасан ибни Симҷӯр пайвастанд. Дар он ҳангом ӯ соҳиби сипоҳи Хуросон ба ҷойи падараш буд ва падараш — Абулҳасан ибни Симҷӯр ба ҳангоми муҷомаъат бо яке аз маъшуқаҳои худ, ба ногоҳ рӯи синаи ҳамон маъшуқаи хеш даргузашт. Ҳамин ки даргузашт, фарзандаш — Абӯалӣ ҷойи падар мақоми фармондеҳӣ гирифт. Бародаронаш низ итоат аз ӯро гардан ниҳоданд, аз ҷумла бародараш — Абулқосим ва ғайра. Фоиқ мунозеъи ӯ дар ҳукмронии ӯ шуд, ки ба хости худон бузург он рӯйдодро дар баёни вақоеъи соли сесаду ҳаштоду се (993—994) ёд хоҳем кард...

## СОЛИ СЕСАДУ ҲАШТОДУ ДУ (992—993)

## БАЁНИ ПОРАЕ АЗ РӮЙДОДҲО

...Дар ин сол Бағрохони Элик — хоқони турк бо сипоҳаш ба Бухоро азимат кард. Амир Нӯҳ ибни Мансур сипоҳе бисёр ба муқобала бо вай фиристод. Элик бо он сипоҳ талоқӣ кард ва ӯро мунҳазим сохт, афроди сипоҳ рӯ ба Бухоро фирор карданд. Ва Элик дар пайи онҳо буд. Амир Нӯҳ ва соири лашкариёнаш берун шуданд ва набарде сахт ва куштори шадид миёни тарафайн рӯй дод ва натиҷаи он на-

бард ҳазимати Элик буд. Ва ба ҳоли фирор ба Балосоғун — маркази мамлакати худ рафт.

## СОЛИ СЕСАДУ ҲАШТОДУ СЕ (993—994)

## БАЁНИ ТАСАРРУФИ БУХОРО БА ВАСИЛАИ ПОДШОҲИ ТУРКИСТОН

Дар ин сол Шиҳобуддавла Ҳорун ибни Сулаймон Элик маъруф ба «Бағрохон» Бухороро тасарруф кард. Қошғар, Балосоғун то марзи Чин дар қаламрави фармонравоии ӯ буд.

Сабаби тасарруфи Бухоро ба василаи Бағрохон чунин буд. Ҳамин ки Абулҳасан ибни Симҷӯр даргузашт, фарзандаш — Абӯалӣ зимоми умури Хуросонро қабза намуд ва ба амири разӣ Нӯҳ ибни Мансур нома навишт ва хост, ки вайро ба ҷойи падар ба фармонравоии Хуросон истиқрор бахшад. Амир Нӯҳ хости ӯро иҷобат кард ва хилъатҳо барояш фиристод ва тардид надошт, ки аз ӯ хоҳад буд. Ҳамин ки расули амир Нӯҳ ба Ҳирот расид, аз азми рафтан удул кард. Фоиқ дар Ҳирот буд. Хилъатҳо ва фармони амир Нӯҳро ба Фоиқ дод. Абӯалӣ дарёфт, ки нисбат ба ӯ макру ҳила раво доштаанд. Ин корро далел бар сӯнияте донист, ки дар бораи ӯ доранд. Фоиқ он хилъатро пӯшид ва аз Ҳирот ба ҷониби Абӯалӣ расид. Ӯ ҳам дар як сутун аз зубдаи ёронаш рӯй ба Фоиқ овард ва бо суръат тайи мароҳилу манозил намуд, то аз расидани хабар бар вай пешӣ ҷуст ва байни Бушанҷу Ҳирот бар Фоиқ битохт. Фоиқ ва ҳамроҳонаш мунҳазим шуда ба Марврӯд рафтанд.

Абӯалӣ ба амир Нӯҳ навишт ва хости хеш дар истиқрор бар фармонравоӣ бар Хуросон таҷдид кард. Ӯ хости вайро иҷобат кард ва тамоми Хуросонро ба ӯ вогузор кард. Баъд аз он ки Ҳирот аз Фоиқ буд, он низ замимаи қаламрави Абӯалӣ гардид. Абӯалӣ пирӯзмандона ба Нишобур бозгашт ва молиёти Хуросон ҷумлагӣ вусул кард. Амир Нӯҳ ба ӯ навишт, ки аз он чӣ ҷамъоварӣ ва вусул карда, бахше аз онро барои ӯ бифиристад, ки сарфи арзоқи лашкар кунад.

PDF Compressor Free Version

Абўалӣ узр овард ва дареғ намуд. Ва чун аз оқибати ин кор тарсид, ба Бағрохони мазкур навишт, ки биёяд, Бухоро — кишвари Сомониён бигирад ва ўро татмеъ ба ин иқдом намуд. Ва қарори байни ў ва Бағрохон ин буд, ки Бағрохон тамоми Моварроуннаҳрро мутасарриф шавад ва Абўалӣ ҳам молики Хуросон гардад. Бағрохон тамаъ дар он билод баст ва ҳаракат ба Бухороро таҷдид кард.

Ва аммо Фоиқ дар Марврўд иқомат намуд, то шикасти ў ҷуброн гардид ва ёрочаш гирди ў ҷамъ шуданд ва бидуни ичоза рў ба Бухоро азимат намуд. Амир Нўҳ аз азимати ў машкук гардид ва сипоҳиёне ба сўйи ў фиристод, ки монеъи вуруди ў ба Бухоро шаванд. Он сипоҳиён, чун ба Фоиқ ва ёронаш расиданд, бо онҳо ҷангиданд. Фоиқ ва ёронаш мунҳазим шуда, аз ҷойе, ки омада буданд, баргаштанд.

Амир Нўҳ ба фармондори худ дар Ҷузҷон нома навишт ва ў Абулҳарас Аҳмад ибни Муҳаммади Фариғунӣ буд. Вайро амр кард қасди Фоиқ намояд. Ў сипоҳе гирд овард ва рў ба Фоиқ ниҳод. Фоиқ бар онҳо битохт ва мунҳазимашон кард ва амволашон ба ғанимат бурд.

Фоиқ низ ба Бағрохон нома навишт, ўро татмеъ ба тасаррӯфи билод кард. Бағрохон рў ба Бухоро ниҳод ва қасди кишвари Сомониён намуд. Ва бар билод, яке баъд аз дигаре, истило ёфт. Амир Нўҳ сипоҳе бисёр ба сўйи ў равона дошт. Ва саркардаи бузурге аз саркардагони хеш, ки номаш Инҷ буд, бар он лашкари азим фармондеҳ кард. Бағрохон бо ў талоқӣ намуд ва сипоҳашро мунҳазим кард ва Инҷ асир шуд. Ва гурўҳе аз саркардаҳо бо вай ба асорати Бағрохон даромаданд. Ҳамин ки Бағрохон пирўз гардид, тамаъаш дар тасхири билод қувват ёфт ва Нўҳу асҳобаш заиф шуданд. Амир Нўҳ ба Абўалӣ ибни Симҷўр нома навишт ва аз вай талаб кард ўро ёрӣ кунад. Ва амр кард бо сипоҳиёни худ ба сўйи ў азимат намояд. Абўалӣ посухе надод ва даъваташро иҷобат накард. Ва тамаъи ў ҳам бар истило бар Хуросон тақвият шуд.

Бағрохон рў ба Бухоро рафт. Фоиқро дидор намуд ва ҷузъи хавосси ў ва дар ҷумлаи онҳо ворид шуд ва дар Бу-

PDF Compressor Free Version

хоро фуруд омаданд. Амир Нӯҳ пинҳон шуд ва Бағрохон Бухороро мутасарриф гардид. Ва амир Нӯҳ махфиёна аз он ҷо берун рафт ва аз наҳр убур карда ва дар Омулшат фуруд омад ва дар он ҷо иқомат гузид. Ёронаш дар он ҷо ба ӯ пайвастанд. Ва гурӯҳи зиёде аз онҳо дар он нуқта ҷамъ омаданд ва ҳамон ҷо иқомат карданд.

Нӯҳ мукотабаро бо Абӯалӣ дунбол кард ва расулонашро фиристод ва аз ӯ истимдод кард, вале Абӯалӣ гӯш ба даъват ва истимдоди ӯ надод. Ва аммо Фоиқ аз Бағрохон иҷоза гирифт, ки қасди Балх намояд ва бар он ҷо истило ёбад. Бағрохон амр кард ин кор бикунад. Ва ӯ ба Балх рафта ва дар он ҷо фуруд омад.

## БАЁНИ БОЗГАШТИ НӮҲ БА БУХОРО ВА МАРГИ БАҒРОХОН

Чун Бағрохон ба Бухоро фуруд омад ва дар он ҷо иқомат гузид, ба бемории имтилои меъда мубтало шуд. Бемории ӯ сангин шуд. Аз Бухоро ба Туркистон азимат кард. Ҳамин ки аз он ҷо дур шуд, мардуми Бухоро ба ҷанохи сипоҳиёни ӯ шӯриданд. Ва муталошиашон карда, амволи онҳоро ба ғанимат гирифтанд. Туркони ғуз ҳам бо мардуми Бухоро дар наҳбу қатли сипоҳи Бағрохон мувофақат карданд.

Ҳамин ки Бағрохон аз Бухоро дур шуд, аҷалаш фаро расид ва даргузашт. Амир Нӯҳ аз рафтани ӯ аз Бухоро огоҳ шуд, бо ҳамроҳони хеш бад-он савб раҳсипор ва ба Бухоро ворид шуд, ба дорулмулки хеш ва падарони хеш баргашт ва мардум аз бозгашти онҳо ибрози шодӣ ва шодмонӣ карданд.

Бағрохон чун даргузашт, ёрону ҳамроҳонаш ба диёри худ баргаштанд. Бағрохон марди мутадаййин ва хайрину додгар ва бо ҳусни сират буд, дӯстдори уламо ва аҳли дин буд, онҳоро гиромӣ медошт. Ва дӯст дошт аз ҷониби ӯ бинависанд: Бандаи расулуллоҳ, саллаллоҳу алайҳи ва саллам. Зимоми умури Туркистонро баъд аз худ ба Эликхон супурд.

## СОЛИ СЕСАДУ ҲАШТОДУ ЧАҲОР (994—995)

## БАЁНИ ФАРМОНРАВОИИ МАҲМУД ИБНИ САБУКТЕКИН БАР ХУРОСОН ВА РОНДА ШУДАНИ АБӮАЛӢ АЗ ОН ҶО

Дар ин сол амир Нӯҳ Маҳмуд ибни Сабуктекинро ба фармонравоии Хуросон мансуб гардонид.

Сабаб ин буд, ки чун амир Нӯҳ ба тавре ки баён кардем, ба Бухоро бозгашт, Абӯалӣ дар чашми ӯ хор омад ва аз назараш афтод. Ва вай аз амали худ дар ифрот дар тарки ёрӣ ба амир Нӯҳ ба ҳангоми ниёз ба кӯмаки ӯ пушаймон шуд.

Ва аммо Фоиқ, ҳамин ки Нӯҳ дар Бухоро истиқрор ёфт, бо худ чунин андешид, ки рӯй ба Бухоро ниҳода бар он ҷо чира шавад ва ҳукм бар давлати амир Нӯҳ ронад. Пас ба ин ният аз Балх ба Бухоро раҳсипор шуд. Чун амир Нӯҳ огоҳ аз ҳаракати ӯ шуд, сипоҳе ба муқобалаи ӯ фиристод, ки монеъ аз пешравии ӯ шавад. Сипоҳи амир Нӯҳ Фоиқ ва лашкариёнашро бозёфтанд ва набарди шадиде миёни онҳо рӯй дод ва дар натиҷа Фоиқ ва ёронаш мунҳазим гардиданд ва ба Абӯалӣ пайвастанд. Абӯалӣ аз пайвастани онҳо басе хушнуд шуд ва бо ин пайвастагӣ пару болаш нерӯи тоза ёфт ва ҳар дуи онҳо — Фоиқ ва Абӯалӣ бар ин иттифоқ намуданд, ки исёни хеш бар амир Нӯҳ ошкор ва зулм намоянд. Ҳамин ки ин кор карданд, амир Нӯҳ ба Сабуктекин, ки дар он ҳангом дар Ғазна буд, нома навишт ва гузориши ҳолро ба ӯ иттилоъ дод ва фармон дод, ки ба ёрии ӯ биштобад. Ва фармонравоии Хуросон ба ӯ дод.

Сабуктекин дар ҷараёни он фитнаҳо саргарми ҷиҳод буд ва таваҷҷӯҳе ба он чи фи мо байни (26) Бухоро ва Хуросон мегузашт, надошт. Ва ҳамин ки номаи амир Нӯҳ ва расули ӯ ба вай расид, хости ӯро иҷобат кард ва бо сутуне аз лашкариёни худ назди амир Нӯҳ рафт ва бо якдигар дидор карданд ва миёни худ қарор гузориданд, ки чи бояд бикунанд. Ва Сабуктекин ба Ғазна бозгашт ва лашкариён гирд овард ва биёрост.

Абӯалӣ ва Фоиқ, чун огоҳ шуданд, ба иттифоқ нома ба

PDF Compressor Free Version

Фахруддавла ибни Бӯя навишта ва ба истимдод аз ӯ сипоҳе талаб карданд. Фахруддавла хости ононро анҷом дод ва сипоҳи бисёр барои онҳо равона кард. Вазири Фархуддавла — Соҳиб ибни Аббод буд ва ӯ ин қондаро дар ин амр муқаррар дошт.

Сабуктекин бо писараш — Маҳмуд аз Ғазна рӯ ба Хуросон азимат кард. Нӯҳ ҳам аз сӯйи дигар ва бо Сабуктекин якҷо ҷамъ омаданд ва қасди Абӯалӣ ва Фоиқ намуданд ва дар навоҳии Ҳирот бо онон ва сипоҳиёнашон талоқӣ карда ба ҷанг пардохтанд. Дар он гирудор Доро ибни Қобус ибни Вушмгир аз сипоҳи Абӯалӣ ба иттифоқи ёронаш ҷудо ва ба Нӯҳ пайваст. Ёрони Абӯалӣ рӯй ба ҳазимат ниҳоданд. Ва сипоҳи Сабуктекин ба пайгарди онҳо тохта мегаштанд ва асир мегирифтанд ва ғаноим ба даст меоварданд. Абӯалӣ ва Фоиқ ба Нишобур бозгаштанд. Сабуктекин ва Нӯҳ дар берун аз шаҳри Ҳирот раҳли иқомат афканданд ва пас аз истироҳат рӯй ба Нишобур ниҳоданд.

Чун Абӯалӣ аз ҳаракати онон огоҳ шуд, ӯ ва Фоиқ рӯй ба Гургон гузоштанд ва ба Фахруддавла нома навишта, ӯро аз маҷории аҳвол огоҳ карданд. Фахруддавла ҳадоё ва тӯҳфаҳо ва амвол барои онон фиристод. Дар Гургон фурудашон овард.

Нӯҳ бар Нишобур истило ёфт ва Маҳмуд ибни Сабуктекинро бар он вилоят ва бар лашкари Хуросон фармонравоӣ дод ва ӯро мулаққаб ба «Сайфуддавла» ва падараш Сабуктекинро мулаққаб ба «Носируддавла» кард. Ҳар ду вейрафторӣ ва ҳусни сират дар пеш гирифтанд. Нӯҳ ба Бухоро бозгашт. Сабуктекин дар Ҳирот ва Маҳмуд дар Нишобур иқомат гузид.

## СОЛИ СЕСАДУ ҲАШТОДУ ПАНҶ (995)

## БАЁНИ БАРГАШТАНИ АБӮАЛӢ БА ХУРОСОН

Чун амир Нӯҳ ба Бухоро ва Сабуктекин ба Ҳирот баргаштанд ва Маҳмуд дар Нишобур боқӣ монд, Абӯалӣ ва Фоиқ тамаъи тасарруфи Хуросон карданд. Ва дар рабеъул-

PDF Compressor Free Version

аввал (IV. 995) аз роҳи Гургон рӯй ба Нишобур ниҳоданд. Ҳамин ки ин хабар ба Маҳмуд расид, ба падараш нома навишт ва ӯро огоҳ аз ин амр кард. Худи ӯ низ аз Нишобур берун шуд ва дар ҳаволии шаҳр иқомат карда, мунтазири расидани нерӯҳои кӯмакӣ гардид. Абӯалӣ ва Фоиқ шитоби бештар аз ӯ доштанд. Маҳмуд шикебоӣ ба кор бурд. Ва онон ба ҷангу ситез бо вай иқдом карданд. Маҳмуд дучори қиллати сипоҳ буд ва аз пеши рӯйи онҳо рӯ ба падари худ мунҳазим гардид. Сипоҳиёни Абӯалӣ ва Фоиқ ғаниматеи бисёр ба даст оварданд. Ёрони Абӯалӣ ба ӯ ишорат ба таъқиби Маҳмуд намуданд, ки ӯ ва падаашро пеш аз он ки лашкар таҳия ва муҷаҳҳаз созанд, пешдастӣ намояд. Абӯалӣ ин кор накард. Ва дар Нишобур иқомат намуд. Аз он ҷо ба амир Нӯҳ нома навишт ва ба ҷалби хотири ӯ пардохт. Ва аз гуноҳони гузашта ва хатоҳои рафта узри тақсир хост ва номаи мушобеҳе низ ба Сабуктекин навишт ва моҷарои рафторо мутаваҷҷеҳи Фоиқ кард. Амир Нӯҳ ва Сабуктекин ҷавобе, ки мехост, ба ӯ надоданд.

Сабуктекин ба ҷамъи сипоҳ ҳиммат гумошт ва аз ҳар сӯй ва ноҳият рӯй ба ӯ оварданд. Сабуктекин бо он сипоҳ рӯй ба Абӯалӣ ниҳод. Дар ҷумодиюлохир (VII.995) дар Тӯс бо ҳам талоқӣ карданд ва рӯзе тамом ҷангиданд. Маҳмуд ибни Сабуктекин низ бо сипоҳе гарон аз пушти сар фаро расид. Абӯалӣ ва ёронаш мунҳазим шуданд ва халқи бисёр аз ҳамроҳонаш кушта шуданд. Абӯалӣ ва Фоиқ ҷон солим аз маъракаи бадар бурда, ба Абевард рафтанд. Сабуктекин Маҳмуд — фарзандашро дар Нишобур ба ҷой гузошт ва дар пайи онҳо рӯ ба Абевард ниҳод. Абӯалӣ ва Фоиқ аз он ҷо ба Марв (27) ва сипас ба Омулшат рафтанд ва ба амир Нӯҳ нома навишта, талаби авотифи ӯ намуданд. Ва Абӯалӣ посух расид, ки Фоиқро тарк гӯяд ва ба Гургония фуруд ояд, узраш пазируфта хоҳад буд. Абӯалӣ қабул кард. Фоиқ ӯро барҳазар дошт ва аз макидат ва макрашон битарсонид. Ва ӯ бино ба хости худойи азза ва ҷалла илтифоте бад-он амр накард. Ва ҳамин ки аз Фоиқ ҷудо ва ба Гургония раҳсипор шуд ва дар рустое наздики Хоразм, ки Ҳазорасб ном дошт, фуруд омад, Абӯабдуллоҳи Хоразм-

шоҳ кас ба он ҷо фиристод, то ӯро меҳмондор бошад ва ваъда дод, ки бо ӯ дидор хоҳад кард. Ва хотири Абӯалӣ ором гирифт.

Ҳамин ки шаб фаро расид, Хоразмшоҳ гурӯҳе аз сипоҳиёни худ бад-он русто гусел дошт ва он ҷоро аз ҳама сӯ иҳота карданд ва дар рамазони ин сол (Х. 995) ӯро асир намуданд ва Хоразмшоҳ вайро дар маҳалли иқомати хеш ба банд кашид ва ҳамроҳони Абӯалиро хост вааъёни ононро дастгир ва асир кард, бақия пароканданд.

Ва аммо Фоиқ рӯ ба Эликхон ниҳод ва ба Мовароуннаҳр рафт. Эликхон ӯро бузург ва гиромӣ дошт ва ба вай ваъда дод, ӯро ба мақарри ҳукмрониаш боз хоҳад гардонд ва ба Нӯҳ нома навишт ва шафоати Фоиқ намуд, ки ба ҳукумати Самарқанд мансуб шавад. Нӯҳ ҷавоби мусоид дод ва Фоиқ дар он ҷо иқомат кард.

## БАЁНИ НАҶОТ ЁФТАНИ АБӮАЛӢ ВА ҚАТЛИ ХОРАЗМШОҲ

Ҳамин ки Абӯалӣ асир шуд ва хабари он ба Маъмун ибни Муҳаммад — волии Гургония расид, дастхуши қалақу изтироб гардид ва бар вай гарон омад ва сипоҳи худ гирд оварду ва рӯ ба сӯйи Хоразмшоҳ ниҳода ва ба самти Кос убур кард ва он шаҳре аз Хоразмшоҳ буд. Ва он ҷоро сипоҳиёни Маъмун муҳосара намуданд ва бо мардум ҷангиданд. Ва бо зӯр ошро гирифта Абӯабдуллоҳи Хоразмшоҳро асир намуда, Абӯалиро эҳзор карданд ва банд аз ӯ бардоштанд ва ӯро бо худ ба ҳамроҳ бурда, ба Гургония бозгаштанд. Маъмун баъзе аз ёрони хешро дар Хоразм ба ҷой гузошт ва бо он чи ба даст оварда буд, баргашт. Ва Хоразмшоҳро ҳозир кард ва пеши рӯйи Абӯалӣ ӯро кушт.

## БАЁНИ ДАСТГИРИИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИМҶӮР ВА МАРГИ Ӯ

Ҳамин ки Абӯалӣ дар Гургония назди Маъмун ибни Муҳаммад эминӣ ба даст овард, Маъмун ба амир Нӯҳ номи

PDF Compressor Free Version

кавишт ва шафоати ӯ кард. Ва талаби бахшиш аз ӯ намуд. Амир Нӯҳ хоҳиши ӯро иҷобат кард ва амр кард Абӯалӣ ба Бухоро биравад. Абӯалӣ бо бақияи ёрон ва хонаводааш ба Бухоро рафтанд. Чун ба он ҷо расиданд, саркардагон ва сипоҳиён ӯро дарёфтанд ва ҳамин ки бар амир Нӯҳ ворид шуданд, ӯ фармони боздошт ва дастгирии онҳоро дод.

Ба Сабуктекин хабар расид, ки Ибни Узайз — вазири амир Нӯҳ барои наҷоти Абӯалӣ талош мекунад. Кас ба он савб фиристод ва Абӯалиро хост ва ӯро зиндонӣ кард ва дар зиндон ба соли сесаду ҳаштоду ҳафт (997) даргузашт. Ва ин поёни кораш буд ва маоли ҳоли хонадони Симҷӯр ва сазои куфрони эҳсони сарварони худ. Бузургӣ ва май манат Яздони зиндаву поянда ва якторост, ки мулкаш заволнопазир аст.

Абулҳасан — фарзанди Абӯалӣ пеш аз он вақоеъ ба Фахруддавла ибни Бӯя пайваста ва Фахруддавла ӯро гиромӣ дошта ба вай некӣ намуд. Вай пинҳонӣ ба Хуросон рафт ва дил дар ҳавои он сарзамин дошт, ба гумони ин, ки кораш пинҳон хоҳад монд, вале розаш ошкор шуд ва ба асорат гирифта ва назди падараш зиндонӣ шуд.

Ва аммо Абулқосим — бародари Абӯалӣ муддати кӯтоҳе дар хидмати Сабуктекин бизист. Сипас хилофи тоат аз ӯ сар зад. Ва қасди Нишобур кард, валекин ба муроди худ нарасид. Ва Маҳмуд ибни Сабуктекин баргашт рӯ ба ӯ ва ӯ аз пеши рӯйи Маҳмуд бигурехт ва назди Фахруддавла рафт ва назди ӯ монд. Ва боқии ахбори ӯ, ба хости худойи бузург, хоҳем зикр кард.

## СОЛИ СЕСАДУ ҲАШТОДУ ҲАФТ (997)

## БАЁНИ ДАРГУЗАШТИ АМИР НӮҲ ИБНИ МАНСУР ВА ПОДШОҲИИ ФАРЗАНДАШ — МАНСУР

Дар раҷаби ин сол (VII. 997) амири разӣ Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ падруди зиндагӣ гуфт. Бо марги вай кишвари дудмони сомонӣ дастхуши ихтилол гардид ва заъфе ошкор дар кори ин хонадон падид омад ва умарои атроф тамаъ ба

PDF Compressor Free Version



мулки онон бастанд ва пас аз муддате кӯтоҳ завол пайдо карданд.

Ҳамин ки амир Нӯҳ даргузашт, писараш — Абулҳарас Мансур ибни Нӯҳ ба подшоҳӣ нишаст. Умаро ва саркардагон ва соири мардум бо вай байъат карданд, бақоёи дорой байни онҳо пахш кард ва бар тоаташ иттифоқ намуданд. Ва кори давлат ва тадбири мулкро Бектузун дар ӯҳда гирифт. Чун хабари марги амир Нӯҳ ба Эликхон расид, рӯй ба Самарқанд ниҳод. Фоиқ ал-Хосса низ ба ӯ пайваст. Эликхон Фоиқро бо як сутун аз лашкариён ба Бухоро равона кард. Ҳамин ки амир Мансур аз ҳаракати ӯ огоҳ шуд, дар кори пеш мутаҳаййир шуд, фурсати таҷҳиз наёфт ва ба шитоб аз Бухоро берун рафт ва аз наҳр гузашт. Ва Фоиқ вориди Бухоро шуд ва чунин вонамуд кард, ки қасди ӯ дар ин мақом хидмат ба амир Мансур будааст ба хотири риояти ҳаққе, ки падаронаш бар ӯ доранд, чи онҳо сарвари ӯ буданд. Ва машоихи Бухоро ва пешвоёни шаҳрро ба хидмати амир Мансур равона дошт, ки ба шаҳру мулки хеш бозгардад ва аз ҷониби худ паймонҳо ва тааҳҳудоте эъто кард, ки асбоби итминони амир бошад. Амир Мансур ба Бухоро баргашт ва Фоиқ корҳо ба даст гирифт ва ҳукуматро қабза кард ва Бектузунро фармондеҳии сипоҳи Хуросон дод.

Дар он ҳангом Маҳмуд ибни Сабуктекин саргарми ҷанг бо бародараш — Исмоил буд, ки баёни он, ба хости худои бузург, хоҳем овард. Бектузун ба Хуросон рафт, зимоми умури он ҷоро ба даст гирифта ва бо вуҷуди ӯ қавоиди умур дар он ҷо устуворӣ ёфт.

## БАЁНИ ДАРГУЗАШТИ САБУКТЕКИН ВА ҲУКМРОНИИ ФАРЗАНДАШ — ИСМОИЛ

Дар шаъбони ин сол (VIII. 997) Носируддавла Сабуктекин даргузашт. Ӯ дар Балх мақом ва сакане дошт ва дар он ҷо хонаҳову масокине сохта буд ва бемор шуд. Ва бемориаш ба дарозо кашид. Барои ҳавои он ноҳия аз он ҷо беруя рафт ва рӯ ба Ғазна ниҳод, дар байни роҳ даргузашт. Ҷано-

PDF Compressor Free Version

зан ӯро ба Ғазна ҳамл карданд ва дар он ҷо ба хок супурданд. Муддати фармонравоияш бист сол буд.

Сабуктекин марде додгар, хайийр ва бисёр ҷиҳодкунанда буд, ҳусни эътиқод дошт ва дорои муруввате том ва бо ҳусни аҳд ва вафодор буд. Лоҷарам худованд баракоти худ ба хонадонаш бахшид ва мулку подшоҳии онҳо муддате дароз давом ёфт — беш аз муддати Сомониён ва Салҷуқиён ва ғайриҳим. Писараш — Маҳмуд аввал касе буд, ки ба лақаби «Султон» мулаққаб гардид ва пеш аз ӯ ҳеҷ кас мулаққаб бад-он нашуда буд. Ҳамин ки замони фавташ фаро расид, Исмоил фарзанди худро валиаҳди худ намуд. Ва чун даргузашт, сипоҳ бо ӯ байъат кард ва барои ӯ савганд ёд карданд, вай амвол ба онҳо бахшид. Исмоил аз бародараш — Маҳмуд кӯчактар буд. Сипоҳиён ба тазъифи Исмоил кӯшида, дар хостани мол бар якдигар пешӣ ҷустанд, то ин ки он чӣ падараш ба ҷой гузошта буд, тамом шуд.

## БАЁНИ ИСТИЛОИ БАРОДАРАШ — МАҲМУД ИБНИ САБУКТЕКИН БАР КИШВАР

Ҳамин ки Сабуктекин даргузашт ва хабари он ба фарзандаш — Ямину-ддавла Маҳмуд дар Нишобур расид, ба мотами падар нишаст. Сипас кас назди бародараш — Исмоил фиристод ва марги падарро ба вай таслият гуфт. Ва ӯро огоҳ кард ба ин, ки падараш, ки ӯро ба ҷойи худ нишонда, сабаб дурии ӯ — Маҳмуд аз вай будааст. Ва ба ӯ ёдоварӣ кард маротиби тақаддуми бузургтар бар кӯчактарро ва талаби вифоқу ифодаи он чӣ аз мотараки падар (28) ба ӯ мухтасс аст, намуд. Исмоил тазкори Маҳмуд — бародари хешро ба кор набаст. Расулон байни онҳо рафтуомад карданд. Вале умур бар қоидае устувор нагардид. Маҳмуд аз Нишобур ба Ҳирот рафт, ки аз он ҷо озими Ғазна шавад ва қасди бародараш намояд. Дар Ҳирот бо амми худ — Боғрочук дидор кард. Вай ӯро алайҳи бародараш — Исмоил ёрӣ кард ва аз Ҳирот ба Буст рафт. Наср — бародараш дар Буст буд. Ӯ ҳам аз Маҳмуд табаъият кард ва ба ӯ ёрӣ намуд ва бо ҳам ба Ғазна рафтанд.

PDF Compressor Free Version

Хабари азимати онон ба Исмоил расид. Ӯ дар Балх буд. Ва ба шитоб худро ба Ғазна расонд ва аз Маҳмуд — бародараш дар расидан ба Ғазна пешӣ ҷуст. Умарое, ки бо Исмоил буданд, ба бародараш — Маҳмуд нома навиштанд ва ӯро даъват карданд ва ваъдаи тамоюл ба сӯйи ӯ доданд. Маҳмуд дар рафтан шитоб кард ва дар беруни шаҳри Ғазна бо ҳам талоқӣ карданд. Ва пайкори сахту хунин миёни онҳо даргирифт. Дар он маърака Исмоил мунҳазим гардид ва ба Қалъаи Ғазна боло рафта. дар он ҷо паноҳ гирифт. Бародараш — Маҳмуд қалъаро муҳосара кард ва ба ӯ зинҳор дод. Исмоил аз қалъа фуруд омад.

Маҳмуд бародарро гиромӣ дошт ва ба ӯ некӣ кард ва манзалаташро боло бурд ва шарик дар мулк намудаш ва ба Балх бозгашт ва мулк бар ӯ устувор гардид.

## СОЛИ СЕСАДУ ҲАШТОДУ ҲАШТ (998)

## БАЁНИ БОЗГАШТИ АБУЛҚОСИМИ СИМҶӮРӢ БА НИШОБУР

Пеш аз ин азимати Абулқосим ибни Симҷӯр — бародари Абӯалиро ба Гургон ва иқомати ӯро дар он ҷо баён карда будем. Ҳамин ки Фахруддавла даргузашт, ӯ назди фарзандаш — МаҷдудДавла бимонд. Ва гурӯҳи зиёде аз ҳавохоҳони бародараш гирди ӯ ҷамъ шуданд. Ӯ ба Шамсулмаъолӣ, ки дар Нишобур буд, нома навишта ӯро даъват ба Гургон карда буд, ки биёяд, то корҳо ба дасти ӯ биспорад. Шамсулмаъолӣ баъд он савб раҳсипор шуд, то ба Гургон расид. Дар он ҷо иттилоъ пайдо кард, ки Ибни Симҷӯр аз он ҷо рафтааст. Ва аз ин рӯ ба Нишобур баргашт.

Фоиқ аз он ҷо ба Абулқосим нома навишт ва ӯро алайҳи Бектузун барангехт ва дастур дод қасди Хуросон намояд ва Бектузунро аз он ҷо биронад, чун Фоиқ бо Бектузун душманӣ дошт. Абулқосим аз Гургон рӯй ба Нишобур ниҳод ва гурӯҳе аз шабгардони хеш ба Исфароин равона дошт, ҷойгоҳи сипоҳи Бектузун дар он ҷо буд. Сипоҳиёни Ибни Симҷӯр бо онҳо ҷангиданд ва аз Исфароин беруни

PDF Compressor Free Version

шон карданд ва ҳавохоҳони Абулқосим бар он ҷо муставлӣ шуданд. Абулқосим ба Нишобур рафт ва дар рабеъулаввал (III. 998) дар беруни шаҳри Нишобур бо якдигар талоқӣ карданд ва набарде сахт рӯй дод ва ҷанг шиддат пайдо кард ва Абулқосим мунҳазим гардид ва гурӯҳи зиёде аз ёронаш кушта ва асир шуданд.

Абулқосим баъд аз он шикаст ба Кӯҳистон рафт ва дар он ҷо раҳли иқомат афканд, то ин ки ҳавохоҳонаш дар он ҷо гирди ӯ омаданд ва аз он ҷо ба Бушанҷ рафт ва бар он ҷо чира шуда ва дар он тасарруф кард. Бектузун рӯй ба ӯ ниҳод ва дар он асно расулон байни онҳо рафтуомад карданд, то ин ки оштӣ намуданд ва барои якдигар оштии худро бо савгандҳое шадид муаккад доштанд ва Бектузун ба Нишобур баргашт.

## БАЁНИ ИСТИЛОИ МАҲМУД ИБНИ САБУКТЕКИН БАР НИШОБУР ВА БОЗГАШТАНИ Ӯ АЗ ОН ҶО

Чунон ки зикр кардем, чун Маҳмуд аз кори бародар фароғат бол пайдо кард ва Ғазнаро мутасарриф шуд ва ба Балх баргашт, дид Бектузун ба фармонравоии Хуросон мансуб шудааст. Ба амир Мансур ибни Нӯҳ нома навишт ва уқаи худро ёд ва ҳимоят аз давлати ӯро хотирнишон кард ва Хуросонро талаб намуд. Ба ӯ ҷавоб дода ва аз вогузории Хуросон узр хоста шуд ва дастур дода шуд, ки Тирмиз ва Балх ва мовароӣ он аз навоҳии Бусту Ҳирот бигирад. Маҳмуд бад-он қонеъ нагардид ва дубора хости хешро такрор кард. Ин бор ҷавобе ба ӯ дода нашуд. Маҳмуд ҳамин ки яқин пайдо кард, ки хости ӯ анҷом намешавад, рӯй ба Нишобур ниҳод. Бектузун дар он ҷо буд ва чун шунид, ки Маҳмуд рӯй бад-он савб ниҳодааст, аз он ҷо берун рафт. Ва Маҳмуд вориди Нишобур шуд ва он ҷоро тасарруф кард. Ҳамин ки амир Мансур ибни Нӯҳ ин хабар бишнид, аз Бухоро рӯ ба Нишобур ҳаракат кард. Ва чун Маҳмуд ин бидонист, аз Нишобур ба Марврӯд рафт ва наздик ба Пули Роун фурӯд омад ва мунтазир шуд, ки анҷоми умр чӣ хоҳад будан.

 PDF Compressor Free Version 

## СОЛИ СЕСАДУ ҲАШТОДУ НӮҲ (998—999)

### БАЁНИ ДАСТГИР ШУДАНИ АМИР МАНСУР ИБНИ НӮҲ ВА ПОДШОҲИИ БАРОДАРАШ — АБДУЛМАЛИК

Дар ин сол амир Мансур ибни Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ — соҳиби Бухоро ва Мовароуннаҳр дастгир шуд ва бародараш — Абдулмалик ба подшоҳӣ нишаст.

Сабаби дастгир шудани ӯ, чунон ки зикр кардем, қасди Маҳмуд ибни Сабуктекин Бектузунро ба Хуросон буд ва бозгаштани ӯ — Маҳмуд аз Нишобур ба Марврӯд буд. Ҳамин ки дар он ҷо фуруд омад, Бектузун назди амир Мансур ки дар Сарахс буд, рафт ва бо ӯ дидор намуд, вале чунонки интизор дошт, чизе аз икрому утуфати ӯ надид. Аз ин бобат ба Фоиқ шикоят кард. Фоиқ шикояташ аз амир Мансур беш аз ӯ буд. Пас иттифоқ карданд амир Мансурро халъ кунанд ва бародарашро ба ҷойи ӯ биншонанд. Дар ин бора аз аъёни лашкариён бо онҳо ҳамроҳӣ карданд. Бектузун аз амир Мансур даъват ба иҷтимоъ кард, ки ҳозир шавад, то дар бораи кори Маҳмуд тадбир кунанд. Ҳамин ки иҷтимоъ намуданд, амир Мансурро дастгир карданд. Ва Бектузун дастур дод, чашмони ӯро мил кашида кӯраш карданд. Ва дар ин кор аз муроқабати худо ва эҳсони сарварони худ нисбат ба худ ғофил монд ва риоят накард. Ва Абдулмалик — бародари ӯро, ки тифле сағир буд, ба ҷойи ӯ ба подшоҳӣ нишонданд.

Муддати подшоҳии Мансур як солу ҳафт моҳ буд. Ва ин амал ба ҳам ононро андохт. Ва Маҳмуд ба Фоиқ нома навишт ва ононро накӯҳиш кард ва кирдори онҳо зишт донист, тақбеҳ кард. Ва талоқӣ бо онон дар ниҳодаш нерӯ ёфта ва дар истиқлол дар мулк тамаъ варзид ва ба азми қитол рӯй бад-онҳо ниҳод.

### БАЁНИ ИСТИЛОИ ЯМИНУДДАВЛА МАҲМУД ИБНИ САБУКТЕКИН ДАР ХУРОСОН

Ҳамин ки амир Мансур дастгир шуд, Маҳмуд рӯ ба Фоиқ

PDF Compressor Free Version

ва Бектузун рафт ва Абдулмалик ибни Нӯҳ бо онҳо буд. Чун онҳо аз ҳаракати Маҳмуд огоҳ шуданд, рӯ ба ӯ ниҳоданд. Ва дар охири ҷумодиюлаввал (II. 999) дар Марв талоқӣ ҳосил шуд. Ва набарде шадид аз пагоҳ то шомгоҳ, ки ҳамагон онро диданд, даргир буд ва натиҷатан Бектузун ва Фоиқ ва ҳамроҳонашон мунҳазим шуданд.

Абдулмалик ва Фоиқ ба Бухоро ва Бектузун қасди Нишобур кард. Абулқосим ибни Симҷӯр ҳам аз Кӯҳистон қасди Нишобур кард. Ва Маҳмуд чунон дид, ки қасди Бектузун ва Абулқосим намояд ва фурсати иҷтимоъ ва гирд овардани сипоҳ ба онҳо надиҳад. Пас ба Тӯс рафт. Бектузун аз он ҷо фирор кард ва ба навоҳии Гургон рӯй ниҳод. Маҳмуд бузургтарини умаро ва саркардагони лашкари хеш — Арслони Ҷозибро бо сипоҳе ҷаррор ба дунболаш фиристод ва ӯро таъқиб карданд, то ба Гургон мулҳақаш намуданд. Ва Арслон аз он ҷо бозгашт ва Маҳмуд ӯро ба ҷонишинии худ дар Тӯс гузошт ва худ ба Ҳирот рафт.

Ҳамин ки Бектузун аз азимати Маҳмуд аз Нишобур огоҳ шуд, ба он ҷо баргашт ва Нишобурро тасарруф кард. Маҳмуд қасди ӯ намуд. Бектузун ҷойи диранг надид, ончунон рӯ ба гурез ниҳод, ки аз тарс ба пушти сар ҳам нанигарист. Ва аз Марв убур кард, он ҷоро горат кард ва ба Бухоро рафт ва мулки Хуросон Маҳмудро мусаллам гардид ва номи Сомониён аз он ҷо бизудуд ва ба номи ал-Қодир Биллоҳ хутба хонд. Ва то он вақт ба номи ал-Қодир хутба нахонда, балки ба номи ат-Тоеъ Лиллоҳ хутба мехонданд. Ва мустақиллан мутафаррид дар кишвар гардид. Ва ин миннати худои бузург аст, ки мулк ба он кас ки хоҳад, медиҳад ва аз он кас ки хоҳад бозмегирад.

Маҳмуд фармондеҳии лашкари Хуросонро ба бародараш — Наср дод ва ӯро дар Нишобур, чунонки хонадони Симҷӯр барои Сомониён буданд, баркарор дошт. Ва худ ба Балх — мақарри падараш рафт ва он ҷоро пойтахти мулки худ намуд. Ва умарову соҳибони атрофи Хуросон тоаташро пазируфтанд, монанди хонадони Фаригун ва Ҷузҷон, ва ба монанди Шор — соҳиби Ғарҷистон ва мо дар ин ҷо ахбори

PDF Compressor Free Version



ки Шор баён мекунем ва гӯем огоҳ бошед, ки ин лақаби Шор лақаби ҳар подшоҳе буд, ки Ғарчистонро дар тасарруф дошт... Ва Шор Абӯнаср аз подшоҳӣ канора гирифта буд ва ба фарзандаш — Шоҳ ҷой вогузор карда буд. Ва вай кундзабон ва сабуксар буд. Падараш — Абӯнаср саргарми улум ва муҷоласат бо донишмандон гардид.

Замоне ки Абӯалӣ ибни Симҷӯр бар амир Нӯҳ исён варзид, сипоҳиён ба Ғарчистон равона дошт ва он ҷоро муҳосара кард ва Шоҳшор ва падараш — Абӯнасрро аз он ҷо биронд ва онон қасди дижи манеъе дар охири ҳоки вилояти худ карданд ва дар он ҷо таҳассун ихтиёр карданд, то ин ки Сабуктекин ба ёрии амир Нӯҳ ба по хост ва Шоҳшор ва падараш бар Сабуктекин фуруд омаданд ва ӯро алайҳи Абӯалӣ ёрӣ карданд ва ба мулки худ бозгаштанд. Ва акнун, ҳамин ки Яминуддавла Маҳмуд Хуросон бигирифт, итоат аз ӯ намуда ва хутба ба номи ӯ хонданд.

Баъд аз он Яминуддавла иродаи ҷиҳод ва рафтан ба Ҳиндустон кард. Ва сипоҳиён гирд овард ва онҳоро басиҷ кард ва ба Шоҳшор навишт ва даъваташ намуд, ки дар он ҷиҳод ҳамроҳ ва гувоҳи маърака бошад. Шоҳшор худдорӣ намуд ва исён варзид. Ҳамин ки Маҳмуд аз ҷиҳоди худ аз Синд баргашт, сипоҳиён ба сӯи Шоҳшор фиристод, то мулки ӯро тасарруф кунад. Ва ҳамин ки сипоҳиёни Маҳмуд ба Ғарчистон ворид шуданд, падараш — Абӯнаср зинҳор хост ва хости ӯ бароварда шуд ва ӯро назди Яминуддавла бурданд ва вайро гиромӣ дошт. Абӯнаср аз ҳақношиносӣ ва нопосии фарзандаш ва мухолифати ӯ бо Яминуддавла пӯзиш хост. Маҳмуд ба ӯ дастур дод, ки дар Ҳирот иқомат кунад ва мӯҷиботи рафоҳ ва вусъати ҳоли ӯро фароҳам кард ва дар он ҷо буд, то ин ки ба соли чаҳорсаду ду (1011—1012) даргузашт.

Ва аммо фарзандаш — Шоҳ қасди ҳамон диж намуд, ки дар замони Абӯалӣ дар он ҷо паноҳанда ва мутаҳассин шуда буд ва он чи ҳам аз мол ва дорой дошта, бо ёронаш ба ҳамроҳ бурда дар он ҷо таҳассун ихтиёр кард. Сипоҳи Яминуддавла ӯро дар паноҳгоҳаш таъқиб карданд ва манҷаниқҳо насб карда ва дар пайкор бо вай рӯзу шаб ва беамон

PDF Compressor Free Version

кӯшиданд. Боруҳои он истеҳком ва ҳисни манеъ мунҳадим гардид ва сипоҳиён аз рӯи овори он гузаштанд. Ва Шоҳшор, чун яқин ба ҳалоки худ кард, зинҳор хост.

Сипоҳ ҳамчунон бо вай ба ҷанг идома дод, то ин ки ӯро асир карданд ва назди Яминуддавла фиристоданд. Чун назди Яминуддавла шуд, ӯро бо задан таъдиб намуда, сипас зиндонияш карданд, то дар зиндон даргузашт. Марги ӯ пеш аз фавти падараш (Абӯнаср) буд.

Теъдоде муҷалладот аз китоби «ат-Таҳзиб»-и Азҳарӣ дар луғат ба хати ӯ дидам ва дар он ин нусхат омада буд: «Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Азҳарӣ мегӯяд: аш-Шор Абӯнаср ин ҷузъро аз оғоз то поён барои ман бихонд ва ба дасти худ навишт». Саҳеҳ аст ва ин далел аст бар иштиғоли ӯ ва дониши ӯ дар забони тозӣ, зеро касе ки мусоҳиби шахсе ба монанди Азҳарӣ бошад ва китоби «ат-Таҳзиб»-и ӯро бихонад, ӯ шахси фозиле аст.

## БАЁНИ ИНҚИРОЗИ ДАВЛАТИ СОМОНИЕН ВА ТАСАРРУФИ МОВАРОУННАҲР БА ВАСИЛАИ ТУРКОН

Дар ин сол (998—999) давлати дудмони Сомониён ба дасти Маҳмуд ибни Сабуктекин ва Эликхони турк мунқариз гардид. Номи Эликхон Абӯнаср Аҳмад ибни Алӣ ва лақаби ӯ «Шамсулдавла» буд.

Маҳмуд, чунонки зикр кардем, Хуросон бигирифт. Ва дар дасти Абдулмалик ибни Нӯҳ танҳо Мовароуннаҳр боқӣ монд. Абдулмалик, ҳамин ки аз Маҳмуд шикаст хӯрд ва мунҳазим гардид, рӯ ба Бухоро ниҳод ва дар он ҷо Фоиқ ва Бектузун ва соири умаро ва бузургон ҷамъ омаданд ва рӯҳияшон нерӯ ёфт. Ва шурӯъ ба гирд овардани сипоҳ карданд ва тасмим гирифтанд, ки ба Хуросон баргарданд. Иттифоқан Фоиқ даргузашт. Марги ӯ дар шаъбони ин сол (VII. 999) буд. Ҳамин ки ӯ мурд, заъф дар нуфуси онҳо ҷанг андохт ва нерӯяшон сустӣ ёфт, зеро ки Фоиқ дар миёни онон мушир ва мушор буд ва ӯ аз ахиссои бандагони Нӯҳ ибни Наср буд.

PDF Compressor Free Version

Хабари моҷарои онҳо ба Эликхон расид, бо гурӯҳе аз туркон ба Бухоро рафт ва нисбат ба Абдулмалик изҳори мавадцат ва муволоту ғайратмандӣ кард. Гумон карданд дар изҳори худ ростгӯ аст ва аз вай парҳез накарданд. Бектузун ва дигарон аз умаро ва саркардагон ба диданаш рафтанд. Чун бо ӯ иҷтимоъ намуданд, Эликхон дастур дод ҳамаи онҳоро дастгир карданд. Пас аз он рӯзи сешанбеи даҳуми зулқаъдаи ин сол (Х. 999) вориди Бухоро шуд. Абдулмалик бо қиллати адад намедонист чӣ кунад, пас махфӣ шуд. Эликхон ба дорулимора фуруд омад ва ҷосусон дар талаби Абдулмалик бигумошт, то ин ки бар ӯ даст ёфт ва ӯро зиндонӣ кард ва ҳамон ҷо ҳам даргузашт. Ва ӯ охирин подшоҳ аз дудмони Сомониён буд ва давлати ин хонадон ончунон ба дасти ӯ ба поён расид, ки гӯё аз дирӯз вуҷуд надошт, ҳамчу давлатҳои дигари пеш аз ӯ. Ва ин ибратест мардуми бино ва равшанбинро. Ҳамроҳ бо Абдумалик бародараш — Абдулҳорис Мансур ибни Нӯҳ, ки пеш аз ӯ подшоҳ буд ва бародараш — Абӯиброҳими Исмоил ва Абӯяъқуб — фарзандони Нӯҳ ва аъмомаш — Абӯзакариё ва Абӯсулаймон ва ғайри ҳам аз хонадони Сомониён зиндонӣ шуданд ва барои ҳар як хуҷраи воҳиде таъйин шуд, ки дар он зиндонӣ буданд.

Давлати Сомониён тавсиаи босазо дошт ва бисёр аз сарзаминҳо зери фармони он давлат буд, аз ҳудуди Ҳулвон то билоди Турк дар Мовароуннаҳр ва аз ҷиҳати сулук ва додгустарӣ аз беҳтарини давлатҳо башумор аст. Ва ин Абдулмалик ҳамон Абдулмалик ибни Нӯҳ ибни Мансур ибни Нӯҳ ибни Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил аст, ки ҳама подшоҳӣ карданд. Ва аз онҳо касе мазкур бад-ин насаб набуд ва Абдулмалик ибни Нӯҳ ибни Наср пеш аз бародараш — Мансур ибни Нӯҳи мазкур ба подшоҳӣ расид ва аз онҳост низ Мансур ибни Нӯҳ ибни Мансур — бародари ҳамин Абдулмалики ахир, ки мулки ӯ завол пайдо кард ва қабл аз ӯ подшоҳ буд.

PDF Compressor Free Version

## СОЛИ СЕСАДУ НАВАД (999—1000)

## БАЁНИ ХУРУҶИ ИСМОИЛ ИБНИ НӮҲ ВА МОҶАРОЕ, КИ БАР Ӯ ДАР ХУРОСОН ГУЗАШТ

Дар ин сол Абӯиброҳим Исмоил ибни Нӯҳ аз маҳбаси худ берун омад. Ӯро Эликхон пас аз тасаррӯфи Бухоро бо гурӯҳе аз бастагонаш зиндонӣ карда буд. Сабаби наҷоти ӯ ин буд, ки канизе дар зиндон меомад ва хидмати ӯ мекард. Ва аз аҳволи ӯ огоҳӣ пайдо кард, пас он чӣ он каниз пӯшида буд, ба ӯ бипӯшонд ва аз зиндонаш берун омад. Нигаҳбонон гумон карданд, ки ҳамон канизи хидматгор аст. Ҳамин ки аз зиндон берун омад, ба назди пиразане аз аҳли Бухоро пинҳон шуд. Пас аз он, ки ҷустуҷӯ барои ёфтани ӯ ором гирифт, аз Бухоро ба Хоразм рафт ва мулаққаб ба «Мунтасир» шуд. Ва дар он ҷо бақоёи саркардагон ва фармондеҳони сомонӣ гирдаш омаданд ва афроди сипоҳӣ бар ӯ ҷамъ шуд. Ва ҷамъи ӯ анбӯҳ гардид. Фармондеҳе бо сипоҳ аз асҳоби хеш ба Бухоро гусел дошт ва ӯ ба ёрони Эликхон шабехун зад ва онҳоро мунҳазим намуд ва гурӯҳе аз онҳоро кушт ва гурӯҳе аз аъёни онҳоро, монанди Ҷаъфартекин ва ғайраро, таҳти фишор қарор дод ва мунҳазиминро то ҳудуди Самарқанд рӯ ба Эликхон ниҳода дунбол кард. Дар он ҷо лашкаре ҷаррор дид, ки Эликхон онро барои ҳифзи Самарқанд барқарор дошта буд. Мунҳазимин бо он подгони ҷаррор мунзам ва афзуда шуданд. Бо сипоҳи Мунтасир талоқӣ карданд. Дар ин гирудор низ сипоҳи Эликхон мунҳазим шуд ва сипоҳи Мунтасир афроди онҳоро дунбол кард. Ва асқоли онҳоро ба ғанимат гирифтанд ва беҳбуди аҳвол пайдо карданд ва ба Бухоро бозгаштанд ва мардуми Бухоро аз бозгашти Сомониён ибрози хурсандӣ намуданд.

Аз он сӯй Эликхон турконро гирд овард ва қасди Бухоро кард ва ҳар кас, ки аз ҳавохоҳони Сомониён буд, ба худ пайваст ва аз наҳр то Омулшат убур кард. Мунтасир ва ёронаш дар тангно афтоданд ва рӯ ба Абеворд ниҳода, он ҷоро мутасаррифи шуданд ва молиёти он ҷо гирифтанд ва рӯ

PDF Compressor Free Version


ба Нишобур ниҳоданд. Дар Нишобур Мансур ибни Сабуктекин ба намояндагии бародараш — Маҳмуд ҳукумат дошт. Дар рабеъулохир (III. 1000) наздик ба Нишобур фариқайн бо ҳам талоқӣ ва ҷанг карданд. Мансур ва ёронаш мунҳазим шуда ва қасди Ҳирот карданд. Мунтасир Нишобурро мутасарриф шуд. Ва ҷамъи ӯ афзун гардид.

Хабар ба Яминуддавла расид, баштоб рӯй ба Нишобур ниҳод. Ҳамин ки ба ҳудуди он наздик шуд, Мунтасир аз Нишобур ба Исфароин рафт. Ҳамин ки таъқиби ӯ нороҳаташ кард, назди Шамсулмаъолӣ Кобус ибни Вушмгир рафт ва паноҳанда ба ӯ шуд ва иттико ба ҳасбу насаби ӯ кард. Шамсулмаъолӣ мақдамаш гиромӣ дошт ва бисёр чизҳо аз халоё ба ӯ тақдим дошт. Ва ба Мунтасир машварат дод, ки ба Рай биравад, чӣ дар он ҷо касе, ки аз вай дифоъ кунад, нест. Ва иллати он ихтилофи ҳамроҳон ва ёрони Мунтасир миёни худашон буд. Ва Шамсулмаъолӣ ба Мунтасир ваъда кард чун ба Рай биравад, бо сипоҳе ҷаррор бо фарзандонаш ба ӯ ёрӣ хоҳад кард. Машварати Шамсулмаъолиро пазируфт ва рӯ ба Рай рафт. Ва дар он ҷо фуруд омад. Аҳолии Рай дар муқовамат дар баробари ӯ заиф буданд. Бо ин ҳама шаҳрро ҳифз карданд. Ва дар аъёни сипоҳи ӯ ҳаммонанди Абулқосими Симҷӯр ва ғайриҳи бинопо ба дасисакорӣ гузоштанд ва ба онҳо пулҳое ва амволе доданд, ки Мунтасирро аз он ҷо дур кунанд. Ва ин корро карданд ва кори Райро ба чашми ӯ кӯчак вонамуд сохтанд ва хубии кор дар он донистанд, ки ба Хуросон бозгарданд. Пас рӯ ба Домғон рафтанд ва сипоҳи Қобус аз вай ҷудо шуда баргаштанд.

Дар охири шаввоми соли сесаду навадуяк (VIII. 1001) Мунтасир ба Нишобур расид ва амвол аз он ҷо вусул кард. Яминуддавла сипоҳе бад-он савб гусел дошт ва ба Мунтасир рӯ ба рӯ шуда ва вай аз сипоҳи Яминуддавла мунҳазим гардид ва ба Абевард рафт ва қасди Гургон намуд. Шамсулмаъолӣ ӯро аз он ҷо рад кард. Қасди Сарахс намуд ва амвол вусул кард ва дар Сарахс сукунат варзид. Мансур ибни Сабуктекин аз Нишобур ба муқобалаи ӯ рафт ва дар беруни шаҳри Сарахс бо ҳам талоқӣ карданд ва ҷангиданд. Мун-

PDF Compressor Free Version


тасир ва ёронаш мунҳазим шуданд ва Абулқосим Алӣ ибни Муҳаммад ибни Симҷӯр ва гурӯҳе аз аъёни сипоҳи ӯ асир ва назди Мансур бурда шуданд. Вай онҳоро ба Ғазна фиристод. Ин воқеъа дар рабеъулаввали соли сесаду наваду ду (I. 1002) рӯй дод.

Мунтасир дучори дарбадарӣ ва саргардонӣ шуд, то дар ин ҳолат ба туркони ғуз расид. Онҳоро нисбат ба хонадони Сомониён майлу алоқа буд. Ҳамияти онҳоро ба ҷунбиш даровард ва бо ӯ ҷамъ омаданд ва рӯй ба Эликхон ниҳоданд. Ин амр дар шавволи соли сесаду наваду се (VIII. 1003) рух дод. Эликхон дар навоҳии Самарқанд бо онҳо талоқӣ кард ва ҷангиданд. Ва туркони ғуз ӯро мунҳазим сохта ва бар амвол ва сарзаминҳояш муставлӣ ва гурӯҳе аз саркардагонашро ба асорат гирифта ба автони худ баргаштанд. Дар бозгашт ба сарзаминҳои хеш иҷтимоъ бар ин карданд, ки асиронро ба хотири тақарруб ба Эликхон озод кунанд. Мунтасир аз тасмими онҳо огоҳ шуд. Гурӯҳе аз ёрони худро, ки бо онҳо итминон дошт, баргузид ва ба иттифоқи онҳо аз наҳр гузашта ва ба Омулшат фуруд омад. Маҳалле ва маконе ӯро намепазируфт. Ба ҳар нуқтае, ки қасди он ҷо кард, мардумаш аз тарси зиштҷориҳо ва сӯи рафтораш ӯро роҳ намедоданд. Баргашта аз наҳр гузашт, рӯ ба Бухоро. Волии Эликхонро, ки дар он ҷо буд, талаб кард. Вай бо ӯ рӯ ба рӯ шуд ва ҷангиданд. Мунтасир ба Дабусия мунҳазим гардид. Дар он ҷо сипоҳе гирд овард ва ба Бухоро баргашт ва онҳоро мунҳазим кард. Мардуми бисёре аз ҷавонони Самарқанд берун шуданд ва дар ҷумлаи ҳамроҳонаш қарор гирифтанд ва аҳолии шаҳр молу асбобу олоту ҷомаҳову давоб ва ғайру золика барои ӯ ҳамл карда бурданд.

Ҳамин ки Эликхон огоҳ аз он рӯйдод гардид, турконро гирд овард ва ба суръати бод ва барқ рӯ ба Самарқанд гузошт. Ва дар навоҳии Самарқанд бо ҳам талоқӣ карданд. Ва ҷанг миёнашон шиддат пайдо кард ва Эликхон мунҳазим гардид. Ин воқеъа дар шаъбони сесаду наваду чаҳор (V. 1004) рух дод ва амвол ва давоби ӯро ба ғанимат гирифтанд. Эликхон ба Туркистон бозгашт ва сипоҳе гирд оварда ва рӯй ба Мунтасир ниҳод. Ҷамъи анбӯҳи Эликхон

PDF Compressor Free Version

юришкунон дар навоҳии Ушрусана бо Мунтасир пайкор карданд ва ӯро мунҳазим намуда ва туркон бисёре аз ҳамроҳони ӯро куштанд.

Мунтасир ба ҳоли ҳазимат аз наҳр убур карда ба Ҷузҷон рафт ва он ҷоро мавриди наҳбу ғорат қарор дод. Амволи он ҷоро гирифта ва ба қасди Марв ҳаракат кард. Яминуддавла сипоҳиён ба сӯйи ӯ гусел дошт. Мунтасир маҳалли худро тарк карда ва сипоҳиёни Маҳмуд дар пайи ӯ буд, то ин ки ба Бастом расид. Дар ин ҷо Қобус сипоҳе ба сӯйи ӯ гусел дошт ва ӯ дар тангие қарор гирифт ва ҳамин ки роҳҳо дар ӯ тангӣ ёфт, ба Мовароуннаҳр баргашт. Ҳамроҳонаш аз он ҷо убур карда ва дигар аз хастагӣ ва бехобӣ ва тарс пороҳату мутанаффир шуда буданд. Ва бисёре аз онҳо ӯро тарк карданд ва баъзе аз онҳо ба ёрони Элакхон пайваста, ононро огоҳ аз маҳаллу макони ӯ намуданд. Мунтасир вақте ба худ омад, ки аз ҳама ҷониб саворони турк ӯро иҳота карда буданд, соате бо онон ба ҷангу ситез пардохт ва сипас фирор кард. Ва дар маҳалли кӯчи аъроб фуруд омад, ки дар итоати Яминуддавла буданд. Яминуддавла ба онҳо суфориш карда буд, ки ӯро биёбанд. Ҳамин ки ӯро диданд, он қадар мӯҳлаташ доданд, то сиёҳии шаб ҳама ҷоро фаро гирифт. Онгоҳ рӯи ӯ рехта, дастгираш намуда, сипас ӯро куштанд. Ва ин поёни кори ӯ буд. Ва ин ки ҳам ин рӯйдодро дар вақоеъи ин сол овардем, ба манзури таволӣ ва паёпай будани он буд, чи он ки ҳар гоҳ парokанда дар рӯйдоди солҳо баён мешуд, бад-ин сурат ба сабаби қиллату кӯтоҳии он ба дурустӣ донista намешуд.

PDF Compressor Free Version

ИБНИ ХАЛДУН

# Китоб-ул-ибар. Мукаддима

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Ҷомеашинос, мутафаккир ва муаррихи бузурги олами ислом Абӯзайд Абдурраҳмон ибни Муҳаммад, маъруф ба Ибни Халдун 27 майи соли 1332 дар Тунис по ба арсаи ҳастӣ гузоштааст. Ӯ аз хонадони машҳури Банӣ Халдун бархостааст, ки намояндагони он дар ҳаёти сиёсиву фарҳангии он даврон нақши чашмгир доштанд. Ибни Халдун дар овони ҷавонӣ муқаддамоти улуми суннатӣ, сарфу наҳв, ҳадис ва фиқҳи моликиро фаро гирифт ва баъдан дар байни солҳои 1349—1375 дар дарбори ҳокимони Африқои шимолӣ ва Испаниё ба мансабҳои мухталиф соҳиб гардид. Сипас ӯ аз фаъолияти сиёсӣ дурӣ ҷуст ва ба кори таҳқиқу таълиф рӯй овард. Соли 1378 Ибни Халдун ба манзури такмил ва тасҳеҳи асари бузурги худ — «Китоб-ул-ибар» ба Тунис баргашт, вале фитнаҳои сиёсӣ ӯро ба он водошт, ки соли 1382 ба Миср фирор кунад. Дар Қоҳира ӯ ба тадрис дар мадрасаи Қамҳия пардохт ва дар айни замон мансаби қозии моликиёни Мисрро бар ӯҳда дошт. Ибни Халдун то охири умр дар он ҷо бимонд ва дар таърихи 17 марти соли 1406 аз олам гузашт.

Ибни Халдун осори мутааддиде дар риштаҳои мантиқ, фиқҳ, адаб ва таърих таълиф кардааст, вале шӯҳрати оламгираш ғолибан мадюни «Китоб-ул-ибар»-и ӯст.

«Китоб-ул-ибар ва девон-ул-мубтадо ва-л-хабар фи айём-ил-араб ва-л-аҷам ва-л-барбар ва ман осараҳум мин зави-с-султон-ил-акбар» рисолаи гаронқадр ва бузургҳаҷми Ибни Халдун аст, ки аз се қисмат иборат аст. Қисмати аввал бо номи «Муқаддима» шӯҳрат ёфтааст. Қисмати дуввум таърихи арабҳо ва бархе аз миллатҳову давлатҳои дигарро дар бар мегирад. Қисмати саввум ба таърихи барбарҳо ва кишварҳои Африқои Шимолӣ ихтисос дорад. Қисматҳои дуввуму саввум якҷоя бо унвони «Таърихи Ибни Халдун» иштиҳор доранд.

PDF Compressor Free Version

«Муқаддима», ҳарчанд ки қисмати аввали «Китоб-ул-ибар» аст, чун рисолаи мустақил шӯҳрат ёфта ва мояи маъруфияти беназири Ибни Халдун гардидааст. Рисолаи мазкур, ки мавзӯъаш ба таъбири худи муаллиф «умрони башарӣ ва иҷтимоъи инсонӣ» аст, андешаву ақоиди Ибни Халдунро доир ба пайдоишу инкишофи ҷамъияти инсонӣ ва моҳияти он, сабабҳои пайдоиш ва инқирози давлатҳо, эҳтиёҷи иҷтимоъ ба ҳукумат ва масоили мухталифи марбут ба «илми умрон»-ро дар бар мегирад. Бино бар ақидаи Ибни Халдун, ҷамъияти инсонӣ дар инкишофи худ се марҳала — ваҳшоният, бодиянишинӣ ва шаҳрнишиниро тай мекунад ва ҳар яке аз ин марҳалаҳо бо тарзу воситаҳои таъмини маъошу зиндагӣ аз ҳам тафовут доранд.

Муаллифи «Муқаддима» ҳини баррасии матолиби марбут ба «умрони шаҳрнишинӣ» ва пайдоишу инқирози давлатҳо ба давлати Сомониён ба ҳайси яке аз давлатҳои абарқудрати олами ислом дар қурунии вусто тамассул намудааст.

«Муқаддима» ба забонҳои мухталиф, аз ҷумла русӣ ва форсӣ тарҷума шудааст.

PDF Compressor Free Version


## ДАР ТАҶЗИЯ ЁФТАНИ ЯК ДАВЛАТ БА ДУ ДАВЛАТ

Бояд донист, ки нахустин осоре, ки аз фарсудагӣ ва пирии давлат падид меояд, тақсим ва таҷзияи он аст, зеро подшоҳӣ ҳангоме ки ба марҳалаи азамат ва вусъат мерасад вӣ ба охирин сарҳади нозу неъмат ва одату кайфиёти таҷаммулхоҳӣ ноил меояд, худойгони он ба худкомагӣ ва ягонасолорӣ мегарояд. Он вақт ӯ аз иштироки дигарон дар амри фармонравоии худ сар боз мезанад ва то ҳадди имкон ба решакан сохтани мӯҷиботи он ҳиммат мегуморад, чунонки ба ҳар як аз хешовандони худ шак барад, ки ӯ номзади мансаби подшоҳӣ аст, вайро аз миён бармедорад. Ва чӣ басо, ки ширкатҷӯяндагони вай дар ин бора худ бадгумон мешаванд ва аз бим ба сӯи навоҳии дур ва марзҳо раҳсипор мегарданд. Ва касоне, ки монанди онон мавриди бадгумонӣ ва дар маърази хатар мебошанд, дар гирдашон фароҳам меоянд. Ва дар ин ҳангом доираи марзҳои давлат рафта-рафта тангтар мешавад ва нуфузи давлати марказӣ аз навоҳии дур рахт бармебандад. Аз ин рӯ, ин гуна касон, ки ба марзҳо ва навоҳии дур мераванд, ба сабаби қаробат дар он ноҳия дирафши истиқлолталабӣ ва худкомагиро ба эҳтизоз дармеоваранд ва ба иллати танг шудани ва маҳдудияти доираи марзҳои давлат кори ин гуна истиқлолталабон боло мегирад. Дар натиҷа давлат таҷзия мешавад ё дар маърази он қарор мегирад.

Дар ин бора метавон давлати исломии арабиро мавриди баррасӣ қарор дод... Ҳамин ки фармонравоии Умавиён ба сар омад ва Аббосиён дар фармонравоӣ истиқлол ёфтанд ва он ҳангоме буд, ки давлати арабӣ ба мунтаҳо дараҷаи ғалаба ва истило ва тавонгарӣ ва нозу неъмат расида буд ва ҳамин марҳала аз костани нуфузи ӯ дар марзҳо ва навоҳии дур ҳикоят мекард. Дар чунин шароите Абдурраҳмон

ад-Дохил ба Андалус — яке аз навоҳии дурдасти давлати исломӣ раҳсипор шуд (1) ва дар он сарзамин салтанате бунён ниҳод ва онро аз давлати Аббосиён ҷудо кард ва давлати бузурги исломӣ ба ду давлат таҷзия шуд.

...Ҳамчунин давлати Банӣ Аббос ба чандин давлати дигар таҷзия шуд, чунонки дар Ҷазира ва Мавсил хонадони Ҳамдон (2) ва пас аз онон Банӣ Уқайл ва дар Миср ва Шом Банӣ Тулун (3) ва дар навоҳии дурдасти Мовароуннаҳр ва Хуросон Сомониён фармонравоӣ ёфтанд.

...Ва бояд ин ҳақиқатро дар вазъи давлати исломӣ дар назар гирифт, ки чӣ гуна доираи марзҳои он аз роҳи футуҳот ва ҳоҷаткушоиҳо ва ғалаба бар миллатҳои гуногун тавсиа ёфт. Он гоҳ ба сабаби ноил омадан ба неъматҳо ва арзоқи фаровон нирӯи нигаҳбонӣ ва лашкарии онон фузунӣ ёфт, то он ки фармонравоии Умавиён мунқариз гардид ва хонадони Аббосиён ба фармонравоӣ расиданд.

Сипас нозу неъмат ва таҷаммул рӯ ба фузунӣ рафт ва ба марҳалаи ҳазорат ва шаҳрнишинӣ расиданд ва харобиву фасод ба ҳукумати онон роҳ ёфт ва дар натиҷаи ташкили давлати Умавиёни Марвонӣ ва Алавиён дар Андалус ва Мағриб доираи марзҳои он давлат аз ду ноҳия мазбур танг шуд ва он ду марзро аз кишвари исломии Аббосиён таҷзия карданд. Ва ин вазъ ҳамчунон идома дошт, то он ки миёни хонадони Рашид (Ҳорунаррашид) ситез ва ихтилоф рӯй дод ва доиён ва мубаллиғони Алавиён дар ҳар сӯй падид омаданд ва ба ташкил додани давлатҳое ноил шуданд. Сипас Мутаваккил кушта шуд ва умарои дастгоҳи Хилофат куси истиқлолталабӣ заданд ва хулафоро маҳҷур карданд... Чун навбати хилофат ба Муъътазид расид, қавонинро тағйир дод ва қонуни дигаре барои тадбири умур ва сиёсати кишвар вазъ кард ва дар он қонун муқаррар дошт, ки фармонравоёни (саркаши) навоҳӣ ва марзҳо авоиди марзу буми ро, ки дар тасарруфи хеш доранд, сарфи умури кишварӣ ва лашкарии ҳамон ноҳия кунанд ва ба иборати дигар сарзамини ҳар фармонравоеро туюли ӯ қарор дод, чунонки Сомониён — Мовароуннаҳр ва Тоҳириён — Ироқу Хуросон ва Саффориён — Синду Форс ва хонадони Тулун — кишвари Миср

PDF Compressor Free Version


ва Банӣ Аглаб — Ифриқияро туюли хеш сохта буданд (14). То он ки саранҷом кори фармонравоии тозиён ба парокандагӣ ва ташаттут гароид ва ақвоми ғайри араб бар авзоъ тасаллут ёфтанд ва хонадони Бӯя ва Дайламиён кӯси истиқлол заданд ва аз давлати исломӣ ҷудо шуданд ва хулафоро тахти қаймумият қарор доданд (5). Ва Сомониён дар Мовароуннаҳр ҳамчунон дар вазъи мустақиле, ки доштанд, боқӣ монданд ва Фотимиён аз Мағриб ба сӯи Миср ва Шом гохтанд (6) ва он ки кишварҳоро мутасарриф шуданд...

## ДАР ЙН, КИ ЧӢ ГУНА ДАВЛАТҲОИ ТОЗА ТАШКИЛ МЕЁБАНД

Бояд донист, ки вақте давлатҳои куҳани истиқрорёфта ба марҳалаи инҳитот ва бӯҳрон мерасанд ва рӯ ба измеҳлол мераванд, давлатҳои пас аз онҳо мумкин аст ба ду гуна ташкил ёбанд: нахуст он, ки фармонравоёни вилоят ва остонҳо дар навоҳии дурдаст ва марзҳо ҳангоме ки мебинанд аз нуфузи давлат коста шуда ва сояи қудрати он аз сарзамини онон барафтодааст, ҳар як ба ташкили давлати навине даст меёзанд ва бар мардуми он сарзамин тасаллут меёбанд...

...Ин вазъ дар давлати Банӣ Аббос рӯй дод ва ҳангоме, ки давлати онон ба марҳалаи фартутӣ расид ва сояи қудрат ва нуфузи он аз навоҳии дурдаст кӯтоҳ шуд, Сомониён дар Мовароуннаҳр... фармонравоиро ба худ ихтисос доданд.

PDF Compressor Free Version

ИБНИ ХАЛДУН

# Китоб-ул-ибар. Таърих

PDF Compressor Free Version

# Дебоча

Қисматҳои дуввум ва саввуми «Китоб-ул-ибар»-и Ибни Халдун шомили таърихи қавмҳои мухталиф буда, дар шакли таърихи умумиҷаҳонӣ ва ба тариқи солнома таълиф шудааст. Қисматҳои мазкури «Китоб-ул-ибар» дар баробари қисмати аввал — «Муқаддима», ки ба ҳайси рисолаи мустақил шинохта шудааст, аксаран чун таърихномае мустақил талаққӣ мешавад ва ба номи «Таърихи Ибни Халдун» маъруф аст.

Қисмати «Таърих»-и «Китоб-ул-ибар»-ро бахши «Муқаддима» бо аҳамият ва азамати худ тахтушшуъо қарор додааст. Бо вуҷуди ин, «Таърих»-и Ибни Халдун бо тартиби болеъи матолиб, тафсили ахбор ва зикри ҷузъиёт бар бисёр таърихномаҳо имтиёз дорад ва аз ин лиҳоз марҷаъи солеҳ дар маърифати таърихи ақвоми мухталиф маҳсуб мешавад. Аҳли таҳқиқ бахши марбут ба таърихи Мағрибро ба он далел, ки Ибни Халдун худ аз ин сарзамин бархоста ва доир ба он иттилоъе бештар ва дақиқтар дар даст доштааст, нисбат ба дигар бахшҳои таърихии «Китоб-ул-ибар» муҳимтар донистаанд.

Ибни Халдун дар қисмати таърихии асараш аз баёни хурофот ва газофҳо иҷтиноб варзида, кӯшидааст, ки ахбори саҳеҳ ва мӯътамадро ба қайд оварад. Ӯ дар мавриде, ки чунин ахборро пайдо накарда ва бо иттилооти машкук мувоҷеҳ шудааст, изҳори орзу намудааст, ки агар умр вафо кунад, ин навъ ахборро таҳқиқу бознависӣ хоҳад кард. Ин орзуи Ибни Халдун то андозае амалӣ гаштааст, зеро пас аз таҳрири нахустин асар дар соли 1377 муаллиф дар тӯли 29 соли умри хеш ба тасҳеҳу такмили он пайваста иштиғол варзидааст. Ибни Халдун иттилооти хешро доир ба сарзаминҳои шарқии олами ислом ва ақвоми маскун дар он кофӣ намедонист, вале пас аз сафари Машриқ дар такмили «Таърих»-и худ саъю кӯшиши фаровон ба харҷ дод ва таърих-

PDF Compressor Free Version

[illegible] мавҷуд ва густарда [illegible] кард. Бино бар ин, [illegible] [illegible] ки аз муаррихони дар бораи он, ки асари Ибни Халдун [illegible] [illegible] [illegible] ва [illegible] [illegible] Халифат [illegible] [illegible] [illegible] аст. [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] [illegible]. Ба [illegible] [illegible] [illegible] [illegible] ба [illegible] [illegible] ба [illegible] Сомониён [illegible] [illegible], ки аз [illegible] [illegible] [illegible] буд, [illegible] [illegible] [illegible] аст, ки дар [illegible] [illegible] [illegible] аз он [illegible].

Қисмати «Таърих»-и Ибни Халдун [illegible] ба «Муқаддима» дар [illegible] [illegible] ба [illegible] [illegible] «Китоб-ул-ибар» бори аввал дар Булоқ соли 1867 ба чоп расида буд. Дар тӯли [illegible] [illegible] китоб дар забонҳои [illegible] [illegible] [illegible] ва ба [illegible] [illegible] [illegible] ва [illegible] тарҷума гардид.

PDF Compressor Free Version


## ХАБАР АЗ ОЛИ СОМОН — ПОДШОҲОНИ МОВАРОУННАҲР

Асли Оли Сомон аз Эрон буд. Ҷаддашон — Асад ибни Сомон аз мардум ва хонадонҳои Хуросон буд. Дар миёни эрониён насаб ба Баҳроми Чӯбин — писари Баҳроми Ҷушнас мерасонанд (1), ки Баҳроми Ҷушнасро Анӯшервон марзбони Озарбойҷон намуд ва Баҳроми Чӯбин аз мардуми Рай буд. Насаби Асад чунин аст: Асад ибни Сомонхудот ибни Ҷасмон ибни Тағмос ибни Нӯшард ибни Баҳроми Чӯбин ибни Баҳроми Ҷушнас. Ва моро ба забти ин номҳо эътимоде нест.

Асадро чаҳор писар буд: Нӯҳ, Аҳмад, Яҳьё ва Илёс. Асли давлати инон дар Мовароуннаҳр буд. Чун Маъмун ба ҳукумати Хуросон расид, ки писаронро бар кашид ва чун аз хонадоне бузург буданд ва соҳиби насабе шариф, Маъмун ин ҳақ ба ҷой оварл ва ононро бар вилоёт аморат дод.

Бад-он ҳангом, ки Маъмун аз Хуросон ба Бағдод бозгардид, Ғассон ибни Аббод аморати Хуросон ёфт. Ӯ аз хешовандони Ҳасан ибни Саҳл буд. Ғассон дар соли 204 (819—820) Нӯҳ ибни Асадро ҳукумати Самарқанд дод ва Аҳмад ибни Асадро ҳукумати Фарғона ва Яҳё ибни Асадро ҳукумати Чоч ва Ушрусана ва Илёс ибни Асадро ҳукумати Ҳирот.

Ҳангоме ки Тоҳир ибни Ҳусайн фармонравоии Хуросон ёфт, ононро дар мақомҳое, ки доштанд, ибқо кард. Он гоҳ Нӯҳ ибни Асад бимурд ва Тоҳир ибни Абдуллоҳ ибни Тоҳир қаламрави ӯро ба ду бародараш — Яҳё ва Аҳмад дод. Ва чун Илёс аз дунё рафт, Абдуллоҳ ибни Тоҳир писараш — Абӯисҳоқ Муҳаммад ибни Илёсро бар қаламрави ӯ аморат дод. Ва Аҳмадро ҳафт писар буд: Наср, Абӯюсуфи Яъқуб, Абӯзакариёи Яҳё, Абулашъаси Асад, Исмоил, Исҳоқ,

PDF Compressor Free Version


Абӯғоними Ҳамид. Чун Аҳмад ибни Асад бимурд, Самарқанд аз аъмоли ӯ буд, ки онро дар соли 261 (874—875) ба писари худ — Наср вогузошт. Наср дар айёми ҳукумати Оли Тоҳир ва баъд аз он дар он диёр буд ва ӯ ҳамчунон то поёни давлати хонадони Тоҳирӣ ва истилои Саффор бар Хуросон дар он кор бибуд.

## АМОРАТИ НАСР ИБНИ АҲМАД БАР МОВАРОУННАҲР

Чун Саффор бар Хуросон даст ёфт ва ҳукумати Оли Тоҳир мунқариз гардид, ал-Мӯътамид Алаллоҳ — халифаи Аббосӣ маншури амороти Мовароуннаҳрро ба номи Наср ибни Аҳмад содир намуд. Наср ибни Аҳмад чун маншури халифа ёфт, сипоҳи худро ба канори Ҷайҳун бурд, то аз убури Яъқуб ибни Лайс мамоният кунад. Лашкариёни ӯ сардори сипоҳи Яъқубро куштанд ва ба Бухоро бозгардиданд. Волии Бухоро бар ҷони худ битарсид ва шаҳрро раҳо карда бирафт. Мардуми Бухоро чанд танро яке пас аз дигаре бар худ амир карданд ва азл намуданд, то он гоҳ ки Наср ибни Аҳмад бародари худ — Исмоил ибни Аҳмадро ба соҳили шатти Ҷайҳун фиристод. Исмоил бародари худ — Насрро гиромӣ медошт ва дар хидмати ӯ ба сар мебурд. Он гоҳ Абӯисҳоқ ибни Алптегин амороти Хуросон ёфт. Рофеъ ибни Ҳарсама аз сӯи Оли Тоҳир бар Хуросон даст ёфт ва Саффорро аз он ҷо биронд. Пас Исмоил бо Рофеъ ибни Ҳарсама боби мукотабат бигушуд ва аз ӯ хост, ки аъмоли Хоразмро бад-ӯ диҳад. Рофеъ низ чунин кард ва ин амр сабаб шуд, ки миёни Исмоил ва бародараш — Наср ихтилоф падидояд. Наср ибни Аҳмад дар соли 272 (885—886) лашкар ба ҷанги ӯ овард. Исмоил сардори худ — Ҳамуя ибни Алиро назди Рофеъ ибни Ҳарсама фиристод ва аз ӯ ёрӣ талабид. Вале Ҳамуя худ бирафт ва миёни он ду бародар оштӣ афканд ва ба Хуросон бозгашт. Пас аз чанде боз оташи фитна миёни он ду афрӯхта гардид ва дар соли 275 (888—889) бори дигар масоф(ф) доданд. Дар ин масоф(ф) Исмоил бар Наср пирӯз шуд. Чун Насрро оварданд, Исмоил аз асп фуруд омад ва бар дасташ бӯса дод ва ӯро ба мустақарри

PDF Compressor Free Version


давлати худ — Самарқанд бозгардонид ва худ ба ниёбати ў дар Бухоро бимонд. Исмоил марде некўкор буд ва аҳли илм ва динро гиромӣ медошт.

## ВАФОТИ НАСР ИБНИ АҲМАД ВА ҲУКУМАТИ БАРОДАРАШ ИСМОИЛ ДАР МОВАРОУННАҲР

Дар соли 279 (892—893) Наср ибни Аҳмад вафот кард (2) ва бародараш — Исмоил бар Мовароуннаҳр даст ёфт ва ба ҷои ў нишаст. Ал-Муътазид Биллоҳ халифа низ маншури амораташ дод. Сипас ўро ба соли 287 (900) ҳукумати Хуросон арзонӣ дошт. Сабаб он буд, ки Амр ибни Лайсро Муътазид амораги Хуросон дода буд ва ўро ба ҷанги Рофеъ ибни Ҳарсама барангехта буд. Амр бирафт ва Рофеъ ибни Ҳарсамаро бикушт ва сарашро назди Муътазид фиристод ва дар иваз амораги Мовароуннаҳрро аз ў хост. Муътазид Биллоҳ низ дархости ў бипазируфт. Амр сипоҳе ба сардории Муҳаммад ибни Башир, ки аз хавоси ў буд, ба ҷанги Исмоил ибни Аҳмад фиристод. Сипоҳ то каронаи Ҷайҳун пеш рафт. Исмоил лашкар аз Ҷайҳун бигзаронид ва душманро дар ҳам шикаст ва Муҳаммад ибни Баширро низ ба қатл овард. Ва ба Бухоро бозгардид. Амр ибни Лайс аз Нишобур ба Балх ронд, бад-он қасд, ки аз Ҷайҳун бигзарад ва ба Мовароуннаҳр равад. Исмоил назди ў кас фиристод, ки ин ҷаҳон паҳновар аст ва қаламрави ту бисёр. Ин сагрро ба ман вогузор. Вале Амр напазируфт ва ба ҷид(д) даристод. Исмоил аз об бигузашт ва ўро дар муҳосара гирифт. Амр дар баландӣ буд. Чун дида кушод, худро дар муҳосараи Исмоил ёфт. Амр хост, ки ду лашкар бе ҳеҷ ҷанге аз якдигар ҷудо шаванд, вале Исмоил напазируфт. Пас ҷанг дарпайваст ва Амрро шикаст дод ва баъзе аз сипоҳиёни ўро асир кард ва ба Самарқанд фиристод. Муътазид Биллоҳ аз ў хост, ки Амрро ба Бағдод фиристад. Исмоил низ Амрро ба Бағдод фиристод. Амр дар соли 288 (900—901) ба

PDF Compressor Free Version

Бағдод расид дар ҳоле ки бар уштуре савораш карда буданд. Халифа фармон дод ба зиндонаш баранд. Халифа Мўътазид Биллоҳ фармони ҳукумати Хуросонро барои Исмоили Сомонӣ фиристод ва ў бар саросари Хуросон муставлӣ шуд ва ҳамаи он билод дар қабзаи қудрати ў қарор гирифт.

Чун Амр кушта шуд, Муҳаммад ибни Зайди Алавӣ — соҳиби Табаристон ва Дайлам тамаъ дар мулки Хуросон баст ва лашкар ба он диёр овард. Муҳаммад ибни Зайд мепиндошт, ки Исмоил ибни Аҳмад қасди ў намекунад ва аз сарзамини худ пой берун намениҳад. Муҳаммад ибни Зайд, ки ба Ҷурҷон расид, номаи Мўътазид Биллоҳ ба Исмоил омад ва ўро имора́ти Хуросон дод. Исмоил низ ба Муҳамад ибни Зайд нома навишт ва ўро аз таҷовуз ба Хуросон манъ фармуд, вале Алавӣ напазируфт ва лашкар пеш овард. Исмоил Муҳаммад ибни Ҳорунро, ки аз сардорони Рофеъ ибни Ҳарсама буд ва пас аз шикаст ва кушта шудани Рофеъ бад ў пайваста буд, ба ҷанги Алавӣ фиристод. Муҳамад ибни Ҳорун бо лашкаре бирафт ва бо Муҳаммад ибни Зайд дар Ҷурҷон рў ба рў шуд. Дар ин набард Муҳаммад ибни Зайд шикаст хўрд ва Муҳаммад ибни Ҳорун лашкаргоҳи ўро ба ғанимат гирифт. Муҳаммад ибни Зайд ҷароҳоти сахт бардошт ва пас аз чанд рўз ҳалок гардид. Писараш — Зайд ибни Муҳаммад ибни Зайд низ асир шуд. Исмоил ўро дар Бухоро нигаҳ дошт ва барояш аҷре ва ротиба таъйин кард. Муҳаммад ибни Ҳорун ба Табаристон рафт ва он ҷоро дар тасарруф овард ва ба номи Исмоил ибни Аҳмад хутба хонд ва аз сўи Исмоил ба имора́ти он диёр мансуб гардид.

## ИСТИЛОИ ИСМОИЛ ИБНИ АҲМАД БАР РАЙ

Муҳаммад ибни Ҳорун дар Табаристон исён кард ва сар аз тоати Исмоил бартофт. Волии Рай аз ҷониби Муктафӣ

PDF Compressor Free Version

Биллоҳ — Агритмиши турк буд, ки марде бадсират буд. Мардуми Рай Муҳаммад ибни Ҳорунро аз Табаристон даъват карданд. Муҳаммад ибни Ҳорун бирафт ва бо Агритмиш ҷангид ва ӯ ва ду писаращро бикушт, ҳамчунин Киғлуғ, ки аз сардорони Муктафӣ Биллоҳ буд, ва бар Рай муставлӣ шуд. Халифа маншури ҳукумати Рай ба номи Исмоил ибни Аҳмад равон дошт. Исмоил лашкар ба Рай овард. Муҳаммад ибни Ҳорун аз Рай роҳи Қазвин ва Занҷон гардид, сипас ба Табаристон бозгардид. Исмоил Бораси Кабирро бар ҳукумати Ҷурҷон гумошт ва ӯро ба эҳзори Муҳаммад ибни Ҳорун фармон дод. Борас ба ӯ нома навишт ва замонат кард, ки миёни ӯ ва Исмоилро ислоҳ кунад. Муҳаммад ибни Ҳорун бипазируфт ва аз Ҷастони Дайламӣ муншариф гардид ва дар моҳи шаъбони соли 290 (VI. 903) ба Бухоро рафт. Дар роҳ, ки мерафт, ӯро бигрифтанд ва дар банд кашиданд ва ӯро бад-ин ҳолат ба Бухоро burданд ва ба зиндон карданд. Вай пас аз ду моҳ бимурд.

## ВАФОТИ ИСМОИЛ ИБНИ АҲМАД ВА АМОРАТИ ПИСАРАШ — АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ

Исмоил ибни Аҳмад — соҳиби Хуросон ва Мовароуннаҳр дар нимаи соли 295 (III. 908) аз дунё бирафт. (3). Пас аз маргаш ӯро «амири мозӣ» мехонданд. Пас аз ӯ писараш — Абӯнаср Аҳмад ибни Исмоил ба ҷояш нишаст. Муктафӣ Биллоҳ низ фармони ҳукумат ба номи ӯ фиристод ва ба дасти худ ливо баст.

Исмоил амире одил ва нексират ва бурдбор буд. Дар айёми ӯ ба соли 291 (903—904) ҷамоати бешуморе аз туркон вориди Мовароуннаҳр шуданд. Гӯянд, ки ҳафтсад чодар аз они руасояшон буд. Исмоил мардумро барои рондаашон басиҷ кард ва аз сипоҳиён ва мутатаввиа халқи касире берун омаданд. Инон ба якбора бар туркон заданд ва бисёреро куштанд ва боқӣ роҳи гурез пеш гирифтанд. Лаш-

PDF Compressor Free Version

каргоҳашон низ ба горат рафт. Чун Исмоил бимурд, писараш — Абӯнасри Аҳмад ба ҷои ӯ нишаст. Чун кораш дар Бухоро устувор шуд, фиристод, то амми худ — Исҳоқ ибни Аҳмадро, ки дар Самарқанд буд, гирифтанд ва ба зиндон кард. Сипас аз Ҷайҳун бигузашт ва ба Хуросон омад ва дар Нишопур фуруд омад. Бораси Кабир — ғуломи падараш омили Ҷурҷон буд. Падараш Борасро пас аз азли ӯ аз Ҷурҷон ба он ҷо фиристода буд ва ин Борас аз амволи Рай ва Табаристон ҳаштод бор барои Исмоил ибни Аҳмад равона дошта буд. Чун хабари вафоти ӯро шунида, он амвол аз роҳ бозгардонида буд. Абӯнаср Аҳмад ибни Исмоилро низ ҳавои он амвол дар сар буд. Чун Абӯнаср Аҳмад ибни Исмоил ба Нишопур фуруд омад, Борас битарсид ва ба Муктафӣ нома навишт ва иҷозат хост, ки ба назди ӯ равад. Муктафӣ иҷозат дод ва Борас бо чаҳор ҳазор сипоҳӣ берун омад ва равонаи Бағдод шуд. Аҳмад ибни Исмоил аз пайи ӯ биронд, вале бар ӯ даст наёфт. Борас бо он амвол ба Бағдод расид. Акнун Муктафӣ мурда буд ва Муқтадир Биллоҳ ба ҷои ӯ нишаста буд. Дар ин аҳвол воқеаи Ибни Мӯътаз(з) пеш омад (4). Муқтадир ӯро бо лашкаре ба талаби Бании Ҳамдон (5) фиристод ва амороти Диёри Рабиъа (6) бад-ӯ дод. Асҳоби Муқтадир битарсиданд, ки мабодо Борас бар онон пешӣ гирад. Яке аз ғуломонашро баргумоштанд, то ба ҳангоме ки дар Мавсил буд, заҳр дар таъомаш кард ва ӯро бикушт ва он ғулом завҷаашро ба занӣ гирифт.

## ИСТИЛОИ АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ БАР СИСТОН

Систон дар тасарруфи Лайс ибни Алӣ ибни Лайс буд. Лайс ба ҳавои тасарруфи Форс лашкар кашид. Мӯнис ходим ӯро асир кард ва дар Бағдод ҳабс намуд ва бародараш — Муаддилро ба аморати Систон нишонд. Сипас дар соли 297 (900—910) Аҳмад ибни Исмоил аз Бухоро ба Рай омад. Сипас ба Ҳирот рафт ва тамаъи тасарруфи Систон дар ӯ падид омад. Дар муҳаррами соли 298 (IX. 910)

PDF Compressor Free Version

лашкаре ба сардории чанд тан аз сардоронаш, чун Аҳмад ибни Саҳл ва Муҳаммад ибни Музаффар ва Симҷӯри Давотӣ ва Ҳусайн ибни Алии Марврӯдӣ ба Систон фиристод. Чун Муаддил хабар ёфт, бародари худ — Абӯалӣ Муҳаммад ибни Алӣ ибни Лайсро ба Буст ва Руххаҷ фиристод, то амволеро, ки дар он ҷо дошт, ҳифозат кунад. Аҳмад ибни Исмоил лашкар ба Буст бурд ва он ҷоро бигрифт ва Муҳаммад ибни Алиро низ асир кард. Чун хабар ба Муаддил расид, аз Ҳусайн ибни Алӣ амон хост ва ӯ Систонро бигрифт ва Муаддилро бо худ ба Бухоро бурд. Аҳмад ибни Исмоил Абӯсолеҳ Мансур ибни Исҳоқро, ки писари аммаш буд, имороти Систон дод. Ва ин Исҳоқ ҳамон касе аст, ки дар оғози ҳукуматаш ӯро дар банд карда буд. Сипас ӯро озод карда ва ба Самарқанд ва Фарғона бозгардонда буд.

Чун Сомониён бар Систон муставлӣ шуданд, хабар ёфтанд, ки Субкарӣ пас аз дарҳам шикастани лашкараш аз лашкари халифа Муқтадӣ дар Форс инак роҳи биёбон шудааст. Ҳусайн ибни Алӣ лашкаре бар сари роҳаш фиристод. Ӯро асир карданд ва бо Муҳаммад ибни Алӣ ибни Лайс ба Бағдод фиристоданд. Муқтадир барои Аҳмад ибни Исмоил хилъатҳо ва ҳадоё фиристод. Чун хабари фатҳи Систон ба амир Аҳмад ибни Исмоил расид, Симҷӯри Давотиро бар он аморат дод ва фармон дод, Ҳусайн ибни Алӣ ба Бухоро бозгардад. Ҳамчунин Мансур ибни Исҳоқ — писари амми худро ҳукумати Нишобур арзонӣ дошт. Пас аз чанде мардуми Систон бар Симҷӯр бишӯриданд.

## КУШТА ШУДАНИ АБӮНАСР АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ ВА АМОРАТИ ПИСАРАШ — НАСР ИБНИ АҲМАД

Абӯнаср Аҳмад ибни Исмоил — соҳиби Хуросон ва Мовароуннаҳр дар моҳи ҷумодиюлохири соли 301 (І. 914) кушта шуд. Ӯро ба шикор шавқи фаровон буд. Рӯзе дар Фараб ба шикор берун рафт. Шере дошт, ки ҳар шаб синро бар дари хаймааш мебастанд. Шабе аз овардани он шер ғафлат карданд, ҷамоате аз ғуломон ба хаймаи ӯ рафтанд ва бар тахт куштандаш. Пайкари ӯро ба Бухоро бурданд

PDF Compressor Free Version

ва ӯро «амири шаҳид» лақаб доданд. Рӯзи баъд ҳар кас аз он ғуломонро ёфтанд, бикуштанд.

Пас аз ӯ писараш — Абулҳасан Наср ибни Аҳмад ба амораги Хуросон расид ва дар он ҳангом ҳаштсола буд. Наср ибни Аҳмадро «амири саъид» лақаб ниҳоданд. Умури мамлакатро асҳоби падараш, ки дар Бухоро буданд, ба ӯҳда гирифтанд. Ба ҳангоми байъат Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Лайс, ки муставлӣ бар умур шуда буд, ӯро бар дӯш гирифта буд.

Аз касоне, ки бар ӯ бишӯриданд, яке амуи падари ӯ — Исҳоқ ибни Аҳмад ибни Асад дар Самарқанд буд. Ва писаронаш — Мансур ва Илёс ва ҳамчунин Муҳаммад ибни Ҳусайн ва Наср ибни Муҳаммад ва Абулҳусайн ибни Юсуф ва Ҳусайн ибни Алии Марврӯдӣ ва Аҳмад ибни Саҳл ва Лайло ибни Нӯъмон аз ёрони Алавиён дар Табаристон ва Симҷӯри Давотӣ ва Абулҳусайн ибни Носири Утруш ва Қаротекин бо ӯ ба набард бархостанд. Ҳамчунин бародаронаш — Яҳё ва Мансур ва Иброҳим — писарони Аҳмад ибни Исмоил ва низ Ҷаъфар ибни Абӯҷаъфар ва Ибни Довуд ва Муҳаммад ибни Илёс ва Мардовиҷ ва Вушмгир — писарони Зиёр аз умарои Дайлам, вале амири саъид Наср ибни Аҳмад бар ҳама пирӯз шуд.

## ШӮРИШИ СИСТОН

Чун Аҳмад ибни Исмоил кушта шуд, мардуми Систон исён карданд. Онон Симҷӯрро аз он ҷо рониданд. Муқтадир ғуломи худ — Бадри Кабирро ба амораги он ҷо мансуб дошт. Бадр низ Фазл ибни Ҳамид ва Абӯязид Холид ибни Муҳаммади Марвазиро аз ҷониби худ ба Систон фиристод. Убайдуллоҳ ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ дар Буст ва Руххаҷ буд ва Саъди Толиқонӣ аз сӯи амири саъид Наср ибни Аҳмад дар Ғазна. Фазл ва Холид оҳанги он ду карданд ва бар Ғазна ва Буст даст ёфтанд ва Саъди Толиқониро гирифтанд ва ба Бағдод фиристоданд. Убайдуллоҳ ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ аз эшон бигурехт. Пас аз чанде Фазл ибни Ҳамид бемор шуд ва Холид яккатози майдон гардид ва бар халифа

PDF Compressor Free Version

осй шуд. Он гоҳ лашкар ба Кирмон бурд. Бадр сипоҳе ба гӯшмоли ӯ фиристод. Холид дар ин набард асир шуд ва дар асорат бимурд, сарашро ба Бағдод фиристоданд.

## ИСЁНИ ИСҲОҚ ИБНИ АҲМАД ВА ПИСАРАШ ИЛЁС

Исҳоқ ибни Аҳмад ибни Асад — амми амир Аҳмад ибни Исмоил — волии Самарқанд буд. Чун хабари кушта шудани амир Аҳмад ва амрати писараш — амири саъид Наср ибни Аҳмад ба ӯ расид, дар Самарқанд сар ба шӯриш бардошт ва мардумро ба байъат бо худ фаро хонд. Писараш Илёс низ бо падар ҳамовоз шуд. Инон ба сӯи Бухоро дар ҳаракат омаданд. Ҳамуя ибни Алӣ бо сипоҳе ба муқобала беруи омад ва эшонро дар Самарқанд мунҳазим сохт. Бори дигар лашкар басич карда биёмаданд, ин бор низ онопро дарҳам шикаст ва Самарқандро ба чанг аз эшон биситад. Исҳоқ бигрехт ва пинҳон шуд, Ҳамуя дар талаби ӯ кӯшиши бисёр кард, то ӯро дар ниҳонгоҳаш ба дом афканд. Исҳоқ амон хост. Ӯро ба Бухоро бурданд ва ӯ дар он чо буд, то ҳалок шуд. Илёс — писари ӯ ба Фарғона рафт ва дар он чо буд, то бори дигар, чунонки хоҳем овард, хуруч намуд.

## ЗУҲУРИ УТРУШ ВА ИСТИЛОИ Ӯ БАР ТАБАРИСТОН

Пеш аз ин аз Алавиён ва давлати Утруш ва писаронаш дар Табаристон сухан гуфтаем. Ӯ Ҳасан ибни Алӣ ибни Ҳасан ибни Умар ибни Алӣ ибни Ҳасани Сабт (7) буд. Чун Муҳаммад ибни Ҳорун бар амир Аҳмад ибни Исмоил бишӯрид ва аз ӯ бигрехт, амир Аҳмад ибни Исмоил Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Нӯҳро ба ҷои ӯ аморати Табаристон дод. Абулаббос марде нексират буд ва бо раъият ва руасои Дайлам ба адолат рафтор мекард ва бароишон ҳадоё мефиристод ва бо Алавиён бағоят карам ва эҳсон менамуд. Пас аз қатли Муҳаммад ибни Зайд Ҳасан ибни Алии Утруш ба Дайлам рафта буд ва муддати сенздаҳ сол дар миёни онон зиста буд ва ба ислом даъваташон карда буд ва танҳо аз эшон ушрия мегирифт. Ҷамоати касире аз эшон

PDF Compressor Free Version

ба ислом гаравиданд ва гирди ӯро гирифтанд. Ӯ низ дар он билод чанд масҷид бино кард ва аз он ҷамоат хост, ки бо ӯ ба Табаристон ҳамла кунанд, вале иҷобаташ накарданд.

Чун Абулаббос аз Табаристон маъзул шуд ва Саллом ба ҷои ӯ аморат ёфт, бо Дайлам равише нобсутуда пеш гирифт. Аз ин рӯ дайламиён алайҳи ӯ бишӯриданд ва ба ҷангаш бархостанд. Саллом аз амир Аҳмад ибни Исмоил ёрӣ талабид. Ӯ бори дигар Абулаббос ибни Нӯҳро ба Табаристон фиристод. Чун ӯ дар Табаристон бимурд, Абулаббос Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Саълукро аморати Табаристон дод. Ӯ низ марде бадсират ва беснёсат буд. Миёни ӯ ва Дайлам бори дигар оташи ихтилоф боло гирифт. Утруш аз онон хост, ки бо ӯ хуруҷ кунанд. Ибни Саълук дар як манзили Чолус бо ӯ рӯ ба рӯ шуд. Чолус сағри Табаристон буд. Ибни Саълук мунҳазим шуд ва чаҳор ҳазор тан аз ёронаш ба дасти Утруш кушта шуданд ва Утруш боқиро дар муҳосара гирифт. Сипас, ононро амон дод ва ба Омул бозгардид. Ҳасан ибни Қосим — Доъии Алавӣ, ки домоди Утруш буд, ба миёни асирон рафт ва ҳамаро то охирин нафар бикушт. Баҳонаш ҳамин буд, ки ба ҳангоми паймони амон дар он ҷо ҳозир набудааст. Утруш дар соли 301 (913—914) дар айёми амири саъид Наср ибни Аҳмад бар Табаристон муставлӣ шуд. Саълук аз он ҷо ба Рай ва аз Рай ба Бағдод рафт.

Мардуми Дайлам аз он сӯи Сафедрӯд то Омул бар дасти Утруш ислом оварданд. Инон шиъиёни зайдимазҳаб шуданд, зеро Утруш низ зайдӣ буд. Аз ин таърих Табаристон аз тасаррруфи Оли Сомон берун омад.

## ИСЁНИ МАНСУР ИБНИ ИСҲОҚ ВА ҲУСАЙНИ МАРВРӮДӢ

Амир Аҳмад ибни Исмоил чун Систонро фатҳ кард, писари амми худ — Мансур ибни Исҳоқро бар он аморат дод. Ҳусайн ибни Алии Марврӯдӣ касе аст, ки Систонро фатҳ кард ва инак тамаъ дар он баста буд, ки фармонравоии он ноҳия бад-ӯ супурда шавад. Чун мардум бишӯриданд, амир

PDF Compressor Free Version


Аҳмад ибни Исмоил бори дигар он ҷоро бикушуд ва ин бор Симҷӯри Давотиро ба аморат муайян кард.

Ҳусайни Марврӯдӣ аз ин амал биранҷид ва Мансур ибни Исҳоқро таҳриз ба шӯриш кард, ки аморати Хуросонро аз они худ кунад ва ӯро бар аъмоли Хуросон нойиби худ созад.

Чун амир Аҳмад кушта шуд, Ҳусайн дар Ҳирот буд, исён кард ва худро дар Нишопур ба Мансур расонид. Ӯ низ сар ба шӯриш бардошт ва дар соли 302 (914—915) ба номи худ хутба хонд. Сардори сипоҳ — Ҳамуя ибни Алӣ бо сипоҳе аз Бухоро ба ҷанги он ду омад, вале пеш аз расидани Ҳамуя Мансур ибни Исҳоқ бимурд ва чун ба наздикии Нишопур расид, Ҳусайн ба Ҳирот рафт ва дар он ҷо иқомат гузид.

Муҳаммад ибни Ҳид раиси шурта буд дар Бухоро ва муддати дароз дар он шуғл буд. Ӯро аз Бухоро ҷиҳати анҷоми коре ба Нишобур фиристода буданд, вале ӯ бе он ки коре анҷом диҳад, ба Бухоро бозгашт. Чун мавриди сарзаниш воқеъ шуд, бар ҷони худ битарсид ва роҳ каҷ кард ва ба Ҳирот назди Ҳусайн ибни Алӣ рафт. Ҳусайн аз Ҳирот ба Нишопур ронд ва бародари худ — Мансур ибни Алиро ба ҷои худ дар Ҳирот ниҳод. Пас биёмад ва Нишобурро бигрифт.

Аҳмад ибни Саҳл аз Бухоро ба ҷанги ӯ омад, Ҳиротро муҳосира кард ва бигрифт. Мансур ибни Алӣ аз ӯ амон хоста буд. Аҳмад ибни Саҳл аз Ҳирот ба Нишобур омад ва дар соли 306 (918—919) Ҳусайнро асир кард. Аҳмад ибни Саҳл дар Нишобур бимонд. Дар ин аҳвол Муҳаммад ибни Ҳид, ки дар Марв буд, назди Аҳмад ибни Саҳл ба Нишобур омад. Аҳмад ӯро бигрифт ва бо Ҳусайн ибни Алӣ ба Бухоро фиристод. Муҳаммад ибни Ҳидро ба Хоразм фиристоданд ва дар он ҷо бимурд. Аммо Ҳусайнро дар Бухоро ҳабс карданд. Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ ӯро аз зиндон озод кард ва ӯ ба хидмати амири саъид Наср ибни Аҳмади Сомонӣ даромад.

PDF Compressor Free Version


## ИСЁНИ АҲМАД ИБНИ САҲЛ ДАР НИШОПУР ВА ФАТҲИ ОН

Аҳмад ибни Саҳл аз сардорони сипоҳи амир Исмоил ибни Аҳмад ва сипаҳсолари писараш — Аҳмад ибни Исмоил ва сипаҳсолари писари ӯ — Наср ибни Аҳмад буд.

Ибни Асир гӯяд: Ӯ Аҳмад ибни Саҳл ибни Ҳошим ибни Валид ибни Ҷабала ибни Комкор ибни Яздиҷурд ибни Шаҳриёр буд. Ва гӯяд, ки Комкор деҳқоне дар навоҳии Марв буд. Аҳмад ибни Саҳлро се бародар буд: Муҳаммад ва Фазл ва Ҳусайн, ки дар таассуботи Араб ва Аҷам дар Марв кушта шуданд. Комкор халифаи Амр ибни Лайс дар Марв буд. Амр бар ӯ хашм гирифт ва ӯро дар Систон ҳабс кард. Сипас аз зиндон бигрехт ва ба Марв рафт ва Марвро дар тасарруф овард ва аз амир Аҳмад ибни Исмоил амон хост ва ба номи ӯ ба даъват пардохт. Амир Исмоил ӯро ба Бухоро фаро хонд ва икром кард ва бар манзалаташ дарафзуд ва вайро дар шумори сардорони сипоҳи худ овард. Аҳмад ибни Саҳл дар хидмати ӯ ва писаронаш ҳамчунон би-буд. Чун Ҳусайн ибни Алӣ дар Нишобур бар амири саъид Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил дар соли 306 (918—919) бишӯрид, Аҳмад ибни Саҳл бо сипоҳе, чунонки овардем, ба Нишобур рафт ва бар ӯ пирӯз гардид. Наср ибни Аҳмад ба ваъдаҳое, ки ба ӯ дода буд, вафо накард. Аҳмад ибни Саҳл низ дар Нишобур исён кард ва номи амири саъид Наср ибни Аҳмадро аз хутба бияфканд ва расул ба Бағдод фиристод.

Он гоҳ аз Нишопур ба Ҷурҷон рафт. Қаротегин дар Ҷурҷон буд. Аҳмад ибни Саҳл бар Ҷурҷон ғалаба ёфт. Амири саъид лашкареро ба сардории Ҳамуя ибни Алӣ ба саркӯби ӯ фиристод. Ин набард дар моҳи раҷаби соли 307 (XI. 919) дар наздикии Марвруд воқеъ шуд. Ёрони Аҳмад бигрехтанд ва ӯ, то аспашро тавони бар пой истодан буд, биҷангид, то асир шуд. Ӯро ба Бухоро бурданд ва дар соли 307 (919—920) дар зиндони Бухоро бимурд.

PDF Compressor Free Version

## КУШТА ШУДАНИ ЛАЙЛО ИБНИ НУЪМОН

Лайло ибни Нуъмон аз бузургони Дайлам буд ва аз сардорони домоди Утруш. Доъӣ Ҳасан ибни Қосим ӯро дар соли 303 (915—916) аморати Ҷурҷон дод. Фарзандони Утруш ӯро дар мукотабат ба «ал-Муаййид ли-дин-ил-лоҳ, ал-мунтасир ли-авлоди Расул-ил-лоҳ» (с) (8) хитоб мекарданд. Марде карим ва шуҷоъ буд. Чун аморати Ҷурҷон ёфт, Қаротегин бар сараш лашкар кашид ва дар даҳ фарсангии Ҷурҷон бо ӯ ҷанг дарпайваст ва Қаротекин мунҳазим гардид. Ва ғуломаш Борас бо ҳазор мард аз Лайло амон хост, ӯ низ амонаш дод ва икромаш кард ва хоҳарашро ба занӣ ба ӯ дод. Ҳамчунин Абулқосим ибни Ҳафс — писари хоҳари Аҳмад ибни Саҳл аз ӯ амон хост, Лайло ӯро низ амон дод.

Абулқосим ибни Ҳафс ӯро ба ҳаракат ба сӯи Нишопур таҳриз кард ва Қаротекин дар Нишопур буд ва ин ба ҳангоме буд, ки Лайло аз ҷиҳати молӣ сахт дар тангно афтода буд ва шумори сипоҳиёнаш низ афзун шуда буд. Лайло аз Доъӣ Ҳасан ибни Қосим иҷозат хост, ки лашкар ба Нишобур кашад. Ӯ низ иҷозат дод ва Лайло дар моҳи зулҳиҷҷаи соли 308 (IV. 921) лашкар ба Нишопур оварда ва он ҷоро тасарруф кард ва хутба ба номи Доъӣ Ҳасан ибни Қосим хонд. Амири саъид Наср ибни Аҳмад аз Бухоро сипоҳе ба сардории Ҳамуя ибни Алӣ ва Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ ва Абӯҷаъфари Саълук ва Хоразмшоҳ ва Симҷӯри Давотӣ бар сари ӯ фиристод. Дар ин набард бештари ёрони Ҳамуя мунҳазим шуданд, вале сардорон пой фишурданд ва карру фарре карданд. Оқибат Лайло ибни Нуъмон мунҳазим шуда ба Омул гурехт. Дар ин аҳвол Бағрохон — подшоҳи турк низ ба ёрии сипоҳи Сомонӣ омад ва Лайло ибни Нуъмонро дар Омул бигрифт ва ин хабар ба Ҳамуя фиристод. Ҳамуя касеро гусел дошт, то сари Лайлоро бурида барои ӯ бибурд. Ин воқеа дар моҳи рабеъулаввали соли 309 (VII. 921) иттифоқ афтод. Сари Лайлоро ба Бухоро burданд. Сардорони Дайлам, ки бо Лайло буданд, амон хостанд. Эшонро амон доданд. Албатта, Ҳамуяро қасд он буд, ки ҳамаро бикушад, то ҳамвора аз шарри эшон дар

амон монанд, вале дигар сарон напазируфтанд. Ин сарони Дайлам касоне буданд, ки баъдҳо ҳар як аз ҷое хуруҷ карданд ва он ҷоро бигрифтанд, чун Асфор, Мардовиҷ ва Вушмгир ва писарони Бӯя ки ба ахбори онон хоҳем пардохт. Борас — ғуломи Қаротекин дар Ҷурҷон ба аморати он диёр бимонд. Он гоҳ Қаротекин биёмад ва ғуломи ӯ — Борас аз ӯ амон хост, амонаш дод. Сипас дар соли 310 (922—923) ба қатлаш овард ва аз Ҷурҷон бозгардид.

## ҶАНГИ СИМҶӮР БО ИБНИ УТРУШ

Чун дар соли 310 (922—923) Қаротекин ғуломи худро кушт ва аз Ҷурҷон бозгашт, Абулҳасан ибни Носири Утруш аз Астаробод ба Ҷурҷон рафт ва он ҷоро тасарруф кард. Амири саъид Наср ибни Аҳмад Симҷӯри Давотиро бо чаҳор ҳазор савор ба ҷанги ӯ фиристод. Симҷӯр дар ду фарсангии Ҷурҷон фуруд омад. Абулҳасан бо ҳашт ҳазор пиёда аз Дайлам берун омад ва ҷанг оғоз карданд. Симҷӯр гурӯҳеро ба камин нишонда буд, аммо инон ба мавқеъ аз ҷой наҷунбиданд ва Симҷӯр мунҳазим шуд ва Сурхоб (ибни Борас) аз пайи ӯ битохт. Сипоҳиёни Абулҳасан ба тороҷ пардохтанд. Пас аз соате онон, ки дар камин буданд, берун ҷастанд. Абулҳасан шикаст хӯрд ва наздик ба чаҳор ҳазор тан аз сипоҳиёнаш кушта шуд ва ӯ худ аз роҳи дарё ба Астаробод гурехт. Дар он ҷо боқимондаи сипоҳаш бар ӯ гирд омаданд. Сурхоб пас аз он, ки аз таъқиби Симҷӯр бозгардид ва аёл ва асҳоб ва амволашро гирд оварда буд, назди ӯ омад. Симҷӯр дар Ҷурҷон иқомат гузид. Сурхоб низ бимурд ва Ибни Утруш ба Сорӣ бозгардид ва Мокони Кокиро ба ҷои худ дар Астаробод ниҳод. Дайламиёне, ки дар он ҳаволӣ буданд, гирдашро гирифтанд ва ӯро бар худ амир сохтанд. Сипас Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ ва Симҷӯр ба Астаробод лашкар оварданд ва бо Мокон ибни Кокӣ ҷанг карданд. Чун ҷанг ба дароз кашид, бо ӯ чунон ниҳоданд, ки моле бистонад ва аз Астаробод ба Сорӣ равад, то чунон намояд, ки эшон он шаҳрро ба ҷанг гирифтанд, сипас онон бозгарданд ва бори дигар ӯ ба шаҳр даро-

PDF Compressor Free Version

яд. Мокон ин қарор бипазируфт ва ба Сорӣ рафт. Онон низ пас аз он ки Бағроро бар Астаробод аморат доданд, аз он ҷо бирафтанд. Мокон бозгардид ва Бағро ба Ҷурҷон рафт. Мокон ба ҷанги ӯ лашкар ба Ҷурҷон бурд, Бағро ба Нишобур шуд. Ва ин оғози кори Мокон ибни Кокӣ аст ва мо ахбори ӯро хоҳем овард.

## ХУРУҶИ ИЛЁС ИБНИ ИСҲОҚ ИБНИ АҲМАД ИБНИ АСАДИ СОМОНӢ

Пеш аз ин аз исёни Исҳоқ ва писараш — Илёс дар Самарқанд сухан гуфтем. Ин исён дар соли 301 (913—914) буд. Ва гуфтем, ки чӣ гуна сардори Ҳамуя ибни Алӣ бар ӯ ғалаба ёфт ва Исҳоқро ба Бухоро бурд ва ӯ дар Бухоро бимурд. Писараш Илёс пас аз марги падар ба Фарғона рафт ва ба соли 316 (928—929) дар Фарғона диранг кард, то он гоҳ, ки азм ҷазм кард, ки ба Самарқанд равад. Дар ин хуруҷ аз Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Мут ёрӣ талабид. Ӯ яке аз сардорони сомонӣ буд. Мардуми Фарғона ҳам аз туркон ёрӣ хостанд. Онон низ ба ёрӣ омаданд ва қариб ба сӣ ҳазор савор гирд оварда ва қасди Самарқанд карда. Амири саъид барои дафъи ӯ Абӯамр Муҳаммад ибни Асадро гусел дошт бо тане чанд аз дигар сардорон бо ду ҳазору понсад марди ҷангӣ. Инон ба ҳангоми вуруди Илёс дар беруни шаҳри Самарқанд, миёни дарахтон пинҳон шуданд. Чун сипоҳиёни ӯ ба задани хаймаҳо машғул шуданд, берун ҷастанд. Муҳаммад ибни Ҳусайн ибни Мут мунҳазим шуда, ба Испиҷоб гурехт ва аз он ҷо ба ноҳияи Тароз. Деҳқони ноҳияе, ки ӯ дар он ҷо фуруд омада буд, ӯро бигрифт ва бикушт ва сарашро ба Бухоро фиристод. Илёс аз фармонравои Чоч Абулфазл ибни Абӯюсуф ёрӣ хост. Ӯ низ ба ёриаш бархост ва Муҳаммад ибни Ясаъро ба ёрии ӯ фиристод. Илёс бори дигар ба ҷанги волии Самарқанд лашкар овард, вале ин бор низ шикаст хӯрда, ба Кошғар гурехт. Абулфазл низ асир шуд. Ӯро ба Бухоро бурданд, дар он ҷо бимурд. Илёс ба Кошғар рафт. Деҳқони Кошғар Тағоте-

PDF Compressor Free Version

кин ном дошт. Ӯ аз мулки турк буд. Духтари худ ба Илёс дод ва Илёс дар назди ӯ бимонд.

## ИСТИЛОИ АМИРИ САЪИД НАСР ИБНИ АҲМАД БАР РАЙ

Муқтадир Биллоҳ Юсуф ибни Абуссоҷро аморати Рай дод ва ӯ дар соли 311 (923—924) ба Рай рафт ва он ҷоро аз Аҳмад ибни Алӣ — бародари Саълук бисутуд. Аҳмад ибни Алӣ аз бародари худ — Саълук ҷудо шуда, назди Муқтадир рафта буд. Ӯ низ ӯро аморати Рай дода буд. Пас аз чанде бар Муқтадир Биллоҳ исён кард ва даст ба дасти Мокон ибни Кокӣ — сардори Дайлам ва фарзандони Утруш, ки дар Табаристон ва Ҷурҷон буданд, дод ва сар аз тоати халифа берун кард. Пас Юсуф ибни Абуссоҷ ба ҷанги ӯ омад ва ба қатлаш овард ва бар Рай муставлӣ гардид.

Дар соли 314 (926—927) Муқтадир Юсуф ибни Абуссоҷро фаро хонд, ки дар Восит ба набарди қаромита (9) равад ва маншури аморати Райро ба амири саъид Наср ибни Аҳмади Сомонӣ дод. Юсуф ибни Абуссоҷ ғуломи худро ба ҷои худ дар Рай ниҳод. Муқтадир Биллоҳ фармон дод, ки Наср ибни Аҳмад ба Рай равад ва он ҷоро аз Фотик — ғуломи Юсуф ибни Абуссоҷ бисitонад. Амир Наср дар оғози соли 314 (926) равонаи Рай шуд. Чун ба кӯҳи Қоран (10) расид, Абӯнасри Табарӣ ӯро аз убур боздошт. Амир Наср сӣ ҳазор динор ба ӯ дод ва хушнудаш сохт ва аз он монеъ бигузашт ва роҳии Рай шуд. Фотик аз Рай хориҷ шуд ва дар авосити сол амир Наср ибни Аҳмад бар он ҷо муставлӣ гардид ва ду моҳ дар он ҷо бимонд. Сипас ба Бухоро бозгардид ва Муҳаммад ибни Алии Саълукро дар Рай ниҳод. Ӯ низ то шаъбони соли 316 (IX. 928) бар Рай ҳукумат кард. Дар он сол бемор шуд ва ба Ҳасани Доъӣ ва Мокон ибни Кокӣ нома навишт, ки биёянд, то Райро ба эшон таслим кунад. Онон биёмаданд ва бар Рай муставлӣ гардиданд. Саълук аз Рай берун омад ва дар роҳ бимурд. Ҳасани Доъӣ Райро соҳибӣ кард ва аз он ҷо бар Қазвин ва Занҷон ва Абҳар ва Қум истило ёфт. Мокон низ бо ӯ буд. Дар ин аҳ-

PDF Compressor Free Version

вол Асфор бар Табаристон ғалаба ёфта буд. Доъй ва Мокон ба Табаристон ронданд. Дар Сорӣ бо ӯ рӯ ба рӯ шуданд. Доъй мунҳазим шуд — ва чунонки дар ахбори Алавиёни Табаристон овардаем — ба қатл расид.

## ҲУКУМАТИ АСФОР БАР ҶУРҶОН ВА РАЙ

Асфор ибни Шерӯя аз бузургони Дайлам ва аз ёрони Мокон ибни Кокӣ буд. Пеш аз ин гуфтем, ки Абулҳасан ибни Утруш Моконро аморати Астаробод дод ва Дайламиён гирди ӯро гирифтанд ва ӯро бар худ амир сохтанд ва ӯ Ҷурҷонро гирифт ва баъд аз он бар Табаристон муставлӣ шуд. Мокон бародари худ — Абулҳасан ибни Кокиро бар Ҷурҷон аморат дод. Асҳор ибни Шерӯя, ки аз сардорони ӯ буд, ба соли 315 (927—928) аз ӯ бирамид ва ба Бакр ибни Муҳаммад ибни Ясаъ дар Нишобур пайваст. Бакр ӯро ба Ҷурҷон фиристод, то он ҷоро бигшояд. Дар ин аҳвол авзоъи Ҷурҷон парешон шуд, зеро Мокон дар Табаристон буд ва бародараш — Абулҳасан ибни Кокӣ дар Ҷурҷон ва ӯ Абӯалӣ ибни Утрушро дар банд кашида буд. Як шаб Абулҳасан ибни Кокӣ оҳанги куштани Абӯалиро кард. Абӯалӣ бар ӯ ғалаба ёфт ва ӯро бикушт. Мухолифони Абулҳасан бо Абӯалӣ байъат карданд ва ӯ Ҷурҷонро бигрифт. Онон, ки бо Абӯалӣ байъат карда буданд, Асфор ибни Шерӯяро ба Ҷурҷон фаро хонданд. Вай биёмад ва он ноҳия дар забт овард. Мокон бо сипоҳи худ аз Табаристон ба Ҷурҷон рафт, вале ӯро шикаст доданд ва то Табаристон таъқиб карданд ва Табаристонро гирифтанд ва дар он ҳукумат гузиданд.

Абӯалӣ ибни Утруш дар Табаристон ҳалок шуд ва Мокон бозгардид ва Асфор ибни Шерӯяро аз Табаристон биронд.

Он гоҳ Асфор сипоҳе ба ҷанги Доъй Ҳасан ибни Қосими Алавӣ, ки бар Рай муставлӣ шуда буд, равон дошт. Ӯ асҳоби амир Наср ибни Аҳмадро аз Рай берун ронда ва бар Қазвин ва Занҷон ва Абҳар ва Қум истило ёфта буд. Мокони Кокӣ низ бо ӯ буд. Ду сипоҳ дар наздикии Сорӣ бо якдигар масоф доданд. Доъии Алавӣ ва Мокон мунҳазим шуданд ва Алавӣ кушта шуд. Ва Асфор бар Табаристон ва

PDF Compressor Free Version

Ҷурҷон ва Қазвин ва Занҷон ва Абҳар ва Қум ва Караҷ муставлӣ шуд ва хутба ба номи амири саъид Наср ибни Аҳмад — амири Хуросон хонд ва Ҳоруи ибни Баҳромро аморати Омул дод. Ва қасдаш он буд, ки дар Сорӣ мунозеъе надошта бошад, зеро Ҳорун пеш аз ин ба номи Абӯҷаъфари Алавӣ аз фарзандони Утруш хутба мехонд. Пас аморати Омул ба ӯ дод ва аз хонадони аъёни Табаристон барон ӯ зане гирифт ва Абӯҷаъфари Алавӣ ва дигар Алавиёнро, ки дар Мозандарон буданд, ба арӯсии ӯ даъват кард. Чун омаданд, фармон дод, ҳамаро дастгир карда банд барходанд ва ба Бухоро фиристод. Дар Бухоро ҳамаро ба зиндон бурданд.

Чун Асфорро кор боло гирифт бар амири саъид Наср ибни Аҳмад — соҳиби Хуросон ва низ бар Муқтадир Биллоҳ бишӯрид. Амири саъид аз Бухоро ба ҷанги ӯ ба Нишобур лашкар фиристод. Вазираш Мутриф ибни Муҳаммади Ҷурҷонӣ ӯро аз мухолафат бо амир Наср барҳазар дошт. Ӯ низ бипазируфт ва бори дигар тавқи тоати ӯ бар гардан ниҳод ва шурутаашро қабул кард ва хироҷи ҳарсола ва дигар амволеро, ки бар ӯҳда дошт, ба назди ӯ равон намуд. Чанде баъд яке аз сардорони ӯ ба номи Мардовиҷ алайҳи ӯ исён кард ва Мокон ибни Кокиро аз Табаристон фаро хонд, то дар барандохташ Асфор ӯро ёрӣ диҳад. Дар ин набард Асфор шикаст хӯрд ва кушта шуд ва он чи дар тасарруф дошт, ба дасти Мардовиҷ афтод ва мо дар ахбори Дайлам аз он ёд хоҳем кард. Мардовиҷ Табаристон ва Ҷурҷонро аз Мокон бисигад. Мокон аз амири саъид Наср ибни Аҳмад ёрӣ талабид. Ӯ Абӯалӣ ибни Муҳаммад ибни Музаффарро ба ёрии ӯ гусел дошт. Мардовиҷ ҳар дуро шикаст дод. Абӯалӣ ба Нишобур бозгашт ва Мокон ба Хуросон рафт.

## ХУРУҶИ ФАРЗАНДОНИ АМИР АҲМАД ИБНИ ИСМОИЛ БАР БАРОДАРАШОН — АМИРИ САЪИД

Чун амири саъид Наср ибни Аҳмади Сомонӣ ӯҳдадори аморат шуд, ҳамвора аз бародаронаш дар бим буд. Онон

PDF Compressor Free Version


се тан буданд: Абўзакариёи Яҳё ва Абўсолеҳи Мансур ва Абўисҳоқи Иброҳим — фарзандони амир Аҳмад ибни Исмоил. Амири саъид эшонро дар куҳандиз дар Бухоро ҳабс намуд ва бар онон муваккалон гумошт. Чун амири саъид ба соли 315 (927) ба Нишобур рафт, зиндонро шикастанд ва зиндониёнро берун оварданд. Ин кор ба дасти марде ноние аз мардуми Исфаҳон ба номи Абўбакр анҷом гирифт. Баъзе аз ҳазинаҳои куҳандиз ба дасти ин нонво буд. Расм бар ин буд, ки дари куҳандизро дар рўзҳои ҷумъа то баъд аз намози аср намегушуданд. Марди нонво рўзи панҷшанбе ба куҳандиз омад ва то рўзи ҷумъа дар он ҷо бимонд. Рўзи ҷумъа дар ҳоле, ки сурати обидон ва зоҳидон ба худ гирифта буд, назди дарбон омад ва диноре чанд ба ў дод ва хост, ки дарро бигшояд, то худро ба намози ҷумъа бирасонад. Дарбон низ дарро бигшуд. Дар ҳамин ҳол он гурўҳ, ки камин гирифта буданд, барҷастанд ва дарбонро дар банд кашиданд ва фарзандони амир Аҳмадро аз зиндон халос намуданд. Бисёре аз алавиён низ бо онон аз зиндон гурехтанд.

Ҷамоате аз лашкариён ва сардорон низ ба онон пайвастанд. Шарвини Ҷилӣ саркардаи онон шуд ва ҳамагон бо Яҳё байъат намуданд ва хазоин ва қусури амири саъид Наср ибни Аҳмадро ғорат карданд. Яҳё Абўбакри нонворо бинавохт ва бар дигарон муқаддам дошт. Хабар ба амири саъид расид, аз Нишобур ба Бухоро омад. Абўбакр Муҳаммад ибни Музаффар ибни Мўҳтоҷ — сипаҳсолори Хуросон дар Ҷурҷон менишаст. Чун аз рафтани амири саъид огоҳӣ ёфт, Мокон ибни Кокиро фаро хонд ва духтари худ ба ў дод ва вайро ба амороти Нишобур мансуб намуд.

Чун амири саъид Наср ибни Аҳмад ба Бухоро омад, Абўбакри нонво дар канори Ҷайҳун роҳ бар ў бигирифт. Наср ибни Аҳмад ўро ба асорат гирифт ва ба Бухоро даромад ва дар танўре, ки дар он нон мепухт, шиканҷааш намуд.

Яҳё аз Бухоро ба Самарқанд гурехт ва аз Самарқанд ба Чағониён рафт. Абўалӣ ибни Абўбакр Муҳаммад ибни Музаффар ибни Мўҳтоҷ — соҳиби Хуросон дар он ҷо буд.

PDF Compressor Free Version

Яҳё ба Тирмид рафт, аз наҳр бигзашт ва ба Балх шуд. Қаротекин дар Балх буд.

Ӯ бо Яҳё муттафиқ шуд, ки ҳар ду ба Марв раванд. Чун Муҳаммад ибни Музаффар ба Нишобур омад, Яҳё аз Марв ба ӯ нома навишт, то ӯро ба худ гароиш диҳад. Муҳаммад низ бад-ӯ майл кард ва ваъда дод, ки ба сӯи ӯ хоҳад омад. Сипас Муҳаммад ибни Музаффар аз Нишобур бирафт ва Моконро ба ҷои худ ниҳод ва чунон намуд, ки ба Марв меравад, вале аз миёни роҳ ба Пушанҷ ва Ҳирот рафт ва бар он ду шаҳр муставлӣ шуд. Муҳаммад ибни Музаффар аз Ҳирот ба Нишобур роид. Яҳё чун аз омадани ӯ хабар ёфт, лашкаре ба сари роҳаш фиристод. Муҳаммад дар ин набард мунҳазим шуда ба Ғарҷистон гурехт ва аз писари худ — Абӯалӣ ёрӣ талабид. Ӯ низ лашкаре ба ёриаш фиристод. Муҳаммад ибни Музаффар бо он сипоҳ ба Балх рафт ва пас аз набарде Мансур ибни Қаротекин аз Балх ба Ҷурҷон гурехт. Муҳаммад ибни Музаффар ба Чағониён назди писари худ рафт ва моҷаро ба амири саъид Наср ибни Аҳмад бинавишт. Амири саъид хушҳол шуд ва ӯро амората Балх дод.

Яҳё худро ба Нишобур расонид. Мокони Кокӣ дар Нишобур буд, ӯро аз вуруд ба шаҳр манъ кард. Яҳё чанде шаҳрро дар муҳосара гирифт, вале бад-он даст наёфт. Муҳаммад ибни Илёс ҳамроҳи Яҳё буд. Ӯ аз Мокон амон талабид. Мансур ва Иброҳим — бародарони Наср ибни Аҳмад ҳам аз Наср ибни Аҳмад амон хостанд. Инак Яҳё ва Қаротекин дар Ҳирот буданд. Чун амир Наср ибни Аҳмад ба Ҳирот наздик шуд, Яҳё ва Қаротекин ба Балх рафтанд. Қаротекин Яҳёро водошт, ки аз Балх ба Бухоро равад. Амири саъид Наср ибни Аҳмад озими Бухоро шуд ва чун аз Ҷайҳун гузашт, Яҳё аз Бухоро ба Самарқанд шуд ва бори дигар аз Самарқанд бозгардид ва чун Қаротекин аз ёрии ӯ сар боз зад, ба Нишобур рафт. Муҳаммад ибни Илёс дар Нишобур буд ва кораш боло гирифта буд. Чун Яҳё ба Нишобур омад, Муҳаммад ибни Илёс ба номи ӯ хутба хонд ва даъвати ӯ ошкор кард. Дар ин ҳол амири саъид Наср ибни Аҳмад лашкар ба Нишобур овард. Он ҷамъ парокандa шу-

PDF Compressor Free Version

данд. Муҳаммад ибни Илёс ба Кирмон гурехт ва Яҳё ва Қаротекин ба Буст ва Руххаҷ. Амири саъид дар соли 320 (932) дар Нишопур истиқрор ёфт. Қаротекин таслими фармон шуд, ӯро амон дод ва ба аморати Балх фиристод ва фитна поён ёфт. Амир Наср ибни Аҳмад дар Нишобур бимонд то он гоҳ, ки бародаронаш — Яҳё ва Мансур назди ӯ омаданд ва ҳар ду ба ҳалокат расиданд. Иброҳим — бародари дигари ӯ ба Бағдод фирор кард ва аз он ҷо ба Мавсил рафт. Қаротекин низ дар Буст ҳалок шуд ва бад-ин гуна умури Давлат рӯй ба салоҳ овард.

Ҷаъфар ибни Абӯҷаъфар ибни Абӯдовуд аз сӯи Банӣ Сомон волии Хуттал буд. Наср ибни Аҳмад аз ӯ ба бим афтод ва ба Абӯалӣ Аҳмад ибни Абӯбакр Муҳаммад ибни Музаффар, ки дар Чағониён буд, навишт, ки лашкар бар сари ӯ барад. Ӯ низ бирафт ва ӯро бигрифт ва ба Бухоро овард. Ӯро дар Бухоро ҳабс карданд. Чун зиндон шикаста шуд, ӯ низ бо Яҳё бигрехт ва ҳамвора дар хидмати ӯ шуд. Чун кори Яҳё рӯй дар тароҷӯъ ниҳод, аз ӯ иҷозат хост, ки ба Хуттал равад. Иҷозат ёфт ва бирафт ва дар он ҷо монд ва сар ба фармони амири саъид Наср ибни Аҳмад ниҳод ва ҳолаш некӯ шуд.

## АМОРАТИ МУҲАММАД ИБНИ МУЗАФФАР БАР ХУРОСОН

Абӯбакр Муҳаммад ибни Музаффар аз сӯи амир Наср ибни Аҳмади Сомонӣ аморати Ҷурҷон дошт. Чун кори Мардовиҷ дар Рай боло гирифт ва оҳанги Ҷурҷон намуд, чунончи дар ахбори Дайлам хоҳем овард, Муҳаммад ибни Музаффар аз Ҷурҷон берун омад ва дар Нишобур ба Наср ибни Аҳмад пайваст. Наср ибни Аҳмад дар Нишобур буд. Чун Муҳаммад ибни Музаффар ба Нишобур омад, амири саъид бо сипоҳи худ ба сӯи Ҷурҷон ронд. Дар ин аҳвол Муҳамад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ — мудаббири Давлати амир Наср ибни Аҳмад ба Мутриф ибни Муҳаммад — вазири Мардовиҷ нома навишт, то ӯро ба сӯи амир Наср ги-

PDF Compressor Free Version

роиш диҳад. Ӯ низ ба Наср ибни Аҳмад гироиш ёфт. Чун Мардовиҷ огоҳ шуд, ӯро бигрифт ва бикушт.

Он гоҳ Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ назди Мардовиҷ кас фиристод ва ӯро андарз дод ва неъматҳои амири саъидро дар ҳаққи ӯ фаро ёдаш овард ва гуфт, ки куфрони ин неъмат шоиста нест ва гуфт, ки вазири ту — Муҳаммад ибни Мутриф туро ба гирифтани Ҷурҷон таҳриз кард, то мақом ва манзалати худро дар назди ту ба мардуми Ҷурҷон бинамоёнад. Сипас ӯро аз сатвати амир Наср ибни Аҳмад битарсонид ва тавсия кард, ки Ҷурҷонро ба дасти ӯ раҳо кунад ва бо ӯ мусолаҳа кунад. Мардовиҷ бипазируфт. Чун амир Наср аз кори Ҷурҷон бипардохт, Муҳаммад ибни Музаффар ибни Мӯҳтоҷро сипаҳсолории Хуросон дод. Ва тадбири умури он навоҳиро бад-ӯ супурд ва худ ба мустақарри хеш — Бухоро бозгардид. Ин воқеъа дар соли 321 (933) иттифоқ афтод.

## ИСТИЛОИ АМИРИ САЪИД НАСР ИБНИ АҲМАД БАР КИРМОН

Муҳаммад ибни Илёс аз асҳоби амир Насри Сомонӣ буд, сипас бар ӯ хашм гирифт ва ба зиндонаш кард. Муҳаммад ибни Убайдуллоҳи Балъамӣ шафоъат кард ва аз зиндон бираҳониддаш ва Муҳаммад ибни Музаффар ӯро ба Ҷурҷон фиристод. Он гоҳ, ки Яҳё ва бародаронаш дар Бухоро шӯриш карданд, ӯ ба Яҳё пайваст ва дар он фитна ширкат дошт ва дар Нишобур чунонки гуфтем, ба номи ӯ хутба хонд. Чун амир Наср ба Нишобур лашкар овард, Муҳаммад ибни Илёс аз Яҳё ҷудо шуд ва ба Кирмон рафт ва бар Кирмон ғалаба ёфт. Сипас ба Форс роид. Ёқут — аз маволии хулафо дар он ҷо буд. Муҳаммад ибни Илёс дар Истахр назди ӯ шуд, то аз ӯ амон хоҳад. Ёқут аз макри ӯ хабар ёфт ва ӯ ба Кирмон бозгардид. Сипас амир Наср дар соли 321 (933) Мокони Кокиро ба ҷанги ӯ фиристод. Мокон сипоҳи Муҳаммад ибни Илёсро дарҳам шикаст ва Кирмонро бигирифт ва ба номи амир Наср хутба хонд. Муҳаммад ибни Илёс ба Абевард гурехт. Чун, чунонки хоҳем

PDF Compressor Free Version

гуфт, Мокон аз Кирмон бирафт, Муҳаммад ибни Илёс ба Кирмон бозгардид.

Сабаби берун омадани Мокон аз Кирмон он буд ки амир Наср пас аз кушта шудани Мардовиҷ ба ӯ ва Муҳаммад ибни Музаффар — сипаҳсолори худ дар Хуросон навишт, ки ба Ҷурҷон ва Рай раванд, ки Вушмгир — бародари Мардовиҷ дар Рай буд. Мокон аз роҳи биёбон худро ба Домғон расонид. Бонҷини Дайламӣ — аз ёрони Вушмгир бо сипоҳе гарон ба сӯи ӯ омад. Мокон аз Муҳаммад ибни Музаффар, ки дар Бистом буд, ёрӣ талабид. Ӯ низ бо лашкари бисёр биёмад ва ононро гуфт, ки даст аз ҷанг бидоранд, то ӯ бирасад, вале онон бар хилофи раъйи ӯ бо Бонҷин ҷанг оғоз карданд ва аз ӯ шикаст хӯрданд ва назди Муҳаммад ибни Музаффар бозгаштанд. Ва аз он ҷо роҳи Ҷурҷон шуданд. Бонҷин аз паи онон бирафт то роҳро бар онон бибандад. Ба ночор ба Нишобур рафтанд ва дар он ҷо иқомат гузиданд ва аморати Нишобурро ба Мокон доданд ва Мокон дар Нишобур монд. Ин воқеа дар авохири соли 323 ва аввали соли 324 (935) буд.

Чун Мокон аз Кирмон бирафт, Муҳаммад ибни Илёс ба Кирмон омад ва бар он истило ёфт. Ва пас аз набардҳое бо сипоҳиёни Наср ибни Аҳмад оқибат пирӯзӣ насиби ӯ гардид ва Кирмон ӯро софӣ шуд.

## ИСТИЛОИ МОКОН БАР ҶУРҶОН ВА ИСЁНИ Ӯ

Чун Бонҷин Ҷурҷонро тасарруф кард, Мокон дар Нишобур иқомат гузида буд. Пас аз чанд рӯз, ки Бонҷин ба Ҷурҷон дохил шуд, ба ҳалокат расид. Муҳаммад ибни Музаффар Моконро фармон дод, ки лашкар ба Ҷурҷон барад, вале Мокон узр овард, ки наметавонад ҳамаи ёронашро ба Ҷурҷон барад. Пас ба Исфароин рафт ва аз он ҷо лашкаре ба Ҷурҷон фиристод ва бар он диёр муставлӣ гардид. Чанде баъд исён оғоз кард ва ба Нишобур омад. Муҳаммад ибни Музаффар дар Нишобур буд ва барои ҷанг нирӯе басиҷ накарда буд. Ба ночор аз Нишобур бигурехт ва ба Сарахс рафт. Мокон дар соли 324 (935—936) Нишобурро бигрифт,

PDF Compressor Free Version

вале аз бими иҷтимоъи сипоҳиён бар ӯ аз Нишобур бозгардид.

## АМОРАТИ АБӮАЛӢ ИБНИ МУҲАММАД БАР ХУРОСОН ВА КУШУДАНИ Ӯ ҶУРҶОНРО

Абӯбакр Муҳаммад ибни Музаффар ибни Мӯҳтоҷ — сипаҳсолори Хуросон аз волиёни амири саъид Наср ибни Аҳмад буд, ки дар соли 321 (933) аморати Хуросон ёфт. Чун соли 327 (938—939) расид, Абӯбакр бемор шуд ва бемориаш дер даркашид. Амири саъид ба қасди роҳати ӯ писараш — Абӯалиро аз Чағониён фаро хонд ва аморати Хуросон дод ва падарро ба назди худ хонд. Абӯбакр дар се марҳалае аз Нишобур бо писар дидор кард ва дар боби сиёсати мулк васиятҳо кард ва роҳии Бухоро шуд. Абӯалӣ дар ҳамон сол вориди Нишобур гардид, чанд моҳ дар Нишобур бимонд, сипас дар муҳаррами соли 328 (X. 939) ба Ҷурҷон рафт. Дар он айём Мокони Кокӣ дар Ҷурҷон алайҳи Наср ибни Аҳмад исён карда буд. Мокон, ки аз омадани Абӯалӣ хабар ёфт, об дар роҳаш афканд, вале Абӯалӣ роҳ дигаргун кард ва бирафт, то дар як фарсангии Ҷурҷон фуруд омад ва шаҳрро сахт дар муҳосара гирифт ва роҳи озуқа бибаст. Мардум аз муҳосира ба ҷон омаданд. Мокон назди Вушмгир, ки дар Рай буд, кас фиристод ва ёрӣ талабид. Вушмгир яке аз сардоронашро бифиристод. Чун ба Ҷурҷон расид, кӯшид, то миёнашон тарҳи сулҳ афканад, то Мокон аз маҳлака наҷот ёбад. Ва чунин шуд ва Мокон ба Табаристон гурехт ва Абӯалӣ бар Ҷурҷон муставлӣ шуд. Ин воқеа дар авохири соли 328 (940) буд. Абӯалӣ — Иброҳим ибни Симҷӯри Давотиро дар Ҷурҷон ба ҷойи худ ниҳод ва бозгардид.

## ИСТИЛОИ АБӮАЛИИ ЧАҒОНӢ БАР РАЙ ВА КУШТА ШУДАНИ МОКОНИ КОКӢ

Чун Абӯалӣ Ҷурҷонро гирифт, ба ислоҳи умури он пардохт ва Иброҳим ибни Симҷӯри Давотиро дар он ҷо ниҳод

PDF Compressor Free Version

ва дар моҳи рабеъулаввали соли 328 (XII 939) озими Рай шуд. Вушмгир ибни Зиёр — бародари Мардовиҷ пас аз вай бар Рай ғалаба ёфта буд. Имодуддавла ва Рукнуддавла — писарони Бӯя бо Абӯалӣ — сипаҳсолори Хуросон мукотаба карда ва ӯро ба тасхири Рай барангехта буданд, то чун Райро замимаи дигар сарзаминҳои худ кунад, ба сабаби вусъати қаламравааш аз забти он оҷиз оянд ва Рай ба дасти эшон афтад.

Чун Абӯалӣ ба сӯи Рай дар ҳаракат омад, Вушмгир назди Мокон кас фиристод ва аз ӯ ёрӣ хост. Мокон низ аз Табаристон биёмад. Абӯалӣ низ пеш ронд ва дар ин ҳол аз ҷониби Рукнуддавла ибни Бӯя барояш мадад расид. Ду лашкар дар наздикии Рай масофф(ф) огоз ниҳоданд. Шикаст дар лашкари Мокон ва Вушмгир афтод. Сипас Мокон пой фишурд ва дил бар марг ниҳод. Дар ин ҳол тире бар ӯ омад ва ӯро бикушт. Вушмгир ба Табаристон гурехт ва дар он ҷо бимонд. Абӯалӣ ибни Мӯҳтоҷ дар соли 329 (940—941) бар Рай муставлӣ шуд ва сари Моконро ҳамроҳ бо асирон ба Бухоро фиристод. Инон ҳамчунон дар асорат монданд, то Вушмгир дар тоати Оли Сомон даромад ва дар соли 330 (941—942) ба Хуросон рафт ва хост, ки асиронро ба ӯ бахшанд. Асиронро ба ӯ бахшиданд ва озод карданд. Сари Мокон дар Бухоро монд ва онро ба Бағдод нафиристоданд.

## ИСТИЛОИ АБӮАЛӢ ИБНИ МӮҲТОҶ БАР БИЛОДИ ҶАБАЛ

Чун Абӯалӣ ибни Мӯҳтоҷ — соҳиби Хуросон Райро аз Вушмгир бистуд ва дар он ба номи амири саъид Наср ибни Аҳмади Сомонӣ хутба хонд, лашкар ба билоди Ҷабал фиристод ва он ҷоро фатҳ кард ва бар Занҷону Абҳару Қазвину Қуму Караҷу Ҳамадону Наҳованд ва Диновар — то ҳудуди Ҳулвон даст ёфт ва уммоли худ ба ҳар ҷо бифиристод ва ба гирдоварии хироҷ пардохт. Ҳасан ибни Фирӯзон — писари амми Мокон дар Сорӣ буд. Вушмгир ҳамвора мехост ӯро ба тоати худ дароварад, вале ӯ аз фармон сар

PDF Compressor Free Version

мепечид. Пас Вушмгир оҳанги ӯ кард ва дар Сорӣ ба муҳосарааш афканд ва мағлубаш намуд. Ҳасан ибни Фирӯзон аз Абӯалӣ ибни Мӯҳтоҷ ёрӣ хост ва ӯ дар соли 330 (941—942) лашкар ба муҳосараи Вушмгир дар Сорӣ бурд. Абӯалӣ Вушмгирро дар муҳосира гирифт, то оқибат ба мусолаҳа розӣ шуд. Абӯалӣ аз Вушмгир хост, ки гардан ба фармони амири саъид Наср ибни Аҳмадниҳад ва аз ӯ гаравгон гирифт ва дар соли 331 (942—943) аз Сорӣ ба Ҷурҷон рафт. Дар ин айём хабари вафоти амири саъид Наср ибни Аҳмад ба ӯ расид, аз Ҷурҷон ба Хуросон омад ва он ҷоро дар тасарруф гирифт.

Чун Абӯалӣ ба Ҷурҷон бозгардид, Вушмгир аз Табаристон ба Рай рафт ва бар он муставлӣ шуд. Ҳасан ибни Фирӯзон назди Вушмгир кас фиристод, то аз ӯ дилҷӯӣ кунад ва писараш — Солорро, ки назди Абӯалӣ ба гаравгон буд, назди падар бозгардонид, то ӯро алайҳи хуросониён ёрӣ диҳад. Ваъдаҳои некӯяш дод. Вушмгир низ ҷавобҳои нарм дод.

Чун Вушмгир Райро дар тасарруф овард, Рукнуддавла ва бародараш — Имодуддавла тамаъ дар он бастанд, зеро Вушмгир ба сабаби он ҳодиса нотавон шуда буд. Рукнуддавла Ҳасан ибни Бӯя ба Рай лашкар бурд ва пас аз набарде Вушмгирро мунҳазим сохт ва бисёре аз ёронаш аз Рукнуддавла амон хостанд. Вушмгир озими Табаристон шуд. Ҳасан ибни Фирӯзон роҳ бар ӯ бигирифт, ҷамоъате дигар аз лашкариёнаш аз Ҳасан ибни Фирӯзон амон талабиданд ва ӯ худ ба Хуросон гурехт. Аз он пас миёни Ҳасан ибни Фирӯзон ва Ҳасан ибни Бӯяи Рукнуддавла маротиби дӯстӣ барқарор шуд. Рукнуддавла духтаре аз они Ҳасан ибни Фирӯзонро ба занӣ гирифт ва аз ӯ Фахруддавла Алӣ мутаваллид гардид.

## ВАФОТИ АМИРИ САЪИД НАСР ИБНИ АҲМАД ВА АМОРАТИ ПИСАРАШ НӮҲ ИБНИ НАСР

Амири саъид Наср ибни Аҳмади Сомонӣ — амири Хуросон ва Мовароуннаҳр ба бемории сил дучор шуд ва ин бе-

PDF Compressor Free Version

морӣ 13 сол муддат гирифт. Ва дар моҳи шаъбони соли 331 (IV. 943) аз ҷаҳон бирафт. Амири саъид марде карим ва бурдбор буд. Ба ҳангоми беморӣ аз сари ихлос тавба кард ва ҳамчунон дар тавба бимурд. Пас аз маргаш писараш — Нӯҳ ибни Наср ба ҷояш нишаст. Ӯ низ карим ва бурдбор буд. Мардум бо ӯ байъат карданд ва ӯро «амири ҳамид» лақаб доданд. Тадбири умури кишварашро Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмади Ҳоким, ки аз акобири асҳоби падараш буд, бар ӯҳда гирифт. Амири саъид Наср ибни Аҳмад писари худ —Исмоилро ҳукумати Бухоро дода буд ва ӯ тахти кафолати Абулфазл ибни Аҳмад ибни Ҳамуя буд. Ин Абулфазл бо Нӯҳ рафторе накӯҳида дошт ва ҳамвора бо ӯ кина меварзид. Исмоил дар ҳаёти падар бимурд ва амири саъид, ки Абулфазлро гиромӣ медошт, ӯро васият кард, ки пас аз марги ӯ аз писараш — Нӯҳ бигрезад. Чун Нӯҳ ба аморат расид, Абулфазл аз Бухоро бигрехт ва аз Ҷайҳун бигзашт ва ба Омуд рафт. Миёни Абулфазл ибни Ҳамуя ва Абӯалӣ ибни Мӯхтоҷ хешовандӣ буд. Абулфазл Абӯалиро аз омадани худ хабар дод; вале Абӯалӣ ӯро аз омадан манъ кард. Абулфазл ба амир Нӯҳ нома навишт ва амон хост ва амир Нӯҳ амонаш дод ва аморати Самарқанд ба ӯ дод. Абулфазл аз Муҳаммад ибни Аҳмади Ҳоким эъроз мекард ва бад-ӯ тавaҷҷӯҳ наменамуд ва душманӣ меварзид.

Дар соли 332 (943—944) Абдуллоҳ ибни Ашком, ки дар Хоразм буд, алайҳи амир Нӯҳ исён кард. Амир Нӯҳ аз Бухоро ба Марв рафт ва лашкаре ба сӯи ӯ фиристод. Сардори ин сипоҳ Иброҳим ибни Борас дар роҳ бимурд. Абдуллоҳ ибни Ашком ба подшоҳи Турк паноҳ бурд. Подшоҳи Туркро писаре буд, ки дар Бухоро дар ҳабси амир Нӯҳ буд. Амир Нӯҳ ибни Наср назди падари ӯ кас фиристод, ки агар ибни Ашкомро дастгир кунад, писарашро аз зиндон озод хоҳад сохт. Ӯ низ иҷобат кард. Чун ибни Ашком аз ин хабар огоҳ шуд, гардан ба тоати амир Нӯҳ ибни Наср ниҳод. Амир низ ӯро авф кард ва мавриди икром қарор дод.

PDF Compressor Free Version

## ИСТИЛОИ АБЎАЛӢ БАР РАЙ ВА ДОХИЛ ШУДАНИ ҶУРҶОН ДАР ТОАТИ АМИР НЎҲ ИБНИ НАСР

Амир Нўҳ ба Марв рафт ва Абўалӣ ибни Мўҳтоҷро фармон дод, ки бо сипоҳиёни Хуросон ба Рай равад ва онро аз Рукнуддавла ибни Буя бистонад. Ў низ бирафт. Дар роҳ Вушмгирро дид, ки назди амир Нўҳ мерафт. Абўалӣ роҳи ў бигшод, то бирафт ва худ озими Рай гардид. Чун ба Бистом расид, авзои лашкараш парешон шуд ва ҷамоате бо Мансур ибни Қаротекин — аз акобири асҳоби Нўҳ ибни Наср аз ў ҷудо шуданд ва оҳанги Ҷурҷон карданд. Ҳасан ибни Фирўзон роҳ бар онон бигрифт, ба ночор ба Нишобур рафтанд. Абўалӣ бо боқимондаи лашкараш ба Рай рафт, Рукнуддавла ба ҷанги ў берун омад. Дар се фарсангии Рай набард даргирифт. Ҷамоате аз ёрони Абўалӣ ки аз курдон буданд, ба Рукнуддавла паноҳ бурданд. Абўалӣ мунҳазим шуд ва ба Нишобур бозгардид. Абўалӣ аз Нишобур ба Марв рафт ва амир Нўҳ дар Марв буд. Амир Нўҳ ўро бо лашкаре мадад карда бозгардонид. Абўалӣ дар авосити соли 333 (945) аз Нишобур дар ҳаракат омад. Рукнуддавла, ки аз касрати сипоҳиёни ў огоҳ шуда буд, аз Рай бирафт ва Абўалӣ бар Рай муставлӣ шуд. Сипас бар дигар аъмоли Ҷибол ғалаба ёфт ва аз ҷониби худ волиёне ба он аъмол гусел дошт. Ин пирўзӣ дар моҳи рамазони ҳамон сол (IV.945) буд.

Амир Нўҳ аз Марв ба Нишобур рафт ва дар он ҷо бимонд. Душманони Абўалӣ ҷамоате оммаро водоштанд, то аз ситам ва аъмоли носутудаи Абўалӣ ва уммолаш назди ў шикоят кунанд ва аз ў додхоҳӣ намоянд. Амир Нўҳ Иброҳим ибни Симҷўрро амороти Нишобур дод ва аз он ҷо бозгардид. Қасдаш он буд, ки Абўалӣ дар Рай бимонад, то ба хубӣ аз он дифоъ кунад ва умедаш аз Хуросон бурида шавад. Ин кор бар Абўалӣ гарон омад ва аз он тарсид, ки муқаддимаи азли ў бошад. Абўалӣ бародари худ—Абулаббос Фазл ибни Муҳаммадро ба хураҳои Ҷибол фиристод ва ўро амороти Ҳамадон дод. Низ фармондеҳии сипоҳро ба ў арзонӣ дошт. Фазл ба Наҳованд ва Динавар рафт ва бар он-

PDF Compressor Free Version

ҳо муставлӣ шуд. Сарони курд, ки дар он навоҳӣ буданд, аз ӯ амон хостанд. Ӯ низ аз эшон гаравгон гирифт, то сар аз фармон напечанд.

Баъд он ҳангом, ки амир Нӯҳ дар Марв буд, Вушмгир назди ӯ омад ва аз ӯ хост, ки дар тасарруфи Ҷурҷон ӯро ёрӣ диҳад. Амир Нӯҳ низ ӯро назди Абӯалӣ фиристод, то ёриаш кунад. Абӯалӣ низ бори аввал, ки аз Рай ба Нишобур мерафт, сипоҳеро ки бо ӯ боқӣ монда буд, ба Вушмгир дод. Вушмгир бо ин сипоҳ ба Ҷурҷон рафт ва бо Ҳасан ибни Фирӯзон набард кард ва ӯро мунҳазим гардонид ва бар Ҷурҷон ба номи амир Нӯҳ ибни Насри Сомонӣ ҳукумат оғоз кард. Ин воқеа дар моҳи сафари соли 333 (IX.944) буд.

## ИСЁНИ АБӮАЛӢ ВА АМОРАТИ МАНСУР ИБНИ ҚАРОТЕКИН БАР ХУРОСОН

Гуфтем, ки амир Нӯҳ ибни Наср Абӯалӣ ибни Муҳтоҷро аз Хуросон азл кард ва пеш аз ин ӯро аз девони лашкар, ки дар тахти назари ӯ буд, азл карда буд ва дигареро барои арзи лашкар фиристода буд. Ӯ низ номи баъзеро ҳазф кард ва баъзеро боқӣ гузошт ва дар атои баъзе бияфзуд ва аз атои баъзе бикост. Ин амр сабаби ба ҳам баромадани сипоҳиён шуд ва аз он тарсиданд, ки ё номашонро барафканад, ё аз мизони мувоҷибашон бикоҳад. Ин буд, ки забон ба шикоят кушуданд ва дар ин ҳангом дар Ҳамадон буданд. Қарор бар он ниҳоданд, ки Иброҳим ибни Аҳмад ибни Исмоил—амми Нӯҳ ибни Насрро, ки аз ӯ гурехта ва ба Мавсил рафта буд, фаро хонанд. Пас тасмими худ бо Абӯалӣ дар миён ниҳоданд. Абӯалӣ ононро манъ кард. Таҳдидаш карданд ва ба Иброҳим нома навиштанд ва ӯро назди худ хонданд. Иброҳим дар моҳи рамазони соли 334 (IV.946) ба Ҳамадон омад. Абӯалӣ дар Ҳамадон аз ӯ дидор кард ва дар моҳи шаввол (V.946) бо ӯ ба Рай рафт. Дар он ҷо Абӯалӣ хабар ёфт, ки бародараш Фазл дар ниҳон ба амир Нӯҳ навишта ва ӯро огоҳ кардааст. Пас ӯ ва мутаваллии умури девонро бигирифт ва ба Нишобур рафт ва касеро ба ҷойи худ дар Рай ва Ҷибол қарор дод.

PDF Compressor Free Version

Чун амир Нӯҳ хабар ёфт, оҳанги Марв намуд. Сипоҳиён бонг ва хурӯш карданд ва аз Муҳаммад ибни Аҳмади Ҳоким бинолиданд ва гуфтанд: корҳои накӯҳидаи ӯ сабаб шуда, ки Абӯалӣ дар Хуросон исён кунад ва корҳои давлат рӯй дар фасод ниҳад. Ва аз ӯ хостанд, ки Муҳаммад ибни Аҳмадро таслими эшон кунад, вагарна ба Абӯалӣ ва Иброҳим хоҳанд гаравид. Амир Нӯҳ низ вазирро таслимашон кард. Ӯро дар нимаи соли 335 (XII.946—I.947) куштанд.

Чун Абӯалӣ ибни Мӯҳтоҷ ба Нишобур расид, Иброҳим ибни Симҷӯр ва Мансур ибни Қаротекин ва дигар сардорон дар он ҷо буданд. Абӯалӣ ононро дилҷӯӣ кард. Ин сардорон бад-ӯ гаравиданд ва ҳамроҳи ӯ шуданд ва дар муҳаррами соли 335 (VIII.946) ба шаҳр даромаданд. Абӯалӣ чанде баъд аз Мансур ибни Қаротекин бимнок шуд ва ӯро ба зиндон кард ва аз Нишобур дар ҳаракат омад ва ҳамроҳи Иброҳим ба Марв шуд. Дар роҳ, ки мерафт, Фазл — бародараш аз зиндон бигурехт ва роҳи Кӯҳистон шуд. Чун ба Марв наздик шуд, сипоҳи амир Нӯҳ музтариб гардид ва бисёре аз эшон бад-ӯ пайвастанд. Абӯалӣ бар Марв ва Тахористон ғалаба ёфт ва оҳанги Бухоро намуд ва аз Ҷайҳун бигузашт. Нӯҳ аз Бухоро берун омад ва ба Самарқанд шуд. Абӯалӣ дар ҷумодиюлохири соли 335 (XII.946) вориди Бухоро шуд ва ба номи Иброҳим — амми амир Нӯҳ хутба хонд ва мардум бо ӯ байъат карданд.

Дар ин аҳвол Абӯалӣ аз Иброҳим бимнок шуд ва аз ӯ ҷудо гардида ба Туркистон рафт ва Иброҳим дар Бухоро монд. Пас аз чанде Иброҳим чунон дид, ки худро аз салтанат халъ кунад ва корро ба бародарзодаи худ — амир Нӯҳ бисупорад ва худ сипаҳсолори лашкари ӯ бошад, он гоҳ ҳар ду оҳанги қитоли Абӯалӣ кунанд.

Оқибат Абӯалӣ оҳанги Чағониён намуд ва чун ӯ бирафт, Иброҳим ва Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Наср назди амир Нӯҳ ба Самарқанд рафтанд ва аз ӯ амон хостанд ва пушаймонӣ намуданд. Амир Нӯҳ ононро бинавохт ва ваъдаҳои некӯ дод ва дар моҳи рамазон ба Бухоро бозгардид. Дар Бухоро чашмони амми худ ва ду бародараш — Абӯҷаъфа-

PDF Compressor Free Version

ри Муҳаммад ва Аҳмадро мил кашид. Сипоҳиён бозгаштанд ва умури давлат ба интизом омад.

Абӯалӣ дар Чағониён буд. Хабар ёфт, ки лашкари амир Нӯҳ ба ҷанги ӯ меояд. Сардори ин сипоҳ—Фазл ибни Муҳаммад бародари ӯ буд. Баъзе аз сарони сипоҳ ба амир Нӯҳ нома навиштанд, ки Фазлро ба бародар гароише падид омада, Амир Нӯҳ фармон дод, ки ӯро гирифта ба Бухоро фиристанд. Пас миёни Абӯалӣ ва сипоҳи амир Нӯҳ набардҳое сахт даргирифт. Ин ҷанг дар моҳи рабеъулаввали соли 337 (IX.948) буд. Дар ин набардҳо Абӯалӣ мағлуб шуд ва ба Шумон дар шаш фарсангии Чағониён рафт. Сипоҳи амир Нӯҳ ба Чағониён даромаданд ва хонаҳо ва кохҳои Абӯалиро вайрон карданд, сипас аз пайи ӯ ронданд. Абӯалӣ бозгашт ва гурӯҳе бар ӯ гирд омада буданд. Абӯалӣ дар тангное роҳ бар лашкари амир Нӯҳ бигирифт. Оқибат хостори сулҳ шуданд, баъд-он шарт ки писари худ—Абулмузаффари Абдуллоҳро ба гаравгон назди амир Нӯҳ фиристад. Паймони оштӣ дар моҳи ҷумодиюлохири соли 337 (XII.948) миёни ду тараф баста шуд.

Абӯалӣ ибни Муҳтоҷ писари худ—Абулмузаффарро ба Бухоро фиристод. Амир Нӯҳ бо ӯ дидор кард ва хилъаташ дод ва ӯро дар зумраи надимони хеш даровард ва оташи он фитна фурӯ нишаст.

Ибни Асир гӯяд: Инҳо, ки овардем, чизе аст, ки муаррихони Хуросон дар ин қисса навиштаанд. Аммо муаррихони Ироқ гӯянд ки чун Абӯалӣ ба Рай рафт, Рукнуддавла ибни Буя аз бародари худ—Имодуддавла ёрӣ талабид. Имодуддавла ба бародар навишт, ки аз Рай хориҷ шавад, то тартиби корҳо дода шавад. Абӯалӣ Райро тасарруф кард. Имодуддавла ба амир Нӯҳ дар ниҳон навишт, ки дар ҳар сол сад ҳазор динор бештар аз он чи Абӯалӣ аз хироҷи Рай бар ӯҳда гирифта, барои ӯ хоҳад фиристод ва хироҷи як солро низ пеш-пеш пардохт хоҳад кард. Пас Имодуддавла амир Нӯҳро ба дастгирии Абӯалӣ водор кард ва ӯро аз Абӯалӣ сахт битарсонид. Амир Нӯҳ низ иҷобат кард ва он қарордод ба имзо расонид ва мол бигирифт. Рукнуддавла Абӯалиро дар Ҳамадон аз ин қарордоди сиррӣ огоҳ кард ва

PDF Compressor Free Version

ӯро аз амир Нӯҳ ба ваҳшат афканд. Абӯалӣ низ назди Иброҳим, ки дар Мавсил буд, кас фиристод ва ӯро фаро хонд, то он мамоликро таслими ӯ кунад. Иброҳим низ биёмад ва дар Ҳамадон бо Абӯалӣ дидор карда, ҳар ду ба сӯи Хуросон равон шуданд.

Чун Абӯалӣ бирафт, Рукнуддавла ба Рай дохил шуд ва Имодуддавла бад-ин баҳона, ки Абӯалӣ роҳҳоро ба хатар андохта, аз ирсоли моле, ки бар ӯҳда гирифта буд, сар боз зад. Ва ба Абӯалӣ паём дод, ки ба ҷид(д) даристад, ӯро ёрӣ хоҳад кард. Ҳамчунин ба амир Нӯҳ аз ин гуна ваъдаҳо медод. Миёни амир Нӯҳ ва Абӯалӣ дар Нишобур набарде даргирифт. Нӯҳ шикаст хӯрда ба Самарқанд рафт. Абӯалӣ бар Бухоро муставлӣ гардид. Оқибат миёни Абӯалӣ ва Иброҳим низ ихтилоф афтод. Амир Нӯҳ бори дигар лашкар гирд карда, ба Бухоро овард ва бо амми худ—Иброҳим масоф(ф) дод. Сардорони сипоҳи Иброҳим ӯро танҳо раҳо карда, ба амир Нӯҳ пайвастанд. Иброҳим ба асорат афтод. Амир Нӯҳ ӯро ба ҷамоате аз хонаданаш кӯр кард, валлоҳу аълам.

## ИСЁНИ МУҲАММАД ИБНИ АБДУРАЗЗОҚ ДАР ТӮС

Муҳаммад ибни Абдурраззоқ омили Тӯс ва аъмоли он буд. Абӯалӣ ибни Мӯҳтоҷ бад-он ҳангом, ки лашкар ба сӯи амир Нӯҳ бурда буд, ӯро ба ҷои худ дар Нишобур гузошта буд. Чун амир Нӯҳ ба подшоҳии худ бозгашт, Муҳаммад ибни Абдурраззоқ дар Хуросон исён намуд. Мансур ибни Қаротекин — сипаҳсолори Хуросон дар Марв назди амир Нӯҳ буд. Вушмгир, ки дар Ҷурҷон аз Ҳасан ибни Фирӯзон шикаст хӯрда буд, ба Марв омад ва аз амир Нӯҳ ёрӣ талабид. Амир Нӯҳ Мансур ибни Қаротекинро фармон дод, ки бо Вушмгир нахуст ба Нишобур равад ва бо Муҳаммад ибни Абдурраззоқ биҷангад ва ҳар чӣ дар даст дорад, бистонад, сипас роҳи Ҷурҷон гардад.

Дар соли 336 (947—948) Мансур ва Вушмгир ба Нишобур рафтанд. Муҳаммад ибни Абдураззоқ аз Нишобур ба Устуво (11) гурехт. Мансур дар пайи ӯ буд. Муҳаммад ба

PDF Compressor Free Version

Ҷурҷон шуд ва аз Рукнуддавла ибни Бӯя амон талабид ва ба Рай рафт. Мансур аз Нишобур ба Тӯс рафт ва Рофеъ ибни Абдурраззоқро (12) дар дижи Шамилон муҳосара кард. Рофеъ аз дижи Шамилон ба дижи Дарак паноҳ бурд. Мансур Шамилонро вайрон намуд ва ба дижи Дарак рафт. Мансур дижи Даракро дар муҳосара гирифт. Ҳамаи амвол ва авлоди эшон дар ин диж буд. Аҳмад ибни Абдурраззоқ аз Мансур амон хост. Вале бародараш—Рофеъ бисёре аз амвол ва ҷавоҳирро дар фаршҳое печид ва аз қалъа фурӯ афканд. Сипас худ ва ҷамоъате фуруд омаданд ва он амвол баргирифтанд ва дар кӯҳҳо парокандa шуданд. Мансур низ ҳар чи дар қалъа боқӣ монда буд, тороҷ кард ва зану фарзанди Муҳаммад ибни Абдурраззоқро баргирифт ва ба Бухоро бурд ва дар он ҷо ба банд кашид. Чун Муҳаммад ибни Абдурраззоқ ба Рукнуддавла расид, Рукнуддавла ӯро атоёи бисёр дод. Ва ба набарди Марзбон ба Озорбойҷонаш равона намуд.

## ИСТИЛОИ РУКНУДДАВЛА ИБНИ БӮЯ БАР ТАБАРИСТОН БА ҶУРҶОН ВА РАФТАНИ ЛАШКАРҲО БА ҶУРҶОН ВА СУЛҲ БО ҲАСАН ИБНИ ФИРӮЗОН

Чун авзои Хуросон парешон шуд, Рукнуддавла ибни Бӯя ва Ҳасан ибни Фирӯзон дасти иттифоқ ба якдигар доданд ва оҳанги билоди Вушмгир карданд ва ӯро мағлуб карданд ва Рукнуддавла Табаристонро тасарруф кард. Сипас ба Ҷурҷон рафт ва Ҷурҷонро низ бигирифт. Сардорони лашкари Вушмгир ҳама аз Рукнуддавла амон хостанд. Ӯ низ ҳамаро амон дод. Вушмгир ба Хуросон рафт, то аз сипаҳсолори Хуросон мадад гирад. Мансур ибни Қаротегин бо сипоҳиёни Хуросон ба Ҷурҷон омад. Ҳасан ибни Фирӯзон дар Ҷурҷон буд. Мансур аз Ҳасан ибни Фирӯзон гаравгон хост ва ӯ писарашро назди ӯ гаравгон ниҳод. Сипас аз ҷониби амир Нӯҳ чизҳое шунид, ки сабаби изтироби хотири ӯ гардид. Пас писари Ҳасан ибни Фирӯзонро, ки ба гаравгон гирифта буд, ба ӯ бозгардонид ва ба Нишобур бозгашт ва Ҳасан дар Завзан монд ва Вушмгир ба Ҷурҷон рафт.

PDF Compressor Free Version

## ҲАРАКАТИ МАНСУР ИБНИ ҚАРОТЕКИН БА РАЙ ВА БОЗГАШТАНИ Ӯ

Мансур ибни Қаротекин — сипаҳсолори Хуросон дар соли 339 (950—951) ба фармони амир Нӯҳ ба Рай омад. Зеро Рукнуддавла ибни Буя дар навоҳии Форс буд. Мансур биёмад ва бар Рай ва ноҳияи Ҷабал то Қармабсин муставлӣ шуд. Чун хабар ба Рукнуддавла, ки дар Форс буд, расид. Муиззуддавла бародари худро фармон дод, ки лашкаре фиристад, то онро аз навоҳии муҷовири Ироқ дафъ кунад. Муъиззуддавла низ сипоҳе ба сардории Сабуктекини ҳоҷиб фиристод. Ӯ низ бирафт ва хуросониёнро биронд ва сардорашон Баҷками Хумортекинро асир кард ва бо асирон назди Муъиззуддавла фиристод, ӯ низ ба зиндонаш афканд. Чун хабар ба хуросониён расид, ҳама дар Ҳамадон гирд омаданд. Сабуктекин аз пайи эшон лашкар ронд. Онон аз Ҳамадон берун рафтанд ва Сабуктекин ба Ҳамадон даромад. Ва дар он ҷо бибуд то дар моҳи шаввол (III. 951) Рукнуддавла низ ба Ҳамадон омад. Рукнуддавла мехост аз пайи фирориён равад, вале вазираш—Абулфазл ибни Амид ишорат кард, ки дар ҷойи худ собит бимонад. Лашкари Хуросон ба сababи инқитоъи озуқа ба Рай бозгардиданд. Албатта сипоҳи Дайлам низ аз ҷиҳати ғизо дар тангно буд, вале дар дайламиён хӯйи бадавигарӣ бештар буд, аз ин рӯ дар баробари гуруснагӣ муқовиматашон низ бештар буд. Рукнуддавла худ ба ҳаракат даромад ва ҳар чӣ аз хуросониён бар ҷой монда буд, тороҷ кард.

## ВАФОТИ ПИСАРИ ҚАРОТЕКИН ВА БОЗГАШТАНИ АБӮАЛИЙ ИБНИ МӮҲТОҶ БА АМОРАТ БА ХУРОСОН

Мансур ибни Қаротекин — сипаҳсолори Хуросон, пас аз бозгашташ аз Исфахон дар моҳи рабеъулаввали соли 340 (VIII. 951) бимурд. Ҷанозаашро ба Исписҷоб burданд ва назди гӯри падараш ба хок супурданд. Амир Нӯҳ Абӯалӣ ибни Мӯҳтоҷро амороти Хуросон дод ва ба Нишобур бозгардонид. Сабаб он буд, ки Мансур ибни Қаротекин, ки аз лаш-

PDF Compressor Free Version

карпёни худ ҳамвора дар ранҷ буд, мехост аз сипаҳсолории Хуросон истеъфо кунад ва пай дар пай аз амир Нӯҳ тақозои истеъфо карда буд. Амир Нӯҳ Абӯалиро ваъда дода буд, ки ба ҷои ӯ ба Хуросонаш фиристад. Чун Мансур вафот кард, амир Нӯҳ Абӯалиро хилъат ва алам фиристод ва фармон дод, ки ба Хуросон равад ва Райро низ ба ӯ иқтоъ дод ва гуфт, ки ба Рай низ лашкар барад. Абӯалӣ дар моҳи рамазони соли 340 (1.952) аз Чағониён дар ҳаракат омад ва писари худ—Абӯмансурро ба ҷойи худ ниҳод ва ба Марв омад. Ва дар он ҷо бимонд, то авзои Хоразмро, ки ошуфта шуда буд, ба салоҳ оварад. Сипас озими Нишобур шуд ва дар он ҷо иқомат гузид.

Дар соли 342 (953—954) Вушмгир ба амир Нӯҳ ибни Наср навишт, ки Абӯалӣ ибни Муҳтоҷро бо лашкари Хуросон ба ёрии ӯ фиристад. Ӯ низ дар моҳи рабеъулаввали ҳамон сол (VII.953) ба Рай рафт. Рукнуддавла аз муқотала худро ба канора кашид ва ба Табарак паноҳ бурд. Абӯалӣ чанд моҳ дижи Табаракро (13) дар муҳосара гирифт, оқибат лашкариён малул шуданд ва асбҳояшон аз гуруснагӣ лоғар шуданд ва мурданд. Абӯалӣ хостори сулҳ шуд. Муҳаммад ибни Абдурраззоқ, ки аз ӯ ёд кардем, миёни ду тараф ба омадушуд пардохт, то бар он ниҳоданд, ки Рукнуддавла ҳар сол дувист ҳазор динор хироҷ бипардозад. Абӯалӣ ба Хуросон бозгардид. Вушмгир ба амир Нӯҳ навишт, ки Абӯалӣ дар ҷанг сидоқат ба харҷ надода ва миёни ӯ ва Рукнуддавла дар ниҳон задубанд шудааст. Амир Нӯҳ бар Абӯалӣ хашм гирифт. Чун Абӯалӣ ба Хуросон бозгардид, Рукнуддавла бар сари Вушмгир лашкар овард. Вушмгир аз муқобили ӯ бигурехт ва ба Исфароин рафт ва Рукнуддавла бар Табаристон истило ёфт.

## АЗЛИ АМИР АБӮАЛӢ АЗ ХУРОСОН ВА РАФТАНИ Ӯ НАЗДИ РУКНУДДАВЛА ВА АМОРАТИ БАКР ИБНИ МОЛИК БА ҶОЙИ Ӯ

Чун сиоятҳои Вушмгир аз Абӯалӣ ибни Муҳтоҷ назди амир Нӯҳ ибни Наср коргар омад, фармони азли ӯро аз

PDF Compressor Free Version

Хуросон ба соли 342 (953—954) содир намуд ва ба ҳамаи сардорон нома навишт ва хабари азли ӯ бидод. Он гоҳ Абӯсаъид Бакр ибни Молики Фарғониро ба ҷойи ӯ сипаҳсолории Хуросон дод. Абӯалӣ назди амир Нӯҳ кас фиристод ва аз ӯ пӯзиш хост. вале амир Нӯҳ напазируфт. Ҷамоате аз аъёни Нишобурро фиристод, то аз ӯ бихоҳанд, ки ӯро дар мақоми худ ибқо кунад. боз ҳам иҷобаташон нанамуд. Абӯалӣ исён кард ва ба номи худ дар Нишобур хутба хонд.

Амир Нӯҳ ба Вушмгир ва Ҳасан ибни Фирӯзон нома навишт, ки ҳар ду алайҳи дӯстдорони Рукнуддавла дар ҳар куҷо, ки бошанд, бо якдигар муттаҳид шаванд. Онон низ чунин карданд ва Абӯалӣ дар кори худ ба бим афтод ва дигар имкони бозгаштанаш ба Чағониён набуд ва дар Хуросон низ ёрои монданаш набуд. Ва ночор рӯй ба сӯйи Рукнуддавла овард ва аз ӯ иҷозат хост, ки ба хидматаш пайвандад. Ӯ низ иҷозат дод ва Абӯалӣ дар соли 343 (954—955) ба Рай рафт. Рукнуддавла ӯро гиромӣ дошт ва ҳамдаму ҳамнишини худ намуд. Бакр ибни Молик низ бар Хуросон муставлӣ гардид.

## ВАФОТИ АМИР НӮҲ ИБНИ НАСР ВА АМОРАТИ ПИСАРАШ АБДУЛМАЛИК

Амир Нӯҳ ибни Наср. ки «амири ҳамид» лақаб дошт, дар моҳи рабеъулохири соли 343 (VIII.954) пас аз дувоздаҳ соли ҳукумат дида аз ҷаҳон барбаст ва писараш Абдулмалик ба ҷои ӯ нишаст. Зимоми корҳои Абдулмаликро Бакр ибни Молики Фарғонӣ ба даст гирифт. Чун асоси ҳукуматаш истиқрор ёфт, Бакрро фармон дод, ки ба Хуросон равад ва мо аз ҷараёни кори амир Нӯҳ ва Абӯалӣ пеш аз ин сухан гуфтем.

## ҲАРАКАТИ ЛАШКАРҲО АЗ ХУРОСОН БА РАЙ ВА ИСФАҲОН

Сипоҳиёни Хуросон дар соли 344 (955—956) ба сӯйи Рай дар ҳаракат омаданд. Рукнуддавла дар Рай буд ва дар

PDF Compressor Free Version

ғозн муҳаррам (IV.955) аз Ҷурҷон ба Рай омада буд ва аз бародари худ—Муъиззуддавла, ки дар Бағдод буд, ёрӣ хоста буд. Ӯ низ ҳоҷиб Сабуктекинро ба ёриаш фиристода буд. Бакр низ сипоҳе аз Хуросон фиристод. Сардори ин сипоҳ Муҳаммад ибни Мокон буд. Ин лашкар аз роҳи биёбони Кавир (14) ба Исфаҳон омад. Абӯмансури Бӯя — писари Рукнуддавла дар Исфаҳон буд. Ӯ бо ҳарам ва хазоини падар аз Исфаҳон берун омад ва ба Хонланҷон рафт. Муҳаммад ибни Мокон ба Исфаҳон даромад ва сипас аз пайи Бӯя ибни Рукнуддавла берун омад. ва ӯро биёфт ва хазоин ва амволе, ки бо худ бурда буд, аз вай бистуд. Қазоро дар ҳамин ҳол Абулфазл ибни Амид — вазири Рукнуддавла бо сипоҳе бирасид. Миёни ӯ ва Муҳаммад ибни Мокон ҷанг даргирифт ва Абулфазл ибни Амид шикаст хӯрд ва ёронаш рӯй ба гурез ниҳоданд. Ибни Амид худ пой фишурд. Сипоҳиёни Мокон ба тороҷ машғул шуданд ва аз ҷанг ғофил гаштанд. Ҷамоате бар Ибни Амид гирд омаданд ва ҳама дил бар ҳалок ниҳода бар сипоҳи Ибни Мокон ҳамлае сахт карданд. Ибни Мокон мунҳазим шуд ва ба асорат афтод. Ибни Амид ба Исфаҳон рафт ва он ҷоро дар тасарруф овард ва ҳарам ва авлоди Рукнуддавларо, ки дар Исфаҳон буданд, бозгардонид. Сипас Рукнуддавла назди Бакр ибни Молик — сипаҳсолори Хуросон кас фиристод ва бо ӯ қарори сулҳ ниҳод, ки ҳарсола аз бобати хироҷи Рай ва билоди Ҷабал маблағе ба Хуросон фиристад ва низ аз сӯи бародари худ, ки дар Бағдод буд, хилъатҳо ва аламҳое ба унвони фармонравои Хуросон барояш фиристод. Ин ҳадоё дар моҳи зулқаъдаи соли 344 (II.956) ба ӯ расид.

## ВАФОТИ АБДУЛМАЛИК ИБНИ НӮҲ — АМИРИ МОВАРОУННАҲР ВА ҲУКУМАТИ БАРОДАРАШ — МАНСУР ИБНИ НӮҲ

Амир Абдулмалик ибни Нӯҳ ёздаҳуми моҳи шавволи соли 350, (XI.961) пас аз ҳафт соли ҳукумат даргузашт. Пас аз ӯ бародараш Мансур ибни Нӯҳ ба аморат нишаст. Дар рӯзҳои аввали ҳукуматаш Рукнуддавла бар Табарис-

PDF Compressor Free Version

тон ва Ҷурҷон муставлӣ шуд ва Вушмгир, ки ёронаш аз гирдаш парокanda шуда буданд, аз Табаристон берун омад ва ба билоди Ҷел дохил шуд(15).

## ҲАРАКАТИ ЛАШКАРҲО АЗ ХУРОСОН БА РАЙ ВА ВАФОТИ ВУШМГИР

Пеш аз ин гуфтем, ки Вушмгир уммоли Оли Сомонро накӯҳиш мекард, ки шарти некхоҳӣ ба ҷой намеоваранд ва бо дайламиён, ки душманони онон ҳастанд, дар ниҳони муровада доранд. Абӯалӣ ибни Илёс — фармонравои Кирмон ҳайъате назди амир Мансур ибни Нӯҳ фиристод ва аз ӯ ёрӣ хост, то ба ҷанги умарои Оли Бӯя равад ва низ ӯро таҳриз кард, ки ба ҷониби Рай дар ҳаракат ояд. Ҳамчунин ӯро аз ин, ки дар ин гуна умур аз уммоли худ машварат ва назар хоҳад — чунонки Вушмгир гуфта буд — бар ҳазар дошт. Мансур ибни Нӯҳ назди Ҳасан ибни Фирӯзон кас фиристод, ки бо лашкари худ дар ҳаракат ояд. Сипас сипаҳсолори Хуросон—Абулҳасан ибни Муҳаммад ибни Симҷӯри Давотиро фармон дод, ки ба сӯйи Рай ҳаракат кунад ва ӯро суфориш кард, ки дар муъзилоти умур ба раъйи Вушмгир руҷӯъ намояд. Чун хабар ба Рукнуддавла расид, парешонхотир шуд ва зану фарзандонашро ба Исфаҳон фиристод. Ва аз писари худ — Азудуддавла, ки дар Форс буд, ва бародарзодааш—Иззуддавла Бахтиёр, ки дар Бағдод буд, низ ёрӣ хост. Азудуддавла қадами мусоадат дар майдони ниҳод ва аз роҳи Хуросон ба Рай омад ва аз он рӯ он роҳро баргузид, ки аз лашкар холӣ буд. Лашкарҳои Хуросон низ биёмаданд, то ба Домғон расиданд. Рукнуддавла аз Рай дар ҳаракат омад. Дар ин аҳвол рӯзе Вушмгир ба шикор рафт, хуке ваҳшӣ бар сари роҳи ӯ падидор гардид. Асбаш рам кард ва савори худро бар замин зад. Устухонҳои савор бишикаст ва бимурд. Ин воқеа дар моҳи муҳаррами соли 357(XII.967) буд. Марги ӯ дар азми дигарон сустӣ падид овард. Писараш Бесутун ба ҷои падар нишаст ва бо Рукнуддавла боби муросалат бикушуд

PDF Compressor Free Version

ва бо ӯ мусолаха намуд. Рукнуддавларо низ ба амвол ва ризҷол ёрӣ кард.

## ХАБАРИ ИБНИ ИЛЁС ДАР КИРМОН

Абӯалӣ ибни Илёс Кирмонро гирифта буд ва ба номи Оли Сомон хутба мехонд ва ба истибдод фармон меронд. Ногаҳон ба маразн фолиҷ дучор ва замингир шуд. Ӯро се писар буд: Ясаъ, Илёс ва Сулаймон. Васият кард, ки нахуст—Ясаъ ҷонишини ӯ шавад пас аз ӯ—Илёс. Сулаймон ба ҳам баромад ва бар Сирҷон ғалаба ёфт. Падар писари дигари худро бар сари ӯ фиристод ва фармон дод, ки ӯро аз он билод биронад ва агар хост, ки ба Суғд равад, ӯро иҷозат надиҳад. Ӯ бирафт ва бар бародар танг гирифт ва ӯро дар муҳосара афканд. Чун арса бар Сулаймон танг шуд, амволи худ гирд овард ва ба Хуросон рафт. Ясаъ Сирҷонро бигирифт ва роҳи Хуросон шуд. Гурӯҳе аз асҳоби падараш аз ӯ бимнок шуданд ва назди падар сиоят карданд. Падар низ ӯро бигирифт ва дар яке аз қалъаҳои худ маҳбус намуд. Дар яке аз рӯзҳое, ки Абӯалӣ ибни Илёсро ҳолати ғашӣ ориз шуда буд, Сулаймонро аз зиндон бираҳониданд. Лашкариён аз озодии ӯ шодӣ карданд. Чун падар ба ҳуш омад ва аз моҷаро хабар ёфт, писарро паём дод, ки агар ӯро амон диҳад, қалъа ва ҳамаи аъмоли Кирмонро бад-ӯ вогузор хоҳад кард ва худ ба Хуросон хоҳад рафт. Писар пешниҳоди падар бипазируфт. Падар низ қалъа ва ҳар чӣ амвол буд, ба ӯ дод ва худ ҳар чӣ мехост, бардошт ва ба Бухоро рафт. Амир Нӯҳ ӯро икром кард ва аз муқаррабони худ сохт. Ӯ Мансур ибни Нӯҳро водошт, ки ба қасди Оли Бӯя лашкар ба Рай барад ва мо аз он сухан гуфтем. Абӯалӣ ибни Илёс ҳамчунон дар Бухоро буд, то дар соли 356 (966—967) ба иллати фолиҷ аз дунё бирафт.

Сулаймон назди амир Мансур ибни Нӯҳ бимонд ва ӯро ба тасхири Кирмон барангехт ва гуфт, агар ба Кирмон расад, ҳамаи хонадони ӯ сар ба фармонаш хоҳанд ниҳод. Чун ин сипоҳ ба Кирмон расид, тавоифи Қуфс ва Балус (16) ва ҳама касоне, ки сар ба фармони Азудуддавла намеовар-

PDF Compressor Free Version

данд, гирди ӯро гирифтанд ва кораш боло гирифт. Гӯргекин — омили Азудуддавла дар Кирмон сипоҳе ба ҷанги ӯ бурд. Сипоҳиёни Сулаймон аз гирдаш парокандa шуданд ва писарони бародараш Ясаъ—Бакр ва Ҳусайн ва бисёре аз сардоронаш кушта шуданд ва Кирмон ба тасарруфи Дайлам даромад.

## ИНЪИҚОДИ СУЛҲ МИЁНИ МАНСУР ИБНИ НӮҲ ВА ОЛИ БӮЯ

Сипас миёни Мансур ибни Нӯҳ—амири Хуросон ва Мовароуннаҳр ва Рукнуддавла ақди сулҳ барқарор шуд ва Азудуддавла духтари худро ба ӯ дод ва ҳадоё ва туҳафи бисёр ҳамроҳи ӯ кард он сон, ки кас ҳаммонанди он нашнида буд. Миёни амир Мансур ибни Нӯҳ ва Азудуддавла паймони сулҳ навишта шуд ва аъёни Хуросон ва Форс ва Ироқ дар ин паймон ҳузур доштанд. Ҳамаи ин корҳо бар дасти Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷӯр анҷом пазируфт. Ӯ аз сӯйи амир Мансур ибни Нӯҳ сипаҳсолори Хуросон буд. Ин воқеа дар соли 361 (971—972) иттифоқ афтод.

## ВАФОТИ МАНСУР ИБНИ НӮҲ ВА АМОРАТИ ПИСАРАШ НӮҲ ИБНИ МАНСУР

Амир Мансур ибни Нӯҳ дар авосити соли 366 (977) аз дунё бирафт ва писараш—Абулқосим Нӯҳ ибни Мансур, ки ҳанӯз хурдсол буд ва ба таклиф нарасида буд, ба ҷояш нишаст. Абулҳусайни Утбиро вазорат дод ва ғуломи худ — Абулаббоси Тошро ба ҳоҷибии хеш гумошт. Абулаббоси Тош аз ғуломони Абулҳусайни Утбӣ буд, ки ӯро ба амир Абӯсолеҳ (Мансур ибни Нӯҳ) эҳдо карда буд. Абулҳусайни Фоиқ низ дар кори давлат бо он ду шарик буд. Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷӯрро дар Хуросон иқбо кард ва корҳои давлат ба низоми хеш омад.

PDF Compressor Free Version

## АЗЛИ МУҲАММАД ИБНИ ИБРОҲИМ ИБНИ СИМҶУР АЗ ХУРОСОН

Дар соли 371 (981—982) Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷӯр аз сипаҳсолории Хуросон азл шуд ва ба ҷойи ӯ Ҳусомуддавла Абуллаббосн Тошро ин мақом доданд. Сабаб он буд, ки чун амир Нӯҳ ибни Мансур амо рати Хуросон ва Мовароуннаҳр ёфт, ҳанӯз хурдсол буд, Абулҳусайни Утбиро вазорат дод. Ӯ ба наҳве шоиста зимоми умӯри мулкро ба даст гирифт. Дар ин рӯзгор Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷӯр дар Хуросон ватан гузида буд ва муддате дароз дар он диёр фармон меронд ва ҷуз дар мавориде ки худ мехост, аз кас фармон намебурд. Абулҳусайни Утбӣ ӯро азл кард ва Ҳусомуддавла Абулаббоси Тошро ба ҷойи ӯ фиристод. Дар ҳамин сол Абулаббос аз Бухоро ба Нишобур рафт ва дар он ҷо истиқрор ёфт ва ба тадбири умури Хуросон пардохт ва лашкарҳои Хуросон низ сар ба фармони ӯ ниҳоданд.

## ЗИКРИ ИСТИЛОИ АЗУДУДДАВЛА БАР ҶУРҶОН

Дар соли 371 дар моҳи ҷумодиюлохир (XII.981) Азудуддавла бар билоди Ҷурҷон ва Табаристон муставлӣ шуд ва фармонравои он ноҳия—Қобус ибни Вушмгирро аз он ҷо дур кард. Сабаби ин воқеа он буд, ки чун Азудуддавла бар билоди бародараш—Фахруддавла муставлӣ шуд. Фахруддавла мунҳазим шуда ба Қобус пайваст. Чун ин хабар ба Азудуддавла расид, назди Қобус кас фиристод ва ба тарғибу таҳдид хостори истирдоди бародари худ шуд. Қобус, ки Фахруддавларо паноҳ дода буд, аз супурдани ӯ ба дасти Азудуддавла имтиноъ кард. Азудуддавла бародари худ—Муайидуддавларо бо сипоҳе бар сари Қобус фиристод. Дар набарде, ки миёни Қобус ва Муайидуддавла рух дод, Қобус шикаст хӯрда. Қобус худро ба диҷҳое ки амвол ва захоираш дар он ҷо буд, расонид ва ҳар чӣ тавонист, баргирифт ва ба Нишобур рафт. Фахруддавла низ аз маърака бигрехт ва худро ба ӯ расонид. Омадани инон ба Нишо-

PDF Compressor Free Version

бур мусодиф буд бо аморати Абулаббоси Тош дар Хуросон. Абулаббос он дуро гиромӣ дошт ва назди худ дар некӯтарин ҷой фуруд овард. Инон назди ӯ монданд ва Муайидуддавла бар Ҷурҷон ва Табаристон истило ёфт.

## РАФТАНИ АБУЛАББОС БО СИПОҲИ ХУРОСОН БА ҶУРҶОН, СИПАС БА БУХОРО

Чун Қобус ибни Вушмгир ва Фахруддавла ибни Рукнуддавла ба назди Абулаббос омаданд, аз амир Нӯҳ хостанд, ки Ҷурҷон ва Табаристонро аз Муайидуддавла бисистонад. Абулаббоси Тош моҷаро ба Бухоро бинвишт. Амир Нӯҳ ӯро фармон дод, ки бо он ду биравад ва мулки аз даст рафтаашонро бозситонад. Абулаббоси Тош низ лашкар ба Ҷурҷон фиристод. Ду моҳ набард идома дошт, то оқибат дар тангнои муҳосара афтоданд. Муайидуддавла бо яке аз сардорони Хуросон дар ниҳон боби мукотабат бикушуд ва ӯро ваъдаҳои хуш дод. Фоиқ низ ваъда дод, ки агар ҳамла кунад, мунҳазим хоҳад шуд. Муайидуддавла бо сипоҳи худ аз Ҷурҷон берун тохт, дар ҳоле ки дил бар марг ниҳода буд. Сипоҳи хуросониён шикаст хӯрда, ба Нишобур бозгардид.

Чун хабари шикаст ба амир Нӯҳ расид, аз ҳар сӯ ба гирд овардани лашкар пардохт ва ҳамаро ба Нишобур фиристод, то аз он ҷо бо Қобус ва Фахруддавла ба сӯйи Ҷурҷон дар ҳаракат оянд. Дар ин аҳвол хабар оварданд, ки Абулҳусайни Утбии вазир кушта шудааст ва ҳол он ки зимоми ҳамаи умури давлат ба дасти ӯ буд. Гӯянд: Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷӯр касеро ба қатли ӯ гумошта буд. Ин воқеа дар соли 372 (982—983) буд.

Чун Абулҳусайни Утбӣ кушта шуд, амир Нӯҳ ибни Мансур ба ҳоҷиб Абулаббоси Тош нома навишт ва ӯро барои тадбири умури давлат ба Бухоро фаро хонд. Абулаббос аз Нишобур ба Бухоро рафт ва бар ҳар кас аз қотилони Абулҳусайн даст ёфт ва ба қатл расонид.

PDF Compressor Free Version

## АЗЛИ АБУЛАББОСИ ТОШ АЗ ХУРОСОН ВА АМОРАТИ ИБНИ СИМҶУР

Чун Абулаббоси Тош ба Бухоро рафт Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷур, ки чунон ки овардем, ба Систон рафта ва дар он ҷо иқомат гирифта буд ва инак дар Қуҳистон буд, ба Фоиқ нома навишт ва аз ӯ хост, ки дар гирифтани Хуросон ӯро ёрӣ диҳад. Ӯ низ иҷобат кард. Ин ду дар Нишобур иҷтимоъ карданд ва бар Хуросон даст ёфтанд. Абулаббоси Тош аз Бухоро лашкар ба Хуросон овард, вале пас аз гуфтугӯҳое бар ин иттифоқ карданд, ки Нишобур ва сипаҳсолории лашкарҳои Хуросон аз они Абулаббос бошад ва Балх аз они Фоиқ ва Ҳирот аз они Абӯалӣ ибни Абулҳасан ибни Симҷур. Ва бо ин қарор ҳар як ба мақарри аморати худ рафт.

Фахруддавла дар хилоли ин аҳвол дар Нишобур буд ва мунтазири он, ки касе ба ёрии ӯ бархезад. Дар моҳи шаъбони соли 373 (1.984) бародараш Муайиндуддавла дар Ҷурҷон бимурд ва давлатмардонаш ӯро ба мақарри фармонравоии хеш фаро хонданд. Соҳиб ибни Аббод ва чанд тани дигар низ аз даъваткунандагони ӯ буданд. Фахруддавла бирафт ва бар мутасаррифоти бародар дар Ҷурҷон ва Табаристон даст ёфт.

Чун Абулаббос аз Бухоро ба Нишобур рафт, амир Нӯҳ ибни Мансур Абдуллоҳ ибни Азизро ба ҷойи ӯ ба вазорат баргузид. Абдуллоҳ ибни Азизро бо Абулҳусайни Утбӣ душманӣ ва рақобат буд. Чун ба вазорат расид, нахуст Абулаббоси Тошро аз Хуросон азл кард ва Абулҳасан Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷурро маншури аморати Нишобур дод.

## ИСЁНИ АБУЛАББОС ВА ХУРУҶИ Ӯ БО ИБНИ СИМҶУР ВА ҲАЛОКАТИ Ӯ

Чун Абулаббоси Тош аз Хуросон маъзул шуд, ба амир Нӯҳ ибни Мансур нома навишт ва аз ӯ бахшоиш хост, вале амир Нӯҳ иҷобат накард. Абулаббос ба Фахруддавла

PDF Compressor Free Version

нома навишт ва аз ӯ алайҳи Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷур ёрӣ талабид. Ӯ низ амвол ва сипоҳе ба сардории Абӯмуҳаммад Абдуллоҳ ибни Абдурраззоқ ба ёрияш гусел дошт. Абулаббос бо ёрони худ биёмад ва ба сипоҳиёни Дайлам пайваст. Чун Муҳаммад ибни Иброҳим ибни Симҷур касрати он лашкар бидид, ба шаҳр бозгардид ва дар он ҷо таҳассун ҷуст. Фахруддавла лашкари дигаре ба ёрии Абулаббос фиристод. Ибни Симҷур ба масоф берун омад. Лашкари Абулаббос дар набард пирӯз шуд ва бар Нишопур ғалаба ёфт. Он гоҳ бори дигар ба амир Нӯҳ нома навишт ва хостори утуфати ӯ шуд. Ин бор низ Ибни Азиз дар мухолифати худ пой фишурд ва ҳамчунон азли ӯро талаб мекард. Аз ин рӯй аз таъқиби Ибни Симҷур боз монд. Дар ин аҳвол ибни Симҷур ба таҷдиди нирӯ пардохт. Чанд тан аз умаро аз Бухоро ба ёриаш омаданд. Ҳамчунин ба Абулфаворис ибни Азудуддавла, ки дар Форс буд, нома навишт ва аз ӯ ёрӣ хост. Ӯ низ ду ҳазор сипоҳе ба хотири мухолифат бо аммаш — Фахруддавла гусел дошт. Чун сипоҳаш анбӯҳ шуд, бар сари Абулаббос тохт ва бо ӯ ҷанг дарпайваст ва мунҳазимаш на(?)муд ва назди Фахруддавла ба Ҷурҷон рафт. Фахруддавла ӯро гиромӣ дошт ва Ҷурҷон ва Деҳистон ва Астарободро ба иқтоъи ӯ дод. Он гоҳ ба Рай рафт ва он қадар амвол ва олот барои ӯ фиристод, ки дар ҳисоб намеғунҷид. Абулаббос дар Ҷурҷон монд. Он гоҳ лашкаре гарон гирд оварда, роҳии Хуросон шуд, вале ёрон расиданаш ба Хуросон набуд. Ба Ҷурҷон бозгардид ва се сол дар он ҷо диранг кард, то соли 377 (987—988) аз дунё рафт. Мардуми Ҷурҷон, ки кинаи ёрони ӯро ба дил доштанд, ба хилофашон бархостанд ва ба куштан ва тороҷи амволашон пардохтанд, то он гоҳ, ки амон хостанд ва онон низ даст аз қатл ва гораташон бидоштанд. Он гоҳ ёронаш, ки бештарашон хавоссу ғуломон буданд, ба Хуросон рафтанд ва ба Абӯалӣ ибни Иброҳим ибни Симҷур пайвастанд. Ӯ акнун ба ҷои падараш — Иброҳим ибни Симҷур, ки ба марги муфоҷот мурда буд, сипаҳсолори Хуросон шуда буд. Бародарони дигар сар бар хати фармони ӯ ниҳоданд. Бародари бузурги ӯ—Абулқосим буд, ки Фоиқ ба мухолифати

PDF Compressor Free Version

ӯ бархост ва асҳоби Абулаббос ба ӯ пайвастанд. Ин воқеа дар соли 338 (949—950) иттифоқ афтод (17).

## АМОРАТИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИМҶӮР БАР ХУРОСОН

Гуфтем, ки миёни Абулҳасан ибни Симҷӯр ва Абулаббоси Тош ва Фоиқ чунон афтод, ки Нишобур ва сипаҳсолории Хуросон аз они Абулаббоси Тош бошад ва Балх аз они Фоиқ ва Ҳирот аз они Абӯалӣ ибни Абулҳасан ибни Симҷӯр. Сипас Тош ба сиёсати вазир—Ибни Азиз азл шуд ва Абулҳасан ибни Симҷӯр ба аморат расид ва миёни Абулҳасан ва Абулаббос набардҳое даргирифт.

Абулаббоси Тош ба Ҷурҷон гурехт ва Абӯалӣ дар Ҳирот мустақар(р) шуд ва Фоиқ бар Балх. Сипас Ибни Азиз маъзул шуд ва ба Хоразм табъид гардид. Ибни Азиз ҳамвора Абулҳасанро таҳрик мекард, ки ба Ҷурҷон лашкар барад. Чун Ибни Азиз маъзул шуд, Абӯалӣ Муҳаммад ибни Исои Домғонӣ ба ҷойи ӯ нишаст. Ӯ аз идораи умури давлат ба сабаби қиллати хироҷ ва касрати ҳазинаҳо оҷиз омад ва аз вазорат мунсариф шуд. Пас аз ӯ Абӯнаср ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Абӯзайд ба вазорат расид. Сипас ӯ низ маъзул шуд ва Абӯалии Домғонӣ ба мақоми худ бозгардид. Дар ин аҳвол Абулҳасан ибни Симҷӯр бимурд ва писараш—Абӯалӣ бар ҷойи ӯ қарор гирифт.

Абӯалӣ ибни Симҷӯр ба амир Нӯҳ ибни Мансур нома навишт ва аз ӯ хост, ки ҳамон аморат, ки ба падараш додаанд, ба ӯ низ дода шавад. Амир Нӯҳ ба зоҳир мувофақат кард. Сипас маншури аморати Хуросонро ба номи Фоиқ содир намуд ва хилъату алам барои ӯ фиристод. Абӯалӣ ибни Симҷӯр мепиндошт, ки он хилъат ва алам аз они ӯст. Чун дид, ки коре пеш омада, ки ӯ ҳаргиз тасаввурашро ҳам намекард, сипоҳ гирд овард ва шитобон ба сӯйи Фоиқ ронд. Дар байни Ҳирот ва Пушанҷ набард даргирифт. Фоиқ ба Марвуруд гурехт ва Абӯалӣ Марвро бигирифт. Пас аз ин воқеа фармони сипаҳсолории Хуросон ва аморати Нишобур ва Ҳирот ва Куҳистон барои ӯ бирасид ва «Имодуддавла»

PDF Compressor Free Version

лақаб ёфт. Амир Нӯҳ пайваста бар манзалати ӯ меафзуд, то бар саросари Хуросон муставлӣ шуд ва қудрате азим ёфт. То он ҷо, ки Нӯҳ ибни Мансур ба ӯ нома навишт, ки хироҷи бархе аз вилоётро ба ӯ диҳад, то сарфи умури сипоҳ шавад, вале Абӯалӣ узр овард ва фармон набурд. Ӯ ҳамвора аз оқибати ин нофармонӣ бим дошт, аз ин рӯ ба Бағрохон — подшоҳи билоди Кошғар ва Балосоғун то ҳадди Чин нома навишт ва ӯро ба гирифтани Бухоро тарғиб кард бад-он шарт, ки имораги Хуросонро барои ӯ боқӣ гузорад.

## ХАБАРИ ФОИҚ

Фоиқ баъд аз шикасте, ки аз Абӯалӣ ибни Симҷӯр хӯрд, дар Марвурӯд иқомат гузид, то ҷароҳати ӯ дармон шуд. Он гоҳ ёронаш бар ӯ гирд омаданд ва бе он ки аз амир Нӯҳ иҷозат хоҳад, роҳи Бухоро шуд. Амир Нӯҳ аз ин ҳаракат бимнок шуд ва сипоҳе ба сӯйи ӯ фиристод, то аз вуруд ба Бухоро манъаш кунад. Фоиқ ба Тирмид рафт. Амир Нӯҳ ба волии Ҷурҷон—Абулҳорис Аҳмад ибни Муҳаммади Фареғунӣ навишт, ки ба набарди Фоиқ равад. Ӯ низ бо ҷамоате аз сипоҳиёни худ оҳанги Фоиқ намуд. Дар набарде, ки рух дод, шикаст дар лашкари Фоиқ афтод ва амволашон ба ғанимат рафт.

## ИСТИЛОИ ТУРК БАР БУХОРО

Чун амир Нӯҳ аз Бухоро хориҷ шуд, аз Ҷайҳун гузашт ва дар Омул-уш-шат мақом гирифт. Аз он ҷо ба Абӯалӣ ибни Симҷӯр нома навишт ва ӯро ба ёрии худ хонд. Ҳамчунин номае ба Фоиқ навишт, вале ҳеҷ як аз он ду даъваташро иҷобат накарданд. Дар ин аҳвол хабар ёфт, ки Бағрохон аз Бухоро берун рафтааст, шитобон ба Бухоро бозгашт ва бар тахти подшоҳии хеш мустақар(р) гардид. Мардум аз омадани ӯ шодмонӣ карданд. Низ хабар оварданд, ки Бағрохон мурдааст ва ин бар шодмонияшон дарафзуд.

Чун амир Нӯҳ ба Бухоро бозгашт, Абӯалӣ аз ин, ки ба

PDF Compressor Free Version

ёрии ӯ барнахоста буд, пушаймон шуд. Бинобар ин раъй чунон диД, ки бо Фоиқ дасти иттиҳод диҳанд ва ӯро аз подшоҳӣ барандозанд. Фоиқ назди Абӯалӣ омад ва дар соли 384 (994—955) бар зидди амир Нӯҳ муттаҳид шуданд.

## АЗЛИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИМҶӮР АЗ ХУРОСОН ВА АМОРАТИ САБУКТЕКИН

Чун Абӯалӣ ибни Симҷӯр ва Фоиқ бар зидди амир Нӯҳ ибни Мансур муттаҳид шуданд, амир Нӯҳ ба Сабуктекин, ки фармонравои Ғазна ва навоҳии он буд, нома навишт ва ӯро фаро хонд, ки биёяд ва ӯро дар баробари он ду ёрӣ намояд ва гуфт, ки аморати Хуросонро ба ӯ додааст. Сабуктекин дар он айём саргарми ҷиҳод бо кофарони Ҳинд буд ва аз он чӣ дар ин сӯ мегузашт гофил буд. Чун номаи Нӯҳ ба расули ӯ бирасид, бедиранг ичобат кард ва ба Ғазна бозгардид ва сипоҳ гирд овард, ки роҳи набард шавад. Чун Фоиқ ва Абӯалӣ ибни Симҷӯр аз моҷаро хабар ёфтанд, назди Фахруддавла ибни Бӯя кас фиристоданд ва аз ӯ ёрӣ талабиданд ва дар ин роҳ ба вазири ӯ—Соҳиб ибни Аббод мутавассил гардиданд. Фахруддавла низ лашкаре ба ёришон фиристод.

Дар соли 384 (1091—1092) Сабуктекин ва писараш—Маҳмуд лашкар ба Хуросон овардаанд. Амир Нӯҳ низ бо лашкари худ бирафт ва ду лашкар ба ҳам пайвастанд ва дар навоҳии Ҳирот бо Абӯалӣ ва Фоиқ масоф(ф) доданд. Доро — писари Қобус ибни Вушмгир низ бо онон буд. Ӯ ба амир Нӯҳ пайваст ва шикаст дар ёрони Абӯалӣ ва Фоиқ афтод. Ёрони Сабуктекин даст ба кушторашон гушуданд ва то Нишобур аз пайи эшон бирафтанд. Абӯалӣ ва Фоиқ ба Ҷурҷон гурехтанд. Фахруддавла, ки аз ин амр хабар ёфт, барояшон ҳадоё ва туҳафи бисёр фиристод ва ононро дар Ҷурҷон фуруд овард.

Нӯҳ бар Нишобур даст ёфт. Маҳмуд ибни Сабуктекинро сипаҳсолории Хуросон ва аморати Нишобур дод ва Сабуктекинро «Носируддавла» ва Маҳмуд —писарашро «Сайфуд-

PDF Compressor Free Version
давла» лақаб дод. Амир Нӯҳ ба Бухоро бозгашт ва Сабуктекин дар Ҳирот ва Маҳмуд дар Нишобур қарор гирифтанд.

## БОЗГАШТИ АБӮАЛӢ ИБНИ СИМҶӮР БА ХУРОСОН

Чун Нӯҳ ва Сабуктекин аз якдигар ҷудо шуданд, Абӯалӣ ва Фоиқ дил дар тасарруфи Хуросон бастанд ва дар моҳи рабеъулаввали соли 385 (IV.995) аз Ҷурҷон ба Хуросон лашкар кашиданд. Маҳмуд ибни Сабуктекин ба муқобала сипоҳ басиҷ кард ва дар хориҷи шаҳри Нишобур бо онон масоф(ф) дод. Фоиқ ва Абӯалӣ пеш аз он ки аз сӯйи падар барои ӯ мададе расад, ҷангро оғоз карданд. Маҳмуд бо андаке аз сипоҳиён, ки дар ихтиёр дошт, бигурехт ва назди падар рафт ва пардасаро ва лашкаргоҳаш ба тороҷ рафт. Абӯалӣ дар Нишобур бимонд. Амир Нӯҳ ба ночор даст ба дилҷӯйии онон зад ва аз ин ки алайҳи онон аз Сабуктекин ёрӣ хоста, пӯзиш талабид, вале он ду ба сухани ӯ гӯш надоданд.

## БАРХОСТАНИ САБУКТЕКИН ВА ПИСАРАШ — МАҲМУД БАР ЗИДДИ АБӮАЛӢ ВА ФОИҚ ВА КУШТА ШУДАНИ АБӮАЛӢ

Чун Абӯалӣ ибни Симҷӯр вориди Нишобур шуд ва Маҳмуд ибни Сабуктекин аз он ҷо бигурехт, Сабуктекин, лашкар ба ҷанги онон овард ва дар Тӯс ду сипоҳ бо якдигар рӯ ба рӯ шуданд. Маҳмуд низ бо сипоҳе ба ёрии падар омад. Абӯалӣ ва Фоиқ ба Абеворд гурехтанд ва Сабуктекин аз пайи онон биронд. Ӯ писари худ—Маҳмудро ба ҷойи худ дар Нишобур ниҳод. Абӯалӣ ва Фоиқ ба Марв рафтанд ва аз он ҷо ба Омулушшат шуданд ва назди ӯ нома фиристоданд ва пӯзиш хостанд. Абӯалӣ аҳд кард, ки ба Ҷурҷония иқомат кунад ва аз Фоиқ бибуррад ва чунин кард ва дар наздикии Хоразм—дар Ҷурҷония фуруд омад.

Абӯабдуллоҳи Хоразмшоҳ ӯро гиромӣ дошт, то дилаш бад ӯ ором гирифт. Шабе, ки дар саройи ӯ меҳмон буд, ҷамоатеро бифиристод, то ӯро бигирифтанд ва бо ҷамъе аз

PDF Compressor Free Version


аъёни асҳобаш банд барниходанд. Ин хабар ба Маъмун ибни Муҳаммад — соҳиби Ҷурҷония расид. Ба ҳам баромад ва бо гурӯҳе аз сипоҳиёни худ қасди Хоразмшоҳ кард ва шаҳри Косро бикушуд ва Абӯабдуллоҳро асир кард ва Абӯалиро аз зиндон бираҳонид. Он гоҳ яке аз асҳоби худро ба ҷойи худ дар Хоразм ниҳод ва ба Ҷурҷония бозгардид. Он гоҳ Абӯабдуллоҳи Хоразмшоҳро ки дар банд буд, ҳозир овард ва дар пеши Абӯалӣ ибни Симҷӯр ба қатл расонид ва назди амир Нӯҳ ибни Мансур кас фиристод ва аз Абӯалӣ шафоат кард, ӯ низ бипазируфт ва Абӯалиро ба Бухоро фаро хонд. Абӯалӣ ба Бухоро рафт. Амир Нӯх умаро ва сипоҳиёнро фармон дод, ки ба пешвози ӯ раванд. Чун бар ӯ дохил шуд фармон дод, ба зиндонаш бурданд ва ин амр ба дастури Сабуктегин буд. Абӯалӣ дар зиндон бимонд, то соли 387 (997) ҳам дар зиндон бимурд. Писараш — Абулҳасан ба Фахруддавла пайваст ва назди ӯ монд.

Аммо Фоиқ чун аз Абӯалӣ ҷудо шуд, назди Эликхон ба Кошғар рафт ва мавриди икроми ӯ воқеъ шуд. Эликхон назди амир Нӯх шафоат кард. Амир Нӯҳ шафоати ӯро бипазируфт ва ӯро амorати Самарқанд дод ва Фоиқ дар Самарқанд бимонд.

## ВАФОТИ АМИР НӮҲ ВА АМОРАТИ ПИСАРАШ — МАНСУР ИБНИ НӮҲ

Дар авосити соли 387 (997) амир Нӯх ибни Мансур пас аз ёздаҳ сол аз подшоҳияш вафот кард. Бо марги ӯ дар аркони давлати сомонӣ халал афтод ва рӯй ба инҳилол ниҳод. Чун ӯ бимурд, писараш—Абулҳорис Мансур ибни Нӯҳ ба ҷояш нишаст. Аҳли давлат ҳама сар ба фармонаш фуруд оварданд. Бектузун зимоми умури мулкро ба даст гирифт ва Абӯтоҳир Муҳаммад ибни Иброҳимро вазорат дод.

Чун хабари вафоти Нӯҳ ибни Мансур ба Эликхон расид, тамаъ дар кишвари Сомониён баст ва лашкар ба Самарқанд овард ва аз он ҷо Фоиқи Хосаро ба Бухоро гусел дошт. Мансур ибни Нӯҳ аз ин хабар парешонхотир шуд ва аз Бухоро бигурехт ва аз Ҷайҳун бигузашт ва Фоиқи Хос-

PDF Compressor Free Version


са ба Бухоро даромад ва ба мардум эълом кард, ки ба хидмати амир Мансур омадааст. Машоихи Бухоро ин хабар ба амир Мансур бурданд ва ӯ рохии Бухоро шуд ва пас аз он ки аз Фоиқ паймон гирифтанд, ба шаҳр дохил шуд. Фоиқ зимоми корҳои ӯ ба даст гирифт ва Бектузунро ба амора-ти Хуросон фиристод.

Сабуктекин дар моҳи шаъбони ҳамин сол (387—VIII. 997) мурда буд ва миёни писаронаш—Исмоил ва Маҳмуд бар сари мероси подшоҳии падар ихтилоф афтода буд. Бектузун фурсат муғтанам шумурда ва дар айёми фитна бар Хуросон мустақил шуда буд.

## БОЗГАШТИ АБУЛҚОСИМ ИБНИ СИМҶУР БА ХУРОСОН ВА НАВМЕД ШУДАНИ Ӯ

Пеш аз ин аз рафтани Абулқосим ибни Симҷӯр — бародари Абӯалӣ ба Ҷурҷон ва диранги ӯ дар он диёр сухан гуфтем. Ва гуфтем, ки чун Фахруддавла мурд, назди писараш—Маҷдуддавла монд. Дар ин ҳангом ёрони падараш гирди ӯро гирифтанд. Фоиқ аз Бухоро ба ӯ нома навишт ва ӯро алайҳи Бектузун барангехт ва ӯро фармон дод, ки оҳанги Хуросон кунад ва Бектузунро аз Хуросон биронад ва ин ба сабаби хусумате буд, ки миёни он ду буд. Пас Абулқосим ибни Симҷӯр аз Ҷурҷон ба сӯйи Нишобур омад. Нахуст гурӯҳеро ба Исфароин фиристод ва он ҷоро аз дасти ёрони Бектузун бистуд. Дар ин аҳвол расулоне аз ду сӯ ба омадушуд пардохтанд, то миёнашон сулҳ афтод ва яке духтари дигареро ба занӣ гирифт. Ва Бектузун ба Нишобур бозгардид.

## ИСЁНИ МАҲМУД ИБНИ САБУКТЕКИН ВА ТАСАРРУФИ Ӯ НИШОБУРРО

Чун Маҳмуд ибни Сабуктекин аз фитнае, ки миёни ӯ ва бародараш—Исмоил афтода буд, фароғат ёфт ва бар кишвари Ғазнин истило ёфт ва ба Балх бозгардид, Бектузунро волии Хуросон ёфт. Пас назди Мансур ибни Нӯҳ кас

PDF Compressor Free Version



фиристод ва маротиби хизматгузории хеш боз намуд ва хостори аморати Хуросон шуд. Мансур ибни Нӯҳ аз барорвардани ин хоҳиш узр хост. вале Тирмид ва Балх ва ҳар чӣ он сӯйи Балх буд, чун Буст ва Ҳиротро, ба ӯ вогузошт, аммо Маҳмуд хурсанд нашуд ва бори дигар хостаи хеш такрор кард. боз ҳам амир Мансур ибни Нӯҳ ба ӯ посух надод. Маҳмуд ба Нишобур ронд. Бектузун аз он ҷо бирафт ва Маҳмуд дар соли 338 (998) Нишобурро бигирифт. Чун амир Мансур ибни Нӯҳ ин хабар бишнид, аз Бухоро ба Марвуруд рафт ва дар он ҷо диранг кард.

## ХАЛЪИ АМИР МАНСУР ИБНИ НӮҲ ВА АМОРАТИ БАРОДАРАШ — АБДУЛМАЛИК

Чун амир Мансур ибни Нӯҳ барои дафъи Маҳмуд ибни Сабуктекин аз Нишобур озими Хуросон шуд, Бектузун барои дидор бо ӯ биёмад. Ин дидор дар Сарахс даст дод. Вале он чуновки умед медошт, узрхоҳи ӯ мавриди қабули амир Мансур воқеъ нашуд. Он гоҳ шикояти ин моҷаро ба Фоиқ бурд. Дид, Фоиқро аз амир Мансур шикоят, чанд баробари ӯст. Ва дар он ҷо пас аз муддате наҷво тасмим ба халъи ӯ ва аморати бародараш—Абдулмалик ибни Нӯҳ гирифтанд. Ҷамоате аз аъёни лашкар низ бо он ду ҳамовоз шуданд, пас Мансур ибни Нӯҳро бигирифтанд ва чашмонашро мил кашиданд. Ин воқеа дар соли 389 (998—999) пас аз бист моҳи ҳукумати ӯ иттифоқ афтод. Он гоҳ Абдулмаликро. ки писаре хурдсол буд, ба ҷойи ӯ нишонданд. Маҳмуд чун ин хабар бишнид, амали он дуро накӯҳиш кард ва ба тамаъи истило бар саросари қаламрави сомонӣ дар ҳаракат омад.

## ИСТИЛОИ МАҲМУД ИБНИ САБУКТЕКИН БАР ХУРОСОН

Маҳмуд ибни Сабуктекин лашкар ба сӯйи Фоиқ ва Бектузун бурд. Абдулмалик ибни Нӯҳ, ки кӯдаке хурдсол буд, низ бо онон буд. Аз ин сӯ лашкар дар ҳаракат омад ва ду сипоҳ дар Марв ба соли 389 (998—999) масоф(ф) доданд.

PDF Compressor Free Version


Маҳмуд ононро шикаст дод ва мунҳазим намуд. Абдулмалик ва Фоиқ худро ба Бухоро расониданд ва Бектузун ба Нишобур рафт ва Абулқосим ибни Симҷӯр роҳии Куҳистон гардид. Маҳмуд оҳанги Нишобур намуд. Чун ба Тӯс расид, Бектузун ба Ҷурҷон гурехт. Маҳмуд Арслони Ҷозибро аз пайи ӯ фиристод. Чун Бектузун ворида Ҷурҷон шуд, Арслон бозгардид. Маҳмуд ӯро дар Тӯс ниҳод ва худ ба Ҳирот рафт. Аз он сӯ Бектузун ба Нишобур рафт ва он ҷоро дар тасарруф гирифт. Чун Маҳмуд бозгардид, ӯ низ аз Нишобур бирафт ва бар сари роҳи худ Марвро тороҷ кард ва ба Бухоро шуд. Маҳмуд дар Нишобур истиқрор ёфт ва нишони подшоҳии Оли Сомон аз он ҷо барафканд ва ба номи ал-Қодир Биллоҳи аббосӣ хутба хонд ва хост, ки аз мақарри хилофат ӯро фармонравоии Хуросон диҳад. Халифа низ бипазируфт ва барои ӯ маншур ва хилъат фиристод.

Он гоҳ Маҳмуд сипаҳсолории Хуросонро ба бародари худ—Наср дод ва ӯро дар Нишобур, ки пеш аз ин мустақари Оли Симҷӯр буд, фуруд овард ва худ ба Балх рафт. Он ҷо мустақарри падараш буд. Ҳамаи фармонравоёни атрофи Хуросон сар ба итоати ӯ ниҳоданд. Чун Оли Фарегун ва фармонравоёни Ҷуздҷон ва Шор — фармонравои Ғарҷистон ва Оли Маъмун дар Хоразм.

## ИСТИЛОИ ЭЛИКХОН БАР БУХОРО ВА ИНҚИРОЗИ ДАВЛАТИ ОЛИ СОМОН

Чун Маҳмуд Хуросонро тасарруф кард, Абдулмалик ибни Нӯҳ ба Бухоро бозгашт. Фоиқ ва Бектузун ва дигар амирон назди ӯ иҷтимоъ карданд ва барои рондани Маҳмуд аз Хуросон ба басиҷи сипоҳ пардохтанд. Фоиқ дар моҳи шаъбони ҳамон сол (VII.999) бимурд. Ва ин амр сабаби парешонӣ ва сустии кори эшон гардид, зеро Фоиқ бар дигарон самти сарварӣ дошт. Ӯ хоҷае буд аз ғуломони Нӯҳ ибни Наср.

Чун авзоъ парешон шуд, Эликхон оҳанги тасарруфи кишвари Оли Сомон намуд, чунонки Бағрохонро пеш аз ин

PDF Compressor Free Version

чунин ҳавое дар саф афтода буд. Эликхон бо ҷамоате аз туркон биёмад ва чунон менамуд, ки ба қасди дифоъ аз Абдулмалик ибни Нӯҳ меояд, умаро низ бовар карданд. Бектузун ва дигар умаро ва сардорон барои дидор бо ӯ берун омаданд. Эликхон ҳамаро дастгир кард ва дар рӯзи даҳуми зулқаъдаи соли 389 (Х.999) ба Бухоро даромад ва ба дорулимора рафт. Абдулмалик ибни Нӯҳ пинҳон шуд. Эликхон ҷосусон баргумошт,. Ӯро дастгир карда дар ҳабс афкананд. Абдулмалик дар зиндон бимурд. Бародараш— Абулҳорис Мансур ибни Нӯх — подшоҳи махлуъ ду бародари дигари ӯ—Абӯиброҳими Исмоил ва Абӯяъқуб — писарони Нӯҳ ва аммуҳои ӯ—Абӯзакариё ва Абӯсулаймон низ Абӯсолеҳи Қорӣ ва гурӯҳе дигар аз риҷоли Оли Сомонро ба зиндон фиристод.

Давлати Оли Сомон, ки рӯзгоре аз Ҳулвон то билоди Турк ва Мовароуннахрро дар қаламрави хеш дошт ва аз ҳайси сиёсат бузургтарин ва беҳтарини давлатҳо буд, мунқариз шуд.

## ХУРӮҶИ ИСМОИЛ ИБНИ НӮҲ ДАР ХУРОСОН

Абӯиброҳим Исмоил ибни Нӯҳ дар ҷомаи яке аз занонеки ба хидмати ӯ гумошта шуда буд, аз зиндон бигурехт ва дар Бухоро пинҳон шуд ва аз он ҷо ба Хоразм рафт. Ӯро «Мунтасир» лақаб доданд. Бақоёи сардорон ва сипоҳиён гирдашро гирифтанд. Ӯ лашкар ба Бухоро овард ва лашкари Эликхонро аз он ҷо биронд ва аз пайи фирориёт то Самарқанд битохт ва ба Бухоро бозгардид ва мардум аз бозгашти Оли Сомон шодмониҳо намуданд. Эликхон бори дигар лашкаре гарон ба Бухоро овард. Мунтасир ва ёронаш, ки дар тангно афтода буданд, аз шаҳр берун шуданд ва ба Абевард ва аз он ҷо ба Нишобур ронданд. Мунтасир ва ёронаш Мансур ибни Сабуктекинро, ки аз сӯйи бародараш—Маҳмуд дар Нишобур буд, бирониданд. Онон оҳанги Ҳирот карданд. Мунтасир Нишобурро бигирифт. Ҷун хабар ба Маҳмуд расид, ба сӯйи Нишобур тохт. Ва Мунтасир роҳии Исфароин шуд ва аз он ҷо назди Шамсулмаъолӣ Қо-

PDF Compressor Free Version

бус ибни Вушмгир рафт ва аз ӯ ёрӣ хост. Қобус сипоҳе ба сардории ду писараш—Доро ва Манучеҳр бо ӯ ҳамроҳ кард ва ишорат кард, ки ба Рай равад, вале Мунтасир ба иғвои сарони сипоҳаш ба Нишобур бозгашт. Ва чун чунин кард, сипоҳе, ки Қобус ба ёриаш фиристода буд, аз ӯ ҷудо шуд ва бозгардид. Исмоили Мунтасир дар соли 391 (1000—1001) ба Нишобур даромад ва хироҷ бистуд. Маҳмуд ба сардории Алтунтош — ҳоҷиби кабир ва фармонравои Ҳирот сипоҳе ба Нишобур фиристод. Дар ин набард Мунтасир шикаст хӯрд ва роҳи Абеворд гардид. Он гоҳ қасди Ҷурҷон кард. Қобус ӯро ба шаҳр роҳ надод. Мунтасир ба Сарахс рафт ва хироҷ бистуд ва дар он ҷо бимонд. Ин воқеа дар соли 392 (1001—1002) иттифоқ афтод.

Маҳмуд ба сардории бародари худ — Мансур сипоҳе ба ҷанги ӯ равон намуд. Дар ин набард Мунтасир шикаст хӯрда ва бигурехт ва Абулқосим Алӣ ибни Муҳаммад ибни Симҷӯр бо ҷамоате аз аъёни лашкараш асир шуданд. Мансур ҳамаро ба Ғазнин фиристод.

Исмоили Мунтасир ҳамчунон ҳайрон ва саргардон бимонд, то ба яке аз қабоили ғуз расид, ки дар ҳаволии Бухоро сукунат доштанд. Инонро ба Оли Сомон гироиш буд. Мунтасир аз онон сипоҳе ташкил дод ва дар шавволи соли 393 (VIII.1003) озими набард бо Эликхон шуд. Дар навоҳии Самарқанд бо Эликхон масоф(ф) дод. Эликхон мунҳазим шуд ва ғузон амвол ва лашкаргоҳашро тороҷ карданд ва ба ҷойгоҳҳои хеш бозгардиданд, дар ҳоле ки ҷамъе аз сарони лашкари ӯро низ асир карда буданд. Ғузон дар боби озод кардани асирон музокараро бо Эликхон оғоз карданд. Чун Мунтасир хабар ёфт, бар ҷони хеш бимнок шуд ва аз Ҷайҳун бигузашт ва ба Омулушшат омад. Ба Марв ва Нисо ва Хоразм касонеро фиристод, вале ҳеҷ ҷойе пазироӣ вуруди ӯ нашуд. Ба ночор бо ёронаш аз Ҷайҳун гузаштанд ва ба сӯи Бухоро рӯй оварданд. Дар он ҷо бо волии Бухоро, ки аз сӯи Элихон буд, набард кард ва шикаст хӯрда ба Дабусия рафт. Бори дигар сипоҳе гирд овард ва ба Бухоро тохт, боз ҳам шикаст хӯрд. Ҷамоате аз айёрони Самарқанд бад-ӯ пайвастанд ва мардуми Самарқанд ба-

PDF Compressor Free Version

рон ӯ амволу силоҳ фиристоданд. Эликхон пас аз он, ки лашкаре бузург гирд овард, ба сӯйи ӯ дар ҳаракат омад. Дар моҳи шаъбони соли 394 (V.1004) дар ҳаволии Самарқанд набард даргирифт. Ғузон ба пуштибонии Мунтасир бархостанд ва Эликхон пушт бидод ва ба диёри худ бозгардид. Ин бор лашкаре дигар басиҷ кард ва ба масофи Мунтасир омад. Ғузон аз гирди Мунтасир пароканда шуда буданд. Дар ҳаволии Уерушана набард даргирифт. Мунтасир шикаст хӯрд ва туркон бисёре аз ёрони ӯро куштанд. Ӯ аз наҳр бигузашт ва ба Ҷузҷон рафт ва шаҳрро тороҷ намуд ва озими Марв гардид. Мунтасир аз роҳи биёбон ба Марв мерафт, ба қантараи Роул расид ва аз он ҷо ба Бастом ронд. Ва лашкари Маҳмуд ба сардории Арслони Ҷозиб — фармонравои Тӯс ҳамчунон дар пайи ӯ буд. Қобус синоҳе аз курдони шоҳҷонӣ бар сари ӯ фиристод, то аз Бастом бирафт ва ба Мовароуннаҳр бозгардид. Ёронаш аз он ҳама бедорӣ кашидан ва ранҷи сафар ва тарс аз душман малул шуда буданд. Бисёре аз эшон ба Эликхон пайвастанд ва ӯро аз ниҳонгоҳаш хабар доданд. Ҷамоате аз лашкариёни Эликхон бар сари ӯ тохтанд. Мунтасир соате бо онон ҷанг ва гурезӣ кард ва худро ба яке аз аҳёи араб, ки дар тоати Маҳмуд ибни Сабуктекин буданд, андохт. Амирашон Ибни Баҳиҷ ном дошт. Маҳмуд пеш аз ин дастгирии Мунтасирро аз онон талаб дошта буд. Ин арабҳо ӯро назди худ фуруд оварданд. Чун шаб торик шуд, барҷастанд ва ӯро ба қатл расониданд. Ин воқеа дар соли 395 (1004—1005) иттифоқ афтод. Бо марги ӯ давлати Оли Сомон ба куллӣ мунқариз шуд ва нишони ҳукуматашон барафтод. Ва-л-ба, қоъу ал-л-Лоҳи ваҳдаҳу (18).

## ХАБАР АЗ ДАВЛАТИ ОЛИ САБУКТЕКИН — — МУЛУКИ ҒАЗНА.

Ин давлат аз шохаҳои давлати Оли Сомон буд ва аз он падид омад. Ва дар бастату иззат ба мартабае азим расид ва бар давлати Оли Сомон дар ду сӯи Ҷайҳун ва Мовароу-

PDF Compressor Free Version

уинаҳру Хуросон ва Ироқи Аҷаму билоди турк ва низ бар Ҳинд истило ёфт.

Огози корашон аз Ғазна буд. Ва Сабуктегин аз ғуломони Алптекин буд ва Алптекин аз маволии Оли Сомон. Сабуктекин дар он давлат ба мақоми ҳоҷибӣ расид. Дар айёми амири саъид Мансур ибни Нӯҳ бо Алптекин ба Бухоро ворид шуд ва мақоми ҳоҷибии ӯ дошт. Чун Алптекин бимурд амири саъид Мансур ибни Нӯҳ ӯро ба соли 365 (975—976) аморат дод. Чун писараш Абулқосим Нӯҳ ибни Мансур ба аморат расид Абулҳусайни Утбиро вазорат дод ва Абулҳасан ибни Симҷӯрро сипаҳсолории Хуросон ва ҳукумати Нишобур дод. Сабуктегин аз ӯ нек фармон мебурд ва дар анҷоми ниёзҳои ӯ қусур намеварзид.

Давлати Сомониёнро ҳар чӣ расид, аз туркон расид. Буғрохон дар аҳди амир Нӯҳ як бор бар Бухоро муставлӣ шуд ва чун ӯро бирониданд, бори дигар бозгашт. Чун Абулҳасан ибни Симҷӯр бимурд ба ҷои ӯ писараш Абӯалӣ бар Хуросон аморат ёфт. Ӯ нисбат ба амир Нӯҳ тариқи худкомагӣ пеш гирифт ва дар он айём яке аз авомили кашидани туркон ба билоди Сомониён буд. Чун амир Нӯҳ бори дигар бар тахти фармонравоии хеш мустақар шуд, ҳамин Абӯалӣ дар Хуросон исён кард ва амир Нӯҳ Абӯмансур Сабуктегинро ба ёрии худ фаро хонд, то ӯро дар фурӯ нишондани фитнаи Абӯалӣ ва халале, ки дар аркони давлат падид омада буд, ёрӣ расонад. Сабуктекин дар дастгоҳи ӯ мақоме арҷманд ёфт. Амири сомонӣ аморати Хуросонро ба ӯ дод, то Абӯалӣ ибни Симҷӯрро аз он ҷо биронад. Сабуктекин бар ҳамаи шууни давлати сомонӣ чанг андохт, то он ҷо, ки Бухоро ва Мовароуннаҳрро аз эшон бистуд ва осори давлаташонро маҳв кард...

PDF Compressor Free Version

# Таъликот

PDF Compressor Free Version

## «АЛ-МАСОЛИК ВА-Л-МАМОЛИК»-И ИБНИ ХУРДОДБЕҲ

Матни мазкур аз рӯи нашри Де Гуе (Ибни Хурдодбеҳ, ал-Масолик ва-л-мамолик, ҳамроҳ бо «Китоб-ул-хироч» ва «Санъат-ул-китобат»-и Қудома ибни Чаъфар, Бағдод, Мактабат-ал-Мусанно (бидуни таърих) таҳия ва аз арабӣ тарчума гардид.

1. Ин чо Ибни Хурдодбеҳ ба тақсимбандии Эрон ба чаҳор бахш, ки дар аҳди Сосониён маъмул буд, ишора мекунад. Бодусбон лақаби сардори ҳар яке аз чаҳор қисмати Эрон буд. Хуросон яке аз ин қисматҳо буда, ба чаҳор марзбонӣ тақсим мешуд. Зоҳиран ин тақсимбандӣ дар давраи истилои араб низ побарчой буд. Аз ишораи Табарӣ ва муаллифи «Мучмал-ут-таворих ва-л-қисас» бармеояд, ки ҳангоми ҳамлаи аъроб ба Исфаҳон малики он Подусбон ном дошт. Маликушшуаро Баҳор — тасҳеҳгари матни «Мучмал-ут-таворих ва-л-қисас» ҳадс задааст, ки ин шахс аз фарзандони яке аз он бодусбонон будааст (нигаред «Мучмал-ут-таворих ва-л-қисас», чопи дуюм, Теҳрон, с. 276, поварақ).

2. **Кушмоҳан** — ин топоним дар «ал-Мамолик ва-л-масолик»-и Истахрӣ ва «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ дар шакли «Кушмайҳан», дар «Ашкол-ул-олам»-и Чайҳонӣ — «Кушмаҳин» ва дар «Китоб-ул-булдон»-и Яъқубӣ дар шакли «Кушмоҳан» омадааст. Кушмоҳан, ки ҳоло «Кишман» номида мешавад, дар масофаи панч фарсах аз Марв дар сари роҳи Бухоро воқеъ буд ва дар садаи X бо мавизи худ шӯҳрат дошт.

3. Бино бар ахбори Қудома ибни Чаъфар дар «Китоб-ул-булдон» масофа байни Омул ва Бухоро 22,5 фарсах аст, яъне 3,5 фарсах зиёдтар аз масофае, ки Ибни Хурдодбеҳ таъйин кардааст. В. В. Бартольд дар ин мавриди ахбори Ибни Хурдодбеҳро тарчеҳ додааст.

4. **Бамичкас** — номи ин шаҳрак дар осори чуғрофии асрҳои

PDF Compressor Free Version

миёна дар шаклҳои «Нуминҷкас», «Тамучкас», «Бамучкас», «Намучкат», «Нуминҷкас» омадааст.

5. **Арбинчан** — ин шаҳрак бо номи Рабинчан низ маъруф аст ва бино ба ахбори Ибни Ҳавкал дар «Сурат ул-арз» ва Мукаддасӣ дар «Аҳсан ут-тақосим» аз он намадҳои сурхранг, саҷҷода, косаҳои мисин, пӯсти даббоғишуда ва гӯгирд содир мешуд.

6. **Абуттақӣ Аббос ибни Тархон** — номи саҳеҳи ин шоир, ки аз аввалин шоирони форсигӯӣ ва зуллисонайн маҳсуб мешавад, Абулянбағӣ Аббос ибни Тархон аст. Баъзе лаҳзаҳои рӯзгор ва пораҳои ашъори арабии ӯ дар «Табақот-уш-шуаро ал-муҳдасин»-и Ибни Мӯътазз (соли катлаш 908) мундариҷ аст. Аз ахбори ин сарчашма бармеояд, ки Абулянбағӣ ба дарбори Ҳорунаррашид (786-808) ва Маъмун (813-833) иртибот дошта ва аз инояту дастгирии Бармакиён бархурдор будааст. Абулянбағӣ дар байни солҳои 842-847 аз олам гузаштааст.

7. Ин китъаи манзум аз қадимтарин намунаҳои шеъри форсӣ-тоҷикист ва бо вазни ҳиҷоӣ суруда шудааст. Дар нашрҳои мухталифи «ал-Масолик ва-л-мамолик», ҳамчунин дар осори дигаре, ки ин китъа оварда шудааст, дар байти дуюм баъзе тағйирот ба чашм мерасад, чунончи:

Аз Чоч та баҳӣ,
Ҳамеша та хаҳӣ.

8. **Кис** — номи ин шаҳрро Истахрӣ, Ибни Ҳавкал ва Мукаддасӣ дар шакли «Кишш», Ибни Хурдодбеҳ ва Ёқути Ҳамавӣ (дар Мӯъҷам-ул-булдон») дар шакли «Кис» забт кардаанд. Бино ба таъкиди В. В. Бартольд, қироати топоними мазкур бо ташдиди ҳамсадои охир (яъне «Кишш» ва «Кисс») дуруст аст (В. В. Бартольд, Сочинения, т. I. с. 188, поварақ). Баъдан ин шаҳр бо номи Кеш ва аз асрҳои XIV-XV бо номи кунунии Шаҳрисабз маъруф гардидааст. Аз ахбори Ёқути Ҳамавӣ бармеояд, ки маҳалле бо номи «Кисс» («Кишш») дар ҳавлаки Систон низ вуҷуд доштааст. Аён аст, ки Ибни Хурдодбеҳ дар ин ҷо «Кисс», яъне «Кеш»-и Мовароуннаҳрро дар назар дорад (Ниг. ҳамчунин таълиқоти «Таърихи Систон» № 42, дар ҷилди аввали ҳамин китоб).

9. **Хушуфаған** — ин топонимро В. В. Бартольд дар асоси «Ки-

PDF Compressor Free Version

тоб-ул-ансоб»-и Самъонӣ «Хушуфағн» забт карда, вале таъкид кардааст, ки Ёқут дар «Мӯъҷам-ул-булдон» онро «Хушуфаған» сабт кардааст. Самъонӣ мавқеъи Хушуфағанро дар байни Иштихан ва Кӯшония донистааст, вале аз ахбори Ибни Хурдодбеҳ бармеояд, ки Хушуфаған ҳашт фарсах дуртар аз Самарқанд дар роҳи Зомин ҷойгир будааст. В. В. Бартольд ҳадс задааст, ки эҳтимол, Самъонӣ дар таъйини маҳалли Хушуфаған саҳв карда бошад.

**10. Маъдани нуқра** — ин кон, ки дар ҷануби Оҳангарони кунунӣ воқеъ буд, бо номи «Маъдани Шош» дар тангаҳои даврам Аббосиён зикр шудааст. Номи форсӣ-тоҷикии кон «Кӯҳи сим» буд ва Истахрӣ аз рустоҳ Кӯҳи сим ёд кардааст.

**11. Бадухкат** — ин топонимро Самъонӣ ва Ёқути Ҳамавӣ дар шакли «Падухкат» забт кардаанд, ки онро В. В. Бартольд китобати нодурусти вожаи «Бадухкат» донистааст.

**12. Фазл ибни Яҳё ибни Холиди Бармак** — яке аз намояндагони маъруфи хонадони Бармакиён аст, ки ҳукумати вилоятҳои Ҷибол, Табаристон, Дамованд, Арманистон, Озарбойҷонро дошт. Фазли Бармакӣ дар солҳои 794-795 волии Хуросон буд ва, бино бар ахбори манобеъи таърихӣ, барои ободонии кишвар саъю кӯшиши зиёд ба харҷ дода, чандин қасру работҳо бино кард. Аз ҷумлаи ин навъ корҳои ӯ яке бинои деворе дар атрофи ноҳияи Рост (Рошт) буд, ки бино ба ишораи Ибни Хурдодбеҳ ба хотири ҳимояи мамлакат аз ҳуҷумҳои туркон сохта шуд.

**13. Валорӣ** — шакли тасҳифшудаи топонимест, ки онро Истахрӣ дар сигаи саҳеҳи Варволиз забт кардааст. Варволиз, ба ишораи Ибни Ҳавқал ва дигар муаррихон, дар қарни X шаҳре бузург будааст, вале имрӯз маҳалле бо ин ном вуҷуд надорад. Номи ин шаҳрро Ёқути Ҳамавӣ низ иштибоҳан «Вазволин» забт кардааст. Ба ҳадси Ле Стрейнҷ Варволиз наздик ба маҳалли Кундузи кунунӣ ҷойгир будааст.

**14. Бекбонул** — ба ин шакл омада, вале бо тавачҷӯҳ ба маълумоте, ки дар осори ҷуғрофиянависон доир ба ин маҳал зикр шудааст, метавон ҳадс зад, ки «Бекбонул» тасҳифест аз «Бағлон», ки бо ин ном имрӯз низ боқист. Дар осори ҷуғрофӣ аз ду Бағлон — Бағлони поён ва Бағлони боло ёд шудааст.

PDF Compressor Free Version

**15. Қоразӣ Омм** — номи ин маҳал дар «Китоб-ул-хироҷ»-и Қудома ибни Ҷаъфар дар шакли Қоразӣ Омир забт шудааст.

**16. Абулаббос Абдуллоҳ ибни Тоҳир** — яке аз намояндагони хонадони Тоҳириён, ки пас аз ислом нахустин давлати ниммустақили эрониро дар Хуросону Мовароуннаҳр ташкил карда буданд. Абдуллоҳ ибни Тоҳир аз соли 828 то соли 844 мансаби аморатро бар ӯҳда дошт.

**17. Дирҳами ғитрифӣ** — дирҳаме, ки бо амри волии Хуросон Ғитриф ибни Ато (792-793) сикка зада шуд ва дар Бухоро ва кулли Мовароуннаҳр маъмул буд. Барои иттилоъи бештар нигː таълиқоти «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ. № 16 дар чилди якуми ҳамин китоб, саҳ. 464.

**18. Дирҳамҳои муҳаммадӣ, хоразмӣ ва мусайябӣ** — номи дирҳамҳое, ки дар баробари дирҳамҳои ғитрифӣ дар Бухоро ва навоҳии дигари Мовароуннаҳр маъмул буданд. Аз сиёқи ривояти Ибни Хурдодбеҳ аён аст, ки хироч дар ноҳияҳои мухталифи Мовароуннаҳр бо дирҳамҳои гуногун пардохта мешуд. Аз ин ҷо метавон ҳадс зад, ки ҳар яке аз ин дирҳамҳо дар ноҳияҳои алоҳидаи ҷуғрофӣ роиҷ буд. Барои иттилоъи бештар ниг: таълиқоти «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал. № 18 дар ҳамин муҷаллад.

**19.** Алқобе, ки ин ҷо Ибни Хурдодбеҳ зикр кардааст, асосан дар даврави тоисломӣ ва қисман дар садаҳои нахусти ислом роиҷ будаанд.

## «МУХТАСАРИ КИТОБ-УЛ-БУЛДОН»-и ИБНИ ФАҚЕҲИ ҲАМАДОНӢ

Матни мазкур аз рӯи нашри арабӣ (Абӯбакр Аҳмад ибн Муҳаммад ал-Ҳамадонӣ, маъруф ба Ибн ал-Фақеҳ). Мухтасар китоб ал-булдон. Лейден, Матбаъат Брилл, 1302 (1884) тарҷума гардид.

**1. Пайкори Амр ибни Лайс бо Рофеъ ибни Ҳарсама** — волии Хуросон, ки даъвои истиқлол ба миён оварда буд, бо зикри ҷузъиёт ва тафсилоти бештар дар «Таърих»-и Ибни Халдун, «ал-Комил фи-т-таърих»-и Ибни Асир ва манобеъи дигар омадааст. Аз

PDF Compressor Free Version

ахбори ин манобеъ метавон истинбот кард, ки барои Амр ибни Лайс фатхи Нишопур ва куштани Рофеъ ибни Харсама василае барои дархости маншури амарати Мовароуннахр аз халифаи Бағдод буд.

2. Ҷузъиёти ин пайкор ва ҷараёни он дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ, «Таърихи Систон»-и маҷхулмуаллиф ва манобеъи дигар бо умумият ва тафовути камобеш зикр шудааст. Харчанд Исмоили Сомонӣ дар ин набард ғолиб нагашт, вале бо озод кардани сипохиёни асирафтода ва навохтани онхо бинои пирўзии баъдии худро бар Амр гузошта буд.

3. Дар зикри вокеъоти пайкори охирини Исмоили Сомонӣ бо Амр ибни Лайс, ки минчар бар инкирози давлати Саффориён гардид, Ибни Фақеҳ рохи эҷозро пеш гирифтааст. Баёни тафсилоти ин пайкор, шеваи асорати Амр, муносибати Исмоил бо Амри асир, мочарои кашфи хазинаи Амр ва ваҷхи ирсоли Амр ба назди халифа дар аксари манобеъи таърихӣ омадааст.

4. Бино ба тасрехи худи Ибни Фақеҳ ривояти афсонаомез пиромуни сангрезаи борондо аз китоби «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и Абулаббос Ҷаъфар ибни Ахмади Марвазӣ (ваф. с. 274/887) гирифта шудааст. Ибни Надим ин муаллифро нахустин касе донистааст, ки дар навъи «ал-Масолик ва-л-мамолик» китобе навишта, вале онро ба итмом нарасонида дар Ахвоз вафот кардааст. Ибни Надим аковини таълифоти дигари Абулаббоси Марвазӣ, аз қабили «Китоб-ал-одоб ал-кабир», «Китоб-ал-одоб ас-сағир», «Китоб-ал-балоға ва л-хитоба» ва ғайраро зикр кардааст (ниг. Ибни Надим, ал-Фихрист, Теҳрон, 1971, с. 167 (ба заб. арабӣ), ки асаре аз онхо то кунун ба даст наомадааст. Бино ба ишораи И. Ю. Крачковский Ибни Фақеҳ матолиберо низ дар бораи қабоили турк аз навиштахои муаллифи мазкур иктибос кардааст. (Ниг. И. Ю. Крачковский Избранные сочинения, т. IV, стр. 127).

Дар манобеъи таърихӣ ду бархўрди Исмоили Сомонӣ бо туркон ба қайд омадааст. Якум. Дар соли 280/893 ў ба шахри Талас лашкар кашид ва бино ба ахбори Табарӣ ва Масъудӣ бо ғаноим ва асирони зиёд, ки хамсари шохи туркон дар миёни онон буд, баргашт. Дуюм. дар соли 904 туркон ба Мовароуннахр хуҷум карданд ва Исмоили Сомонӣ бо дастгирии мардум онхоро аз кишвар биронд (ниг. «Таърих»-и Табарӣ, вақоеъи соли 291/904).

PDF Compressor Free Version

Ахбори Ибни Фақеҳ дар бори пайкори Исмоили Сомонӣ бо туркон, ки ин ҷо аз нақли худи Исмоил оварда шудааст, ба набарди соли 893 бояд марбут бошад, зеро набарди дуюм (соли 904) пас аз итмоми китоби Ибни Фақеҳ ба вуқӯъ пайваста буд.

## «ТАЪРИХ-УР-РУСУЛ ВА-Л-МУЛУК»-и ТАБАРӢ

Матни мазкур аз рӯи нашри Қоҳира (Таърих-ур-русул ва-л-мулук ли Абиҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарир ат-Табарӣ. Ҷилдхои 9 ва 10, Нашри чаҳорум. Қоҳира. Дор-ул-маъориф (бидуни таърих) тахия ва аз арабӣ тарҷума гардид.

1. Ҷузъиёти ин набарди музаффаронаи Исмоили Сомонӣ бо туркон дар Тароз дар манобеъи дигари таърихӣ, аз ҷумла дар «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ, «Муруҷ-уз-заҳаб»-и Масъудӣ, «Мухтасари китоб-ул-булдон»-и Ибни Фақеҳ ва ғайра дарҷ шудааст. Аз ҷумла Наршахӣ овардааст, ки Исмоил пас аз фатҳ калисиёи бузурги Тарозро ба масҷиди ҷомеъ гардонид. Масъудӣ миқдори асирони туркро 15000 ва мақтулони эшонро 10000 кас таъйин карда ва номи подшоҳи турконро Танкаш сабт кардааст. Аз ахбори Ибни Фақеҳ бармеояд, ки дар оғози ин набард лашкари Исмоили Сомонӣ бо душвориҳо мувоҷеҳ гардида буд.
2. Тибқи ривояти Табарӣ хабари ғалабаи Исмоили Сомонӣ бар Амр ибни Лайси Саффорӣ 25-ҷумодиюлаввали соли 287, яъне 28-майи соли 900 ба халифа расидааст. Манобеъи таърихӣ дар таъйини таърихи ин муҳораба ба ҳам ихтилоф варзидаанд. Чунончи, Наршахӣ дар «Таърихи Бухоро» ба таърихи 10 ҷумодиюлаввали соли 288 ишора кардааст. Ибни Халликон дар «Вафоёт-ул-аъён» санаи 17 рабеъулохири соли 287/21 апрели соли 900-ро нишон додааст. Зоҳиран, соли таъйин кардаи Наршахӣ нодуруст аст. Ба ҳар ҳол ин нукта мусаллам аст, ки муҳорибаи Исмоили Сомонӣ бо Амри Лайс дар баҳори соли 900 дар наздикии Балх ба вуқӯъ пайваста буд.

3. Табарӣ Ашносро ғуломи Исмоил ибни Аҳмад хондааст, аммо дар «Таърихи Систон», «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ, «Муруҷ-уз-

PDF Compressor Free Version

заҳаб»-и Масъудӣ ва баъзе манобеъи дигар Ашнос ходими дастгоҳи хилофат дониста шудааст, ки аз ҷониби халифа Мӯътазид барои бурдани Амр аз Бағдод ба Бухоро фиристода шуда буд.

4. Дар ин ҷо дар матн ҷизе афтодааст.

5. Табарӣ нахустин муаррихест, ки дар бораи ин набарди Исмоили Сомонӣ бо туркон хабар додааст. Муаллифони таърихномаҳои баъдӣ аз ҷумла Ибни Асир дар «ал-Комил фи-т-таърих» ва Ибни Халдун дар «Таърих»-и худ дар зикри вақоеъи ин набард комилан ба ахбори Табарӣ такья кардаанд. Ибни Асир зимни зикри ҳаводиси соли дусаду наваду сеюм низ дар баробари ҷанд маззеъ ду кишвари туркҳоро истило кардани Исмоили Сомонӣ хабаре дарҷ кардааст, вале аз баёни тафсили ин набард ва ҷузъиёти он худдорӣ кардааст. (ниг. матни Ибни Асир дар ҳамин китоб). Табарӣ ва муаррихони дигар дар бораи ин воқеа иттилоъе дарҷ накардаанд.

6. Зоҳиран ин шахс писари Аҳмад ва набераи Насри I будааст. Зеро дар ҳеҷ як аз маъхазҳо хабаре дар хусуси он ки Наср ибни Аҳмад ибни Асад ба ғайр аз Аҳмад писари дигаре низ дошта, ба чашм нарасид.

## «АШКОЛ-УЛ-ОЛАМ»-и ҶАЙҲОНӢ

Матни мазкур аз рӯи нашри Эрон («Ашкол-ул-олам». Таълифи Абулқосим ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ. Тарҷумаи Алӣ ибни Абдуссаломи Котиб. Бо муқаддима ва таълиқоти Фирӯзи Мансурӣ. Интишороти Остони Қудси Разавӣ. 1368/1989) таҳия гардид.

1. **«...чунончи дар «Шоҳнома» зикри он кардаанд»** — дар «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал ва «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и Истахрӣ, ки аз ҳайси мӯҳтаво ва матолиби худ ба «Ашкол-ул-олам» хеле наздик ҳастанд, зикре аз «Шоҳнома» нарафтааст. Ин амр далел бар он буда метавонад, ки асарҳои Ибни Ҳавқал ва Истахрӣ пештар аз асари Ҷайҳонӣ, ки аз «Шоҳнома» ёд кардааст, ба қайди таҳрир омадаанд. Вале ин масъала печидатар аз он аст, ки дар назари аввал менамояд, зеро агар «Ашкол-ул-олам»-и Ҷайҳонӣ ҳамон «Китоб-ул-масолик ва-л-мамолик» бо-

PDF Compressor Free Version

шад, ки дар манобеъи кухан ба қалами вазири маъруф Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ (ваф. 942) нисбат дода шудааст, пас «Ашкол-ул-олам» аз ҳайси соли таълиф бояд муқаддам бар осори Ибни Ҳавқал ва Истахрӣ бошад. Аз ҷониби дигар, «Шоҳнома»-е, ки дар «Ашкол-ул-олам» қайд шудааст, кадом «Шоҳнома» — «Шоҳномаи Абӯмансурӣ»-и мансур ё «Шоҳнома»-и манзуми Фирдавсӣ — аст? Мусташриқи инглис Ч. Рьё зимни тавсифи нусхаҳои хаттии «Ашкол-ул-олам» бо такья ба он, ки дар ин асар зикре аз «Шоҳнома» рафтааст, онро мухтасари «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и Истахрӣ ва мутааллиқ ба даврониҳои баъдӣ донистааст. Муҳаққиқи Эрон Фирӯзи Мансурӣ «Шоҳнома»-и мазкур дар «Ашкол-ул-олам»-ро «Шоҳномаи Абӯмансурӣ» дониста, бино бар ин асари Ҷайҳониро муқаддам бар осори Ибни Ҳавқал ва Истахрӣ пиндоштааст. Ҳалли ниҳоии ин масъала марбут ба пажӯҳишҳои баъдӣ аст. Дар ҳоли ҳозир муҳим он аст, ки муаллифи «Ашкол-ул-олам» аз ҳамосаи миллии қавмҳои эронӣ — «Шоҳнома» иттилоъи комил дошта ва дар асари ҷуғрофиёии худ ёде аз он кардааст.

1 а. «...то ӯро бикушт ва бигрифт» — аз сиёқи ин ривояти Ҷайҳонӣ бармеояд, ки амир Исмоили Сомонӣ гӯё Амр ибни Лайсро кушта бошад, вале манобеъи дигар муттафиқ бар онанд, ки амир Исмоил Амри Лайсро асир гирифта, баъдан бо талаби халифа ва хоҳиши худи Амр ӯро ба Бағдод фиристодааст. Сониян, худи таъбири «ӯро бикушт ва бигрифт» яъне, аввал кушт ва баъд бигрифт, ба назар дур аз мантиқ менамояд. Бино бар ин, метавон ҳадс зад, ки феъли «бикушт» аслан бояд «бишкаст» бошад, ки китобати ҳарду ба ҳам наздик аст. Агар ин ҳадсро бипазирем, пас ҷумлаи мазкур дар шакли «...ӯро бишкаст ва бигрифт» мантиқе устувор пайдо мекунад.

2. «Баъд аз ӯ Наср ибни Аҳмад ва ҳамчунин Нӯҳ ибни Мансур» — дар осори Ибни Ҳавқал ва Истахрӣ, бар хилофи «Ашкол-ул-олам», аз Нӯҳ ибни Мансур (976-997) зикре нарафтааст. Зикри ин амир барои таъйини санаи таълифи «Ашкол-ул-олам» ва ҳалли масъалаи муқаддам будани ин асар бар осори Ибни Ҳавқал ва Истахрӣ ва ё баръакс хеле муҳим аст. Муҳаққиқи эронӣ Фирӯзи Мансурӣ бар он аст, ки Ибни Ҳавқал ва Истахрӣ амдан «аз зикри номи Нӯҳ ибни Мансур худдорӣ кардаанд».

PDF Compressor Free Version

то «хонандагони ин китобҳо (яъне «Сурат-ул-арз» ва «ал-Масолик ва-л-мамолик») ва нависандагони онро муосир бо инҳо аввали қарни чаҳорум бидонанд ва матолибашро бовар бидоранд» («Ашкол-ул-олам». с. 225). Бо ин муҳаққиқи мазкур хостааст исбот кунад, ки «Ашлок-ул-олам» бо вуҷуди он, ки аз Нӯҳ ибни Мансур (976-997) ёд кардааст, муқаддам бар осори Ибни Ҳавқал ва Истахрӣ аст. Ба ақидаи мо, барои исботи ин амр чунин иддаоро дар ҳаққи ду ҷуғрофинависи мазкур раво дидан дур аз савоб аст. Баръакс, агар дар сари ҳамон фикраи «Ашкол-ул-олам» ки дар он зикри амирони сомонӣ омадааст, нек таамул бикунем, шояд гиреҳи ин масъала кушода гардад. Муаллифи «Ашкол-ул-олам» дар ин фикра (саҳ. 122) пасе ҳам Исмоил ибни Аҳмад (892-907), Аҳмад ибни Исмоил (907-914) ва Наср ибни Аҳмад (914-943) «ва ҳамчунин Нӯҳ ибни Мансур» (976-997)-ро зикр кардааст, яъне се амири аввал ба тартиби солҳои салтанаташон омада, якбора Нӯҳ ибни Мансур қайд гардида ва номи се амири дигаре, ки то ӯ ҳукумат рондаанд, — Нӯҳ ибни Наср (943-954), Абдулмалик ибни Нӯҳ (954-961) ва Мансур ибни Нӯҳ (961-976) ҳазф шудааст. Се амири аввали сомониро ба тартиб зикр кардани муаллифи «Ашлок-ул-олам» ва якбора ба зикри Нӯҳ ибни Мансур гузаштани ӯ хилофи мантиқ менамояд. Ба ҳадси мо, муаллифи «Ашлок-ул-олам» аслан пас аз се амири аввали сомонӣ Нӯҳ ибни Наср (943-954)-ро зикр карда буд, вале ба иллати ба ҳам наздик будани тарзи навишти исмҳои «Наср» ва «Мансур» носихони асар Нӯҳ ибни Насрро ба Нӯҳ ибни Мансур, ки 33 сол баъд ба тахт нишаста буд, табдил додаанд. Агар ин тахминро бипазирем, пас пайдарҳамӣ дар зикри чаҳор амири аввали сомонӣ дар «Ашлок-ул-олам» риоя мешавад ва муқаддам будани «Ашлок-ул-олам» бар осори Ибни Ҳавқалу Истахрӣ моро аз ҳар гуна иддаоҳои дур аз савоб бениёз мегардонад.

3. **Валлоҳу аълам** — пас аз ин таъбир дар матни асл афтодагие ҳаст ва бино ба маълумоти таҳиягари матн дар нусхаи мавриди истифодаи ӯ якуним саҳифа сафед гузошта шудааст.

4. **(Пушангро ҳисор аст)** — таҳиягари матн нусхаи «Ашлок-ул-олам»-ро бо «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и Истахрӣ мавриди муқобалаву муқоиса қарор дода, навоқиси матнро аз асари Истах-

PDF Compressor Free Version

рӣ комил кардааст ва ин гуна такмилахоро дар байни қавсайн овардааст, ки мо низ онҳоро нигоҳ доштем.

**5. Кӯшки Ахаф** — зоҳиран, тасҳиф аст аз Кӯшки Аҳнаф, ки ба иллати хатои чоп ҳодис шуда, хусусан ки ду сатр поёнтар ин топоним дар шакли саҳеҳ омадааст. Ин кӯшк дар манобеъи дигар дар шакли Қасри Аҳнаф низ зикр шудааст. Қасри мазкур дар фосилаи якрӯза роҳ аз Марвуррӯд ба роҳи Балх воқеъ буд. Он ба Аҳнаф ибни Қайс — сипаҳсолори араб, ки соли 31 (651-652) дар замони хилофати Усмон ибни Аффон — саввумин халифа аз хулафои рошидин (644-656) Марвро фатҳ карда буд, мансуб буд ва бино бар ин ба Кӯшки Аҳнаф мавсум гардид.

**5 а. Зарра** — зоҳиран, таҳиягари матн дар қироат ва таъйини шакли саҳеҳи ин топоним дучори иштибоҳ шуда ва ба гумони ғолиб он ҳамон ноҳияти Диза аст, ки дар манобеъи таърихӣ ба қайд омада ва болотар аз Марвруд воқеъ буд. Доир ба ноҳияти Диза ниг.: Ле Стрендж. Ҷуғрофиёи таърихии сарзаминҳои хилофати шарқӣ, с. 431.

**6. Истахл** — топониме бо ин ном дар осори Ибни Ҳавқал ва Истахрӣ ба чашм намерасад. Шояд он таҳрифе аз топоними дигар ва ё ноҳияте бошад, ки онро ду ҷуғрофиянависи мазкур ба қайд наовардаанд.

**7. «...ва таърихи он бар рӯи рӯзгор боқӣ»** — ин ҷо муаллифи «Ашкол-ул-олам» аз Оли Фарегун — ҳуккоми Хоразм ба некӣ ёд карда ва бузургвории ононро сутудааст. Ин матлаб дар осори Ибни Ҳавқал ва Истахрӣ ба чашм намерасад.

**8. Табаси Карит ва Табаси Масинон** — ду шаҳр дар вилояти Кӯҳистон аст, ки ҳар дуро Табас меномиданд. Бино бар ин, ҷуғрофиянависони арабизабон ин ду шаҳрро дар шакли тасния (яъне, дугонагӣ) забт карда ва «Табасайн» номидаанд. Дар баъзе мавориди дар осори ҷуғрофиёни гузашта саҳван исми «Табасайн» ба ҳар яке аз ин ду шаҳр итлоқ мешуд. Ҷуғрофиёнависони арабизабон ҷиҳати тамйизи ин ду Табас якеро Табаси Хурмо ва дигареро Табаси Унноб номидаанд. Муаллифи «Ашкол-ул-олам» Табаси Хурморо Табаси Карит хондааст. Карит аслан номи яке аз ду қалъаи Табас буда, Ибни Ҳавқал онро дар шакли «Карӣ» ва Муқаддасӣ дар сиғаи «Карин» сабт кардаанд. Табаси дуввум ба сабаби касрати унноб дар он шаҳр ба Табаси Унноб маъ-

PDF Compressor Free Version

руф гардида ва дар осори ҷуғрофиёии форсӣ онро Табаси Масинон забт кардаанд. Табаси Масинон дар «Нузҳат-ул-кулуб»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ ба қайд омада ва зироату обҳои он тавсиф шудааст. Бино ба маълумоти Ле Стренҷ, Табаси Масинон ҳанӯз ба ҳамин ном боқӣ аст ва аҳолиаш асосан суннимазҳаб ҳастанд.

**9. Хусаф** — номи ин шаҳрро Муқаддасӣ ва Истахрӣ дар сиғаи «Хусат», Ёқут дар шакли «Ҷусаф» забт кардаанд. Ба ақидаи Ле Стренҷ, «исми саҳеҳи он «Хусат» буда, шакли ҷадидаш «Хусаф» аст ва аввал касе, ки ин исмро ба шакли ҷадид забт намуда, Ҳамдуллоҳи Муставфӣ аст» (ниг. Ле Стренҷ. Ҷуғрофиёи таърихии хилофати шарқӣ. с, 387). Ин пиндори Ле Стренҷ пас аз нашри «Ашкол-ул-олам» тасҳеҳ мехоҳад, зеро муаллифи «Ашкол-ул-олам» ин топонимро дар шакли «Хусаф» овардааст ва ин маъноӣ онро дорад, ки исми Хусаф «шакли ҷадид» набуда, шояд сиғаи аслӣ ва саҳеҳ бошад. Бино бар ин, Ҳамдуллоҳи Муставфӣ низ аввал касе нест, ки номи шаҳри мазкурро дар шакли Хусаф оварда бошад.

**10. Тун** — номи ин шаҳр ва тавсифи он дар осори Муқаддасӣ, Ҳамдуллоҳи Муставфӣ ва дигарон омадааст. Носири Хисрав аз ин шаҳр дидан карда навиштааст, ки Тун аслан шаҳре бузург буда, вале дар айёми сафари ӯ ағлаб хароб гаштааст.

**11. Тахаристон** — номи ин вилоят дар «Ашкол-ул-олам» дар ҳамин сиға (бидуни «алиф» пас аз «то»-и аввал) омадааст, дар ҳоле, ки дар ағлаби манобеъ он дар шакли Тахористон забт шудааст.

**12. Шаҳр як фарсанг дар як фарсанг бошад** — Истахрӣ масоҳати Балхро «миқдори ним фарсанг» таъйин кардааст.

**13. «...ба дигар вилоят равад»** — ин матлабро, ки шоҳи Ҳинд нахуст бояд дар Кобул ба байъат расад, Истахрӣ дар шакле воzеҳтар баён кардааст.

**14. Кашмахин** — ин топоним дар манобеъи ҷуғрофиёӣ ва таърихӣ дар сиғаи «Кашмоҳан» низ ба қайд омадааст. Ниг. ба таълиқоти № 2 «ал-Масолик в-ал-Мамолик»-и Ибни Хурдодбоҳ, дар ҳамин китоб.

**15. «...ҳамаи ҳудуди эшон далерулхарбест»** — дар матн чунин омада, вале «далерулхарб» маъниӣ надорад ва он бояд «дорул-

PDF Compressor Free Version


ҳарб» бошад. Дорулҳарб сарзаминe аст, ки дар тасарруфи мусалмонон нест.

**15а. Санчоб** — маҳалле бад — ин ном дар осори дигари ҷуғрофиёӣ ба мушоҳида нарасид. Дар қиёс бо осори Ибни Ҳавқал, Истахрӣ, Ёқут ва дигарон метавон дарёфт, ки номи ин маҳал Испиҷоб аст ва бар иллати қаробати тарзи навишти ин ду вожа таҳиягари матн онро Санчоб хондааст.

**16. Ва қувват ва далерии туркон зиёдат аз ҷумлаи аҳли диёри ҳарб бошад** — муаллифи «Ашкол-ул-олам» зимни сутудани қуввату далерии туркон таъкид мекунад, ки мардуми Мовароуннаҳр бар онон пайваста ғолиб будаанд. Ҷиҳати ҷолиби диққат **дар ин маврид** он аст, ки муаллифи «Ашкол-ул-олам» ҳудуди турконро таъйин мекунад ва шаҳру ноҳиятҳои Мовароуннаҳрро аз онҳо ҷудо медонад. Бар хилофи ин, Истахрӣ ва Ибни Ҳавқал ҳини сухан аз туркон ононро бо деҳқонони Мовароуннаҳр халт кардаанд.

**17. Абдуллоҳи Тоҳир** —ниг. ба таълиқоти № 16 «ал-Мамолик в-ал-Масолик»-и Ибни Хурдодбеҳ дар ҳамин китоб.

**18. «...қурби сесад ҳазор мард»** — хабари лашкар кашидани Наср ибни Аҳмад ба Ғуз (бино ба хабари Ибни Ҳавқал ва Истахрӣ — ба Шовғар, Ёқут — ба Усрушана) ва дар ҳудуди сесад ҳазор сипоҳӣ доштани ӯ ба ҷуз аз «Ашкол-ул-олам» дар якчанд манобеъи дигар, аз қабили «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал, «Мӯъҷам-ул-булдон»-и Ёқут ва ғайра қайд гардидааст. Бар хилофи ин манобеъ, Истахрӣ адади лашкариёни Наср ибни Аҳмадро чаҳорсад ҳазор тан таъйин кардааст.

**19. «...ва дар кутуб ва таворих мастур аст»** — дар ин ҷо муаллифи «Ашкол-ул-олам» шуҷоат, вафодорӣ ва ҳусни хидмати мардуми Мовароуннаҳрро ситоиш карда ва ба манзури исботи фазилатҳои мазкури эшон аз далерӣ ва корҳои бузурги Афшин, Ихшид, Оли Абуссоҷ ва Оли Сомон дар даврои хилофати Аббосиён ёдовар шудааст. Муаррихи маъруфи тоҷик А. Мухторов ҳини баргардони ҳамин қисмати «Ашкол-ул-олам» ба дастнависи ин асар такья кардаанд ва фикраи «чун Афшин ва Оли Абиссоҷ аз Усрушана»-ро «чун Афшин ва Оли Сомон аз Усрушана» забт кардаанд. Шояд дар дастнависи мавриди истифодаи муаррих ҳамин тавр омада ва ё дар қироати «Оли Абиссоҷ» саҳве

PDF Compressor Free Version

рафта ва он ба «Оли Сомон» табдил ёфтааст. Дар заминаи чунин баргардон (ва ё қироат) А. Мухторов ба хулосае омадаанд, ки асли Оли Сомон аз Усрушана (Истаравшан) аст. Дар иртиботи Оли Сомон бо Усрушана шакку шубҳае нест, вале аз Усрушана будани асли эшон бояд мавриди тааммул қарор бигирад, зеро ҳамон фикрае, ки А. Мухторов дар заминаи он ба чунин хулоса расидаанд, дар «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал, «ал-Масолик вал-мамолик»-и Истахрӣ ва манобеъи дигар низ омада ва ҳама чо «...Оли Абиссоч аз Усрушана» забт шудааст. Дар нусхаи чопии «Ашкол-ул-олам», ки ба ҳиммати муҳаққиқи эронӣ Фирӯзи Мансурӣ сурат гирифтааст, ҳамчунин «Оли Абиссоч аз Усрушана» омадааст. Дар манобеъи ҷуғрофиёӣ ва таърихии арабӣ низ фикраи мавриди назари мо ба қайд омадааст. Чунончи, Ёқути Ҳамавӣ дар «Мӯъҷам-ул-булдон»-и худ ба хидматҳои мардуми Мовароуннаҳр ва хусни итоаташон ба хулафо ишора карда ва афзудааст: «Сипас корашон неру гирифт, насабашон бисёр шуд, тоаташон тағйир пазируфт ва ҳатто бо хулафо мунозаат карданд, мисли Афшини ва Оли Абиссоч, ки аз Усрушана ҳастанд ва Ихшид аз Самарқанд» (нигар. «Мӯъҷам-ул-булдон»-и Ёқут дар ҳамин мучаллад).

**20. Наҳри Айла** — номи ин мавзеъ бад-ин сурат забт шуда, вале асли дурусти он наҳри Убулла аст, ки дар ағлаби манобеъи ҷуғрофиёии қуруни вусто ба ҳайси яке аз се тамошогоҳҳои маъруф зикр шудааст.

**21. Буҳайра** — мусағғари «баҳр» аст ва манзури назари муаллиф аз «буҳайра» дар ин мавриқ баҳри Арали кунунӣ аст.

**22. Ғорончаша** — ин топоним як сатр болотар дар сиғаи «Ғоробхаша» забт шуда ва маълум нест, ки кадоме аз ин ду сиға саҳеҳ аст. В. В. Бартольд бо такья ба соири манобеъи ҷуғрофиёӣ ду шакли дигари ин ном «Ғоробхашна» ва «Ғоромхашна»-ро ба қайд овардааст.

**23. Мазмомичкат** — номи ин шаҳр як саҳфа пештар дар сиғаи «Мадёмичкас» забт шуда ва асаҳ ҳамон аст. Ле Стрейч ин номро дар шакли «Мазёмишкас» овардааст.

**24. Ҷӯи арзиз** — доир ба ин ҷӯй Истахрӣ низ ботафсил сухан рондааст. (Нигар. ҳамчунин В. В. Бартольд. Соч. т. I. с. 136).

**25. Дари Ревад** — номи ин дарро В. В. Бартольд бо такя ба

 PDF Compressor Free Version 

осори Истахрӣ ва Мукаддасӣ дар шакли Дари Ревдад забт кардааст.

**25а. «...бар он ҷо китобае навишта ба забони ҳимярӣ»** — вуҷуди лавҳи оҳанин бо китобае ба забони ҳимярӣ дар дарвозаи Самарканд дар «Китоб-ул-булдон»-и Ибни Факеҳ, «ал-Масолик ва-л мамолик»-и Истахрӣ, «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёкути Ҳамавӣ низ ба қайд омадааст. Ба тахмини муҳаккики фаронсавӣ Э. Блоше он китоба ба хати архоӣ буд, ки ба ҳимярӣ наздик аст. Умуман, аъроб тамоми хатҳои барояшон ноошноро ҳимярӣ меномиданд. Ба ҳар ҳол, забони ҳимярӣ, ки забони аҳли Яман пеш аз ислом буд, ба забони арабӣ шабоҳат ва муносибат дошт, вале айни он набуда, тафовутҳое дар байни ин ду забон вуҷуд дошт.

**26. «...аммо он китоба набуд»** — аз сиёки ривояти муаллифи «Ашкол-ул-олам» бармеояд, ки ӯ «дар рӯзгори фитна» ва бар асари он хароб шудани дарвоза ва ботил шудани китобаи он дар Самарканд мақом доштааст. Манзури назари муаллиф аз «рӯзгори фитна» исёни Исҳоқ ибни Аҳмад — амми падари амири саъид Наср ибни Аҳмад (914-943) аст, ки се бор сурат гирифта буд. Бино ба ҳадси муҳаккики эронӣ Фирӯзи Мансурӣ, дарвозаи мазкур ҳангоми исёни дуввуми Исҳоқ ибни Аҳмад дар соли 314/926 хароб ва китобаи он ботил гашта буд. Дарвозаро писари амакбачаи амири саъид Наср ибни Аҳмад — Абулмузаффар Муҳаммад ибни Лукмон ибни Наср ибни Аҳмад ибни Асад, ки волии Самарқанд буд, аз нав барқарор кард, вале он китоба набуд. Истахрӣ низ дар асари худ ин ҳодисаро баён карда ва мисли муаллифи «Ашкол-ул-олам» таъкид кардааст, ки вай дар он вақт дар Самарқанд муқим буд. Дар як вақт дар Самарқанд ҳозир будан ва нозири як ҳодиса гаштани ҳам Истахрӣ ва ҳам муаллифи «Ашкол-ул-олам» аз эҳтимол дур менамояд. Қаробати шеваи баёни ҳодисаи мазкур дар ҳар ду асар далел бар он аст, ки яке аз ин ду муаллиф матлаби мавриди назарро аз китоби дигаре ахз кардааст. Ба гумони ғолиб, Ҷайҳонӣ, ки дар аҳди Наср ибни Аҳмад вазир буд, нозири ҳодисаи мазкур буда (албатта, агар «Ашкол-ул-олам» ба ӯ тааллуқ дошта бошад, ва ба аъқобаш) ва Истахрӣ дар баёни он ба ӯ пайравӣ кардааст.

**27. Иштичан** — ин топоним дар «Ҳудуд-ул-олам» дар сиғаи «Истихан» омадааст. В. В. Бартольд ва Ле Стрейнҷ дар асоси сой-

PDF Compressor Free Version

ри манобеъи ҷуғрофиёӣ онро «Иштихан» забт кардаанд ва зоҳиран шакли саҳеҳ низ ҳамин аст.

**28. Кӯҳи Бушом** — номи ин кӯҳ бояд Буттам бошад, ки зоҳиран бар асари саҳви чоп тасҳиф шудааст. Бино бар маълумоти В. В. Бартольд, дар осори ҷуғрофиёии қуруни вусто аз се Буттам: Буттами Поён, Миёна ва Боло ёд шудааст.

**29. Лутхакат** — номи ин шаҳрро А. Мухторов дар баргардони худ «Бунҷикат» навиштаанд, ки, зоҳиран, маҳсули тасҳеҳи киёсӣ аст.

**30. Сарсманд** — зоҳиран, ҳамон «Марсманда» аст, ки дар осори ҷуғрофиёӣ дар шакли «Арсманда» низ ба назар мерасад.

**31. «...лигар Масаҳкӣ»** — ин ҷо номи шаш ҷӯй сабт шуда, ки дар соири осори ҷуғрофиёӣ дар сиғаҳои мутафовит омадааст, чунончи «Сорӣ»-и «Ашкол-ул-олам» дар соири манобеъ дар шакли «Сорин», «Беруи — «Бурҷин», «Румохан» — «Моҷин», «Саласкаҳӣ — «Сангҷин», «Даръӣ» — «Рӯйҷин» ва «Масаҳкӣ» дар сиғаи «Санбукҷин» забт гардидааст. (Муқоиса шавад бо В. В. Бартольд. Соч. Т. I, с. 223-224).

**32. Халсер** — В. В. Бартольд номи ин работро дар сиғаи «Худайсер» ба қайд оварда ва таъкид кардааст, ки онро Афшин дар як фарсах аз шаҳри Дизак бино карда буд. Муаллифи «Ашкол-ул-олам» бошад, работи мазкурро дар «ду фарсах аз шаҳр» ҷойгир кардааст.

**33. Найкас** — ин топоним дар соири осори ҷуғрофиёӣ дар шакли Навкат (ё Нӯкат) забт шудааст (нигар. Н. Неъматов. Давлати Сомониён. с. 53)

**34. Дифъонак** — ин топонимро муаллифи «Худуд-ул-олам» дар шакли «Димгонкас» овардааст.

**35. Лумкат** — номи ин қасаба дар соири осори ҷуғрофиёии қадима ва таълифоти муҳаққиқони муосир дар шакли «Тункат» омадааст. А. Мухторов дар баргардони пораи мазкури «Ашкол-ул олам» ин вожаро «Бумкат» хондааст.

**36. «Ва ин бино Абдуллоҳ ибни Ҳамид сохта аст»** — Зоҳиран, Абдуллоҳ ибни Ҳамид ҳамон Абдуллоҳ ибни Ҳамид ибни Қаҳтаба аст, ки дар соли 776 пас аз даргузашти падараш волии Хуросон буд. Ибни Ҳавқал дар «Сурат-ул-арз» ин номро дар шакли Абдуллоҳ ибни Ҳамид ибни Савра зикр кардааст. В. В. Бар-

PDF Compressor Free Version

тольд номи «Ҳамид»-ро «Ҳумайд» забт карда, тазаккур додааст, ки харобаҳои ин девор то ҳол бо номи «Кампирдевор» боқист (Ниг. В. В. Бартольд. Соч. Т. I, с. 229).

37. **Чадди Алӣ** — ин ном тасҳифест аз Чадғал, ки онро Истахрӣ ва дигар ҷуғрофиянависони қуруни вусто зикр кардаанд.

38. **Бист** — ин номро Истахрӣ дар шакли «Бисканд» забт кардааст.

39. **Асп** — зоҳиран, ҳамон Асбара аст, ки Истахрӣ аз он ёд кардааст.

40. **Маръинон** — сиғаи саҳеҳи ин ном Марғинон аст, ки дар сойири маъобеъ зикр шудааст. Имрӯз ин шаҳр Марғилон ном дорад.

41. **Ёб** — зоҳиран, Поб (Попи кунунӣ) аст. Боиси шигифтӣ аст, ки таҳиягари матни «Ашкол-ул-олам» дар ин ҷо ва мавориди дигар аз тасҳеҳи ин номҳо худдорӣ кардааст, ҳол он ки андаке кӯшиш дар ин боб басанда буд, ки асли саҳеҳи он номҳо барқарор карда шаванд.

42. **Мошмуғ** — зоҳиран, тасҳифест аз «Моймуғ», ки вайронаи он ҳоло Кӯлдортеппа ном дорад (ниг. Н. Неъматов «Давлати Сомониён», с. 266).

43. **Садваз** — ин маҳалро Истахрӣ ва дигар ҷуғрофиянависон «Садур» (бо «син») навиштаанд, вале муаллифи «Ашкол-ул-олам», ба таъкиди таҳиягари матн, онро сареҳан «Садваз» («бо «сод») навиштааст. Бино ба ташреҳи таҳиягари матн, «ваз» «ҷӯбе аст, ки бад-он қисмати об мекунанд». Аз ин ҷо, ӯ ба хулосае омадааст, ки Садваз» ҳам маҳалли тақсими обҳо буда ва дар он ҷо сад дастгоҳи муқассими об қарор гирифта будааст» (ниг. «Ашкол-ул-олам», с. 231-232).

44. **Тарокамӣ** — ин топоним дар худи ҳамин сатр дар шакли Тарокамини низ омада ва аён аст, ки ҳарду шаклҳои тасҳифшудаанд аз «Баротегин». Деҳи «Баротегин» дар «ал-Масолик ва-л-Мамолик»-и Истахрӣ ва соири манобеъ зикр шудааст. Ин деҳ, бино ба таъкиди Ле Стренч, дар марзи шимолу шарқии Хоразм дар фосилаи дурӯза роҳ аз ноҳияи Кардар воқеъ буд. Дар ҳаволии Баротегин кӯҳе буд, ки аз он ҷо барои сохтмонҳои тамоми Хоразм санг мебурдаанд (Ниг. Ле Стренч. Ҷуғрофиёи таърихии сарзаминҳои хилофати шарқӣ, с. 283-284).

PDF Compressor Free Version


**45. Мадбомиҷкат** — номи ин маҳалро таҳиягари матни «Ашкол-ул-олам» дар чаҳор сиға — «Мазмомичкат», «Мадёмичкас», «Мадмомичкат» ва «Мадбомиҷкат» сабт кард, ки аз адами диққати ӯ дар тасҳеҳи номҳои ҷуғрофӣ гувоҳӣ медиҳад. Дар таълифоти муҳаққиқони муосир ағлаб сиғаи «Мадёмиҷкат» ба чашм мерасад (Ниг. ҳамчунин таълиқоти № 23).

**46. Явкади Қурайс** — ин маҳал дар соири осори ҷуғрофиёӣ «Навкади Қурайш» навишта шудааст ва, зоҳиран, сиғаи саҳеҳ ҳам ҳамин аст.

**47. Хазъона** — номи ин маҳал дар худи ҳамин сатр дар сиғаи «Хазғона» низ омада ва маълум нест, ки кадоме аз ин ду шакл саҳеҳ ва кадоме ғалат аст. Таҳиягари матн дар ин маврид низ, мисли мавориде, ки дар боло зикр шуд, ба иллати бедиққатӣ номи як маҳалро дар шаклҳои мухталиф овардааст. Ин маҳал дар манобеъи ҷуғрофиёии қуруни вусто «Харқона» навишта шудааст.

**47а. Дарак** — номи ин маҳалро таҳиягари матн бад-ин шакл хонда ва ё дар худи матн бо айби котиб бад-ин шакл китобат шудааст. Ба ҳар ҳол, шакли саҳеҳи ин ном — «Дизак» дар ағлаби манобеъ сабт шудааст ва имрӯз онро «Ҷизах» мегӯянд.

**48. Хавовас** — номи ин маҳал ду саҳфа пештар дар шакли саҳеҳи «Ховас», ки имрӯз низ маъмул аст, сабт шуда буд.

**49. Дифғонкат** — ин топоним чанд саҳифа пештар дар шакли «Дифъонак» забт шудааст (ниг. таълиқоти № 34), вале сиғае, ки ин ҷо омада, зоҳиран саҳеҳ аст, зеро дар ағлаби манобеъ ба чашм мерасад

**50. Файъукат** — номи ин маҳал дар «Ҳудуд-ул-олам» дар шакли «Байғукас» ва дар «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и Истахрӣ дар сиғаи «Чайғукас» омадааст.

**51. Валлоҳу фи маллин лаҳу куллу шайин ва ниҳоятуҳу ва-с-салоту ва-с-саломy ало Муҳаммад — сайийд-ил-мурсалина ва олиҳи ва зурриятиҳи аҷмаъина-т-таййибина-т-тоҳирина** — ибтидои ҳама умр ва ниҳояти он дар дасти худовандаст. Дуруд ва салом ба Муҳаммад — сарвари фиристодагони худо ва ба хонадону фарзандони поку покизаи ӯ (ҳамагӣ) бод!

PDF Compressor Free Version

## «МАМОЛИК ВА МАСОЛИК»-и ИСТАХРӢ

Матни мазкур аз рӯи нашри Эраҷи Афшор («Мамолик ва Масолик». Таълифи Абӯисҳоқ Иброҳими Истахрӣ. Тарҷумаи Муҳаммад ибни Асъад ибни Абдуллоҳи Тустарӣ. Мавқуфоти Маҳмуд Афшори Яздӣ. Теҳрон, 1373) таҳия шуд.

1. **Баҳром** — яке аз сардорони бузурги Эрони даврони Сосонӣ, ки маъруф ба Баҳроми Чӯбина аст. Соли таваллудаш номаълум, вафоташ тақрибан соли 592 аст. Соли 590 туркҳо ба сарзамини Эрон ҳамла оварданд. Баҳроми Чӯбин, ки аз тарафи Хурмузи чаҳорум сипаҳсолор таъйин шуда буд, ба қӯшуни туркон дар Хуросон шикасти сахт дод ва дар ин ҷанг Ҳоқони турк кушта ва писараш асир гирифта шуд. Туркон дар натиҷаи ин муҳораба боҷгузори Эрон гардиданд. Соли 590 ӯ ба муқобили Хурмузи IV шӯриш бардошт ва худро шоҳаншоҳи Эрон (590-591) эълон кард. Чун Хусрави Парвиз ба салтанат расид, Баҳром ба исён идома дод. Вале Хусрав бо ёрии румиён Баҳромро шикаст дод. Баҳром дар соли 591 баъди шикаст ба дарбори Ҳоқони турк гурехт ва дар соли 592 дар он ҷо кушта шуд.

2. **Ардашери Хура** — (дар паҳлавӣ «Ардашер Хваррах») — муассиси сулолаи Сосониён ва маъруф ба **Ардашери Бобакон** аст. Ӯ тақрибан соли 180 таваллуд ёфта, аз соли 226 то соли 241 дар тахти шоҳаншоҳи Эрон нишастааст. Ардашер писари Попак (Бобак) ва наберааи Сосон — яке аз коҳинони Истахр будааст. Бо кӯмаки падар Ардашер дар Доробгирд ба мақоми олии низомӣ мерасад. Бобак бошад ба ҳокими Истахр — Гавчеҳршоҳ шӯрида ӯро мекушад ва худ ба салтанат мениишинад. Ардашер баъди вафоти Бобак ва бародари аршадаш Шопур ба сари ҳукумат омада ба тасарруфи кишварҳо мепардозад. Ӯ дар ҷанги соли 224, ки дар ҳамвории Хурмуздагон ба вуқӯъ пайваст, Ардабони V — охирин подшоҳи сулолаи ашкониёнро кушта, барои пойдории давлати нав — давлати Сосониён замина гузошт. Соли 226 маросими тоҷгузории Ардашер барпо шуд ва ӯ унвони «шоҳаншоҳ»-ро гирифт. Ӯ Тайсафун (Мадоин)-ро пойтахти давлати худ эълом дошт, вале қароргоҳи асосии ӯ дар шаҳри Ғур (Фи-

PDF Compressor Free Version

рӯзободи ҳозира) буд, ки онҷоро «Ардашерхура» номида боғҳо ва гулистонҳои бисёре бунёд кард. Вай дар ин ҷо касре ҳам сохта буд, ки осори вайронаи он то кунун пайдодор аст. Бино бар маълумоти «Форснома»-и Ибни Балхӣ Ардашери Бобакон 44 солу 10 моҳ подшоҳӣ кард ва 14 сол шоҳаншоҳи Эрон буд.

3. **Кисро** — Хусрави Парвиз, Хусрави II — шоҳаншоҳи Эрон, писари Ҳурмузи IV, ки бо мадади императори Рум аз Баҳроми Чӯбина тахти шоҳаншоҳии Эронро боз гирифт. Ва аз соли 591 то замони шикасти худ аз лашкари Рум дар соли 628 шоҳаншоҳи Эрон буд. Баъд аз фирор аз сипоҳи хеш, ки боиси шӯриши мардум ва нафрати онҳо гардида буд, Хусравро аз салтанат халъ карданд ва ба зиндон андохта, дар ҳамон сол ба қатл расониданд.

4. **Акосира** — ҷамъи Кисро ва шакли арабишудаи Хусрав — лақаби подшоҳи сулолаи Сосониён баъд аз Хусрави Анӯшервон.

5. **Сақояхон (сақоят) баланд ва хунбаҳои об** — ҷое, ки дар он об диҳанд ва хумҳои бузурги гилӣ барои об.

6. **Ғазои Шовғар** — ин ҷо сухан дар бораи ҷанге меравад, ки Наср ибни Аҳмади Сомонӣ алайҳи туркони барои тобеъ ва ислом овардани онон кардааст ва Шовғар номи шаҳрест, ки аз мақони туркон будааст. В. В. Бартольд таъкид мекунад, ки дар он рӯзгор ду шаҳр ба ҳамин ном вуҷуд дошт ва якеро Шовғари шарқӣ ва дигареро Шовғари ғарбӣ мехонданд. Ва ин ҷо сухан дар бораи Шовғари Ғарбӣ меравад, ки он аз рӯи ақидаи Ле Странҷ эҳтимол шаҳри Туркистони ҳозира бошад. Шовғари шарқӣ бошад дар роҳи Талас, наздикиҳои истгоҳи ҳозираи Қуюк ҷойгир будааст (В. В. Бартольд, т. I, стр. 234, 317). Аммо Истахрӣ ва Ибни Ҳавқал дар бораи мавҷудияти Шовғари шарқӣ ахбор надодаанд.

7. **Бандае аз они Исмоил ибни Аҳмад** — ин ҷо ишора ба «қиссаи Борас» — ғуломи Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ ва моҷарои ӯ бо Аҳмад ибни Исмоил аст, ки шарҳи он дар таъликот ба «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал № 15 омадааст.

8. **Дар вақти фитнаи Абдуллоҳ ибни Мӯътаз** — Нигар. ба таъликоти № 16 «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал дар ҳамин китоб.

9. **Яке Суғди Самарқанд аст ва дигар наҳри Убулла, се дигар Ғӯтаи Димишқ** — Истахрӣ бино бар хуррамиву ободӣ ва мева-

PDF Compressor Free Version

ҳову обҳои зулол доштан ин се ноҳияро биҳишти рӯи замин шуморида, аз ин миён Суғди Самарқандро хубтару хуррамтар медонад. Вале тазаккур медиҳем, ки таърихнигорону ҷуғрофидонони дигари араб ҷаннати заминро чор гуфтаанд ва он бо истилоҳи «ҷанноти арбаъа» машҳур аст, минҷумла, Суғди Самарқанд, Убулла, Шиъби Баввон, Ғӯтаи Димишқ. Убулла шаҳрест дар канори Даҷла дар зовияи Халиҷ, ки ба Басра (Ироқ) дохил шавад. Он пеш аз Басра бино шуда ва онро Убуллаи Басра низ мегӯянд. Шиъби Баввон номи чарогоҳест фароҳ дар Форс, миёни Форсу Кирмон. Аслан дараест миёни ду кӯҳ, тӯли он се фарсангу ним, дар арз як фарсангу ним. Ҳавои он сард аст, руде бузург миёни он меравад. Аз сари дара то поёни он ҳама дарахтони мевадор аз ҳама анвоъ аст, чунонки офтоб бар замин наафтад ва сол то сол бар сари он ду кӯҳ барф бошад. Ғӯтаи Димишқ номи ноҳиятест, ки Димишқ (Сурия) ҷузъи он аст. Пиромуни он 18 мил аст ва кӯҳҳои бисёр баланд дорад. Обҳои Ғӯта аз ҳамин кӯҳҳо берун меоянд ва наҳрҳо ташкил медиҳанд. Сарзамини Ғӯта ҳама дарахтон ва чашмаҳо аст. Ғӯтаи Димишқ аз зеботарин ва босафотарин ноҳияҳои дунё маҳсуб мешавад.

10. **Мардкуша** — муаррабӣ Мардкуш. бино ба таъкиди В. В. Бартольд асли ин вожа калимаи тоҷикӣ буда, бо ин ном дар Ахсикат низ дарвозае вуҷуд доштааст.

11. **Фарабр** — бино бар шарҳе, ки мусаҳҳеҳи матн оварда, ин вожа дар матни асл дар шаклҳои гуногун ва гоҳе бидуни нуқтаҳо навишта шудааст. Дар «Ҳудуд-ул-олам» он дар шакли «Фароб» зикр мешавад.

12. **давлати Тоҳирӣ** — мақсуди муаллиф давлатест, ки ба сулолаи Тоҳириён мансуб буд ва ин сулола дар Хуросон аз соли 820 то соли 872 ҳукумат дошт.

13. **забони ҳимирӣ** — Ниг. ба таъликоти № 23 «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал дар ҳамин китоб.

14. **эшонро табобиъа мехонанд** — Ниг. ба таъликоти № 22 «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал дар ҳамин китоб.

## «МУРУҶ-УЗ-ЗАҲАБ ВА МАЪОДИН-УЛ-ҶАВОҲИР»-и МАСЪУДӢ

1. Ҷузъиёти ин набард, ки Масъудӣ зикр кардааст, аз ахбори Табарӣ камобеш фарқ мекунад. Чунончи, Масъудӣ теъдоди аск-

 PDF Compressor Free Version 

рони туркро 15000 кас, вале Табарӣ 10000 кас нишон додаанд. Тибқи ахбори Масъудӣ, адади мақтулони турк 10 000 кас будааст, вале Табарӣ танҳо бо ишора ба фузунии мақтулон иктифо кардааст (Ниг. ҳамчунин таъликоти «Таърих-ур-русул ва-л-мулук»-и Табарӣ ва «Мухтасари китоб-ул-булдон»-и Ибни Фақеҳ дар ҳамин китоб).

2. **Китоби «ал-Авсат»** — яке аз осори таърихии Масъудӣ аст, ки дар он ахбор ва ҳаводиси таърих тибқи тартиби солҳо баён ёфта будааст. Ин китоб, мисли аглаби осори Масъудӣ, аз байн рафта ва иттилоъи мо дар бораи он мабнӣ бар ишораҳои худи Масъудӣ дар «Муруҷ-уз-заҳаб» ва «ат-Танбеҳ ва-л-ишроф»-и ӯ аст.

3. **Доъии Алавӣ** — лақаби Муҳаммад ибни Зайд — амири Табаристон аст, ки пас аз бародараш Ҳасан ибни Зайд, мулаққаб ба «Доъии Кабир» (ваф. с. 889) зимоми ҳокимияти алавиёнро дар Табаристон ба даст гирифта буд ва бар асари шикасти лашкараш дар муҳориба бо Исмоили Сомонӣ ва захмӣ шуданаш ҳини набард соли 900 аз олам гузашт.

4. **Қасри Сурайё** — қасри халифа Муътазид Биллоҳ, Абулаббос Аҳмад ибни Муваффақ, шонздаҳумин халифаи аббосӣ (892-902).

5. **Сиёҳчол** — зоҳиран, номи маҳзеъест, ки дар он маҳбас воқеъ буд ва ё шояд номи худи маҳбас аст.

6. **Сипоҳиёни шокария** — «шокария» ҷамъи вожаи «шокарӣ» — муаррабн «чокар»-и форсист. Ин истилоҳ дар «Таърих»-и Табарӣ низ истифода шудааст. Зоҳиран, мурод аз «сипоҳиёни шокария» сипоҳиёни шахсии ин ё он амалдор аст.

7. Масъудӣ дар таъйини таърихи вафоти Наср ибни Аҳмад инҷо ба иштибоҳ афтодааст, зеро Наср ибни Аҳмад на дар соли 287/900, балки дар соли 279/892 аз олам гузашта буд. Худи Масъудӣ болотар соли аморат ёфтани Исмоилро пас аз вафоти Наср соли 280/893 зикр кардааст.

## «СИНИИ МУЛУК-ИЛ-АРЗ ВА-Л-АНБИЁ»-и ҲАМЗАИ ИСФАҲОНӢ

Матни мазкур аз рӯи нашри Теҳрон (Ҳамза ибни Ҳасани Исфаҳонӣ. Таърихи пайғамбарон ва шоҳон (Таърихи синии мулук-ил-

PDF Compressor Free Version

арз ва-л-анбиё). Тарҷумаи Ҷаъфари Шиор. Теҳрон, Интишороти Амири Кабир, 1367) таҳия гардид.

1. **Абӯмуслим** — мақсуди муаллиф Абӯмуслими Хуросонӣ (727-755) аст, ки ҳаракати зидди Умавиёнро сардорӣ кард ва мӯҷиби ба маснади хилофат расидани Аббосиён гардид. Пас аз ғалабаи Аббосиён Абӯмуслим волии Хуросон таъйин гардид. Густариши шӯҳрат ва нуфузи ӯ ҳуккоми хилофатро ба ташвиш овард. Ин буд, ки соли 755 халифа Мансур ӯро ба дарбор даъват карда, аҳдшиканона ба қатл расонид. Пас аз қатли Абӯмуслим обрӯву эътибори ӯ дар назди мардум рӯ ба фузунӣ овард ва қиссаву ривоятҳои зиёде пиромуни шахсияти Абӯмуслим ва корномаи ӯ ба вуҷуд омад. Ин қиссаву ривоятҳо тадриҷан дар шакли китобе фароҳам омад, ки бо номи «Абӯмуслимнома» иштиҳор дорад.

2. **Абулҳусайн ибни Бӯя** — зоҳиран, сардори шӯриши зидди Умавиён дар Табаристон ва аз аҷдоди Оли Бӯя аст.

3. **Хонадони Абӯсуфён ва авлоди Марвон** — дар ин ҷо муаллиф ба сарсилсила ва охирин намояндаи хонадони Умавиён, ки зимоми хилофатро аз соли 660 то соли 750 дар даст доштанд, ишора кардааст. Абӯсуфён падари халифаи нахуст аз ин хонадон — Муовия (660-680) буд. Марвони дуввум — охирин халифаи умавӣ буд, ки соли 750 дар Эрони Ғарбӣ ба дасти Абӯмуслими Хуросонӣ кушта шуд. Халифаҳои хонадони Умавиён ба ду шохаи хешутабори Суфёниён ва Марвониён мутааллиқ буданд. Суфёниён аз соли 660 то соли 683 ва Марвониён аз соли 683 то 750 ҳокимият доштанд.

4. **Писари амуи вай** — Писари амаки Муҳаммад — пайғамбар ва домоди ӯ — халифа Алӣ (656-661) дар назар аст. Муассиси давлати Умавиён — Муовия ибни Абӯсуфён бо Алӣ душманӣ ва муонидат дошт. Аз сиёқи ривояти Ҳамзаи Исфаҳонӣ истинбот мешавад, ки тамаҷҷӯхи ӯ комилан ба ҷониби Алӣ ва аҳли шиа аст.

5. **Язид** — халифаи умавӣ Язиди I (680-683) дар назар аст. Ҳамзаи Исфаҳонӣ дар ин ҷо ба воқеаи дашти Карбало ва шаҳид шудани имом Ҳусайн — писари ҳазрати Алӣ ва набераи Муҳаммад (с) ишора кардааст.

6. **Шом** — номест, ки Сурияи кунунӣ бо он дар қуруни вусто

PDF Compressor Free Version

маъруф ва пойтахташ шаҳри Димишқ буд. Хулофаи умавӣ Димишқро пойтахти давлати худ қарор дода ва дар идораи кишвар ба арабҳои Шом, ки ағлаб аз қабилаи Бани Калб буданд, такя мекарданд.

7. Ин ҷо Ҳамзаи Исфаҳонӣ бо ҳодисаи меросӣ шудани мансаби халифа дар замони Умавиён ишора кардааст. Чунонки маълум аст, то аҳди халифаи аввали умавӣ — Муовия I хилофат интихобӣ буд, вале Муовия ҳанӯз дар замони зиндагониаш писари худ Язидро халифа эълон кард. Бо ҳамин хилофати интихобии арабӣ ба салтанати мавросӣ табдил ёфт.

8. Аътом (?) — ин вожа тасҳиф шуда ва таъйини асли он ба мутарҷим ва таҳиягари матн муяссар нашудааст.

9. Язидиён — тибқи иттилоъи Муҳаммад Муин, язидиён тоифае аз курдон ҳастанд, ки дар пинҳон кардани ақидаи худ беандоза кӯшиш мекунанд. Дар бораи ваҷҳи тасмияи ин фирқа ихтилоф аст. Дастае мӯътақиданд, ки насаби онҳо ба Язид ибни Муъовия (680-683) — халифаи дуввуми умавӣ мерасад ва ба ин ҷиҳат аст, ки онҳоро «Язидӣ» гуфтаанд. Ва низ гӯянд, ки онон Язидро таҷассуме аз худо медонанд. Дастаи дигар мегӯянд, ки ақоиди онҳо аз як кеши эронӣ аст ва калимаи «язидӣ» аз вожаи форсии «яздон» иқтибос шуда ва пас аз андаке таҳриф ба ин сурат даромадааст. Ин тоифа аз ҳар кеш ва мазҳабе чизе гирифтаанд ва онро таҳрир намудаанд. Дар назари язидиҳо шайтон дар офариниши коинот саҳми бузурге дорад ва шарики худованд аст. Ва ӯро (яъне, шайтонро) ба калимаи товус меноманд ва муҷассамае ба сурати товус аз ӯ дуруст мекунанд ва бад-ӯ эҳтиром мегузоранд. Язидиҳо ду китоби муқаддас доранд, яке бо номи «Китоби ҷилва» ва дигар китобе аст, ки шомили достонҳои мухталиф аз офариниши осмон ва замин, биҳишт ва дӯзах ва матолиби мухталиф мебошад». (Муҳаммад Муин. Фарҳанги форсӣ. Дар шаш ҷилд. ҷилди 6, с. 2334, вожаи «язидиён»).

10. Аҳли русум — дар матни арабӣ «аҳл-ар-русумия» омада, вале маънӣ мубҳам аст. Мутарҷими китоб ин таркибро айнан тарҷума карда, ҳадс задааст, ки шояд он «аҳл-ар-Рум», яъне «аҳли Рум бошад.

11. Абӯҷаъфар — халифаи дуввуми аббосӣ, ки ҳангоми ҷулус ба тахти хилофат лақаби «ал-Мансур» (яъне «ғолиб», «пирӯз»)-

PDF Compressor Free Version

ро ба худ гирифт ва аз соли 754 то соли 775 ҳукумат ронд. Ин халифа бунёдгузори давлати Аббосиён — Абӯмуслими Хуросонро ночавонмардона кушт. Вале бо вуҷуди ин густариши нуфузи унсури эрониро дар хилофат пешгирӣ карда натавонист. Дар хилофати Мансур нуфузи хонадони маъруфи эронии Бармакиён дар дастгоҳи идорӣ ва ҳаёти сиёсии давлати Аббосиён рӯ ба фузунӣ овард. Намояндагони ин хонадон дар давраи Мансур ва халифагони баъдӣ — Маҳдӣ (775-785), Ҳодӣ (785-786) ва Ҳорунаррашид (786-809) мансаби вазоратро бар ӯҳда доштанд.

12. **Саффоҳ** — Абулаббос Абдуллоҳ ибни Муҳаммад мулаққаб ба Саффоҳ нахустин халифаи Аббосӣ (750-754) буд. Вожаи «Саффоҳ» маънои «хунрез» ва саховатманду бисёрбахшанда»-ро низ дорад. Азбаски Саффоҳ даст ба қатли омми Банӣ Умая зада ва беш аз 80 нафар аз ин хонадонро кушта буд, муаррихон баъзан лақаби ӯро ба маънои «хунрез» тавҷеҳ кардаанд. Вале мусаллам он аст, ки Абулаббос соли 749 дар масҷиди ҷомеъи Куфа худро халифа ва лақабашро «Саффоҳ» — яъне «бисёр бахшанда» эълон карда буд. Саффоҳ шаҳри Анборро пойтахти хилофати худ интихоб карда, онро ба шарафи ҷаддаш — Аббос, ки мутааллиқ ба қабилаи Банӣ Ҳошим буд, «Ҳошимия» номид.

13. **Забадонкон** — ин топоним дар осори ҷуғрофии қурунии вусто ба назар нарасид. Ба гумони ғолиб, Забадонкон тасҳифе аз Дандонкон аст, ки дар наздикии Марв ҷойгир буд. Ин маҳал бад-он иштиҳор дорад, ки моҳи майи соли 1040 дар ин ҷо муҳорибае байни Ғазнавиён ва Салҷуқиён ба вуқӯъ пайваст ва Хуросон ба дасти Салҷуқиён гузашт.

14. **Муқаннаъ** — Ҳошим ибни Ҳаким, мулаққаб ба Муқаннаъ — пешвои шӯриши мардуми Мовароуннаҳр бар зидди хилофати араб ва ашрофи маҳаллӣ дар солҳои 70-уми асри VIII. Муқаннаъ дар яке аз деҳаҳои Марв ба дунё омада, дар ҷавонӣ бо козургарӣ машғул буд. Баъдан ба ҳаракати Абӯмуслими Хуросонӣ пайваста, ба ҳайси яке аз сарҳангони ӯ ба муқобили Умавиён ҷангидааст. Пас аз куштори ночавонмардонаи Абӯмуслим аз ҷониби халифа Мансур Муқаннаъ дар солҳои 50-уми асри VIII ба нашри таълимоти худ, ки ба ақоиди маздакия асос ёфта буд, оғоз кард. Таълимоти Муқаннаъ пайравони зиёд пайдо карда

PDF Compressor Free Version

заминае барои қиёми ошкори сиёсӣ бар зидди хилофат фароҳам овард. Пайравони Муқаннаъ пас аз муборизаи тӯлонӣ бо лашкари хилофат шикаст хӯрданд. Худи Муқаннаъ ва наздикони ӯ маргро нисбат ба асорат авлотар дониста, худро ба оташ андохтанд. Аз баски пайравони Муқаннаъ ҷомаҳои сафед ба бар карда буданд, ин шӯриш ҳамчун шӯриши сафедҷомагон низ маъруф аст.

**15. Зуҳайр ибни Мусайяби Заббӣ** — номи ин волии Хуросон дар китоби Ҳамза ва «Таърихи Систон» ба ин шакл, вале дар «Таърихи Бухоро», «Зайн-ул-ахбор» ва манобеи дигар Мусайяб ибни Зуҳайри Заббӣ омадааст. Шояд Ҳамзаю муаллифи китоби «Таърихи Систон» дар зикри ин ном саҳв кардаанд ва номи писарро ба ҷои падар ва баръакс овардаанд. Ғайр аз ин, Ҳамзаи Исфаҳонӣ вуруди волии мазкурро ба Марв дар соли 163/779-780 дониста, вале Гардезӣ дар «Зайн-ул-ахбор» ин таърихро 166/782-783 дарҷ кардааст. Яке аз умуре, ки Мусайяб ибни Зуҳайр ба ҳайси волии Хуросон ба иҷро расонид, сикка задани дирҳамҳое буд, ки бо номи «Дирҳамҳои мусайябӣ» дар Мовароуннаҳр маъмул буданд.

**16.** Ҳамзаи Исфаҳонӣ таърихи омадани ҷонишини Фазл ибни Сулаймон ва сипас худи ӯро ба Марв ба ҳайси амири Хуросон соли 166/782-783 сабт кардааст, вале тибқи «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ вуруди амири мазкур ба Марв дар соли 167/783-784 сурат гирифтааст.

**16а.** Сабаби ба моҳи июнь мусодиф омадани Наврӯз он аст, ки дар давраи Сосониён ин ҷашн монанди идҳои аҳли ислом дар адвори баъд, чунончӣ иди Қурбон ва иди Рамазон, дар фаслҳои мухталифи сол гардиш мекард. Аммо дар соли 467 (1074-1075) бо фармони султон Ҷалолуддин Маликшоҳи Салҷуқӣ тартиби тақвими ҷалолӣ ҷорӣ гардид ва бар асоси он мавқеи ҷашни Наврӯз ҳар сол дар аввали баҳор яъне ҳангоми таҳвили Офтоб ба бурҷи Ҳамал, таъйин карда шуд.

**17.** Зоҳиран, ин ҷо дар сабти таърихи берун омадани Ҳарсама аз лашкаргоҳ ва фиристодани Алӣ ибни Исо ба сӯи Ҳорунарраишид иштибоҳе рафтааст, зеро Ҳарсама ҳуҷуми ҷумодиюлухро аз лашкаргоҳ берун омада бошад, пас ирсоли Алӣ ибни Исо бояд

PDF Compressor Free Version

рӯзи панҷшанбеи 26 ҷумодиюлухро сурат гирифта бошад, на ҷумодиюлуло, ки моҳи қаблӣ аст.
**18. Данбованд** — бино ба ҳадси мутарҷим, дар матни асл ин топоним дар шакли нодурусти Диновандзабт шуда ва шакли саҳеҳаш Данбованд (Дамованд) аст.
**19. Маовин (маован?)** — зоҳиран, мансаб ва вазифа будааст, вале чигунагии он барои соҳибони фарҳангҳо, аз ҷумла алломи Деххудо норавшан мондааст. Яке аз идороти ҳукуматии Бани Аббос «девони маовин» номида мешуд ва ин истилоҳ, бино ба ишораи Муҳаммади Қазвинӣ, дар «Таҷоруб-ул-умам» ба такрор омадааст.
**20. Рӯзи дин** — рӯзи бисту чаҳоруми ҳар моҳи шамсия эронӣ, ки тибқи ақоиди зардуштӣ фариштае бо номи Дин, бар ин рӯз муваккал буд. Ибни Фақеҳ ҳини зикри таърихи вокеоту ҳаводис баъзан мутобиқати моҳу рӯзҳои солшумории ҳиҷрии камариро бо моҳ ва рӯзҳои солшумории шамсия эронӣ таъйин кардааст.
**21. Ҷузҷон** — дар матни асл ин топоним «Хурҷон» забт шуда ва мутарҷим онро ба «Ҷузҷон» тасҳеҳ кардааст.
**22. Рӯзи дин** — ниг. таълиқоти № 20.
**23. Дар Ҷундишопур аз шаҳрҳои Хузистон** — дар матни асл «Ҷундишопур мин кувар Хуросон», яъне «Ҷундишопур аз шаҳрҳои Хуросон» омада, ки нодуруст аст ва мутарҷим «Хуросон»-ро ба «Хузистон» тасҳеҳ кардааст. Дар Ҷундишопур аз олам чашм пӯшидани Яъқуб ибни Лайсро ибни Ҳавқал низ дар «Сурат-ул арз»-и худ таъйид кардааст.
**24. Китобҳои «Футуҳ»** — мақсуди муаллиф силсилаи китобҳое аст, ки доир ба кишваркушоии аъроб бо номи умумии «Футуҳ-ул-булдон» пас аз истилои араб таълиф шудаанд. Яке аз китобҳое, ки дар ин силсила навишта шуда ва дар олами ислом шӯҳрати тамом ёфтааст, «Футуҳ-ул-булдон»-и Балозурӣ (ваф. 892) аст.
**25. Бузурмеҳр** — мутарҷим бо истинод ба Алиашрафи Содиқӣ шакли саҳеҳи ин номро «зармеҳр» донистааст.
**26. Рӯзи бод** — рӯзи бисту дуюм аз ҳар моҳи шамсӣ. Ибни Фақеҳ дар фасли даҳуми китоби худ ҳини зикри таърихи вокеоту ҳаводис баъзан мутобиқати моҳу рӯзҳои солшумории ҳиҷрии ка-

PDF Compressor Free Version

марпро бо моҳ ва рӯзҳои солшумории шамсии эронӣ таъйин кардааст.
27. **Рӯзи хурмузд** — рӯзи аввали ҳар моҳи шамсӣ.
28. **Рӯзи осмон** — рӯзи бисту ҳафтуми аз ҳар моҳи шамсӣ.
29. **Гел** — бино ба ишораи мутарҷим, ин вожа ва сифати нисбӣ аз он, яъне Гелӣ, дар матни асл дар шакли Ҷабал» ва «Ҷабалӣ» омада ва ӯ онҳоро ба «Чил» (=Гел, Гелон) ва Чилӣ (=Гелӣ, Гелонӣ) тасҳеҳ кардааст.
30. **Рӯзи аштод** — рӯзи бисту шашуми ҳар моҳи шамсӣ. Аслан «аштод» номи фариштаест дар дини зардуштӣ, ки бар ин рӯз муваккал аст.
31. **Рӯзи хурдод** — рӯзи шашуми ҳар моҳи шамсӣ.
32. **Рӯзи обон** — рӯзи даҳуми ҳар моҳи шамсӣ. Ваҷҳи ин тасмия он буда, ки фариштае бо номи Обон, ки нигаҳбони об дар ойини зардуштӣ аст, муваккал бар ин рӯз будааст.
33. **Рӯзи мурдод** — рӯзи ҳафтуми ҳар моҳи шамсӣ, ки бар он рӯз фариштае бо номи Мурдод муваккал аст.
34. **Рӯзи бод** — иц. таълиқоти № 26.

## «СУРАТ-УЛ-АРЗ»-и ИБНИ ХАВҚАЛ

Таҳияи матни мазкур аз рӯи нашри Теҳрон («Сафарномаи Ибни Хавқал (Эрон дар «Сурат-ул-арз») Тарҷумаи Ҷаъфарӣ Шиъор., Интишороти Амири Кабир, 1366) анҷом пирафт.

1. **...умарои Рукнуддавла** — амирони Рукнуддавла ва «рукнуддавла» маънишн «сутуни давлат»-ро дорад. Ин лақаби Абӯалӣ Ҳасан ибни Бӯя — яке аз умарои Оли Бӯя — мебошад, ки аз тарафи халифа Мустакфӣ ба ӯ дода шуда буд. Рукнуддавла аз соли 322/934 то соли 366/977 ҳукм рондааст. Дар ин солҳо байни ӯву норисонаш, ва амирони Сомонӣ ҷангҳои хунине рух намуданд. Пеш аз вафоти худ Рукнуддавла Рай ва Табаристонро ба писари хеш — Фахруддавла таҳвил дод.
2. **Соҳиби барид** — аз ҷумлаи вазоифе, ки дар даврони Сомониён мартабаи хосае пайдо карда буд. Асҳоби барид ба қавли В. В. Бартольд, муқаллаф бар он буданд, ки хабарҳои муҳими дав-

PDF Compressor Free Version

латиро аз пойтахт ба музофот расонанд ва дар айни хол дар бораи хама гуна фаъолияти хокимони махаллй ба марказ ахбор диханд. Ходимони барид дар музофот ба хокимони вилояту махалхо тобеъ набудаанд (В. В. Бартольд. Сочинения. М., 1963, т. I. с. 290).

**3. Бундор** — дар луғатномахо зимни шархи маънои луғавии ин вожа маънии зиёде оварда шудааст, аз қабили бунадор, давофурўш (Бурхони котеъ»), сохиби мақиату моя («Онандроч»), молик ва сохиби мулк — ба ин маънй бештар дар Хуросон маъмул будааст («Фарханги форсй»-и Муин), сардори қўшун, солор («Фарханги форсй»-и Муин) ва ғ.. Ба ин далел вожаи мазкур таърихан қадим буда, дар хар адворе бо маънихои гуногун мустаъмал будааст. Бино бар қавли мухаққиқин «бундор» дар ахди Сомониён яке аз мансабхои уммоли хироч махсуб мешудааст. Маликушшуаро Бахор дар хошияи «Таърихи Систон» менависад, ки ин мансаб ё лақаб пеш аз ислом хам маъмул ва дар чомеъаи аъроб низ мавриди истеъмол будааст (Ниг. «Таърихи Систон» Техрон. 1316 шамсй. с. 302). Дар «Луғатнома»-и Деххудо низ, дар радифи маънохои дигар, «бундор» чун муваккили ахзи молиёт аз бору бунахо шарх ёфтааст.

**4. Мойўхтачи ўро** — хар чизеро, ки ба он эхтиёч пайдо кунад.

**5. Туркони ғуз** — номе аст, ки муаллифони араб ба қабилаи туркони «оғуз, ўғуз» итлоқ кардаанд. Ғузон нахуст дар Муғулистон сукунат доштанд ва дар катибахои Урхун, ки мутааллиқ ба асри VII аст, аз эшон зикре рафта. Дар ин катиба ин қавм ба номи «Тўғғуз ўғуз», яъне «нўх ўғуз» омадааст. Бино бар ин, қабила ба нўх қабилаи фаръй тақсим шуда буд. Чуғрофидонони қарни X номи «ғуз»-ро танхо ба қавми сокини мағриби Туркистон нисбат додаанд. Ғузон аз Гургон — дар қиори бахри Хазар то Форобу Испичоб дар минтақаи Сирдарё пароканда буданд. Кишвари Ғузон аз мағриб ба қаламрави қавмхои Хазару Булғор, аз машриқ ба сарзамини харлухон аз шимол ба мамлакати кимокхо (нохияе будааст, байни Ирхис ва дашти Қипчоқ) махдуд буд. Ислом дар қарни XII байни ғузон тасаллут ёфт. Ғузхои мусалмонро туркмен хам номидаанд.

**6. Харлух** — (халлух ё қарлуқ) — номи қавме аз туркони бодиянишин, ки аз ғузон фарқ доранд, вале онхо низ аз туркмон-

PDF Compressor Free Version

монанд. Ватани аслии ҳарлукҳо худуди ғарбии кӯҳҳои Олтой будааст, ки баъдтар аз он ҷо муҳоҷират карда, ба сарзамини Осиёи Марказӣ кӯч бастаанд. Подшоҳони онҳоро «Ябғу» меномидаанд ва арабҳо онро [«ҷабғу, ҷабғуя» навиштаанд.

**7. Шақния** — номи яке аз ноҳияҳои Мовароуннаҳр аст. Ба қавли Ибни Ҳавқал «Дар марзи Вахш ва Хуттал ду ноҳия — Вахон ва Шақния воқеъанд, ки кофиристон мебошад ва аз онҳо мушк ва варда содир мегардад». В. В. Бартольд менависад, ки ҷуғрофидонони исломӣ сарчашмаи асосии Амударёро Ҷарёб (Панҷи ҳозира) медонистанд, ки дар маҷрои болои Вахаб номида мешуд ва аз вилоятҳои Вахан, Шиқинан (Шуғнон) ва Керрон (эҳтимол Рӯшон ва Дарвоз) мегузашт. Ва илова мекунад, ки дар асри X дар ин вилоятҳо бутпарастон сукунат доштанд. (нигаред ба В. В. Бартольд, Сочинения. М, 1963, т. II, с. 115).

**8. Шовғар** — номи яке аз ноҳияҳои Исфиҷоб (ниг. ба таълиқоти № 6 «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и Истахрӣ).

**9. Ҷариб** — муарраби гариб/гарӣ, масоҳате, ки тақрибан баробари даҳ ҳазор метри мураббаъ мебошад.

**10. Ҷира** — дар «Фарҳанги форсӣ»-и Муин ин вожа «чизе аз хӯраниву нӯшиданиву пӯшок, ки ба муздурону сарбозон диҳанд» шарҳ ёфтааст. Муаллифи «Бурҳони қотеъ» менависад, ки «Ҷира бар вазни «зира» рӯзиёна бошад ва он чизе буваҷ аз гандуму орду нон ва амсоли он, ки ҷиҳати ғулом ва нӯкар муқаррар кунанд».

**11. Ба таври мудовим ва ло янқатеъ** — ба таври доими ва қатънашаванда.

**12. Кофиён** — ҷамъи кофӣ. Маънии луғавии ин вожа аслан «басанда», «донои кор бокифоят» аст. Вале ин ҷо вожа ба маънии истилоҳи худ, яъне «коргузор, омил, омил, пешкор» мустаъмал гаштааст.

13. Рӯзномаҳо — мусаҳҳеҳи матн шарҳ медиҳад, ки дар матн «рознома҄чот» омадааст ва шояд ҳамон «рӯзномаҷот» бо маънии ахасси он бошад. Рӯзномаҷот муарраби «рӯзнома»-и тоҷикӣ аст ва замни ин истилоҳ дафтарҳо ё коғазе дар назар дошта мешуд, ки дар онҳо ҳисоб ва воқеъаҳои рӯз дарҷ меёфт. Ин истилоҳ дар осори бархе аз олимону адибони қуруни аввали ислом (Саъолибӣ, Берунӣ, Ёқути Ҳамавӣ) ба чашм мехӯрад ва са-

PDF Compressor Free Version

рехан маълум мешавад, ки «рӯзнома» дар он овон ба маънии «китоби шарҳи гузориши рӯзона ва ёддошти воқеъаҳои ҳаррӯза» дар истеъмол будааст ва муродифи имрӯзаи он вожаи форсии «журнал» мебошад.

**14. Шаҳнаи билод** — шаҳна шахсе, ки аз тарафи подшоҳ барои забти корҳо ва назорат ба мардум муфаввиз мегардид ва шаҳнаи билод маънои «доруга, посбонони кишвар»-ро дорад.

**15. Борас ғуломи Исмоил ибни Аҳмад буд** — қиссаи «Борас» дар «Таърихи комил»-и Ибни Асир дар зикри ҳодисаҳои соли 907 ва марги Исмоил ибни Аҳмади Сомонӣ нақл шудааст. Бар қавли Ибни Асир чун Абӯнаср Аҳмади Сомонӣ вориди Нишопур шуд, Бораси Кабир аз тарси ӯ аз Гургон ба сӯи Бағдод гурехт. Тарси ӯ аз он буд, ки амир Исмоил ҳангоме, ки Гургонро аз Муҳаммад ибни Зайд бозгирифт, онро ба писари худ — Аҳмад супурд ва он гоҳ вайро аз ҳукумати он ноҳия азл кард. Ва Бораси Кабир бад-он шаҳр фиристод. Дар муддати фармонравоии Борас моли бисёре аз ҳисоби хироҷи Раю Табаристону Гургон дар хазинаи ӯ ҷамъ омада буд, ки болиғ бар ҳаштод бор мешуд. Борас ҳамаи ин амволро барои гусел кардани назди Исмоил ҳамл кард, вале баробари шуниданин марги Исмоил он молҳоро бозгардонид. Чун бохабар шуд, ки Аҳмад ибни Исмоил ба сӯи вай меояд, битарсид ва ба халифа Муктафӣ нома навишта аз ӯ паноҳ хост. Халифа иҷозат дод ва ӯ бо 4 ҳазор савор ба Бағдод ҳаракат кард. Аҳмад сипоҳиёни худро ба таъқиби шаҳнаи ӯ фиристод, вале эшон тавфиқ наёфтанд, зеро Борас аз Рай гузашта ба Бағдод расида буд. Ин ҳангом халифа Муктафӣ вафот мекунад ва Муқтадир ба хилофат менишинад ва ӯ Борасро ҳукумати диёри Рабиъа медиҳад. Аммо муқаррабони Муқтадир аз бими қудрати Борас ӯро заҳр дода мекушанд.

**16. Дар фитнаи Абдуллоҳ ибни Мӯътаз** — мақсуди муаллиф воқеаи халъ кардани халифа Муқтадир аз тарафи дарбориёни ӯ ва ба сарири хилофат нишондани Абдуллоҳ ибни Мӯътаз аст. Абулаббос Абдуллоҳ ибни Мӯътаз ибни Мутаваккил яке аз симоҳои шинохта ва барҷастаи адабиёти араб аст. Вай дар адабу шеъри араб маҳорати комил дошт. Ибни Мӯътаз нахустин адибест, ки дар балеғи араб китоб таълиф кардааст. Вале бар асари фитнаҳои дарбориёни ӯ ба арсаи сиёсат кашида мешавад. Аҳли дарбор

PDF Compressor Free Version

Муктадирро (908-932) азл карда, Ибни Мӯътазро дар соли 296/908 ба хилофат бардоштанд. Ва ӯ танҳо як рӯз халифа буд ва пас аз азл бо амри Муктадир кушта шуд. Аз таълимоти ӯ «ал-Бадиъ», «Мукотабот-ул-ихвон би-ш-шеър», «ал-Ҷаворих ва-с-сайд» аст.

17. **Дирҳами ғитрифӣ** — Ниг. ба таъликоти № 16 «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ дар «Сомониён дар оинаи таърих» ч. I. Хуҷанд, 1998, с. 464.

18. **Муҳаммадия ва мусаййабийя** — Номи пулҳое, ки ба монанди «дирҳами ғитрифӣ дар Бухоро ва Мовароуннаҳр маъмул будааст. В. В. Бартольд дар пояи маълумоти Макдисӣ ва Самъонӣ ривоятеро хотирнишон мекунад, ки бар асоси он гӯё Муҳаммад, Мусайяб ва Ғитриф се бародар будаанд ва баъди тасаллут бар Мовароуннаҳр сикка ба номҳои худ заданд ва ин пулҳо байни мардум бо номи эшон машҳур гаштааст. Вале ҳақиқат чунин аст, ки тангаҳои «муҳаммадӣ» дар замони Муҳаммад ибни Деҳд роиҷ гаштанд. Аммо номи ин шахс байни умарои Хуросон зикр нашудааст.. Эҳтимол меравад, ки аз ҷонишинони араби амири Хуросон дар Мовароуннаҳр бошад. Тангаҳои «мусайябӣ» бошад дар рӯзгори Мусайяб ибни Зуҳайр сикка зада шудааст. Мусайяб ибни Зуҳайр дар соли 780-783 аморати Хуросонро дошт.

19. **Мусайябия** — ниг. ба таъликоти боло.

20. **Рӯй** — филизи сафедранги моил ба кабудӣ, ки дар 412 дараҷа ҳарорат об шуда, аз омезиши он бо мис биринҷӣ ҳосил мешавад.

21. **Истахр** — шаҳри қадимаи Эрон, ки дар ду соҳили дарёи Пулвор, тақрибан дар 50 км шимолу шарқи Шероз, 5 км дуртар аз димнаи тахти Ҷамшед вокеъ буд. Дар аҳди Сосониён музофоти Форсро низ Истахр меномиданд ва марказӣ он шаҳри Истахр буд. Баробари ободонӣ, равнақ ва ривоҷи шаҳрҳои дигар, амсоли Шероз, Сироф ва ғайра, Истахр мавкеи худро аз даст дода, дар асри X ба шаҳри хурди маъмурӣ табдил ёфт. Баъдтар дар натиҷаи задухӯрдҳои вилоёти маҳаллӣ хеле хароб шуда, ба як деҳаи хурде мубаддал гардид. Қалъаи Истахр — яке аз қалъаҳои маъруфи таърихӣ — дар нишебиҳои шимоли ғарбии водии Марвдашт қарор дорад.

22. **Туббаъ, ҷамъаш Табобиаъ** — номи яке аз мулуки Яман ва

PDF Compressor Free Version

дар айни замон номи силсилаи ҳимариёни Яман, ки Ҳазрамавт, Саба ва Ҳимяр дар тасарруфи эшон буд, чунонки подшоҳони Эронро — Кисро, Румро — кайсар, Туркро — Хоқон мегуфтанд Ҳорис ибни Қайс аввалин подшоҳест, ки ӯро ба «Туббаъ» мулаққаб кардаанд, зеро ӯ мулкҳои парешони Яманро — Ҳазрамавт, Саба, Ҳимяр — муттаҳид сохт ва ҷамъи авлоди Ҳимяр бар салтанати ӯ иттифоқ карданд ва ба ӯ тобеъ шуданд. Бино бар он Ҳорис ибни Қайс ба «Туббаъ» мулаққаб гашт. Аз ин пас тамоми подшоҳони Яманро «Туббаъ» хонанд ва эшон бино бар ривояти араб нуздаҳ тан будаанд.

23. **Забони ҳимярӣ** — яке аз забонҳои мурдаи шохаи ҷанубии гурӯҳи забонҳои сомии оилаи забонҳои афросиёбӣ аст, ки дар ҳудуди имрӯзаи Яман мутадовил будааст.

24. **Санъо** — яке аз қадимтарин шаҳрҳои нимҷазираи Араб ва пойтахти имрӯзаи Ҷумҳурии Арабии Яман аст.

25. **Чағониён** — дар бархе аз сарчашмаҳо бо номи Сағониён низ зикр мешавад ва он номи ноҳияест, ки дар маҷрои болоии дарёи Ому воқеъ буд. Маркази ин ноҳия низ ба ҳамин ном хонда мешуд. Ноҳия ё худ вилояти Чағониён дар асрҳои миёна (VI-XVI) ҳудудҳои имрӯзаи шаҳру ноҳияҳои Шӯрча, Деҳнав, Сариосиё, як қисми Чарқурғон (қисми ғарбии водии Ҳисори Ҷумҳурии Тоҷикистон ва водии Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон)-ро дарбар мегирифт. Чағониён дар асрҳои X-XI ба ҳайати давлатҳои Сомониён, Ғазнавиён ва Салҷуқиён, дар асрҳои XII-XIII бошад ба ҳайати давлатҳои Ғуриён ва Хоразмшоҳиён дохил гардид. Чағониён аз давраи истилои муғул рӯ ба таназзул ниҳод.

26. **Оли Мӯҳтоҷ** — номи хонаданест, ки пас аз Ислом дар вилояти Чағониён ҳукумронӣ кардаанд. Муассиси ин сулола Мӯҳтоҷ ибни Аҳмад аст ва Оли Мӯҳтоҷ маъхуз аз номи ӯст. Афроди ин дудмон бо номи «Чағониён» низ зикр шудаанд.

## «АҲСАН-УТ-ТАҚОСИМ ФӢ МАЪРИФАТ-ИЛ-АҚОЛИМ»-и МУҚАДДАСӢ

Матни мазкур аз рӯи тарҷумаи форсии Алинақии Мунзавӣ («Аҳсан-ут-тақосим фӣ маърифат-ил-ақолим». Таълифи Абуаб-

PDF Compressor Free Version

дуллоҳ Муҳммад ибни Аҳмади Муқаддасӣ. Тарҷумаи Алинақии Мунзавӣ. Дар ду бахш. Ширкати муаллифон ва мутарҷимони Эрон. Теҳрон. 1361. бахши дуввум) таҳия гардид.

1. **Умар** — манзури назари муаллиф халифаи дуввум аз хулафои рошидин Умар ибни Хаттоб (634-646) аст, ки дар замони хилофати ӯ футуҳоти исломӣ густариш пайдо кард ва аз ҷумла Ироқ ва Эрон низ аз ҷониби мусалмин ишғол гардид.
2. **Абӯзайд** — Абӯзайд Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ — ҷуғрофиёнавис, табиб ва мутакаллими маъруфи арабизабони эронӣ (850-934), ки соҳиби таълифоти зиёде буд, дар назар аст. Муқаддасӣ ин ҷо ба китоби «Сувар-ул-ақолим»-и ӯ, ки аз уммаҳоти кутуби ҷуғрофиёи исломӣ буд, ишора кардааст.
3 .Муқаддасӣ ин ҷо ба асотири қадимаи қавмҳои эронӣ, ки номи шаҳрҳо ва кишварҳоро одатан номи шахси бунёдкунандаи он тасаввур мекарданд, ишора кардааст. Аз ривояти мазкур Ҳамдуллоҳи Муставфӣ низ дар «Таърихи гузида» ёд карда, аз ҷумла навиштааст: «Хуросон писари Олим ва Олим писари Сом аст. Ва Ироқ писари Хуросон аст».
4. **Абӯмансур ибни Азиз** — номи ин вазир дар «Зайн-ул-ахбор» Абӯмансур Муҳаммад ибни Азиз забт шудааст. Муқаддасӣ ӯро вазири Нӯҳ ибни Наср (943-954) донистааст, дар холе ки Гардезӣ вайро вазири Абдулмалик ибни Нӯҳ (954-961) хондааст.
5. **Ҳокими Ҷалил** — лақаби Абулфазл Муҳаммад ибни Аҳмад, ки вазорати Нӯҳ ибни Насрро дар ӯҳда дошт. Гардезӣ номи ӯро «Муҳаммад ибни Муҳаммади Ҳоким» забт кардааст. (Ниг. ҷилди аввали ҳамин китоб, с. 112). Шарҳи ҳол ва иллати кушта шудани ӯ дар аксари манобеъи таърихӣ, аз ҷумла дар «Зайн-ул-ахбор», «Табақоти Носирӣ», «Равзат-ул-сафо», «Дастур-ул-вузаро» ва ғайра ба қайд омадааст.
6. **«Ӯ се писари худро ба се хидматгузор супурда буд»** — бино ба ахбори Гардезӣ дар «Зайн-ул-ахбор», Нӯҳ ибни Наср чаҳор писар доштааст: Абдулмалик, Аҳмад, Наср, Абдулазиз (ниг. ҷилди аввали ҳамин китоб, с. 118). В. В. Бартольд бо такя ба манобеъи мухталифи номи панҷ писари Нӯҳ ибни Насрро зикр кардааст: Абдулмалик, Мансур, Наср, Аҳмад ва Абдулазиз.
7. **«...ва писараш Насрро ба ҷояш бархишонданд»** — пас аз мар-

PDF Compressor Free Version

ги Абдулмалик ибни Нӯҳ ба тахти аморат нишастани писари хурдсоли ӯ — Насрро аз байни манобеъи таърихӣ танҳо Муқаддасӣ зикр кардааст. Сонри манобеъ аз ҷониби Алптегин ба аморат тавсия шудани Насрро зикр кардаанд, вале дар хусуси баъд аз як рӯзи аморати Наср ӯро хальъ кардани Фоиқ чизе нагуфтаанд.

**8. Абӯмансури Бокирӣ** — номи ин ҳоҷибро В. В. Бартольд Абӯмансури Бойкаро забт карда ва афзудааст, ки номи ҳоҷиби мазкур дар тангаҳои амир Мансур ибни Нӯҳ (961-976) ба чашм мерасад.

**9. Ибни Абдураззоқ** — номи пуррааш Абӯмансур Муҳаммад ибни Абдураззоқ аст, ки соли 960 сипаҳсолор ва волии Хуросон таъйин шудааст. «Шоҳномаи Абӯмансурӣ», ки муқаддимааш то замони мо расидааст, бо ҳидояту дастгирии ин марди фарҳангпарвар ва ба номи ӯ таҳия гардидааст.

**10. Ибни Ҷайҳонӣ** — манзури муаллиф Абӯабдуллоҳ Аҳмад ибни Муҳаммади Ҷайҳонӣ, набераи Абӯабдуллоҳ Муҳаммад ибни Аҳмади Ҷайҳонӣ — вазири маъруфи Наср ибни Аҳмад ва писари Абӯалӣ Муҳаммад ибни Муҳаммади Ҷайҳонӣ аст.

**11. Ибни Утбӣ** — манзури муаллиф Абулҳусайн Абдуллоҳ ибни Аҳмади Утбӣ — яке аз вазирони маъруфи хонадони Утбӣ аст, ки бо ғадри Фоиқ ва Абулҳасани Симҷӯр дар соли 982 кушта шуд.

**12. Музнӣ** — Абулҳусайн Муҳаммад ибни Муҳаммади Музнӣ дар назар аст, ки як муддати кӯтоҳ пас аз кушта шудани Абулҳусайни Утбӣ дар соли 982 мансаби вазоратро дар ӯҳда дошт, вале дере нагузашта Ҳусомуддавла Абулаббоси Тош ӯро аз ин мансаб маъзул гардонид. Маълумоти бештар доир ба аҳвол ва вазорати Абулҳусайни Музнӣ дар «Насоим-ул-асҳор»-и Носируддини Мунишии Кирмонӣ, «Осор-ул-вузаро»-и Уқайлӣ, «Дастур-ул-вузаро»-и Хондамир ва ғайра омадааст. (Ниг. ҷилди аввали ҳамин китоб, саҳ. 297, 429, 512 таълиқоти № 5).

**13. Истахрӣ** — Дар манобеъи дигари дастрас вазире бо чунин ном ба назар нарасид. Ба гумони ғолиб, Истахрӣ, ки Муқаддасӣ ин ҷо зикр кардааст ,ҳамон Абӯмуҳаммад Абдурраҳмон ибни

PDF Compressor Free Version

Аҳмади Форсӣ аст, ки тибқи маълумоти «Зайн-ул-ахбор» пас аз Абулҳусайни Музнӣ ба мансаби вазорат расида ва дар моҳи рабеъулаввали соли 376/VII.986 аз ин мақом маъзул гардидааст. (Ниг. ҷилди аввали ҳамин китоб, саҳ. 128-129). Хондамир низ дар «Дастур-ул-вузаро» қайд кардааст, ки пас аз Музнӣ мансаби вазоратро Абдурраҳмони Форсӣ бар ӯҳда дошт (ниг. ҷилди аввали ҳамин китоб, саҳ. 429). Пас, суоле ба миён меояд, ки чаро Муқаддасӣ номи ин вазирро «Истахрӣ» хондааст? Чунон ки маълум аст, ҷуғрофинависи маъруфи асри X Абӯисҳоқи Истахрӣ низ лақаби «Форсӣ» дошт. Оё метавон ҳадс зад, ки умумияти лақаби «Форсӣ» дар ин маврид боиси иштибоҳи Муқаддасӣ шуда ва ӯ Абдурраҳмони Форсии вазирро бо Абӯисҳоқи Истахрии Форсии ҷуғрофидон яке донистааст? Посух ба ин суол пажӯҳишҳои ояндаро тақозо дорад.

**14. Абдуллоҳ ибни Азиз** — номи ин вазир дар манобеъи таърихӣ дар шаклҳои Абдуллоҳ ибни Муҳаммад ибни Узайр, Абдуллоҳ ибни Азиз, Абдуллоҳи Узайр ба қайд омадааст, яъне ихтилоф дар номи падар (ва ё падарбузурги) ӯ аст. В. В. Бартольд шакли «Узайр»-ро мураҷҷаҳ донистааст. Солҳои вазорати Абдуллоҳ ибни Азиз 986-988 аст.

**15. «Эшон аз деҳе дар навоҳии Самарқанд бо номи Сомон мебуданд»** — дар манобеъи таърихӣ дар мавриди таъйини мавқеъи ҷуғрофии Сомон тафовути назарҳо ба чашм мерасад. Аз ҷумла, Муқаддасӣ ва Ёқути Ҳамавӣ Сомонро мансуб ба навоҳии Самарқанд, Ҳамдуллоҳи Муставфӣ ба навоҳии Ҳамадон ва иддае дигар аз муаллифон — ба навоҳии Балх, Исфаҳон ва Тирмиз донистаанд.

**16. «...ва нажодашон ба Баҳроми Гӯр мерасид»** — Муқаддасӣ ва дар пайравӣ аз ӯ Ёқути Ҳамавӣ нисбати Сомониёнро ба Баҳроми Гӯр расонидаанд, вале аксари манобеъи таърихӣ муттафиқ бар онанд, ки ҷадди Сомониён маликзода ва сипаҳсолори Сосониён — Баҳроми Чӯбина аст.

**17. Ба соли 190** — зоҳиран, ин ҷо ба ҷурми носихон саҳве рафтааст ва соли 190 бояд 290 тасҳеҳ шавад.

**18. Шайх Абулаббос** — аз машоихи маъруфи ҳанафияи аҳди Сомониён аст. Муқаддасӣ дар ҷои дигар аз китоби худ аз ин шайх бо номи Абулаббоси Яздодӣ, ки дар таъмири садди вайронашу-

PDF Compressor Free Version

дан Рӯди Зар маблағе зиёд сарф кардааст, ёдовар шуда ва афзудааст, ки ин воқеа мусодиф ба соли вуруди ӯ ба Бухоро будааст.

**18. Шайх Абӯсолеҳ** — зоҳиран, Абӯсолеҳи Таббонӣ дар назар аст, ки ба рӯзгори Сомониён аз бузургони мазҳаби ҳанафия ва имоми ҳанафиёни Ғазна буд ва ба соли 400/1009-1010 даргузашт.

**20. Абулҳасан** — Абулҳасани Симҷӯрӣ (ваф. 997), яке аз шахсиятҳои барҷастаи хонадони Симҷӯриён ва сипаҳсолору амири Хуросон дар авохири аҳди Сомониён.

**21. Дирами ғитрифӣ** — доир ба дирамҳои ғитрифӣ, муҳаммадӣ ва мусаййабӣ ниг. таъликоти «Таърихи Бухоро» (ҷилди аввали ҳамин китоб, с. 464), таъликоти «ал-Масолик ва-л-мамолик»-и Ибни Хурдодбеҳ ва «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал (дар ҳамин ҷилд).

**22. «Се бародар ба номҳои Муҳаммад, Мусаййаб ва Ғитриф ин дирҳамҳоро сикка зада буданд»** — ин ривояти Муқаддасӣ далел бар он аст, ки дар асри X асли дирҳамҳои муҳаммадӣ, мусаййабӣ ва ғитрифӣ, ки аз ҷониби шахсони таърихӣ, волиёни халифаи Бағдод дар Хуросон Ғитриф ибни Ато, Мусаййаб ибни Зуҳайр ва Муҳаммад ибни Деҳд сикка зада шуда буданд, аз хотирҳо фаромӯш шуда, ба ҷои он ривояти афсонаомез дар бораи он ки гӯё се бародар — ҳокимони Мовароуннаҳр он дирҳамҳоро ба номи худ сикка заданд, пайдо шудааст. Ин ривоятро пи̣ш аз Муқаддасӣ Самъонӣ низ дар «Китоб ул-ансоб» такрор кардааст.

## «АЛ-ФЕҲРИСТ»-и ИБНИ НАДИМ

Матни мазкур аз рӯи нашри Ризо Таҷаддуд («Китоб-ул-феҳрист-ли-н-Надим», Нашри дуюм, Теҳрон, 1973) таҳия ва аз арабӣ тарҷума гардид.

**1. «Китоби ойини мисолот»** — дар нашри Флюгель номи ин асар дар шакли «Китоби ойини маколот» сабт шудааст. Дар тарҷумаи форсии «ал-Феҳрист» Ризо Таҷаддуд номи ин асарро «Китоби

PDF Compressor Free Version 

ойин» хонда ва вожаи «мақолот»-ро сарогози китоби қонӣ донистааст.

**2. «Кутуб ул-ухуд ли-л-хулафо ва-л-умаро»** — дар тарҷумаи форсии китоб мутарҷим пеш аз ин унвон вожаи «мақолот»-ро сабт кардааст, яъне «Мақолот кутуб ал-ухуд...».

**3. «Китоб ул-зиёдот фӣ китоб ан-носӣ фи-л-мақолот»** — дар нашри Флюгель дар зикри номи ин китоб ба ҷои вожаи «ан-носӣ» вожаи «ойин» сабт шуда, яъне «...фӣ китоб ойин фи-л-мақолот».

**4. «...бародари саълук буд»** — асли арабии ин ҷумла дар нашри Ризо Таҷаддуд — «ва хува аху саълук» ва дар нашри Флюгель — «ва ахуху саълук» омадааст, ки мохияташ ҳар ду як маъноро мерасонанд. Ибҳом танҳо дар вожаи «саълук» аст, ки маънои «дарвеш»-ро дорад ва ҳам ба сифати исми хос корбаст мешавад. Ба тахмини Ризо Таҷаддуд Ибни Надим ин вожаро дар маънои «дарвеш» кор фармудааст.

**5. Фӣ-л-бахс ан кайфият-ит-таъвилот»** — аз сиёқи баёни Ибни Надим маълум нест, ки ин унвони китоб аст ва ё тавсифи он. Ризо Таҷаддуд онро дар тарҷума оварда ва тавсиф пиндоштааст.

**5а. Ва Абӯалии Ҷайҳонӣ** — вазири Наср ибни Аҳмад — дар ин ҷо Ибни Надим дучори иштибоҳ шуда ва ба ҷои падар — Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонӣ писар — Абӯалии Ҷайҳониро зикр кардааст. Аз ахбори манобеъи таърихӣ пайдост, ки вазири Наср ибни Аҳмад (914-943) Абӯабдуллоҳи Ҷайҳонии падар буд, ва Абӯалии Ҷайҳонии писар.

**6. Карматиён** — ниг. Таъликоти «Сиёсатнома»-и Хоҷа Низом-улмулк» (№ 24, Карматӣ») дар ҷилди аввали ҳамин китоб, саҳ. 494).

**7. Санавия** — қавл ба ду асл: гурӯҳе, ки ба ду мабдаи зофа финиш қоиланд: Маъмулан, маздакиён, монавиён, дайсониён ва зардуштиёнро аҳли санавия мехонанд.

**8. Балхӣ** — аз ҷумлаи ашхосест, ки Ибни Надим бар онҳо мукаррар истинод кардааст.

**9. Убайдуллоҳ** — манзури назари муаллиф Убайдуллоҳ ибни Муҳаммади Фотимии Алавӣ (873-934) — муассиси давлати Алавиён дар Магриб аст. Убайдуллоҳ аз аъқоби Имом Ҷаъфари Содиқ(р) ва сокини шаҳри Салмияи Шом буд. Ӯ бисёре аз асҳоби худро ба Магриб фиристод, то мардумро ба пайравӣ аз

PDF Compressor Free Version

мазхаби шиа даъват кунад ва зухури имоми замон — Махдиро башорат диханд. Гурўхи зиёде даъвати ўро пазируфтанд. Убайдуллох шахри Махдияро дар Магриб бино кард ва онро пойтахти давлати фотимиёни алавии худ сохт ва 24 сол хукумат карда, дар хамон чо даргузашт.

**10. Соли хаштоду хафт** -- соли дусаду хаштоду хафт (287/900) дар назар аст. Дар нашри арабии Флюгель ва тарчумаи форсии Ризо Тачаддуд соли «сию хафт» (яъне 237) сабт шудааст, ки ба солхои зиндагии Убайдуллох ибни Мухаммад (259-322/873-934) мувофикат надорад.

**11. Абўсаъиди Шаъроний** -- аз доъиёни мазхаби исмоилия, ки Убайдуллох ибни Мухаммад (873-934) ба Хуросон фиристода буд. Аз сиёки ривояти Ибни Надим дар ин чо пайдост, ки Абўсаъиди Шаъроний дар нашри акоиди исмоилия дар Хуросон то андозае муваффак шуда ва бисёре аз саркардагони сипохро пайрави худ гардонида будааст.

**12. Хусайн ибни Алии Марвазй** — сипахсолори даврайи салтанати Ахмад ибни Исмоили Сомонй (907-914) аст, ки бино ба ахбори Ибни Надим ва Низомулмулк пайрави мазхаби исмоилия гардида ва пас аз вафоти Абўсаъиди Шаъроний харакати исмоилиёро дар Хуросон сарварй кардааст. Ў ба мукобили Наср ибни Ахмади Сомонй исён бардошт, вале ба • -шикаст мувочех шуда, соли 918 асир гашт ва дар зиндон даргузашт.

**13. Насафй** — Мухаммад ибни Ахмади Насафй дар назар аст, ки дар ахди Наср ибни Ахмад (914-943) сарвари харакати карматия дар Мовароуннахр буд. Насафй муваффак шуд, ки на танхо як идда бузургони дарбори сомониро, аз кабили Айтоши хочиб, дабири хос Абўбакр ибни Абўашъас, ориз Абўмансури Чагоний ва дигарон, балки худи амир Насрро ба гаронш ба мазхаби исмоилия водорад.

**14. Сохиби Магриб** — манзури назари муаллиф дуюмин халифаи давлати Фотимиён — Мухаммадназор ибни Убайдуллохи Махдй аст ки лакаби «ал-Коим биамриллох» дошт ва дар солхои 934-946 хукумат ронд.

**15. Абўбакр Мухаммад ибни Закариёи Розй** — файласуф ва табибе машхури форсу точик. Соли 865 дар Рай валодат ёфта ва соли 925 (ва ба кавле, соли 935) аз олам чашм пўшид.

PDF Compressor Free Version

16. **Мансур ибни Исмоил** — ин чо муаллифи «ал-Фехрист» иштибох карда ва Абўсолех Мансур ибни Исхоки Сомонй — хокими Райро сахван Мансур ибни Исмоил забт кардааст. Мусаллам аст, ки Абўбакри Розй пас аз касби шўхрат дар илми тиб ба хизмати Мансур ибни Исхок даромада буд ва раёсати бемористони шахри Райро дар ўхда дошт.

17. **Мухаммад ибни Хасани Варрок** — яке аз хамасрони Ибни Надим аст, ки дар борааш маълумоте дастрас нашуд.

18. **Шахид ибни Хусайн** — ахли тахкик ин шахсро бо шоири маъруфи даврати Сомониён Абулхасан Шахид ибни Хусайни Чахудонакии Балхй (ваф. 937) як донистаанд ва дар таъйиди ин акида мувофикати куния, ном ва номи падар, хамчунин замони зиндагии ин ду шахсро далел овардаанд.

19. **«Китоб-ул-мансурй фи-т-тиб»** — яке аз китобхои маъруфи Абўбакри Розй дар илми тиб аст, ки ба номи хокими Рай — Мансур ибни Исхоки Сомонй таълиф шудааст. Ин китоб дар асрхои миёна ба лотинй тарчума шуда ва баъдхо мукаррар ба табъ расидааст.

20. *Мансур* **ибни Исмоил ибни Нўх ибни Наср аз мулуки Оли Сомон** — ин чо ва чанд сатр пештар низ *Ибни Надим* ба иштибох дучор шуда ва Мансур ибни Исхокро бад-ин тарз забт кардааст. Ниг. хамчунин таъликоти № 16.

21. Дар ин бахш Ибни Надим унвони 150 китобу рисолати Розиро овардааст, ки ба сабаби иртиботи бевосита надоштанашон ба мавзўъи ин китоб аз зикри онхо сарфи назар карда шуд.

## «АЛ-ОСОР-УЛ-БОКИЯ АН-ИЛ-КУРУН ИЛ-ХОЛИЯ»-и БЕРУНЙ

Матни мазкур аз рўи нашри К. Э. Захау (ал-Осор ул-бокия ан-ил-курун ил-холия. Таълиф Абурайхон Мухаммад ибни Ахмад ал-Берунй ал-Хоразмй, ал-мутаваффа 440х. Ушия бй нашрихи Захау. Лейпсиг, 1923) тахия ва аз арабй тарчума гардид.

1. **Алайхи ва ало олихи-с-салому** — Дуруд бар ў ва бар хонадони ў бод!

PDF Compressor Free Version


2. **«Сарсилсилаи хонадони онҳо Исмоил аст ва ӯ писари Аҳмад ибни Асад ибни Сомонхудо...»** — насаби Сомониён дар аксари маохизи таърихӣ, аз ҷумла дар «Зайн-ул-ахбор»-и Гардезӣ, «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қиссас», «Табақоти Носирӣ»-и Минҳоҷи Сироҷ, «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Муставфӣ, «Таърихи Нигористон»-и Қозӣ Аҳмади Ғаффории Қошонӣ ва ғайра зикр шудааст, вале дар навишти номҳои аҷдоди қадими ин хонадон бар асари китобати мукаррар ва ноогоҳии носихон аз асли он номҳо ғалатҳое роҳ ёфтааст, ки таъйини асолати онҳоро душвор сохтааст. (Барои муқоиса нигаред маълумоти маохизи мазкурро доир ба насаби Сомониён дар ҷилди аввали «Сомониён дар оинаи таърих», сс. 101-102, 194, 259, 279, 449 ва ғ.)
3. **Банӣ Аббос** — Оли Аббос ё Аббосиён, силсилае аз хулафои исломӣ аз авлоди Аббос ибни Абдулмутталиб (ваф. 653) — амаки пайғамбари ислом ҳастанд. Муассиси ин силсила Абулаббоси Саффоҳ аст, ки алайҳи Банӣ Умайя қиём кард ва соли 750 ба хилофат расид. Аз ин хонадон 36 тан ба ҳайси халифаи мусалмонон то соли 1258 ҳукмронӣ кардаанд. Авҷи қудрати сиёсиву аскарии ин хонадон ба садсолаи аввали ҳукмронии он (яъне аз соли 750 то нимаи асри IX) мусодиф буд. Бо пайдоиши давлатҳои нимамустақил ва мустақили Тоҳириён, Саффориён ва хусусан Сомониён иқтидори сиёсии ин силсила рӯ ба завол овард. Берунӣ низ ин ҷо, вақте аз «зоеъ гаштани давлату салтанати онон» сухан меронад, маҳз зоеъ гаштани қудрати сиёсии Банӣ Аббосро дар назар дорад, вагарна ин хонадон ду аср баъдтар аз Берунӣ низ ҳамоно дар маснади хилофат нишаста буданд, вале танҳо ба ҳайси сарварони динӣ эътибор доштанду бас.
4. **Муайяд** — таъйид карда шуда, аз ҷониби худованд нирӯ дода шуда. Бино ба ахбори манобеъи таърихӣ, Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ дар замони зиндагиаш «Муайяд» лақаб дошт.
5. **Муваффақ** — тавфиқ ёфта, комгор, комёб. Дар манобеъи дастрас ин лақаб дар нисбати чанд тан аз амирони сомонӣ ба кор рафта ва чунин менамояд, ки лақабе хос ба яке аз амирони Оли Сомон набудааст.
6. **Мансур** — нусратёфта; ҳимояшуда ва паноҳ додашуда аз ҷониби худованд; дар манобеъ ба ҳайси лақаби расмии чанд тан аз амирони Сомонӣ корбаст шудааст.

PDF Compressor Free Version

**7. Муаззам** — бузург карда шуда, бузург дошта, ба бузургӣ тавсиф шуда, мӯҳтарам. Зоҳиран, лақабе омм буда ва дар нисбати чанде аз амирони сомонӣ ба кор рафтааст.
**8. Мунтасир** — пирӯз, ғолиб; додситонанда. Лақаби хосси Абӯиброҳим Исмоил ибни Нӯҳ (999-1004) — охирин намояндаи дудмони Сомониён.
**9. Ҳамид** — писандида; сутуда, маҳмуд; лақаби амири сомонӣ Абӯмуҳаммад Нӯҳ ибни Наср (943-954) пас аз вафоташ.
**12. Шаҳид** — ба шаҳодат расида, дар роҳи дин кушташуда; лақаби амири сомонӣ Абӯнаср Аҳмад ибни Исмоил (907-914) пас аз вафоташ.
**11. Саъид** — саодатманд, некбахт; лақаби амири сомонӣ Абулҳасан Наср ибни Аҳмад (914-943).
**12. Садид** — устувор; маҳкамирода; лақаби амири сомонӣ Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳ (961-976) пас аз вафоташ.
**13. Разӣ** — ризоманд, хушнуд; лақаби амири сомонӣ Абулқосим Нӯҳ ибни Мансур (976-997) пас аз вафоташ.
**14. Носируддавла** — ёвари дин, мададгори дин; лақаби сипоҳсолор ва ҳоҷиби бузурги авохири аҳди Сомониёни Симҷӯр (ваф. 387/988-989).
**15. Имодуддавла** — такягоҳи давлат, муттакои давлат; лақаби сипоҳсолор ва амири Хуросон дар авохири аҳди Сомониён Абӯалии Симҷӯр (ваф. 388/998-999).
**16. Ҳусомуддавла** — шамшери тези давлат; лақаби Абулаббоси Тош (ваф. 986-987) — сипоҳсолор ва амири Хуросон дар аҳди Абӯсолеҳ Мансур ибни Нӯҳи Сомонӣ (961-976);
**17. Амидуддавла** — меҳтари давлат; лақаби сипаҳсолори авохири даврали Сомониён — Фоиқ ал-Хоса (ваф. 999).
**18. Сайфуддавла** — шамшери давлат; лақаби Муҳаммади Ғазнавӣ (969-1030) яке аз сипоҳиёни туркнажоди авохири аҳди Сомониён ва аз салотини машҳури давлати Ғазнавиён.
**19. Синонуддавла** — сари найзаи давлат; лақаби Бектузун — яке аз сипоҳиёни туркнажоди Сомониён, ки соли 997 ба дараҷаи сипаҳсолорини Хуросон расид, вале баъдан ба Оли Сомон хиёнат карда, яке аз сабабгорони сукути ин хонадон гардид.
**20. Муъинуддавла** — мададгори давлат; лақаби Арслонболу — ҳоҷиби охирини амири сомонӣ Абӯиброҳим Исмоил ибни Нӯҳи

PDF Compressor Free Version

Мунтасир (999-1004) ва ҳамчунин яке аз ду лақаби муассиси силсилаи Ғазнавиён Сабуктегин (976-997).

21. **Насируддавла** — мададгори давлат; зоҳиран. лақаби Абулмузаффар Муҳаммад ибни Иброҳим — вазири Нӯҳ ибни Мансури Сомонӣ (976-997).

22. **Шиҳобуддавла** — ахтари давлат; лақаби Буғрохон (Бағрохон) Ҳорун ибни Сулаймон, ки соли 382/992-993 ба муқобили Сомониён қиём кард ва давлати Қароҳониёнро асос гузошт.

## «ТАРҶУМАИ ТАЪРИХИ ЯМИНӢ»-и ҶУРФОДИҚОНӢ

Матни мазкур аз рӯи нашри Ҷаъфари Шиъор («Тарҷумаи Таърихи Яминӣ» аз Абушшараф Носеҳ ибни Зафари Ҷурфодиқонӣ. Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб. Теҳрон. 2537/1978) таҳия шуд.

1. **Ҷомаи шуштарӣ** — ҷомаест. ки ба Шуштар мансуб ва мутааллиқ аст. Ва Шуштар номи яке аз шаҳрҳои қадими Эрон аст, ки ҳанӯз дар замони Сосониён вуҷуд доштааст. Дар аҳди Қоҷория Шуштар маркази Хузистон маҳсуб мешуд. Шуштари имрӯза шаҳристонест дар Хузистон воқеъ дар мағриби Масҷиди Сулаймон.

2. **Ирҷиъ илайҳим фаланаътияннаҳум биҷунудин мо қибала лаҳум биҳо ва ланухриҷаннаҳум минҳо азиллатан ва ҳум соғируна** — иқтибос аз ояти 37 сураи «Намл»-и Қуръони маҷид, ки тарҷумааш чунин аст: «Ба сӯи онон бозшав, ки ман лашкаре бешумор, ки ҳеҷ бо он муқовамат натавонанд кард, бар онҳо мефиристам ва онҳоро бо зиллату хорӣ аз он мулк берун мекунам». Ин ҷо муаллиф ба моҷарои ҳазрати Сулаймон(а) ва Балқис — маликаи Саба ишорат кардааст. Бино бар ахборе, ки дар Қуръони маҷид омадааст, ҳазрати Сулаймон(а) ба Балқис номае навишта, амр медиҳанд, ки сари таслим фуруд оварад. Балқис дар ҷавоби амри эшон ҳадяе мефиристад ва ҳазрати Сулаймон(а) ба ин ҳадоё эътиное накарда, фиристодагони Балқисро бо ҳадоё ва ҷамъи фавқуззикр бозпас мегардонанд.

3. **Ямҳу-л-Лоҳу мо яшоу ва йусбиту ва индаҳу умм-ул-китоби** — иқтибос аз ояти 39 сураи «Раъд»-и Қуръони маҷид, ки дар он

PDF Compressor Free Version

омадааст: «Худо хар чиро хохад (аз аҳком ё ҳаводиси олам) маҳв ва хар чиро хоҳад исбот мекунад ва меҳтари ҳамаи нусхатҳо он аст, ки ба наздики Ӯст».

**4. Нӯби аҳад(д)** — дар «Луғатнома»-и Деҳхудо зимни шарҳи вожаи «аҳад(д)», ки дар забони арабӣ наъти тафзилӣ аст ва маънии «тундтар, тезтар»-ро дорад, муаллиф аз «Тарҷумаи Ямини» ҳамин ҷумларо барои тақвияти фикр чун шоҳид овардааст. Вале дар «Луғатнома» ибораи «нобу аҳад(д)» дар шакли «ёри аҳад(д) омада. Ба назар мерасад, ки ин шакл саҳеҳ аст.

**5. Уқдаи занаб дарҳам афтодааст** — дар илми нуҷум истилоҳи «уқда» маънии маҳалли такотӯъи фалаки ҳомил ва моили қамарро дорад. «Уқдаи занаб» ибораи мутадовили илми нуҷуму ҳайат буда, дар пайвастагӣ бо истилоҳи «уқдаи раъс» онро «уқдатайн» ҳам меноманд. Мафҳуми «уқдаи занаб» маҳалли такотӯъи мадори қамар бо мадори заминро ифода мекунад.

**6. Чун ҷазри асам(м) дар шиколи ашкол монда** — дар ин ҷо ибораи «ҷазри асам(м)» таркиби тавсифӣ аст мураккаб аз истилоҳи риёзии «ҷазр» ва «асам(м)». «Ҷазр» дар илми ҳисоб ба маънии адади шарҳ меёбад, ки чун дар нафси худаш зарб зананд, адади дигар ҳосил ояд ва он чи баъд аз зарб ҳосил ояд, онро «маҷзур» гӯянд. «Ҷазри асам(м)» чунон, ки муаллифи «Ғиёс-ул-луғот» шарҳ медиҳад, ҳар ададест, ки чун онро маҷзур фарз кунанд, барои ҷазри солим ба ҳам нарасад, магар он ки каср дар ӯ воқеъ бошад. Ва чун ин қисми ҷазр бар маҷзури худ ба далолати сареҳ дол(л) ва нотиқ нест, балки ба ишорат тақдири далолат мекунад, пас гӯё асам(м) аст, агарчи «асам(м)» ба маънии «кар ва ношунаво» аст. Лекин чун кари модарзодро гунгӣ лозим аст, лиҳозо маҷозан ба муқобалаи мантиқ ба маънии «гӯё» аст, лафзи «асам(м)» ба маънии «гунг» мустаъмал мешавад. Ва «ҷазри асам(м)» маҳз ба муқобалаи «мантиқ» аст. Ва вожаи «шикол» ба маънии «ресмоне, ки ба дасту пои стурон банданд» омада.

**7. Бар атбоъ ва азнобӣ лашкари Хуросон... атфае карданд** — дар асл вожаи «атфа» масдари «атф» аст ва маънии луғавии «атф» «майл кардан», «меҳрубонӣ кардан» мебошад. Вожаи «атфа» бошад, маънии «бозгардониданӣ ногаҳонӣ»-ро дорад. Вале

PDF Compressor Free Version

бино бар ақидаи муаллифи «Луғатномаи Деҳхудо» «атфа кардан» дар тадовули ҷангҳои қадим маънии «ногаҳон бозгаштани савора ё қаҷ бар душман тохтан»-ро доштааст.

**8. То Миррих ба дараҷаи ҳубут расад.** —ниг. ба таълиқоти № 17 «Таърихи Табаристон»-и Ибни Исфандиёр (Сомониён дар оинаи таърих. Хуҷанд, 1998, ҷилди 1, с. 506).

**9. Махоиз** — дар фарҳангҳои ба мо дастрас ин калима бо ҳамин шакли грамматикӣ ба чашм нарасид. Шояд шакли дигар ё таҳриршудаи вожаи «махоза» бошад, ки ҷамъи он «махоиз/махозот» аст. Дар ин ҳол «махоза» («махоиз»), ки маънии «ҷойҳои фурӯ рафтан дар об», «гузаргоҳҳои обӣ»-ро дорад, дархӯри матлаби муаллиф мебошад.

**10. Ва ман наҷо бираъсиҳи, фақад рабиҳа** — масали арабист ба маънии «Ҳар ки сари худро раҳонид, суд бурдааст». Ин масалро одатан дар мавриди ба таъхир афтодани ҳоҷат ва пеш омадани душворӣ мегӯянд, то он ки ҳоҷатманд ба солим рустан аз он душворӣ хурсанд бошад.

**11. Ва соҳиби кофӣ Исмоил ибни Аббод** — «соҳиб» ва «кофӣ» дар ин таркиб лақаби Абулқосим Исмоил ибни Аббод — вазири Муайидуддавла мебошад. Бино бар маълумоти Ибни Халликон ӯ нахустин кас аз вузаро будааст, ки лақаби «соҳиб» гирифт. Ва вожаи «соҳиб» ба ҷуз маъниҳои асливу маъмулии худ аз қабили «рафиқ, ёр, ҳамнафас, анис, қарин, ҳамсоя, худованди чизе» будан маъниҳои дигар — «вазир», «халифа»-ро низ доштааст. Зоҳиран, лақаби ифтихории «соҳиб» аз ҳамин маъниҳои ин вожа бархостааст. Бино бар қавли Деҳхудо гоҳе «соҳиб» гӯянд, мақсади эшон Исмоил ибни Аббод аст. Аммо лақаби «кофӣ», ки шакли пурраи он «Кофию-л-куффот» аст, аз тарафи Муайидуддавла ба сабаби лаёқати баланди Исмоил ибни Аббод бад-ӯ дода шудааст.

**12. Баҷалӣ** — ин ном танҳо дар ҳамин мавридзикр мешавад. Бино бар маълумоти муаллифи асар, Баҷалӣ аз шуарои дарбори Қобус ибни Вушмгир будааст. Бино бар қавли муаллифи «Луғатномаи Деҳхудо» вожаи «Баҷалӣ» мансуб ба қабилаи «Баҷила» аст, ки тоифае аз тавоифи Ямани будаанд. Аммо аз маълумоти «Аълом-ул-Мунҷид» бармеояд, ки дар Марокаш низ дар қарни IX қабилае бо номи «Баҷалӣ» ё «Баҷалиӣ» дар байни

PDF Compressor Free Version


барбархон Марокаш мезистанд. Дар таълиқоти Ҷаъфар Шиъор омада, ки «Баҷал» падари қабилаест ба Яман аз насли «Муъид» ва нисбати он «Баҷалӣ». Ва Ҷарири шоир аз он қабила аст, ки ӯро Ҷарири Баҷалӣ гӯянд ва саранҷом назди Шамсулмаолӣ Қобус омад ва дар хошияи ӯ қарор гирифт.

13. Маънии шеъри Ҷарири Баҷалӣ чунин аст:

Дар он ҷанги бузурги пуркуштор, ки то абад мардум дар бораи он ҷанг гуфтугӯй мекунанд, касе ҷуз ту Оли Сомон ва Сомонро натарсонид.

Пас ба он касе, ки дар Бухорост (яъне Нӯҳ ибни Мансур) бинависе ки оромии хотир дошта бошад ва бихобад, зеро ки ӯ он гоҳ, ки мардум хуфтаанд, аз тарси ту бедор мондааст.

14. Мазмуни шеъри шоир, ки киноя ба лақаби «Шамсулмаолӣ»-и Қобус мекунад (маънии «шамсулмаолӣ» — «офтоби баландиҳо» аст) чунин аст:

Худойро ду шамс аст (яъне Шамсулмаолӣ ва дигаре — хуршеди осмон), ки бехтарини он ду музаккар (Тибқи қоидаи грамматикаи забони арабӣ ҷурмҳои осмонӣ ва минҷумла «шамс» чинси занонаанд) ва барои муаннас нуқсон ҳатмӣ аст (ин ҷо киноя ба «шамс, офтоб» аст).

Ноогоҳии хуршеди осмон аз нуре, ки худ дорад, онро ҳақир мекунад. Аммо ин хуршед (яъне Шамсулмаолӣ) бадонишу ва бузургворе аст.

Эй подшоҳи хушбахт ва беҳтарини ҳамаи мардуме, ки дар замин роҳ мераванд.

Агар пеш аз ин (яъне аз даврони кӯдакӣ) моро сарпарастӣ мекардӣ, пайрави нотавонӣ ба сӯи мо роҳ намеёфт.

15. **Изо интаҳа-л-амру ила-л-камоли, бада ила-з-заволи** — Он гаҳ, ки кор ба камол расад, ба завол бармегардад.

16. Ӯро бихӯред ва пора кунед ва мужда бод шуморо.
Ба гӯшти касе, ки имрӯз ёру ёваре надошт!

17. Эй Абулҳусайн, бар ту ғам мехӯрам
Аз чашм захме, ки туро афканд (чунон чашме, ки қавӣ ва муассир буд).

Ғуссаҳои ишқро ҷуръа-ҷуръа хӯронидӣ
Ва рӯзгори Ҳусайнро (яъне имоми сеюмро) ба май нӯшон додӣ.

18. Бародаронат бар қабри ту гузаштанд

PDF Compressor Free Version

Ва кори ту ҳамаи ононро муэтариб кард.
Пас чизе бар гуфтан худ наяфзуданд, ки
Фақдони (аз даст додани) ту бар азамату бузургвори гарону
сахт омад.

**19. Ал-ҳурубу сиҷолун** — ҷангҳо тағйирпазир аст, яъне гоҳе пирӯзӣ бо ин аст ва гоҳе бо он.

**20. Лақватун солафат қубайсан** — Масали арабист, ки дар ҳаққи ду шахс, ки бо суҳулат ва бо андак майле аз як тараф бо ҳам иттифоқ мекунанд, ҳамдаму ҳамқадам мегарданд, гуфта мешавад. Дар асл вожаи «лақватун» дар забони арабӣ шутури модаест ё зане аст, ки зуд бордор мешавад. Ва «Қабис» (Қубайс, шакли хурдӣ ва навозиши «қабис» аст) шутурнарест, ки зуд бордор кунад.

**21.** Шаҳри Ҳирот бо амир (яъне Абӯалӣ) муборак шуд.
Зеро вай бартар аст аз ин, ки ба Ҳирот худ таҳният гуфта шавад.
Чӣ гуна ба ҳамаи дунё таҳният гуфта мешавад
Ба василаи ноҳияе аз он дунё (яъне Ҳирот), ки вай онро тасарруф кардааст.
Шоир дар ин байт Абӯалиро дар бузургӣ ва баландҳимматӣ ба ҳамаи дунё ташбеҳ мекунад.

**22. Абдуллоҳ ибни Ғурайр** — Ниг. ба таълиқоти № 27 «Таърихи Бухоро»-и Наршахӣ (саҳ. 467-468) ва № 6 «Насоим-ул-асҳор»-и Носируддини Муншии Кирмонӣ (с. 513) дар китоби «Сомониён дар оинаи таърих», Хуҷанд, 1998, ҷ. I.

**23.** Ишқ маро ниғоҳ дошт он ҷо, ки ту будӣ.
Ва маро аз он таахҳур ва тақаддуме нест.

**24. Ка саробин биқиъатин йаҳсабуҳу-з-замъону моан, ҳатто изо ҷоаҳу лам йаҷидҳу шайъан** — Ин ҷо иқтибос аз ояти 39 сураи «Ан-нур»-и Қуръони маҷид аст ва он оят чунин оғоз мегирад: Ва-л-лазина кафару аъмолаҳум ка саробин... Ва тарҷумаи ин оят чунин аст: Ва онон, ки кофиранд, аъмолашон дар масал ба саробе монад дар биёбони ҳамвори беоб, ки шахси ташна онро об пиндорад ва ба ҷониби он шитобад, чун бар-он ҷо расид, ҳеҷ об наёбад.

**25.** Тасҳеҳгари матн дар қисмати таълиқоти китоби мазкур таъкид аз он мекунад, ки ин байт бо як байти иловагӣ дар девони

PDF Compressor Free Version
«Маҷнуну Лайло» (чопи Миср, бо кӯшиши Абдусаттор Аҳмад Фараҷ) омадааст ва мансуб ба Маҷнун донистааст. Вале муҳаққиқини дигар онро аз эҷоди шоирони* дигар медонанд. Ин ду байт чунин аст:

Ва ламмо аʼбо илло ҷамоҳан фуодаҳу
Ва лам йасил ъан Лайло би молин ва ло аҳлин
Тусалло би ухро ғайраҳо фа изаʼл-лати
Тасалло биҳо тугрӣ би Лайло ва ло тусло

Тарҷумаи ин ду байт чунин аст:

Чун дили ошиқ (яъне Маҷнун) саркашӣ ва нофармониро бино ниҳад
Ва аз Лайло бо молу аҳл ором нагирифт
Ба дигаре ҷуз ӯ оромиш ёфт,
Вале иттифоқан он, ки мояи оромиши ӯ гардид,
Худи ӯро ба Лайло муштоқ мекард ва оромиш намедод.

**26. Ва бародари ӯ — Хусрави Фирӯз ибни Рукнуддавла ба хилофат ва ниёбати ӯ номзад кард** — Зоҳиран дар навишт ё нақли ин воқеъаи таърихӣ аз тарафи муаллиф саҳве рафтааст. Оли Бӯя ё худ Даёлима аз хонадони эронинасаланд, ки аз соли 320/932 то 448/1056-1057 дар Эрони ҷанубӣ ва Ироқ ба истиқлол фармонравоӣ кардаанд. Асосгузорони ин давлат се бародар — Алӣ мулаққаб ба Имодуддавла, Ҳасан мулаққаб ба Рукнуддавла ва Аҳмад мулаққаб ба Муъиззуддавла буданд ва фарзандони моҳигире аз Гелон бо номи Бӯя. Имодудавла Алӣ бар Форс, Рукнуддавла Ҳасан бар Рай, Кошон, Исфаҳон, Ҳамадон ва Ироқи Аҷам, Муъиззуддавла Ҳасан бар Кирмон ва соли 334/945-946 бар Бағдод ҳоким шуданд. Пас аз Муъиззуддавла Аҳмад писараш Бахтёр, ки мулаққаб ба Изуддавла буд, ҷонишини ӯ шуд. Имодуддавла Алӣ писар надошт, аз ин рӯ писари Рукнуддавла Ҳасан — Паноҳ (Фано) Хусрав, ки баъдтар ба Азудуддавла мулаққаб шуд, ҷонишини ҳам амми хеш ва ҳам падараш гардид. Рукнуддавла Ҳасан ба ҷуз Азудуддавла ду писари дигар дошт. Яке Абулҳасан Алӣ, мулаққаб ба Фахруддавла, ки дар Рай, Ҳамадон ва атрофи он ҳоким буд ва дигаре Муайядуддавла, ки Исфаҳон дар тасаррufi ӯ буд. Байни ӯ ва Фахруддавла, ки бо Хусомуддавла Тош ҳамдаст шуда буд, ҷангҳо рӯй дода буд. Фахруддавла бо бародари калонии худ — Азудуддавла низ изҳори

PDF Compressor Free Version


мухолифат кард. Бино бар ин, Азудуддавла барои танбехи ӯ ба Хамадон омад ва соли 369/979-980 билоди ӯро тасхир кард. Фахруддавла аз бародари худ гурехта ба назди Шамсулмаолӣ Кобус ибни Вушмгир омад. Азудуддавла мулки Фахруддавларо ба Муайидуддавла дод ва ӯро аз ҷониби хеш ҳукмфармон он худуд кард. Азудуддавла Фахруддавларо аз Кобус бихост, вале Кобус мултамаси ӯро иҷобат накард. Ӯ Муайидуддавларо ба ҷанги Кобусу Фахруддавла фиристод. Дар соли 371/982-983 Гурғон ба дасти Муайидуддавла афтод ва тарафдории Нӯх ибни Мансури Сомонӣ аз Кобус ва фиристодани лашкар бад-он ҷо суде набахшид. Соли 372/983 Азудуддавла вафот мекунад. Як сол пас Муайидуддавла низ ҷаҳонро падруд мегӯяд. Пас аз марги ӯ Соҳиб ибни Аббод Фахруддавларо, ки муддати 18 сол дар дарбори Кобуси Вушмгир умр ба сар бурд, аз Хуросон ба Рай даъват кард ва ӯ ба тахти аморат нишаст.

**27. Ва казолика йуъти Аллоҳу ал-мулк ман йашоу ва йанзиъуху мимман йашоу ва ҳува-л-фаъолу лимо йуриду** — Ва парвардигор бад-ин сон мулкро ба ҳар ки хоҳад, медиҳад ва аз ҳар ки хоҳад мегирад ва ӯ ҳар чӣ хоҳад кунад.

Ба ин шакле, ки муаллиф овардааст, оят дар Қуръони маҷид мавҷуд нест. Муаллифи асар қисме аз онро аз ояти 26 сураи «Оли Имрон» гирифтааст, ки он чунин аст: Кул Аллоҳумма молик-ул-мулук, туъти-л-мулки ман ташоу ва танзиъу-л-мулка мимман ташоу ва туъиззу ман ташоу ва туэиллу ман ташоу, би йадика-л-хайру, иннака ало кулли шайъин кадир — Бигӯй (эй паёмбар), бор худоё, подшоҳи мулк ҳастӣ, ту ҳар киро хоҳӣ мулк ва салтанат бахшӣ ва аз ҳар ки хоҳӣ, бигирӣ ва ба ҳар ки хоҳӣ иззату иқтидор бахшӣ ва ҳар киро хоҳӣ, хор гардонӣ ва ҳар хайру некӯӣ ба дасти ту аст ва танҳо ту бар ҳар чиз тавоноӣ.

Қисмати охири он аз ояти 107 сураи «Худ» аст ва он оят дар шакли пуррааш чунин аст: Холидина фиҳо модомати-с-самовоту ва-л-арзу илло мо шоа раббука. Инна раббука фаъолун лимо йуриду — Онҳо (яъне аҳли шақоват) дар оташи дӯзах, то осмону замин бокист мухалладанд, магар он, ки машийяти худо бихоҳад наҷоташон диҳад, ки албатта худо ҳар чи хоҳад, мекунад.

PDF Compressor Free Version

28. **Нубазо эрод кард ва басс-уш-шакво намуд** — зохиран, дар навишти вожаи «нубазо» муаллиф ё носих дучори иштибох гардидааст, зеро дар луғатномахои ба мо дастрас ин шакли калима ба мушохида нарасид. Эхтимол он «нубоза» ё худ «набаза» ба маънии «кам, қалил, порае аз хар чиз» бошад ва ба ин маънӣ он дархӯри матлаби муаллиф хам хаст. «Бас-уш-шакво» таркиби арабӣ аст ва маънии «ошкор кардан шикояти худро, гила кардан, дарди дил кардан»-ро дорад.

29. Фазо тангтар аз он буд, ки рӯшноидихандаащ (яъне хуршед) бад-он бирасад.

Ва мардумаки чашми хуршед дар он макон саргардонтарин мардумакхои чашм буд.

30. **Махонис** — Устод Деххудо дар шархи калимаи «махонис» менигоранд, ки он чамъи «михханюс» аст ва маънии «зани шикаста ва дуто»-ро дорад. Ва шарх медиханд, ки дар чанд шохиде, ки эшон чамъ овардаанд, вожаи «махонис» чун шакли чамъи «муханнас» омада. Чумлае, ки дар маърази таълиқоти мо қарор гирифтааст, яке аз далелхоест, ки устод Дехходо ба тариқи шохиди фикри хеш овардаанд. Ва «муханнас» ба хамон маънии маъруфи хеш аст.

32. **Дабиби акориб ва тазриби акориб** — ибораи «дабиби акориб» ин чо ба маънои «азияти каждумон, неш задани каждумон» омада. «Тазриби акориб» ба маънии «фитна ангехтани хешовандон ва ақрабо» аст. Тазаккур медихем, ки дар алифбои арабиасоси мо «акориб»-и якум бо айн навишта мешавад ва чамъи «ақраб» аст» ва «акориб»-и дуюм бо алиф ва чамъи «кариб» аст.

32. **Дар тахсили марозии ӯ** — дар матни хамин таър, яъне «марозӣ», омада ва шояд асаххи он «мурозот» ба маънии «аз якдигар хушнуд шудан» бошад, зеро «марозӣ» чамъи «маризэ» ва «мариза» аст, ки маънои он дархӯри матлаб будан наметавонад.

33. **Бо ӯ хамон рафт, ки бо Ибн ал-Хазрамӣ дар зиёфати Банӣ Тамим** — , бино бар маълумоте, ки Ибн ан-Надим дар китоби худ меорад, Ибн ал-Хазрамӣ дар нимаи аввали садаи чахорум зистааст. Ӯ варроқ буда ва хам китобати Мусхаф мекардааст (ниг. ба «Китоб ал-Фехрист ли-н-Надим», Техрон, 1973, с. 10, ба за-

PDF Compressor Free Version

бони арабӣ) Тамим қабилаест аз қабоили машҳури араб, ки дар ҳудуди Наҷд, Басра ва Ямома сукунат доштанд. Дар миёни ин қабила ашхоси машҳуре аз саҳобаву шоирон бархостаанд. Баъд аз зуҳури ислом низ машоҳири зиёде дар ин қабила зуҳур карданд. Шоири шаҳири араб Ҷарир аз ҳамин қабила аст. Ин қабила бо номҳои «Банӣ Тамим» машҳур аст.

Аммо аз моҷарое, ки муаллиф ба он ишорат мекунад, дар маъхазу манобеъи ба мо дастрас маълумоте пайдо нашуд.

34. **Фирӯзон ибни Ҳасанро.**,— Ҷаъфари Шиъор дар хошияи саф-ҳа қайд мекунад, ки дар нусхаи дигари матн Фирӯзон ибни Ху-сайн омадааст. Ба назар чунин мерасад, ки муаллиф ё носихи китоб дар ин ҷо ба иштибоҳе роҳ доданд ва таҳиягари матн — Ҷаъфари Шиъор ҳам онро такрор кардааст. Дар мутуни дигари таърихӣ (ниг. ба «Сомониён дар оинаи таърих», Хуҷанд, 1998, ч. I.) номи ин шахс дар шакли «Ҳасан ибни Фирӯзон ё «Ҳа-сани Фирӯзон» зикр шудааст. Роҷеъ ба рӯзгори ин шахс руҷӯъ шавад ба қисмати «номнома» ҳамин китоб.

35. **Баъд аз воқеаи Язид ибни Мухаллаб.**,— Абӯхолид Язид иб-ни Мухаллаб ибни Абӯсуфраи Аздӣ — бародари зани Ҳаҷҷоҷ ва писари волии Хуросон Мухаллаб буд, ки пас аз марги падар ба ҷои ӯ нишаст. Умар ибни Абдулазиз ӯро ба сабаби пулҳои зиёде, ки ба ситам аз мардуми Гургону Табаристону шаҳру де-ҳоти дигари Хуросон гирифта буд, кайфар дод ва ба зиндон афканд. Язид ибни Мухаллаб дар замони хилофати Язид ибни Абдулмалик аз дасти бародари халиф дар соли 102/720-721 куш-та мешавад.

36. Ҳангоме ки ба коре ҳиммат гумошт, азмро, миёни чашмо-ни (пеши рӯи худ) қарор медиҳад.

Ва аз зикри оқибатҳо канорагирӣ ва эҳтироз мекунад (яъне ба ҳаводиси айём намеандешид).

37. Ба номи Муҳаммад шамшерҳои исломро баркашидаанд

Ва бо онҳо сарҳои Оли Муҳаммадро шикастаанд.

(Муроди шоир таъкиби аҳли байти Расули акрам, яъне муноқиш-аи Банӣ Умайя ва Ҳусайн ибни Алӣ аст)

38. **Талозуми залом** — ба назар чунин мерасад, ки ин ҷо саҳве дар навишти вожаи аввал рафта ва шояд он «талотум» бошад

PDF Compressor Free Version

ба маънии «бар якдигар бархўрдан», шўридагй». Ва «залом» маънии «пурситам»-ро дорад.

**39. Фасоди дахлат** — ҳамин тавр омада ва тасҳеҳгари матн ҳам дар ҳошия қайд мекунад, ки вожаи дуюм дар таркиби ин ибора нохоно аст.

**40.** «Давлат он гоҳ, ки касе касди он кунад, ки меҳҳон устувори онро мутазалзил кунад, ба имоди худ ниёзманд аст, инак давлат ба ту паноҳ оварда ва мултафй шудааст».

Абўалии Домғонй дар ин чо камоли суханбозй мекунад ва иқоми ў вожаи «имод» аст, ки ба маънии наздики худ «такягоҳ, муттако» аст ва ба маънии дури худ ишора ба лақаби Абўалй — «Имодуддавла» аст.

**41. Валийёу амирулмўъминин** — дўсти амирулмуъминин.

**42. Ва мо золика ала-л-Лоҳи биъазизин** — ин чо иқтибос аз ояти 20, сураи «Иброҳим»-и Қуръони маҷид аст, ки тарҷумааш чунин мебошад: Ва ин кор (яъне, халке дигар аз нав офаридан) аслан бар худо душвор нест.

**43. Ал-ҳазму су-уз-занни** — дурандеши доштан баробари бадгумонй аст.

**44. Ман заразъу-ш-шавка лам яхсуд биҳи инабан** — масали арабист, ки тарҷумааш «Хар ки ҷав кишт, гандум надаравад» аст.

**45. Сафинаи Нўҳ(а) ба саломат бар Ҷуди фароғ қарор гирифт...** — ниг. ба таълиқоти «Равзат-ус-сафо»-и Мирхон дар китоби «Сомониён дар оинаи таърих». Хуҷанд, 1998, ҷ. I, саҳ. 516.

**46 Тамаъниняти хотир** — ин чо зоҳиран дар навишти вожаи якуми ибора «сахве рафта, зеро дар луғатномаҳои ба мо дастрас ин вожа дар ҳамин шакл дучор нашуд. Зикр меравад, ки он «тамаъниин» бошад ба маънии ором ё «оромиши хотир».

**47. Ғиссат...** — ҳамин тавр омада. Шояд он шакли таҳрифшудаи вожаи «ғуссатун»-и арабй ва «ғусса»-и тоҷикй бошад, ба маънии «андўҳи гулўгир», «ҳузн».

**48. Донишк** — зоҳиран лафзи туркй аст ба маънии «гуфтугў». Чунонки аз шарҳи тасҳеҳгари матн бармеояд, вожаи «донишк» дар Озарбойҷон имрўз ҳам мустаъмал будааст. Дар ёддоштҳои устод Қазвинй омада, ки «донишк» зоҳиран маънии «иҷтимоъ, маҷлис ё маҷлиси «ом»-ро дорад. (Ниг. ба с. 651-и «Тарҷумаи Таърихи Яминй»).

PDF Compressor Free Version

**49. Онро монем, ки хурмо ба Ҳаҷар тӯҳфа барад** — Ҳаҷар аслан номи шаҳрест, ки ба қавли баржхе дар Яман ва бар қавли дигарон дар Баҳрайн будааст ва ин шаҳрро ватани хурмо маҳсуб карданд. Ҷумлаи фавқуззикр масали маъмули арабист, ки муродифи он дар забони тоҷикӣ «Лаъл ба Бадахшон бурдан» ё «Филфил ба Ҳиндустон бурдан» аст.

**50. «*Маваддат-ул-обои қаробат-ул-абнои*»** — дӯстии падарон хешовандии писарон аст. Мурод аз ин масал ин аст, ки чун падари касе бо дигаре дӯст бошад, писари он падар бо дӯстии падараш дар ҳукми хешовандон мешавад.

**50а. Таҳаккум ва таҳаккум** — вожаи аввал бо «ҳо»-и ҳаввaз ба маънии «рухшанд» ва дуввум бо «хо»-и хуттӣ ба маънои «ҳукму доварӣ» омадааст.

**51. Инна-л-маориф фи аҳли-н-нуҳо зиммамун** — мисраест аз қасидаи маъруфи Мутанаббӣ — шоири машҳури араб. Номи пурраи вай Аҳмад ибни Ҳусайн ал-Ҷуъфӣ ал-Куфӣ аст, ки дар Куфа дар соли 303/915 таваллуд ёфта, соли 354/965 дар набарде кушта шудааст. Мутанаббӣ дар хидмати Азудуддавла умр ба сар бурда, аксари қасидаҳояшро дар мадҳи ӯ сурудааст. Мисраи фавқуззикрро Мутанаббӣ дар мақоми гуфтугӯ бо гурӯҳе шоирнамо сурудааст ва дар он дифоъ аз худ карда, ба ситоиши хеш пардохтааст. Тарҷумаи мисраъ чунин аст: «Шиносоиҳо, дар миёни хирадмандон ба манзалаи паймонҳо ҳастанд».

**52. Ҷор-ул-Азди, маскануҳу ан-нуҷуму** — масканҳи ҳамсояи қавми Азд ситорагонанд. Азд номи қабилае аз қабоили даҳгонаи араб аст. Бино бар қавли барҳе дигар номи қабилаи машҳур аз табақаи саввуми араб аст, ки дар Яман буданд ва сипас дар ақтори дигари нимҷазираи араб мутафарриқ гаштаанд.

**53. Девони хеш гирифтамонe** — дар матн ба ҳамин шакл навишта шудааст. Тасҳеҳгари матн дар ҳошияи саҳфа қайд мекунад, ки дар нусхаи дигар ин вожа ба шакли «гирифтемe» омада ва чунин ба назар мерасад, ки ин шакл саҳеҳ аст.

**54. Сафван афван** — ба таври омурзиш ва бахшиш ё худ ба таври сахл ва осонӣ.

**55. Ала-л-иллот** — яъне ба ҳар ҳол, дар ҳар ҳол.

**56. Сирран ва зарран** — яъне пинҳону ба мазаррат.

**57. Золика ало Аллоҳи айсирин** — ин ҷо иқтибос аз ояти ҳаф-

PDF Compressor Free Version

тумин сураи «Тағобун»-и Қуръони маҷид аст, ки он дар шакли пурраш чунин аст: «Заъама-л-лазина кафару ан лан юбъасу, қул: бала ва рабби латубъасунна сумма латунаббаъунна бимо амилтум ва золика ъала-л-лоҳу йасирун». Тарҷумаи ин оят чунин аст: «Кофирон гумон карданд, ки ҳаргиз барангехта намешаванд. Эй (Расули мо), ба онҳо бигӯ: ба худои ман савганд, ки албатта барангехта мешавед (яъне пас аз марг) ва сипас ба натиҷаи аъмоли худ огоҳ мегардед ва ин кор — барангехтани халқ бар Худо бисёр осон аст».

**58. Мисоле чун саҳифаи *Муталаммис* ислор фармуд** — мақсуди муаллиф аз истифодаи ибораи «саҳифаи Муталаммис» ишора ба масали арабӣ ва рокеаи таърихиест марбут ба ин масал. «Муталаммис» дар асл лақаби шоири даврии ҷоҳилии араб — Ҷарир ибни ъАбдулазиз ё Абдулмасеҳ аст, ки аз Бани Забиъа аз тоифаи Рабиъа буда, 50-сол қабл аз ҳиҷрат даргузаштааст. Ҷарир аз мардуми Баҳрайн буд ва дар хидмати ҳукмронони Ироқ мезист. Сипас Амр — подшоҳи Ҳираро ҳаҷв кард ва ӯ қасди қатли шоир кард. Сарчашмаи масали арабии «Ашъама мин саҳифат-ил-Муталаммис»; ҳамин шоир аст, зеро вай аз тарафи Амр ибни Ҳинд номае барои омили ӯ дар Баҳрайн бурд, ки дар он фармони қатли шоир навишта шуда буд. Омил номаро кушод ва ба Ҷарир хонд. Пас аз он ки аз мазмуни нома бохабар шуд, онро ба наҳри Ҳира андохт. Ин масалро дар араб барои касе гӯянд, ки навиштаи қатл ё озори худро оварда бошад.

**59. Лабараза аллазина кутиба алайҳим-ул-қатли ило мазоҷиъиҳим**— ин ҷо муаллиф иқтибос аз ояти 154 сураи «Оли Имрон»-и Қуръони маҷид меорад, ки он аслан «Қул лав кунтум фи буйтикум лабараза аллазина кутиба алайҳим-ул-қатлу ило мазоҷиъиҳим» аст. Ва худой дар ин ояти карима мефармояд: Бигӯй (эй паёмбар), агар дар хонаҳои худ ҳам будед, боз онон, ки сарнавишти онҳо дар қазои илоҳӣ кушта шудан аст, аз хона ба қатлгоҳ ба пои худ, албатта, берун меомаданд.

Муроди муаллиф аз иқтибоси ин оят таъкиди ин нукта аст, ки ононеро, ки дар тақдирашон кушта шудан навишта шудааст, агар дар хона ҳам бошанд, марг дар хобгоҳ ононро дармегирад.

**60. Лаин басатта илайя йадака литақтулани мо ано бибоситин йадо алайка лиақтулака инни ахофу-л-лоҳа-рабба-л-оламина** —

PDF Compressor Free Version

агар дасти худро барои куштани ман дароз кунӣ, ман на онам, ки ба куштанат даст дароз кунам, ман аз Оллоҳ,— худои ҷаҳониён метарсам.

**61. Фаин бағат иҳдоҳумо ала-л-ухрофакотилу-л-лати табғи ҳатто тафиа ило амри-л-лоҳи** — ин ҷо муаллиф иқтибос аз ояти 9 сураи «ал-Ҳуҷрот»-и Қуръони маҷид меорад ва тамоми ин ояти карима чунин аст: Ва ин тоифатони мин-ал-муъминина-ктаталу фааслиҳу байнаҳумо, фаин бағат иҳдоҳумо ало-л-ухро факотилу-л-лати табғи ҳатто тафиа ило амри-л-лоҳи.

Ва худой дар он фармудааст: Ва агар ду тоифа аз аҳли имон бо ҳам ба китолу душманӣ бархезанд, албатта, шумо — муъминон байни онҳо сулҳ баркарор доред ва агар як кавм бар дигаре зулм кард, бо он тоифаи золим китол кунед, то ба фармони худо бозоянд (яъне тарки зулм кунад).

**62. Тавъан ав карҳан** — яъне хоҳу ноҳоҳ, ба майл ё ба ичбор.

**63. Ал-фирору бикиравн акису** — тасҳеҳгари матн дар ҳошия қайд мекунад, ки зоҳиран дар навиштн он саҳве рафта, зеро ин ибора ба ҳамин сурат маънии равшан надорад. Дар нусхаи дигари асар чунин омадааст: «зу-л-фирори бикиробн сайфиҳи акису». Дар ҳолати кабули ибораи ба ин сурат, он чунин маънӣ медиҳад: «он ки ба ғилофи шамшери худ фирор кунад, хушёртар ва бокиёсат аст». Мурод аз ин масал гурез аз душман ва шамшерро дар ғилоф гузоштан аст.

**64. Қатавон** — бино бар маълумоти Деҳхудо, ки ноши аз ахбори «Мӯъҷам-ул-булдон»-и Ёкут аст, Қатавон номи деҳе аст аз деҳҳои Самарканд дар панҷ фарсангии он.

**65. «Зоқат ани-л-асади ал-вичору»** — ошёна бар шер танг шуд. Максуди муаллиф аз овардани ин масал киноя аз касест, ки бар макому ҳолати мавҷуди хеш хурсанд нест.

66 Ва ҷунно замонан назумму-з-замона,
Ва нарси-л-визората би-л-Балъамӣ.
Фааххарано ал-умру ҳатто интахат
Мин-ал-Балъамийин ила-л-Барғаши
Ва савфа таулу ало мо нароху
Минҳу карибан ило-л-Бармакӣ
Тарҷумаи шеъри Мизробӣ Бушанҷӣ чунин аст:

PDF Compressor Free Version

Замоне дарозе буд, ки рӯзгорро сарзаниш мекардем
(Ки чаро ҳукуматро ба дасти ноаҳлон месупоранд),
Он гоҳ, ки Балъамӣ даргузашт, ба сабаби марги вай ба вазорат дилсӯзӣ кардем.
Умри мо моро ба таъхир андохт (умри мо дароз шуд)
То он ки вазорат аз Балъамӣ ба Барғашӣ расид.
Ва чунон ки мебинем, ба зудӣ
Аз ӯ ба сӯи Бармакӣ боз хоҳад гашт.

**67. Ҷомакиёт** — муарраби ҷомагии форсӣ аст ва ҷомагӣ чизе аст, ки ба хидматгору сарбозон диҳанд аз амсоли вазифа ва ротиба.

**68. Фалан йуслиҳа-л-аттору мо афсада-д-даҳру** — ҳаргиз он чиро, ки рӯзгор табоҳ карда, аттор ислоҳ натавонад кард.

**69. Самҳулкиёд ва тавъулинон ёфтанд** — Фармонбардор ва итоаткору мувофиқ дарёфтанд.

**70. Инна-с-сафиҳа изо лам йунҳа маъмурун** — Агар нодону аблаҳро аз коре, ки мекунад, бознадоранд, дарвоқеъ вайро бад-он амр карданд!

**71. Инда-ш-шадоиди тазҳабу-л-аҳқоду** — аз масалҳои маъмул ва маъруфи мардуми араб аст: «Ҳангоми сахтиҳо кинаҳо аз миён меравад».

**72. Окулу лаҳма аҳи ва ло адаъуҳу яъкулу ғайри** — гӯшти бародари худро мехӯрам ва намегузорам, ки касе онро бихӯрад. Ин аз масалҳои маъруф ва қадими араб аст. Ин масалро дар мавриде истифода баранд, ки ду ё чанд тан бо ҳам ихтилоф дошта бошанд, вале дар баробари душмани сеюм бо ҳам муттаҳид шаванд.

**73. Саклотуни азудӣ** — саклотун дар асл ҷомае (ё моҳут) аст, ки аз як навъ парчаи абрешимии зардӯзишуда дӯхта мешуд. Ин парчаи абрешимиро дар Бағдод мебофтанд ва он шӯҳрати бисёр дошт. Муаллифи асар вожаи «саклотун»-ро бо нисбат ба «азудӣ» зикр кардааст. Мақсуди муаллиф Азудуддавла аст, зеро чунон ки муаллифи «Луғатномаи Деҳхудо» қайд мекунад: «Беҳтар аз ҳама қисми саклотун он буд, ки Азудуддавла ихтиёр карда буд». (ниг. «Луғатномаи Деҳхудо», моддаи «Саклотун»).

**74. Ҳазҳони токӣ** — зимни шарҳу вожаи «ток» муаллифони «Фар-

ҳанги форсӣ» ва «Луғатнома»-и Деҳхудо дар радифи маъниҳои маъмули он менигоранд, ки «ток» навъе аз ҷома аст ё қисме аз ҷома, ки бар сари ҷомаҳо пӯшанд». Вале муаллифи «Тарҷумаи Таърихи Яминӣ» аз вожаи «ток» сифати нисбӣ сохтааст ва он дар таркиби ибораи исмӣ омада, ки ҷузъи аввали он низ маънии «ҷомаи абрешимин»-ро дорад. Дар «Луғатномаи Деҳхудо» зимни шарҳи холи Муҳаммад ибни Алӣ ибни Нӯъмон ибни Абӯтурайфаи Баҷалӣ мулаққаб ба «Мӯъмин-ут-ток» омада, ки «Ток» маҳаллаест ба Бағдод ва вай бад-он маҳалла мансуб аст».

75. **Ва-биллоҳ** — яъне худо накарда.

76. **Ва изо арода-л-лоҳу бикавмин суан фало марадда лаҳу ва молаҳум мин дуниҳи мин волин** — ин ҷо иқтибос аз ояти 11-уми сураи «Раъд»-и Қуръони маҷид аст, ки дар он худо мегӯяд: «Ва ҳар гоҳ худо ирода кунад, ки қавмеро ба бадии аъмолашон иқоб кунад, ҳеч роҳи дифоъе надоштa ва ҳеч касро, ҷуз худо, ёрои он ки он бало бигардонад, нест».

77. **Ва боди қабули иқболи амир Наср аз маҳабби лутфи илоҳӣ бивазид ва бидабури адбор лашкари Мунтасирро дар хок рехт** — «дабур» дар асл маънии «боди паси пушт», «боди мағриб», «боди қибла»-ро дорад, ки аз Мағриб ба Машриқ мевазад. Ва «дабур»-ро одатан муқобили «боди барин» ё «сабо» кор мефармоянд. Муаллифи «Луғатномаи Деҳхудо» менигорад, ки «он аз мағриб вазад ва ин бодро атиббо бад шуморанд». «Дабур» аслан калимаи арабӣ буда, ҷамъи он «адбор» аст, ки маънии «пушт»-ро дорад. Ва чун ин бод аз ҷониби пушти Каъба мевазад, онро «дабур» ном карданд. «Би» қисмати аввали он пешояндӣ арабист, ки муродифи тоҷикии он «ба» аст.

78. **Ло маъзуран ва ло машкуран** — на ба таваққӯъи аҷру сипос ва музд.

79. **Ва Писари Аламдор, ки сипаҳсолори Самарқанд буд** —ниг. ба таъликоти «Таърихи Гардезӣ» дар китоби «Сомониён дар оинаи таърих» ч. 1, с. 490.

80. **Ба ҳиллаи Ибни Буҳайчи Аъробӣ** — ниг. ба таъликотҳои «Таърихи Гардезӣ» ва «Равзат-ус-сафо» дар китоби «Сомониён дар оинаи таърих» ч. 1, с. 490, 517.

PDF Compressor Free Version

## «КИТОБ-УЛ-АНСОБ»-и САМЪОНӢ

Матни мазкур аз рӯи нашри Лейден (Китоб-ул-ансоб, Таълиф Абӯсаъид Абдулкарим ибни Муҳаммад ибни Мансур ат-Тамимӣ ас-Самъонӣ. Эътана бо нашриҳи Д. С. Марголиус, Лейден, 1912) таҳия ва аз арабӣ тарҷума гардид.

1. **Ибни Мокуло** — Абӯнаср Алӣ ибни Абулқосими Ҳибатуллоҳ (ваф. 473/1080-1081), адиб ва олими маъруфи арабизабон, муаллифи «Китоб-ул-икмол», «Китоб-ул-вузаро» ва ғайра.

2. **Маслама ибни Абдулмалик** — сипаҳсолори араб, бародари халифаи умавӣ Язид ибни Абдулмалик (720-724). Дар фатҳи Қустантания иштирок кард ва аз ҷониби Язид волии Ироқ ва Арманистон таъйин шуд ва дар соли 738 аз олам гузашт. Хонадони маъруфи Банӣ Маслама мансуб ба ӯ ҳастанд.

3. **Абӯсаъид Муҳаммад ибни Абдулҳамиди Абдонӣ** — аз зумраи рувот аст ва зоҳиран, ба Абулқосим Абдулҳамиди Абдонӣ, ки низ ровии ахбору аҳодис буд ва зикре аз ӯ дар «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ рафтааст, қаробате дошт. Нисбати «Абдонӣ» маъхуз аз «Абдон» ном деҳе дар Марв аст.

4. **Абулаббоси Маълолӣ** — аз ровиёни ахбор ва аҳодис аст ва зоҳиран дар садаи XI умр ба сар бурдааст.

5. **Ва Абулфазл вазири Исмоил ибни Аҳмад — амири Хуросон буд** — Самъонӣ аз нахустин муаррихон аст, ки Балъамиро вазири Исмоил ибни Аҳмад хондааст. Дар манобеъи қадимтар, аз ҷумла дар «Таърихи Наршахӣ», «Таърихи Систон» ва «Зайн-ул-ахбор» ва ё дар осори ҷуғрофинависони асрҳои IX—XI ишорае ба он ки Исмоил ибни Аҳмад вазир дошта ва ё Балъамӣ вазири ӯ будааст, ба назар намерасад. Аз ин рӯ, ахбори Самъонӣ ва муаррихони баъдӣ дар бораи вазири амир Исмоил будани Абулфазли Балъамӣ имрӯз мавриди тардиди аҳли таҳқиқ қарор гирифтааст.

6. **Абӯсаъди Идрисии Ҳофиз** — сиғаи саҳеҳи куняи ӯ Абӯсаъид ва номи пуррааш Абӯсаъид Абдурраҳмон ибни Муҳаммади Идрисии Ҳофиз (ваф. 1015) аст. Асли ӯ аз Астаробод буда, дар Самарқанд умр ба сар бурдааст ва дар таърихи Самарқанд китобе бо номи «Китоб-ул-икмол ли маърифат ир-риҷол» таълиф кардааст. Ин китобро дар асри XII фақеҳи маъруф Абӯҳафс

PDF Compressor Free Version

Умар ибни Муҳаммади Насафӣ (вaф. 1142-1143) бо номи «Китоб-ул-қанд фи таърих Самарқанд» такмил кардааст, ки он бо унвони мухтасари «Қандия» шӯҳрат дорад.

**7. Ва Исмоил дар Бухоро дар моҳи сафари соли дусаду наваду чор (XI. 906) даргузашт** — Самъонӣ ин ҷо дар зикри санаи даргузашти амир Исмоил ба иштибоҳ роҳ додааст, зеро дар аглаби манобеъи таърихӣ вафоти ӯро дар моҳи сафари 295 (XI. 907) таъйин кардаанд.

**8. «...Ҳафт рӯз монда аз ҷумодиюлухрои соли дусаду ҳафтоду нӯҳ даргузашт»** — ин ҷо Самъонӣ моҳи вафоти Наср ибни Аҳмад ибни Асадро ҷумодуюлухро таъйин карда, вале Наршахӣ ин моҳро ҷумодиюлуло донистааст. В. В. Бартольд хабари Наршахиро тарҷеҳ додааст.

9. Абӯабдуллоҳ *Муҳаммад* ибни **Аҳмади Гунҷори Ҳофиз** — номи пурраи ӯ Муҳаммад ибни Аҳмад ибни Муҳаммад ибни Сулаймони Бухорӣ ва мулаққаб ба Гунҷор аст ва китобе бо номи «Таърихи Бухоро» дошта, ки то замони мо нарасидааст. Гунҷор соли 412/1021 аз олам гузаштааст. Тарҷумаи ҳоли ӯ дар «Муъҷам-ул-булдон»-и Ёқути Ҳамавӣ зикр шуда ва аз он бармеояд, ки вай касби варроқӣ доштааст.

**10. Абулаббоси Мустағфирӣ** — *Абулаббос Ҷаъфар ибни Муҳаммад ибни Абӯбакри Насафии Самарқандӣ* (ваф. 432/1041), муҳаддис ва муаррихи шафеъимазҳаб, муаллифи китобҳои «Таърихи Самарқанд», «Таърихи Насаф ва Кеш», «Китоб уш-шеър ва-ш-шуаро» ва ғайра, ки аз миёни онҳо «Китоб тиб-ун-набӣ» то замони мо расида ва дар Теҳрон ба нашр расидааст. Мустағфирӣ дар Марв, Сарахс, Самарқанд ва Бухоро умр ба сар бурда, саранҷом дар Насаф аз олам гузаштааст.

**11. Ва Абулҳасан Наср ибни Аҳмад ибни Исмоил... шаби панҷшанбе, се рӯз монда аз раҷаби соли сесаду сиву як (IV. 943) даргузашт** — дар баъзе сарчашмаҳо, аз ҷумла «Таърихи гузида»-и Ҳамдуллоҳи Қазвинӣ санаи дигари вафоти амири мазкур — 12 рамазони соли 330 (31.V.942) ба қайд омада, ки сиҳати он мавриди тардид аст.

PDF Compressor Free Version

## «МУЪЧАМ-УЛ-БУЛДОН»-и ЁҚУТИ ҲАМАВӢ

Матни мазкур аз рӯи нашри Бейрут (Ёқут ибн Абдуллоҳ ал-Ҳамавӣ ар-Румӣ ал-Бағдодӣ. Муъчам-ул-булдон. Фӣ хамсат мучалладот. Бейрут, Дор содир ли-т-тибоъа ва-н-нашр. 1397/1977) аз арабӣ тарҷума ва таҳия гардид.

**1. Ва Абӯави дар «Зиҷ»-и худ гӯяд** — манзури назари муаллиф Абӯави Исҳоқ ибни Алӣ — мунаҷҷими араб аст, ки дар илми нуҷум асаре бо номи «Китоб-уз-зиҷ» навишта ва, зоҳиран, дар садаҳои XI ё XII зистааст.

**2. «Китоб-ус-сувар»** — зоҳиран китоби «Сувар-ул-ақолим»-и ҷуғрофидони маъруфи арабизабон — Абӯзайд Аҳмад ибни Саҳли Балхӣ (850-934) дар назар аст, ки Ёқут мукарраран ба он истинод кардааст.

**3. Сомхос** — ин топоним дар «Ашкол-ул-олам» Сомҷос навишта шудааст.

**4. «Яке аз касоне, ки бо Наср ибни Аҳмад дар ҷанги Ушрусана буд»** — дар «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал ба ҷои «Ушрусана» «Шовғар» омадааст. ки ба ҳадси В. В. Бартольд он Шовғари ғарбӣ аст, на Шовғари шарқӣ.

**5. «...аз лашкаргоҳ ҷудо шудан»** — дар «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал теъдоди сипоҳиёне, ки аз лашкаргоҳ ҷудо шуданд, «чаҳор ҳазор тан» таъйин шудааст, ки ин ба воқеъият наздик аст, вагарна аз сиёқи ривояти Ёқути Ҳамавӣ чунин бармеояд, ки гӯё кулли сипоҳиёни Наср, ки сесад ҳазор кас буданд, аз лашкаргоҳ ҷудо шудаанд.

**6. «...мардоне ҳастанд аз раоё, ки аз сад то дусад чаҳорпой доранд»** — дар «Сурат-ул-арз»-и Ибни Ҳавқал теъдоди чаҳорпоёне, ки бархе аз мардуми Мовароуннаҳр доранд, «дар ҳудуди сад то понсад ва то ду ҳазор раъс чорпо» таъйин шудааст. Дар «Ашкол-ул-олам»-и Ҷайҳонӣ ин амр чунин тавзеҳ ёфтааст: «...ва марде бошад, ки ӯро сад чаҳорпой то понсад низ бошад».

**7. Шамир Абӯкариба** — тибқи ривоёт ӯ аз мулуки Яман ва бунёнгузори шаҳри Самарқанд будааст.

**8. Ношири Юнъим** — аз подшоҳони бостонии Яман аст, ки ахбораш дар «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас» зикр шудааст.

**9. Яштосф** — ҳамон Гуштосб — подшоҳи маъруфи каёнӣ, писа-

ри Лу[illegible] PDF Compressor Free Version [illegible]а шудааст. Гуштосб дар «Авасто» ва катибаҳои порсии бостон дар сиғаи «Виштоспа», ки иборат аз ду ҷузъ: «Вишта» ва «Аспа» ба маънии «доранда асп аз кӯр афтода» аст, ба назар мерасад. Муаррихони араб «Гуштосб»-ро дар сиғаҳои «Виштосб» ва «Яштосф» забт кардаанд.

**10. Аъроб онро муарраб карданд ва «Самарқанд» гуфтанд** — дар «Муҷмал-ут-таворих ва-л-қисас», «Мунтаҳа-л-ираб», «Ғозим-ул-атиббо», «Ҳабиб-ус-сияр» ва манобеъи дигар низ ба ривояти хароб шудани Самарқанд ва ё бунёд шудани он аз ҷониби подшоҳи Яман — Шамир ишора рафтааст.

**11. Ҳузайн ибни Мунзири Рақошӣ** — шоир ва сипоҳии маъруфи араб (вафот 97 (715-716), ки дар юриши аъроб ба Мовароуннаҳр иштирок доштааст.

**12. Абулфазл Муҳаммад ибни Абдуллоҳ ибни Музаффари Кисӣ** — адиб ва ровии ахбори садаи XII. Нисбаташ гувоҳ бар он аст, ки ӯ аз Кеш бархостааст. Зеро «Кеш» дар манобеъи арабӣ дар сиғаи «Кис»(с) ва «Киш»(ш) забт шудааст.

**13. Анас ибни Молик** — аз саҳобагон ва хидматгузорони Муҳаммад-пайғамбар(с) аст, ки умри дароз дида ва дар соли 93 (711-712) аз олам даргузашт. Аз ӯ аҳодиси зиёде ривоят кардаанд.

**14. Ҳузайфа ибн ал-Ямон** — аз саҳобагони Муҳаммад-пайғамбар(с), ки дар соли 656, чиҳил рӯз пас аз қатли саввумин халифа аз хулафои рошидин — Усмон(р) аз олам даргузашт ва мадфани ӯ дар Мадоин дар пойи Айвон аст.

**15. «...бо зӯрӣ ва ё ақди муоҳадаи сулҳ фатҳ шудаанд»** — ин ҷо Ёқут ба ду тарзи кишваркушоии аъраб ишора кардааст, ки дар осори муаррихони араб бо истилоҳҳои «сулҳан» ва «анватан» ифода шудаанд. Аъроб ҳини вуруд ба ин ё он шаҳр ва ноҳия ба аҳли он шартҳои худро, ки муҳимтарини он қабули ислом буд, пешниҳод мекарданд. Агар мардуми бумӣ он шартҳоро мепазируфтанд, пас байни онон ва аъробӣ фотеҳ муоҳадаи сулҳ баста мешуд, ки он муносиботи тарафайнро муайян мекард. Ин тарзи кишваркушоӣ тарзи «сулҳан» буд. Дар ҳоли қабул нашудан ва ё рад шудани шартҳои аъроб сипоҳиёни араб он шаҳр ва ё ноҳияро бо зӯри сипоҳ ва силоҳ фатҳ мекарданд, ки ин тарзи кишваркушоии «анватан» буд.

**16. Абдуллоҳ ибни Омир ибни Қурайз** — волии Басра дар аҳди

PDF Compressor Free Version

Усмон ибни Аффон (644-656), ки дар фатҳи Хуросон иштироки фаъол дошт.

17. **«Китоб-ул-айн»** — китобест дар илми луғати араб, ки аз ҷониби забоншинос ва поягузори илми арӯзи араб — Халил ибни Аҳмади Фароҳидӣ (718-792) таълиф шудааст.

18. **Қаҳтабиён** — хонадони Қаҳтаба ибни Шабиби Той, яке аз сардорони маъруфи Абӯмуслими Хуросонӣ (ваф. 755) аст, ки дар фатҳи Ироқ ва ба сари кор омадани Аббосиён ӯ ва писараш — Ҳусайн нақши муассир гузоштаанд.

19. **«Ва ҳия бил-форсияти «Дилмаланда»** — тарҷумаи таҳтуллафзи ин порчаи манзум бад-ин қарор аст:

Надидам дар Шарқу Ғарб шаҳреро, ки хуррамтар аз Хуҷанда бошад.
Зебони он бинандаро ба шигифт меоваранд ва номаш ба форсӣ «Дилмаланда» аст.

## «АЛ-КОМИЛ ФИ-Т-ТАЪРИХ»-и ИБНИ АСИР

Матни мазкур аз рӯи нашри арабӣ (Ибни Асир, ал-Комил фи-т-таърих. Байрут. Дор содир ли-т-тибоъа ва-н-нашр, 1386/1966 ч., VII—IX) киёсан бо тарҷумаи форсии он ал-Комил. Таърихи бузурги ислом ва Эрон. Таълифи Ибни Асир. Тарҷумаи Аббоси Халилӣ ва Алӣ Хошимии Ҳоирӣ. Теҳрон. Ширкати чоп ва интишороти илмӣ, 1365 ҳ. ш., ч. XI—XV) таҳия гардид.

1. Тарҷумаи таҳтуллафзии шеър чунин аст:

Ӯ муддати сӣ сол дар аморат бимонд ва чокаронаш ҳама рӯз сер буданд.
Ва як рӯзе, ки ӯ дар қабр шуд, чокаронаш ҳама гурусна монданд.

2. **...ҳукумати Ҳиротро ба фарзандаш — Абӯисҳоқ Муҳаммад ибни Илёс вогузошт** — ин ривояти Ибни Асир бар хилофи ҳадси В. В. Бартольд аст, ки гумон карда буд Илёс ибни Асад ворисе

PDF Compressor Free Version

аз худ нагузошта ва бинобар ин Сомониён гӯё Ҳиротро дар тасарруфи худ нигоҳ дошта натавонистаанд (нг. В. В. Бартольд. Соч. Т. I. М., 1963. с. 267-268).

3. **Маънои гуфтаи Абӯҷаъфар...** — дар ин ҷо Ибни Асир муаллифи «Таърих-ур-русул ва-л-мулук» ва «Тафсири Кабир» Абӯҷаъфар Муҳаммад ибни Ҷарири Табариро дар назар дорад.

4. **...дар ин сол кушта шуд** — манзури назари муаллиф воқеаи ба шаҳодат расидани Аҳмад ибни Абдуллоҳи Хуҷистонӣ аз дасти ғуломонаш аст, ки соли 268/881-882 дар Нишобур ба вукӯъ пайваста буд.

5. **Шаркӯб** — дар ин ҷо аз таркиби ин ном калимаи «ибн» ҳазф шудааст. Каме пештар ва поёнтар номи мазкур дар шаклҳои комилтари Абӯталҳа ибни Шаркӯб ва Ибни Шаркӯб оварда шудааст.

6. **Исмоил ба сӯи *М*ухозил(?)** — зоҳиран дар забти вожаи ахир саҳве рафтааст, ки асли он барои мо маълум нашуд.

7. Тарҷумаи таҳтуллафзии шеър чунин аст:

Дӯст он вакт ба ту дӯст хоҳад буд, ки аз имтиҳони дӯстӣ
гузашта бошад,
Шахси хору залил ҳар куҷо, ки бошад хору залил аст.
Агар замон дар корҳои худ хиёнатпеша ва
Давлат ситамгар намебуд, ту инсони комил намешудӣ.

8. **Кун исомиййан ва ло такун изомиййан** — доир ба шарҳи ин гуфтори амир Исмоил ниг. таъликоти ҷилди аввали ҳамин китоб, саҳ. 511 ва 515.

9. **Саъид ибни Аҳмад** — дар ин ҷо муаллиф Наср ибни Аҳмади Сомониро дар назар дорад, ки лақаби «амири саъид» дошт ва баъзан муаллифони таърихномаҳо лақаби «Саъид»-ро бо номи Наср таъвиз кардаанд.

10. **Чун Муктадир Юсуф ибни Абуссоҷро ба Восит хонд...** — бино бар маълумот, ки Ибни Асир ба қайд меорад, халифа Муктадир дар соли 314 (926-927) иёлати навоҳии Машриқро ба Юсуф ибни Абуссоҷ медиҳад ва ӯ ба Восит меравад, ки дар он замон пойтахти Ироқи Аҷам маҳсуб мешуд. Восит шаҳре будааст миёни Куфа ва Басра. Ва чун фосилаи ин шаҳр то Куфаю

PDF Compressor Free Version


Басра хар як панчох фарсанг буд, онро «Восит», яъне «дар мобайн буда» номида буданд. Ин шахр дар соли 83/702 ба амри Хаччоч ибни Юсуф бино гардидааст.

**11. Шамирони Торам** — бино ба маълумоти «Луғатнома»-и Деххудо, Шамирон яке аз касабахои Торам буда, дар Форс мавкеият доштааст (ниг. «Луғатнома»-и Деххудо», моддаи «Шамирон»).

**12. ...ва ба навохии Сағониён рафт** — дар матни асли арабӣ (ниг. «Ал Комил фи-т-таърих»-и Ибни Асир, Бейрут, 1966, ч. 8, с. 210) дар ин чумла «Сағониён» дар шакли сахех забт шуда, вале дар тарчумаи форсии асар он сахван Санъон сабт шудааст. Минбаъд низ ин сахв чанд маротиба такрор ёфта, ки хамагӣ ислох карда шуд.

**13. ...он хам аз тарики Ғарчистон** — дар матни асли арабӣ вожаи «Ғарчистон» дар шакли сахех омада, вале дар тарчумаи форсӣ он тасхиф шудааст. Тахиягарони матн дар ин гуна мавридхо сиғахои сахехро баркарор кардаанд.

**14.** Дар тарчумаи ин порча матни арабӣ ба асос гирифта шуд. Дар тарчумаи форсӣ порчаи мазкур бад-ин шакл баргардон шуд: «Яхё ногузир Нишобурро қасд кард, ки дар он чо Мухаммад ибни Илёс буд. Ӯ неруманд ва пойдору баландпоя шуда буд. Ба иттифоқи ӯ (Мухаммад ибни Илёс ва Яхё муттафикан) хутба ба номи Яхё хонданд ва хар ду Нишобурро тарк карда ва дар Гургон иқомат намуда буданд».

**15. Мухаммад ибни Убайдуллохи Балъамӣ** — дар матни арабӣ номи ин вазири Сомонӣ дар шакли Балғамӣ зикр шудааст.

**16. ...Мухаммад ибни Абдуллохи Балъамӣ** — ин ном дар матн дар хамин шакл зикр шудааст, вале асаххи он Мухаммад ибни Убайдуллохи Балъамист. Худи муаллиф низ хини зикри вақоеъи соли 322 (933-934) — «Баёни тасаллути Наср ибни Ахмад бар Кирмон» ин исмро ба шакли Мухаммад ибни Убайдуллохи Балъамӣ овардааст.

**17. Асби нӯба** — зохиран навъи асп аст, ки дар Нӯб — яке аз вилоятхои Зангбор парвариш меёфтааст. Бино бар маълумоти Деххудо, мардуми он чо ба луғати хоси худ — забони нубӣ сухан мегуфтаанд. Холо қисме аз сарзамини Нӯба чузви мамлакати Миср ва ними дигар чузви Судон аст ниг. Луғатномаи Деххудо, моддаи «Нӯба»).

PDF Compressor Free Version

18. Қиссаи ба асорат афтодан ва дар қалъаи Самирум маҳбус гаштани Марзбон бо тафсилоте бештар дар китоби «Таҷоруб-ул-умам»-и Ибни Мискавейҳ низ ба қайд омадааст.
19. **Ироқиён** — манзури назари муаллиф муаррихони ироқӣ аст.
20. **Линчон** — ҳамон Ҳонлинчон аст, ки зикраш дар саҳифаҳои қаблӣ рафта буд.
21. **...ва ғайру золика** — ва ба ҷуз ин.
22. **...натича лаҳу ва ё алайҳи онҳо бошад** — натиҷа ба нафъ ва ё зарари онҳо бошад.
23. **Абулҳасани Утбӣ** — ин ҷо зоҳиран, дар навиштн кунияи Утбӣ иштибоҳе рафта, зеро шакли дурусти он Абулҳусайн аст. Дар саҳифаҳои дигар низ ин ном дар шакли Абулҳусайн омадааст.
24. **Абдуллоҳ ибни Узайз** — дар матн ин ном бад-ин шакл омада ва мутарҷим низ дар қавсайн бо заммн «айн» ва фатҳи «зо» хонда шудани ҷузви дуюми онро таъкид кардааст. Тавре ки дар таъликоти ҷилди аввал ишора гашт, антропонимн мазкур дар шаклҳои Азиз ва Узайр низ дар манобеъи таърихӣ дучор меояд (ниг. Сомониён дар оинаи таърих, ч. I, с. 513). Дар «Таърихи Яминӣ»-и Утбӣ шакли Ғурайр низ ба назар мерасад.
25. **...бузургтар аз хазинати гургониён буд** — ин ҷо муаллиф ба хазинати Абулаббос ва пешравии Ибни Симҷӯр ишора кардааст.
26. **...фи мо байни** — дар мобайни.
27. **Марфа** — шояд «Марв» ё «Марка» бошад. Дар ҳоли «Марка» будан сухан пиромуни яке аз шаҳрҳои Турк меравад, ки Ле Стрейнҷ онро дар «Ҷуғрофиёи таърихӣ...» аз сарзаминҳои вокеъ дар садмилии ховари Тароз донистааст. Муқаддасӣ дар бораи он гӯяд, ки «шаҳре мутавасситу мустаҳкам аст, дорои арку масҷиди ҷомеъе, ки дар замони қадим калисои масеҳиёни насторӣ буда ва Фоиқ дар қарни IV пушти девори шаҳр работе сохтааст».
28. **аз мотараки падар** — аз он чи падар боқӣ гузоштааст.

## «МУҚАДДИМА»-и ИБНИ ХАЛДУН

Матни мазкур аз рӯи тарҷумаи форсии китоб (Муқаддимаи Ибни Халдун. Дар ду ҷилд. Тарҷумаи Муҳаммад Парвини Гун-

PDF Compressor Free Version

ободӣ, Теҳрон. Маркази интишороти илмӣ ва фарҳангӣ. [362] таҳия гардид.

